ISSN 2664-0651 (Print)
ISSN 2709-8567 (Online)

2022 - №3 (57)

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Маҷаллаи илмию сиёсии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ

Научно-политический журнал
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан

*Илмҳои иқтисодӣ*
*Илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Илмҳои сиёсӣ*

*https://journal.apa.tj*

*Шуъбаи таҳрир ва*
*табъу нашр*

ISSN 2664-0651 (Print)
ISSN 2709-8567 (Online)

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ
# 2022 / №3 (57)

Маҷаллаи илмию сиёсии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ
# 2022 / №3 (57)

Научно-политический журнал
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан

Шуъбаи таҳрир ва табъу нашр
Душанбе – 2022

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Маҷаллаи илмию сиёсии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҷалла соли 2005 таъсис ёфтааст.
Дар як сол 4 маротиба нашр мешавад.

Маҷаллаи илмии «Идоракунии давлатӣ» дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.06.2019 ворид карда шудааст.
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) ворид карда шудааст. Ба таври доимӣ шумораҳои нашршудаи маҷалла дар китобхонаи илмии электронии e-library.ru ворид карда мешавад.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун васоити ахбори омма ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи № 012/МҶ-97 аз 03.07.2017

**Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:**

| | |
|---|---|
| Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ: | 5.2.1, 5.2.3, 5.2.4, 5.2.5, 5.2.6 |
| Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ: | 5.1.1, 5.1.2, 5.1.4, 5.1.5 |
| Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ: | 5.5.2, 5.5.4, 5.5.3 |

**Суроғаи редаксияи маҷалла:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сомонаи маҷалла: https://journal.apa.tj

**ISSN 2664-0651 (Print)**
**ISSN 2709-8567 (Online)**
© Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯИ МАҶАЛЛА

**САРМУҲАРРИР:**

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Карамалишоев Карамалишо** – номзади илмҳои таърих, дотсент, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ**

**Бобоев Олимҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Низомова Туҳфамо Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич** –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

**Ашуров Ихтиёр Саидович** –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон;

**Самандаров Искандар Ҳусейнович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур.

**12.00.00 – Илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Давлатов Ҷумъа Муҳаммадалиевич** – директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Маҷидзода Зоир Ҷурахон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Диноршоев Азиз Диноршоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Азизов Убайдулло Абдуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Раззоқов Баҳодур Ҳаётович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Ибрагимов Солиҷон Ибрагимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**23.00.00 – Илмҳои сиёсӣ**

**Олимов Рашид Қутбиддинович** – доктори имлҳои сиёсӣ, профессор, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Искандаров Акбаршо Искандарович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Хидирзода Махфират Умар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҷононов Саидамир** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат;

**Шоисматуллоев Шоназар** – доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ

Научно-политический журнал
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан

Журнал издается с 2005 года.
Выходит, 4 раза в год.

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов и изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 11.06.2019 г.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ). Изданные выпуски журнала регулярно загружаются в Научную электронную библиотеку e-library.ru в открытом доступе.

Журнал зарегистрирован как средство массовой информации в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 012/МЧ-97 от 03.07.2017 г.


**Журнал принимает научные статьи**
**по следующим научным специальностям:**

| | |
|---|---|
| Экономические науки: | 5.2.1, 5.2.3, 5.2.4, 5.2.5, 5.2.6 |
| Юридические науки: | 5.1.1, 5.1.2, 5.1.4, 5.1.5 |
| Политические науки: | 5.5.2, 5.5.4, 5.5.3 |


**Адрес и контакты редакции журнала:**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj



**ISSN 2664-0651 (Print)**
**ISSN 2709-8567 (Online)**


© Академия государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

### ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:

**Гафурзода Абдухалил Давлатали** – доктор юридических наук, профессор, ректор Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

### ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

**Карамалишоев Карамалишо** – кандидат исторических наук, доцент, проректор по науке и инновациям Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

### ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

**08.00.00 – Экономические науки**

**Бобоев Олимджон** – доктор экономических наук, профессор, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан;

**Низомова Тухфамо Давлатовна** – доктор экономических наук, профессор, Таджикский национальный университет;

**Хамроев Фузайли Махмадалиевич** –доктор экономических наук, профессор, Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими;

**Ашуров Ихтиёр Саидович** –доктор экономических наук, профессор, Российско-Таджикский (Славянский) университет;

**Джонмамадов Шермамад Бекмамадович** – доктор экономических наук, профессор, Таджикский государственный финансово-экономический университет;

**Самандаров Искандар Хусейнович** –доктор экономических наук, профессор, Таджикский аграрный университет имени Ш. Шотемур.

**12.00.00 – Юридические науки**

**Рахмон Озода Эмомали** – кандидат юридических наук, доцент, Председатель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан;

**Давлатов Джумъа Мухаммадалиевич** – директор Агентства государственной службы при Президенте Республики Таджикистан.

**Муртазозода Джамшед Сайдали** – доктор юридических наук, профессор, депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан;

**Маджидзода Зоир Джурахон** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана;

**Диноршоев Азиз Диноршоевич** – доктор юридических наук, профессор, Таджикский национальный университет;

**Азизов Убайдулло Абдуллоевич** – доктор юридических наук, профессор, Таджикский национальный университет;

**Раззоков Баходур Хаётович** – доктор юридических наук, профессор, Таджикский государственного университет комерции;

**Ибрагимов Солиджон Ибрагимович** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана;

**23.00.00 – Политические науки**

**Алимов Рашид Кутбиддинович** - доктор политических наук, профессор, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан;

**Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** – доктор политических наук, профессор, Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан;

**Искандаров Акбаршо Искандарович** – доктор политических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана.

**Джононов Саидамир** – доктор философских наук, профессор, Институт туризма, предпринимательства и сервиса;

**Хидирзода Махфират Умар** – доктор философских наук, профессор, Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана;

**Шоисматуллоев Шоназар** – доктор социологических наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана:

# МУНДАРИЧА

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**ҚОДИРОВА Г.Т., ҶУРАХОНОВ О.Ҳ.** НАҚШИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ИДОРАКУНИИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ ...................... 15

**АСОЕВ М.М., АМИНОВ И.А.** ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ - РОҲ БАРОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ДЕҲОТ ..... 27

**АСЛОНОВ С.М.** ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МУВОФИҚИ РЕЙТИНГИ "DOING BUSINESS" ................................................................................. 37

**САМИЕВ Т.О., МИРЗОЕВА Д.Т.** ТАШКИЛИ ТУРИЗМ ВА МУАССИСАҲОИ ДЕҲОТӢ - АСОСИ НЕКУАҲВОЛИИ ҶАМЪИЯТ ............................................... 45

**ДАВЛАТОВ Х., ЁРОВ Қ.Т.** ЗАХИРА ВА УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОНҲО 51

**НАВРӮЗ Н., ТОШМАТОВ Д.А.** МАСОИЛИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ КАС-И ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ............................................... 58

**РАҲИМОВ Ф.С.** СУҒУРТА ҲАМЧУН ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР ........................................................................................ 65

**ҒАФОРЗОДА Ҷ., СУДУРОВ Р.С.** ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ....... 72

**ОДИНАЕВ Ш.Т., СУФИЕВ А.Ҷ.** ЗАМИНАҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ .......................................... 78

**СОДИҚОВ Р.Х.** ТАКМИЛИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ХОҶАГИДОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ................................................... 85

**МУРТАЗОЕВ О.Қ.** НАҚШИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ ......................................................................... 94

**РАҲИМЗОДА М.С.** МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ РЕСТРУКТУРИЗАТСИЯИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ТАШКИЛОТ ............................................................ 102

**АБДУЛЛАЕВ С.И.** ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ – ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ .................... 115

**ТИЛЛОЕВА С.Ҷ., РАСУЛОВ Р.С., МАҲМАДОВ Р.С.** МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ....................................................................................... 125

**АЛИЗОДА М.** НАҚШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ........................................................................................ 133

**ЮСУФЗОДА И.У.** ҲОЛАТИ ҲОЗИРАИ ДЕМОГРАФӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ............................................................................................. 139

**ГУЛСУНБИИ М.** МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ-ИДОРАВИИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ............................................... 151

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

**МОИСЕЕВ А.А.** ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚӢ - БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМКОРИИ СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО (СУС) БО ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР (ХБА) ВА БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҶДИД ВА РУШД (ББРР) ........ **158**

**СОҲИБЗОДА М.М., ШОҲИН Ш.** ТАСНИФИ АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ ........ **164**

**АМИНОВ М.М.** ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ДАСТГОҲИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ........ **172**

**ШЕРОВ Ш.З., АБДУАЛИМЗОДА И.И.** ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ БО ҚОНУНГУЗОРИИ БАЪЗЕ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ ........ **176**

**САИДОВА Ҳ.У.** СУБОТИ МОЛИЯВӢ - ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ........ **186**

**АЛИНАЗАРОВА К.** ИСЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ-СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНЪИКОСИ ОНҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ СУДИИ ВМКБ ........ **195**

**ДУСТОВ С.А., ВАЙСОВ Ш.Б.** ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ ........ **199**

**РАШИДОВ Ҷ.Қ.** ТАШАККУЛЁБИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН ........ **206**

**ОДИНАЕВА Ш.Н.** ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ АНЪАНАВУ МАРОСИМҲО ОМИЛИ РАФЪИ ТААССУБ ВА ХУРОФОТ ........ **214**

**ҚУРБОНОВ Ш.Б.** МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ МАЪЛУМОТИ ДОРОИ СИРРИ ТИҶОРАТӢ ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ **219**

**ҚОДИРӢ З.А.** БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН ВА БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОМИЛҲОИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ КОРРУПСИЯ ........ **230**

**ВАЛИЕВ Д.Ғ.** ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАШАККУЛ, ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ РУШД ........ **238**

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ

**ҚУВВАТЗОДА С.З.** ҶОЙГОҲ ВА АҲАМИЯТИ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ........ **248**

**САЙНАКОВ С.П.** БАЪЗЕ НАЗАРҲО ОИД БА ТАНАЗЗУЛЁБИЮ БАРҲАМХӮРИИ ИМПЕРИЯИ АШКОНИЁН ........ **256**

**ДОДИХУДОЕВ Х.А.** ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ТАҲРИКДИҲАНДА ҲАМЧУН ОМИЛИ АФЗОЯНДАИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ . **267**

**ҲУСАЙНЗОДА А.Б.** РАВАНДИ СИЁСИШАВИИ ДИН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР ........ **274**

**МИРЗОЕВ С.М.** РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГИИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ........ **283**

**ДАБИРҶОНИ М.** НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ НУФУЗИ КИШВАР ВА ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ-СИЁСӢ ........ **290**

**САИДЗОДА Ш.И.** НАҚШИ ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРРАСИИ ИЛМИЮ АМАЛИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ........ **298**

**ФАЙЗУЛЛАЕВА Н.Н.** ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ БО ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР ........ **306**

**САФАРОВ М.** МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ........ **314**

**САФАРОВ Б.С.** ЛЕГИТИМИЯТ ҲАМЧУН УНСУРИ МУҲИММИ ДЕМОКРАТИЯ ........ **322**

**САТТОРЗОДА С.Н.** ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ НИЗОЪҲОИ ДИНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН ........ **329**

**МАХСУДОВ А.Д.** СИЁСАТИ СУЛҲПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТАРҒИБГАРИ ВАҲДАТОФАРИНИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК ДАР САҲИФАҲОИ НАВИНИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ ........ **337**

**ЗАРИФОВ Ҳ.Р.** ТАКМИЛЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР ........ **344**

**БАРАКАТОВ Б.С.** ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ ТАШАККУЛИ ИНТИХОБОТ ҲАМЧУН РАВАНДИ СИЁСӢ ........ **354**

**ХИДИРОВ Н.Н.** НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ **365**

# СОДЕРЖАНИЕ

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**КОДИРОВА Г.Т., ДЖУРАХОНОВ О.Х.** РОЛЬ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УПРАВЛЕНИИ ХОЗЯЙСТВУЮЩИМИ СУБЪЕКТАМИ ........ **15**

**АСОЕВ М.М., АМИНОВ И.М.** ОРГАНИЗАЦИЯ ИНТЕГРАЦИОННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА - ПУТЬ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В СЕЛАХ ........ **27**

**АСЛОНОВ С.М.** ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПО РЕЙТИНГУ «DOING BUSINESS» ........ **37**

**САМИЕВ Т.О., МИРЗОЕВА Д.Т.** ФОРМИРОВАНИЕ ТУРИЗМА И СЕЛЬСКИХ УЧРЕЖДЕНИЙ - ОСНОВА БЛАГО ........ **45**

**ДАВЛАТОВ Х., ЁРОВ К.Т.** РЕСУРСЫ И ФИНАНСОВАЯ УСТОЙЧИВОСТЬ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ И ИСТОЧНИКИ ИХ ФОРМИРОВАНИЯ . **51**

**НАВРУЗ Н., ТОШМАТОВ Д.А.** ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ АПК ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ ........ **58**

**РАХИМОВ Ф.С.** СТРАХОВАНИЕ КАК ВИД ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ........ **65**

**ГАФОРЗОДА ДЖ., СУДУРОВ Р.С.** УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **72**

**ОДИНАЕВ Ш.Т., СУФИЕВ А.ДЖ.** ОСНОВЫ РЕАЛИЗАЦИИ ЧЕТВЕРТОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЗАДАЧИ И ЗНАЧЕНИЕ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РАЗВИТИИ ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ........ **78**

**СОДИКОВ Р.Х.** СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННЫМ РИСКОМ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ ........ **85**

**МУРТАЗОЕВ О.К.** РОЛЬ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ ........ **94**

**РАХИМЗОДА М.С.** ПРИРОДА И СОДЕРЖАНИЕ ОРГАНИЗАЦИОННОЙ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ........ **102**

**АБДУЛЛАЕВ С.И.** ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИИ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКУТРЫ- КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СЕЛА ........ **115**

**ТИЛЛОЕВА С.ДЖ., РАСУЛОВ Р.С., МАХМАДОВ Р.С.** МЕХАНИЗМЫ УЛУЧШЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **125**

**МАВЗУНА А.** РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ ........ **133**

**ЮСУФЗОДА И.У.** СОВРЕМЕННАЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКАЯ СИТУАЦИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ ........ **139**

**ГУЛЬСУНБИИ М.** ЭКОНОМИЧЕСКО-УПРАВЛЕНЧЕСКИЙ СУЩНОСТЬ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ........ **151**

## ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**МОИСЕЕВ А.А.** МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ВСЕМИРНОЙ ТОРГОВОЙ ОРГАНИЗАЦИИ (ВТО) С МЕЖДУНАРОДНЫМ ВАЛЮТНЫМ ФОНДОМ (МВФ) И МЕЖДУНАРОДНЫМ БАНКОМ РЕКОНСТРУКЦИИ И РАЗВИТИЯ (МБРР) ...... **158**

**СОХИБЗОДА М.М., ШОХИН Ш.** КЛАССИФИКАЦИЯ ОСНОВАНИЙ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВА СОБСТВЕННОСТИ ........................................................ **164**

**АМИНОВ М.М.** ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АПАРАТА МЕСТНОГО УПРАВЛЕНИЯ .................................................... **172**

**ШЕРОВ Ш.З., АБДУАЛИМЗОДА И.И.** СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ФИНАНСОВОМ УПРАВЛЕНИИ И ВНУТРЕННЕМ КОНТРОЛЕ В ГОСУДАРСТВЕННОМ СЕКТОРЕ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ НЕКОТОРЫХ ГОСУДАРСТВ-УЧАСТНИКОВ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ ........................................................................................ **176**

**САИДОВА Х.У.** ФИНАНСОВАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ - ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ ............................................................................. **186**

**АЛИНАЗАРОВА К.** СУДЕБНО-ПРАВОВАЯ РЕФОРМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ ОТРАЖЕНИЕ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДОВ ГБАО .......... **195**

**ДУСТОВ С.А., ВАЙСОВ Ш.Б.** ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ДОГОВОРА ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВА ............................................. **199**

**РАШИДОВ ДЖ.К.** ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА АВТОНОМНОЙ СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ................................. **206**

**ОДИНАЕВА Ш.Н.** ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРАДИЦИЙ И ОБРЯДОВ - ФАКТОР ИСКОРЕНЕНИЯ ПРЕДРАССУДОК И СУЕВЕРИЙ ................................ **214**

**КУРБОНОВ Ш.Б.** КОНЦЕПЦИЯ, СУЩНОСТЬ И ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ИНФОРМАЦИИ, СОДЕРЖАШЕЙ КОМЕРЧЕСКУЮ ТАЙНУ, В ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ................. **219**

**КОДИРИ З.А.** НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ВЫЯВЛЕНИЯ И УСТРАНЕНИЯ ФАКТОРОВ ПОРОЖДАЮШИХ КОРРУПЦИЮ ..................................................... **230**

**ВАЛИЕВ Д.Г.** РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О ГОСУДАРСТВЕННОМ ЯЗЫКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СТАНОВЛЕНИЕ, НЫНЕШНЕЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ........................................................ **238**

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**КУВВАТЗОДА С.З.** МЕСТО И ЗНАЧЕНИЕ ВОДНЫХ ВОПРОСОВ В МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЯХ ........................................................ **248**

**САЙНАКОВ С.П.** НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ ПО ВОПРОСАМ УПАДКИ И РАЗРУШЕНИЯ ПАРФЯНСКОЙ ИМПЕРИИ ............................................................. **256**

**ДОДИХУДОЕВ Х.А.** АНАЛИЗ ПОДТАЛКИВАЮЩИХ ФАКТОРОВ КАК ДЕТЕРМИНАНТА РОСТА ЭКСТРЕМИЗМА И МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА ........ **267**

**ХУСАЙНЗОДА А.Б.** ПРОЦЕСС ПОЛИТИЗАЦИИ РЕЛИГИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ........ **274**

**МИРЗОЕВ С.М.** ПУТИ РЕШЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ВОДЫ В СРЕДНИЕ АЗИИ ........ **283**

**ДАБИРДЖОНИ М.** РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ПОВЫШЕНИИ ПРЕСТИЖА СТРАНЫ И ПРЕДОТВРАЩЕНИИ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОГО ЭКСТРЕМИЗМА ........ **290**

**САИДЗОДА Ш.И.** РОЛЬ ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ В НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОМ ОБЗОРЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ ........ **298**

**ФАЙЗУЛЛАЕВА Н.Н.** ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ЮЖНОЙ КОРЕИ С РЕСПУБЛИКОЙ УЗБЕКИСТАН НА САВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ ........ **306**

**САФАРОВ М.** ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ ........ **314**

**САФАРОВ Б.С.** ЛЕГИТИМНОСТЬ КАК ВАЖНЫЙ ЭЛЕМЕНТ ДЕМОКРАТИИ ........ **322**

**САТТОРЗОДА С.Н.** ПРЕДПОСЫЛКИ РЕЛИГИОЗНЫХ КОНФЛИКТОВ И ИХ ХАРАКТЕРИСТИКИ ........ **329**

**МАХСУДОВ А.Д.** МИРНАЯ ПОЛИТИКА ЛИДЕРА НАЦИИ СПОСОБСТВУЕТ ЕДИНСТВУ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА НА СТРАНИЦАХ СОВРЕМЕННОГО СУВЕРЕНИТЕТА ........ **337**

**ЗАРИФОВ Х.Р.** СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ИЗ ПОСЛАНИЙ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ ........ **344**

**БАРАКАТОВ Б.С.** ИСТОРИЧЕСКАЯ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОСНОВА ИЗБИРАТЕЛЬНОЙ КАМПАНИЙ КАК ПОЛИТИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС ........ **354**

**ХИДИРОВ Н.Н.** РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В МЕЖДУНАРОДНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **365**

# CONTENT

## ECONOMIC SCIENCES


**QODIROVA G.T., JURAKHONOV O.H.** THE ROLE OF THE ACCOUNTING SYSTEM IN THE MANAGEMENT OF BUSINESS SUBJECTS ................................ **15**

**ASOEV M.M., AMINOV I.A.** ORGANIZATION OF ECONOMIC COOPERATION - A WAY FOR EFFECTIVE USE OF LABOR RESOURCES IN THE VILLAGES ................................ **27**

**ASLONOV S.M.** BUSINESS ACTIVITIES ACCORDING TO THE "DOING BUSINESS" RATING ................................ **37**

**SAMIEV T.O., MIRZOEVA D.T.** FORMATION OF TOURISM AND RURAL INSTITUTIONS - THE BASIS OF GOOD ................................ **45**

**DAVLATOV KH., YOROV K.T.** RESOURCES AND FINANCIAL STABILITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES AND SOURCES OF THEIR FORMATION ......... **51**

**NAVRUZ N., TOSHMATOV D.A.** ISSUES OF ENSURING INNOVATIVE DEVELOPMENT AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX KHATLON REGION .............. **58**

**RAKHIMOV F.S.** INSURANCE AS A KIND OF ECONOMIC ACTIVITY IN MODERN CONDITIONS ................................ **65**

**GAFORZODA J., SUDUROV R.S.** MANAGEMENT OF SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF HIGHER PROFESSIONALS EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ................................ **72**

**ODINAEV SH.T., SUFIEV A.J.** FOUNDATIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF THE FOURTH NATIONAL OBJECTIVE AND THE SIGNIFICANCE OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL RELATIONS .... **78**

**SODIKOV R.H.** IMPROVEMENT MANAGERIAL SYSTEM BY ECONOMIC RISK ON INDUSTRIAL ENTERPRISE ................................ **85**

**MURTAZOEV O.K.** THE ROLE OF JOINT VENTURES IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY ................................ **94**

**RAHIMZODA M.S.** THE ESSENCE AND CONTENT OF THE ORGANIZATIONAL MANAGEMENT SYSTEM ................................ **102**

**ABDULLAEV S.I.** THE GOVERMENTAL MANAGEMENT OF SOCIAL INFRASTRUCTURE AS AN ECONOMIC DEVELOPMENT FACTOR OF VILLAGE ................................ **115**

**TILLOEVA S.J., RASULOV R.S., MAKHMADOV R.S.** MECHANISMS FOR IMPROVING STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF REPUBLIC TAJIKISTAN ................................ **125**

**MAVZUNA A.** THE ROLE OF THE STATE BUDGET IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY ................................ **133**

**YUSUFZODA I.U.** THE MODERN DEMOGRAPHIC SITUATION AND THE USE OF LABOR RESOURCES IN AGRICULTURE OF THE SOGDIAN REGION ......... **139**

**GULSUNBII M.** ECONOMIC AND MANAGEMENT ESSENCE OF ELECTRONIC GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN .................. **151**

## LEGAL SCIENCES

**MOISEEV A.A.** INTERNATIONAL LEGAL ASPECTS OF INTERACTION OF THE WORLD TRADE ORGANIZATION (WTO) WITH THE INTERNATIONAL MONETARY FUND (IMF) AND THE INTERNATIONAL BANK FOR RECONSTRUCTION AND DEVELOPMENT (IBRD) .............................................. **158**

**SOHIBZODA M.M., SHOKHIN SH.** CLASSIFICATION OF GROUNDS FOR TERMINATION OF OWNERSHIP .............................................................. **164**

**AMINOV M.M.** FEATURES OF ORGANIZATION AND ACTIVITIES OF LOCAL GOVERNMENT AUTHORITIES .................................................................... **172**

**SHEROV SH.Z., ABDUALIMZODA I.I.** COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON FINANCIAL MANAGEMENT AND INTERNAL CONTROL IN THE PUBLIC SECTOR WITH THE LEGISLATION OF SOME STATES PARTIES TO THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES ........................................................................ **176**

**SAIDOVA H.U.** FINANCIAL STABILITY - A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT IN THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE ........................... **186**

**ALINAZAROVA K.** THE COURT REFORMS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS REFLEKTION IN ALTIVITY OF COURT OF GBAO ......... **195**

**DUSTOV S.A., VAYSOV SH.B.** LEGAL NATURE OF INVESTMENT PARTNERSHIP AGREEMENT ........................................................................ **199**

**RASHIDOV J.K.** FORMATION OF ENVIRONMENTAL LEGISLATION IN THE AUTONOMOUS SOVIET SOCIALIST REPUBLIC OF TAJIKISTAN ....................... **206**

**ODINAEVA SH.N.** LEGAL REGULATION OF TRADITIONS AND RITUALS - A FACTOR IN THE ERADICATION OF PREJUDICES AND SUPERSTITIONS ......... **214**

**KURBONOV SH.B.** CONCEPTION, ESSENCE AND LEGAL NATURE OF INFORMATION, CONTAINING CJVVTRCIAL SEKRETS IN THE LEGISLATIVE SUSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ....................................................... **219**

**QODIRI Z.A.** SOME ISSUES OF IDENTIFYING AND ELIMINATING THE FACTORS THAT CREAT CORRUPTION .................................................................. **230**

**VALIEV D.GH.** DEVELOPMENT OF LEGISLATION ON THE STATE LANGUAGE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: FORMATION, CURRENT SITUATION AND DEVELOPMENT PROSPECTS ..................................................... **238**

## POLITICAL SCIENCES

**QUVATZODA S.Z.** PLACE AND SIGNIFICANCE OF WATER ISSUES IN INTERSTATE RELATIONS ........................................................................... **248**

**SAYNAKOV S.P.** SOME VIEWS ON THE DECLINE AND DESTRUCTION OF THE PARTHIAN EMPIRE ........................................................................... **256**

**DODIKHUDOEV KH.A.** ANALYSIS OF PULL FACTORS AS A DETERMINANT OF THE GROWTH OF EXTREMISM AND INTERNATIONAL TERRORISM ............. **267**

**HUSAINZODA A.B.** THE PROCESS OF POLITIZATION OF RELIGION UNDER MODERN CONDITIONS ........................................................................... **274**

**MIRZOEV S.M.** WAYS TO SOLVE ECOLOGICAL PROBLEMS IN WATER IN CENTRAL ASIA ........ **283**

**DABIRJONI M.** THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON IN RAISING THE PRESTIGE OF THE COUNTRY AND PREVENTING RELIGIOUS AND POLITICAL EXTREMISM ........ **290**

**SAIDZODA SH.I.** THE ROLE OF TAJIK TELEVISION IN THE SCIENTIFIC AND PRACTICAL REVIEW OF THE STATE YOUTH POLICY ........ **298**

**FAIZULLAEVA N.N.** ECONOMIC COOPERATION OF SOUTH KOREA AND REPUBLIC OF UZBEKISTAN IN MODERN TIME ........ **306**

**SAFAROV M.** THE MAIN STAGES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS ........ **314**

**SAFAROV B.S.** LEGITIMACY AS AN IMPORTANT ELEMENT OF DEMOCRACY ........ **322**

**SATTORZODA S.N.** BACKGROUND OF RELIGIOUS CONFLICTS AND THEIR CHARACTERISTICS ........ **329**

**MACHSUDOV A.D.** THE PEACE POLICY OF THE LEADER OF THE NATION PROMOTES UNITY OF THE TAJIK PEOPLE ON PAGES OF MODERN SOVEREIGNTY ........ **337**

**ZARIFOV H.R.** IMPROVEMENT OF FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN FROM THE MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN IN THE MODERN STAGE ........ **344**

**BARAKATOV B.S.** POLITICAL AND HISTORICAL BASIS OF ELECTION CAMPAIGN AS A POLITICAL PROCESS ........ **354**

**KHIDIROV N.N.** THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE INTERNATIONAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ........ **365**

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ - ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК 657.1**

# НАҚШИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ИДОРАКУНИИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

**ҚОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru
**ҶУРАХОНОВ ОЛИМҶОН ҲАЙБУЛЛОЕВИЧ,**
унвонҷӯйи кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*Марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ бо дигаргуниҳои амиқ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ тавсиф дода мешавад. Дар назди роҳбарияти корхонаҳо вазифаи татбиқи усулҳои нави идоракунии муносиб ба шароити иқтисодии муосир ва тамоюлҳои рушди низомҳои идоракунии пешқадам гузошта мешавад. Азбаски барои амалкунии муътадили низоми идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ташкили дурусти таъминоти иттилооти он зарур аст, имрӯз нақши баҳисобгирии муҳосибӣ чун унсури муҳимтарини низоми таъминоти иттилоотии идоракунӣ баланд мегардад.*

*Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ чун унсури муҳимтарини таъминоти иттилоотии идоракунии субъекти хоҷагидории муосир баррасӣ мешаванд. Азбаски ба равандҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ маҷмӯи омилҳои дорои хосияти гуногун таъсир мерасонанд, ҳангоми баррасии масъалаи мазкур истифодаи равиши бонизом талаб карда мешавад. Лаҳзаҳои таърихии рушди равиши бонизом нисбат ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ таҳқиқ мешаванд.*

*Тасдиқ карда мешавад, ки менеҷменти корхонаи муосир бо доштани иттилооти дахлдор оид ба ҳастӣ ва бузургии сарватҳои моддӣ ва молиявӣ, ки аз ҷониби низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод карда мешавад, ба таври муносиб вазъи муосири корҳоро дар корхона баҳодиҳӣ намуда, заминаҳоро барои банақшагирии рушди фаъолияти он ташаккул медиҳад. Ташкили функсионалии низоми баҳисобгирии муҳосибии ба масъалаҳои мутобиқсозии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ба таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷавобгӯ асоснок карда мешавад. Муҳиммии нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муайян карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *субъектҳои хоҷагидорӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷменти корхона, равиши бонизом, низоми иттилоотии идоракунии корхона, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии андоз.*

Имрӯз фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мураккаб буда, аз амалиёт, равандҳо ва зуҳуроти сершумори дар муҳити тиҷоратии дохилӣ ва берунии он рухдиҳанда ва баҳодиҳии муносиби натиҷаҳои онҳо вобаста мебошад. Суботи иқтисодии корхонаи муосир танҳо ҳангоми назораи доимӣ ва ҳадафнок, ошкоркунӣ, ояндабинӣ ва пешгирӣ намудани мушкилот, ҳамбаста намудани нишондиҳандаҳои молиявии васфкунандаи фаъолияти он имкон дорад. Воситаи ба ҷо овардани амалҳои мазкур роҳандозӣ намудани идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхона дар асоси иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёбанда мебошад.

Дарвоқеъ, имрӯз идоракунии муносиби ҳама гуна субъекти хоҷагидорӣ бештар аз иттилооти пешкашнамудаи баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ иттилоот ва ҳуҷҷатҳои таҷассумкунандаи нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти корхонаро дар бар гирифта, масъулияти асосиро барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба дӯш дорад. Вай таъмингари ягонаи иттилооти бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда ва мураттаб оид ба ҳастии воқеӣ ва истифодабарии амвол, равандҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои он, ухдадориҳо, ҳисобикуниҳо ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти хоҷагидории корхона мебошад. Яъне, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ – низоми ботартиби ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии иттилоот бо ифодаи пулӣ оид ба дороиҳо ва ухдадориҳои корхона ва ҳаракати онҳоро бо роҳи баҳисобгирии яклухт, беист ва ҳуҷҷатноки тамоми амалиёти хоҷагидорӣ ифода менамояд.

Ҳамин тавр, менеҷменти корхона бо доштани тасаввуроти амиқ оид ба ҳастӣ ва бузургии сарватҳои моддӣ ва молиявӣ вазъи муосири корхонаро баҳодиҳӣ намуда, заминаҳоро барои банақшагирии рушди фаъолияти он бунёд менамояд. Дар ин маврид вазифаи муҳими таҳқиқоти муосир дар соҳаи мазкур рушди самтҳои нави баландбардории иттилоотнокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва дастгирии баҳисобгирӣ-таҳлилии татбиқи ғояҳои нави идоракунӣ мебошад. Иттилооти баҳисобгирӣ тибқи равишҳои муосири идоракунӣ бояд дастгирии иттилоотии менеҷменти корхонаро бо чунин самтҳои муҳим таъмин намояд: ташаккули стратегияҳои тиҷоратӣ, банақшагирӣ ва назорати намудҳои фаъолият, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ, истифодаи босамараи сарватҳо, зиёд намудани арзиши корхона, ҳифзи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ва назорати дохилӣ [13, с. 7].

Эҳтиёҷоти идоракунӣ сохтор ва хусусиятҳои ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибиро муайян мекунанд, дар навбати худ миқдор ва сифати иттилооти баҳисобгирӣ рушд ва сифати қарорҳои идоракунии қабулшавандаро муайян мекунад. Ин гуна алоқамандӣ ва ҳамбастагии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо идоракунии корхона ба мо имкон медиҳад, ки низоми баҳисобгирии муҳосибиро чун омили дохилии муҳимтарин дар таъмини рушди босубот ва фаъолияти босамари субъектҳои хоҷагидорӣ баррасӣ кунем. Ҳамин тавр, нақши баҳисобгирӣ пеш аз ҳама чун низоми иттилоотии фарогири тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаи муосир меафзояд. Бинобар ин, имрӯз таҳқиқи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, дарк намудани мафҳум ва муайян кардани нақши он дар идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ масъалаи мубрам гардидааст. Барои ҳалли масъалаҳои мазкур, пеш аз ҳама бояд ба мафҳуми худи низом ва корбурди равиши бонизом ҳангоми таҳқиқи мушкилоти муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ сарфаҳм рафт.

Сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти дастрас гувоҳӣ медиҳанд, ки арзи ҳастӣ намудани мафҳуми «низом» (система) ба замонҳои Юнони Қадим рост меояд. Дар он замон низом чун «дастгоҳ», «иттиҳод», «ташкилот» маънидод карда мешуд, инчунин мафҳуми мазкур дар ҳолатҳое ба кор бурда мешуд, ки агар сухан дар бораи чизи ба тартиб даровардашуда мерафт. Ҳамин тавр, мафҳуми «низом» объектҳои табиии ботартиб ва мукаммалро ифода менамуд. Тавре В.В. Кузнетсов қайд менамояд, бо пайдошавии илм ва фалсафаи даврони Эҳё ҳастӣ чун низоми олам маънидод карда мешуд. Он замон низом аз инсон вобаста набуда, дорои қонунҳо ва сохтори худ буд [15, с. 21].

Минбаъд кашфи низоми офтобмарказии олам аз ҷониби Николай Коперник дар асри XVI ба пойдоршавии мафҳуми низом (низоми ҳастӣ) таъсири муҳим расонид.

Ҳамчунин дар асрҳои XV-XVII дар асоси ғояҳои Галилей ва Нютон ғояи низом бо мафҳумҳои бутун ва қисм, чиз ва хосият таҳия гардид.

Дар асри XVIII аз ҷониби риёзидон ва файласуфи немис И.Г. Ламберт таҳлили фалсафии бонизомии илмии ҳастӣ ба ҷо оварда шуд. Вай илми низомшиносии умумиро таҳия намуда, дар ин маврид таъкид намуд, ки ҳама гуна илм низомро чун маҷмӯи мукаммали ғояҳо ва принсипҳо ифода мекунад. Файласуфи дигари немис И. Кант пешниҳод намуд, ки бонизомӣ чун методологияе баррасӣ шавад, ки дар он амалҳо ва воситаҳои муайяни гирифтани донишҳои илмӣ муайян мебошанд.

Дар оғози асри XX олим-иқтисоддони рус А.А. Богданов оид ба зарурати равиши бонизом ҳангоми таҳқиқи ҳамагуна зуҳуроти олам таъкид намуд. Вай илми тектология (илми ташкилии умумӣ)-ро таҳия намуд ва дар китоби худ «Илми ташкилии умумӣ» (тектология) бонизомиро чун хосияти калон будани чизи мукаммал (том) аз ҷамъи ҷузъҳои он муайян кард. Дар асри XX илми кибернетика рушд ёфт, ки низомҳои ҷисмонӣ, биологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳатто хаёлиро таҳқиқ менамояд [17, с. 41].

Минбаъд биологи австриягӣ Л. Берталанфи назарияи умумии низомро рушд дод. Вай аз натиҷаи таҳқиқоти худ дар соли 1950 китоби «Асосҳои назарияи умумии низомҳо»-ро ба нашр расонид, ки дар он ҳаммонандӣ (шабеҳӣ)-и сохтории қонуниятҳои дар фанҳои мухталиф ошкоршуда таҳқиқ шудаанд. Ҳамин тавр, Л. Берталанфи ба хулосае омад, ки бо ҷамъбаст намудани қонуниятҳои мазкур имконияти баровардани қонунҳои умуминизомӣ, ки барои ҳамаи фанҳо ба кор мераванд, ба миён меояд. Вале дар солҳои аввал ва ҳатто дар давоми даҳсолаҳои минбаъдаи рушди назарияи мазкур, он пеш аз ҳама нисбат ба низомҳои моддӣ баррасӣ мешуд [11, с. 15].

Раванди таҳқиқи низомҳои иттилоотӣ, ки баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷумлаи онҳост, аз нигоҳи назарияи умумии низомҳо дорои як қатор душвориҳо мебошад. Низомҳои иттилоотӣ пеш аз ҳама низоми муйяншаванда нестанд, дар онҳо ҷудо намудани унсурҳо (ҷузъҳо)-и алоҳида мушкил аст, онҳо иштироки ҳатмии инсон чун баранда ва истеъмолкунандаи иттилоот талаб менамоянд.

Барои низомҳои биологӣ ҷудо намудани унсурҳои зинда ва ғайризинда муҳим аст, дар дигар низомҳо ин гуна ҷудокунӣ амали ниҳоят мушкил аст. Дар мавриди низомҳои иттилоотӣ, ки дар худ унсурҳои ғайризинда (барандагони моддии иттилоот ва усулҳои коркарди он, техникаи ҳисоббарор ва алоқа)-ро муттаҳид месозанд, барои фаъолияти муътадил иштироки ҳатмии инсон чун барандаи иттилоот, баҷооранда ва танзимкунандаи раванди фаъолияти низом талаб карда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодии муосир якчанд тарзҳои маънидодкунии мафҳуми «низом» дучор мешаванд, ки вобаста аз қарина, соҳаи донишҳо ва ҳадафҳои таҳқиқот ба кор бурда мешаванд. Бо вуҷуди шаклҳои мухталифи маънидодкунӣ, ҳамаи онҳо бо ин ё он дараҷа аз маънии аввалии мафҳуми низом (система), ки дар сарчашмаҳо таъкид карда мешавад, - чун чизи мукаммал (бутун)-и аз унсур (қисм)-ҳои алоҳида таркибёфта асос меёбанд. Масалан, муҳаққиқи низомҳои иқтисодӣ И.Н. Дрогобитский се аломати низомро, чун бутунӣ, сарчашмаи ин бутунӣ ва алоқаҳои байни қисмҳои он ҷудо намуда, таърифи низомро дар чунин шакл пешниҳод мекунад: «низом – ин моҳияте мебошад, ки дар натиҷаи алоқамандии қисмҳои он метавонад ҳастӣ ва амалкунии худро чун чизи ягона таъмин намояд» [4, с. 44].

Аз нигоҳи равиши бонизом ҳама гуна низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низоми иттилоотии аз маҷмӯи унсурҳо таркибёфтаро, ки ҳамзамон худ низ метавонанд низоми зинаи пасттар (зернизом) бошанд, ифода мекунад. Азбаски баҳисобгирии муҳосибӣ равандҳо ва зуҳуроти иқтисодии дорои хосияти мухталифро дар тамоми зинаҳои

иқтисодиёт (микро ва макро) ба хотири қонеъ намудани эҳтиёҷоти мушаххаси истифодабарандагони мухталиф инъикос ва назорат мекунад, зарурати бунёд ва истифодабарии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии гуногуншакл ва гуногунҳадаф ба миён меояд. Дар ин маврид, низомҳои бунёдшавандаи баҳисобгирии муҳосибӣ дорои дараҷаҳои гуногуни ҳаҷми иттилоот буда, таснифи онҳо низ аз рӯи аломатҳои мухталиф имкон дорад. Масалан, аз рӯи зинаҳои иқтисодиёт метавон чунин низомҳои баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо кард: дар зинаи микроиқтисодиёт – низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ (корхонаҳо), дар зинаи макроиқтисодиёт - низоми ҳисобҳои миллӣ, дар зинаи мезоиқтисодиёт - низоми баҳисобгирии муҳосибии гурӯҳи корхонаҳои ҳамбаста ва дар зинаи мегаиқтисодиёт – низоми баҳисобгирии муҳосибии америкоии US GAAP (United States Generally Accepted Accounting Principles – принсипҳои ҳамамақбули баҳисобгирии муҳосибии Иёлоти Муттаҳида).

Азбаски мавзӯи таҳқиқоти мо низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар зинаи микроиқтисодиёт мебошад, мо ба таҳқиқи низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ машғул мешавем. Албатта, амалкунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ бо идоракунии фаъолияти корхонаҳои муосир алоқаманд ва ҳамбаста аст.

Таърифи баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ чун низом ҳам дар асарҳои илмӣ ва ҳам дар қонунгузории мамлакатҳо дучор меояд. Ҳамзамон баҳисобгирии муҳосибӣ чун раванд муайян гардида, онро зернизоми низоми иттилоотии идоракунии корхона меноманд. Баъзе муаллифон тазоднокии мафҳумҳои баҳисобгирии муҳосибиро чун низом ва чун раванд баррасӣ намуда, масъалаи имконияти ҳаммаъно будани мафҳумҳои «баҳисобгирии муҳосибӣ» ва «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ»-ро барои таҳқиқ ба миён мегузоранд. Номуайянии таърифҳо ва душвории ҳамтосозии мафҳумҳо ба он меоваранд, ки аксаран шабоҳати байни мафҳумҳои «низом» ва «амсила» ҷиҳати омӯзиши амсилаҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ ба назар мерасад: «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона имкон медиҳад, ки фаъолияти хоҷагидорӣ тавассути ҳуҷҷатҳо ва ададҳо инъикос шавад, дар тариқаи сода он низоми шабеҳ ба ҳамин фаъолият, яъне амсилаи фаъолияти хоҷагидории корхона мебошад» [3, с. 2]. Омӯзиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо истифодаи усули шабоҳат барои таҳлил ва мукаммалсозии фаъолияти хоҷагидорӣ лозим аст.

Бунёди амсилаи низом барои боз ҳам бештар ва амиқтар гузаронидани таҳқиқи ин низом зарур аст. Усули шабоҳат ҳангоми омӯзиши низомҳо дар интихоби ду низоми якхела ва омӯзиши тарзи содатари онҳо, ки амсилаи низоми таҳқиқшаванда мебошад, ифода меёбад.

Тавре омӯзиши адабиёт гувоҳӣ медиҳад, амсилаҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бештар ҷиҳати низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешаванд [2; 5; 12; 16; 18]. Баҳисобгирии муҳосибӣ фаъолияти хоҷагидории корхона – тамоми амалиёти хоҷагидорӣ, вазъ ва тағйирёбии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷотро инъикос намуда, шабеҳи низоми фаъолияти хоҷагидории корхона, вале нисбатан содатар мебошад. Бинобар ин, баҳисобгирии муҳосибиро аксари муҳаққиқон чун амсилаи фаъолияти хоҷагидории корхона ном мебаранд. Ин ҳолат ҳангоми баррасии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи зернизомҳои ба қитъаҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ дахлдор бештар возеҳ аст. Вобаста ба ин, мо кӯшиш намудем, ки амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидориро тартиб диҳем (расми 1).




***Расми 1. Амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидорӣ***

Дар амсилаи мазкур алоқамандии байни объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот), амалиёти хоҷагидорӣ, робитаҳо бо истифодабарандагон (муҳит)-и дохилӣ ва берунӣ, инчунин вазифаҳои гуногуни идоракунӣ дар доираи равандҳои таъминот, истеҳсол ва фурӯш инъикос гардидаанд. Амсила ба таври айёнӣ нишон медиҳад, ки баҳисобгирии муҳосибӣ амсилаи фаъолияти хоҷагидории корхона буда, равандҳои истеҳсолӣ, ҳаракат ва вазъи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, ҳисобикуниҳо, хароҷот ва даромадро аз ҷиҳати арзишӣ ифода мекунад.

Бояд қайд кард, ки барои аниқ муайян кардани нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ тарзи мазкури (шабеҳи) амсилаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мукаммал нест. Ба таври имиқ ҷудо намудани унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ амали ниҳоят душвор аст. Дар адабиёт муаллифон ҳайати унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидориро ба таври мухталиф муайян мекунанд. Масалан, В.Ф. Палий ва Я.В. Соколов се зинаи унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо мекунанд: ҳисобҳо ва навишти дутарафа; феҳристҳо ва шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ [14, с. 6]. Г.Г. Кирейтсев ба ҳайати унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ принсипҳо, ҳадафҳо, вазифаҳо, предмет, объект, метод, функсияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ,

стандартҳо, нақшаи ҳисобҳо, тарҳи ҳуҷҷатгардиш ва фаъолияти баҳисобгириро дохил менамояд [9, с. 28].

Ба ақидаи муҳаққиқ С.В. Андреева, эҳтиёҷи истифодабарандагон ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ пеш аз ҳама аз соҳаи функсионалие, ки истифодабарандагони мазкур вазифаҳои идоракунии худро иҷро мекунанд, вобаста аст. Бинобар ин, вай дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ чунин намудҳои баҳисобгириро ҷудо менамояд [1, с. 259]: мувофиқи раванди тиҷоратии асосӣ – баҳисобгирии истеҳсолӣ, баҳисобгирии кормандон, баҳисобгирии техникӣ, баҳисобгирии фаъолияти таъминотӣ, фурӯш, молиявӣ; дар доираи соҳаҳои махсуси менеҷменти амалӣ - баҳисобгирии фаъолияти сармоягузорӣ, инноватсионӣ, экологӣ.

Ба ақидаи мо, самтнокии функсионалии фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки сарчашмаи маълумоти баҳисобгирӣ ва истифодабарандаи манфиатдор ҳарчӣ наздиктар карда шаванд ва ин ба ташаккули донишҳои касбии мутахассис оид ба объекти баҳисобгирӣ аллакай дар марҳилаи аз ҷониби ӯ гузаронидани амалиёти баҳисобгирӣ меоварад. Барои намудҳои функсионалии баҳисобгирӣ бештар иштироки истифодабарандаи иттилооти баҳисобгирӣ дар худи раванди ташаккули он хос аст. Ҷустуҷӯи объектҳои имконӣ, ташаккули тасвири ҷустуҷӯшаванда барои ошкор кардани онҳо, ҳамтосозии объект ба сифати объекти баҳисобгирӣ, хостагирии объектҳо мувофиқи аломатҳои ҳамтокунӣ, ҳисобкунии ифодаи арзишии объект, коркарди аввалӣ ва муттаҳидкунӣ (муфассалкунӣ)-и минбаъдаи маълумот оид ба объекти баҳисобгирӣ, ба андешаи мо, функсияҳои ҷудонопазири баҳисобгирӣ мебошанд. Онҳо хоса дар мавриди ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ дар соҳаҳои функсионалии алоҳидаи фаъолияти корхона, ки он ҷо таъсири омилҳои берунӣ баланд ва зарурати баҳисобгирии паёмадҳои таъсири мазкур мавҷуд аст, - чун фаъолияти маркетингӣ, кор бо кормандон, таъминоти моддӣ-техникӣ зоҳир мегарданд. Бартариҳои муҳими ташкили функсионалии баҳисобгирӣ - ин имконияти фавран вокуниш кардани мутахассис ба пайдошавии объектҳои нави баҳисобгирӣ дар соҳаи фаъолияти касбии худ, саривақт ошкор намудани хосиятҳо ва сифатҳои нави объектҳои баҳисобгирӣ, шарҳдиҳии маълумоти баҳисобгирӣ дар доираҳои соҳаи функсионалӣ мебошанд.

Ҳамзамон баҳисобгирии муҳосибӣ бояд иттилоотро на танҳо дар доираи самтҳои алоҳидаи фаъолияти корхона, инчунин оид ба рушди умумии фаъолияти он пешниҳод намояд. Ин масъалаи интихоб, назора ва бақайдгирии объектҳои баҳисобгириро, ки аз рӯи аломатҳои дигар ҳамтосозӣ карда шудаанд, инчунин ташаккули иттилооти баҳисобгирии дар доираҳои дигари аз доираҳои функсионалӣ фарқкунанда ба ҳадафҳои идоракунӣ ҷавобгӯро ба миён мегузорад. Маҳз ҳамин гуна вазифаро баҳисобгирии муҳосибӣ иҷро мекунад: бунёд намудани сурати ягонаи фаъолияти тамоми корхона, ки намудҳои функсионалии баҳисобгирӣ инъикос карда наметавонанд.

Нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ аксаран аз сабабе паст мешавад, ки имконияти он дар пешниҳод намудани иттилооти ба истифодабарандагон дар рафти идоракунии фаврӣ ва ҷории фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ зарурӣ маҳдуд аст. Вале, бояд таъкид намуд, ки бо иттилооти баҳисобгирии фаврӣ ва ҷорӣ таъмин намудани кормандони идоракунанда – вазифаи намудҳои функсионалии баҳисобгирӣ мебошад; ҳадафи баҳисобгирии муҳосибӣ – ба ҷо овардани инъикоси иттилоотии комплексии натиҷаҳои фаъолияти пешини корхона дар давраи муайяни вақт, ки дар рафти амалисозии равандҳои тиҷоратии алоҳида ба даст омадаанд, мебошад.

Ҳар як намуди функсионалии баҳисобгирӣ қодир аст, ки талаботи иттилоотии танҳо доираи муайяни истифодабарандагонро қонеъ гардонад ва аз нигоҳи идоракунии корхона умуман имкон намедиҳад, ки объектҳо, зуҳурот ва равандҳои тасвиршаванда якхела баҳодиҳӣ карда шаванд. Ин вазифаро баҳисобгирии муҳосибӣ иҷро менамояд, ки он низоми нисбатан муташаккили баҳисобгирӣ дар корхона ба ҳисоб рафта, дигар зернизомҳои баҳисобгириро бо воситаҳо ва усулҳои муайяни гирифтан ва коркарди иттилоот таъмин менамояд. Маҳз ба ҳамин хотир, баҳисобгирии муҳосибӣ чун унсури муҳимтарини таъминоти иттилоотии идоракунии фаъолият оид ба ҳамоҳангсозии тамоми равандҳои дар муҳити тиҷоратии корхона ҷоришаванда баррасӣ шуда, чун унсури низомташкилдиҳанда дар фаъолияти идоракунии субъекти хоҷагидорӣ муайян карда мешавад.

Эътироф намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ба сифати унсури низомташкилдиҳанда маънои онро надорад, ки намудҳои алоҳидаи баҳисобгирии функсионалӣ аз доираи равиши бонизом берун мемонанд. Ҳар яки онҳо ба сифати зернизоми низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона баромад намуда, ҳадафҳо, сохтор ва алоқамандии байни унсурҳои худро дорад ва усулҳои худии ташаккули иттилооти баҳисобгириро истифода мебарад. Аммо дар сатҳи субъекти хоҷагидорӣ маҷмӯи намудҳои вазифавии баҳисобгирӣ бе унсури ҳамгирокунанда чун баҳисобгирии муҳосибӣ наметавонад, ки фаъолияти корхонаро ба таври бонизом инъикос намояд.

Фаъолияти корхонаҳои муосир, ки бо мураккабии ҳамаҷонибаи он вобаста аст, зарурати ба ҳисоб гирифтани миқдори зиёди омилҳо, амалиёт, равандҳо ва зуҳуроти гуногуншакли дар муҳити дохилӣ ва берунии фаъолияти тиҷоратӣ рухдиҳанда ва баҳодиҳии муносиби минбаъдаи онҳоро талаб менамояд. Тамоюли мазкур ташаккул ва равнақи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва нақши онро дар идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ чун масъалаи мубрам ба миён мегузорад. Масъалаҳои мазкур бояд дар алоқамандӣ ва ҳамбастагӣ бо равандҳои рушди низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамрадиф бо ислоҳоти иқтисодӣ вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ ва гузариш ба СБҲМ мебошанд, баррасӣ шаванд.

Муҳаққиқон шумораи зиёди ҷанбаҳоеро ҷудо менамоянд, ки дар доираи онҳо метавон низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаро баррасӣ намуд ва мувофиқан дастаи унсурҳо (зернизомҳо)-и онро муайян кард. Ин ҳолат ба нофаҳмиҳо ва набудани ақидаи ягона ҷиҳати сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсурҳои он меоварад. Ба ақидаи мо, ҳангоми ҳалли масъалаи ҷудокунии намудҳои баҳисобгирӣ, ки низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаро ташкил медиҳанд, бояд ба самтнокии мавзӯи фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ мутаваҷҷеҳ шуд.

Эҳтиёҷи истифодабарандагон ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ пеш аз ҳама аз иҷрои вазифаҳои касбӣ ва идоракунии худи онҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, мо ба сифати маҳаки асосии муайянкунандаи сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ самтҳои алоҳидаи фаъолияти вазифавии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона – баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро баррасӣ мекунем.

Зимнан, бояд қайд кард, ки таъиноти асосии баҳисобгирии молиявӣ - бунёд намудани ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагони берунӣ мебошад, он ченкунӣ ва дар ҳисобҳои муҳосибӣ инъикос намудани амалиёти хоҷагидорӣ, тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро дар асоси принсипҳои ҳамамақбули баҳисобгирӣ ба ҷо меорад. Баҳисобгирии идоракунӣ – низоми ғункунӣ ва гурӯҳбандии ахбори молиявӣ ва ғайримолиявие мебошад, ки дар асоси он менеҷерҳо барои ноилгардии ҳадафҳои

корхона қарорҳо қабул менамоянд. Маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ асосан дар дохили корхона истифода шуда, аз ҳудудҳои он берун намебарояд. Ҳадафи баҳисобгирии андоз – «бунёд намудани ахбори пурра ва саҳеҳ оид ба амалиёти хоҷагидории дар давраи ҳисоботӣ (андозбандӣ) анҷомдодаи корхона, назорати дурустӣ, пуррагӣ ва саривақтии ҳисобкунӣ ва ба буҷети давлатӣ пардохткунии андозҳо мебошад» [8, с. 19].

Мукаммалгардонӣ ва рушди техника, технология, пайдошавии намудҳои нави техникаи ҳисоббарори компютерӣ, инчунин масъалаҳои мубрами нав дар идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии он соҳаи корбурди баҳисобгирии муҳосибиро густариш додаанд. Ҳоло самтҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд мебошанд, ки таркиби онҳо доимо васеъ мешавад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми хоҷагидории муосир чун бахши низоми ягонаи баҳисобгирӣ-иттилоотие рушд мекунад, ки баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, инчунин баҳисобгирии стратегӣ, оморӣ, экологӣ, фаврӣ-техникӣ ва дигар намудҳои баҳисобгириро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо муҳтавои худро дошта, ҳадафҳои худро пайгирӣ мекунад. Ягонагии ин низом дар асоси баҳисобгирии аввалӣ чун сарчашмаи маълумот барои ҷамъоварӣ, батартибдарорӣ ва ҷамъбасткунии минбаъдаи иттилоот мутобиқи вазифаҳо ва талаботи ҳар як намуди баҳисобгирӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон рушди мутаносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми муайян намудани ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки боз ҳамон истифодабарандагон пешниҳод менамоянд, имкон дорад.

Зарурат барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо эҳтиёҷоти рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҳар як субъекти хоҷагидорӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Масъалаҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ аз диди рушди босубот самтҳои навро дар баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён оварданд, ки дар адабиёти иқтисодӣ ва фаъолияти амалӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Хоса ин дахл дорад ба самтҳои нави идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мувофиқан ба баҳисобгирии идоракунӣ, ки имрӯз аз диди назария ва амалия баррасӣ мешавад. Дар назария ҳадафҳо, вазифаҳо, объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба тарзи гуногун маънидод карда мешаванд, дар амалия усулҳои нав, назарияҳои асоснок, инчунин корбурди олоти риёзии гуногун ба миён меоянд.

Дар баҳисобгирии муҳосибии муосир иттилооте бунёд мегардад, ки ба баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад то яке аз мақомҳои асосиро дар низоми идоракунии хоҷагидорӣ ишғол намояд. Мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ»-ро акнун мебояд дар шакли васеътар, - чун асоси идоракунӣ маънидод кард. Баҳисобгирии идоракунӣ акнун чун низоми ҷамъоварӣ ва маънидодкунии иттилоот оид ба даромадҳо, хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот баррасӣ карда мешавад, ки наздиктар ба мафҳуми «контроллинг» аст. Ин низоми густурдаи ташкили баҳисобгирӣ ба хотири назорати фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ мебошад [7, с. 177].

Дар шароити муосир фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо доимо дигаршавии омилҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ алоқаманд мебошад. Омилҳои берунӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт, пурзӯршавии муборизаи рақибона дар бозор, дигаршавии хосияти талабот, рушди низоми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, масъалаҳои экологӣ алоқаманд мебошанд, усулҳо ва равишҳои комилан навро ба идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ талаб менамоянд.

Ҳамин тавр, равиши ҳамгиро ба идоракунӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ бояд нисбат ба сарчашмаи асосии иттилооти идоракунӣ – баҳисобгирии муҳосибӣ ба кор

бурда шавад. Ҳадафи асосии низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро бунёди иттилоот барои идоракунии фаврӣ, ҷорӣ ва ояндабинӣ бо роҳи тамаркузи вазифаҳои идоракунӣ дар марказҳои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад. Ҳалли вазифаҳои дар назди низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро гузошташуда дар алоқамандӣ ва фаъолияти байниҳамдигарии ҳамаи зернизомҳои баҳисобгирӣ, ки имрӯз дар назария ва амалия чун баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз номбар мешаванд, имкон дорад.

Имрӯз дар баробари таҳқиқи ҷиҳатҳои таърихии пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва рушди он масъалаҳои вазъи ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ ба омӯзиш ниёз доранд. Вақтҳои охир дар адабиёти соҳа интишороти зиёде ба назар мерасанд, ки касро аз ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти касбӣ ба ташвиш меоранд. Тавре профессори Донишгоҳи молиявии назди Ҳукумати Федератсияи Россия К.Н. Лебедев қайд мекунад, «Масъалаҳои ояндаи ҳисобдорӣ ва пешбурди баҳисобгирӣ ҳар як соҳибкасберо, ки тақдири худро бо баҳисобгирии муҳосибӣ (амалия, илм, таҳсилот, танзимкунии инҳо) ҳамбаста намудааст, нигарон мекунанд. Масъала ду ҷониб дорад, яке – вокуниш нишон додан ба дигаргуниҳои ногаҳонӣ, дигаре – пешакӣ омода будан ба онҳо» [10, с. 136].

Дарвоқеъ, таҳқиқот дар соҳаи дурнамои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам аз ҷиҳати амалия мубрам мебошанд. Аммо, шояд мо хавотир нашавем, чунки ҳоло дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидории муосир ба кормандони соҳаи муҳосибӣ, аудит ва таҳлили иқтисодӣ эҳтиёҷ ҳаст. Эҳтиёҷ ба муҳосиби бо тарзи анъанавии меҳнати дастӣ коркунанда, ки гузарониши амалиёти хоҷагидориро ба ҳисобҳо ба таври дастӣ ба ҷо меорад, албатта бо паҳншавии саросарии технологияҳо ва барномаҳои компютерии муҳосибӣ маҳв мешавад. Вале эҳтиёҷ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ба муҳосибони дорандаи малакаҳои хуби кор бо технологияҳои компютерии муосир ва донишҳои муносиб беш аз пеш афзӯн мешавад.

Дар баробари ин, «масъалаҳои дарк намудани нақш ва мақоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқи дигаргуниҳо дар муҳтаво, пояҳои методологӣ ва консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ниҳоят мубрам гардидаанд» [6, с. 118].

Равандҳои рақамикунонӣ ба беҳгардонии назарраси ҳам хосиятҳои иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳам ба имконияти истифодабарии он таъсир мерасонанд. Таҳқиқи натиҷаҳои рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ тавассути таҳлили барномаҳои компютерии муҳосибӣ, пойгоҳҳои додаҳо ва принсипҳои намо ва бунёди онҳо нишон медиҳанд, ки рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамзамон ба ду ҷиҳати он таъсир мерасонад:

- технологияи гирифтан ва ҷамъоварӣ намудани иттилооти зарурӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва минбаъд ба истифодабарандагони манфиатдор пешкаш намудани он – технологияҳои иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ;

- методологияи банизомдарории иттилоот, худи баҳисобгирии муҳосибӣ ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ.

Технологияҳои гирифтан ва ҷамъоварӣ намудани иттилооти зарурӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва ба истифодабаранда додани он – ин низомҳои иттилоотии муосир мебошанд, ки асосан тавассути бунёд намудан ва истифодабарии пойгоҳҳои додаҳо амалӣ карда мешаванд. Онҳо доимо мукаммал мегарданд ва рушди онҳоро метавон аз диди рушди техника, ташаккули пояҳои нави техникии ба рушди эҳтиёҷоти нави

иттилоотӣ мусоидаткунанда ва аз диди мукаммалгардонии худи низомҳои иттилоотии компютерӣ баррасӣ кард.

Методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ба корбурди ҳамзамони чунин технологияҳои баҳисобгирии таърихан ташаккул ва рушдёфта асос меёбад:

- тарзҳои назораи аввалӣ (барӯйхатгирӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ);
- тарзҳои ченкунии арзишӣ (ҳисобкунии арзиши аслӣ ва баҳодиҳӣ);
- тарзҳои банизомдарорӣ ва батартибдарорӣ (ҳисобҳои муҳосибӣ ва навишти дутарафа);
- тарзҳои ҷамъбасткунӣ (тавозуни муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ).

Агар дар натиҷаи истифодабарии баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ ҳар як далели фаъолияти хоҷагидорӣ дар намуди дастаи аломатҳо ва лозимиҳо, аз ҷумла аломатҳои ҳисобҳо ва тарафҳои онҳо (дебет ва кредит) ба пойгоҳи додаҳо ворид шавад (ба феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ гузаронида шавад), пас имкони истифодабарии зиёда аз ду ҳисоб пайдо мешавад. Аз ҳисоби зиёдшавии аломатҳо ё лозимиҳо, ки дар мавриди мазкур ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва иттилооти дигар мебошанд, ин иттилоотро метавон ба низом дароварда, сипас ҷамъбаст кард ва ҳамин тавр, ба истифодабарандагон дар намуди нисбатан муфассал, таҳлилбоб ва мусоид пешкаш намуд.

**Адабиёт**

1. Андреева С.В. Концепция формирования учетной системы современного предприятия: функциональный аспект / С.В. Андреева // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2012. - № 4 (18). – С. 257-260

2. Ашихмина Л.В., Ноздрина Е.Н. Особенности национальных систем бухгалтерского учета / Л.В. Ашихмина, Е.Н. Ноздрина // Успехи в химии и химической технологии. – 2007. – Т. 21. - № 10. – С. 112-115

3. Гура Н.А. Бухгалтерский учет как система и модель хозяйственной деятельности предприятий / Н.А. Гура // Международный бухгалтерский учет. – 2012. - № 8 (206). – С. 2-7

4. Дрогобыцкий И.Н. Системный анализ в экономике: учеб. пособие / И.Н. Дрогобыцкий. - М.: Финансы и статистика, 2007. - 512 с.

5. Зимакова Л.А., Костякова Ю.В. Сравнение и анализ национальных систем финансового учета / Л.А. Зимакова, Ю.В. Костякова // Международный бухгалтерский учет. – 2011. - № 42 (192). – С. 59-67

6. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (34). – С. 115-119

7. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: монография / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: ИПС, 2018. – 390 с.

8. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.

9. Кирейцев Г.Г. Глобализация и унификация методологии бухгалтерского учета: Научный доклад / Г.Г. Кирейцев / Изд. 2-е, перераб. и доп. - Житомир: ЖГТУ, 2008. - 76 с.

10. Лебедев К.Н. Будущее учета в свете перспектив совершенствования планирования / К.Н. Лебедев // Международный бухгалтерский учет. – 2017. – Т. 20. – Вып. 3. – С. 135-149

11. Месарович М.Д., Такахара Я. Общая теория систем: математические основы / М.Д. Месарович, Я. Такахара / Пер. с англ. Под ред. С.В. Емельянова. - М.: Издательство «Мир», 1978. – 313 с.
12. Михалкевич А.П. Развитие национальной системы бухгалтерского учета и отчетности в условиях глобализации экономических отношений / А.П. Михалкевич // Бухгалтерский учет и анализ. – 2013. - № 11 (203). – С. 3-7
13. Николаева О.Е., Алексеева О.В. Стратегический управленческий учет / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева. – М.: Едиториал УРСС, 2003. – 304 с.
14. Палий В.Ф., Соколов Я.В. АСУ и проблемы теории бухгалтерского учета / В.Ф. Палий, Я.В. Соколов. - М.: Финансы и статистика, 1981. - 224 с.
15. Системный анализ. Учебник и практикум / В.В. Кузнецов и др. Под общей редакцией В.В. Кузнецова. – М.: Издательство Юрайт, 2018. – 270 с.
16. Соколов Я.В., Бутынец Ф.Ф., Горецкая Л.Л., Панков Д.А. Бухгалтерский учет в зарубежных странах / Я.В. Соколов, Ф.Ф. Бутынец, Л.Л. Горецкая, Д.А. Панков. – М.: ТК Велби, Проспект, 2005. – 664 с.
17. Тищенко М.А. Бухгалтерский учет как система / М.А. Тищенко // Вестник Бурятского государственного университета. Экономика и менеджмент. – 2019. – Вып. 1. – С. 40-48
18. Шигун М.М. Проблемы классификации систем бухгалтерского учета / М.М. Шигун // Международный бухгалтерский учет. – 2011. - № 11 (161). – С. 31-38

# РОЛЬ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УПРАВЛЕНИИ ХОЗЯЙСТВУЮЩИМИ СУБЪЕКТАМИ

**КОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА**,
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru
**ДЖУРАХОНОВ ОЛИМДЖОН ХАЙБУЛЛОЕВИЧ**,
соискатель кафедры менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33,
Тел.: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*Современный этап развития национальной экономики характеризуется глубоким изменениям в системе управления хозяйствующими субъектами. Перед руководством предприятия ставится задача внедрения новых методов управления, адекватным современным экономическим условиям и тенденциям развития передовых систем управления. Поскольку для нормального функционирования системы управления деятельностью хозяйствующих субъектов нужна правильная организация ее информационного обеспечения, сегодня возрастает роль бухгалтерского учета как важнейшего элемента системы информационного обеспечения управления.*

*В статье рассматриваются вопросы формирования и развития системы бухгалтерского учёта как важнейшего элемента информационного обеспечения управления современным хозяйствующим субъектом. Так как на процессы формирования системы бухгалтерского учета влияют множества факторов разного характера, требуется системный подход при рассмотрении данного вопроса. Изучаются исторические моменты*

*развития системного подхода применительно к системе бухгалтерского учета хозяйствующих субъектов.*

*Подтверждается, что менеджмент современного предприятия имея соответствующую информацию о наличии и величине материальных и финансовых ресурсов, которые предоставляется системой бухгалтерского учета, должным образом оценивает современное состояние дел на предприятии, формирует предпосылки для планирования развития его деятельности. Обосновывается функциональная организация системы бухгалтерского учета, отвечающая задачам адаптации деятельности хозяйствующего субъекта к воздействию внутренних и внешних факторов. Определяется важность роли системы бухгалтерского учета в управлении деятельностью хозяйствующих субъектов.*

***Ключевые слова:*** *хозяйствующий субъект, бухгалтерский учет, система бухгалтерского учета, менеджмент предприятия, системный подход, информационная система управления предприятием, финансовый учет, управленческий учет, налоговый учет.*

## THE ROLE OF THE ACCOUNTING SYSTEM IN THE MANAGEMENT OF BUSINESS SUBJECTS

**QODIROVA GULMO TOLIBOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir street.
Tel.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru
**JURAKHONOV OLIMJON HAIBULLOEVICH**
Applicant of the Department of Management
Academy of Public Administration under President of the Republic of Tajikistan.
Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 987-27-74-74. E-mail: jurakhonov.7474@mail.ru

*The current stage of development of the national economy is characterized by profound changes in the management system of economic entities. The management of the enterprise is faced with the task of introducing new management methods that are adequate to modern economic conditions and trends in the development of advanced management systems. Since the proper organization of its information support is necessary for the normal functioning of the management system for the activities of economic entities, the role of accounting as an essential element of the management information support system is growing today.*

*The article deals with the formation and development of the accounting system as the most important element of information support for the management of a modern economic entity. Since the processes of forming an accounting system are influenced by many factors of a different nature, a systematic approach is required when considering this issue. The historical moments of the development of a systematic approach in relation to the accounting system of economic entities are studied.*

*It is confirmed that the management of a modern enterprise, having appropriate information about the availability and size of material and financial resources provided by the accounting system, properly assesses the current state of affairs at the enterprise, forms the prerequisites for planning the development of its activities. The functional organization of the accounting system is substantiated, which meets the tasks of adapting the activities of an economic entity to the impact of internal and external factors. The importance of the role of the accounting system in managing the activities of economic entities is determined.*

***Key words:*** *business entity, accounting, accounting system, enterprise management, system approach, enterprise management information system, financial accounting, management accounting, tax accounting.*

УДК: 330.1.+338(575.3)

# ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ - РОҲ БАРОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ДЕҲОТ

**АСОЕВ МУФАРАХ МАЗОРИДДИНОВИЧ**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милли
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 905-50-70-69. E-mail: Mufarrakh@mail.ru
**АМИНОВ ИНОМДҶОН АМИНОВИЧ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи
иқтисодиёт ва соҳибкории Институти иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ ½.
Тел.: 8(3422) 4-22-33. E-mail: i_aminov@mail.ru

*Дар мақола рушди ҳамгироии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, чун роҳи асосии самаранок истифодабарии захиаҳои меҳнатӣ баҳо дода шудааст. Муаллифон дар мисоли ҳамгироии соҳаи кишоварзӣ ва саноат дар соҳаи пахтакорӣ "Агрохолдинги пахта" самаранокии онро ниишон додаанд. Ба назари муаллифон, рушди босуръат, муассир ва ҳамаҷонибаи системаи ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шарти ҳатмии ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои самаранок истифода бурдани захираҳо ва роҳи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзу рушди инфрасохтори деҳот, афзоиши амнияти озуқаворӣ ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақа таҳким бахшад.*

***Калидвожаҳо:*** *рушд, ҳамгироӣ, соҳаҳо, самаранок, истифодабарӣ, захиаҳои меҳнатӣ, кишоварзӣ, саноат, пахтакорӣ, агрохолдинги пахта, рушди босуръат, сатҳи камбизоатӣ, ҳифзу рушди инфрасохтори деҳот, афзоиши амнияти озуқаворӣ, баланд , бардоштан, самаранокӣ, минтақа.*

Дар ҳар як марҳилаи рушди хоҷагии халқ такмили минбаъдаи ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, пайдоиш ва ташаккули сохторҳои сифатан нави ташкилию- истеҳсолии корхонаҳо ва низоми хоҷагдорӣ ба назар мерасад.[2]

Вайроншавӣ ва коста шудани робитаҳои иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ, соҳавӣ ва дохилисоҳавии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ зарурати объективиро ба равишҳои сифатан нав дар рушди ҳамкорӣ ва ҳамгироии иқтисодиёт ба вуҷуд меорад.

Интегратсияи иқтисодиёт дар амал ифодаи худро дар шаклҳои муайяни ташкилию- иқтисодии пайвастани корхонаҳо дар дохили соҳаҳо ва байни соҳаҳо меёбад. Дар раванди таҳаввулот тадриҷан рушд ва такмил додани сохторҳои соҳибкории истеҳсолӣ, гузариш аз шакли оддӣ истеҳсолот ба ташаккулёбии истеҳсолоти мураккаб ба амал омада истодааст.[1]

Вақтҳои охир ба ҳамгироии агросаноатӣ дар якҷоягӣ бо принсипҳои кооперативӣ дар ҳама сатҳҳои сиёсати иқтисодӣ тавҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад. Ҷаҳиши бузург дар он таҷассум мегардад, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бартарияти ҳамгироии байни соҳаҳоро исбот намудааст. Интегратсия натиҷаи табиии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, зарурати объективӣ ва субъективӣ мебошад, ки дар натиҷаи он рушди муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар шароити имрӯза ду намуди ҳамгироӣ бештар маъмул аст: уфуқӣ ва амудӣ. Дар адабиёти иқтисодӣ тафсирҳои гуногуни ҳамгироии амудӣ оварда шудаанд. Ба андешаи мо, интегратсияи амудӣ бояд ҳамчун раванди ҳамкории ҳамаҷониба,

консентратсия ва марказонидани истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти ниҳоии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар як давраи такрористеҳсолкунӣ (дар асоси ҳамбастагии марҳилаҳои пай дар пай) фаҳмида шавад. Ин раванд ба тағирёбии шаклҳои ташкилӣ бо зарурати ҳамкорӣ дар дохили соҳаҳо тавсиф мешавад ва шаклҳои гуногуни ташкилии ҳамгироӣ дар амалияи соҳибкорӣ, рушд карда метавонад. Рушди равандҳои ҳамгироӣ, аз як тараф, ҳадафи консентратсияи моликиятро тавассути азхудкунии корхонаҳои заиф аз ҷониби корхонаҳои қавитар ва аз тарафи дигар, мукаммалсозии идоракунӣ тавассути тақсим кардани субъектҳои иқтисодӣ ба қисмҳои алоҳида пеш мебарад.[4]

Дар адабиёти иқтисодӣ самтҳои асосии зерин ҳамгироии истеҳсолӣ имконпазир аст:

- ❖ муттаҳидсозии ҳамаи иштирокчиён ба як ширкати холдингӣ дар асоси моликияти умумӣ;
- ❖ ҳамкории корхонаҳои кишоварзӣ бо ташкилотҳои хидматрасон ва коркард;
- ❖ таъсиси ассотсиатсияҳо ё иттиҳодияҳои ташкилотҳо дар доираи занҷири такрористеҳсолкунии онҳо;
- ❖ ташкили гурӯҳҳои молиявӣ ва саноатӣ.

**Принсипҳои асосии ташакули ҳамгироӣ инҳоянд:**

- ❖ ихтиёрӣ;
- ❖ мақсаднок;
- ❖ корхона пешбар;
- ❖ кумаки мақомоти маъмурӣ.

**Мувофиқи сохтори ташакули ҳамгирои инҳоянд:**

- ❖ худудӣ;
- ❖ соҳавӣ.

Дар навбати худ, ташакули ҳамгироии соҳавӣ ба хӯрокворӣ ва истеҳсолӣ-техникӣ тақсим карда мешаванд.

Аз рӯи ҷиҳати фаъолияти иқтисоди ҳамгироӣ метавонанд ғайритиҷоратӣ (шарикӣ,асостсиятсияҳо, кооперативҳои истеъмолӣ) ва тиҷоратӣ (ҶДММ, ҶСП ва ҶСК, холдингҳо ва гурӯҳҳои молиявию саноатӣ) бошанд.[12]

Ҳама намудҳои ҳамгироиро ба содда ва мураккаб ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз шаклҳои соддаи ташкилию иқтисодӣ ташаккул додани муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард дар асоси шартнома мебошад. Дар ин ҷо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба равандҳои ҳамгироӣ ворид шуда, кӯшиш мекунанд, ки хавфи паст намуда муносибатҳояшонро ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, вобастагии он ба шароити иқлимӣ, ва бо ин васила зарурати баланд бардоштани рақобатро талаб мекунад.

Яке аз шаклҳои мушкилтарини ҳамгироии байнисоҳавӣ гурӯҳи молиявию саноатӣ мебошад (ГМС), ки шахсони ҳуқуқии мустақилро муттаҳид мекунад (ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳо дар соҳаи истеҳсолот).

ГМС - ваҳдати иқтисодии шахсони ҳуқуқии мустақил. Истилоҳи иқтисодии "холдинг" ба мафҳуми "гурӯҳи молиявӣ ва саноатӣ" наздик аст. Фарқи асосии байни онҳо дар вазъи ҳуқуқии онҳост: гурӯҳҳои молиявию саноатӣ шахсони ҳуқуқӣ нестанд, балки дар асоси созишномае амал мекунанд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Дар асоси таҳлили мафҳуми «холдинг», ки дар адабиёти илмӣ, дар санадҳои қонунгузорӣ ва дар амал пешниҳод шудааст, таърифи зерини ҳолдингро пешниҳод кардан мумкин аст.

Холдинг ассотсиатсия (сохтор) мебошад, ки дар доираи он ширкати холдингӣ (ташкилоти асосӣ) фаъолияти дигар ташкилотҳои ба ин сохтор (ассотсиатсия) дохилшавандаро муайян мекунад.

Ҷамъияти холдингӣ (бунёдгузор, ташкилоти асосӣ) шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ ё ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мебошад.

Холдингҳо имкониятҳои назарраси сармоягузорӣ доранд. Шакли нигоҳдории ҳамгироӣ имкон медиҳад, ки самарабахшӣ дар истифодаи захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ - техникӣ, кадрӣ, идоракунӣ зиёд карда шуда, раванди байни истеҳсол ва фурӯши маҳсулот содда карда шавад.

Афзалияти равшани холдинг, ба ғайр аз гуфтаҳои боло, қобилияти таъмини татбиқи сиёсати оптималии нархгузорӣ мебошад. Ғайр аз он, ширкати асосӣ метавонад хонаи савдои худро барои инҳо созад:

❖ фурӯши маҳсулоти фаръӣ берун аз бозори минтақавӣ;

❖ хариди ашёи хом бо нархҳои яклухти ашё барои корхонаҳои фаръӣ, ки барои фаъолияти истеҳсолии онҳо заруранд, аммо аз ҷониби ширкатҳои фаръӣ таъмин карда намешаванд ё истеҳсол карда намешаванд.

**Ҷорӣ намудани холдинг имконият медиҳад:**

❖ самарнокии бозори минтақавии озуқаворӣ тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ;

❖ амалисозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки имкон медиҳанд аз нав таррохӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯшро дар корхонаҳое, ки дар холдинг иштирок мекунанд, фароҳам оранд;

❖ мутамарказгардонии захираҳои молиявӣ барои навсозӣ, таҷдид ва тавсеаи корхонаҳои маҳаллӣ;

❖ ҷорӣ намудани схемаи нави самарабахши ташкилию молиявии истеҳсол, харид, коркард ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ;

❖ истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи меҳнат тавассути диверсификатсияи истеҳсолот.[12]

Ба андешаи мо, холдинг шакли муассири назорати молиявӣ ва танзими фаъолияти ширкатҳои фаръӣ мебошад, ки дар ҳолати зарурӣ бидуни даxолати маъмурии ҳаррӯза ба онҳо кӯмаки молиявӣ мерасонад. Дар шароити иқтисоди мо, ин шакли ҳамгироӣ метавонад ба барқарорсозӣ ва рушди робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳо мусоидат намояд, мушкилоти пардохтҳои тарафайнро кам кунад ва дар самтҳои самаранок консентратсияи сармоягузориро мусоидат намояд.

Дар ҷустуҷӯи моделҳои нави ҳамгироӣ дар минтақаҳои мамлакати мо, якчанд вариантҳои эҷоди ташкили ҳамгирои дохили саноатӣ ва байнисоҳавӣ пешниҳод карда мешаванд.

Намудҳои асосии сохторҳои ҳамгирои соҳибкориро ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

❖ шартномавӣ- низоми шартномавии муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, коркард, маркетинг ва дигар ташкилотҳо (ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳо);

❖ ташаккулёбии агросаноатӣ, ки тавассути мутаҳидшавии сармоя ва меҳнати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (корпоратсияҳо, кооперативҳо) сохта шудаанд;

❖ агрокластерҳо, ки тамоми сикли технологиро аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди онҳо ва то фурӯш ба истеъмолкунандаи охир мусоидат мекунад;

❖ гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, ки бидуни ташкили иттиҳоди иловагӣ таъсис ёфтаанд, ки дар он муносибат бо дигар аъзои гурӯҳ дар асоси созишномае, ки бояд бақайдгирии ҳатмии давлатӣ дошта бошад ба роҳ монда мешавад;

❖ иттиҳодияҳои Холдинг, ки ба онҳо ширкати ҳамгиро сарварӣ мекунад (корхонаи асосӣ).

Барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбии ҳамгироӣ дар дохили соҳавӣ ва байнисоҳавӣ зарур аст. Тоҷикистон бояд иқтисодиёти худро диверсификатсия кунад, зеро наметавонад талаботи аҳолиро бо маҳсулоти ниёзи аввалия қонеъ гардонад.[3]

Ба фикри мо, минтақа бояд роҳҳои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатиро пайдо кунад ва иқтисодиёти ҷумҳуриро аз аграрӣ ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ табдил диҳад.

Бо мақсади оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ва зиёд намудани истеҳсоли ин маҳсулоти саноатӣ дар ММД ва баланд бардоштани арзиши иловагӣ, пешниҳод карда мешавад, ки дар дохили кишвар кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ташкил карда шаванд. Кластери агросаноатии мо пешниҳод карда тамоми давраи истеҳсолотро аз сохторҳои таъминот то истеҳсоли маҳсулоти тайёр муттаҳид мекунад.

Бо мақсади самаранок истифода бурдани захираҳои заминӣ ва меҳнатӣ мо пешниҳод оид ба ташкили холдинги пахта таҳия кардем. (расми 1.).

Намунаи пешниҳодшудаи як ширкати холдингӣ оид ба истеҳсол, коркард ва маркетинги маҳсулоти пахта дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ иттиҳодияи хоҷагиҳои махсусгардонидашуда дар минтақаҳо барои парвариш ва коркарди маҳсулоти аз пахта истеҳсолмешуда, асосан фаъолияти зиёновари корхонаҳои коркарди пахта, чарб ва равған мебошад.

Таъсиси кластерҳои агросаноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамаи корхонаҳоро оид ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, инчунин корхонаҳои таъминоти моддию техникии корхонаҳои коркардро муттаҳид менамояд. Кластер ба коркарди амиқи маҳсулоти бахши кишоварзӣ ва азхудкунии намудҳои нави маҳсулот равона шудааст.

Пеш аз ҳама, ин мавҷудияти базаи ашёи хоми худ, захираҳои арзони меҳнат ва иқтидори баланди истифоданашуда иқтидори саноатӣ фаҳмида мешавад.[12]




**Рис. 1. Нақшаи агрохолдинги кишоварзӣ барои истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии пахта.**

Кластер ин як гурӯҳи ширкатҳои ба ҳам алоқаманди ҷуғрофӣ (таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон ва ғ.) Ва ташкилотҳои вобаста (муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатӣ, ширкатҳои инфрасохторӣ) мебошанд, ки дар минтақаи муайян фаъолият мекунанд ва ҳамдигарро такмил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки заминаҳои асосии ташкили кластерҳо, васеъ намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда тавассути ташкили иқтидорҳои муосири истеҳсолӣ дар минтақаи мавҷуда ба ҳисоб меравад.

Ба фикри мо, имконпазирии ташкили кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом таъсирашро дар даромаднокии ҳам корхонаҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом ва ҳам барои корхонаҳои коркард мебошад мегузорад. Истеҳсолкунандагони пахтаи хом имконият пайдо мекунанд, ки маҳсулоти худро саривақт ва пурра фурӯшанд, дар ҳоле ки корхонаҳои коркард бо талабот таъмин карда шуда, бо иқтидори максималии истеҳсолӣ кор мекунанд. Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташкили кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом имкон медиҳад:

❖ заминаҳои зарурӣ барои зудтар дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ, таъмини истеҳсоли оптималии маҳсулоти якхела бо сифати баланд фароҳам оварад;

❖ таъмини таносуби оқилона байни ҳаҷми пахтаи хом ва иқтидорҳои коркарди саноатӣ;

❖ таъмини раванди ягонаи такрористеҳсолкунӣ дар тамоми давраи истеҳсолот;

❖ кам кардани хароҷоти муомилот (хароҷоти муомилоти тиҷорӣ, гуфтушунид, бастани шартномаҳо, таъмини иҷрои онҳо).

Сарфи назар аз он, ки истеҳсоли пахтаи хом дар Тоҷикистон каме коҳиш ёфтааст, миқдори кофии нахи пахта ба бозори хориҷӣ содир карда мешавад. Ва дар ин росто, мо ташкили кластерҳои саноатиро оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом ва содироти маҳсулоти тайёр аз нахи пахта ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки даромади асъорро дар ҷумҳурӣ хеле афзоиш медиҳад, ба ҳалли масъалаи шуғл ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Беш аз ҳама инфрасохтори деҳод лар ноҳияҳои тебеи ҷумҳурӣ мукаммал мегардад.

Тибқи Барномаи рушди НТҶ барои солҳои 2015-2019, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 қабул шудааст, дар соли 2019-ум 9374 тонна пахтаи хом истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2014 29,2% зиёдтар аст. Аз ин миқдор пахтаи хом дар ҳолати 33,0 баромади нах истеҳсоли он аз 3ҳаз. тонна зиёд мегардад.[12]

Барои татбиқи ин барнома кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом имкон медиҳад:

❖ заминаҳои заруриро барои рушди босуръати дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ омода намуда, истеҳсоли оптималии маҳсулоти гуногуни сифатан беҳтаршударо таъмин намояд;

❖ таъмини таносуби оқилона байни ҳаҷми пахтаи хом ва иқтидорҳои коркарди саноатӣ;

❖ ҳамоҳангсозии як раванди ягона дар тамоми силсилаи истеҳсолот;

❖ кам кардани хароҷоти муомилот (хароҷоти муомилоти тиҷорӣ, гуфтушунид, бастани шартномаҳо, назорати иҷрои онҳо);

❖ баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ;

❖ кам кардани воридоти намудҳои алоҳидаи молҳо;

❖ зиёд кардани даромадҳои асъорӣ дар ҷумҳурӣ;

❖ коҳиш додани сатҳи бекорӣ тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ;

❖ рушди инфрасохтори деҳот.

Яке аз вазифаҳои асосии кластер баланд бардоштани арзиши изофии соҳа, таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои он мебошад.

Ба гуфтаи коршиносон, ассотсиатсияҳои саноатӣ имкониятҳои дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, таъминкунандагони ҷузъҳо ва таҷҳизот, қувваи кории баландихтисос, захираҳо, дониши навро ба туфайли робитаи зуд ҳам дар дохили сохтор ва ҳам бо ҷаҳони беруна васеъ мекунанд. Тақвияти тамоюли инноватсионӣ, ки кластерро дар бар мегирад, дар ниҳоят ба рушди самаранок, устувор ва афзоиши музди меҳнат мусоидат мекунад. Корхонаҳои кластерӣ аз ҳисоби махсусгардонии дохилӣ ва стандартизатсия бартариҳои иловагии рақобатӣ доранд. Ғайр аз ин, ҷолибияти сармоягузорони эҳтимолӣ меафзояд.

Кластер соҳаҳои алоқаманд ё дастгирикунандаро дар бар мегирад. Барои саноати коркарди пахтаи ҷумҳурии соҳаҳои алоқаманд инҳоянд:

❖ донишгоҳҳои олӣ: Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёти кишоварзӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) ва ғайра;

❖ ташкилотҳои саноатӣ ва ҷамъиятӣ: Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёна, Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, Иттифоқи соҳибкорон ва содиркунандагон ва ғайра;

❖ Муасисаҳои давлатӣ - Вазорати кишоварзӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав; Вазорати рушди иқтисод ва савдо; Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия

❖ Инфрасохтори роҳҳои автомобилгард, телекаммуникатсия, анборхонаҳо ва ғ.

Таъсиси кластери саноатӣ имкон медиҳад, ки пахтаи хом оқилона истифода шавад, маҳсулоти тайёр бе талафот ва хароҷоти камтар ба истеъмолкунанда расонида шавад, инчунин рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ баланд бардошта шавад.

Яке аз вазифаҳои асосии ташаккули кластери саноатӣ баланд бардоштани арзиши изофии ин соҳа ва устувории иқтисодии корхонаҳое мебошад.

Пахта зироати энтомофилӣ буда, ҳамчун хӯроки занбӯри асал парварӣ васеъ истифода мешавад.

Барои рушди пахтакорӣ дар ноҳияҳои тобеи марказ ҳама шароити биологӣ ва ҷуғрофӣ мавҷуданд. Дар НТҶ навъҳои пахт амиёнанах парвариш карда мешаванд. [12]

Аз 1 тонна пахтаи хом дар ҷумҳурӣ 320-380 кг нахи пахта, 560-580 кг тухмии пахта, то 40 кг улук, 120 кг равғани пахта, 200-250 кг шелуха истеҳсол карда мешавад.

Аз 320-380 кг нахи пахта 3500 метр матоъ истеҳсол карда мешавад. Бо 1 кг нахи пахта, шумо метавонед 20 метр камбрик, 8-12 метр матоъҳои гуногун, 140 дона печҳо истеҳсол кардан мумкин. Як гектар пахта 300-400 дона пояи растанӣ истеҳсол мекунад.. Аз 1 гектар пахта дар мавсими гулкунӣ то 450 кг асали хушсифат истеҳсол кардан мумкин аст.

Арзиши 1 кг нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ба арзиши 15-16 кг гандум баробар аст. Арзиши 1 тонна нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ то ба 4500 доллари ИМА мерасад ва Тоҷикистон онро бо нархи 1,2-1,5 ҳазор мефурӯшад. Арзиши изофӣ аз як тонна нахи пахта бо коркарди пурра то

маҳсулоти тайёр ба 6000 доллари ИМА мерасад. Самаранокии истеҳсол ва коркарди пахта дар мисоли агрохолдинг дар НТҶ дар ҷадвали 3.2. оварда шудааст.

Дар назар дошташудааст,ки дар ҳар як ноҳия як фермаи чорводорӣ барои 200 сар чорвои ширдеҳ сохта шуда, дар онҳо 240 нафар фаъолият менамояд.

Ба ҳисоби миёна як чорво 500 литр дар як сол шир медиҳад. Аз рӯи нархи имрӯза нархи як тона шир 3500 сомониро дорад. Ҳамин тавр аз 2400 чорви ширдеҳ дар як сол 12000 тона шир истеҳсол шуда аз фуруши он 42 млн сомони даромад гирифта мешавад. Арзиши аслӣ бо 80% даромад з фуруши шир баробар аст. Сарфи меҳнат бо 700,8 ҳазор одам \соат баробар аст. Ҳосилнокии меҳнат 59,9 дар одам \соат баробар мешавад.

Даромад ба буҷет аз ҳисобӣ музди меҳнат ,ки 30% хароҷтҳои истҳсолии ширро ташкил медиҳад,ки ( 33600*0,30)= 10080 сомонӣ . Аз 10080 сомонӣ 25% фонди ҳифи иҷтимоӣ таз бимаӣ ( 2520 ҳазор сомонӣ ) ва 13% андоз аз музди меҳнат 10080*0,13) 1310,4 ҳазор сомонӣ .Ҳамин тавр танҳо аз истеҳсолӣ шир ба буҷет 3830,8 ҳазор сомонӣ маблағ ворид мегардад.

Ба ғайр аз Шир ҳар сол 5% чорво ва 50% фоизӣ буқачаҳо ба гушт супорида мешаванд. Вазн миёнаи чорвои ба гушт супорида шуда 400 кг ҳисоб шуда дар як сол дар як сол аз 2400 модагов , 80 фоизашн гусола дода, 50% он гусолаҳо нар баҳисоб гирифта шудааст. Яъне дар як сол 1152 сар буқача ба гушт дода мешавад. Арзиши буқачаҳо ба вазни зинда (400%25)* 1152= 11520 ҳазор сомон. Хароҷот барои истеҳсолӣ гушт 90% ро ташкил медиҳад.

Даромад ба буҷет аз фоди муздӣ меҳнат,ки 30% хароҷотро ташкил медиҳад ба 3110,4*0,25)=777,6 ва 13% андоз аз музди меҳнат (3110,4 ҳазор *0,13)=404,4 ҳазор сомонӣ дар маҷмӯъ 1182,0 ҳазор сомони ба буҷет интиқол мешавад.

Даромади камбинати шир,камбинат,кӣ 3300т ширро бо арзиши 29700 харида онро коркрд менамояд. Онро коркард карда ба даромаднокии 40% бо фуруш мебарорад.Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 41580 ҳазор сомонӣ баробар мешавад. Ҳосилнокии меҳнат дар комбинати шир бо хароҷоти меҳнат ( 120 нафар * 8 одам \соат * 264 рузи корӣ) = 253440 музди меҳнат 40% хароҷоти камбинати шириро ташкил медиҳад, ки бо ( 29160.0* 0,40) 11664 сомонӣ аз он фонди ҳифзӣ иҷтимоӣ 11664,0*0,25 = 2916,0 ва андозь музди мещнат бошад 11664,0* 0,13 = 1516,3 ва ҳаҷми умумӣ маблағи ба буҷет воридшаванда 4432,3 ҳазор смониро ташкил медиҳад.

Камбинати гушт 406,8 ҳазор гуштро коркард намуда 200 ҳазор тона ҳасиб истеҳсол намуда ва ҳаряк тонаро 20000 сомонӣ фурухта 4 млард сомонӣ маҳсулот мефурушад хароҷоти меҳнатӣ бошад 60*8*264 = 126720 ва андоз 32000*0,30 = 9600,0*0,25= 2400 ва андоз аз даромад бошад 2600 * 0,13 =1248 ва дар умум ба буҷет 3648 маблағ ба буҷет ворид мегардад.

Роҳбарони соҳаҳои кишоварзӣ, ташкилотҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард, ширкатҳои савдо, гурӯҳҳои молиявӣ бояд ҳамчун ҳамгиро баромад кунанд. Звенооси мо, бояд як ширкати идоракунанда бошад, ки дар заминаи саҳҳомӣ таъсис дода шудааст, ки муассисонаш қобилияти инноватсионӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди динамикии рушдёбанда ба корхонаҳои ватанӣ мусоидат мекунад.[1]

Солҳои охир, дар тамоми ҷаҳон, онҳо мекӯшанд, ки усулеро амалӣ кунанд, вақте ки иқтисод на аз ҷониби корхонаҳои ҷудогона, балки аз ҷониби иттиҳодияҳо, гурӯҳҳо, шабакаҳои онҳо бо робитаҳои уфуқӣ, амудӣ ва минтақавӣ ҳаракат мекунад. Аз ин бармеояд, ки яке аз роҳҳои барқарорсозии инноватсионӣ ва фаъолияти истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҷмааи агросаноатии минтақаҳо рушд ва дастгирии босуръати корхонаҳои калони серсохаи кишоварзӣ мебошад, ки метавонанд ба системаи кишоварзии минтақавӣ муттаҳид карда шаванд.

Агросистемаи минтақавӣ ин муттаҳидсозии корхонаҳои азими саноатӣ гуногунҷабҳа мебошад, ки бахшҳои зироаткорӣ (асосаш ғалладона ва зироатҳои хӯроки чорво), фермерии ширӣ (асосаш чорводорӣ), фарбеҳ кардани чорвои калон (парвариш ва фарбеҳ кардани чорво) ё парвариши чорвои гӯштӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки манбаи асосии маблағгузорӣ ва эҳтимолан ягона барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои худи ва ҷалби сармояи хориҷӣ бошад.

Бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки модели умедбахши ҳамгироӣ дар бахши аграрии иқтисоди минтақа ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои гуногун, ба монанди:

- иттиҳодияҳои агросаноатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ;
- низоми молиявӣ, бонкӣ, суғурта, саноатӣ, ва инчунин дигар ширкатҳо ва холдингҳо;
- бозори хӯрокворecho яклухт;
- ҳамкориҳои истеъмолӣ ва қарзӣ, системаҳои таъминоти моддию техникӣ;

- муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳои минтақа ба роҳ мемонад.

Ҳамин тариқ, рушди босуръат, муассир ва ҳамаҷонибаи системаи ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шарти ҳатмии ҳалли бомуваффақияти масъалаҳо ва роҳи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзу рушди инфрасохтори деҳот, афзоиши амнияти озуқаворӣ ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақа таҳким бахшад.

**Адабиёт**


1. Ашуров И. С. Аграрная реформа Республики Таджикистан/И.С. Ашуров//– М.: ООО НИПКЦ «Восход – А», 2008.– 332с.
2. Джаббаров, А. Дж. Социальная зашита населения как фактор общественного развития/А. Дж. Джаббаров - Душанбе, «Маориф», 1997. - С.99-105.
3. Комилов, С.Дж. Формирования регионального рынка инновационных, социальных услуг в современных условиях/С.Дж. Комилов//Материалы 4-й международной конференции «Актуальные проблемы развития экономики и образования» 3-4 июня – Душанбе, 2016. - С.118.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлисинамояндагон. (22.12.2018)
5. Рахмон, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации/Э. Рахмон. - Душанбе: Ирфон, 2006. - Т.1. - 360 с.
6. Самандаров, И.Х. Социальные факторы улучшения использования рабочей силы на предприятиях АПК/И.Х. Самандаров//Экономико-правовые проблемы агропромышленного комплекса. - Душанбе,1997. - С.116-118.
7. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан// Статистический сборник-Душанбе, АСПРТ, 2016.- С.81-86.
8. Стратегия сокращения бедности Республики Таджикистан 2007-2009 годы. - С. 10. [эл.адрес] http://www.met.tj/public/userfiles.
9. Стратегия повышение уровня благосостояния населения Республики Таджикистан на период 2013-2015гг.оф. текст.- Душанбе. 2014. С-19.
10. Таджикистан в цифрах: Обзор макроэкономических показателей экономики. Душанбе, 2015.- 458с.
11. Асоев М.М. Нақш ва аҳамияти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохторӣ иҷтимоӣ дар деҳот// Вестник Таджикского – национального университета, научный журнал, серия социально-экономических и общественных наук- Душанбе, 2019. - №2. - С.148 – 151.
12. Асоев М.М. Такмили механизми дастгирии давлатии рушди Инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳур)// Рисолаи илмӣ барои дарёфти номзади илм, Душанбе 2021, - 195 саҳ


## ОРГАНИЗАЦИЯ ИНТЕГРАЦИОННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА - ПУТЬ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В СЕЛАХ


**АСОЕВ МУФАРАХ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, дотсент заведущий
кафедры государственое управление и национальной экономики
Академии государственого управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)-905-50-70-69. E-mail: Mufarrakh@mail.ru
**АМИНОВ ИНОМДЖОН АМИНОВИЧ,**

доктор экономических наук, профессор кафедры экономики и предпринимательства
Института экономики и торговли
Таджикского государственного университета коммерции.
734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½.
Тел. : 8(3422) 4-22-33. E-mail: i_aminov@mail.ru

*В статье оценивается развитие интеграции отде льных отраслей экономики как основной способ эффективного использования трудовых заказов. Авторы показали его эффективность на примере интеграции сельского хозяйства и промышленности в сфере хлопководства «Хлопковый агрохолдинг». По мнению авторов, быстрое, эффективное и всестороннее развитие системы сотрудничества и интеграции в регионах Республики Таджикистан должно стать предпосылкой успешного решения задач рационального использования ресурсов и способом сокращения бедности, защиты и развивать сельскую инфраструктуру, повышать продовольственную безопасность и в целом повышать эффективность экономики, укреплять регион.*

***Ключевые слова:*** *развитие, интеграция, секторы, эффективное, использование, заказы, сельское хозяйство, промышленность, хлопководство, хлопковый агрохолдинг, быстрое развитие, уровень бедности, защита и развитие сельской инфраструктуры, повышение продовольственной безопасности, высокий, подъем, эффективность, регион.*

## ORGANIZATION OF ECONOMIC COOPERATION - A WAY FOR EFFECTIVE USE OF LABOR RESOURCES IN THE VILLAGES

**ASOEV MUFARAKH MAZORIDDINOVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Dotsent Head of the
Department of Public Administration and National Economy
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003 Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992)905-50-70-69. E-mail: Mufarrakh@mail.ru
**AMINOV INOMJON AMINOVICH,**
Doctor Of Economic Sciences, professorof the Department of
Economics and Entrepreneurship of the Institute of Economics and Trade of the
State University of Commerce of Tajikistan.
734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ½ Dehoti st.
Phone: 8(3422) 4-22-33. E-mail: i_aminov@mail.ru

*The article evaluates the development of integration of separate economic sectors as the main way of effective use of labor orders. The authors have shown its effectiveness in the example of the integration of agriculture and industry in the field of cotton farming "Cotton Agroholding". According to the authors, the rapid, effective and comprehensive development of the system of cooperation and integration in the regions of the Republic of Tajikistan should be a prerequisite for successfully solving the problems of efficient use of resources and a way to reduce poverty, protect and develop rural infrastructure, increase food security, and generally increase the efficiency of the economy. strengthen the region.*

***Keywords:*** *development, integration, sectors, effective, use, labor orders, agriculture, industry, cotton growing, cotton agroholding, rapid development, poverty level, protection and development of rural infrastructure, increasing food security, high, lift, efficiency, region.*

УДК: 338.001.36

# ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПО РЕЙТИНГУ «DOING BUSINESS»

**АСЛОНОВ СУЛАЙМОН МАХКАМОВИЧ,**
кандидат экономических наук,
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 937-77-77-98. E-mail: sulaymon-aslonov@mail.ru

*В статье рассмотрена проект «Ведение бизнеса» посвящённой анализу деятельности национальных, прежде всего малых и средних предприятий, на протяжении всего их жизненного цикла — от создания и до ликвидации, а также оценке государственного регулирования их деятельности.*

*Рейтинг Республики Таджикистан с 2016-2020 гг. по показателю благоприятности ведения бизнеса, а также данные по десяти индикаторам регулирования предпринимательской деятельности.*

*Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан об функционировании и развитии предпринимательства, улучшении инвестиционного климата, расширения процесса цифровизации, финансового доступа и поддержки предпринимательства.*

***Ключевые слова****: Всемирный Банк, рейтинг, Doing Business, бизнес, исследования, индикатор, проект, регистрация, благоприятность, Налоговый кодекс, НСР-2030, Маджлиси Оли, Послание, Законы Республики Таджикистан, Всемирная торговая организация.*

Всемирный Банк ежегодно публикует рейтинг Doing Business, отражающий сложность открытия и ведения собственного бизнеса в разных странах мира. Данный рейтинг непосредственно отображает уровень бизнес-климата в стране, что влияет на приток инвестиций и позитивно сказывается на уровне жизни государства.

Ведение бизнеса (Doing Business) — глобальное исследование и сопровождающий его рейтинг стран мира по показателю создания ими благоприятных условий ведения бизнеса, который выпускается группой Всемирного банка (World Bank Group).

Проект «Ведение бизнеса» посвящён анализу деятельности национальных, прежде всего малых и средних предприятий, на протяжении всего их жизненного цикла — от создания и до ликвидации, а также оценке государственного регулирования их деятельности. Исследование позволяет объективно оценить нормативно-правовые акты, регулирующие предпринимательскую деятельность на национальном уровне, и обеспечение их соблюдения в исследуемых странах (и отдельных городах) на субнациональном и региональном уровнях.

Определённое назначение проекта: дать объективную основу для понимания и совершенствования систем нормативно-правового регулирования предпринимательской деятельности по всему миру. Авторы исследования считают, что в системах с прозрачными и эффективными нормами регулирования предпринимательской деятельности доступ к деловым возможностям в меньшей степени обусловлен личными связями или специальными привилегиями, а большая часть экономической деятельности осуществляется в формальном секторе экономики, где она может пользоваться надлежащим регулированием и налогообложением. При этом подразумевается, что для ведения хозяйственной деятельности требуются качественные правила, которые являются прозрачными и могут использоваться всеми

экономическими субъектами. Результаты исследования способствовали дебатам по вопросам экономической политики во многих государствах и сделали возможным появление всё большего числа исследований, изучающих взаимосвязь регулирования на уровне компаний с показателями развития экономики разных стран.

В рамках исследования осуществляется сбор и анализ всесторонних количественных данных для сопоставления условий регулирования предпринимательской деятельности между странами, тем самым проект побуждает государства к более эффективному регулированию, обеспечивает измеримые ориентиры для проведения реформ и служит ресурсом для учёных, журналистов, исследователей из частного сектора и других лиц, интересующихся деловым климатом в каждой стране. В проекте участвуют более 7000 экспертов в разных странах мира — консультанты по вопросам предпринимательской деятельности, юристы, экономисты, представители правительств, а также ведущие учёные разных стран, оказывающие методическую и экспертную помощь.

Рейтинг составляется на основании 10 индикаторов регулирования предпринимательской деятельности, учитывающих время и стоимость выполнения предпринимателем требований государства по регистрации нового предприятия, деятельности предприятия, ведению торговых операций, обеспечению исполнения контрактов, налогообложению и закрытию предприятия. Каждый индикатор имеет равный вес. Таким образом, бизнес-среда стран мира рассматривается без учета политических аспектов, исключительно на уровне государственного регулирования. В итоговом рейтинге все страны ранжируются по уровню благоприятных условий ведения бизнеса с 1 до 189 места. Текущий рейтинг отображает ситуацию за 2016 - 2020 годы.

Таблица 1, содержит сводный рейтинг Республики Таджикистан по показателю благоприятности ведения бизнеса, а также данные по десяти индикаторам регулирования предпринимательской деятельности:

1. Процесс регистрации предприятий.
2. Процесс получения разрешений на строительство.
3. Процесс подключения к системе электроснабжения.
4. Процесс регистрации собственности.
5. Кредитование.
6. Защита инвесторов.
7. Налогообложение.
8. Международная торговля.
9. Обеспечение исполнения контрактов.
10. Процесс ликвидации предприятий.

Индикаторы указаны в таблице под своими номерами, соответственно — от 1 до 10. [2]

Таблица 1. Сводный рейтинг Республики Таджикистан по показателю благоприятности ведения бизнеса. [1]

| **Годы** | **Место в мире** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 132 | 57 | 152 | 177 | 102 | 109 | 29 | 172 | 132 | 54 | 147 |
| 2017 | 128 | 85 | 162 | 173 | 97 | 118 | 27 | 140 | 144 | 54 | 144 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2018 | 123 | 57 | 136 | 171 | 90 | 122 | 33 | 132 | 149 | 54 | 148 |
| 2019 | 126 | 60 | 135 | 173 | 91 | 124 | 38 | 136 | 148 | 61 | 146 |
| 2020 | 106 | 36 | 137 | 163 | 77 | 11 | 128 | 139 | 141 | 76 | 153 |

***Рисунок 1. Показатель благоприятности ведения бизнеса в Республики Таджикистан за 2016 год.***




***Рисунок 2. Показатель благоприятности ведения бизнеса в Республики Таджикистан за 2017 год.***




***Рисунок 3. Показатель благоприятности ведения бизнеса в Республики Таджикистан за 2018 год.***




***Рисунок 4. Показатель благоприятности ведения бизнеса в Республики Таджикистан за 2019 год.***




*Рисунок 5. Показатель благоприятности ведения бизнеса в Республики Таджикистан за 2020 год.*




*Рисунок 6. Показатели развития предпринимательской деятельности и частного сектора в Республике Таджикистан за апрель 2021 и апрель 2022 гг. [3].*




*Исходя из вышеуказанных рисунков и таблицы четко видно, что ситуация по развитию бизнеса в республике с 2016 года по 2021 года улучшается.*

Для улучшения социально-экономического положения в Республике Таджикистан с 1 января 2022 года вступила в силу новая редакция Налогового кодекса. Теперь в стране существует 6 видов взимаемых налогов, стандартная ставка НДС снижена с 18% до 15%, ставка социального налога снижена с 25% до 20% (для не бюджетных организаций), налогооблагаемый доход физического лица-резидента по основному месту работы свыше размера личного вычета облагается налогом по ставке 12%, в место 13%.

Для ускорения регистрации - ликвидации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей в республике при Налоговом Комитете был создан «Единое окно». Внедрение принципа «Единого окна» для государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей заключается в уменьшении бюрократизма во время прохождения регистрации и улучшения условий для развития предпринимательства. После введения в действие Закона «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» для прохождения регистрации достаточно будет обратиться лишь в налоговый Комитет.

Из предусмотренных ранее 13 процедур порядка регистрации останутся только три. Также значительно уменьшилось количество документов, представляемых при регистрации. Теперь процесс регистрации будет занимать не 49 дней, как было, а всего 5 дней для юридических лиц и 3 дня для индивидуальных предпринимателей. Данный закон призван облегчить начало предпринимательской деятельности.

В Республике Таджикистан созданы благоприятные условия для привлечения иностранных инвестиций, поддержки рыночных структур и развития коммерческой, финансовой и банковской системы.

Как, сообщил 1 августа 2022 года Председатель Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан Саъди Кодирзода, на пресс-конференции: «За первую половину 2022 года в Таджикистане привлечены инвестиции в объёме более $173 млн, что на 50% больше, чем в первом полугодии 2021 года. Из них прямые инвестиции составили $100,6 млн, что в 2,1 раза больше, чем за аналогичный период прошлого года. Всего на сегодняшний день в Таджикистане действуют 80 инвестпроектов на сумму 42 млрд сомони». [6]

Сделан огромный шаг в сторону углубления экономических реформ, реконструкции национальной экономики, укрепления и развития международных связей и глубокой интеграции в мировую экономику.

Законы Республики Таджикистан «Об инвестициях», «О внешнеэкономической деятельности», «Об акционерных обществах», «О концессиях», «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей», «Об обществах с ограниченной ответственностью» обеспечивают защиту прав, интересов имущества иностранных инвесторов, создают прочную правовую основу для осуществления коммерческой деятельности, стимулируют участие иностранных инвесторов в приватизации объектов национальной экономики на равных правах с гражданами Таджикистана. Иностранным инвесторам и предприятиям с иностранными инвестициями предоставлены права осуществлять любые виды деятельности, не запрещенные законодательством Республики Таджикистан, реинвестировать прибыль, предоставлены права пользования землей, включая ее аренду.

Вхождение Таджикистана в столь престижную международную организацию во Всемирную торговую организацию (ВТО) само по себе является положительным фактом. Оно привело к кардинальному реформированию всех отраслей экономики.

Основным условием нахождения своего места в данной организации является конкурентоспособность товаров, а также оказываемых услуг. Другим немаловажным условием является защита отечественного производителя, и усиление его экспортного потенциала. Этот аспект можно отнести как положительный пример вступления.

После вступления в ВТО, несмотря на влияние внешних факторов, возникающих в результате экономического и финансового кризисов, а также последствий пандемии, Таджикистану все же удалось добиться значительного экономического роста.

Одним из элементов обеспечения стабильности и устойчивого развития внутренней экономики, является формирование системы защиты всех форм собственности через создание обоснованных и понятных условий и гарантий для предпринимательской деятельности, сглаживание факторов, способствующих дестабилизации ситуации (в частности: формирование и обеспечении реализации соответствующей законодательной и нормативно-правовой базы; борьба с криминальными и коррупционными структурами в экономике; недопущение критических дисбалансов в распределении доходов, грозящих вызвать социальные потрясения и др.).

Следует отметить, что за годы независимости Республики Таджикистан, с целью формирования предпосылок для устойчивого социально-экономического роста, по инициативе и при всесторонней поддержке Президента страны Эмомали Рахмона были разработаны и приняты Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (НСР-2030) и Программа среднесрочного развития Таджикистана на 2016-2020 годы (ПСР 2016-2020). [4]

В Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан неоднократно поднимались вопросы
поддержки инвестиции, цифровой экономике и предпринимательству.

Так, в Послании от 21 декабря 2021 года отмечено, что «Различные формы собственности были признаны основой экономики Таджикистана, и была дана гарантия свободной экономической деятельности, предпринимательству, равноправию и защите прав собственников.

В период независимости четыре раза был принят и осуществлен закон об амнистии в связи с легализацией денежных средств и имущества граждан и юридических лиц, что оказало положительное влияние на инвестиционный климат и развитие предпринимательской деятельности.

Для восстановления парализованной системы государственного управления, начала процесса постконфликтного восстановления, осуществления других структурных изменений и определения в дальнейшем различных форм собственности, создания благоприятных условий для предпринимательства и инвестирования, формирования бюджетной, налоговой и денежно-кредитной системы, развития реальных сфер экономики и социального блока было осуществлено много эффективных мер.

В период независимости государством и Правительством особое внимание придается развитию предпринимательства и инвестированию, и до сегодняшнего дня предпринимателям и инвесторам было предоставлено более 110 налоговых и таможенных льгот, а количество структур, осуществляющих государственную регистрацию предпринимательской деятельности было сокращено с 4 до 1, сроки регистрации с 49 дней до 3-5, причем на бесплатной основе.

Поэтому необходимо принять решительные меры для увеличения льготных долгосрочных кредитов, в особенности для производственного предпринимательства,

оказания качественных услуг с использованием цифровых технологий и полного перехода к безналичному расчету, а также для большего привлечения внутреннего и зарубежного капитала в банковскую систему.

Также до конца 2022 года необходимо наладить процесс регистрации субъектов предпринимательства в течение 24 часов, в том числе в электронном виде».

**Литература**


1. https://nonews.co/directory/lists/countries/doing-business.
2. https://gtmarket.ru/ratings/doing-business.
3. https://investcom.tj/ru/biznes/170-pokazateli-razvitija-predprinimatelskoj-dejatelnosti-i-chastnogo-sektora-v-respublike-tadzhikistan.html.
4. Аслонов С.М., Рейтинг стран Средней Азии по уровню экономической свободы / Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Государственное управление, 2021 / №4 (53). – с. 73 – 79.
5. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», город Душанбе, 21.12.2021 года - http://prezident.tj/ru/node/27418.
6. https://t.me/asiaplus/40272.


## ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МУВОФИҚИ РЕЙТИНГИ "DOING BUSINESS"


**АСЛОНОВ СУЛАЙМОН МАХКАМОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
Академияи идоракунии давлатӣ назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 937-77-77-98. E-mail: sulaymon-aslonov@mail.ru



*Дар мақола лоиҳаи «Пешбурди тиҷорат» бахшида ба таҳлили фаъолияти корхонаҳои миллӣ, пеш аз ҳама хурду миёна дар тамоми давраи ҳаёти онҳо - аз таъсис то барҳамдиҳӣ, инчунин баҳодиҳии танзими давлатии фаъолияти онҳо баррасӣ шудааст.*

*Рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 аз чихати осонии пешбурди сохибкор, инчунин маълумот оид ба дах нишондихандахои танзими сохибкори.*

*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият ва рушди соҳибкорӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, тавсеаи раванди рақамисозӣ, дастрасии молиявӣ ва дастгирии соҳибкорӣ.*



***Калидвожаҳо:*** *Бонки Ҷаҳонӣ, рейтинг, Пешбурди тиҷорат, тиҷорат, тадқиқот, нишондиҳанда, лоиҳа, бақайдгирӣ, баракат, Кодекси андоз, СМР-2030, Маҷлиси Олӣ, Паём, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат.*


## BUSINESS ACTIVITIES ACCORDING TO THE “DOING BUSINESS” RATING


**ASLONOV SULAYMON MAKHKAMOVICH,**
Candidate of Economic Sciences
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 937-77-77-98. E-mail: sulaymon-aslonov@mail.ru



*The article considers the project* “Promotion of business” *dedicated to the analysis of the activities of national, primarily small and medium-sized enterprises, throughout their entire life cycle - from creation to liquidation, as well as the assessment of state regulation of their activities.*

*Rating of the Republic of Tajikistan from 2016-2020 in terms of easy-promoting of business, as well as data on ten business regulation indicators.*

*Message from the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on the functioning and development of entrepreneurship, improving the investment climate, expanding the digitalization process, financial access and support for entrepreneurship.*

***Key words:*** *World Bank, rating, Promotion of business, business, research, indicator, project, registration, auspiciousness, Tax Code, NDS-2030, Majlisi Oli, Message, Laws of the Republic of Tajikistan, World Trade Organization.*

УДК: 338.48

# ТАШКИЛИ ТУРИЗМ ВА МУАССИСАХОИ ДЕҲОТӢ - АСОСИ НЕКУАҲВОЛИИ ҶАМЪИЯТ

**САМИЕВ ТОЛИБҶОН ОБИДҶОНОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 907-11-99-11. E-mail: samijon0688@mail.ru
**МИРЗОЕВА ДИЛНОЗА ТОЛИБҶОНОВНА,**
ассистенти кафедраи иқтисодёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел: (+992) 937-51-04-06. E-mail: dilnozamirzoeva23@gmail.com

*Мақолаи мазкур самти афзалиятнокии соҳаи туризм, ки дар пешрафти рушди устувор, ҳамчун як омили пешбарандаи иқтисодиёти мамлакат баҳогузори шудааст. Дар солҳои наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои саноати устувори сайёҳӣ эътироф гардида, дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ эътироф мегардад. Саҳми сайёҳӣ дар ММД назаррас буда, туризм дар таъсиси ҷойҳои корӣ дар шаҳру навоҳии дурдасти кишвар нақши муҳим дорад.Тайи солҳои охир рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвари мо аз кишвари сайёҳии саргузашти экологӣ ва сайёҳӣ ба кишвари сайёҳии таърихию фарҳангӣ, табобатӣ ва рекреатсионӣ, туризми саноатӣ, тиҷоратӣ ва тиҷоратӣ табдил ёфтааст. Дараҷа ва сифати хизматрасонӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.*

*Ҳадафи ниҳоии Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳии кишвар мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи наҷиб ҳадафҳои зерини стратегии рушд муайян карда шудаанд:*
*- ташаккули заминаи институтсионалии рушди туризм;*
*- ташаккули инфрасохтори муосири сайёҳӣ;*
*- таҳкими иқтидори туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили дурусти тарғиби ҳамаҷонибаи он ба некӯаҳволии ҷомеа.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди сайёҳӣ, туризми саноатӣ, минтақа, иқтисодиёт, идоракунӣ, рушди маҳал, сармоягузорӣ, рушди устувор, маблағгузории экологӣ ва сайёҳӣ*

Падидаи барҷаста дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли ҷорӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва халқӣ” мебошад.

Ҳадафи аслии ин пешниҳод амалисозии талошҳои ҳукумати кишвар барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардум аст.

Илова кардани рушди деҳот ба рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мантиқан хеле саривақтӣ ва бамаврид аст, зеро ҳам ҳунарҳои мардумӣ ва ҳам сайёҳӣ бидуни рушди деҳот муваффақ буда наметавонад. Ва аз хама чолиб ва мухими ин ташаббус дар он аст, ки дар як муддати кутох дехахои мамлакати мо симои худро дигар карда, ободу зебо мегарданд ва сатхи зиндагии мардум сазовортар мегардад. Яъне, тавре ки дар Паём омадааст, ҳадаф «беҳбуди инфрасохтор, пеш аз ҳама дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини аҳолии деҳот бо оби хушсифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷоҳҳо мебошад. -будани ҳар деҳаву шаҳрак» [1].

Дар солҳои наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои саноати устувори сайёҳӣ эътироф гардида, дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ эътироф мегардад. Саҳми сайёҳӣ дар ММД назаррас буда, туризм дар таъсиси ҷойҳои корӣ дар шаҳру навоҳии дурдасти кишвар накши муҳим дорад. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ,

имтиёзҳои махсуси андоз ва гумрукӣ ба рушди инфрасохтори роҳҳо, меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳҳо, маҷмааҳои сайёҳӣ, инчунин шароит ва инфрасохтори нақлиётию логистикӣ барои ташаккул ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунарӣ равона карда мешавад. кишвари дорои иқлиму табиати нотакрор. Муҳоҷирати меҳнатӣ коҳиш ёфта, ҷойҳои корӣ ташаккули табақаи миёнаро дар деҳот таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, 11 июли соли 2015, № 522 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Консепсияи идоракунии рушди маҳаллӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид, ки дар он вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- таҳкими иқтидори мақомоти идораи давлатӣ ва худидоракунӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ ва идоракунӣ тавассути таълим ва бозомӯзии кадрҳои онҳо;
- баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ;
- навсозии системаи таъминоти иттилоотии мақомоти иҷроия тавассути ҷорӣ намудани унсурҳои ҳукумати электронӣ;
- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳияи заминаи методологии такмили низоми мавҷудаи назорат, раванди хариди давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ, механизми маблағгузории равандҳои маъмурию идоракунӣ аз манбаъҳои беруна (аутсорсинг);
- таъсиси низоми мониторинги амалисозии Консепсияи мазкур;
- оптимизатсияи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои вокуниш ба муқобили коррупсия дар соҳаҳои фаъолияти мақомоти маҳаллӣ.

Инчунин, бо мақсади дақиқ тақсим ва ба низом даровардани ваколатҳо оид ба ташаккули қисми даромад ва хароҷоти буҷет дар сатҳи маҳаллӣ зарур аст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи вазифаҳои функсионалии онҳо маблағгузорӣ карда шаванд. ахолии кишлок хисса мегузорад.

Тайи солҳои охир рушди сайёҳӣ дар кишвари мо аз кишвари сайёҳии саргузаштӣ, экологӣ ва сайёҳӣ ба кишвари сайёҳии таърихию фарҳангӣ, табобатӣ ва рекреатсионӣ, туризми саноатӣ, тиҷоратӣ ва тиҷоратӣ табдил ёфтааст. Дараҷа ва сифати хизматрасонӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ҳадафи ниҳоии Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳии кишвар мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи наҷиб ҳадафҳои зерини стратегии рушд муайян карда шудаанд:

- ташаккули заминаи институтсионалии рушди туризм;
- ташаккули инфрасохтори муосири сайёҳӣ;
- таҳкими иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили дурусти таблиғи ҳамаҷонибаи он;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти туристӣ дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ;
-ташаккул ва муаррифии бренди миллии объектҳои туристӣ - Маркетинг ва пешбурди маҳсулоти туристӣ, ҳифз, рушд ва истифодаи оқилонаи захираҳо.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қарор дар бораи эълон намудани ноҳияҳои Варзобу Балҷувон ва дараи Ромит ҳамчун минтақаи табобатию санатории, истироҳати ва туризм.
Мақсади асосии танзими барнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани комплекси замонавии муосир ва ракобатпазири туристии таъминкунанадаи имкониятҳои васеъ барои қонеъ сохтани талаботҳои шаҳрвандони ҷумҳури ва шаҳрвандони хориҷи дар хизматрасониҳои гуногуни туристи таҳияи механизмҳои

иқтисодию ҳуқуқии дастгирии афзалиятноки туризми дохили ва воридшаванда, таъмини ҷалби устувори асъори хориҷи ба иқтисодиёти кишвар, рушди бахшҳои омехтаи иқтисодиёт мебошад.

Вазъи муосири дараи Ромит ҳамагӣ 20 км дуртар аз ҷониби шарқии шаҳри Душанбе дар болооби дарёи Кофарниҳон дараи хушманзараи сабзи Ромит ҷойгир аст. Дара аз номи деҳаи зебои Ромит, ки дар соҳили рости сардаи миёна (ҷой ҳамроҳшавии он ба дарёи Кофарниҳон ҷойгир аст) гирифта шудааст. Нуктаи поёнии дараи Ромит тақрибан дар баландии 1176 метр ҷойгир буда ва нуқтаи аз ҳама баландтаринаш аз сатҳи баҳр 3195 метрро ташкил медиҳад. Ин минтақа бо нишебиҳои бузург, даштҳои танг, чуқурию ғорхо, ва пастхамиҳо иҳота шудааст. Куҳҳо бошанд аз харсангҳои азимҷусса ва сангпораю сангрезаҳо ташкил ёфтааст.

Релеф ва иқлими минтақаи Ромит. Релеф ва минтақа ба нишебаҳои бузург, даштҳои танг ва чуқуриву пастхамиҳо иҳота шудаанд. Аз ин лиҳоз релефи ин минтақа ноустувор мебошад. Агар ба боло ба ҷониби соҳили дарёи Сардаи миёна назар афканен дар роҳ қишлоқҳои: Хушан, Поён, Пешандоз, Вистон, Дашти-мазар ва ғайра аз тарафи чапи соҳили дарёи Сарбо қишлоқҳои Яфраз, Товиши поён, Варва, Днепрро мебинед ва зебогии кӯҳҳо ва эҳсосоти нотакрори табиати минтақаро дарк менамоем. Дара яке аз мамнуҳгоҳҳои машхури Тоҷикистон мамнунгоҳи Ромит ҷойгир аст, ки соли 1951 дар масофаи 16,1 ҳазор га ташкил шудааст. Мамнуҳгоҳи Ромит ба намуди секунҷа монанди дорад.Иқлими ин минтақа ба қисми қаторкуҳҳои Ҳисор таалуқ дорад. Миқдори боришот дар нимсола ба 800-1000 мм расида шумораи зиёди он ба фасли зимистону баҳор рост меояд, боронгарии хеле кам ба назар мерасад. Қабатҳои барфҳо аз охири моҳҳои ноябр то моҳи март меистад. Ҳарорати солонаи ҳаво ба 9,8 градус селсия тақсим мешавад (дар моҳи июл-август +38С) ба кайд гирифта шуда, минимали бошад (дар моҳҳои декарб-январ -30С) ба қайд гирифта шудааст.

Нишондодҳои иқтисодии минтақаи Ромит. Минтақаи Ромит ҷамоатҳои деҳоти Баҳор, Симиганг, Ҷӯёнгарон ва Ромитро дар бар мегирад. Ин минтақа 76199 нафар аҳоли дорад. Дар ин минтақа 54 мактабҳои таҳсилоти ҳамагони ва 4 кӯдакистон арзи вуҷуд дошта дар онҳо 16323 нафар хонандагону кӯдакон таълиму тарбия мегиранд, ки ба онҳо 911 нафар омӯзгорону мурабияҳо сабақ меомӯзонанд. Сокинони ин минтақа аз 6 беморхонаи ҷумҳуриявию минтақави, 29 дармоногоҳҳою пунктҳои тиббӣ истифода мебаранд. Корхонаҳои мадани - равшанномаи дар 15 хонаҳои маданият, клубу китобхонаҳо вобаста ва талаби рӯз ба рӯз монда шудааст. Дар ҷамоати деҳоти Баҳор, Симиганҷ, Ҷӯёнгарон ва Ромит 6067- нафар нафақагирон ба қайд гирифта шудааст

Вобаста ба сахлияашон ба деҳқонон дар ҷамоати деҳоти Баҳор 36 хоҷагии деҳқон дар майдони 47,5 гертар, ҷамоати Симиганҷ 65 хоҷаги деҳқони дар майдони 73 гектар, ҷамоати деҳоти Чулнгаран 62 хоҷаги деҳқони дар майдони 71,1 гектар замин ҷудо карда шуда , дар ин хоҷагиҳо 815 нафар одамон ба ҷои кор тамин мебошанд. Дар ин минтақа гармхонаи тобистон, фабрикаи парандапарвари, заводи консервабарори, идораи занбури асалпарвари, хоҷагиҳои ҷангали Кофарниҳон, Ромит, боғи педагоги, истироҳгоҳи кумитаи фарханг, истироҳгоҳи Точикстройиндустрия, Ховар, Роҳи оҳан, Комбинати орд, Явраз, лагерҳо, деҳаҳои Нозирообод, Личак, Шоразм, Гулнгарон, Ёс, Тисеман, Ромитро дар бар мегиранд ба заводи шарбатбарори арзи вучуд дорад. Хоҷагиҳо ва корхонаҳои ин мавзеъ 2800 га замини иштшаванда аз ҷумла 20-60 га замини оби, 580 га замини боғот ва 170 токзорро ихтиёрдори менамоянд.

Хоҷагиҳо барои 457 сар чорвои калони шохдор, 2311 сар чорвои майда ва 155 сар асп мебошанд,ки ғайр аз ин меҳмонхонаҳо тарабхонаҳои замонави низ вуҷуд

доранд. Дар ин минтақа гармчашмаи шифоии Зайрон ҷойгир аст, шабакаи барқи шаҳр хатҳои баландтарро ба истифодадодаст.

Дар маркази дехаи Ёз, Явраз ва шахраки Ромит шхона,магозаи молҳои ниёзи мардум , чойхона ба истифода дода шудааст. Нохияи Варзоб аз чануб бо нохияхои тулии дарёи Зарафшон буда хамсархад мебошад ,аз тарафи шимол бо дараи Ромит, аз тарафи шимолу шарк ибо кишлоки Рохати ва шахри Вахдат хамсархад аст. Иклими дараи Варзоб. Иклими дара континенти муътадил мебошад. Харорати миёнаи январ дар кисми миёнакух аз -1с то -7с, кисмати баландкух -11,1с, июл мувофикан 24,2 ва 9,7с гарм мебошад. Боришоти солона 1600-1800мм мебошад. Давраи сербориш ноябр июн мебошад.

Иктисодиёти нохияи Варзоб Сохаи асосии иктисодиёти нохияи Варзоб туризм ва хочагии дехот мебошад.

Қисми асосии мачмуи махсулоти миллии нохияро сохаи хочагии кишлок ва хизматрасони ишгол мекунад. Инчунин сохтори МММ-и ин нохия дар мудати 5-соли охир тагир наёфтааст. Илова бар ин махсулоти хочагии кишлок дар ММД бо дигар сохахои ин нохия баробар афзоиш меёбад. Инчунин хачми мачмуи махсулоти дохили нохия дар давоми 12 мохи соли сипаришуда 11млн 642 хазору 100 сомониро ташкил намуд, ин нисбат ба хамин давра соли 2005 ба маблаги 1млн 380 хазору 300 сомони зиёдаст.

Дар бораи барномаи рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилали дар давраи соли 2002 -2012 Ба мақсади тадбиқи қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва аз 3 ноябри соли 2001 таҳти раками 498 «Дар бораи минтақаи байналмилали эълон намудани ноҳияи Балҷувон», Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи замимакунии рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаҳои туризми байналхалки дар давраи солҳои 2002 -2012 тасдик карда шавад.

2. Раисони вилояти Хатлон ва ноҳияи Балҷувон дар ҳамкори бо вазорату идораҳои Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон , ки барои тадбики барномаи мазкур ҷалб гардидаанд,иҷрои тадбирҳои пешбинишударо таъмин намояд.

Дар марҳилаи ҳозираи пешрафти ҷомеа инкишофи туризми байналмилали бояд яке за самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷиистон ба ҳисоб равад.

Мавҷуд будани иқтидори байни захирави, ки дар табиати зебои нотакрор, шароити мусоиди иқлими ёдгориҳои фарҳангию таърихии қадимаи кишвар ифода меёбанд, барои инкишофи туризми байналмиллали, бо дарназардошти ҳалли масоили ташкили соҳа аз ҷониби сохторҳои давлати, заминаи боэътимод шуда метавонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарназардошти муҳими проблемаи мазкур ба қарори худ аз 3 январи соли 2001 таҳти раками №498 ҳудуди ноҳияи Балҷувонро минтақаи туризми байналмиллали минтақаи туризми байналмилали эълон намуд, ки ин ба инкишофи туризми минтақа асос гузошт.Ба қабули қарори мазкур барои беҳтар кардани шароити ичтимоию иқтисодии ноҳияи Балҷувонро минтақаи туризми байналмилали.

## Адабиёт


1. Паёми президенти ҶТ ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ 26 декабри соли 2018;

2. Сомонаи интернети Ховар;

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017;

4. Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» 25 марти соли 2011, № 702. http:// www.minfin.tj
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 1992;
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, к-1, К-2, к-3,соли 1999;
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо 5 сентябри соли 2013, №902
8. Дастурамал дар бораи ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андози даромад аз шахсони воқеӣ, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта нашудааст. Душанбе - 2005. http:// www.minfin.tj
9. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методаҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе - 2011. http:// 10. www.minfin.tj
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм.

## ФОРМИРОВАНИЕ ТУРИЗМА И СЕЛЬСКИХ УЧРЕЖДЕНИЙ - ОСНОВА БЛАГО

**САМИЕВ ТОЛИБДЖОН ОБИДДЖОНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета. С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 93-106-86-86. E-mail: samijon0688@mail.ru
**МИРЗОЕВА ДИЛЬНОЗА ТОЛИБДЖОНОВНА,**
ассистент кафедры экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета. С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел: (+992) 937-51-04-06. E-mail: dilnozamirzoeva23@gmail.com

*В данной статье оценивается приоритетное направление сферы туризма, которая является движущим фактором экономики страны, в процессе устойчивого развития. В ближайшие годы Республика Таджикистан будет признана страной со стабильной туристической отраслью и получит признание на региональном и глобальном уровне. Вклад туризма в ВВП значителен, и туризм играет важную роль в создании рабочих мест в отдаленных городах и регионах страны.В последние годы развитие туризма в нашей стране изменилось от страны экологического и приключенческого туризма к страна историко-культурного, лечебно-оздоровительного туризма, промышленного туризма, стала коммерческой и коммерческой. Уровень и качество обслуживания соответствует требованиям международных стандартов.*

*Конечной целью Стратегии развития туризма Республики Таджикистан на период до 2030 года является обеспечение устойчивого развития туристического сектора страны. Для достижения этой благородной цели определены следующие стратегические цели развития:*
*- формирование институциональной основы развития туризма;*
*- формирование современной туристической инфраструктуры;*
*- укрепление туристского потенциала Республики Таджикистан и правильная организация его всестороннего продвижения на благо общества.*

***Ключевые слова:*** *развитие туризма, промышленный туризм, регион, экономика, управление, местное развитие, инвестиции, устойчивое развитие, экологическое финансирование и туризм.*

## FORMATION OF TOURISM AND RURAL INSTITUTIONS - THE

**BASIS OF GOOD**

**SAMIEV TOLIBJON OBIDJONOVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Management, Tajik State Pedagogical University. С.Айнй.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 93-106-86-86. E-mail: samijon0688@mail.ru
**MIRZOEVA DILNOZA TOLIBJONOVNA,**
Assistant of the Department of Economics and Management,
Tajik State Pedagogical University. С.Айнй.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 937-51-04-06. E-mail dilnozamirzoeva23@gmail.com

*This article assesses the priority direction of the tourism sector, which is the driving factor of the country's economy, in the process of sustainable development. In the coming years, the Republic of Tajikistan will be recognized as a country with a stable tourism industry and will receive recognition at the regional and global level. The contribution of tourism to GDP is significant, and tourism plays an important role in creating jobs in remote cities and regions of the country. In recent years, the development of tourism in our country has changed from a country of ecological and adventure tourism to a country of historical, cultural, medical and health tourism, industrial tourism , became commercial and commercial. The level and quality of service meets the requirements of international standards.*

*The ultimate goal of the Tourism Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 is to ensure the sustainable development of the country's tourism sector. To achieve this noble goal, the following strategic development goals have been defined:*

*- formation of the institutional framework for the development of tourism;*

*- formation of modern tourism infrastructure;*

*- strengthening the tourism potential of the Republic of Tajikistan and the proper organization of its comprehensive promotion for the benefit of society.*

***Key words:*** *tourism development, industrial tourism, region, economy, management, local development, investment, sustainable development, environmental finance and tourism.*

УДК: 338.1

# ЗАХИРА ВА УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ВА САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОНҲО

**ДАВЛАТОВ ХУРШЕД,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.
**ЁРОВ ҚИЁМИДДИН ТОҲИРОВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.

*Дар мақолаи мазкур муаллифон ои ба захира ва устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ ва сарчашмаҳои ташаккулёбии онҳо маълумот ҷамъоварӣ намудаанд. Инчунин, муаллифон дар мақола худ қайд намудаанд, ки захираҳои молиявии корхона ин ҳамаи даромадҳои пулиест, ки дар корхона ҷамъ шуда, барои иҷрои уҳдадориҳои молиявии корхона, хароҷот оид ба васеъкунии такрористеҳсол ва ташаккули фондҳои корхона истифода мешавад. Захираҳои молиявии корхона аз ҳисоби маблағҳои худӣ, ҷалби захираҳо дар бозори молиявӣ, воридоти маблағҳои пулӣ дар шакли сармоягузорӣ, қарзҳо ва ғайра ташкил карда мешавад.*

*Дар баробари ин, қайд намудаанд, ки сармояи оинномавӣ сармояи ибтидоиест, ки ба корхона барои амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ – хоҷагидорӣ бо мақсади гирифтани фоида зарур мебошад.*

*Сармояи иловагӣ дар ҷараёни афзоиши арзиши амвол, ки дар натиҷаи аз нав нархгузорӣ муайян гаштааст; гирифтани даромади эмиссионӣ (аз барориши иловагии саҳмияҳо, фурӯши саҳмияҳо зиёда аз нархи номиналиашон); ба таври бебозгашт гирифтани арзишҳо ва ё амвол аз корхонаҳо ва шахсони дигар пайдо мешавад.*

*Фоида натиҷаи молиявии фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ, яъне барзиёдии даромад нисбати хароҷот аст.*

*Аз ҳисоби фоидаи корхона фонди эҳтиётӣ ва фонди истеъмолӣ ташкил дода мешавад.*

*Захираҳои молиявии худии корхонаҳо – ин маҷмӯи даромадҳои худӣ ва воридоти пулии аз берун ба корхона (воситаҳои қарзӣ ва ҷалбгардида), барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ, маблаггузориҳои хароҷоти ҷорӣ ва хароҷот оид ба васеъ намудани истеҳсолот алоқаманд мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *корхона, захираҳои молиявӣ, даромад, қарз, молиявӣ, сайёҳӣ, иқтисодӣ, омор, шаҳодатнома, фурӯши мол, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ.*

Дар ҳамаи низомҳои иқтисодӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодёт корхонаҳое маҳсуб мешаванд, ки дар соҳаи худ самаранок фаъолият намуда, рақобатпазирии худро дар бозорҳои ватанию хориҷӣ таъмин карда метавонанд. Онҳо барои самаранок амалисозии фаъолияти хоҷагидорӣ, истеҳсоли маҳсулот, ба даст овардани даромадҳо ва андухти пасандоз бояд иқтидори захиравии муайянро доро бошанд ва саривақт фаъолияташонро бо захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, техникӣ ва иттилоолӣ таъмин намоянд.

Дар низоми иқтидори захиравии корхонаҳои саноатӣ нақши захираҳои молиявӣ бештар аст, махсусан барои корхонаҳои навтаъсис, чунки ташаккулёбии ҳамаи дигар захираҳо аз он вобастагии зиёд дорад.

Маҳз дар ҳаҷми кофӣ мавҷуд будани захираҳои молиявӣ, истифодаи самаранокии онҳо вазъи умумии корхона, қобилияти пардохткунӣ доштан, устувории молиявӣ ва рақобатпазириро муайян месозанд. Дар робита бо ин, вазифаи муҳими корхонаҳо

пайдо намудани имкониятҳои зиёдсозии захираҳои молиявӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо бо мақсади баландбардории самаранокии фаъолияти корхона мебошад.

Захираҳои молиявии корхона ин ҳамаи даромадҳои пулиест, ки дар корхона ҷамъ шуда, барои иҷрои ӯҳдадориҳои молиявии корхона, хароҷот оиди васеъкунии такрористеҳсол ва ташаккули фондҳои корхона истифода мешавад. Захираҳои молиявии корхона аз ҳисоби маблағҳои худӣ, ҷалби захираҳо дар бозори молиявӣ, воридоти маблағҳои пулӣ дар шакли сармоягузорӣ, қарзҳо ва ғайра ташкил карда мешавад.

***Захираҳои молиявии корхонаро аз рӯи нишонаҳои зерин тасниф менамоянд:***

1) аз рӯи сарчашмаи ташаккулёбӣ;
2) аз рӯи усулҳои ҷалбкунӣ.

Захираҳои молиявии корхонаҳо аз рӯи сарчашмаи ташаккулёбӣ ба се намуд ҷудо мешаванд: худӣ; ҷалбшуда; қарзӣ.

Аз рӯи усулҳои ҷалбкунӣ захираҳои молиявии дохилӣ ва берунии корхонаҳоро фарқ мекунанд.

Ба сарчашмаҳои худии ташаккулдиҳии захираҳои молиявии корхонаҳо инҳо дохил мешаванд:

- сармояи оинномавӣ;
- сармояи иловагӣ;
- фоида;
- фонди истеҳлок.

Сармояи оинномавӣ сармояи ибтидоиест, ки ба корхона барои амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ – хоҷагидорӣ бо мақсади гирифтани фоида зарур мебошад.

Сармояи иловагӣ дар ҷараёни афзоиши арзиши амвол, ки дар натиҷаи аз нав нархгузорӣ муайян гаштааст; гирифтани даромади эмиссионӣ (аз барориши иловагии саҳмияҳо, фурӯши саҳмияҳо зиёда аз нархи номиналиашон); ба таври бебозгашт гирифтани арзишҳо ва ё амвол аз корхонаҳо ва шахсони дигар, пайдо мешавад.

Фоида натиҷаи молиявии фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ, яъне барзиёдии даромад нисбати хароҷот аст.

Аз ҳисоби фоидаи корхона фонди эҳтиёти ва фонди истеъмол ташкил дода мешавад.

Захираҳои молиявии худии корхонаҳо – ин маҷмӯи даромадҳои худӣ ва воридоти пулии аз берун ба корхона (воситаҳои қарзӣ ва ҷалбгардида), барои иҷрои ӯҳдадориҳои молиявӣ, маблағгузориҳои хароҷоти ҷорӣ ва хароҷот оид ба васеъ намудани истеҳсолот алоқаманд мебошанд.

Бояд мафҳуми зеринро, ба монанди «сармоя» ҷудо намуд, - яъне як қисми захираҳои молиявии ба истеҳсолот гузошташуда, ки бо ба охиррасии гардиш корхонаро бо даромад таъмин менамояд. Ба маънои дигар, сармоя ҳамчун шакли табдилёфтаи манбаҳои молиявӣ баромад мекунад. Манбаҳои молиявии корхона аз нигоҳи ташкилёбиашон ба худӣ (дохилӣ) ва ҷалбгардида бо шартҳои гуногун (берунӣ) ҷудо мешаванд.

Манбаҳои молиявии худӣ – фоида ва тахсисоти истеҳлокро дарбар мегиранд. Бояд хотирасон кард, ки на ҳамаи фоидаи бавуҷудовардашуда дар ихтиёри корхона мемонад, балки як қисми он дар шакли андоз ва дигар пардохтҳо ба буҷет ворид карда мешавад. Фоидаи дар ихтиёри корхона боқимонанда бо қарори роҳбарият ба мақсади андӯхт ва истеъмол тақсим мегардад. Фоидаи ба андӯхт сафарбаршаванда барои тараққиёти истеҳсолот истифода гардида, рушди амволии корхонаро таъмин менамояд.

Фоидаи ба истеъмол сафарбаршаванда барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ истифода бурда мешавад.

Таҳсисоти истеҳлокӣ гуфта ифодаи пулии фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолӣ ва дороиҳои ғайримоддиро меноманд. Таҳсисоти истеҳлокӣ дорои тафсеҳоти дохила мебошад, онро аз як тараф ба арзиши аслии маҳсулот ҳамроҳ намоянд, аз тарафи дигар, дар ҳайати даромад аз фурӯши маҳсулот ба суратҳисоби корхона дохил менамоянд, ки сарчашмаи дохили истҳсолии маблағгузории такрористеҳсоли оддӣ ва васеъро ташкил медиҳад.

Манбаҳои молиявии ҷалбгардидаро ба гурӯҳҳои зерин - худӣ, қарзӣ ва маблағҳои аз буҷет ҷудокардашуда тақсим менамоянд. Тақсимоти мазкур вобастаи шаклҳои сармоягузорӣ аст. Агар маблағгузори берунӣ воситаи пулии худро ба сифати сармояи соҳибкорӣ сармоягузорӣ намуда бошад, он гоҳ натиҷаи чунин маблағгузорӣ ҷалби захираҳои молиявии худӣ мебошад.

Сармояи соҳибкорӣ – сармояи ба фонди оинномавии дигар корхона сармоягузоришуда мебошад, ки мақсади гирифтани фоида ва иштирок дар идораи онро дорад.

Сармояи қарзӣ ба корхона барои истифодабарии муваққатӣ бо шартҳои музднокию баргардонандагӣ ва муҳлатнокӣ дар намуди қарзи бонкӣ ба мӯҳлатҳои гуногун аз ҳисоби воситаҳои дигар корхонаҳо (дар шакли вексел ё вом) дода мешавад.

Маблағҳои аз буҷет ҷудокардашударо корхонаҳо метавонанд дар асоси бозгардонӣ ва бебозгашт истифода намоянд. Одатан, ин маблағ барои маблағгузории фармоишҳои давлатӣ, барномаҳои алоҳидаи инвеститсионӣ ва ё ба сифати дастгирии давлатии кӯтоҳмуддати корхона, ки истеҳсоли маҳсулоти он аҳамияти умумидавлатӣ дорад, ҷудо карда мешавад.

Корхона захираҳои молиявиро дар давраи фаъолияти истеҳсолӣ ва инвеститсионӣ истифода мебарад. Онҳо дар харакати доимӣ буда, ба намуди пулӣ фақат дар шакли бақияи воситаҳои пулии дар суратҳисоби бонкӣ ё хазинаи корхона ҷойдошта мебошанд.

Корхона барои таъмини устувории молиявӣ ва мавқеи худ дар шароити бозорӣ захираҳои молиявии худро вобаста ба навъҳои фаъолият ва фосилаи вакт тақсим менамояд. Тақвияти ин чараён сабаби мушкил гаштани кори молиявӣ ва дар амалия истифодабарии воситаҳои махсуси молиявӣ мегардад.

Захираҳои молиявии ҷалбшуда хосияти дуҷониба доранд, зеро, аз як тараф, ин воситаҳо дар гардиши корхона қарор дошта, аз ҷониби дигар, ба кормандони корхона тааллуқ доранд (дивидендҳо ва фонди истеъмол).

Ба захираҳои молиявии ҷалбшуда инҳо дохил мешаванд: фонди истеъмол, дивидендҳо ва дигар пардохтҳо ба муассисони корхона, даромадҳои марҳилаҳои минбаъда, захираҳо барои хароҷоти дарпешбуда ва пардохтҳо.

Захираҳои молиявии қарзӣ ин воситаҳоест, ки бо шартҳои баргардонидан, мӯҳлатнокӣ ва музднокӣ истифода мешаванд. Ба захираҳои молиявии қарзӣ инҳо дохил мешаванд:

- қарзҳои бонкӣ;
- қарзҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- қарзҳои тиҷоратӣ;
- факторинг;
- лизинг;
- қарзи кредиторӣ;
- ғайраҳо.

Қарзҳои бонкӣ маблағҳоест, ки бонкҳо ба корхонаҳо ва шахсони воқеӣ дар мӯҳлати муайян, бо шарти пардохти фоиз барои истифодаи қарз медиҳанд.

Қарзҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ қарзҳоест, ки бо шартҳои баргардонидан, мӯҳлатнокӣ ва музднокӣ дода мешаванд.

Қарзи тиҷоратӣ ин муносибати молиявӣ-хоҷагидорӣ байни шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми фурӯши маҳсулот, иҷрои корҳо ва ё хизматрасонӣ бо дароз намудани мӯҳлати пардохт аст.

Факторинг ин шакли махсуси қарз аст, ки ҳангоми амали он, бонк талаботи пардохтии ин ё он ташкилотро мехарад ё худ бо он пардохтҳоро қабул менамояд.

Лизинг ин ба иҷораи тӯлонӣ додани амволи манқул ва ғайриманқул, ки дар баъзе ҳолатҳо харидани он амволро ба иҷорагиранда иҷозат медиҳад.

Қарзи кредиторӣ ин қарз оиди молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо, векселҳои додашуда, пешпардохтҳои қабулшуда, ҳисобҳо бо буҷетҳо ва фондҳои ғайрибуҷетӣ, пардохти музди меҳнат, дар назди корхонаҳои фаръӣ, бо дигар қарздиҳандагон мебошад.

Ҳаҷми манбаҳои молиявии корхонаҳо ба миқдори миёнаи солонаи гардиши фондҳо ва давраҳои силсилаи такрористеҳсол мутаносиби роста буда, ба ҳодисаҳои ғайри чашмдошти бавуқуъпайваста мутаносиби чаппа аст.

Ташкили фондҳои пулии корхона дар лаҳзаи таъсисёбии онҳо ба миён меояд. Корхона, мувофиқи қонунгузории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалнамоянда, сармояи оинномавӣ ташкил медиҳад.

Сармояи оинномавӣ – манбаи асосии ибтидоии воситаҳои худии корхона ба ҳисоб меравад. Корхона бо ташкили сармояи асосӣ ва гардон, яъне харидани фондҳои асосии истеҳсолӣю дороиҳои ғайримоддӣ ва воситаҳои гардон фаъолияти хешро ба амал мебарорад.

Ба фондҳои пулии корхона сармояи иловагӣ дохил мешавад. Сармояи иловаги аз ҳисоби изофарушди арзиши амвол дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии фондҳои асосӣ; даромади эмиссионӣ (фарқи нархи фурӯш ва нархи номиналии саҳмия); боигариҳои пулӣ ва моддии бебозгашт ба мақсади истеҳсолӣ гирифта шуда ба вуҷуд оварда мешаванд. Он дороиро барои лағви маблағи пастравии арзиши амвол, ки дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ муайян шудааст, барои лағви зарари дар корхона ба миёномада ва ё ба шахси воқеӣ бебозгашт додани амвол, барои афзоиши сармояи оинномавӣ, барои пардохти зараре, ки дар натиҷаи фаъолияти корхона дар соли ҳисоботӣ ба вуҷуд омадааст, истифода менамоянд.

Натиҷаи фаъолияти соҳибкории корхона метавонад дар шакли даромад аз фурӯши моли истеҳсол кардашуда, даромад аз кори иҷро гардида ва хизматрасониҳо; даромаде, ки аз баистифодабарӣ супоридани амвол гирифта шудааст, ташкил ёбад, ки дар шакли маблағ аз фурӯш нишон дода мешавад. Ин даромадҳо дар шакли маблағи аз фурӯш ба дастомада ба суратҳисоб ва (ё) ҳисоби асъории корхона (агар мол содиршаванда бошад) дохил мешаванд. Даромад аз фурӯш, пеш аз ҳама, манбаи ҷуброни хароҷотҳои истеҳсолӣ, пешрафт дар бозор ва фурӯши мол (кор, хизмат) мебошад.

Ба ғайр аз он ба онҳояк қисми хароҷот оид ба бароҳмонии фаъолияти иқтисодиро, ки ба истеҳсол ва ё фурӯши маҳсулот алоқаманд нестанд, вале алоқаманди фоидагирии корхона мебошанд, ҳамроҳ менамоянд. Ин хароҷотҳо низ мувофиқи қонунгузорӣ ба арзиши аслии маҳсулот бурда мешаванд. Тақсими минбаъдаи даромад аз фурӯш ба ташаккули фонди истеҳлоқ, ки аз рӯи мазмуни иқтисодиаш ба таъмини такрористеҳсоли оддии фондҳои асосӣ пешбинӣ гардидааст, алоқаманд аст.

Мақсади ниҳоӣ ва натиҷаи фаъолияти хоҷагидории корхона фоида аст. Баъди пардохти андозҳо фоидаи дар ихтиёри корхона боқимонанда ташаккул меёбад, ки аз ҳисоби он сармояи захиравӣ ва дигар захираҳои ба он монанд ва инчунин фонди андӯхт ва фонди истеъмол ташкил дода мешавад.

Сармояи захиравӣ - фонди пулии корхона буда, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳии корхона ташкил карда мешавад. Манбаи ташаккули он ҳиссаҷудокунӣ аз фоидаи дар ихтиёри корхона боқимонда мебошад. Вай барои рӯйпӯш кардани зарари соли ҳисоботӣ, пардохти ҳақуссаҳмия (даромад аз саҳмия) дар ҳолати набудан ё нокифоя будани фоидаи соли ҳисоботӣ барои ин мақсадҳо, равона мегардад.

Ҷой доштани фонди захиравӣ шарти асосии таъмини устувории ҳолати молиявии корхона ба ҳисоб меравад. Ба гурӯҳи фондҳои захиравии пулӣ захираҳо оид ба сукути сармояи ба қоғазҳои қиматнок гузошташуда, сандуқи бозхарид, сандуқи мавқуфгузошташуда ва ғайра, ки дар ҷамъиятҳои саҳомӣ барои лағви вомбарг ва бозхариди саҳмия ташкил дода мешаванд, дохил мебошанд.

Фонди андӯхт - воситаҳои пулии барои тараққиёти истеҳсолот пешбинишуда мебошанд. Истифодаи ин маблағҳо аз як тараф алоқаманди инкишофи истеҳсолоти асосӣ бо мақсади афзоиши амволи корхона бошад, аз тарафи дигар, алоқаманди сармоягузории молиявӣ бо мақсади гирифтани фоида аст.

Фонди истеъмолӣ - воситаҳои пулии ба эҳтиёҷҳои иҷтимоӣ сафарбаркардашаванда, маблағгузории объектҳои соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, мукофотпулиҳои як вақта, пардохти ҷубронпулиҳо ва пардохтҳои ба онҳо монандро дарбар мегирад. Фонди асъор - дар корхонаҳое, ки маҳсулоташонро ба хориҷи кишвар содир намуда, маблағи фурӯши онро бо асъор мегиранд, ташкил карда мешавад.

Дар шароити имрӯза на танҳо инҳисори кардану байналхалқи кардани сармоя, балки дар миқиёси ҷаҳонманбаҳои молиявӣ муташаккилона ҷамъоварӣ шуда, барои давлатҳои инкишофёфта воситаи ҳаллу фоидаорӣ гардида истодааст.

Сарчашмаҳои воситаҳои корхонаро дар асоси тавозуни корхона чунин тасвир кардан мумкин аст.

***Ҷадвали 1.***

***Сарчашма ва воситаҳои асосии корхона***

| Моддаҳои активи тавозун | Сарчашмаҳои воситаҳо<br>( моддаҳои пассив) |
|---|---|
| ***Воситаҳои ғайригардон*** | |
| 1. Воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайри моддӣ | 1. Сармояи оинномавӣ ва иловагӣ<br>2. Қарз ва вомбаргҳои дарозмӯҳлат<br>3. Фонди захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда |
| 2. Маблағи асосӣ | 1. Қарз ва вомбаргҳои дарозмӯҳлат<br>2. Фонди захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда<br>3. Сармояи оинномавӣ ва иловагӣ |
| 3.Маблағгузориҳои молиявии дарозмӯҳлат | 1. Сармояи оинномавӣ ва иловагӣ<br>2. Фонди захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда |
| ***Воситаҳои гардон*** | |
| 1.Захираҳо ва хароҷотҳо | 1. Сармояи иловагӣ ва оинномави (бақия)<br>2. Сармояи захиравӣ<br>3.Фонди захиракунӣ ва фоидаи тақсимнашуда<br>4. Қарз ва вомбарҳои дарозмӯҳлат |

| | |
|---|---|
| | 5. Қарзҳо<br>6. Фонди сарфкунӣ ва захиракунӣ |
| 2. Дебиторҳо | 1. Кредиторҳо<br>2. Қарз ва вомбаргҳои дарозмӯҳлат |
| 3.Маблағгузориҳои молиявии дарозмӯҳлат | 1. Сармояи захиравӣ<br>2. Кредиторҳо<br>3. Фонди сарфкунӣ ва захиракунӣ |
| 4. Маблағҳои пулӣ | 1. Сармояи захиравӣ<br>2.Фонди захиракунӣ ва фоидаи тақсимнашуда<br>3. Қарз ва вомбаргҳо<br>4. Фонди сарфкунӣ ва захиракунӣ |

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.(ш.Душанбе 22 декабри соли 2016).- Душанбе 2017.
2. Стратегияи миллӣ рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2016-2020
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 № 726.
5. Комилов С. Ҷ., Низомова Т. Д., Давлатов У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе, 2015- 465 с
6. Оймаҳмадов Г.Н. Молия. Душанбе «Нодир» 2005с.
7. Гулмирзоев Д. Г., Оймаҳмадов Г. Н. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2004с.
8. Тавсияномаи методӣ оид ба таҳлили ҳолати молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, Душанбе, 2007.
9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе:, 2016

## РЕСУРСЫ И ФИНАНСОВАЯ УСТОЙЧИВОСТЬ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ И ИСТОЧНИКИ ИХ ФОРМИРОВАНИЯ

**ДАВЛАТОВ ХУРШЕД**,
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.
**ЁРОВ КИЁМИДДИН ТОХИРОВИЧ**,
докторант (PhD) Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

*В данной статье авторы собрали информацию о резервах и финансовой устойчивости промышленных предприятий и источниках их формирования. Также авторы отмечают в своей статье, что финансовые ресурсы предприятия – это все денежные средства, накопленные на предприятии и используемые для выполнения финансовых обязательств предприятия, затраты на расширение воспроизводства и формирование фондов предприятия. Финансовые ресурсы предприятия формируются за счет собственных средств, привлечения ресурсов на финансовом рынке, притока средств в виде инвестиций, кредитов и так далее.*

*При этом следует отметить, что уставный капитал – это первоначальный капитал, который необходим предприятию для осуществления финансово-хозяйственной деятельности с целью получения прибыли.*

*Добавочный капитал в процессе увеличения стоимости имущества, определяемого в результате переоценки; Получение эмиссионного дохода (от дополнительной эмиссии акций, продажи акций сверх их номинальной стоимости); безвозмездное получение ценностей или имущества от предприятий и иных лиц.*

*Прибыль – это финансовый результат деятельности предприятия за отчетный период, т. е. превышение доходов над расходами. Резервный фонд и потребительский фонд формируются за счет прибыли предприятия. Собственные финансовые ресурсы предприятий - совокупность собственных доходов и поступлений денежных средств из-за рубежа на предприятие (заемных и заемных средств), связанных с выполнением финансовых обязательств, финансированием текущих расходов и затрат, связанных с расширением производства.*

***Ключевые слова:*** *предприятие, финансовые ресурсы, доход, кредит, финансы, туризм, экономика, статистика, сертификат, реализация товаров, продукции, услуг.*

## RESOURCES AND FINANCIAL STABILITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES AND SOURCES OF THEIR FORMATION

**DAVLATOV KHURSHED**,
candidate of economic sciences, Associate Professor,
Head of the Finance Department of the
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov str.
**YOROV KIYOMIDDIN TOHIROVICH**,
doctoral (PhD) Tajik State University of Finance and Economics.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov str.

*In this article, the authors have collected information about the reserves and financial stability of industrial enterprises and the sources of their formation. The authors also notes in their article that the financial resources of an enterprise are all the funds accumulated in the enterprise and used to fulfill the financial obligations of the enterprise, the costs of expanding reproduction and the formation of enterprise funds. The financial resources of the enterprise are formed at the expense of its own funds, attracting resources in the financial market, inflow of funds in the form of investments, loans, and so on.*

*At the same time, it should be noted that the authorized capital is the initial capital that an enterprise needs to carry out financial and economic activities in order to make a profit.*

*Additional capital in the process of increasing the value of property determined as a result of revaluation; Receipt of share premium (from additional issue of shares, sale of shares in excess of their nominal value); gratuitous receipt of valuables or property from enterprises and other persons.*

*Profit is the financial result of the enterprise's activities for the reporting period, i.e., the excess of income over expenses. The reserve fund and the consumer fund are formed at the expense of the enterprise's profit. Own financial resources of enterprises - the totality of their own income and cash receipts from abroad to the enterprise (borrowed and borrowed funds) associated with the fulfillment of financial obligations, financing current expenses and costs associated with the expansion of production.*

***Key words:*** *enterprise, financial resources, income, credit, finance, tourism, economics, statistics, certificate, sale of goods, products, services.*

**УДК: 336.63**

# МАСОИЛИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ КАС-И ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**НАВРУЗ НОСИРӢ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб.
Тел.: (+992) 918-29-39-55. E- mail: nosiri.1990@mail.ru
**ТОШМАТОВ ДИЛШОД АБДУНАБИЕВИЧ,**
муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳии
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб.
Тел.: (+992) 989-00-80-88. E-mail: toshmatov-2016@mail.ru

*Дар мақола ҷанбаҳои назариявии моҳияти инноватсия ва унсурҳои таркибии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС таҳлил карда шудааст. Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар соҳаи рушди фаъолияти инноватсионӣ нишон медиҳад, ки инноватсияҳо дар рушди КАС-и ҳар як давлат нақши калидиро иҷро менамоянд. Муаллифон қайд менамоянд, ки ҷоннок намудани фаъолияти инноватсионӣ дар КАС на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ барои Тоҷикистон муҳим аст, чунки дар ин маврид нақши якуминдараҷа ва асоситарини инноватсияҳо дар раванди рушди соҳаи аграрӣ ва саноатӣ дар роҳи коркард ва қабули стратегияҳои нав ба мақсади рақобатпазир гардондани давлат пайдо мегардад. Муаллифон ба он ақидаанд, ки яке аз омилҳои асосие, ки барои суръатбахшии рушди инноватсионии КАС- и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла вилояти Хатлон таъсир мерасонад, ин рушди интенсивии истеҳсолоти аграрӣ мебошад. Рушд ёфтани фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат аҳамияти муҳим дорад. Гузариш ба рушди интенсивии рушд аз бисёр ҷиҳат барои Тоҷикистон манфиатовар аст, аз ҷумла, барои суръатбахшии рушди КАС, баландбардории ҳосилнокии меҳнат, афзоиши рақобатнокӣ ва дар умум рушди иқтисоди миллӣ ба амал меояд. Муаллифон чунин ақида доранд, ки истифодаи инноватсияҳо аз лиҳози иқтисодӣ дар КАС самаранок буда, дар замони муосир гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ барои Тоҷикистон ногузир аст.*

***Калидвожаҳо:*** *инноватсия, комплекси агросаноатии вилоят рушди инноватсионӣ, рақобатпазирӣ, комплекси агросаноатӣ, фаъолияти инноватсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, прогресси илмӣ-техникӣ, ҷараёни инноватсионӣ, инқилоби илмӣ-техникӣ, идоракунии инноватсионӣ, раванди инноватсионӣ.*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз механизҳои ташкили иқтисодии таъмини рушди инноватсионии КАС ин гузариш ба рушди инноватсионии КАС мебошад. Барои таъмин намудани аҳоли ба ғизои хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза чӣ дар ҷумҳури ва чӣ дар вилояти Хатлон ин роҳи гузариш ба рушди инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои тараққиёти КАС дар вилоят мебошад. Аввалин самти муҳими стратегии тараққиёти хоҷагии қишлоки вилояти Хатлон инкишоф ва такмили КАС мебошад. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ба ғайр аз шароити бӯҳронии хоҷагидорӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ мушкилоти ҷиддӣ ин фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Ҳоло ҳадаф дар навбати аввал аз он иборат аст, ки чӣ гуна онро беҳтар фурухтан лозим аст. Вазъи молиявии хоҷагӣ аз бисёр ҷиҳат ба самаранокии фурӯш вобаста мебошад. Барои фаъолият кардан ҷиҳати истеҳсоли васеи молҳо ва фуруши бомуваффақияти маҳсулоти кишоварзӣ, муқаррароти зерин аҳамияти муҳим доранд: муайян кардани захираҳои истифоданашуда, зеро истифодаи онҳо дар истеҳсолот ҳаҷми маҳсулоти тиҷоратиро афзоиш хоҳад дод; таҳлили каналҳо (роҳҳо)-и

фуруш ва муайян кардани соҳаҳои талафот, зеро фуруши маҳсулот бо нархҳои паст ба фоидаи аздастрафта оварда мерасонад.

Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳим дар пешрафти иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад, бинобар ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон санаи 21-уми декбари соли 2021 қайд намуданд «Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд». [4.] Аз нуқтаи назари иқтисодиёт мавқеи ин ё он соҳаи саноатро ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти КАС муайян мекунад, дар мисоли таҳкикшаванда сухан дар бораи истехсоли махсулоти хоҷагии кишлоқи вилоят меравад. Вилояти Хатлон дар бозори истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои устуворро ишғол менамояд. [3, с. 192-197]

Дар доираи Консепсияи пешрафти инноватсионии КАС-и ҷумҳурӣ коршиносон инноватсияҳои дар доираи он амалишавандаро ба 4 гурӯҳи зерин ҷудо мекунанд: а) инноватсияҳои хусусияти селексионӣ генетикӣ дошта; б) инноватсияҳои хусусияти истеҳсолоти дошта (техникӣ ва технологӣ); в) инноватсияҳои хусусияти иқтисодӣ ва ташкилию идоракунӣ дошта; г) инноватсияҳои хусусияти иҷтимоӣ-экологӣ дошта [7, с.10-11]. Таҷрибаи аксари мамолики рушдкарда нишон медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ ҳама вақт ба идоракунии давлатӣ ниёз дорад. Дар ҷумҳурӣ қариб дар тамоми дараҷаҳои идоракунии давлатӣ методҳои маъмурии танзими давлатии иқтисодиёти КАС аз байн бардошта шуданд. Аз ин лиҳоз, низоми технологӣ, шартномавӣ ва корӣ дар комплекси номбурда суст гардид. Гарчанде Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои зиёдеро амалӣ гардонидааст.

Кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти вилоят, таъмини амнияти озуқавории мамлакат, рушди соҳаҳои саноат, афзоиши имконияти содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ накши муассир мегузорад. Айни замон, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии кишвар 54,9 фоизро ташкил дода, дар он 257,5 ҳазор нафар ба кор фаро гирифта шудааст, ки 63,0 фоизи шуғли умумии вилоятро ташкил медиҳад [1, с.21]. Дар моҳҳои январ ноябри соли 2021 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 1002227 тонна зироатҳои ғалладона истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ум 104.8 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли ғаладонигиҳо ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 6,6 фоиз, хоҷагиҳои деҳқонӣ 57,5 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 35,9 фоизро ташкил медиҳад. Истеҳсоли картошка бошад дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар вилоят соли 2021 213801 тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 129.0 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1**

**Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон**

| Номгӯи маҳсулотҳо | Ҳаҷми умумии маҳсулот дар моҳҳои январ – ноябри с.2021 (тонна) | Январ – ноябри соли 2021 бо ҳисоби фоиз нисбат ба январ ноябри с.2020 | Таносуб бо ҳисоби фоиз | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | хоҷагиҳои ҷамъиятӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагиҳои аҳолӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ҳамагӣ | 19360459,7 | 106,3 | 5,5 | 44.1 | 50,4 |
| Растанипарварӣ | 14983402,3 | 105,6 | 5,9 | 55,3 | 38,8 |
| Чорвопарварӣ | 4377057,4 | 108,7 | 4,0 | 6,0 | 90,0 |
| Ғалладона | 1002227 | 104.8 | 6,6 | 57,5 | 35,9 |
| Пахта | 268892 | 98,4 | - | - | - |
| Картошка | 213801 | 129,0 | 7,1 | 44,8 | 48,1 |
| Сабзавот | 1519696 | 5,7 | 4,1 | 51,9 | 44,0 |
| Полезӣ | 628898 | 9,2 | 3,8 | 72,3 | 23,9 |

***Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумотҳои омории Сарраёсати агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб дода шудааст.*

Аз таҳлили ҷадвали 1 маълум мегардад, ки дар соли 2021 нисбати соли 2020 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон афзоиш ёфтаст, ҳамчунин муайян гардид, ки дар хоҷагиҳои ҷамъияти ва хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ҳамагӣ 268892 тонна пахта истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум 4502,5 тонна кам шуда 98,4 фоизро ташкил медиҳад. Аз таҳлилҳои гузаронидашуда маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят ру ба рушд мебошад. Дар бунёди боғу токзорҳои нав бошад дар ҳамаи категоряҳои хоҷагиҳои вилоят 229 гектар боғҳои нав бунёд карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ум 770 гектар кам шуда 22,9 фоизро ташкил медиҳад. Аз масоҳати умумии боғҳо 101 гектар мевагиҳои тухмдор, 56 гектар мевагиҳои донакдор, 57 гектар мағздор, 7 гектар суптропикӣ, 7 гектар ситрусӣ шинонида шудааст.

| Номгуи маҳсулотҳо | Январ-ноябри соли 2020 | Январ-ноябри соли 2021 | Январ-ноябри соли 2021 бо ҳисоби фоиз нисбат ба январ-ноябри соли 2020 |
|---|---|---|---|
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ | | | |
| Гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ, тонна | 19905,0 | 20396,3 | 102,5 |
| Гушти мурғ, тонна | 5049,4 | 6256,5 | 123,9 |
| Маҳсулоти ҳасиб, тонна | 379,8 | 422,9 | 111,3 |
| Маҳсулоти шири холис, тонна | 1526,8 | 1539,5 | 100,8 |
| Консерваҳо, ҳаз.кутти шартӣ | 30704,7 | 31203.2 | 101,6 |
| Орд, тонна | 167498,0 | 188087,5 | 112,3 |
| Макарон, ва дигар маҳсулотҳои макаронӣ, тонна | 157,0 | 248,8 | 158,5 |
| Равғани растанӣ, тонна | 11758,0 | 12061,2 | 101,9 |

Айни замон бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурҳӣ ба зарурати таҷдиди заминаи илмию иттилоотӣ, техникию технологии комплекси агросаноатӣ ва ба шаклҳои сифатан нави рушди инноватсионӣ гузаштан эҳтиҷӣ дорад. Дар шароити пуршиддат гардидани рақобати глобалӣ дар иқтисодиёти аграрии озуқаворӣ, ки бозори мол, хизматрасонӣ ва сармояро фаро мегирад, рақобат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ боз ҳам шиддатноктар гардида, вобаста ба афзоиши истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ дигаргуниҳои назаррасро аз сар мегузаронад. Ҳосилнокии пасти меҳнат дар соҳаи иқтисодиёти аграрии ҷумҳурӣ ва оқилона истифода набурдани омилҳои истеҳсолот натиҷаи мушаххаси самаранокии пасти фаъолияти аксари субъектҳои хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. [5.]

Ҷадвали 2

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати коркард дар вилояти Хатлон




**Расми 1. Самтҳои асосии идоракунии инноватсионӣ дар КАС вилоят [2]**

***Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои омории Сарраёсати агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб дода шудааст.***

Аз таҳлили ҷадвали 2 маълум мегардад, ки истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати коркард дар вилоят дар моҳҳои январ – ноябри соли 2020 ҳамагӣ 236978,7 ҳазор тоннаро ташкил дода дар моҳҳои январ – ноябри соли 2021 бошад 260215,9 ҳазор тонна, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23237,2 ҳазор тонна зиёд мебошад. Аз таҳлилҳои гузаронидашуда маълум мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар вилоят ру ба рушд мебошад.

Дар асоси рушди прогресси илмию техникӣ ва ҳалли проблемаҳои асосии КАС ва раванди идоракунии инноватсионӣ бояд ба соҳаҳои зерин тақсим карда шавад: техникӣ, технологӣ, ташкилию идоракунӣ, ахборотӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ. Ба ҳамаи намудҳои фаъолияти идоракунии инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии вилоят алоқаҳои зич мавҷуд буда дар системаи ягонаи иҷтимоию иқтисодӣ зоҳир мешаванд. Дар баробари ин аз таъсири навигариҳои техникӣ ва технологӣ ба истеҳсолот ва шароит барои азхуд намудани инноватсияҳои ташкилию идоракунӣ, дар комплекси агросаноатии вилоят ба вуҷуд овардани системаи идоракунии навоварӣ вуҷуд дошта бошад.

Дар ҳоли ҳозир ба бозорҳои озуқаворӣ бо маҳсулоти рақобатпазир ворид шудан душвор аст, агар раванди идоракунии инноватсионии корхонаҳои агросаноатиро такмил надиҳем. Бозор аз истеҳсолкунандагон талаб мекунад, ки арзиши аслии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, хусусиятҳои сифатии мол ва хизматро арзон кунанд. Давлат дастгирии фаъолияти инноватсионӣ инчунин дар назар дорад, ки моделҳои фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи маблағҳои барномаҳои мақсаднок ва хизматрасониҳои иттилоотӣ барои фаъолияти инноватсионии комплекси агросаноатӣ бояд ба таври кофӣ асоснок карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳкими робитаи истеҳсолкунандагони деҳот бо муассисаю ташкилотҳои илмие, ки инноватсияро инкишоф медиҳанд, рушди инноватсияро хеле душвор мегардонад. Бинобар ин аз таҷҳизотҳои илмӣ ва маҳсулоти илмие, ки дар шароити табиию иқлимӣ санҷида шудаанд, самаранок истифода бурдан лозим аст ва инчунин муҳим аст, ки инноватсияҳо дар КАС вилоят ба таври мунтаззам, яъне бо назардошти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ идора карда мешавад [2. с. 49].

*Барои беҳтар шудан ва ҳалли масоили ташкилӣ - иқтисодии таъмини рушди инноватсионии КАС-и вилояти Хатлон чунин пешниҳод менамоем:*

- Барои беҳтар ва рушди инноватсионии КАС дар вилояти Хатлон ин гузариш ба технологияҳои рақамӣ мебошад;
- Зиёд намудани ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулотҳои КАС;
- Истифода намудани технологияҳои нав дар раванди истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;
- Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои хариди технологияҳои нав барои корхонаҳои КАС;
- Марказҳое таъсис ёбанд, ки ба кишоварзон ва хоҷагиҳои ҷамъиятӣ нурию тухмӣ ва заҳрхимикатҳои кафолатнокро дастрас намоянд;

**Адабиёт**


1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020. Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. [захираи электронӣ] URL: https://medt.tj/tj/strategiya-va-barnomaho/barnomahoi-rushdi-viloyatho-va-shahru-nohiyaho (санаи истифодабарӣ 10.04.2022)
2. Власов В.А. - Создание агропромышленных кластеров и производство органической сельскохозяйственной продукции как новые важнейшие инструменты развития сельского хозяйства Красноярского края // Социально-экономический и гуманитарный журнал Красноярского ГАУ. 2018. №1. – С.161-171
3. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 № 144 тасдиқ шудааст.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 26.01.2021 [захираи электронӣ] URL:http://www.president.tj/node/27417 (санаи истифодабарӣ 16.04.2022)
5. Тағоев Ҷ.Ҳ., Маҷидов Ф.Б. - Рушди ҳамгироиҳои соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва савдо: тамоюлҳо мушкилот ва сармоягузорӣ //Кишоварз, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. - Душанбе, 2020. - №4.(89). –С.192-197.
6. Эминова Э.М., Баширова А.А. – Особенности управления иновационным развитием АПК региона // Региональные проблемы переобразования экономики – 2016. №3. – С.49-57.

7. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 № 144 тасдиқ шудааст. –С.10-11.

## ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ АПК ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**НАВРУЗ НОСИРИ,**
кандидат экономических наук, и.о. доцента,
заведующий кафедрой менеджмента и маркетинга
Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб,
Тел.: (+992) 918-29-39-55. E- mail: nosiri.1990@mail.ru
**ТОШМАТОВ ДИЛШОД АБДУНАБИЕВИЧ,**
старший преподователь кафедры экономики и туризма
Института технологий и инновационного менеджмента г. Куляб.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб,
Тел.: (+992) 989-00-80-88. E-mail:toshmatov-2016@mail.ru

*В статье анализируются теоретические аспекты сущности инноваций и составляющих инновационной деятельности в АПК. Опыт развитых стран в развитии инноваций показывает, что инновации играют ключевую роль в развитии АПК каждой страны. Авторы отмечают, что интенсификация инновационной деятельности в АПК важна не только в теории, но и на практике для Таджикистана, так как в данном случае первостепенная и важнейшая роль инноваций в развитии сельского хозяйства и промышленности в разработке и внедрении новые стратегии, цель состоит в том, чтобы сделать государство более конкурентоспособным. Авторы считают, что одним из основных факторов, влияющих на ускоренное развитие АПК Республики Таджикистан, в том числе Хатлонской области, является интенсивное развитие сельскохозяйственного производства. Развитие инновационной деятельности предприятий агропромышленного комплекса имеет важное значение для обеспечения продовольственной безопасности страны. Переход к интенсивному развитию выгоден Таджикистану во многих отношениях, в том числе ускорением развития АПК, повышением производительности труда, повышением конкурентоспособности и в целом развитием национальной экономики. Авторы придерживаются мнения, что использование инноваций в АПК экономически эффективно, а в современное время переход к инновационной экономике для Таджикистана неизбежен.*

***Ключевые слова:*** *инновации, агропромышленный комплекс региона, инновационное развитие, конкурентоспособность, агропромышленный комплекс, инновационная деятельность, обеспечение продовольственной безопасности, научно-технический прогресс, инновационный процесс, научно-техническая потенциал, управление инновациями.*

## ISSUES OF ENSURING INNOVATIVE DEVELOPMENT AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX KHATLON REGION

**NAVRUZ NOSIRI,**
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor,
Head of the Department of Management and Marketing,
Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab.
Phone: (+992) 918-29-39-55. E-mail: nosiri.1990@mail.ru

**TOSHMATOV DILSHOD ABDUNABINEVICH,**
Senior Lecturer, Department of Economics and Tourism
Institute of Technology and Innovation Management of Kulyab.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab.
Phone: (+992) 989-00-80-88. E-mail: toshmatov-2016@mail.ru

*The article analyzes the theoretical aspects of the essence of innovation and the components of innovation in the agro-industrial complex. The experience of developed countries in the development of innovations shows that innovations play a key role in the development of the agro-industrial complex of each country. The authors note that the intensification of innovation activity in the agro-industrial complex is important not only in theory, but also in practice for Tajikistan, since in this case the primary and most important role of innovation in the development of agriculture and industry in the development and implementation of new strategies, the goal is to to make the state more competitive. The authors believe that one of the main factors influencing the accelerated development of the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan, including the Khatlon region, is the intensive development of agricultural production. The development of innovative activity of enterprises of the agro-industrial complex is important for ensuring the food security of the country. The transition to intensive development is beneficial to Tajikistan in many respects, including the acceleration of the development of the agro-industrial complex, the increase in labor productivity, the increase in competitiveness and, in general, the development of the national economy. The authors are of the opinion that the use of innovations in the agro-industrial complex is cost-effective, and in modern times the transition to an innovative economy is inevitable for Tajikistan.*

***Key words:*** *innovation, agro-industrial complex of the region, innovative development, competitiveness, agro-industrial complex, innovation activity, food security, scientific and technological progress, innovation process, scientific and technical potential, innovation management.*

УДК: 368.1

# СУҒУРТА ҲАМЧУН ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**РАҲИМОВ ФАЙЗАЛӢ САЪДУЛЛОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи система ва
технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
Тел.: (+992) 90-100-87-63.E-mail:f-rahimov77@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, категорияи суғурта ҳамчун як навъи фаъолияти иқтисодӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки суғурта ҷузъи ҷудонашавандаи низоми муосири иқтисодӣ буда, инсон, давлат ва ташкилот ба низоми ҳифзи суғурта ниёз дорад. Инчунин муаллиф дар он ақида аст, ки вобаста ба категорияи «суғурта» олимон ва пажӯҳишгарони соҳа, дастурҳои илмӣ ва таълимии зиёдеро ба чоп расонидаанд, нақши олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаи иқтисодиёт дар омӯзиши назария ва амалияи суғурта хело калон аст, вале бо вуҷуди ин, як қатор ҷузъҳои баҳсбарангези ин категорияи иқтисодӣ то ҳол боқӣ мондааст, ки таҳқиқи он саривақтӣ мебошад. Тадқикоти мазкур ба он вобаста аст, ки суғурта дар таъмини некуаҳволии аҳолӣ нақши муҳим дорад. Бо ёрии суғурта одамон метавонанд моликияти худро ҳифз намоянд ва кафолатҳои молиявиро ба вуҷуд оранд. Инчунин дар ин тадқиқот диққати махсус ба шаклҳо ва ҳолати кунунии бозори хизматрасонии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Дар натиҷаи таҳлил маълум гардид, ки имрӯз ба ҳолати 31 декабри соли 2021 пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 19 ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки аз онҳо 2 ададро ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ ва 17 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил медиҳанд. Тибқи таҳлилҳо шумораи онҳо нисбат ба соли 2020 1 адад зиёд гардидааст. Аммо дар ин давра филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошанд, дар шаҳру навоии ҷумҳурӣ то ба 5 адад коҳиш ёфтааст. Ҳамин тариқ муаллиф фаъолияти ташкилотҳои суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб арзёбӣ намуда, дар баробари ин оид ба боз ҳам беҳтар намудани фазои муносибатҳои суғуртавӣ пешниҳодҳои мушаххас намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *суғурта, фаъолияти суғуртавӣ, иқтисодиёт, фондҳои суғуртавӣ, фондҳои давлатӣ, шаклҳои суғурта, молия, давлат, хизматрасонии суғуртавӣ.*

Суғурта чузъи чудонашавандаи низоми муосири иқтисодӣ мебошад. Табиат ва тамаддун ҳарчи бештар хатарҳои нав ба навро ба вучуд оварда истодаанд, ки дар ин ҳолат инсон, давлат ва ташкилот ба низоми ҳифзи суғурта ниёз дорад. Вобаста ба категорияи «суғурта» олимон ва пажӯҳишгарони соҳа, дастурҳои илмӣ ва таълимии зиёдеро ба чоп расонидаанд. Нақши олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаи иқтисодиёт дар омӯзиши назария ва амалияи суғурта хело калон аст. Аммо, бо вуҷуди ин, як қатор чузъҳои баҳсбарангези ин категорияи иқтисодӣ то ҳол боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, омӯзиши суғурта ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ хусусияти актуалиро ба худ касб намудааст.

Суғурта як намуди махсуси фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки бо азнавтақсимкунии хавфи зарар ба манфиатҳои молумулкӣ дар байни иштирокчиёни суғурта алоқаманд буда, ин раванд аз ҷониби ташкилотҳои махсусгардонидашуда амали карда мешавад. Суғурта яке аз муҳимтарин унсурҳои низоми муносибатҳои бозорӣ буда, ба муносибатҳои молиявии марбут ба иҷрои вазифаҳои мушаххас дар иқтисодиёт мансуб аст.

Дар иқтисодиёт суғурта ҳамчун категорияи махсус пешниҳод карда мешавад. Аммо олимони соҳа моҳияти суғуртаро таҳқиқ карда истода, дар навбати аввал суғуртаро ҳамчун категорияи иқтисодӣ (молиявӣ) муаррифӣ менамоянд. Албатта,

чунин шарҳ додани моҳияти суғурта асосҳои ҷиддӣ дорад. Суғурта доираи васеи хусусиятҳои мушаххасеро, ки ба категорияҳои иқтисодӣ хосанд, ифода мекунад. Яке аз ин хусусиятҳои муайянкунанда ин мавҷудияти муносибатҳои тақсимкунӣ мебошад. Дарвоқеъ, дар ҷараёни амалиёти суғурта хавфҳо ва хароҷотҳо аз нав тақсим карда мешаванд. Ташкилоти суғурта хавфҳоро ба души худ гирифта, ҳаққи дахлдорро мегирад. Хавфҳои суғурта гуногунанд. Раванди арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо дар ширкати суғурта аҳамияти махсус дорад.

Хавфҳо хусусияти тасодуфӣ ва эҳтимолӣ доранд. Эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои гуногун, ки метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад, то чӣ андоза баланд аст? Бастани шартномаи суғурта ва арзиши он аз параметри эҳтимолияти рух додани ҳодисаи дорои хавф вобаста аст.

Дар тиҷорат ва ҳаёти инсон бояд манфиати иқтисодӣ, ташкилӣ ва молиявӣ барои пешгирии хатарҳо вуҷуд дошта бошад. Масалан, ҳангоми бастани шартномаи суғурта эҳтиёҷоти ҳифзи суғурта дар давраи ҳозира ва оянда қонеъ гардонида мешавад.

Дар рафти траққиёти суғурта иштироки оммавии иштироккунандагони он таъмин карда, ҷамъияти суғурта ташкил карда мешавад. Ҳангоми нигоҳ доштани фарқиятҳои назаррас дар объектҳои суғурта бояд ҳамкории манфиатҳои суғуртавӣ: давлатӣ, корпоративӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ таъмин карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 29.12.2010с. тахти №681, омадааст, ки «пулҳои суғуртавӣ барои таъмини устувории молиявии иштирокчиёни он, аз тарафи онҳо иҷро намудани уҳдадориҳо оид ба пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ), ки ҳаҷмашон метавонанд аз маблағҳои худии (сармояи) як ташкилоти суғуртавӣ зиёд бошанд, таъсис ёфта, дар асоси принсипҳои суғуртаи муштарак ё азнавсуғуртакунӣ амал менамоянд» [8]. Аслан, дар назарияи суғурта ду шакли амалишавии муносибатҳои суғуртавӣ маълум аст: **ҳатмӣ ва ихтиёрӣ**. Аммо дар қонуни мазкур шаклҳои амалишавии муносибатҳои суғуртавӣ дар намуди ихтиёрӣ, ҳатмӣ ва ҳатмии давлатӣ муайян карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти субъекти мушаххаси хоҷагидорӣ (давлат, шахс, ташкилот) дар ҳар як марҳилаи такрористеҳсолии ҷамъиятӣ ба хатарҳо дучор мешавад. Ба ин гуна хатарҳо дохил мешаванд хатарҳои:

- табиӣ-иқлимӣ;
- технологӣ ва техногенӣ;
- ҳаргуна бемориҳо, садамаҳо;
- иқтисодӣ (молиявӣ);
- ғайриқонунӣ;
- сиёсӣ.

Дар ин ҳолат ҳар як субъекти хоҷагидор зарур мешуморад, ки дар ҳолати фарогир будани чунин хатарҳо тамоми дороии худро суғурта кунад. Агар дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, имрӯз ба ҳолати 31 декабри соли 2021 пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 19 ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки аз онҳо 2 ададро ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ ва 17 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил медиҳанд. Тибқи таҳлилҳо шумораи онҳо нисбат ба соли 2020 1 адад зиёд гардидааст. Инчунин дар ин давра филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар шаҳру навоии ҷумҳурӣ то ба 5 адад коҳиш ёфтааст (ҷадвали 1) [7].

**Ҷадвали 1.** – Сохтори иштирокчиёни бозори суғурта барои солҳои 2020-2021 (адад)

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | Тағйирёбӣ (+,-) |
|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 | 17 | 2 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 0 | -1 |
| **Ҳамагӣ** | **18** | **19** | **1** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 72 | -5 |

***Сарчашма*** [7]:

Агар вобаста ба дороиҳои ташкилотҳои суғуртавии ҷумҳурӣ ҳарф занем, пас дар соли соли 2021 дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба 527,3 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2020 27,9% ё 114,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ин афзоиш асосан аз таваҷҷуҳи бештари аҳолӣ ва ташкилот ба суғурта далолат мекунад. Дар маҷмуъ ҳиссаи умумии дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии ҷумҳурӣ дар соли 2021 ба 2,2 % баробар шуда, нисбат ба ММД 0,6 %-ро ташкил дод.




***Сарчашма*** [7]:

Дар шароити гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ суғурта мисли дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити номусоиди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва таъсири глобализатсия фаъолият карда истодааст. Новобаста аз ин, ширкатҳои суғуртавии мамлакат дар бозори хизматрасонии суғуртавӣ нишондиҳандаҳои хуби иҷтимоӣ-иқтисодиро ба даст оварда истодаанд. Дар ин раванд, бо мақсади ташаккул додани хизматрасониҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи суғурта дар ММД роҳҳо ва механизмҳои такмилдиҳии низоми суғуртаи ҷумҳуриро ошкор ва такмил додан зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки ҷалб намудани сармоягузориҳо, пешниҳод намудани имкониятҳои васеъ барои иштирокчиёни низоми суғурта, ташкили чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва фарҳанги молиявии аҳолии мамлакат аз омилҳои асосии рушди бозори суғуртаи мамлакат мебошанд.

Қобили қайд аст, ки дар муқоиса бо ташкилотҳои суғуртаи давлатӣ ҳиссаи ташкилотҳои ғайридавлатии суғуртавӣ дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Ҳамин аст, ки ҳиссаи ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ дар бозори хизматрасонии суғуртавӣ аз ҳама зиёд буда, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташкилотҳои хусусӣ дар бозор бартарият дошта, аз танзими давлатӣ дар шакли қарздиҳӣ ва дастгирии молиявӣ пурра бархурдор мебошанд [5, с.14-15]. Дар солҳои охир таваҷҷуҳи давлат ба ин қисмати низоми молиявӣ зиёд гардида, тавассути роҳандозӣ намудани як қатор имтиёзҳо ҳисса ва шумораи онҳо дар низом ва нишондиҳандаҳои алоҳидаи молиявии давлат дар сатҳи зарурӣ мушоҳида мегардад.

Дар баробари ин, қобили қайд аст, ки ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ дар шароити буҳрони молиявӣ захираҳои худро самаранок истифода мебаранд. Маҳз дар чунин шароит таъсиси ширкатҳои суғуртавии давлатӣ характери ҳатмиро бинобар сабаби паст намудани хавфи аз байн рафтани ширкат пайдо мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ тавре ки аз ҷадвали 1 бармеояд, ду ширкати давлатии суғуртавӣ фаъолият менамоянд, ки сармояи онҳо пурра аз давлат мебошад ва чунин таҷриба дар давлатҳои зиёд вуҷуд дорад.

Қисми асосии фаъолияти суғуртавӣ ин фондҳои суғуртавӣ мебошад. Сарчашмаҳои асосии ташаккули фондҳои суғуртавӣ ин пардохтҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошад, ки дар шаклҳои ҳатмӣ, ихтиёрӣ ва ҳатмии давлатӣ ситонида мешавад. Ташкили фондҳои пулии суғуртавӣ, идоракунӣ ва тақсимоти онҳо як қисми муносибатҳои молиявии ҷамъият буда, бо дигар шаклҳои ҷамъоварӣ ва тақсимкунии захираҳои молиявии ҷамъиятӣ алоқаи зич дорад. Се шакли асосии ташкили фондҳои суғуртавӣ мавҷуд аст: фондҳои суғуртаи давлатӣ, худсуғуртакунонӣ, фондҳои ташкилотҳои суғурта (расми 1).




***Расми 1. Шаклҳои ташкили фонди суғурта***

- Фондҳои суғуртаи давлатӣ бо мақсадҳои амнияти миллӣ ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ аз ҳисоби пардохтҳои ҳатмии шаҳрвандон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад. Фонди суғурта дар сатҳи давлат як қисми даромади миллиест, ки дар шакли захираҳои моддӣ ва ё пулӣ барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садамаҳо, фалокатҳо ва расонидани кӯмак ба шаҳрвандон дар ҳолати аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, пиригарӣ ва дигар ҳодисаҳо ҷудо карда мешавад.

Маблағҳо аз фондҳои давлатӣ мувофиқи меъёрҳои муқараргардида дар шароити муайян барои таъмини моддии шаҳрвандон дар ҳолати аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, пиригарӣ ва дигар ҳодисаҳо пешбини намудани қонунҳо ба таври ҷиддӣ истифода мешавад [2, с.14]. Давлат инчунин фондҳои марказонидашудаи суғуртавиро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва дигар маблағҳои давлатӣ ташкил карда мешавад. Ташаккули ин фондҳо ҳам дар шакли натуралӣ ва ҳам пулӣ амали карда мешавад. Фондҳои суғуртаи давлатӣ дар ихтиёри хукумат мебошад.

- Худсуғуртакунӣ ҳамчун низоми ташкили фондҳои суғурта аз ҷониби субъектони хоҷагидор ва хонаводаҳо дар шакли ихтиёрӣ сурат мегирад.

- Фондҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар шакли ихтиёрӣ ё ҳатмӣ аз ҳисоби ҳиссагузории шаҳрвандон ё корхонаҳо ташкил карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар соли 2021 320,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 103,1 млн. сомонӣ (47,4%) зиёд мебошад ва ин раванд агар аз як тараф дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ гардад, аз тарафи дигар ҷиҳати иҷро гардидани уҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ бевосита мусоидат менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 235,6 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 2020 ба маблағи 112,7 млн. сомонӣ (91,6%) афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии ин афзоиш ба бозори суғуртаи кишвар ворид гардидани 2 ташкилоти суғуртавии навтаъсис (ба маблағи 22,0 млн. сомонӣ сармояи оинномавӣ) ва аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ иҷро гардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 “Дар бораиандозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ба ҳисоб меравад [7].

Ҳамин тариқ, моҳияти иқтисодии суғурта бо аломатҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- мавҷудияти таваккали суғурташуда ҳамчун эҳтимолият ва имконияти рӯй додани ҳодисаҳои суғуртавие, ки метавонад зарари моддӣ расонад;

- қонеъ гардонидани талаботи объективии мавҷудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин шаҳрвандон оид ба рӯёнидани зарари имконпазир;

- имконияти пешниҳоди пардохтҳои суғуртавие, ки ба фонди суғурта дар шакли ҷуброни суғурта равона карда шудаанд.

Хулоса, функсияи иқтисодии суғурта аз он иборат аст, ки аз ҳисоби маблағҳои муваққатан озоди фондҳои суғурта ба иқтисодиёт метавон маблағгузорӣ намуд. Ташкилотҳои суғуртавӣ маблағҳои калонеро ҷамъоварӣ менамоянд, ки онҳо барои ҷуброни зарар пешбини шудаанд, вале то рӯйдодани ҳодисаҳои суғуртавӣ онҳоро метавон муваққатан ба коғазҳои қимматнок, амволи ғайриманқул ва ғайра сармоягузорӣ намуд. Ҳамин тариқ, мафҳуми суғуртаро ҳамчун категорияи иқтисодӣ метавон дар корҳои зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ дидан намуд. Аммо, то ҳол ин масъала ҳалли ниҳои худро наёфтааст. Мо низ дар ин мақола каме ҳам бошад хостем вобаста ба суғурта ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ дар шароити муосир фикру андешаҳои худро пешниҳод намоем.

**Адабиёт**

1. Роик, В. Д. Пенсионное страхование и обеспечение : учеб. пособие для бакалавриата и магистратуры / В. Д. Роик. — 2-е изд., испр. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2019. — 350 с.
2. Роик, В. Д. Социальное страхование : учебник и практикум для академического бакалавриата / В. Д. Роик. — 2-е изд., перераб. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2019. — 418 с.
3. Скамай, Л. Г. Страхование : учебник и практикум для прикладного бакалавриата / Л. Г. Скамай. — 4-е изд., перераб. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2019. — 322 с.

4. Социальное страхование : учебник для академического бакалавриата / Ю. П. Орловский [и др.] ; под общ. ред. Ю. П. Орловского. — М. : Издательство Юрайт, 2019. — 127 с.

5. Страхование : учебник и практикум для прикладного бакалавриата / отв. ред. А. Ю. Анисимов. — 2-е изд., испр. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2018. — 218 с.

6. Страхование и управление рисками : учебник для бакалавров / Г. В. Чернова [и др.] ; под ред. Г. В. Черновой. — 2-е изд., перераб. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2017. — 767 с.

7. URL:https://nbt.tj/files/sugurta/bozori-sugurtavi/2021/Sharhi_nizom_solona_2021.tj.pdf.pdf;

8. URL:https://www.medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelni_e-akti/tj/02566-tj.pdf;

## СТРАХОВАНИЕ КАК ВИД ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**РАХИМОВ ФАЙЗАЛИ САЪДУЛЛОЕВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент
кафедры информационных систем и технологий в экономике
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/1.
Тел.: (+992) 901-00-87-63. E-mail:f-rahimov77@mail.ru

*В данной статье исследуется категория страхования как вид экономической деятельности в современных условиях. Автор отмечаеть, что страхование является неотъемлемой частью современной экономической системы, и личность, государство и организация нуждаются в системе страховой защиты. Автор также считает, что в зависимости от категории «страхование» учеными и исследователями в данной области издано множество научных и учебных пособий, роль отечественных и зарубежных ученых в изучении теории и практики страхования значительна, но все же остается ряд спорных составляющих этой экономической категории, исследование которых является своевременным. Данное исследование обусловлено тем, что страхование играет важную роль в обеспечении благосостояния населения. С помощью страхования люди могут защитить свое имущество и создать финансовые гарантии. В исследовании также основное внимание уделялось формам и современному состоянию страхового рынка в Республике Таджикистан. В результате анализа установлено, что на сегодняшний день по состоянию на 31 декабря 2021 года страховые услуги оказывают 19 страховых организаций, из них 2 государственные страховые организации и 17 негосударственные страховые организации. Согласно анализу, их количество увеличилось на 1 по сравнению с 2020 годом. Однако за этот период количество филиалов страховых компаний в городах и районах страны сократилось до 5 единиц. Таким образом, автор высоко оценил деятельность страховых компаний в Республике Таджикистан, и в то же время внес конкретные предложения по дальнейшему улучшению атмосферы страховых отношений.*

***Ключевые слова:*** *страхование, страховая деятельность, экономика, страховые фонды, государственные фонды, формы страхования, финансы, государство, страховые услуги.*

## INSURANCE AS A KIND OF ECONOMIC ACTIVITY IN MODERN CONDITIONS

**RAKHIMOV FAIZALI SADULLOEVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Information Systems and Technologies in Economics
Tajik State Financial and Economic University.

734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/1, Nakhimov Str.
Phone: (+992) 901-00-87-63. E-mail: f-rahimov77@mail.ru

*This article explores the category of insurance as a type of economic activity in modern conditions. The author notes that insurance is an integral part of the modern economic system, and the individual, the state and the organization need a system of insurance protection. The author also believes that, depending on the category of "insurance", scientists and researchers in this field have published many scientific and teaching aids, the role of domestic and foreign scientists in studying the theory and practice of insurance is significant, but there are still a number of controversial components of this economic category, the study which is timely. This study is due to the fact that insurance plays an important role in ensuring the well-being of the population. With the help of insurance, people can protect their property and create financial guarantees. The study also focused on the forms and current state of the insurance market in the Republic of Tajikistan. As a result of the analysis, it was found that as of today, as of December 31, 2021, 19 insurance organizations provide insurance services, of which 2 are state-owned insurance organizations and 17 are non-state insurance organizations. According to the analysis, their number increased by 1 compared to 2020. However, during this period, the number of branches of insurance companies in cities and regions of the country decreased to 5 units. Thus, the author highly appreciated the activities of insurance companies in the Republic of Tajikistan, and at the same time made specific proposals for further improving the atmosphere of insurance relations.*

***Key words:*** *insurance, insurance activity, economics, insurance funds, state funds, forms of insurance, finance, state, insurance services.*

УДК: 332.1

# УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ГАФОРЗОДА ДЖОНОНА**,
кандидат экономических наук,
заведующая кафедрой экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121
Тел.: (+992) 000-33-99-77. E-mail:karaeva.j@mail.ru
**СУДУРОВ РОМИЗ САЙДАЛИЕВИЧ,**
докторант (PhD) Таджикского государственного
педагогического университета имени С. Айни.
734003, , Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121
Тел.: (+992) 773-33-32-76. E-mail: romiz.sudurov@bk.ru

*В статье исследуется и анализируется устойчивое развитие высшего образования в Республике Таджикистан. Целью изучения и анализа высшего образования является улучшение экономического, финансового, социального и образовательного управления высшими учебными заведениями, что будет способствовать устойчивому развитию высшего образования в Республике Таджикистан.*

*Стабильность высших учебных заведений и качество их услуг на мировом рынке напрямую связаны со значительными научно-техническими достижениями, которые могут определять инновационный потенциал всех секторов национальной экономики.*

***Ключевые слова:*** *устойчивое развитие, высшее образование, менеджмент, рынок, образование, статистика, рынок услуг, инновации, образование, финансы, конкурентоспособность, образование, инвестиции, структура.*

В настоящее время качество образовательных услуг университета занимает центральное место в государственной политике по вопросам образования. Государство в лице Министерства образования и науки Таджикистана контролирует качество оказываемых учебными учреждениями услуг посредством формирования задания для каждого университета на подготовку кадров, определяя тем самым объем финансирования для покрытия затрат на подготовку определенной категории студентов. Формулировка и объем государственного задания зависит от качества оказываемых университетом услуг, эффективности его деятельности, которая ставится в прямую зависимость от выполнения показателей, разрабатываемых Минобрнауки Таджикистана на каждый учебный год, среди которых проходной балл ЕГЭ у поступающих абитуриентов, объем привлеченных внебюджетных средств за счет научных исследований, заявок бизнес-среды и т.д.

Отношение к высшему образованию в Республике Таджикистан в наше время претерпевает различные изменения, которые затрудняют его развитие и приводит к введению новых операций.

В 2019-2020 учебном году подготовка кадров с высшим профессиональным образованием в Республике Таджикистан осуществляется 40 высшими учебными заведениями. Данный показатель в 2011-2012 учебном году составил 33 единицы. Большинство действующих вузов в РТ являются прямыми конкурентами по предоставлению одинаковых образовательных продуктов. В то время как основная деятельность вузов - это предоставление образовательных услуг, вузы предоставляют аналогичные наборы дополнительных услуг с установлением сопоставимых цен.

Определим количество учреждений высшего профессионального образования Республики Таджикистан.

***Таблица 1.***

***Число учреждений высшего профессионального образования (на начало учебного года, тысяч человек)***

| | 2015 2016 | 2016 2017 | 2017 2018 | 2018 2019 | 2019 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Число высших профессиональных учебных заведений (включая филиалы) | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 |
| Студенты | 176, | 186, | 195, | 209, | 229, |
| В том числе женщин | 59,0 | 65,9 | 70,4 | 76,4 | 86,5 |
| Удельный вес женщин | 33,4 | 35,2 | 36,0 | 36,4 | 37,7 |
| Выпущено специалистов | 29,5 | 33,2 | 38,5 | 44,6 | 43,2 |
| Выпущено специалистов на 10 000 населения | 35 | 38 | 43 | 49 | 47 |

***Источник: Образование в Республике Таджикистан (статистический сборник) //Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2020. - С.60***

Исходя, из таблицы можно наблюдать, что число высших профессиональных заведений в периоде с 2011 по 2020 гг. увеличилось, в том числе наблюдается рост число студентов. Эти данные можно обуславливать повышением интереса к высшему образованию среди молодого поколения. Если в 2011-2012 учебного года число студентов составлял 152,2 тысячу, то эти данные в 2019-2020 учебного года составили 229,6 тысячу, что на 51% больше по сравнению 2011-2012 учебным годом.

На сегодняшний день рынок высшего профессионального образования является основной частью рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан.

Судя по данным статистики образования количество высших учебных заведений в 1991г. составляло 13 единиц. В годы независимости этот показатель увеличился до 40 единиц. В 1991-2000гг. была проведена образовательная реформа, которая поспособствовала свободе для создания новых вузов. Одновременно наблюдается рост количества иностранных высших учебных заведений в Республике Таджикистан как: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова, Филиал Московского Национального исследовательского университета «МИСиС», Филиал Московского энергетического института.

Независимо от того, что Закон «О высшем образовании» гарантирует независимость ВУЗов в решении учебных, финансовых и кадровых вопросов, однако независимость имеет ограниченный характер. Так как правительство устанавливает государственные стандарты для учебных программ и вузов, они должны придерживаться стандартов на примерно 70% от обязательной программы. Любые изменения, которые планируются для внедрения в учебный план, должны утверждаться Министерством образования и науки до его реализации.

Несмотря на положительный рост со стороны государства уделяется неудовлетворительное внимание в сфере финансирования образования. Если

проводить анализ, который сравнивает расходы государства в сфере образования, можно с легкостью увидеть что структура экономики страны далек от структуры экономики развитых стран, так как их удельный вес образования и науки высок.

Для понимания особенностей государственного финансирования университетов в годы исследуемого периода, акцентируем внимание на изменения объема государственного финансирования системы образования в Республике Таджикистан.

Таблица 3

**Динамика расходов в сфере образования относительно к ВВП, госбюджета и учреждениям ВПО в течение 2015-2019гг (тыс. сом).**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Финансирование в сфере образования | 2918,7 | 3146,2 | 3581,2 | 3863 | 4404,9 |
| % от ВВП | 5,5 | 5,5 | 6,1 | 6,3 | 6,3 |
| % от госбюджета | 18,8 | 16,9 | 18 | 18,4 | 18,4 |
| Для высшего профессионального образования | 477,1 | 556,2 | 632,8 | 606,1 | 716,5 |

***Источник: Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание)//Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе - 2019. - С.420-447.***

От общего финансирования в сфере образования в 2015 году, который составляет 2918,7 тыс. сомони для высшего профессионального образования выделилось 477,1 тыс. сомони, что составляет 15,3% от общей суммы. Этот показатель в 2019 году составляет 4404,9 тыс. сомони что на 51% больше относительно показателя 2015 года. Для высшего профессионального образования в 2019 от общего финансирования в сфере образования выделилось 716,5 тыс.сомони.

Из общего объема расходов на образование 73,0% идет на расходы на персонал, но зарплаты учителей остаются низкими. Незначительная сумма расходуется на создание необходимой инфраструктуры и подготовку учителей. Ниже указаны динамика заработной платы персонала учреждений высшего профессионального образования.

***Таблица 4***

***Динамика средней заработной платы, преподавателей и других персоналов учреждений высшего профессионального образования (сом)***

| № п/н | Перечень обязанностей | 2014 2015 | 2015 2016 | 2016 2017 | 2018 2019 | Рост относительно 2014-2015 учебного года |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ректор | 3535 | 3535 | 4242 | 4878 | 1,38 |
| 2 | Заместитель ректора | 2891 | 2891 | 3569 | 3989 | 1,38 |
| 3 | И другой административный, технический и учебный персонал | 916 | 916 | 1099 | 1264 | 1,38 |
| *Состав преподавателей* | | | | | | |
| 4 | Профессор, доктор наук | 1753 | 1753 | 2104 | 2420 | 1,38 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Профессор, без степени доктора наук | 768 | 768 | 922 | 1060 | 1,38 |
| 6 | Доцент, доктор наук | 1020 | 1020 | 1224 | 1408 | 1,38 |
| 7 | Доцент, кандидат наук | 1306 | 1306 | 1567 | 1802 | 1,38 |
| 8 | Доцент, без степени | 504 | 504 | 605 | 696 | 1,38 |
| 9 | Старший преподаватель, кандидат наук | 1082 | 1082 | 1298 | 1493 | 1,38 |
| 10 | Старший преподаватель, без степени | 799 | 799 | 959 | 1103 | 1,38 |
| 11 | Преподаватель | 472 | 472 | 566 | 651 | 1,38 |
| 12 | Ассистент со степенью | 676 | 676 | 811 | 933 | 1,38 |
| 13 | Ассистент без степени | 628 | 628 | 754 | 867 | 1,38 |

***Источник: Образование в Республике Таджикистан (статистический сборник) //Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2018. - С.226***

В этот период анализа заработная плата ректора повысился от 3535 сомони до 4878 сомони. Заработная плата заместителя ректора повысился от 2891 сомнои до 3989 сомони, а заработная плата профессора, доктора наук увеличился от 1753 сомони до 2420 сомони. Но его удельный вес по отношению к заработной платы руководителей, например ректора, составляет 49,8%. Для устойчивого развития управлением высшего учебного заведения эту долю надо снизить. Потому что профессора заведующие кафедрами являются основными эталонами в процессе образования и его развития.

Таким образом, в сложившихся социально - экономических условиях функционирования ВУЗов надо установить следующие тенденции:

1. Развитие частного сектора в сфере образования, и как следствие, возрастание уровня конкуренции на рынке образовательных услуг;
2. Снижение уровня государственного финансирования;
3. Изменение структуры спроса на образовательные продукты;
4. Возникновение новых форм и методов обучения;
5. Интеграция в международное образовательное сообщество.

На сегодняшний день представленные тенденции на рынке услуг высшего образования являются крайне актуальными. Перед ВУЗами встает задача поиска новых направлений повышения самофинансирования и более эффективного самоуправления.

Надо отметить, для улучшения управлением устойчивости развития высшего профессионального образования в том числе их учреждения надо просмотреть следующие задачи:

- поступить в самостоятельное распоряжение бюджетных средств;
- финансировать и проводить совместные с университетом фундаментальные и прикладные научные исследования, развивать инновационную деятельность;
- совершенствование правовых аспектов деятельности высших учебных заведений;
- организация предпринимательской деятельности в высших учебных заведениях для развития экономической и финансовой устойчивости.

**Литература**

1. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22 июля 2013г. (№1004).

2. Закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском профессиональном образовании» от 8 декабря 2003г (№48).

3. Ганиева Ситора Баходуровна «Управление Развитием Рынка Образовательных Услуг В Республике Таджикистан»

4. Кадырова Заррина Халимовна «Развитие социально-экономического потенциала учреждений вышего профессионального образования»

5. Фархудинов, Исуф. Фархудинов. Проблемы реформирования и перспективы развития системы образования Таджикистана после обретения независимости Душанбе 2013.

6. Т.Р.Набиуллин «Особенности развития Вуза как субъекта предпринимательской деятельности»

7. Аникеев А. А., Артуров, Е. А. Современная структура образования в Германии/А.А. Аникеев, Е.А. Артуров // Alma mater. – 2012.- № 3.- С. 67-

8. Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлоияти давлатӣ - Душанбе: Маориф, 2016. 200 с

9. *Клюев А. К.* Экономика классического университета в переходный период / А. К. Клюев, В. С. Петухова // Университетское управление: практика и анализ. 2005. № 6(39). С. 66-70.

10. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание) Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе – 2018-2019.

## ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҒАФОРЗОДА ҶОНОНА ҒАФОР,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 93-106-86-86. E-mail: karaeva.j@mail.ru
**СУДУРОВ РОМИЗ САЙДАЛИЕВИЧ,**
докторант (PhD)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 773-33-32-76. E-mail: romiz.sudurov@bk.ru

*Дар мақола рушди устувори таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил карда шудааст. Мақсад аз омӯзиш ва таҳлили таҳсилоти олӣ такмили идоракунии иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад, ки ба рушди устувори таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.*

*Устувории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва сифати хизматрасонии онҳо дар бозори ҷаҳонӣ бевосита ба дастовардҳои назарраси илму техника вобаста аст, ки иқтидори инноватсионии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро муайян карда метавонад.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди устувор, таҳсилоти олӣ, менеҷмент, бозор, маориф, омор, бозори хизматрасонӣ, инноватсия, маориф, молия, рақобатпазирӣ, сармоягузорӣ, сохтор.*

## MANAGEMENT OF SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF HIGHER PROFESSIONALS EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GAFORZODA JONONA,**

candidate of economic science, Head of the Department of Economics and Management,
Tajik State Pedagogical University after named S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 000-33-99-77. E-mail:karaeva.j@mail.ru
**SUDUROV ROMIZ SAYDALIEVICH,**
doctoral student (PhD) of the Tajik State Pedagogical
University named after S. Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 773-33-32-76. E-mail: romiz.sudurov@bk.ru

*The article examines and analyzes the sustainable development of higher education in the Republic of Tajikistan. The purpose of the study and analysis of higher education is to improve the economic, financial, social and educational management of higher education institutions, which will contribute to the sustainable development of higher education in the Republic of Tajikistan.*

*The stability of higher education institutions and the quality of their services in the world market is directly related to significant scientific and technological achievements, which can determine the innovative potential of all sectors of the national economy.*

***Key words:*** *sustainable development, higher education, management, market, education, statistics, service market, innovation, education, finance, competitiveness, education, investment, structure.*

УДК:332.13

# ЗАМИНАҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

**ОДИНАЕВ ШОҲИН ТАЛБАКОВИЧ**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.
734049 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Ҳаёти Нав, 306.
Тел.: (+992) 918-42-57-57.
**СУФИЕВ АЛИШЕР ҶАЪМАЕВИЧ**,
унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.
734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Ҳаёти Нав, 306.
Тел.: (+992)988-88-77-08. E-mail: sufiev.8989@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур ҳадафи чоруми миллӣ ва аҳамияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ташаккулёбии муносибатҳои истеҳсолӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Фароҳам овардани шароитҳои рушди муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ, омӯзиши омилҳои муҳими тараққиёти муносибатҳои истеҳсолӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, ҳамгироии бахшҳои иқтисодии кишварҳои мутараққӣ ба иқтисодиёти кишвар, нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ин самт ва дар ин баробар ҷорӣ намудани имтиёзҳои гуногун баҳри ташаккулёбии муносибатҳои истеҳсолӣ аз қисматҳои дигари марказии мақолаи мазкур дониста шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *минтақаҳои озоди иқтисодӣ, имтиёзҳо, истеҳсолӣ. саноатикунонӣ, андоз, субъектҳо, рушд, ватанӣ, хориҷӣ, кишвар, муносибатҳо, сармоягузории хориҷӣ, технология,сиёсати давлатӣ, ҳадаф.*

Амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ яъне саноатикунонии босуръати кишвар дар шароити ҷаҳонишавии тамоми бахшҳои хоҷагии халқ ва таъсири ин раванд ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, зарурати бозҳам таҳким бахшидани пояҳои моддӣ-техникии муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва корхонаҳои саноатиро пеш овард. Дар баробари ин рушди муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ яке аз омилҳои муҳими тараққиёти муносибатҳои истеҳсолӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ҳамгироии бахшҳои иқтисодии кишварҳои мутараққӣ ба иқтисодиёти кишвар, зарурати зиёд намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҷорӣ намудани имтиёзҳои гуногунро талаб менамояд.

Ҳадафи асосии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷалби сармояи мустақим хусусан сармоягузории хориҷӣ ва технологияи пешқадам дар қаламрави алоҳидаи кишвар мебошад. Заминаҳои амалисозии ин ҳадафҳо пеш аз ҳамма муайян намудани омилҳое, ки ҳифзи манфиатҳои миллиро таъмин менамоянд донисташуда, дар ин баробар баҳри ҳавасмандии сармоягузорон ва ҷалби сармояи онҳо ба иқтисодиёти кишвар хусусан дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ имтиёзҳои мушаххасро бояд ҷорӣ намуд, ба монанди:

- Паст намудани меъёри андоз ва ё озод намудан аз андозҳои муайян;
- Бекор кардани пардохти аксизҳо барои молҳои зераксизӣ, ки ба қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ ворид карда мешаванд;
- Бекор кардани пардохти андози замин барои давраи муайян аз давраи ба даст овардани ҳуқуқи истифода ба қитъаи замин

- Имтиёзҳои маъмурӣ: низоми соддаи бақайдгирии корхонаҳо, иҷозат барои содироти қонунӣ ва ба даст оварда фоида ба резидентҳои хориҷӣ;
- тахфиф барои ширкатҳои хориҷӣ ҳангоми хариди таҷҳизоти истеҳсоли маҳаллӣ;

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳамаи давлатҳои дунё аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Таърих ва таҷрибаи ташаккулёби рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки онҳо яке аз қувваи ҳаракатдиҳандаи тараққиёти хоҷагидории кишвар ба ҳисоб рафта дар зери диққати махсуси олимони иқтисоддон қарор дорад.

Таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки таъсиси минтақаҳои махсуси озоди иқтисодӣ дар бештар ҳолатҳо ба хотири ҳалли муаммоҳои рушди иқтисодиву-иҷтимоии минтақаҳои алоҳида таъсис дода мешаванд. Дар баробари ин таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси истифодаи бартарияти рақобатпазирии қаламрав барои ташаккулёбии шарту шароити рушди босуботи иқтисодии минтақавӣ имкон медиҳад[1,3].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити муосир ҷузъи низоми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта барои густариши муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байналхалқӣ саҳми босазо доранд. Бағайр аз ин онҳо барои рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун омили муҳим арзёбӣ мегарданд. Омузиши таҷрибаи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар давлатҳои тараққикарда ва ру ба тараққӣ барои ташаккулёбии хулосаи умуми оиди аҳамияти иқтисодии онҳо дар шароити муосир мусоидат мекунад. Дар адабиётҳои иқтисодӣ кушишҳои зиёд оиди муайян ва ошкор намудани моҳияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ вобаста ба тараққиёти муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва рушди ҳамгирои дар заминаи чунин минтақаҳо дар тамоми қаламрави кишварҳои алоҳида аз он ҷумла дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили рушди сармоягузориву муносибатҳои тиҷоратю истеҳсолӣ таъсис дода шудаанд.

Саноатикнонии бо суръат дар сиёсати давлатӣ аз рӯи ҳадафҳо ва барномаҳои муайяни соҳавӣ амалӣ гардида, татбиқи онҳо дар шароити муосир зарур шуморида мешавад.

Мақсади сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат дар расми №1 омадааст [2, - С.4-5].



Рушди саноати миллӣ дар таъмини бехатарии иқтисодиёт нақши калидӣ дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «…бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [3].

Ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавҷудияти механизми имтиёзноки танзими фаъолияти иқтисодиро пешбинӣ карда бо мақсади ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсис дода мешаванд. Зарурияти таъсиси шароити хоҷагидории преференсиявӣ (имтиёзнок) якум маротиба дар таълимоти Ҷ.М. Кейнс дар китоби «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» ва инчунин дар «Назарияи такони бузург» (big push) асоснок шуд. Мувофиқи таълимоти Кейнс объекти асосии танзими давлатӣ дар самти муомилот талабот дар бозори истеъмолӣ ва бозори воситаҳои истеҳсолот ба ҳисоб меравад, яъне ташаккулёбии талаботи сармоягузорӣ барои он мусоидат мекунанд [4,544].

Айни замон, дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ҳамагӣ 1091 корманд кору фаолият мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 350 нафар ба МОИ «Данғара», 668 нафар ба МОИ «Суғд», 34 нафар ба МОИ «Панҷ» 20 нафар ба МОИ «Ишкошим» ва ба МОИ «Кӯлоб» 19 нафар рост меояд.

Вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо бояд иброз дошт, ки дар соли 2020 ба маблағи 199,81 млн.сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Дар МОИ «Суғд» 165,26 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара» 34,5 млн. сомонӣ, МОИ «Панҷ» 0,05 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Аз оғози фаоълияти минтақаҳои озоди иқисодӣ дар маҷмӯъ маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва амалиётҳои воридоту содироти ба маблағӣ 941,6 млн. сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2020 ба 43,3 млн. сомонӣ баробар гардид. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд»16,9 млн. сомонӣ «Данғара» 24,3 млн. сомонӣ ва «Панҷ» 2,1 млн. сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2020 ҳамагӣ 72 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст. Дар МОИ «Суғд» 19 субъектҳои ватанӣ, 6 субъектҳои хориҷӣ ва 5 субъектҳои муштарак мебошад. Дар МОИ «Данғара» 9 субъектҳои ватанӣ ва 16 субъектҳои хориҷӣ мебошад. Дар МОИ «Панҷ» 4 субъектҳои ватанӣ, 3 субъектҳои хориҷӣ ва 4 субъектҳои муштарак мебошад. Дар МОИ «Ишкошим» 5 субъекти ватанӣ мебошад. Дар МОИ «Кӯлоб» 1 субъекти ватанӣ мебошад [5].

Ҳамаи ин нишодиҳандаҳо ба таври мушаххас дар диграммаи №1

**Диграммаи №1**




| | Шумораи субъектҳо дар МОИ | Таъсиси ҷойҳои корӣ дар МОИ | Ҳаҷми сармоягузорӣ дар соли 2020 (млн. сомонӣ) | Ҳаҷми ист. маҳ. дар МОИ аз оғози фаъ. (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| МОИ "Суғд" | 25 | 668 | 16,9 | 786 |
| МОИ "Данғара" | 30 | 350 | 24,3 | 153,2 |
| МОИ "Панҷ" | 11 | 35 | 2,1 | 1,7 |
| МОИ "Ишкошим" | 5 | 20 | 0 | 0,7 |
| МОИ "Кӯлоб" | 1 | 19 | 0 | 0 |

***Манбаъ: сомонаи расмии вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ***

Чӣ тавре, ки аз маълумоти нишондодашудаи диаграммаи №1 бармеояд натиҷаҳо гуногун буда, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот рӯ ба афзоиш нигаронида шудааст. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи нишондиҳандаҳо аз давраи оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ то ҷамъбасти соли 2020-ро дар бар мегиранд.

Имрӯзҳо теъдоди субъект ё иқтидорҳои инноватсионии саноатии мамлакат назаррас мебошанд, аммо байни онҳо робитаи зарурӣ вуҷуд надорад, дар ин сурат зарурияти коркарди механизми мукаммали идоракунӣ ба вуҷуд меояд. Бояд чунин низоми идоракуние коркард ва ташкил карда шавад, ки тавонад байни ин сохторҳо робитаи бо ҳам алоқамандро таъмин намояд. Аз он ҷумла, робитаи фаъолияти байни сохторҳои идоракунии давлатӣ, минтақавию истеҳсолӣ ва робитаи сохторҳои алоҳидаи субъектҳои иқтидори инноватсионии соҳа барои татбиқи самараноки инноватсияҳо таъмин гарданд [6, - С.303-305].

Яке аз омилҳои баҳамоварандаи ин раванд таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ буда дар ҳама ҷо ташкили иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва рушди минтақаи алоҳида ба ҳисоб меравад ва аз ин лиҳоз моҳияти чунин минтақаҳо қариб, ки як чизро дар ҳама ҷо ифода мекунанд. Мувофиқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин минтақаи алоҳидаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқи қайдкардашуда, ки дар он ҷо шароитҳои имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ барои амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таъсис дода шудааст[7].

Ҳатто коршиносони Созмони миллали муттаҳид қайд мекунанд, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин минтақаҳои маҳдуди саноатӣ бо низоми бебоҷи гумрукӣ ва тиҷоратие мебошад, ки дар он ҷо ширкатҳои хориҷӣ молу маҳсулотро асосан барои содирот истеҳсол карда аз баъзе имтиёзҳои андозбандӣ ва молиявӣ бархурдор мебошанд. Дарк кардан муҳим аст, ки яке аз хусусиятҳои хоси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин пешниҳоди имтиёзҳои молиявӣ, андозбандӣ ва гумрукӣ ба ҳисоб меравад ва маҳз ба ин хотир соҳибкоронро ҷалб мекунад.

Дар баробари гуфтаҳои боло яккатор олимони соҳа фикру андешаҳояшонро вобаста ба масъалаи мазкур ба таври гуногун ифроз доштанд, ки назарияи пешниҳоднамудаи ҳар яке аз онҳо паҳлуҳои илман асоснoккардашуда дошта дар маҷмуъ моҳиятан баробар мебошанд.

Т. П. Данько ва Э. М.Окрут бар он ақидаанд, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ қаламрави мустақили давлат ва қисми ҷудонашавандаи комплекси хоҷагидории давлат (гуруҳи давлатҳо) мебошанд, ки дар он ҷо истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ барои ба даст овардани дастовардҳои муайян ва мушаххаси ҳамгироии

умумимиллӣ бо мақсади истифодаи механизми махсуси танзими муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодивии истеҳсоливу тақсимот таъмин шуда барои васеъ намудани ҳудуди диффузӣ (омезиш) қодир мебошанд [8].

Боз ҳам мафҳуми васеътари минтақаҳои озоди иқтисодиро дар корҳои илмии худ В. Е. Рыбалкин шарҳ медиҳад. Ба ақидаи вай минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин минтақаи ҷузъи қаламравӣ миллӣ бо ҳудуди махсуси имтиёзноки тиҷорати беруна, гумрук, сармоягузорӣ, асъориву молиявӣ ва низоми андозбандӣ ва мусоидаткунандаи фаъолияти хоҷагидории иштирокчиёни хориҷӣ (истеҳсолии ҷалби сармояи беруна ва инчунин технологияи пешқадами хориҷӣ ба ҳисоб меравад [9,35].

Мувофиқи ақидаи В.В. Ушаков минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин қисми фазои иқтисодии миллӣ мебошад, ки дар он ҷо барои соҳибкорони ватаниву хориҷӣ намуди имтиёзҳо ва имкониятҳое пешниҳод мешаванд, ки дар асоси технологияи навтарин рушд додани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодро имкон дода, барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ҷиҳати баровардан ба бозори ҷаҳон ва рушди бомуваффақияти муҳити иҷтимоиву иқтисодии минтақаи пешбинишуда, мусоидат мекунад [10, с. 10].

Ҳамин тариқ, таҳияи лоиҳа, ҷустуҷӯи маблағ ва татбиқ лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонанд ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мусоидат намояд.

Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии халқии Хитой хусусиятҳо ва самтҳои фаъолияти махсусро ба худ муттаҳид месозад. Аз ин лиҳоз дар мавзӯи таҳқиқшаванда вобаста ба яке аз минтақаҳое, ки дар дунё амалан монанд надоранд, гуфта хоҳом гузашт.

Минтақаи рушди техникӣ-иқтисодии Далянь (номи ихтисориаш - Минтақаи рушди Далян) аввалин минтакаи тараккиёти техникӣ-иктисодӣ мебошад, ки аз 25 сентябри соли 1984 таъсис дода шуда, дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки дар самти фаъолият маъмурияти идоракунии он ба технологияи муосир бо фарогирии навовариҳои технологӣ ва инноватсионӣ афзалият ва имтиёзҳоро роҳандозӣ намудаанд.

Дар шаҳри Далян қариб 10 хазор корхонаҳои саноатӣ бо истиеҳсол намудани зиёда аз 150 номгӯи маҳсулоти саноатӣ машғул мебошанд, ки мавҷудияти бандарҳои логистикӣ (Тяньцзин, Далянь, Цинхуандао ва Циндао), барои муомилоти боркашонӣ ва ба бозорҳои фурӯши мол баровардани молҳои истеҳсолшуда ба соҳибкорон ҳавасмандии дигарро барои баромадан ба бозорохои ҷаҳонӣ медиаҳад [11, с. 49-57].

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи чоруми миллӣ ба сифати мӯҳити беруна ва дохилии саноат асосан донорҳои ватанӣ ва хориҷии молиявӣ, инчунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдароранндаи соҳаи саноат баромад менамоянд. Ба сифати барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аслан барномаҳои қабулгардида дар соҳаи саноат ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар доираи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ дар давраи вақти муайян ва он лоиҳаҳои сармоягузориҳое, ки аз ҷониби маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои амалигардӣ бо мақсади баробарии рушди минтақаҳо пешниход мегарданд, баромад менамоянд. Ба сифати сиёсати молиявӣ (буҷетӣ) дар соҳаи саноат, маблағҳои ҷудошуда аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушд ва ҳавасмандгардонии саноат баромад менамоянд. Ҷиҳати амалигардии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аксарияти донорҳои молиявии хориҷӣ кафолати давлатиро талаб менамоянд, маҳз аз ин рӯ, маблағҳои ҷудошуда аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба амалӣ гардидани миқдори бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, мусоидат менамояд.

Вобаста ба нуқтаҳои дарҷгардидаи боло маврид ба зикр аст, ки ташаккулёбии мууносибатҳои истеҳсолӣ дар МОИ аз бозори сармоя асос меёбад. Дар натиҷаи

самарабахш истифодабарии сармоя офаридани неъматҳои нав таъмин гардида, вазъи шуғлварзӣ ва таъмини бозор ба намуди муайяни маҳсулоти истеҳсолӣ имконпазир мегардад. Дар ин баробар илова бояд илова намуд, ки фондҳои истеҳсолӣ низ неъмати сармоявӣ мебошанд, ки истифодабарии онҳо имконияти дар оянда зиёд намудани даромадро медиҳад.

Офаридани фондҳои истеҳсолӣ, ё ин ки неъматҳои нави сармоявӣ бо хароҷотҳои пулии зиёд алоқаманд мебошанд, яъне воситаҳои пулии нисбатан зиёдро талаб мекунанд. Бинобар ин талабот ба сармоя дар бозори захираҳо ҳам дар шакли талабот ба фондҳои инвеститсионӣ, ки барои ба даст овардани сармоя дар шакли ҷисмонӣ зарур аст, баромад мекунад.

Ҳамин тариқ нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ташаккулёбии муносибатҳои истеҳсолӣ назаррас буда, дар ин замина ба фаъолгардии бахшҳои дигари иқтисодиё аз ҷумла саноат, шуқлварзии аҳолӣ, баробарии талаботу таклифот, таъминоти бозори дохилӣ бо молҳои ватанӣ ва дастрасӣ пайдо кардан барои харидорӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон

Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси ин ҷараён хулоса кардан мумкин, ки дар шароити кунунӣ саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, яке аз масъалаҳои муҳим ва барномаҳои дарозмуддати кишвар ба ҳисоб меравaнд. Ҳукумати мамлакат солҳои охир барои аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил додани мамлакат аз тамоми имкониятҳо, аз он ҷумла ҷорӣ намудани имтиёзҳо ба субъектҳои хоҷагидор истифода намуда истодааст. Таъмин намудани рушди иқтисодиёти мамлакат ва нерӯ бахшидан ба тараққиёти соҳаи саноат, нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва коркарди маҳсулоти он ба талаботи бозори дохилию берунӣ ба ҳисоб рафта, дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва саноатӣ иҷрои вазифаҳои хеле муҳимро тақозо менамояд. Чунки аз фаъол будани корхонаҳои истеҳсолӣ, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва баланд бардоштанӣ иқтидори содиротии мамлакат яке аз омилҳои асосии паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва ба шуғл фарогирифтани аҳолии қобили меҳнатро ба ҳисоб рафта дар ташаккулёбии муносибатҳои истеҳсолӣ нақши муносиб мегузорад.

**Адабиёт**

1. Одинаев Ш. Т., Раджабов Ш.Х., Музаффаров Б.С. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Душанбе: «Сино» 2013, серия экономических наук 2/5 (117).- С. 256-258.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» аз 30 майи соли 2017. - № 1415. – С.4-5.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат - Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри 2018 сол. (Захираи электронӣ) http://www.president.tj .

4. Кейнс Дж. М. Избранные произведения; пер. с англ., предисл., коммент., сост. А.Г. Худокормов. - М.: экономика, 1993. - 544 с. - (серия "экономическое наследие").

5. Сомонаи расмии вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ www.medt.tj.

6. Раҳмонов Дж. Р. Необходимость структурной модернизации управления инновационными процессами в промышленности Республики Таджикистан/ Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства//Материалы первый Межд. науч. -практ. конф: КИПУ. - Крым, 2015. - С.303-305.

7. Закон Республики Таджикистан от 25 марта 2011 года № 700 «О свободных экономических зонах». Глава 1. Статья 1.

8. Зименков Р. И. Свободные экономические зоны. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005 ;

9. Международные экономические отношения: Учебник для вузов. Под ред. Проф. В. Е. Рыбалкина. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003. С.35.

10. Ушаков В. В. Государственное регулирование создания и функционирования особых экономических зон в России. Автореферат к.э.н. 08.00.14. Москва-2007. С.10;

# ОСНОВЫ РЕАЛИЗАЦИИ ЧЕТВЕРТОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЗАДАЧИ И ЗНАЧЕНИЕ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РАЗВИТИИ ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ

**ОДИНАЕВ ШОХИН ТАЛБАКОВИЧ**,
кандидат экономических наук, доцент,
заместитель директора по науке, образованию и подготовке научных кадров
Института экономики и системных исследований развития сельского хозяйства АИКТ.
734049 Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Хаёти Нав, 306.
Тел.: (+992) 918-42-57-57.
**СУФИЕВ АЛИШЕР ДЖАЪМАЕВИЧ**,
соискатель Института экономики и системных исследований
развития сельского хозяйства АИКТ
734049 Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Хаёти Нав, 306.
Тел.: (+992)988 88 77 08. E-mail: sufiev.8989@mail.ru

*В данной статье анализируется и изучается четвертая национальная цель и значение свободных экономических зон в формировании производственных отношений. Создание условий для развития международных экономических отношений, изучение важных факторов развития производственных отношений, обеспечение развития экономической стабильности, интеграция отраслей экономики развитых стран в экономику страны, роль свободных экономических зон в этом направлении , и в то же время вводя различные льготы для образования производственных отношений из частей другого центрального пункта этой статьи.*

***Ключевые слова:*** *свободные экономические зоны, льготы, производство. индустриализация, налог, субъекты, развитие, внутренние, зарубежные, страна, отношения, иностранные инвестиции, технологии, государственная политика, цель.*

# FOUNDATIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF THE FOURTH NATIONAL OBJECTIVE AND THE SIGNIFICANCE OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL RELATIONS

**ODINAEV SHOHIN TALBAKOVICH**,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Deputy Director for Science, Education and Training of Scientific Staff of the
Institute of Economics and Systematic Research of Agricultural Development AICT.
734049 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 306, Hayoti nav Str.
Phone: (+ 992) 918-42-57-57.
**SUFIEV ALISHER JAMAEVICH**,
Applicant of the Institute of Economics and System Research
of Agricultural Development AIKT
734049 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 306, Hayoti nav Str.
Phone: (+992) 988-88-77-08. E-mail: sufiev.8989@mail.ru

*This article analyzes and studies the fourth national goals and the importance of free economic zones in the formation of industrial relations. Creating conditions for the development of international economic relations, studying important factors in the development of industrial relations, ensuring the development of economic stability, integrating the sectors of the economy of developed countries into the country's economy, the role of free economic zones in this direction, and at the same time introducing various benefits for the formation of industrial relations from parts of another central point of this article.*

***Key words:*** *free economic zones, benefits, production, industrialization, tax, subjects, development, domestic, foreign, country, relations, foreign investment, technology, public policy, purpose.*

УДК: 368

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННЫМ РИСКОМ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**СОДИКОВ РАХМОН ХАМРОЕВИЧ**,
кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира 33.
Тел.: (+992) 93-518-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru

*В данной статье рассматриваются вопросы совершенствования системы управления хозяйственным риском на промышленных предприятиях в условиях развития инвестиционно-инновационных процессов, перехода к цифровой экономике. Отмечается, что в условиях инновационной экономики управление рисками становится важным элементом в структуре стратегического управления промышленных предприятий. Выявлены этапы управления рисками на промышленных предприятиях. Раскрыта экономическая сущность понятия «хозяйственный риск» и разработана авторская трактовка данного понятия. Отмечено, что деятельность промышленных предприятий подвергается не только вероятностью неполучения запланированного дохода, но и возможностью получения дохода, превышающего ожидаемого. Автором сформулированы основные отличия обычной и инновационной концепции в системе риск-менеджмента промышленных предприятий и представлена общая иерархия процесса риск-менеджмента, которого могут применять промышленные предприятия. Выявлены и охарактеризованы три уровня принятия решений по риск-менеджменту. Автором предложена логическая схема организации риск-менеджмента внутри промышленного предприятия. Определены и охарактеризованы основные характерные черты риск-менеджмента. Сделано вывод, что для совершенствования риск-менеджмента на промышленных предприятиях Республики Таджикистан необходимы определенные преобразования организационного характера, т.е. совершенствование их организационной структуры.*

***Ключевые слова:*** *хозяйственный риск, промышленные предприятия, убытки, минимизация рисков, риск-менеджмент, страхование, хозяйственная деятельность, вероятность, отклонения, оценка, рисковые решения, факторы, мониторинг риска.*

Глобализационный процесс, совершенствования конкурентных отношений, развития инвестиционно-инновационных процессов, переход к цифровизации экономики приводят к возникновению новых факторов и видов риска, которые могут стать причиной снижения уровня эффективности деятельности промышленных предприятий. Следовательно, для снижения уровня потенциальных рисков и минимизации возможных убытков промышленных предприятий возникает необходимость в совершенствовании системы риск-менеджмента на этих предприятиях.

Следует отметить, что в условиях инновационной экономики управление рисками становится важным элементом в структуре стратегического управления промышленных предприятий. В связи с существованием различных внешних и внутренних рисков и связанных с ними возможных убытков у промышленных предприятий возникает потребность в использовании определенного механизма, который способствует наиболее эффективному управлению рисками. Формирование такого механизма возможно именно в процессе риск-менеджмента, который состоит из следующих этапов:

- идентификация возможных рисков;

- анализ и оценка идентифицированных рисков (определение вероятности наступления рисков, уточнение уровня и величины рисков);

- выбор стратегии управления рисками (выбор методов и способов воздействия на риски);

- применение выбранных методов и способов воздействия на риски с целью снижения уровня рисков и минимизации ущерба;

- анализ полученных результатов и корректировка стратегии управления рисками.

В системе управления современных промышленных предприятий риск-менеджмент считается одним из эффективных инструментов, способствующих обеспечению стабильного развития предприятий. Анализ показывает, что в развитых странах большая часть крупных промышленных предприятий имеют подразделение по управлению рисками, что позволяет им наиболее эффективно минимизировать уровень имеющихся рисков и, следовательно, уменьшить вероятность возникновения ущерба [4, с.18].

Необходимо отметить, что в Республике Таджикистан вопросы управления рисками пока исследованы недостаточно и риск-менеджмент не стала важным и эффективным способом в управлении многих отечественных промышленных предприятий и реализации стратегических задач субъектов предпринимательства. Следовательно, вопросы, связанные с формированием системы комплексного риск-менеджмента в деятельности промышленных предприятий Республики Таджикистан, становятся более актуальными.

Деятельность промышленных предприятий связано с многочисленными рисками, среди которых особое значение имеет хозяйственный риск, так как охватывает всю хозяйственную деятельность этих предприятий. Уткин Э.А. в своей книге «Риск-менеджмент» подчёркивает, что «осуществление предпринимательства в его любом виде связано с опасностями. Это - риск, который принято называть хозяйственным или предпринимательским» [10, с.118].

Мартякова О.В., Кочура И.В. отмечают, что в условиях рыночной экономики хозяйствующие субъекты выступают как производителей, продавцов, покупателей и потребителей, следовательно, понятия «экономический риск», «предпринимательский риск», «коммерческий риск» и «хозяйственный риск» можно использовать как синонимы [9, с.84].

Предлагая использовать термин «хозяйственный риск», Качалов Р.М. дает следующее его определение: «это понятие, используемое для характеристики качества целенаправленной хозяйственной деятельности, а конкретнее - исходной ситуации, процессов подготовки и принятия решения, а также результата реализации принятого хозяйственного решения в деятельности предприятия» [6, с.48]. Такое определение означает, что, по мнению Качалова Р.М., хозяйственный риск это последствия функционирования хозяйствующего субъекта, связанного с результатом принятых рискованных решений.

На наш взгляд, хозяйственный риск - это вероятность наступления определенного события, в условиях неопределенности, что может привести к возникновению несовпадения между фактически полученным доходом и заранее запланированным, т.е. отклонения от запланированного дохода.

К основным характерным чертам хозяйственного риска можно отнести:

- вероятность отклонения от запланированного результата (получение либо положительного, либо отрицательного результата);

- качественной и количественной оценки хозяйственного риска;
- неопределенность как источник наступления рисковых ситуаций;
- объективные и субъективные характеры хозяйственного риска [2, с.174].

Следует подчеркнуть, что деятельность промышленных предприятий подвергается не только вероятностью неполучения запланированного дохода, но и возможностью получения дохода, превышающего ожидаемого.

На наш взгляд, риск-менеджмент является важным элементом системы управления промышленным предприятием, направленной на комплексной оценке возможных рисков, которые связаны с его деятельностью, и разработку комплекс мер по управлению рисками, для того, чтобы обеспечить стабильного и эффективного функционирования промышленного предприятия. Риск-менеджмент считается одним из особых структурных элементов общей системы управления промышленным предприятиям.

Нами сформулированы основные отличия обычной и инновационной концепции в системе риск-менеджмента промышленных предприятий (таблица 1).

Риск-менеджмент является одним из важных разделов менеджмента, направленный на принятие и реализации управленческих решений в ситуации неопределенности и риска [11, с.35].

***Таблица 1.***

***Основные отличия обычной и инновационной концепции в системе риск-менеджмента промышленных предприятий***

| **Основные критерии концепций** | **Основные подходы** | |
|---|---|---|
| | **Обычный подход** | **Инновационный подход** |
| По уровни влияния на риски | Несистематический риск-менеджмент | Систематический и интегрированный риск-менеджмент |
| По времени влияния на риски | Частичное применение методов управления рисками | Непрерывное управление рисками |
| По объему влияния на риски | Ограниченный объем рисков предприятия, подлежащих управлению | Широкий объем рисков предприятия, подлежащих управлению |
| По уровни стимулирования | Пассивный вид управления рисками | Активный вид управления рисками |
| По целям стратегического характера | Недопущение снижения рыночной стоимости предприятия посредством возмещения экономических убытков (отказаться от принятия рисковых решений) | Повышение рыночной стоимости предприятия посредством разумных решений по принятию рисков |

***Разработано автором***

На наш взгляд, система риск-менеджмента промышленных предприятий является комбинированным способом управления определенных подсистем, находящиеся в тесном взаимосвязанном состоянии, способствующие устойчивому функционированию промышленных предприятий по определенным направлениям деятельности.

На рис. 1 нами представлена общая иерархия процесса риск-менеджмента, которого могут применять промышленные предприятия.

| | |
|---|---|
| Руководство предприятия | - утверждение стратегии риск-менеджмента предприятия;<br>- проведение мониторинга риск-менеджмента на базе отчетности по рискам и важнейшим показателям. |
| Комитет по рискам | - утверждение различных методик по оценке рисков;<br>- уточнение толерантности к рискам;<br>- разработка стратегии риск-менеджмента;<br>- реализация стратегии риск-менеджмента. |
| Отдел по риск-менеджменту | - разработка методик анализа оценки потенциальных рисков;<br>- разработка внутренних процедур и методик риск-менеджмента;<br>- анализ и оценка рисков на основании утвержденных методик;<br>- учет текущих рисков и мониторинг новых рисков;<br>- открытие баз данных и агрегированной информации по рискам предприятия;<br>- расчет лимитов и мониторинг их соблюдения;<br>- мониторинг риск-менеджмента в подразделениях предприятия в рамках утвержденных регламентов. |

***Рис. 1. Уровни принятия решений по риск-менеджменту на промышленных предприятиях. Разработано автором***

Следует отметить, что существуют три уровня принятия решений по риск-менеджменту, что способствуют привлечению большого количества лиц, заинтересованных в анализе и оценки рисков, а также разработке рисковых решений.

Первый уровень включает, специалистов, занимающихся вопросами оценке рисков, которые разрабатывают формальные процедуры по анализу рисков и принимают соответствующие решения [1, с.105].

Во второй уровень входить Комитет по рискам, который состоит из - топ-менеджеров промышленного предприятия. На этом уровне принимаются решения о необходимом объеме компенсации, получаемые предприятием за риск. Также на данном уровне определяют общую стратегию промышленного предприятия по вопросам управления рисками.

На третьем уровне осуществляется контроль итоговых результатов процесса риск-менеджмента. Решающую роль на данном уровне играют собственники предприятия, так как они наиболее заинтересованы в формировании дополнительной стоимости посредством использования механизма риск-менеджмента [5, с.12].

Функции риск-менеджмента внутри промышленных предприятий предопределяет основные подходы к решению задачи по формированию функции риск-менеджмента и методов, которые применяются в этом процессе. Нами предлагается логическая схема организации риск-менеджмента внутри промышленного предприятия рис. 2.




***Рис. 2. Логическая схема организации риск-менеджмента промышленного предприятия Разработано автором***

Как показано на рис. 2, схема организации риск-менеджмента промышленного предприятия является циклическим процессом, так как новый цикл начинается с анализом и оценки предыдущего цикла и, таким образом, выводит процесс риск-менеджмента на более высокий качественный уровень, исходя из опыта предыдущих периодов.

Результаты, полученные в процессе риск-менеджмента во многом зависят от уровня интегрированности управления рисками в общую систему управления промышленным предприятием. С этой точки зрения, интегрированность риск-менеджмента в общую систему управления промышленным предприятием означает, что:

- уточнены масштаб ответственности в процессе риск-менеджмента, а регулирование и координация этого процесса осуществляется централизованно;
- регулярно совершенствуются механизмы и процессы риск-менеджмента;
- стратегии риск-менеджмента улучшают деятельность функциональных подсистем и предприятия в целом [7, с.55].

Нами установлено, что предпосылку для формирования и развития процесса управления рисками промышленных предприятий создают следующие основные характерные черты риск-менеджмента:

1. Риск-менеджмент - это глубокий анализ и оценка существующих условий с целью принятия разумных управленческих решений. Риск-менеджмент является логическим и систематическим процессом, применяемым для выбора направления улучшения и совершенствования деятельности промышленных предприятий. Данное направление способствует достижению гарантированной результативности деятельности промышленных предприятий. Необходимо интегрировать процесс управления рисками в непрерывную работу промышленных предприятий.

2. Результатами риск-менеджмента могут быть как отрицательными, так и положительными. Главная задача риск-менеджмента считается уточнение возможных отклонений от заранее запланированных результатов и дальнейшее управление

данными отклонениями с целью повышение эффективности деятельности промышленных предприятий.

3. В процессе риск-менеджмента с целью принятия управленческих решений возникает необходимость в конкретном распределении ответственности и полномочий между соответствующими лицами. Ответственность в процессе риск-менеджмента несут руководство предприятия и сотрудники отдела по управлению рисками. Особое значение имеет определение оптимального баланса между ответственностью за риск и способностью управлять данный риск [8, с.140].

4. Риск-менеджмент требует прогнозирование рисковых ситуаций. Управление рисками является процессом по определению того, что может возникнуть, и одновременно обеспечивать состояния готовности к этому. Риск-менеджмент способствует созданию системы управления предприятием, функционирующий на минимизации возможных убытков.

5. Эффективное взаимодействие участников риск-менеджмента воздействует на результаты данного процесса, осуществляемого во внутренней, и во внешней среде промышленного предприятия. Следовательно, возникает необходимость во взаимодействии, как с внутренними, так и с внешними субъектами риск-менеджмента. Для повышения эффективности риск-менеджмента, прежде всего, необходимо обеспечить рациональное взаимодействие внутри промышленного предприятия.

6. Риск-менеджмент требует принятию сбалансированных решений, способствующие четко оценить экономическую целесообразность снижения уровня рисков и получения ожидаемого результата.

На наш взгляд, формирование системы управления рисками на промышленных предприятиях должно осуществляться с учетом действия нескольких факторов.

*Первая группа факторов* связана с объемов деятельности промышленного предприятия. Зарубежный опыт показывает, что для средних и крупных промышленных предприятий необходимо формировать комплексную систему управления рисками, т.е. организовать специальное подразделение по риск-менеджменту. Для эффективного управления рисками на малых промышленных предприятиях необходимо привлекать 2-3 риск-менеджеров, которые входят в соответствующее подразделение.

*Вторая группа факторов* связана со спецификой деятельности промышленного предприятия. Практика показывает, что отдельные промышленные предприятия функционируют по традиционным способам (традиционное предпринимательство), а другие - по инновационным (инновационное предпринимательство). Так, для консервативных промышленных предприятий наличие рискового спектра имеет относительно постоянный характер. Для динамично развивающихся промышленных предприятий характерна высокий уровень диверсификации производства и внедрения инновационных технологий и, следовательно, высокая динамичность рисков, что требует построению комплексной системы управления рисками.

*Третья группа факторов* связана со структурой управления промышленного предприятия. Это означает, что спектр рисков отдельных промышленных предприятий, имеющие филиалы, представительства, а также предприятий со сложной структурой управления, например, холдинг, корпорация, синдикат и т.д., являются различными [3, с.235]. Следовательно, системы риск-менеджмента у таких промышленных предприятий различны.

Нами разработана концепция формирования и развития системы риск-менеджмента промышленных предприятий (рис. 3).




***Рис. 3. Концепция формирования и развития системы управления рисками промышленных предприятий***
***Разработано автором***

На наш взгляд, для совершенствования риск-менеджмента на промышленных предприятиях Республики Таджикистан необходимы определенные преобразования организационного характера, т.е. совершенствование их организационной структуры. Данную задачу можно осуществлять средствами специальной подсистемы в системе управления промышленным предприятием.

Подсистема риск-менеджмента на промышленных предприятиях, на наш взгляд, должна состоится из двух уровней. На первом уровне можно формировать показателей деятельности промышленных предприятия на базе мониторинга внешней и внутренней ситуации, идентификация и анализа рисковых факторов. На втором уровне можно осуществлять риск-менеджмент на уровне подразделений промышленного предприятия. На наш взгляд, в зависимости от масштаба производства, на промышленных предприятиях могут быть два варианта системы организации риск-менеджмента:

- управление рисками на базе функциональных подразделений промышленного предприятия, т.е. риск-менеджерами (этот вариант является приемлемым для малых предприятий);

- формирование отдела управления рисками (этот вариант считается оптимальным для средних и крупных промышленных предприятий).

Следует подчеркнуть, что преимущество первого варианта заключается в том, что в процессе его использования не осуществляется переформирования структуры управления промышленного предприятия, следовательно, потребуется меньше расходов. При этом, результаты риск-менеджмента не могут быть высокими.

Преимущество второго варианта заключается в том, что подсистему управления уровнем рисков наиболее эффективно можно реализовать посредством включения в структуру управления средних и крупных промышленных предприятий самостоятельного отдела или службу управления рисками. Практика показывает, что увеличение затраты предприятия по содержанию подразделения риск-менеджмента способствует повышению его доходов в значительном объеме.

Таким образом, цели, задачи, принципы и элементы системы риск-менеджмента промышленного предприятия, а также его стратегические цели определяют структуру формирования и развития системы риск-менеджмента промышленного предприятия. На наш взгляд, такой подход, безусловно, способствует минимизацию возможных убытков промышленного предприятия, увеличению его возможности по обеспечению бесперебойному и эффективному функционированию, повышению рыночной стоимости и конкурентных преимуществ.

**Литература**


1. Антонян Л. Роль и место риск-менеджмента в управлении компанией // Общество и экономика. - 2018. - №2. - С. 100-111
2. Балдин К.В. Управление рисками: учебное пособие для студентов вузов / К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. - М.: ЮНИТИ. ДАНА. - 2018. - 511 с.
3. Балабанов И.Т. Риски промышленных предприятий: сущность, методы измерения, пути снижения. - М.: Дело и Сервис. - 2017. - 470 с.
4. Ишунин П.Н. Методическое обеспечение формирования и развития систем управления рисками на промышленных предприятиях. Автореф. дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н. - М.: МГОУ. - 2019. - 24 с.
5. Каточков Е.В. Развитие системы управления хозяйственным риском в условиях нестабильной предпринимательской среды. Автореф. дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н. - С.Пб.: ЮУГУ. - 2017. - 24 с.
6. Качалов Р.М. Управление хозяйственным риском. - М.: Наука. - 2002. - 192 с.
7. Качалов Р.М., Ставчиков А.И., Завьялова Е.А. Развитие институциональной среды риск-менеджмента. // Экономика: теория и практика. - 2017. - №4. - С. 51-59
8. Клейнер Г.Б. Предприятие в нестабильной экономической среде, риски, стратегии, безопасность. - М.: Перспектива. - 2016. - 389 с.
9. Мартякова О.В., Кочура И.В. Хозяйственные риски: оценка и прогнозирование. Монография. - Донецк: ДНВЗ «ДонНТУ». - 2012. - 220 с.
10. Уткин Э.А. Риск-менеджмент. - М.: ЭКМОС. - 2017. - 139 с
11. Ярышев, К. Р. Проблемы управления риском // Менеджмент. - 2015. - №9. - С. 30-37.


## ТАКМИЛИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ХОҶАГИДОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ


**СОДИКОВ РАҲМОН ХАМРОЕВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии молияи давлатии

Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир 33.
Тел.: (+992) 935-18-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои такмили системаи идоракунии хавфи хоҷагидорӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар шароити рушди ҷараёнҳои сармоягузорӣ-инноватсионӣ, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар шароити иқтисоди инноватсионӣ идоракунии хавфҳо ҷузъи муҳими сохтори идоракунии стратегии корхонаҳои саноатӣ мегардад. Марҳилаҳои идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ ҷудо карда шудаанд. Моҳияти иқтисодии мафҳуми «хавфи хоҷагидорӣ» кушода шуда, тафсири ин мафҳум аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст. Қайд гардидааст, ки корхонаҳои саноатӣ на танҳо эҳтимоли нагирифтани даромади пешбинишуда, балки имкони гирифтани даромади аз нақшаи пешбинишуда зиёдро низ доранд.*

*Муаллиф фарқияти асосии назарияҳои анъанавӣ ва инноватсионии системаи идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатиро таҳия намуда, зинаҳои умумии раванди идоракунии хавфҳоро, ки корхонаҳои саноатӣ метавонанд истифода баранд, пешниҳод намудааст. Се сатҳи қабули қарорҳо оид ба идоракунии хавфҳо муайян ва тавсиф карда шудааст. Муаллиф схемаи мантиқии ташкили идоракунии хавфҳоро дар дохили корхонаи саноатӣ пешниҳод кардааст. Хусусиятҳои асосии идоракунии хавфҳо муайян ва тавсиф карда шудааст. Хулоса карда шудааст, ки барои такмили идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои муайяни ташкилӣ, яъне такмили сохти ташкилии онҳо зарур мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *хавфи хоҷагидорӣ, корхонаҳои саноатӣ, талафот, то ҳадди ақал кам кардани сатҳи хавфҳо, идоракунии хавфҳо, суғурта, фаъолияти иқтисодӣ, эҳтимол, калавиш, баҳодиҳӣ, қарорҳои хавфӣ, омилҳо, мониторинги хавф.*

# IMPROVEMENT MANAGERIAL SYSTEM BY ECONOMIC RISK ON INDUSTRIAL ENTERPRISE

**SODIKOV RAHMON HAMROEVICH,**
candidate in economics, assistant professor of the
Department of Management State Finance of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 935-18-00-12. E-mail: rakhmon67@mail.ru

*In given article are considered questions of the improvement managerial system by economic risk on industrial enterprise in condition of the development investment-innovation processes, transition to digital economy. It is noted that in condition innovation economy management risk becomes the important element in structure of strategic management industrial enterprise. The revealed stages of management risk on industrial enterprise. Will reveal economic essence of the notion "economic risk" and is designed author's interpretation given notions. It is noted that activity industrial enterprise is subjected to not only probability not receptions scheduled income, but also possibility of the reception of the income, exceeding expected. The Author is worded main differences usual and innovation concepts in system risk-management industrial enterprise and is presented general hierarchy of the process risk-management, which can use the industrial enterprises. They are revealed and characterized three levels decision making on risk-management. The Author is offered logical scheme to organizations risk-management inwardly industrial enterprise. They are determined and characterized main features risk-management. It is made conclusion that for improvement risk-management on industrial enterprise of the Republic of Tajikistan necessary determined transformations of the organizing nature that is to say improvement their organizing structure.*

***Key words:*** *economic risk, industrial enterprises, losses, minimization risk, risk-management, insurance, economic activity, probability, deflections, estimation, risk decisions, factors, monitoring the risk.*

УДК: 338.45 (575.3)

# НАҚШИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

**МУРТАЗОЕВ ОРАЗ ҚАРАХОНОВИЧ,**
и.в. дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½.
Тел.:(+992) 918-55-20-09. E-mail: oraz-2009@mail.ru

*Сармоягузорӣ яке аз мафҳумҳои илми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси ҳамкориҳои дохила ва беруна сарчашмаи рушди тамоми соҳаҳо мебошад. Дар ҷалби сармояи хориҷӣ бошад, омилҳои махсуси макроиқтисодӣ ба инобат гирифта мешаванд, ки аз ҳолати воқеии бозори дохилӣ, устувории қурби асъор то ба суботи сиёсии мамлакатро дар бар мегирад. Инчунин, дараҷаи инкишофи инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои бозори меҳнат, мавқеи муҳимтар доранд.*

*Дар мақолаи мазкур, нақши корхонаҳои муштарак дар рушди иқтисодиёти кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудаст. Чунки, бештар корхонаҳои муштарак бо роҳи ҷалб кардани сармояи хориҷӣ барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии корхонаҳо ва иттиҳодияҳои амалкардаистода ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак бо ҳиссаи сармоягузориҳои хориҷӣ аз кишварҳои гуногун амал мекунанд, ки пайваста зиёд мегарданд. Дар муқоиса ба солҳои қаблӣ, шумори корхонаҳои муштарак дар мамлакат якчанд маротиба зиёд гардидааст, ки дар таҳқиқи мавзӯъ пурра мавриди таҳлил қарор дода шудааст.*

*Махсусан, барои рушд намудани низоми саноати кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус дода, пас аз эълон намудани саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи стратегияи миллӣ, ҷиҳати ҷалб намудани сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ чораҳои махсус андешида шуд. Чунки, барои ҷалби сармояи хориҷӣ, дараҷаи инкишофи инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои бозори меҳнат нақши муҳимро мебозанд. Дар баробари ин, дар асоси маълумотҳои оморӣ хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоя, корхона, сармояи мустақими хориҷӣ, истеҳсолот, минтақаҳои мамлакат, маҳсулоти саноатӣ, рушд, созишнома, ҷалб, иқтисодиёт.*

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ва барҳам хӯрдани робитаҳои иқтисодиӣ–иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар як муддати кӯтоҳ соҳаҳои саноату сохтумон, нақлиёт ва хоҷагии қишлоқ аз кор боз монда, иқтисодиёти кишвар бо фаъолияти накардани 80% корхонаҳо ба пуррагӣ фалаҷ гардид.

Мутаассифона, ки бӯҳрони иқтисодии солҳои 90-ум, ки бинобар ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба миён омада буд, сабабгори кам шудани истеҳсолот гардид ва он ҳамчунин ба соҳаи саноат низ таъсири худро расонид. Сохтмони ҳатто алакай шурӯъшудаи чандин корхонаҳои саноатӣ дар аввали солҳои 90-ум пурра боздошта шуда буд.

Хушбахтона, имрӯзҳо соҳаи саноат ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, метавонад аз ҷиҳати истеҳсоли молҳои ватанӣ ва фурӯши онҳо рақобатпазир бошад. Зеро, ки сиёсати иқтисодии кишвар идомаи мантиқии стратегияи гуногунҷабҳаи давлат ва сохторҳои дахлдори он дар 30 - соли ба даст овардани Истиқлолият давлатӣ мебошад, ки таъмини манфиатҳои миллӣ, шароити мусоиди пешрафту тараққӣ ва рушди кишвар ҳамчун субъекти мустақили низоми навини робитаҳои байналмилалӣ ҳадафи марказӣ ва усулии он мебошад.

Ҳукумати ҳар як мамлакат бо мақсади ҳалли дурусти масъалаҳои иқтисодӣ ва таъмини пешрафти иқтисодиёташ сиёсати худро барои чанд соли оянда муайян менамояд. Мақсади асосии сиёсати иқтисодии ҳукумат чор чиз аст:

1. Таъмини рушди иқтисодиёт;
2. Таҳти назорат гирифтани таваррум (инфлятсия) ё роҳ надодан ба болоравии нархҳо;
3. Роҳ надодан ба бекории шаҳрвандон ё дар дараҷаи муайян нигоҳ доштани сатҳи бекорӣ;
4. Таъмини тавозуни пардохти мусбат ё ба таври дигар таъмини барзиёд будани содирот аз воридот.[6, с.516].

Аз ин лиҳоз, шакли нави ҷараёни тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамкории иқтисодии корхонаҳо ба ҳисоб рафта, таъсири худро ба воридшавии дилхоҳ мамлакат ба интегратсияи хоҷаги ҷаҳонӣ мерасонад.

Истилоҳи «корхонаи муштарак» аз калимаи англисии «joint venture» пайдо шудааст, ки чунин намуди корхонаҳо аввалин щуда, дар Ғарб пайдо шудаанд. Корхонаи муштараки аввалин дар асри XIX сохта шудааст. Дар соли 1959 қариб 1000 иттиҳодияҳои амрикои 345 корхонаи муштарак ташкил намудаанд. Дар солҳои 60-уми асри гузашта корхонахои муштарак барои соҳаи коркардабароии саноатӣ сохта шудаанд. Дар давраи аз солҳои 60-ум то 69-ум 1131 фирмаҳои амрикоӣ 520 корхонаи муштарак дар соҳаи коркардабароии саноатӣ сохта шуд. Дар адабиёти гуногун, махсусан дар адабиёти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ истилоҳҳои гуногуни «корхонаи муштарак», корхонаи омехташуда», «компанияи муштарак», «корхонаи бо иштироки сармояи хориҷӣ» ва ғайра оварда шудааст. Дар мамлакатҳои бо иқтисоди бозори тарақикарда ба монадӣ Олмон, Британияи Кабир, Шветсария фаҳмиши «корхонаи муштарак» ва «корхонаи бо иштироки сармояи мустақими хорҷӣ» зич боҳамдигар печидаанд.[5, с.36].

Корхонаҳои муштарак гуфта – дар доираи санадҳои меъёри ва ҳуқуқӣ шакли ҳамкори бо шарикони хориҷӣ буда, аз ҷониби тарафҳо барои иҷро кардани вазифаҳои гуногун, ки дар он моликияти умумӣ ба захираҳои моддӣ ва молиявӣ ташкил меёбад. Хислати муштараки моликият яке аз хксусиятҳои фарққунандаи корхонаҳои муштарак мебошад, ки онҳо намуди махсуси моликият буда, дар натиҷаи инкишофи ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ пайдо мешаванд. Бинобар ин, корхонаҳои муштарак байни ду ва якчанд шарикони аз давлатҳои гуногун бо мақсадҳои тақсимоти тавакалият, дохилшави ба бозорҳои дигар, қувваи кории арзон, захираҳои арзон ва ғайра созмон дода мешаванд. Корхонаи муштарак ҳамчун воҳиди алоҳидаи иқтисодӣ дар системаи миллии хоҷагидорӣ ва дар иқтисоди ҷаҳонӣ умуман хусусияти худро дорад. Бунёди корхонаи муштарак бо сармояи хориҷӣ метавонад бо 100%-и иштироки сармояи хориҷӣ ё корхонаи муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ аз 100% кам ташкил карда шавад. Масалан: моҳи феврали соли 2019, бо мақсади иҷрои ҳидоятҳои Пешвои миллат байни ширкати ватании «Авесто Гурӯҳ» ва ширкати Ӯзбекистон «Artel Engineering and Management», корхонаи муштаркаи «Артел Авесто Электроникс» дар шакли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бо иштироки ҳиссавии байни ду ширкат дар ҳаҷми 50/50-фоизӣ ташкил карда шуд.[7] Дар корхонаҳои муштарак ҳар як шарик манфиатҳои хусусии худро дар амал тадбиқ мекунад.

Бояд қайд намуд, ки бархе аз мамлакатҳо дар натиҷаи пайдо гардидани имконият ва муҷаҳаз намудани корхонаҳо бо технологияҳои муосир, ҳамчун сармоягузор барои сохтани корхонаи муштарак техника ва технологияи истеҳсолии қаблиро ба дигар кишвар ворид намояд. Ин ҳам бошад, дар ҳолати мавҷуд будани захираҳои табиӣ, ашёи хом, қувваи кории арзон ва фазои корӣ амалӣ карда мешавад.

Бинобар ин, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки содироти сармоя аз ҷониби натанҳо мамлакатҳои тараққикарда, балки аз ҷониби як қатор мамлакатҳои ру ба

инкишоф низ эътимоди ҳамкорӣ ва тамоюли рушди сармоягузорӣ низ хуб ба назар мерасад. Яъне, ки дар бозори байналхалқии сармоя Ҷумҳурии халқии Хитой, Ҳиндустон, Ҷумҳурии исломии Эрон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Узбекистон, Украина ва як қатори дигар давлатҳо ҳамчун сармоягузор баромад карда истодаанд. Боиси тазаккур аст, ки ширкатҳои мамлакатҳои номбурда, бо мақсади фоидагирӣ ва дарёфти сарчашмаҳои ашёи хом ва қувваи кории арзон, сиёсати сармоягузориро пеш гирифтаанд. Махсусан, ширкатҳои хитоӣ бо мақсади сармоягузорӣ ва истифодаи бартариҳои ҳамкории истеҳсолӣ, дар ҷустуҷӯи бозорҳои хориҷӣ мебошанд. Бинобар ин, якчанд омилҳои зарурие, ки дар раванди ташкили корхонаҳои муштарак нақши муҳимро мебозанд, дар расми 1 оварда шудааст.




***Сарчашма: Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва санадҳои меъёрӣ, аз ҷониби муаллиф коркард шудааст.***

**Расми 1. Омилҳои зарурӣ дар раванди ташкили корхонаҳои муштарак**

Қобили зикр аст, ки дар ин радиф шуғлнокӣ ва ҷойҳои нави корӣ дар дохили давлат ташкил гардида, дар корхонаҳои таҳвилкунандагон ва харидорон талабот ба қувваи корӣ зиёд мегардад. Дар натиҷа, робитаи иқтисодӣ зиёд гардида, корхонаҳои муштарак дар ҳалли мушкилотҳои шуғл нақши калидиро мебозанд.

Дар заминаи ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи сармоягузории кишварро баррасӣ намуда, қайд намуданд, ки «…зарур аст, ки дар самти пешбурди ҳамкориҳои минбаъда бо мамлакатҳои хориҷӣ, вазорату идораҳо фаъолияти худро ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим ва технологияҳои нав, ҳарчи пурсамар роҳандозӣ намоем».[2]

**Диаграммаи №1**

**Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 1991-2019**

(бо адад)




***Сарчашма: Омори солона, 2021 саҳ. 370-371.***

Аз нишондиҳандаҳои диаграмма мушоҳида карда мешавад, ки соли 1991 шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 46 ададро ташкил намудааст. Дар ин давра, яъне соли 1995 ин нишондиҳанда ба 210 адад барбар гардид, ки афзоиш нисбати соли 1991 бештар аз 4,5 баробарро ташкил медод. То ибтидои соли 2000 шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин ҳудуд ё аниқтар 228 ададро ташкил медоданд. Бинобар таъсири омилҳои гуногуни дохилию берунӣ ва сиёсию иқтисодӣ соли 2000- ум шумораи онҳо ба 108 адад кам гардид. Дар ҳамин давра, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд, аз ҷумла ба муомилот баровардани пули миллӣ бо номи “Сомонӣ” ва танзими самараноки миқдори он, инчунин қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз қадамҳои нахустини устуворгардонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравindepend, раванди афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин намуд, инчунин ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва болоравии ҳиссаи соҳаи саноат дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ заминаи воқеъӣ гузошт.

Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадафҳои олӣ моро зарур аст, ки барои боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани азизамон содиқона заҳмат кашем, корҳои бунёдкориву созандагӣ, дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоиро ба роҳ монда, соҳибкориву сармоягузориро такон бахшем ва ҳарчи бештар ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда, самаранокии идоракунии давлатиро таъмин гардонем.[1]

Аз рӯи нишондиҳандаҳои диаграмма мушоҳида карда мешавад, ки дар давоми солҳои 2000-2019 пайваста зиёд гардидани шумораи корхонаҳои муштарак дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи сиёсати бомуваффақият ва хирадмандонаи Пешвои миллат дар соҳаи иқтисод мебошад. Агар соли 2000 миқдори умумии корхонаҳои муштарак 108 ададро ташкил намуда бошанд, ин нишондиҳанда соли 2019 ба 624 адад расидааст, ки афзоиш 516 ададро ташкил медиҳад. Ҳанӯз аз давраҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати мамлакат заминаҳои асосии қонунгузориро пайваста таҳким бахшида, аз ҳамаи имкониятҳо самаранок истифода бурда истодааст, ки мақсад аз ин таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, беҳдошти зиндагии шоистаи шаҳрвандон ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари содиркунандаи молу маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон барои таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии босуръат зарур аст, ки сармояи дохилию хориҷӣ бештар ба таъсиси корхонаҳои саноатӣ, дарёфти роҳҳои таъмини самаранокӣ дар

фаъолияти корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда, васеъ намудани доираи истеҳсолот, дарёфти роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, вусъат додани ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир ва омода намудани мутахассисон равона карда шавад.

**Диаграммаи №2**

***Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунандадар ҳудуди минтақаҳои ҷумҳурӣ давоми солҳои 1991-2019***

(бо адад)




| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 46 | 210 | 108 | 121 | 149 | 221 | 624 |
| ш. Душанбе | 35 | 111 | 62 | 79 | 112 | 190 | 499 |
| Вилояти Суғд | 2 | 46 | 40 | 30 | 22 | 21 | 26 |
| Вилояти Хатлон | 5 | 28 | 3 | 6 | 3 | 1 | 29 |
| НТҶ | 4 | 24 | 3 | 6 | 12 | 8 | 68 |

***Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои Омори солона, 2021 саҳ. 370-371 тартиб дода шудааст.***

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба макони ҷойгиршавии корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда, бештари онҳо ба шаҳри Душанбе рост меоянд. Масалан агар дар ҷумҳурӣ соли 1991 шумораи чунин корхонаҳо 46 ададро ташкил намуда бошанд, 35 адад ё ин ки 76 фоизи онҳо дар шаҳри Душанбе фаъолият менамуданд. Соли 1995 шумораи умумии чунин корхонаҳо 210 ададро ташкил менамуд, ки 111 адад ё ин ки 53 фоизи онҳо дар шаҳри Душанбе фаъолият менамуданд. Соли 2000 шумораи ин корхонаҳо дар шаҳри Душанбе 62 ададро ташкил менамуданд, ки 57 фоизи миқдори умумии корхонаҳои муштаракро дар сатҳи ҷумҳурӣ ташкил менамуданд. Соли 2010 бошад 112 адад корхонаҳои муштарак дар шаҳр фаъолият менамуданд, ки 75 фоизи миқдори умумиро ташкил менамуданд. Соли 2019 шумораи ин корхонаҳо дар шаҳр ба 499 адад баробар гардид, ки миқдори умумии корхонаҳои муштарак дар сатҳи ҷумҳурӣ 624 ададро ташкил менамуданд ва ҳиссаи корхонаҳои шаҳри Душанбе 80 фоизро ташкил менамуданд.

Аз рӯй таҳлилҳо маълум гардид, ки аз ибтидои соли 2018 ҳиссаи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ низ бештар гардида истодаанд. Барои мисол агар дар ҷумҳурӣ соли 2018 шумораи чунин корхонаҳо 649 ададро ташкил намуда бошанд, 78 адад ё ин ки 12 фоизи онҳо дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ фаъолият менамуданд ва соли 2019 низ ин нишондиҳанда қариб 11 фоизро ташкил намудааст. Агар ҳиссаи ин корхонаҳои муштаракро дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ соли 1991 муқоиса намоем, 8,6 фоиз, соли 2000- ум 2,7 фоиз, соли 2010 8 фоиз ва соли 2015 3,6 фоизро ташкил намудаанд.

Дар маҷмӯъ, тули си соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи бештари корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда, баъд аз шаҳри Душанбе ба Вилояти Суғд рост меоянд. Агар Соли 1995 шумораи корхонаҳои муштараки

фаъолияткунанда дар Вилояти Суғд 46 адад ё ин ки қариб 22 фоизи шумораи умумии корхонаҳои муштаракро дар сатҳи ҷумҳурӣ ташкил медоданд, соли 2000- ум ин нишондиҳанда ба 37 фоиз, соли 2010 ба 14,7 фоиз ва соли 2015 ба 9,5 фоиз баробар гардид. Бояд қайд намуд, ки сар карда аз соли 1999 дар қаламрави Вилояти Суғд тамоюли миқдоран кам гардидани корхонаҳои муштарак мушоҳида мегардад, лекин ин маънои онро надорад, ки нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ин корхонаҳо низ паст гардида истодаанд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ агар соли 2000-ум нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ин корхонаҳои муштарак ҳамагӣ ба 105,9 млн. сомонӣ баробар гардида бошанд, соли 2010 ба 732,9 млн. сомонӣ, соли 2015 ба 1243,9 млн. сомонӣ ва соли 2019 ба 2817,8 млн. сомонӣ расидааст, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2000-ум зиёда аз 26 баробар афзоиш ёфтааст.

Бинобар ин, доир ба рушди минбаъдаи саноат тамоми барномаю стратегияҳои давлатӣ дар сиёсати иқтисодии ҳукумати кишварамон умеди зиёд мебахшад. Ҳамзамон, аз маълумотҳои оморӣ аён мегардад, ки ҳадафи стратегии миллии рушди босуръати саноатикунонии мамлакат дар амал татбиқ мегардад ва иқтисодиёти мамлакат алалхусус соҳаҳои саноат сол аз сол рушд карда истодааст.[4,-С. 317].

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 млрд сомонии соли 2000-ум то 95 млрд сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 млн сомонӣ ба 28 млрд сомонӣ расонида шуд. Яъне Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар зиёд гардида, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт.[3]

Боиси тазаккур аст, ки дар ҳама ҳолат устувории сиёсии мамалакат барои ташкил намудани корхонаҳои муштарак шароити мусоидро фароҳам меорад. Яъне, ки вазъи сиёсӣ метавонад, ки боиси кам гардидан ё аз сармоягузорӣ худдорӣ намудани сармоягузорон бошад. Хушбахтона, сол аз сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти сармоягузорон фазои сармоягузорӣ ташкил гардидааст. Аз ин рӯ, корхонаҳои муштараки дар мамлакат амалкунанда, на танҳо барои васеъгардонии иқтидори иқтисодии мамлакат, балки барои васеъкунии иқтидори содиротӣ саҳм гузошта истодаанд. Бештари сармояҳои мустақими хориҷӣ дар мамлакат ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, истихроҷи металлҳо ва сангҳои қимматбаҳо истеҳсоли нушокиҳо ва гайраҳо равона карда мешаванд. Зеро, ки ингуна молҳо дар таркиби содироти моли тайёр аз Тоҷикистон ҳиссаи калонро доро мебошанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳо хулоса бармеояд, ки корхонаҳои муштарак аз камбудӣ ва бартарӣ холи набуда, дар умум ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодиёти муосирро дар бар мегирад. Албатта, бартариҳо дар натиҷаи ташкил гардидани корхонаҳои муштарак аз ташкил намудани ҷойҳои кории нав, зиёд гардидани ҳаҷми молҳои содиротӣ, аз молҳои босифат таъмин намудани бозори дохилӣ, то ба паст намудани сатҳи бекорӣ дар мамлакатро дар бар мегирад. Ҳамзамон, бештари камбудиҳои корхонаҳои муштарак дар он мебошад, ки даромадҳои аз истеҳсоли молҳо ва хадамот бадастомада, ба хориҷи кишвар интиқол мегарданд. Ҳол он, ки фоидаи дар қаламрави мамлакат гирифтаи сармоягузорони хориҷӣ, имкони такроран сармоягузорӣ намуданро доранд. Бинобар ин, ҷалби сармоя ва амали намудани ислоҳотҳои иқтисодӣ дар шароити муосир, ин талаби замон мебошад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 22 декабри соли 2016, шаҳри Душанбе.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Душанбе, 22.12.2017 - [Захираи электронӣ]: URL: http://www.president.tj/node/16771

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” 21 декабри соли 2021 ш. Душанбе.

4. Муртазоев О.Қ. Истиқлолият – заминаи саноатикунонии босуръати кишвар/Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. ISSN 2308-054X. - Душанбе, 2022. 2(41). – С. 312-317.

5. Смирнова Е.Е., Хвалынская Н.В. Совместные предприятия :закономерности возникновения и перспектиы развития. –М.: Изд-во МГУ, 1988. –С. 36.

6. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе: «ЭР - граф», 2018. - 516 с.

7. Сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/5369-dar-dushanbe-korhonai-mushtaraki-istesoli-tehnikai-maishii-artel-avesto-elektroniks-ba-istifoda-doda-shud.html

## РОЛЬ СОВМЕСТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

**МУРТАЗОЕВ ОРАЗ КАРАХОНОВИЧ,**
и.о. доцент кафедры банкковского дело,
Таджикского государственного университета коммерции.
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти 1/2.
Тел.:(+992) 918-55-20-09. E-mail: oraz-2009@mail.ru

*Инвестиции являются одним из понятий экономической науки и являются источником развития всех сфер на основе внутреннего и внешнего сотрудничества. При привлечении иностранного капитала учитываются особые макроэкономические факторы, к которым относятся реальное состояние внутреннего рынка, устойчивость валютного курса, политическая стабильность страны. Также более важное место занимают уровень развития инфраструктуры и показатели рынка труда.*

*В данной статье исследуется роль совместных предприятий в развитии экономики страны. Потому что большинство совместных предприятий создаются за счет привлечения иностранного капитала для увеличения объемов производства, повышения эффективности действующих предприятий и объединений. Поэтому в Республике Таджикистан действуют совместные предприятия с долей иностранных инвестиций из разных стран, которые постоянно увеличиваются. По сравнению с предыдущими годами количество совместных предприятий в стране увеличилось в несколько раз, что полностью проанализировано в исследовании темы.*

*Особенно, особое внимание уделялось развитию промышленной системы Республики Таджикистан, и после того, как ускоренная индустриализация страны была провозглашена целью национальной стратегии, были приняты специальные меры по привлечению отечественных и иностранных инвестиций. Потому, что для привлечения иностранного капитала важную роль играют уровень развития инфраструктуры и показатели рынка труда. При этом выводы и предложения представлены на основе статистических данных.*

***Ключевые слова:*** *капитал, предприятие, прямые иностранные инвестиции, производство, регионы страны, промышленная продукция, развитие, соглашение, привлечение, экономика.*

## THE ROLE OF JOINT VENTURES IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

**MURTAZOEV ORAZ KARAKHONOVICH,**
associate Professor of the Department Banking,
Tajik State University of Commerce,
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, ½, Dehoti Str.
Тел.:(+992) 918-55-20-09. E-mail: oraz-2009@mail.ru

*Investment is one of the concepts of economics science and are a source of development in all fields on the basis of internal and external cooperation. During the attraction of foreign capital, special macroeconomic factors are taken into account; these include the real situation of the domestic market, the stability of the exchange rate, and the political stability of the country. In addition, the degree of infrastructure development and labor market indicators are more important.*

*This article examines the role of joint ventures in the development of the country's economy. Because most joint ventures are created by attracting foreign capital to increase production volumes, improve the efficiency of existing enterprises and associations. Therefore, joint ventures operate in the Republic of Tajikistan with the growing of foreign investment from different countries, which are constantly increasing. Compared with previous years, the number of joint ventures in the country has increased by several times, which is fully analyzed in the research topic.*

*Especially, special attention was paid to the development of the industrial system of the Republic of Tajikistan, and after the country's accelerated industrialization was proclaimed the purpose of the national strategy, special measures were taken to attract domestic and foreign investment. Because in order to attract foreign capital, the level of infrastructure development and labor market indicators play an important role. At the same time, conclusions and proposals are presented on the basis of statistical data.*

***Key words:*** *capital, enterprise, foreign direct investment, production, regions of the country, industrial output, development, agreement, attraction, economy.*

УДК: 65.0 (575.3)

# МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ РЕСТРУКТУРИЗАТСИЯИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ ТАШКИЛОТ

**РАҲИМЗОДА МАҲИНАИ САЙФУДДИН,**
доктрант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенити Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 985-00-01-22. E-mail: rahimzoda.95@mail.ru

*Мақола ба реструктуризатсияи системаи идоракунии ташкилот, тағйироти маҷмӯавӣ ва робитаи тарафайни таркиб ва муносибатҳои мутақобилаи миёни унсурҳои сохтори идоракунӣ бахшида шуда, андешаҳои муҳаққиқони гуногун доир ба шакл ва тарзи реструктуризатсияи системаи идоракунӣ оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки реструктуризатсияи системаи идоракунӣ мувофиқати гуногуни таркиб ва муносибатҳои дуҷонибаи унсурҳои ишорашударо тахмин менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *реструктуризатсияи системаи идоракунӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, ширкатҳо, сегментатсия, корхонаҳо, вазифаҳои реструктуризатсия, омилҳо, нишондоди сифат, самаранокии фаъолияти корхона.*

Ислоҳоти бозорӣ оиндаи нав барои субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёти ҷумҳурӣ боз мекунад, аммо ҳамзамон, маълум мегардад, ки бештари корхонаҳо таҳти фишори рақобат, шарту шароити беруна ва шароити нави хоҷагидории ғайривоқеӣ имкони ками вуҷуд доштанро доранд. Иқтисодиёти кишвар сохтореро ба мерос гирифтааст, ки дар он захираҳо (капитал, қувваи корӣ, замин, қобилияти соҳибкорӣ) дар корхонаҳои бузург, ба монади корхонаи бахши энергетикӣ то ба охир истифода нашудаанд.

Ба қонунҳои диалектика, қонунҳои объективии рушди ситема ва назарияи давраи фаъолияти дилхоҳ ташкилот итоат намуда, давраи бозсозии зерсистемаҳои дохилӣ мерасад. Раванди дигаргуниҳои мазкур бо раванди мутобиқшавии системаҳо бо муҳити атроф мавозӣ мебошад. Яке аз самтҳои чунин дигаргуниҳо раванди реструктуризатсияи системаи идоракунӣ мебошад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ якчанд консепсияи реструктуризатсияи системаи идоракунии объекти иқтисодӣ мавҷуд аст. Ба ақидаи як зумра муаллифон раванди реструктуризатсияро ҳамчун таъминоти истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ, ки ба баландшавии арзиши бизнес таъсири худро мерасонад, муайян кардан мумкин аст [2]. Ба реструктуризатсия қувваҳои бозорӣ таъсир мерасонанд, ки захираҳои бесамари истифодашавандаро барои истифодаи бештар самараноки онҳо озод менамоянд. Корхонаҳои мавҷуда дар шароити муҳити рақобатӣ ва мунтазам ивазшавии шароити беруна, қабл аз ҳама талаботи ҷамъият бояд феҳрасти маҳсулоти истеҳсолшударо иваз намояд, хароҷоти истеҳсоли онҳоро кам созад, активҳои истифоданашударо барҳам диҳад ва сиёсати фаъоли маблағгузориро гузаронад. Ҳамзамон, корхонаҳои нав дар асоси корхонаҳои мавҷудбуда ташкил мешаванд, чунин корхонаҳо нисбатан зудҳаракат буда, аз уҳдадориҳои худ машаққат намекашанд ва дар фаъолияти манфиатовар мутамарказ шудаанд.

Ба ақидаи профессор Томбовсев В. уҳдадориҳои истеҳсолие, ки дар онҳо натиҷаи ниҳоӣ (ҳаҷми истеҳсолот, ҳаҷми фурӯш ва ғ.) ҳамчун интихоби ҳадди ақали муносибатҳои ҳаҷмҳои мавҷудаи захираҳо ба меъёрҳои хароҷоти онҳо ба воҳиди натиҷаи мувофиқ муайян карда мешавад, модели назариявии реструктуризатсия номида мешавад [8].

Дар сатҳи нисбатан ҷаҳонӣ раванди реструктуризатсияи системаи идоракуниро Крижановский В. ҳамчун бозсозии сохторӣ, ки бо мақсади таъминоти тақсимоти самаранок ва истифодаи ҳамаи захираҳои корхонаҳо (моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, технологӣ ва ғ.) гузаронида мешавад, таъриф менамояд, ки аз созмон додани воҳидҳои маҷмааи соҳибкорӣ ё бизнес дар асоси тақсимот, пайвастагӣ, барҳамдиҳии (таҳвил) фаъолияткунанда ва ташкил намудани қисмҳои нави сохторӣ, пайвастшавии як корхона ба корхонаҳои дигар, ба даст овардани ҳиссаи сармояи низомномавӣ ва ё саҳмияҳои ташкилотҳои беруна иборат аст [6].

Мафҳуми бизнес-воҳидҳоро муҳаққиқ ҳамчун қисмҳои идорашавандаи алоҳидаи маҷмаа, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақил ва ё ғайримустақил, ба пуррагӣ ё қисман, аз ҷиҳати иқтисодӣ маҳсур, масъули ҳамаи фаъолият, муҳимиятҳо барои татбиқи ӯҳдадориҳои дар маҷмӯъ вогузоштašуда ифода менамояд. Инчунин, ӯ ҳолатҳои зарурияти гузаронидани реструктуризатсияро ҷудо кардааст:

а) проблемаҳои фаъол мондан — бештари корхонаҳои бузурги саноатии кишвар дар вазъи нобудӣ қарор доранд;

б) баланд бардоштани самаранокии кор дар шароити зерин:

- рушди идора карда натавонистани корхонаҳо бо сабаби васеъшавӣ-«аломати бизнеси бузург»;
- афзалияти таназзули фоиданокӣ;
- мустаҳкамияти рақобатнокӣ [6].

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ вазъиятҳои буҳронӣ ҳам дар система дар умум ва ҳам дар субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ ба вуқӯъ меоянд. Ба ин васила, реструктуризатсияро метавон ҳамчун назарияи маъмул муайян намуд ва ба он дилхоҳ тағйироти истеҳсолот, сохтори сармоя ё моликияти хусусиро дохил карда мумкин аст, ки қисми давраи рӯзмарраи кории ширкат нестанд.

Проблемаи реструктуризатсияи системаи идоракунии ширкат дар кор ҳои илмии олимони Ғарб баррасӣ мегардад. Хусусияти фарққунандаи роҳҳои хориҷӣ ба проблемаҳои реструктуризатсия афзалияти нақши омилҳои бозорӣ мебошад. Дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда андеша доранд, ки реструктуризатсияи системаи идоракунии объектҳои иқтисодӣ васоити самараноки баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо мебошад, зеро ки реструктуризатсияи мазкур зимни хароҷоти ҳадди ақал барои татбиқи ҳадаф ба даст овардани самаранокӣ имкони мусоид медиҳад. Реструктуризатсия ҳамчун воситаи идоракунӣ буда, маҷмӯи чорабинӣ оид ба овардани шароити амалкарди ширкатҳо мувофиқ бо шароити ивазшавандаи бозор ва стратегияи интихобкардаи рушди он мебошад [7].

Ба ақидаи мо, реструктуризатсия ҳамчун тағйироти сохтори система мебошад. Реструктуризатсияи системаи идоракунии объекти иқтисодӣ тағйироти мақсадноки сохтори системаи идоракуни ташкилот мебошад. Таҳти сохтори системаи идоракунӣ таркиби дохилии системаи идоракуниро фаҳмидан мумкин аст, ки маҷмӯаи воҳидҳои ташкилиро (қисмҳои сохторӣ ва шахси вазифадор) бо муносибатҳои тарафайни ташкилотҳо ва фаъолияти идоракунӣ (объекти идоракунӣ) тавсиф карда мешавад. Муносибатҳои мазкур, чун анъана, аз ду алоқаи иттилоотии мухталиф - амудӣ (маъмурӣ) ва уфуқӣ (фаъолиятӣ) иборатанд. Аз ин лиҳоз, сохтори ташкилотии идоракунӣ маҷмӯаи воҳидҳои ташкилотӣ буда, дар фазои маъмуриву фаъолиятӣ мураттаб карда шудааст.

Дигаргунӣ дар системаи идоракунӣ ба тағйироти зерин метавонад таъсири худро расонад: мақсад ва вазифаҳо, сохтор ва ӯҳдадориҳо, техника ва технология, иттилоот

ва кадрҳо. Реструктуризатсияи системаи идоракунӣ мувофиқати гуногуни таркиб ва муносибатҳои дучонибаи унсурҳои ишорашударо тахмин менамояд.

Вобаста ба намуди қатъи системаи сохтории идоракунӣ тағйироти сохтори ташкилотӣ ва бизнес-равандҳо (технологияи қабули қарорҳо) дар назар дошта мешавад. Намуди якум нисбатан сода ва маъмул мебошад. Хусусияти хоси он дигаргунӣ дар сатҳи сохториву ухдадориҳо мебошад, яъне изофа намудан ва ё баръакс, бартараф намудани воҳидҳои ташкилотӣ ва ухдадориҳо, инчунин, азнавтақсимунии воҳидҳои ташкилотӣ ва ухдадориҳо. Намуди реструктуризатсияи мазкур ҷавоби саволи «кӣ чӣ кор мекунад дар ташкилот?»-ро тахимин менамояд. Дуюмин реструктуризатсияи бизнес-равандҳоро бо ҷавоби ба саволи «чӣ тур ва бо кадом пайдарҳамӣ бояд иҷро намуд?» тахмин менамояд, яъне ба тағйироти дар сатҳи технологияи қабули қарорҳои идоракунӣ бо назардошти алоқаҳои сабабиву тафтишотии онҳо ва омилҳои вақтбуда, дахлдор аст [5]. Ҳамзамон, ба инобат гирифтан лозим аст, ки таҳти мафҳуми реструктуризатсияи бизнес-равандҳо дар ҳолати мазкур, тағйироти сохторӣ дар техника ва технологияи раванди идоракунӣ фаҳмидан мумкин аст. Реструктуризатсияи системаи идоракунӣ қисми таркибии раванди идоракунии ташкилот мебошад. Аз ин рӯ, реструктуризатсияи системаи идоракуниро аз мавқеи мудирият, ҳамчун таъсири субъект ба объект бо мақсади овардани система ба вазъияти самаракноктар муайян кардан мумкин аст.

Субъектони асосии реструктуризатсия инҳо мебошанд: соҳибмулкон (саҳҳомон, сармоягузорон). Қарор оид ба ислоҳот аз ҷониби мақомоти идоракунии корхона қабул карда мешавад. Қонунгузорӣ ҳадду худудҳои салоҳияти ҳар як нафари мақомотро муайян месозад. Қарорҳои қатъӣ оид ба ислоҳоти корхона аз ҷониби мақомоти идоракунӣ қабул карда мешаванд ва талаботи соҳибмулконро инъикос менамоянд. Фаъолияти ҷорӣ аз ҷониби мақомоти иҷроия ва қарздиҳандагони корхона татбиқ карда мешавад. Дар санадҳои меъёрӣ, ки масъалаҳои ислоҳот ва реструктуризатсия оварда шудаанд, ҳисоби ҳатмии қарори проблемаҳои қарздорӣ дар раванди реструтуризатсияи корхона мавҷуд аст. Зеро розигии қарздиҳандагон барои баргузории он муҳим аст. Дар ин ҷараён давлат сиёсати иқтисодии худро (дастгирии давлатӣ, созмон додани шароити мусоид барои корхонаҳои фаъолислоҳот) татбиқ намуда, тавозуни умумии ҳадафҳо, аз он ҷумла, қарорҳои вазифаҳои аҳамиятноки иҷтимоиро таъмин месозад. Ҳавасу хоҳиши коллективи меҳнатӣ ва ё гурӯҳи одамон метавонад бо мақсади реструктуризатсия мувофиқат накунад. Аз ин рӯ, мавриди тазаккур аст, ки давлат аҳамияти иҷтимоӣ ва дар баъзе ҳолатҳо аҳамияти сиёсиии ҳавасҳои болозикрро эътироф менамояд. Ин бо роҳи созмон додани механизмҳои махсуси ҳуқуқии кафолат ва ҳифзи ҳавасҳои мазкур мустаҳкам карда мешавад. Назардошти андешаҳо ва ҳолатҳои коллективи менеджерҳо ва роҳбарон албатта ҳатмӣ аст, чунки он метавонад вобаста аз вазъияти мушаххас иваз шавад. Дар назардошти андешаҳо салоҳияти роҳбарии фаъолияти ҷорӣ муттамарказ гардидааст, ки ба вай барои муҳосира кардани реструктуризатсия зимни ғайрифаъол ва мухолифати соҳибмулк имкон медиҳад.

Ҳангоми мавҷуд набудани консепсияи ягона ба проблемаи реструктуризатсия роҳи муайян барои намуд ва типи реструктуризатсияи системаи идоракунӣ вуҷуд надорад. Ба ин васила, мо таснифи намудҳои реструктуризатсияи ситемаи идоракуниро пешниҳод менамоем:

I. Вобаста аз қатъи сохторӣ:

- Реструктуризатсияи сохториву функсионалии зерсохтор;
- Реинжиниринг (реструктуризатсияи бизнес-равандҳо).

II. Тибқи заминаи ҳуқуқии кишвар:

1. Ихтиёрӣ:
-муттаҳидӣ;
- якҷояшавӣ;
- тақсимот.
2. Реструктуризатсия бе нишонаҳои азнавташкилкунӣ:
- офариниш;
- бадасторӣ.
3. Иҷборӣ:
- хусусигарднӣ;
- милликунонӣ;
- Реструктуризатсияи қонунгузориҳои пешбинишуда;
- Реструктуризатсияи қанунгузориҳои зиддиинҳисории пешбинишуда.
III. Вобаста аз дараҷаи вазифаҳои гузошташуда:
- беҳбудӣ;
- бозсозӣ;
- реинжиниринг.

Вобаста ба буриши сохторӣ реструктуризатсияи зерсохтори сохториву вазифавӣ ва реинжинирингро ҷудо менамоянд. Реструктуризатсияи сохториву вазифавии зерсохтор: дар маркази навъи мазкури реструктуризатсия- тағйироти сохтори ташкилотӣ ва зерсохтори вазифавии ташкилот. Ин нисбатан сода ва намуди оммавии реструктуризатсия буда, дар таҷрибаи менеджменти қарни XX во мехӯрад. Тағйироте, ки дар рафти реструктуризатсияи системаи идоракунӣ ба вуҷуд омадааст, характери мақсаднок дошта, амалишавии стратегияи ташкилотро таъмин месозад. Реструктуризатсияи системаи идоракунӣ бо амсиласозӣ ва баровардани қарорҳои якҷоя, ки дигаргуниҳои сохториву вазифавии зерсохтор ва амалишавии стратегияро вобаста месозад, тавсиф карда мешавад.

Реинжиниринг (реструктуризатсияи бизнес-равандҳо) тағйироти сохтори бизнес-ҷараёнҳоро тахмин менамояд. Вазифаи намуди мазкурро бештар реинжиниринги бизнес-равандҳо номгузорӣ кардаанд. Бизнес-равандҳо татбиқи функсияҳоро таъмин сохта, тафсили тавсифи онҳоро бо назардошти алоқаҳои сабабиву тафтишотии уҳдадориҳое, ки дар раванди кор кардан амалӣ мегарданд, пешниҳод менамоянд. Реструктуризатсияи сохтори ташкилотиро ҳамчун вазифаи содагардидаи реинжиниринг метавон баррасӣ намуд. Вазифаи реинжиниринги бизнес-равандҳо дар муқоиса бо вазифаҳои тағйироти сохтори ташкилотӣ нисбатан мураккабтар ва бисёрчена мебошад.

Вобаста ба батартибдарории санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии хусусиятҳои реструктуризатсияи системаи идоракуниро ба навъи ихтиёрӣ ва иҷбории реструктуризатсия ҷудо кардан мумкин аст. Ба реструктуризатсияи ихтиёрӣ мафҳуми азнавташкилкунӣ, реструктуризатсияи бе нишонаи азнавташкилкунӣ ва хоса реструктуризатсияи системаи идоракунӣ дохил мешавад. Муттаҳидӣ намуди реструктуризатсияе мебошад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ба шахсони ҳуқуқии дубора бавуҷудомада дар мувофиқа бо санадҳои таҳвилдиҳӣ мегузарад.

Зимни ҷудо намудан аз ҳайати шахсони ҳуқуқӣ як ё якчанд шахсони ҳуқуқӣ, ба ҳар як нафари онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқии азнавташкилшуда мувофиқи тавозуни фарқкунанда интиқол мегарадад. Ҳангоми тағйироти куллии як шахси ҳуқуқӣ ба шахси ҳуқуқии дигар (дигаргунии шакли ташкилотиву ҳуқуқӣ) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда бо санадҳои таҳвилдиҳӣ мегузарад.

Санади таҳвилӣ ва тавозуни фарққунанда аз дарстурамал оид ба муттасилии ҳуқуқии уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқии нав вобаста ба муносибатҳои ҳамаи қарздиҳандаҳо ва қарздорҳо, аз ҷумла уҳдадориҳои онҳо, ки аз миёни ҷонибҳо мавриди баҳс қарор гирифтаанд, иборат мебошад.

Реструктуризатсияи бе нишони азнавташкилкунӣ аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ бо роҳҳои ба вуҷудовардани шахсони нави ҳуқуқӣ (бе тартиботи ҷудонамоӣ) барои иҷрои як қатор корҳо ба ҷои худ, метавонад амалӣ гардад.

Шакли ташкиливу ҳуқуқӣ, ки шахси нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, бо ҳадаф ва вазифаи бавуҷудорӣ ва таъмин намудани иҷроиши нисбатан самараноки вазифаҳои гузошташуда бояд мувофиқ бошад. Ин ҷамъияти фаръӣ, номустақил ё мустақил ва ё ҷамъияти шарикӣ буда метавонад, дар ҳолате, ки фишангҳои идоракунии ҳиссаҳо дар сармояи дастурӣ бошанд. Ҳангоми чунин реструктуризатсияи проблемаҳои азнавташкилшавӣ ба ҳадди ақал расида истодаанд ё бештари онҳо пурра вуҷуд надоранд.

Қатъи назар аз бавуҷудоии шахси ҳуқуқӣ реструктуризатсия бо роҳи ба даст овардани (ширкати муайян) корхонаи «бегонаи» амалкунанда, ки махсусгардонидашуда ва ё ба осонӣ ба шакли нав даровардашуда мебошад, барои ниёзи корхона, яъне харидор метавонад амалӣ гарадад. Зимни чунин реструктуризатсия дар муқоиса бо шакли дарболозикршудаи он мушкилоти худро дорад: агар дар вақти бавуҷудоии шахси ҳуқуқӣ эҳтимолияти дар пешгӯйии самаранокии фаъолияти ӯ иштибоҳ кунӣ (бештариҳо аз нав ба вуҷуд меоянд), он гоҳ ҳангоми ба даст овардан (харид) гаронии қимати харид, инчунин, мубориза бо мухолифати рақибон-харидорони ҳаддалимкон низ саҳв кардан мумкин аст.

Он масъалаҳое, ки ба тариқи санадҳои меъёрии иттиҳодиявӣ ба тартиб дароварда шудааст, асоси реструктуризатсияи системаи идоракунии ширкатро ташкил медиҳанд. Санадҳои меъёриву қонунгузор танҳо масъалаҳои принсипнок ва салоҳияти баровардани ин ё он қарорҳоро муайян месозанд.

Ба реструктуризатсияи иҷборӣ мафҳумҳои зеринро дохил менамоянд:

-Хусусигардонӣ. Баъд аз муайян сохтани механизми хусусигардонӣ коллективи меҳнатӣ метавонад муаззаф намояд, ки мақомоти салоҳиятдори соҳибмулк ғайриихтиёр реструктуризатсия гузаронад;

-Миллият. Бо истисноии сатҳи федералӣ ташаббускор метавонад танҳо давлат бошад;

-Реструктуризатсияи аз ҷониби қонунгузорӣ оид ба муфлисшавӣ пешбинишуда. Дар ин ҳолат ташаббускор қарздиҳандагон мебошанд ва дар як қатор ҳолатҳои дигар бошад, давлат дар шахсияти мақомоти салоҳиятдор;

-Реструктуризатсияи аз ҷониби қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешбинишуда. Ин ҷо ташаббускор давлат дар шахсияти мақомоти салоҳиятдор мебошад.

Вобаста ба дараҷаи вазифаҳои гузошташуда се варианти асосии гузаронидани реструктуризатсияи бизнес-равандҳоро ҷудо кардан мумкин аст: беҳбудӣ, бозсозӣ, реинжиниринг. Агар вазифаи баланд бардоштани фоиданокӣ гузошта шавад, барномаи анъанавии беҳбудии мунтазами бизнес-равандҳо истифода карда мешавад. Чунин рафтор ба таври кофӣ вусъат ва рағбат ёфтааст, яъне риски ҳадди ақали маблағгузор ва нисбатан сатҳи пасти маблағи ҷудошударо таъмин месозад.

Зимни баланд бардоштани фоиданокӣ, масалан, бештар аз 60% ва зиёда аз он. Дар ин ҳолат сухан дар бораи қатъиян аз нав дида баромадани бизнес-равандҳои мавҷуда, реструктуризатсияи пурраи он, яъне реинжиниринг меравад. Бобати ҳолати мазкур, воқеан хислати «инқилобӣ»-и ислоҳот тахмин карда мешавад. Пас аз ҳалли

вазифаҳои аз ҷониби маблағгузор гузошташуда, методҳоеро истифода мебаранд, ки ба технологияи мавҷуда ва сохторҳои ташкилотӣ натанҳо беҳбудӣ, балки тағйироти куллӣ меоваранд. Ҷаззобияти муомилаи мазкур дар навбати аввал, дар он аст, ки дар ақидаҳои нави принсипнокӣ ва услубҳои татбиқи он асоснок шудааст, ба «вайронӣ» равона гардидааст, гузариш ба категорияи босифати бизнеси нав, дар асоснокӣ ва мустаҳкамият дар бозорҳои нав, васеъшавии навъҳои гуногун ва беҳбудии сифати маҳсулот ва хизматрасониро тахмин намуда, таназзули хароҷоти маҳсулотро ба вуҷуд овардааст. Мутлақо, ҳаҷми муҳими маблағгузорӣ ва дараҷаи риск дар ҳолати мазкур нисбат ба варианти якум, зимни беҳбудии мунтазами бизнес-равандҳои мавҷуда басе баланд аст [9].

Бозсозӣ ҳамчун самти азнавташкилкунии бизнеси ба худ хоси варианти фосилавӣ миёни самтҳои болозикри реструктуризатсия-беҳбудии мунтазам ва тафтиши дубораи қатъии (реинжиниринг) бизнес-равандҳои мавҷударо ифода мекунад. Дар шароити бозсозӣ равандҳои барзиёдӣ ё камсамар зоҳир мегарданд, ки аз онҳо то ҳадди имкон раҳо меёбанд. Қарорҳои нав дар ҳолате истифода мешаванд, ки агар онҳо ба ташкилоти мавҷудаи ташкилоти бизнес ва технологияи он бар илова навишта шуда бошанд [1].

Дилхоҳ тағйироти сохторӣ бояд фавран мувофиқ бо вазифаи гузошташудаи реструктуризатсия тавъам шаванд, ки бо вазифаи гузошташудаи ширкат мутобиқат намояд. Тибқи қоида вазифаи гузошташудаи ширкатҳо қаноатмандии талаботи мизоҷон мебошад. Пас, вазифаи реструктуризатсияи системаи идоракунӣ – баланд бардоштани сатҳ ва сифати манфиат барои қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон аст.

Чун қоида, дар марҳалаи бармаҳали рушди корхона реструктуризатсия аксаран ба ташаккули сохтор ва ташкилоти робитаҳо миёни қисмҳо равона карда шудааст. Дар марҳалаи рушд (порчаи ВС) мақсади асосии реструктуризатсияи гузаронидашуда ҷустуҷӯйи сарчашмаҳои рушди корхонаҳо (бизнес) мебошад. Рушд метавонад ҳам дохилӣ ва берунӣ низ бошад. Рушди дохилӣ дар коркарди стратегияи амалиётӣ, стратегияи маблағгузорӣ ва стратегияи молиявии ба вуҷуд овардани арзиш аз ҳисоби сарчашмаҳои хусусӣ ва қарзии маблағгузорӣ асоснок карда шудааст. Мақсади стратегӣ баланд бардоштани арзиши сармояи саҳмиявӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳо мебошад. Стратегияи дохилии бавуҷудовардаи арзиш дар асоси таҳлили сарчашмаҳои ташаккули ҷараёни пулии корхона аз фаъолияти амалиётӣ, маблағгузорӣ ва молиявӣ матраҳ гардидааст. Ба таври мувофиқ се самтро муайян кардан мумкин аст: стратегияи амалиётӣ, стратегияи маблағгузорӣ ва стратегияи молиявӣ. Стратегияи амалиётӣ бо коркарди системаи чорабинӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ, ки дар тағйироти феҳрасти маҳсулоти истеҳсолшаванда, интихоби бозори фурӯш, таназзули хароҷот, баланд бардоштани самаранокии системаи фурӯш ва ғ. асоснок шудааст, маънидод карда мешавад. Чораҳои номбаршударо метавон тибқи ду самт мутамарказ намуд: таъминоти пешсафӣ оид ба хароҷот ва тафриқаи маҳсулоти истеҳсолшаванда.

Стратегияи маблағгузории баланд бардоштани арзиши бизнес дар тақсимоти васоит тибқи се самт асоснок карда шудааст: маблағгузорӣ ба васоити асосӣ, маблағгузорӣ ба гардиши худии воситаҳо ва хароҷот барои молҳои нав ва стратегияи маркетингӣ. Стратегияи молиявии ба вуҷуд овардани арзиш ташаккули сохтори оқилонаи сармоя (васоити хусусӣ ва қарзӣ), инчунин, самтҳои истифодабарии фоидаҳои бадастовардаро тахмин месозад. Рушди беруна дар хариду фурӯши активҳо, қисматҳо, дар муттаҳидӣ ва ҷаббиш, инчунин, намудҳои фаъолият оид ба нигаҳ доштани назорати иттиҳодиявӣ осос гузоштааст. Мақсади стратегӣ баланд бардоштани

арзишҳои сармоя аз ҳисоби тағйироти сохтори активҳо, якҷояшавии воситаҳо барои самтҳои асосии рушди бизнес ва нигаҳ доштани назорати иттиҳодиявӣ мебошад. Имконияти реструктуризатсиякунонӣ аз он сар мезанад, ки миёни арзиши феълии ширкат (арзиши ҷорӣ) бо арзиши иқтидори бо дигаргунии як қатор вазъияти бадастомада, қатъи арзишӣ вуҷуд дорад.

Қатъи арзишӣ тафовут мини арзиши ҷории корхона зимни шароити мавҷуда ва арзиши ҷории корхона пас аз реструктуризатсия (ифодакунандаи арзиши софи ҷории самараи реструктуризатсия) мебошад:

$$NPVc = \{[D(PN)n + (EE)n] - [(I)n \pm (T)n]\}\ r$$

ин ҷо NPVc – арзиши софи ҷории самараи реструктуризатсия; п – давраи пас аз реструктуризатсия; D(PN)n – фоидаи иловагӣ аз реструктуризатсиякунонӣ; (EE)п – сарфакории хароҷоти истеҳсолӣ ва фоидаи иловагӣ аз ҳисоби диверсификатсияи истеҳсолот; (I)п – мабоағгузории иловагӣ барои реструктуризатсиякунонӣ; (T)п - афзоиш/сарфакории маблағҳои андозӣ; г – миқдори маблағи дисконт.

Ба сифати амсилаи заминавии ҳисоби арзиши корхона бо мақсади реструктуризатсиякунонӣ дар сатҳи рушд усули баҳодиҳии ҷараёни пулии дисконтшуда истифода мешавад, зеро ягона ва имкондиҳандаи тағйироти оянда ҷараёнҳои пулии корхона мебошад. Зимни баҳодиҳии нақшаи тахминии реструктуризатсиякунонӣ пас аз пардохти андоз, ки бо фаъолияти ҷории ширкат бе назардошти хароҷоти молиявии азнавташкилоталоқаманд аст, пешгӯйии ҷараёнҳои софи пулӣ мураттаб карда мешавад. Дар ҳолати мазкур реструктуризатсия ҳамчун варианти сармоягузорӣ бо хароҷоти аввалия ва фоидаи дар оянда чашминтизор баррасӣ карда мешавад [3]. Дар марҳалаи рушд вазифаи асосии раванди реструктуризатсия нигоҳ доштани арзиши иқтисодии ташкилот ва ба вуҷуд овардани шарти мутақаддим барои рушдиояндаи бомуваффақияти ширкат (гузариш ба марҳилаи навбатии рушд) мебошад. Ба ҷуз ин коркард, лоиҳакашӣ, татбиқи стратегия ва тактикаи раванди реструктуризатсия тахмин карда мешавад. Ба ин васила, консепсияи реструктуризатсияи системаи идоракунӣ бояд дар сиёсати инноватсионии бомулоҳизаи ширкат асос гузорад ва ба заминаи мақсадноку тартиботи нави натиҷабахш сабабгор бошад. Дар шароити рақобати бошиддат маҳорати инноватсияи самаранок заминаи асосии ба даст овардани натиҷаи мусбат дар соҳаи истеҳсолӣ мебошад.

Муваффақияти реструктуризатсияи системаи идоракунӣ аз раванди азнавташкилкунии ташкилоти тамоми фаъолияти ширкат вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, соҳаҳои пуриқтидори соҳибкорӣ ва пайдарҳам баровардани қарорҳо, ки ба татбиқи бомуваффақи мақсадҳои гузошташуда дар шароити ивазшавандаи бозорӣ бо рақобати сахт равона карда шудааст, зоҳир мегардад. Месазад, ки портфели ояндадори фармоишҳоро ташаккул дод. Ҳамзамон, аз нав бояд имконоти истифодаи захираҳои корхона ва иҷрои корҳои муҳимро баҳогузорӣ намуд. Реструктуризатсияи системаи идоракунӣ интихоби стратегии барномаҳои самараноки соҳибкорӣ ва татбиқи онро дар бар мегирад. Инноватсияи корҳои идоракунӣ ва маъмурӣ муҳим аст. Ҳамзамон, муҳимияти дар амал татбиқ намудани инноватсияи сатҳи баланд, ҳамчунин, навовариҳои ба ҳам алоқаманди равандҳои таъминшудаи истеҳсолот, аз он ҷумла, технологӣ, ташкилотӣ, меҳнатӣ ва ғ. дар назар дошта мешавад. Бо чунин васила сухан дар бораи ба даст овардани сохтори инноватсионии тавозуни баробардошта меравад. Вазифаи асосии сиёсати инноватсионӣ дар давраи бозсозии сохторӣ таҷдиди назари инноватсионӣ ва азнав лоиҳакашии фаъолияти корхона, танзими корҳои нав ва

таъминотиистифодаи самараноки захираҳои мавҷуда мебошад. Нишондодҳои асосии сифати консепсияи реструктуризатсия дар баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ояндабинии дарозмуҳлат (чун анъана баъд аз 3-5 сол вобаста аз намуди истеҳсолот ва доираи инноватсионӣ) асоснок карда мешаванд. Азхуд намудани истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии мувофиқи сатҳи худ, сифат, хароҷот, нархҳо, муҳлати таҳвили бор ва параметрҳои хоса, бомуваффақият бардошт кардани рақобат бо рақибон қодир будан барои ҷалб кардани фармоишгар дар назар аст. Ҳадафи асосии реструктуризатсия дар марҳилаи бухронӣ (порчаи DE дар расми 1.1.1.) – баровардани ширкат аз вазъияти бухронӣ. Зимнан ба даст овардани чунин мақсадҳои тобеъ чун баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, дигаргуншавии характери идоракунии активҳо, истифодаи имконоти маблағгузории қарзӣ муҳим аст.

Ба сифати нишондоди муҳими самаранокии фаъолияти корхона, инчунин рушди арзиши сармояи худӣ дохил мешавад, аз ин рӯ, чун анъана реструктуризатсия ба самти мазкур баргузор мегардад. Интихоби нишондоди арзиши ширкат ҳамчун маҳаки реструктуризатсия тасодуфӣ нест. Соҳибмулкони корхонаҳо дар ҷамъбасти ниҳоӣ намуд ва технологияи истеҳсолот, параметрҳои маҳсулот ва бозори фурӯш начандон рағбат доранд. Маҳаки самаранокии маблағгузорӣ ба ширкати мушаххас рушди доимии арзиши пасандоз мебошад, ки ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии соҳибмулкон ва ҳам рушди муназзами корхона боис мегардад.

Арзиши ширкат тариқи баҳодиҳии бизнес (корхонаи амалкунанда) муайян карда мешавад. Ба андешаи мо, мутобиқи муносибатҳои анъанавӣ ба чунин баҳодиҳӣ танҳо усули дисконтикунонии ҷараёни пулӣ ба пуррагӣ арзиши дохилии иқтисодии ширкатро инъикос мекунад. Ин ҳамчун дараҷаи баланди коррелиатсияи ҷараёни пулӣ бо нишондоди арзиши бозории ширкат ва ҳам нишондоди иқтисодӣ бо назардошти ҳамаи қарорҳои нисбатан амалиётӣ, сармоягузорӣ, мабалағгузории фаъолияти корхона вобастагӣ дорад. Нишондоди арзиши корхона, ки бо усули дисконтии ҷараёни пулӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, аз арзиши ҷории ҷараёни пулӣ овардашуда дар давраи муназзамии корхона (давраи баҳисобгирӣ) ва арзиши дисконтиҷамъоварӣ гардидааст. Ҷараёни пулӣ дар асоси нишондоди фоидаи соф бо назардошти дигаргунӣ дар уҳдадориҳои қарзии корхона, талабот ба васоити хусусии гардон ва маблағгузорӣ, инчунин, амортизатсияи маблағи ҷудошуда, ки ба сариштакунии корхона ба сифати захираҳои молиявии таъиноти мақсаднок вогузор гардидааст, муайян мешавад. Амсилаи усули дисконтии ҷараёни пулиро метавон дар шакли формула пешниҳод намуд:

$$V = \sum_{n=1}^{m} \frac{CF_n}{(1+r)^{(0.5*n)}} + \frac{V_{ocm}}{(1+\kappa)^r} \qquad (1.2.),$$

CF

Ин ҷо m – уфуқи баҳисобгирӣ; n – қадами баҳисобгирӣ;

CFn – ҷараёни васоити пулӣ дар давраи n; r – миқдори муайяни дисконтикунонӣ;

$V_{ocm}$ - арзиши боқимондаи берун аз ҳадди давраи ҳисобу китоб. Арзиши бизнеси тариқи усули ҷараёни пулии дисконтикунонӣ бадастовардашуда, маълум гардид, ки бузургии манфӣ будааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки пас ҷорӣ шудани васоити пулӣ аз ҷониби саҳомон мебошад. Вазъияти мазкур дар натиҷаи ҳолати бухронӣ ҳамчун норасоии тӯлонии васоити хусусии гардонӣ, муҳимияти пардохтҳои уҳдадориҳои қарзӣ, талабот ба маблағгузорӣ, аз ҳад зиёд баланд ё паст дар натиҷаи

ғайринизомномавии баҳогузории аз будаш зиёди фондҳои асосии маблағи ҷудошудаи амортизатсионӣ ба вуҷуд меояд [4].

Дар марҳалаи барҳамдиҳии бизнес вазифаи асосии самти реструктуризатсия - хароҷоти ҳадди ақал барои барҳамдиҳии корхонаҳо дар қатори ба даст овардани манфиати имконпазир мебошад. Ба ин васила, вазифаи муқаррарии реструктуризатсия ҳадди аксари арзиши бизнес мебошад.

Бо ҳадафҳои реструктуризатсияи идоракунии ташкилот вазифаҳои реструктуризатсияи системаи идоракунӣ мавҷуданд.

Ба андешаи И. Мазура ва В. Шапиро иерархияи вазифаҳои реструктуризатсия аз панҷ сатҳ иборат аст:

-дар сатҳи якум вазифаи асосӣ- диагностикаи корхона;

- дар сатҳи дуюм – коркарди лоиҳаи реструктуризатсия;

-дар сатҳи сеюм – вазифаи такмилдиҳии сохтор ва вазифаи идоракунӣ;

-дар сатҳи чорум – рушди усулҳои молиявии идоракунӣ. Ҳадаф ва вазифаи раванди реструктуризатсия бо кумаки усулҳо ва васоити реструктуризатсияи системаи идоракунӣ ба даст оварда мешаванд. Спектри васоите, ки дар доираи барномаҳои реструктуризатсионӣ истифода мешавад, бениҳоят васеъ аст. Ба спектри мазкур чорабиниҳои муқаррарӣ ва барномаҳои мураккаби дарозмуддати рушди мақсадноки фарҳанги ширкатӣ дохил мешаванд.

**Ҷадвали 1.**

**Систематизатсиякунии усулҳо ва воситаҳои реструктуризатсияи системаи идоракунии объектони иқтисодӣ**

| | Воситаҳои ташкилӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Омилҳои сохторӣ | Омилҳои инсонӣ | Ба назар гирифтани талаботи идоракунии технологӣ |
| Унсурҳои асосии ташкилӣ | • Қарорҳои ваколатдор<br>• Коҳиши сатҳҳои иерархӣ<br>• Сохторҳои ба мизоҷон нигаронидашуда<br>• Воситаҳои ҳамгирои сохторӣ<br>• Технологияи информатсионӣ<br>• Низоми ҳавасмандгардонии меҳнат ва болоравии мансаб | • Инкишофи кадрҳо:<br>- болоравӣ<br>- тахассуси касбӣ<br>- такмили ихтисоси умумӣ<br>• Ташкили муносибатҳои эътимод:<br>- рад кардани принципхои тейлоризм<br>- тағйир додани андеша оид ба шахс<br>- | • Баланд бардоштани чандирии равандҳои истеҳсолӣ<br>• Интегратсияи тараққиёт ва истеҳсолот<br>• Ҳамоҳангсозии талабот ва истеҳсолот<br>• Истеҳсоли маҳсулоти яккачин дар конвейер |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ҳавасмандгардонии муносибатҳои соҳибкории дохилиширкатӣ | |
| Консепсияҳои интегралии ташкилӣ | • Сегментатсияи фаъолияти соҳибкорӣ<br>• Консепсияи марказҳои фоида, харочот ва ғ.<br>• Идоракунии ҳамоҳангсозӣ<br>• Оптимизатсияи равандҳо | • Рушди фарҳанги корпоративӣ (ширкат) | |

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки воситаҳои равандҳои реструктуризатсияи системаи идоракунии объектони иқтисодӣ аз унсурҳои заминавӣ ва интегратсионӣ иборат аст. Ба сифати унсурҳои заминавии ташкилотӣ воситаҳое фаҳмида мешаванд, ки дар оянда ба чорабиниҳои аз ҷиҳати тартиботи рӯбатаназзулниҳода тақсим карда шаванд. Дар ҷараёни реструктуризатсия як қатор консепсияҳои мураккаб, интегратсияшуда ва ташкилотӣ истифода мешаванд. Сухан дар бораи маҷмӯи чорабиниҳое меравад, ки дар мутобиқат бо якчанд унсурҳои заминавии шаклҳои гуногун асос мегирад. Чунин консепсияҳо чорабиниҳои дар сатҳи олӣ мебошад, зеро ки тавассути васоити заминавии онҳо амалӣ мегарданд. Таҳти мафҳуми ҳайати қарорҳо раванди ғайримарказии идоракунӣ мавриди тафоҳум қарор дорад. Истифодаи фаъоли воситаи мазкур дар доираи барномаҳои муосири реструктуризатсия раванди қабули қарорҳои ташкилоти марказонидшуда бениҳоят тӯлонӣ ва гарон мебошад. Қарорҳои қабулгардида бемаврид буда, ташкилот дар умум номутобиқ ба дигаргунииии муҳити зист ва талаботи мизоҷон мебошад. Ба ҷуз ин, раванди таъкидшуда самараи ҳавасгардониро таъмин сохта, дар вусъати масъулиятнокии ҳар як корманд барои натиҷаи корҳои гурӯҳӣ, рушди малакаҳои касбӣ, тақвияти рӯҳияи мусобиқавии дохили ташкилот, барои баланд бардоштани дақиқияти баҳодиҳии пасандози инфиродӣ ба натиҷаи умумӣ имкон медиҳад.

Ихтисоршавии сатҳи иерархӣ дар микёси корхона ё соҳаи алоҳидаи фаъолияти он амалӣ мегардад. Чорабинии мазкур барои қатъ гардидани амудҳои коммуникатсионӣ ва замони қабули қарорҳо имконият медиҳад, ки ба вусъати уҳдабароии корхона кумак расонад ва барои интегратсияи функсияи аъзоёни он шароити мусоид офарида, барои мутобиқати сохторҳои ташкилотӣ ба талаботи нави бозор заминагузор мебошад. Бо чунин тарз сохтори ташкилотии мусаттаҳ ба рушди малакаи касбии офаридашуда, ташаббус, ба қобилияти қабули қарорҳо аз як зумра кормандони корхона мутобиқат мекунад. Консепсияи «ба мизоҷони ташкилот тамоюлдошта» ва сохторҳо, «ба маҳсулот тамоюлдошта» кӯшиши устуворро ба тағйироти принсипҳои ташкилотии амалкунанда ба манфиати созмон додани фасеҳии сохтори соҳибкорӣ, кормандони тамоми сатҳҳои иерархия, ки бо гурӯҳҳо тибқи қаноатмандии талаботи мушаххаси гурӯҳи мизоҷон ё офаридани (пешравӣ) намуди муайяни маҳсулот муттаҳид шудаанд, инъикос менамояд.

Барои ҳалли проблемаҳои муносибатҳои тарафайн ва координатсияи миёни кисматҳои мухталифи ташкилот, ҷойҳои корӣ, шуъбаҳо, минтақаҳои хоҷагидорӣ васоити сохтории интегратсионӣ мавҷуданд. Салоҳияти қисматҳои интегратсионии мазкур метавонад аз таъминоти иттилоот ва машварати воҳидҳои координатсионӣ то қабули қарорҳои мустақил, ки барои қисматҳои дигар ҳатмӣ аст, вусъат ёбад. R барномаҳои муосири реструктуризатсияи чорабиниҳои интегратсионӣ новобаста ба тамоюли атоматикунонии воҳидҳои истеҳсолӣ нақши марказиро иҷро менамоянд. Ин бо вазифаҳои мураккабе, ки бо офариниши маҳсулоти нав ё азхудкунии бозорҳои нав алоқаманд аст, координатсияи қувваҳои бештари қисматҳоро тақозо дорад. Омилҳои калидии муваффақияти ширкат ва васоити асосии идоракунӣ дониш ва иттилоот мебошад. Дар корхона тасаввурот оид ба ҷалби кормандон дар системаҳои ҳавасмандгардонии меҳнат ва пешравии меҳнатӣ инъикос мегардад. Чун анъана, дар асоси системаҳои мазкур собиқаи меҳнатӣ, теъдоди кормандон ва имконоти молиявии ширкат ҷойгир шудаанд. Алъон, зимни баргузории реструктуризатсия ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат такя карда мешавад. Системаи пардохт ҳарчи бештар ба гурӯҳҳои коргарӣ майл дорад, ҳамзамон таҳияи консепсияи ташкилотиро бо самти гурӯҳӣ ҳавасманд мегардонад: пардохт ва системаи мукофот бо натоиҷи фаъолияти коллективӣ сахт алоқаманд аст.

Таҳти мафҳуми вусъати ҳайати коргарон тамоми чорабиниҳое, ки рушди дараҷаи тахассуси кормандони корхонаро таъмин месозад, фаҳмидан мумкин аст: пешниҳоди имконоти такмили маҳорат, пардохти курсҳои такмили ихтисос, ҳавасмандгардонии зоҳир намудани мустақилият, зиёд кардани гуногунии намуди меҳнат.

Ҳисобгирии талаботи технологӣ ва қобилияти қабули қарорҳои технологии солим дар дараҷаи муайян мавқеи рақобатии корхонаҳоро муайян месозад. Технологияи интихобшуда ба нишондодҳои зерини фаъоияти корхона таъсири худро мерасонад:

- иқтисодӣ — сатҳи хароҷоти истеҳсолот, сифат ва арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда;
- ба «рейтинг»-и ширкат дар соҳа, нуфузу эътибор (ё набудани он), маркаи савдоии аз ҷониби ширкат истеҳсолшуда;
- дараҷаи технологии мутобиқшудаи он ба шароити тағйирёбандаи бозорӣ-имконияти «рӯкаш»-и технологияи таҳти талаботи нави бозор бе хароҷоти аҳамиятноки захираҳо (муваққатӣ, моддӣ ва меҳнатӣ).

Дар рафти сегментатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ, нисбатан мавзеи қобили мушоҳида ва алоҳидаи вазифаҳо ба теъдоди начандон калони кормандон мустаҳкам карда мешавад. Нишонаи ҷудогузории шакли норавшан онро мефаҳмонад, ки воҳидҳои сохторӣ дараҷаи баланди амудӣ ва уфуқии мухториятро доро мебошад. Мухторияти амудӣ дар ҳаҷми қарорҳо, ки тариқи воҳидҳои сохторӣ ироа мегарданд, ифода мёбанд. Воситаи асосии реструктуризатсияи корхона тибқи принсипи сегментикунонӣ дар ин маврид як қатор қарорҳо мебошанд.

Мухторияти уфуқӣ бошад, дараҷаи мустақилияти воҳидҳои сохтории мутобиқи муносибатҳои мавозӣ мавҷудбударо инъикос менамояд.

Тибқи консепсияи маркази даромад муваффақияти сохтори воҳидӣ тариқи нишондодҳои бозорӣ (ҳаҷми фоида, манфиатнокӣ, воридоти нақдина ва ғ.) муайян карда мешавад. Муҳимияти марказҳои манфиат алакай дар аввали аср бо мавҷудияти мушкилоти сохтори ташкилотии корхонаҳои бузург инъикос гардидааст. «Таҷаддуд»-муосири консепсия бо фишори бозор алоқаманд аст. Хислати алоҳидаи компонентҳои

муваффақият ва инъикоскунандаи нишондодҳои он зимни татбиқи корхона дар бозорро рухсат медиҳад. Баҳодиҳии бозорӣ кормандонро барои омодагӣ ба тафтишоти самаранокӣ чун сохтори ташкилотӣ ва чун рафтори худӣ ҳавасманд мегардонад.

Ҳатмияти идоракунии координатсия он ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки дар маҳалли ҳамдигарро буридани нуқтаи манфиатҳо ва ё зиёда воҳидҳои ташкилотӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин ҳолат ҳамеша зимни азҳамҷудокунии маҷмӯи умумии вазифаҳо ва тақвили онҳо ба иҷрокунандагони гуногун ба вуқӯъ меояд. Вазифаи махсуси менеджменти координатсионӣ аз муайян кардани нуқтаҳои мазкур, қабули қарорҳо оид ба ҳатмӣ будани координатсияи онҳо ва интихоби васоити мувофиқ иборат аст. Вазифаҳои мазкур тариқи қувваҳои функсионалии махсус зерқисматҳои ширкатҳо ҳал карда мешаванд. Дар Ғарб бошад, барои ҳадафи зикршуда институти лоиҳаи маъмурикунонӣ васеъ истифода карда мешавад.

Дар доираи барномаҳои реструктуризатсия аптимизатсияи равандҳо аҳамияти хоса дорад. Алъон дар маркази таваҷҷуҳ асосан ду навъи раванд мавҷуданд: якум, раванде, ки бо бозор ё мизоҷон (раванди амалишавии фармоиш); дуюм, равоншуда ба инноватсия (коркарди маҳсулоти нав ё азхудкунии бозорҳои нав). Раванди сеюм, истифодаи сарфакоронаи захираҳои мавҷуда мебошад. Оптимизатсияи раванди хоҷагидорӣ намудҳои дилхоҳи се амалҳои асосиро дар бар мегирад:

- барпо кардан ва тақсимоти маҷмӯи вазифаҳо;
-истисно ё координатсияи самараноки нуқтаҳои бурриши муҳими манфиатҳо;
-истифодаи технологияи иттилоотии солим.

Фарҳанги фирмавии ширкат маҷмӯи эътиқоди асосгузори принсипнок, ки дар заминаи фаъолияти он ҷойгир шудааст ва беназирӣ ба ташкилоти мушаххас медиҳад, фалсафаи ширкат, муносибат бо кормандон ва мизоҷон, меъёри рафтори кормандон байни худ оид ба муносибати онҳо ба ташкилот ва мизоҷон, анъанаҳои гардиши расмӣ, ки дар қоидаҳо ва тартиботи қабули қарорҳо, нишонаҳои фирмавӣ ва истилоҳот инъикос мегарданд, мебошад.

Дар рушди фарҳанги фирмавӣ чорабиниҳои якумдараҷа ва дуюмдараҷаро бояд истифода бурд. Чорабиниҳои якумдараҷа ба он равона карда шудаанд, ки тартиботро интихоб кунанд, зеро тариқи кумаки онҳо менеджмент метавонад ба кормандон таъсир расонад ва хислати онҳоро ба вокуниши вазъи қатъӣ низ муайян сохта, даррокона меъёрҳои наву арзишҳо ва системаи ҳавасмандгардониро ба вуҷуд оварда, принсипҳои интихоби кормандонро тасдиқ намояд. Чорбиниҳои дуюмдараҷа бояд бо татбиқи дигаргуниҳо дар фарҳанги фирмавӣ мувофиқат кунанд. Аз ҳама муҳимтараш миёни онҳо сохтори ташкилотӣ, системаи дастурҳои заминагузор ва танзим, инчунин низомнома ва принсипҳои идоракунии корхона мебошанд. Аз ин рӯ, муносибати ягонаи проблемаи реструктуризатсияи систмаи идоракунии ташкилот вуҷуд надорад. Аз нигоҳи мо тахти реструктуризатсияи системаи идоракунии ташкилот тағйироти маҷмӯавӣ ва робитаи тарафайни таркиб ва муносибатҳои мутақобилаи миёни унсурҳои сохтори идоракуниро фаҳмидан мумкин аст (ҳадафҳо, вазифаҳо, сохторҳо, функсияҳо, техникаҳо, технологияҳо, иттилоот, ҳайати кормандон), ки кор кардани корхонаро таъмин сохта, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти идоракунӣ равона карда шудааст. Ҳадафи реструктуризатсияи системаи идоракунии объекти иқтисодӣ, вобаста аз дараҷаи давраи ҳаётии ташкилот тафовут доранд ва бо кумаки васоиту усулҳои муайян амалӣ мегарданд.

**Адабиёт**

1. Алексеев Н. «Эволюция систем и организационное проектирование», http://www.ptpu.ru/Issuesl.htm
2. Буличева Г.В. «Новое направление деятельности оценщиков – реструктуризацияроссийских предприятий». http://www.mrsa.lvl.ru/ocenshik/sl09704. htm; Мирсаидов А.Б. «Теоретические вопросы реформы аграрного сектора РТ»// Иқтисодиёти Тоҷикистон №2 1999, с 43-67

3. Буличева Г.В. «Новое направление деятельности оценщиков – реструктуризация российских предприятий». http://www.mrsa.lvl.ru/ocenshik/sl09704. htm
4. Евсеев А. «Стратегия предприятий в условиях кризисной ситуации». http://www.ptpu.ru/Issues/
5. Кондратев В.В., Краснова В.Б. «Реструктуризация управления компанией: 17-модульная программа для менеджеров», «Управление развитием организации» М.: ИНФРА-М, 1999. -230 с . с- 24
6. Крижановский В. Г. «Реструктуризация предприятия». М.: «Издательство ПРИОР», ИВАКО Аналитик, 1998. - 48с. саҳ. 12
7. Мазур И., Шипиро В. «Реструктуризация предприятий и компаний». М.: Мактаби олӣ, 2000. - 587с. саҳ. 20
8. Тамбовсев В. «Реструктуризация предприятий в переходной экономике: точка зрения экономиста». http://www.ptpu.ru / Issues /6_98/pu6_22.htm
9. Худяков Г. «Реструктуризация бизнес-процессов как задача бизнес-консалтинга», http://www.trast.r-style.ru/restract.htm

## ПРИРОДА И СОДЕРЖАНИЕ ОРГАНИЗАЦИОННОЙ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ

**РАХИМЗОДА МАХИНАИ САЙФУДДИН,**
докторант (PhD) Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 985-00-01-22. E-mail: rahimzoda.95@mail.ru

*Статья посвящена реструктуризации системы управления организацией, сложным изменениям и взаимосвязи между составом и взаимосвязью между элементами структуры управления, а также взглядам различных исследователей на формы и методы реструктуризации управления. система. Следует отметить, что реструктуризация системы управления предполагает совместимость различных компонентов и взаимосвязь двух элементов.*

***Ключевые слова:*** *реструктуризация системы управления, рыночная экономика, компании, сегментация, предприятия, задачи реструктуризации, факторы, показатели качества, эффективность предприятия.*

## THE ESSENCE AND CONTENT OF THE ORGANIZATIONAL MANAGEMENT SYSTEM

**RAHIMZODA MAHINAI SAYFUDDIN,**
Doctoral student (PHD) at the Academy of Public Administration
Under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 985-00-01-22. E-mail: rahimzoda.95@mail.ru

*The Article is devoted to the restructuring of the management system of the organization, the complex changes and the relationship between the composition and the relationship between the elements of the management structure, and the views of various researchers on the form and method of restructuring the management system. It is noted that the restructuring of the management system presupposes the compatibility of different components and the relationship of the two elements.*

***Key words****: management system restructuring, market economy, companies, segmentation, enterprises, restructuring tasks, factors, quality indicators, enterprise efficiency.*

УДК:338.26

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ – ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ

**АБДУЛЛАЕВ СОҲИБҶОН ИСМАТУЛЛОЕВИЧ,**
доктрант (PhD) – и Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ.
734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти Нав, 306.
Тел.: (+992) 556-55-53-55. E-mail: sohibabdullozoda@gmail.com

*Идоракунии давлатии иқтисодиёт дар шароити бозоргонӣ маҷмӯи тадбирҳои хоси дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иҷроия ва назоратӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади ба даст овардани суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад. Барои танзими самарабахши давлатии бозор омӯзиши комили он дар шароити ҷумҳурӣ ва моҳирона истифода бурдани таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дорои иқтисоди бозоргонӣ зарур аст. Зарурати идоракунии давлатии деҳот асосан аз як қатор мушкилоти рӯзафзуни иҷтимоӣ – иқтисодии ба худ хос сурат мегирад: сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот, вазъи сусти молиявию иқтисодӣ, сатҳи баланди бекорӣ ва инфрасохтори сусттараққикунанда. Қазияҳои рушди деҳот аз он иборат аст, ки кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиёти деҳот мебошад ва на танҳо вазифаи таъминоти озукаворӣ (истеҳсоли озуқа), балки як қатор вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро бояд иҷро намояд, аз қабили таъмини сатҳи баланди зиндагонӣ, шуғли аҳолӣ, ҳифзи мероси маданию таърихӣ, пешгирии таназзули замин ва ғайра. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф зинаҳои ояндаи рушди деҳот дар ҷумҳурӣ ба се марҳила ҷудо шуда, (омодагӣ, амалисозӣ ва натиҷагирӣ) ба таври мухтасар дар шакли ҷадвал шарҳ дода шудааст. Инчунин ҳамаи қазияҳои мавҷуда, ки дар марҳилаи ҳозираи инкишофи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ муҳимтар мебошанд, омӯхта шуда, бахри ҳалли онҳо ду самти асосӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф модели идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоӣ – иқтисодии деҳот таҳия гардид, ки идоракунии давлатии инфрасохтории иҷтимоӣ ва роҳҳои рушди онро таъмин намуда, дар оянда фарқияти инфрасохтории деҳотро ба шаҳр наздик намуда ҳавасмандии зиндагиро дар деҳот меафзояд пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушд, танзим, идоракунии давлатӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, кишоварзӣ, деҳот, дурнамо, иқтисодӣ, мушкилот.*

Иқтисоди бозорӣ бидуни танзими давлатӣ пурра ва комилан амал карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии давлат аз он иборат аст, ки пайвастагии озодӣ бозор ва раванди такрористеҳсолкуниро бо роҳҳои муайян идора намояд. Идоракунии давлатии иқтисодиёт дар шароити бозоргонӣ маҷмӯи тадбирҳои хоси дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иҷроия ва назоратӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади ба даст овардани суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад. Ба андешаи Ҷ.Кейнс, вазифаи асосии давлат ноил шудан ба ҳаҷми баланди «самаранокии талабот» мебошад, шарти ҳатмии ин афзоиши даромад буда. Самаранокии талабот аз рӯи нишондиҳандаҳои афзоиши шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва афзоиши даромаднокии корхонаҳо муайян карда мешавад[1]. Барои танзими самарабахши давлатии бозор омӯзиши комили он дар шароити ҷумҳурӣ ва моҳирона истифода бурдани таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дорои иқтисоди бозоргонӣ зарур аст. Бозсозии иҷтимоию иқтисодӣ, иштироки фаъолонаи давлатро талаб мекунад. Дар давраи гузариш ба низоми бозоргонӣ, ки сохторҳои кухна амал намекунанд ва сохторҳои нав ҳануз ба вуҷуд меоянд, танҳо институтҳои (ташкилотҳо) давлатӣ, ба мисли низоми ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ метавонанд тартиботи иқтисодӣ – иҷтимоиро таъмин намуда, сохторҳои сиёсиро бахри ислоҳоти онҳо ташкил намоянд. Мустаҳкам намудани институтҳои ҳокимияти давлатӣ бояд меъёрҳои самаранокии

иқтисодӣ – иҷтимоиро ба танзим дароранд. Дар шароити иқтисоди бозаргонии муосир давлат бояд вазифаҳои муҳими ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолот, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагиро идора, танзим ва ба анҷом расонад. Барои ин вазифадор аст, ки на танҳо фаъолияти рақобатноки бозор, ҳифзи ҳуқуқи корхонаҳо ва шаҳрвандонро таъмин намояд, балки барои мутобиқ шудан ба субъектҳои хоҷагидорӣ ба тағйирёбии вазъи бозор шароит фароҳам оварад ва ба рушд кардани фаъолияти истеҳсолии онҳо мусоидат намояд. Рушди нобаробари иҷтимоию иқтисодӣ дар деҳот хос аст, ки ба ин бештар таъсири омилҳои табиию иқлимӣ, вазъи иқтисодиёти онҳо ва имкониятҳои таъминоти молиявӣ мерасад. Зарурати идоракунии давлатии деҳот асосан аз як қатор мушкилоти рӯзафзуни иҷтимоӣ – иқтисодии ба худ хос сурат мегирад: сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот, вазъи сусти молиявию иқтисодӣ, сатҳи баланди бекорӣ ва инфрасохтори сусттарақикунанда. Қазияҳои рушди деҳот аз он иборат аст, ки кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиёти деҳот мебошад ва на танҳо вазифаи таъминоти озукаворӣ (истеҳсоли озуқа), балки як қатор вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро бояд иҷро намояд, аз қабили таъмини сатҳи баланди зиндагонӣ, шуғли аҳолӣ, ҳифзи мероси маданию таърихӣ, пешгирии таназзули замин ва ғайра. Иҷрои вазифахои гузошташуда аз ҷониби деҳот низ ба ҳалли як қатор масъалаҳои муҳими иқтисодӣ – иҷтимоӣ, махсусан дар шароити ҳозираи бозоргони, таъмини амнияти озуқавори, рушди иқтисодиёт, истеҳсолот, коркард ва маҳсулоти тайёр ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар бист соли охир 3 хуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад. Барои татбиқи стратегияву барномаҳои мазкур дар бист соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. [2]

Мо, корҳои иҷро шуда ва зинаҳои ояндаи рушди деҳотро дар ҷумҳури ба се марҳила ҷудо менамоем: омодагӣ, амалисозӣ ва натиҷагирӣ. Ҷадвали 1.

| Номгӯи марҳилаҳо / хусусиятҳо | 1 марҳила (Омодагӣ) 2016–2021 с. | 2 марҳила (Амалисозӣ) 2021–2026 с. | 3 марҳила (Натиҷагирӣ) 2026-2030 с. |
|---|---|---|---|
| **Ҳадафҳои асосӣ** | Рушди истеҳсолоти бахшҳои иқтисодии кишоварзӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ | Истифодаи оқилонаи иқтидори захиравии табиӣ - иқтисодии деҳот, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, маданият ва фарҳангии мардуми деҳот | Бехтар намудани шароити манзилӣ дар деҳот, баланд бардоштани дараҷаи кору фаъолия ва сатҳи зиндагии аҳолии деҳот |
| **Самтҳои афзалиятноки рушд** | Дастгири ва рушди соҳаҳои муҳими кишоварзӣ | Рушди устувори инфрасохтори деҳот; ташкили босуръати истеҳсолоти маҳсулоти саноатии воридот ивазкунанда, сохторҳои таъминоти, хизматрасонӣ | Рушди комплексӣ; Агро саноатӣ, коркарди он ба содирот нигаронида шуда, инфрасохтори иҷтимоии деҳот |
| **Чорабиниҳои муҳим** | «Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ 2019 - 2021», барномаи давлатӣ “Консепсияи пешгӯи инкишофи Қонунгузории ҶТ дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012 – 2020”, “Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҶТ барои солҳои 2012 – 2020” қонун “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 2016” ва ғайра. | “Созишномаи лоиҳавӣ байни ШСХК “Барқи Тоҷик” ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд “Электрофикатсияи деҳот” аз 2020 -2025”, “Солҳои рушди саноат 2022-2026”, лоиҳаи “Идоракунии экологии замин ва беҳдошти воситаҳои зандагӣ дар деҳот” “Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Лоиҳаҳо оиди рушди инфрасохтори мухталлиф | “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” |
| **Усулҳои идоракунӣ** | Татбики барномаҳои мақсадноки идоракунӣ | Банақшагирии стратегии ҳадафҳо, муносибати – барномавӣ | Татбиқи идоракунӣ муносибатҳои лоиҳавӣ ва идоракунии барномавӣ |

| **Усули идоракунии рушди деҳот** | Соҳавӣ | Минтақавӣ | Минтақавӣ |
|---|---|---|---|
| **Нақши соҳаҳо дар иқтисодиёти деҳот** | Асоси иқтисодиёти деҳотро соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад | Соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим дорад, рушди бахшҳои инфрасохтори иҷтимоӣ бахшҳои дигари иқтисодиёт низ меафзоянд. | Соҳаи кишоварзӣ мавқеи муҳимро дорост, фаъолияти бахшҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз ҳисоби бахшҳои дигари иқтисодиёт низ меафзояд |

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот**

***Сарчашма: Дар асоси стратегия, барнома ва созишномаҳои давлатӣ. Таҳияи муаллиф.***

Алакай асосҳои сиёсати рушди инфрасохтори иҷтимоӣ - иқтисодии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, заминаи ҳуқуқи ташаккул ёфта, аввалин барномаҳои давлатии кӯтоҳмудати танзимкунандаи рушди деҳот қабул ва амалӣ гаштанд. Дар марҳилаи аввал мақсади асосӣ таъмини афзоиши маҷмӯъи маҳсулоти кишоварзӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот диққати хос дода шуд.

**Марҳилаи якум** – татбиқи равиши соҳавӣ дар идоракунии сохтмони инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва истифодаи барномаҳои мақсадноки идоракунӣ, ки барои ноил шудан ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот зарур мебошад. Дигаргуниҳои сифатӣ дар сиёсати рушди деҳот ворид гашт, ки дар сатҳи давлатӣ ҳадафҳои нав муайян карда шуданд, ки онҳо муҳлати бештарро талаб мекунанд. Барои амали намудани онҳо барномаҳои нави давлатӣ қабул карда шуданд, ки аз барномаҳои пештара хело фарқ мекунанд: татбиқи муносибати минтақавӣ, ноҳиявӣ ва соҳавӣ дар идоракунӣ онҳо асос ёфта, соҳаҳои дигари афзалиятноки тараққиётро дарбар мегиранд. Ғайр аз он, барои таҳия ва амалӣ гаштани онҳо усули банақшагирии дарозмуддати стратегияи барномавӣ – мақсаднокро истифода мебаранд.

**Марҳилаи дуюм** – ба фикри мо, сиёсати рушди инфрасохтори иҷтимоӣ – иқтисодии деҳот, характери амалисозиро дорост, зеро вазифаи муҳим нигоҳ доштани натиҷаҳои дар охири марҳилаи якум ба даст овардашуда мебошад.

**Марҳилаи сеюм** – бо маҷмӯи равишҳои идоракунии барнома ва лоиҳаҳо фарқ мекунад. Ин имкон медиҳад, ки аз як тараф, устувории рушди деҳот аз он ҷумла инфрасохтори он натиҷагири карда шуда, аз тарафи дигар, тағйиротҳои зарурӣ, ки ба он таъсир мерасонанд ба амал бароварда шаванд.

Вазъияти ҳозира барои сиёсати иқтисодии давлат дар доираи танзими соҳаи иҷтимоӣ хеле мураккаб мебошад. Аз ин лиҳоз ба фикри мо, ҳамаи қазияҳои мавҷуда, ки дар марҳилаи ҳозираи инкишофи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ муҳимтарин мебошанд, дар ду самти асосӣ ташаккул ёфта метавонанд: зиёд кардани манбаъҳои ғанӣ гардониданӣ буҷҷаи давлатӣ ва коҳиш додани шумораи шаҳрвандоне, ки ба инкишофи кам маҳсули муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд ва ба кӯмаки иҷтимоии давлат ниёз доранд. Яке аз қазияҳои муҳимтарини танзими соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан НТҶ ин маблағгузори ва ӯҳдадориҳои давлат дар соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Падидаҳои бӯҳронии вақтҳои охир, ба монанди пандемия,

қазияҳои ҷойдошта вобаста ба мушкилотҳои соҳаи мазкур ба даромади буҷҷаи давлатӣ таъсири ниҳоят манфӣ расониданд. Расми 1.




**Расми 1. – Қазияҳои кунунии сиёсати иҷтимоии давлатӣ. Таҳияи муаллиф**

Чуноне, ки дар расми 1 дида мешавад дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он орӣ нест. Мушкилотҳои гуногуни глабали, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷой доранд, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидаги ва маҷмуан бо натиҷаи ниҳоии иқтисодиёт таъсири бевосита худро мерасонанд. Мушкилотҳо ба амал меоянд, дар натиҷаи ҳалли онҳо дар кадом сатҳе набошад чорабиниҳои заруриро талаб менамоянд. Дар навбати худ маблағгузори, хароҷоти зиёдатиро талаб менамоянд, ки ниҳоятан ба иқтисодиёт таъсири худро (манфӣ) мерасонанд, ки он бе чуну чаро буҷҷаи давлатро коста менамояд. Қазияҳои ҷойдоштаро, мо бо чунин шакл пешниҳод менамоем.

Дар соли 2020 боз ҳам коҳиши даромади буҷети давлатӣ дар пайи пандемия мушоҳида мешавад. Зарурати ҷорӣ намудани чораҳои карантинӣ боиси ба таври назаррас коҳиш ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ гардид. Як катор сохахои саноат, бозорҳои фӯруши худро муваққаттан аз даст доданд, вазъият махсусан ба соҳаи саноат, туризм ва ҳунарҳои мардумӣ низ таъсир расонд. Шумораи зиёди корхонаҳои хурду миёна баста шуданд. Ҳамин тариқ, пандемия ҳамчун як падидае, ки ба коста гаштани сатҳи иқтисоди ватанӣ ва фаъолияти инфрасохтори ичтимоӣ гардид. Оқибатҳои ҷорӣ намудани чораҳои карантинӣ низ ба соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсири манфӣ расонид. Ба мисоли, баста шудани корхонаҳо ва коҳиш ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ боиси афзоиши шумораи бекорон гардид. Ғайр аз ин, мо метавонем ба таври назаррас кам шудани даромади ахолиро дар давраи пандемия кайд кунем, ки дар навбати худ боиси зиёдгаштани сатҳи камбизоатӣ ва паст шудани сифати зиндагии мардум гардид.

Дар давраи пандемия, хароҷоти соҳаи тиб якбора афзоиш ёфт ва инҳо мушкилотҳои ягона нестанд, як қисми муайяни қазияҳо хусусиятӣ иҷтимоӣ ва аҳамияти соҳаҳои алоҳидаи онро дороянд.

Маълум аст, ки сиёсати пешгирифтаи ҳукумати ҷумҳури ин баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар аст. Чун, ки иқтисоди муътадил шумораи шаҳрвандони ниёзмандро ба кӯмаки иҷтимоии давлатӣ коҳиш медиҳад, сатҳи бекориро паст намуда, даромади воқеии ихтиёриро афзоиш медиҳад. Бояд қайд кард, ки тадбирҳои ташкилӣ бахри расонидани кӯмаки иҷтимоии давлатӣ ба аҳолӣ эҳтиёҷманд ва таваҷҷӯҳ зоҳир кардан ба онҳо муҳим аст, вале бахри коҳиш додани шумораи онҳо чораҳои қатъӣ андешидан лозим аст. Яъне таъмини рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар оянда ва самтҳои асосии онро, ки дар расми 2 овардаем. Ҳамчун моделӣ, дар оянда бахри идоракунии давлатии инфрасохтории иҷтимоӣ ва роҳҳои рушди онро таъмин намуда метавонанд, таъсири бевоситаи худро расонад. Расми 2.



**Расми 2 – Модели идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоӣ – иқтисодии деҳот. Таҳияи муаллиф.**

Ба фикри мо, дар модели пешниҳодшуда (расми 2) оиди танзими давлатии ҳаёти деҳот, соҳаҳои зерин бояд мавқеи худро пайдо кунанд:

- Муносибатҳои иқтисодӣ;
- Муносибатҳои иҷтимоӣ;
- Муносибатҳои табиӣ;
- Худидоракунии маҳаллӣ ва ҷамъиятии деҳот;
- Муносибатҳои молиявӣ.

Дар асоси ҷори намудани модели мазкур ҳолатҳое, ки бояд таъмин гарданд, мушаххас оварда шудааст:

- Риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар ҳаёти деҳот ва додани кафолатхои давлатӣ ба онҳо, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои истиқоматкунандагон, меъёрҳои аз тарафи ҷонибҳо эътирофшуда, таъмини тарзи ҳаёти муқаррари деҳот ва урфу одатҳои сокинони он, амалӣ мешаванд.
- Ҳифзи иҷтимоии сокинони деҳотро дар ҳолатҳои аз мақомот, муассисаҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ба онҳо мерасонанд, инчунин бо сабаби имконнопазирии зиндагӣ кӯчонидани онҳо ба минтақаи бе хавф таъмин намоянд. Ин тавассути муқаррар намудан ва татбиқи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ки таъмини амнияти иҷтимоиро кафолат медиҳанд, аз ҷумла аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, муайян намудани эҳтиёҷоти шаҳрванд ба ҳифзи иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар ҳолатҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст таъмин карда шаванд.
- Ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси деҳот дар танзими муносибатҳои ҷамъиятии инфиродӣ, ки дар доираи ҳаёти деҳот фаъолият менамоянд. Ба ин муносибат таҳиякунандагони ҳар як санади меъёрии ҳуқуқи вазифадоранд, ки мувофиқати онро ба мақсаду вазифаҳои сиёсати иҷтимоию – иқтисодии давлат нисбат ба деҳот ва хусусиятҳои он ба инобат гиранд.
- Аз рӯи барномаи мақсаднок ҷудо кардани захираҳои моддӣ ва маблағҳои буҷҷети барои чорабиниҳое, ки ба татбиқи сиёсати давлатии иҷтимоию иқтисодии нисбат ба деҳот нигаронида шудаанд, амалӣ карда шаванд.
- Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар шакли қонуни субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои деҳот ва пурра намудани тадбирҳои дастгирии соҳаҳои муҳимтарини саноати кишоварзӣ.
- Рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, соҳибкории хурду миёна дар деҳот, муқаррар намудани меъёрҳои минтақавии додани замин ба маҳалҳои аҳолинишин бо мақсади ҷудо кардани он ба сокинони деҳот барои сохтмони манзил ва объектҳои иҷтимоӣ инчунин нигоҳдории хоҷагии ёрирасони шахсӣ.
- Рушди инфрасохтори хизматрасонии маишии аҳолии деҳот, муқаррар намудани стандартҳои давлатии инфрасохтори муҳандисӣ ва таъминоти нақлиётии он, сохтмони танҳо биноҳои истиқоматии ҳозиразамони пурра ҷиҳозонидашуда ва бо сифати баланд таъмин намудани хизмати коммуналӣ, дастгирии ҷавонони деҳот.
- Ба аҳолии маҳаллӣ додани ҳуқуқи аввалиндараҷа барои истифода бурдани сарватҳои табиӣ минтақаи истиқоматиашон, бо иштироки аҳолии деҳот пурзур намудани тадбирхои назорати ҳуқуқӣ ба ҳифзи қонунгузории табиат, ба аҳолии деҳот

дар шароити фалокатовар расонидани ёрии давлатӣ, дар ҳудуди деҳот инкишоф додани кори осорхонаҳои маҳаллӣ.

❖ Таъмини мустақилияти молиявии нуқтаҳои аҳолинишини деҳот дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта, барои ба аҳолии деҳот наздик кардани ҳокимияти давлатӣ ба маҳалҳои аҳолинишини деҳот ба дараҷаи максималии ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ дода шавад, дастгирии давлатии мутахассисон ва моликияти худидоракунии маҳаллӣ.

Зарурати дастгирии давлатӣ дар шароити муосир, аз ҷумла дар тараққиёти саноатикунони комплексии деҳот дар асарҳои бисёр олимони ватанӣ асоснок карда шудааст. Дар баробари ин дар амал татбиқ намудани тадбирҳое, ки ба инкишофи онҳо нигаронида шудаанд, камбудиҳои муайян доранд. Коршиносон мушкилоти ҷиддии маблағгузории соҳаи дастгирии давлатиро қайд мекунанд. Муқаррар карда шудааст, ки сабабҳои асосии вазъияти номусоиди таърихӣ дар рушди деҳот тартиби боқимондаи маблағгузорӣ барои беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоию – муҳандисии деҳот, дараҷаи баланди хароҷоти ободонии табиати хеле парокандаи маҳалҳои аҳолинишини он мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки омили асосии инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот вазъи куллии иктисодиёт мебошад. Дараҷаи тараққиёти комплекси агросаноатӣ мамлакат ва НТҶ имконият медихад, ки афзалиятхои алоҳида барои ҷамъият ва давлат муҳимро ҷудо кунем. Нигоҳ доштани ҳаёти аҳолии деҳот муҳимтарин вазифаи умумимиллӣ буда, татбиқи ин самт комилан ба вазъи иқтисоди давлат вобаста аст.

Бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои рушди миллӣ давлат сиёсати худро нисбат ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ташаккул медиҳад. Омили навбатии инкишофи инфрасохтори иҷтимоии деҳот бояд сиёсати давлатии аграрӣ, ки дар сатҳи махаллӣ ба амал бароварда мешавад, дониста шавад. Сиёсати муосири аграрӣ бояд ба эътидол овардани тамоюлҳои манфӣ ва ба фароҳам овардани шароити мусбати рушди деҳот равона карда шавад, ки барои аз бухрон баровардани соҳаи кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маводи истеъмолии ватанӣ замина гузор мегардад.

Дар натиҷаи ниҳоӣ давлат дар танзими даромади деҳқонон, инкишоф додани инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва гузаронидани чорабиниҳои экологӣ низ саҳмӣ бузургро гузорад. Чун, ки таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки нақши калонро баҳри рафъи бӯҳрон дар деҳот ташкили низоми самараноки танзими давлатии кишоварзӣ ва рушди иҷтимоии деҳот мебозад. Сиёсати рушди деҳот ҳам кишоварзӣ ва ҳам рушди умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, пешрафти соҳибкорӣ ва идоракунии устувори муҳити зистро дар бармегирад. Дар баробари он инкишофи соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ва инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз он ҷумла коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ, хизматрасонӣ, идоракунии экологӣ рушд ёфта фарқкият вуҷуд дошта дар истеҳсолот ва истеъмолот ҳалли мушкилотҳо дар бахшҳои алоҳидаи манотиқи аҳолинишин инчунин фарқияти байни шаҳр ва деҳот тадриҷан хело коста гашта инсон аз ҳаёти худ комилан қаноатманд мегардад.

**Адабиёт**


1. Макконел К. Р. Экономикс / К. Р. Макконел, С. Л. Брю. – М. : Республика, 1992. – Т. 2. – 400 с.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш.Душанбе 2021. – С. 11-12.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш.Душанбе 2018. – С. 13.

4. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

5. Созишномаи лоиҳавӣ байни ШСХК "Барқи Тоҷик" ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд "Электрофикатсияи деҳот" аз 2020 - 2025.

6. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

7. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

8. Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9. Консепсияи пешгӯи инкишофи Қонунгузории ҶТ дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012 – 2020.

10. Барномаи ислоҳоти кишоварзии ҶТ барои солҳои 2012 – 2020.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ- КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СЕЛА

**АБДУЛЛАЕВ СОХИБДЖОН ИСМАТУЛЛОЕВИЧ,**
докторант (RhD) Института экономики и
систематические исследования развития сельского хозяйства АИКТ.
734020, Ресбулика Таджикистан, г. Душанбе, улица Хаяти Нав 306.
Тел.: (+992) 556-55-53-55. E-mail: sohibabdullozoda@gmail.com

*Государственное управление экономикой в рыночных условиях представляет собой совокупность конкретных мер правового, исполнительного и контрольного характера, которые осуществляются государственными органами в целях достижения экономической и социальной стабильности. Для эффективного государственного регулирования рынка необходимо досконально изучить его в национальном контексте и умело использовать опыт развитых стран с рыночной экономикой. Необходимость государственного управления в сельской местности в основном обусловлена рядом нарастающих социально-экономических проблем: низким уровнем жизни в сельской местности, тяжелым финансово-экономическим положением, высоким уровнем без работы и неразвитостью инфраструктуры. Вопросы развития села заключаются в том, что сельское хозяйство является основой экономики села и должно выполнять не только функцию продовольственного снабжения (производства продуктов питания), но и ряд социально значимых функций, таких как обеспечение высокого уровня жизни, занятости, охрана культурно-исторического наследия, предотвращение деградации земель и др. В данной статье автор разделяет будущие этапы развития села в стране на три стадии (подготовка, реализация и завершение) и кратко описывает их в табличной форме. Также изучены все существующие вопросы, имеющие большее значение на современном этапе развития социально-экономических отношений, и предложено два основных направления их решения. Также автором разработана модель государственного управления социально-экономической инфраструктурой сельской местности, которая предусматривает государственное управление социальной инфраструктурой и пути ее развития, а в перспективе позволит приблизить сельскую инфраструктуру к городу и повысить интерес к сельской местности жизнь.*

***Ключевые слова:*** *развитие, регулирование, государственное управление, социальная инфраструктура, сельское хозяйство, село, перспектива, экономика, проблемы.*

# THE GOVERMENTAL MANAGEMENT OF SOCIAL INFRASTRUCTURE AS AN ECONOMIC DEVELOPMENT FACTOR OF VILLAGE

**ABDULLAEV SOHIBJON ISMATULLOEVICH,**
Doctoral student (RhD) of the Institute of Economics and
systematic studies of agricultural development AICT.
734020, Republic of Tadjikistan, Dushanbe city, 306, Hayoti Nav Str.
Phone: (+992) 556-55-53-55. E-mail address: sohibabdullozoda@gmail.com

*Governmental management of the economy in market conditions is a set of specific measures of a legal, executive and supervisory nature, which are carried out by state bodies in order to achieve economic and social stability. For effective state regulation of the market, it is necessary to thoroughly study it in the national context and skillfully use the experience of developed countries with market economies. The need for public administration in rural areas is mainly due to a number of growing socio-economic problems: a low standard of living in rural areas, a difficult financial and economic situation, high unemployment and un–developed infrastructure. The issues of rural development are that agriculture is the basis of the rural economy and they must perform not only the function of food supply (food production), but also a number of socially significant functions, such as ensuring a high standard of living, employment, protection of cultural and historical heritage, prevention of land degradation, etc. In this article, the author divides the future stages of rural development in the country into three stages (preparation, implementation and completion) and briefly describes them in tabular form. All existing issues that are of greater importance at the present stage of development of socio-economic relations have also been studied, and two main directions for their solution have been proposed. The author also developed a model of state management of the socio-economic infrastructure of rural areas, which provides for the state management of social infrastructure and ways of its development, and in the future will bring rural infrastructure closer to the city and increase interest in rural areas.*

***Key words:*** *development, regulation, public administration, social infrastructure, agriculture, village, perspective, economy, problems.*

УДК: 339

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ТИЛЛОЕВА СИТОРА ҶАЛОЛИДИНОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 934-26-70-70. E-mail: Tilloeva85@mail.ru
**РАСУЛОВ РУСТАМ САЙОЛИДИНОВИЧ**,
унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 918.48.88.06. E-mail: rrs0710@mail.ru
**МАҲМАДОВ РУҲУЛЛО САИДҒУФРОНОВИЧ**,
ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 985-87-86-35. E-mail: ruhullo92@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур дастгирии давлатӣ нисбат ба соҳибкорон, хусусан соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ ва роҳҳои рушди соҳаи мазкур дида баромада шудааст. Инчунин муайян карда шудааст, ки барои рушди соҳаи мазкур дар шаклҳои семинарҳои омӯзишӣ, ташкили хоҷагиҳои таҷрибавии намоишӣ, баргузории озмунҳо барои муайян намудани хонаводаи намунавӣ дар деҳот ва ғайра сурат гирад. Дар ин замина ташкили озмунҳо таҳти унвони «Беҳтарин хоҷагии хусусӣ дар вилоятҳо» ва таъсиси мукофотҳои назаррас барои ғолибони он ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар мақола механизмҳои рушди бозори шир ва маҳсулоти ширӣ муайян карда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки яке аз самтҳои танзими давлатӣ бояд таҳия ва қабули барномаи ҳамаҷонибаи минтақавии рушди саноати шир ва заминаи ашёи хоми он ба шумор меравад.*

*Пешниҳод карда шудааст, ки ҳангоми зиёд намудани соҳаи чорводорӣ, истеҳсоли шир ва фурӯхтани маҳсулоти ширӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард. Инчунин оид ба механизмҳои такмили дастгирии давлатӣ дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои муфид карда шудааст.*

*Дар мақола самтҳои асосии ислоҳоти комплекси агросаноатӣ ва принсипҳои дастгирии давлатии соҳаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муайян карда шуда пешниҳод гардидааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ Барномаҳои давлатии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд. Дар маҷмуъ самтҳои асосии барномаҳои рушд муайян карда шудааст.*

***Калидвожа:*** *рушд, истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, шир, маҳсулоти ширӣ, дастгирии давлатӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди босубот, бозори шир.*

Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ зарурати танзими даромади истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулоти ширӣ, инчунин нархи он ба миён омадааст. Дар ин раванд бо сабаби аз танзими муносибатҳои байнисоҳавӣ озод шудани давлат танзими низоми нархҳо якбора бад шуда, он боиси пасту баланд гардидани истеҳсоли шир дар аксар хоҷагиҳои деҳқонӣ гардида, ҳамзамон ҳавасмандии истеҳсолкунандагонро ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ коҳиш дод.

Дар соҳаи кишоварзӣ имкони муқаррар кардани тавозуни нархҳои инҳисории соҳаҳои таъминкунандаи захираҳо, соҳаҳои коркардкунандаи ашёи хоми кишоварзӣ раванди мураккаб буда, коҳиши (нисбат ба дигар соҳаҳо) он дар асоси талабот ба маҳсулоти соҳа маҳдудиятро ба миён меорад. Нархҳои озод дар шароити монополияи

саноати шир ва савдо ба афзоиши нархҳои чакана ва коҳиши талабот ба маҳсулоти ширӣ мусоидат намуда, ин боиси коҳиши истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти ширӣ дар минтақа гардид.

Аз соли 2018 инҷониб дар натиҷаи болоравии нархҳо, таварруму дигар равандҳо, инчунин дар сурати мавҷуд набудани механизми самарабахши танзими давлатӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон нархи маҳсулоти ширӣ барои истеъмолкунандагон хеле баланд шудааст [2., с.6].

Бинобар ин вазъи воқеии бозори шир ва маҳсулоти ширӣ талаб мекунад, ки механизми мукаммали нархҳо барои таъмини такрористеҳсолкунии васеъ ва баланд бардоштани сатҳи истеъмоли маҳсулоти ширӣ аз ҷониби аҳолӣ роҳандозӣ карда шавад. Асоси консептуалии сиёсати давлатии нархҳо дар бозори шир, аз як тараф, эъломияи принсипи нархгузории бозор (ки ба талаботи самарабахш мутобиқ мешавад) ва аз тарафи дигар, истифодаи механизми давлатии танзими нархҳо мебошад.

Номутаносибии мавҷудаи нархро тавассути маблағгузории мустақим аз ҳисоби буҷа, ё баланд бардоштани сатҳи нархи шир ва ё бо роҳи дигар фавран ҷуброн кардан ғайриимкон мебошад. Бояд дар назар дошт, ки чунин кӯшишҳо боиси болоравии нархҳо дар тамоми ҷараёни истеҳсолии маҳсулоти ширӣ ва дар ниҳоят, болоравии нархҳои чакана гардида, дар оянда коҳиш ёфтани талаботи самарабахши аҳолӣ ба амал хоҳад омад, ки он коҳиши истеҳсоли ширро ба миён меорад.

Чуноне, ки Фасеҳзода И.С. қайд намудааст, хусусиятҳои гузариш аз фармонфармоӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ мураккабии вазъи кунунии иқтисодӣ дар маҷмааи агросаноатӣ, имконнопазирии ҳалли яквақтаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, нобаробарии нархҳо бо сабаби маҳдуд будани манбаъҳои молиявӣ дар буҷа, талаботи пасти самаранок ба маҳсулоти ширӣ давра ба давра амалӣ намудани тадбирҳои амалиро тақозо менамояд [12., с.215].

Дар шароити кунунии иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани қобилияти истеъмоли шир аз ҷониби аҳолӣ роҳандозӣ намудани маблағгузорӣ мувофиқи мақсад аст. Пас, барои фурӯхтани зиёда аз 40 % шири дӯшидашуда вобаста ба равғаннокии он (бо дарназардошти арзиши муайян) барои ҳар як килло аз миқдори муқарраршуда маблағи иловагӣ бояд пардохт намуд. Ин омил тамоми хароҷоти раванди истеҳсолиро фарогир буда, аз нигоҳубин то ба омода гардидани маҳсулот ҷараён мегирад. Инчунин, барои дастрасӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ дар коркарди шир ва нигоҳубини чорво ба мардуми деҳот додани маҳсулот чун кӯмакхарҷиҳо ба шакли қарз муҳим мебошад.

Дар ин раванд мавқеи муҳимро шароити зисти чорво, аз ҷумла, роҳандозии хадамоти байторӣ ва зоотехникӣ касб менамояд, маҳз ҳамин омил шароити муносибро дар истеҳсолоти соҳа фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар қатори тадбирҳое, ки ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли шир дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо равона карда шудаанд, ташкили нуқтаҳои хизматрасонии байторӣ ва зоотехникӣ дар назди маъмурияти деҳот (ё дар корхонаҳои кишоварзӣ) пешниҳод карда мешаванд. Дар мавриди фурӯши шир аз ҳисоби шахсони алоҳида ба корхонаҳои коркарди минтақавӣ миқдори муайяни хароҷоти хизматрасонии чорвои калони шохдор аз ҳисоби корхонаҳои коркарди шир бояд ҷуброн карда шаванд.

Шарти асосии рушди устувори истеҳсоли шир дар минтақа афзоиши маҳсулнокии чорво мебошад. Аз ин рӯ, самти умедбахши рушди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳифзи беҳтарин генофонд, амалӣ намудани чорабиниҳои селексионӣ ва зотпарварӣ ва баланд бардоштани иқтидори генетикии ҳайвонот мебошад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти вазъи кунунии корхонаҳои коллективии кишоварзӣ, татбиқи ин самт, ба андешаи мо, танҳо бо маблағгузории пурраи ҷумҳурӣ ва буҷетҳои минтақавии хоҷагиҳои

зотпарварӣ ва хоҷагиҳое, ки корҳои зотпарварӣ анҷом медиҳанд, инчунин корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба тибби бойторӣ ва истеҳсоли хӯрок имконпазир мегардад. Инчунин, ба хоҷагиҳо дар асоси нархи ҷории гӯшт фурӯхтани чорвои зотӣ ва ҷуброн кардани фарқият аз ҳисоби буҷа ба мақсад мувофиқ аст.

Татбиқи ин маҷмӯи чорабиниҳо дар корхонаҳои коллективии кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии хусусӣ истеҳсоли ширро дар минтақа афзоиш медиҳад, инчунин сатҳи даромади коргарон ва даромаднокии истеҳсоли ширро баланд мебардорад.

Чуноне, ки Солеҳзода А.А. ва Фасеҳзода И.С. қайд намудаанд бояд дар назар дошт, ки дар мавриди таъмин намудани талаботи физиологии организми инсон бо моддаҳои ғизоӣ ва энергияҳо, дар як маврид вазифаҳои пешгирикунанда ва табобатӣ иҷро карда мешавад. Мояи ғамхории махсус бояд ташкили ғизои солим, бахусус барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ: кӯдакон, одамони пиронсол ва ғайра бошад. Ҳалли ин вазифаҳо таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодиро барои истеъмолкунандагони маҳсулоти ғизоӣ ба миқдор ва навъҳои зарурӣ тақозо мекунад [7, с.4].

Ташкил додани низоми идоракунии устувор аз гуногуншаклии таркибҳои бозорӣ ҷудо намудани унсурҳои инфрасохтории низомташкилкунанда ва дар соҳаҳо муттаҳид намудани онҳоро дар назар дорад. Ҳангоми вобаста бо мувозинаи тақозо ва арза маҳсулот ва вазъи иҷтимоии харидорон, низоми таҳлил ва пешгӯии рушди бозори озуқаворӣ тағйир наёфтани роҳҳои ташаккулёбии нархҳо, давлат ин вазъро танзим мекунад. Ба яке аз роҳҳои танзим дар ин ҳолат ҷорӣ кардани сиёсати нархӣ дохил мешавад. Пеш аз иҷро намудани ин мақсад санҷиши саривақтии бозори озуқаворӣ минтақа, ба ҳисоб гирифтани иқтидори он ва пешгӯйии рушд бо роҳи дар марказҳои шаҳр ва ноҳияҳо ташкили Марказҳои санҷиши сифатӣ ва консалтинг (мониторинги консалтингӣ) зарур мебошад. Худтаъмин будани чунин марказҳо аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидории шартномавӣ таъмин мешавад. Чунин марказҳо дар оянда барои аз ҷониби мақомотҳои маҳаллӣ дар хусуси баланд кардани самаранокии истеҳсолот, тақсим ва истеъмол кардани маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчунин пеш бурдани ақидаҳои пешқадам қарор қабул намудан ёрии калон мерасонанд.

Ислоҳоти сохтори институтсионалии низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ дар самтҳои гуногун иҷро карда мешаванд ва онҳоро марҳила ба марҳила гузаронидан лозим аст. Самти аввал бо ислоҳоти нақши давлат вобаста мебошад [11, с.97]. Иштироки давлат дар низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ зарур мебошад, аммо дар натиҷаи ташаккули бозори пешрафтаи озуқаворӣ, бешубҳа нақши давлат иваз шуда, он танҳо вазифаи танзими иқтисодиро иҷро мекунад. Вале дар ҷамъияти анъанавӣ дасти тавонои давлат дар рушди низом нақши муҳим дорад.

Бозори шир ва маҳсулоти ширӣ дар ҷумҳурӣ маҷмӯи бозорҳои ба ҳам алоқаманди минтақавӣ ва дохилиминтақавиро ифода менамоянд. Аз ин рӯ, мушкилоти бозори шир бояд на танҳо аз нуқтаи назари макро ва микроиқтисодӣ, балки бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ низ омӯхта шаванд. Мадди назар гирифтани ин омилҳо дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти фарқиятҳои назарраси дохилиминтақавӣ, ки ба шаклҳои зуҳуроти намунаҳои умумии рушди бозори шир ва равандҳои муносибатҳои байниминтақавӣ таъсир мерасонанд, ниҳоят муҳим аст. Дар айни замон, субъектҳои ҷумҳурӣ, ки то андозае истиқлолияти иқтисодӣ ба даст овардаанд, барои ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, мушкилоти марбут ба истифодаи захираҳои ҳудудӣ, инчунин масъалаҳои худтаъминкунӣ ва афзунии маҳсулот (аз ҷумла ғизо барои аҳолӣ) дар қаламрави худ масъул мебошанд. Дар ин замина аҳамияти бозорҳои минтақавӣ дар иқтисодиёти маҳал меафзояд.

Сиёсати дастгирии истеҳсоли шир бояд ба низоми нархҳои кафолатноки шир асос ёбад, ки истеҳсолкунандаи ашёи хоми ширӣ ҷуброни хароҷоти моддӣ ва даромаднокии заруриро барои такрористеҳсоли васеъ таъмин намояд. Нархҳои кафолатнок набояд ба нархгузории бозор таъсири манфӣ расонанд. Аммо, агар нархҳои яклухтфурӯшии бозори шир нисбат ба нархи кафолатнок пасттар бошанд (дар сурати шароити номусоид), пас давлат бояд ба истеҳсолкунандагони худ баробари фарқи байни нархи кафолатнок ва бозорӣ ҳангоми хариди шир барои коркард пардохтҳои иловагӣ намояд.

Маънои нархҳои кафолатнок ҳимояи на танҳо истеҳсолкунандагон, балки тамоми истеъмолкунандагони маҳсулоти ширӣ (доираи васеи аҳолӣ) мебошад, зеро нархҳои кафолатнок коҳиши истеҳсолот ва болоравии нархи маҳсулоти шириро пешгирӣ мекунанд. Танзими истеҳсоли шир дар асоси танзими нарх аз иҷрои вазифаҳои мушаххаси давраи муайян иборат аст: афзоиши истеҳсоли шир, ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳои истеҳсоли шир аз рӯи минтақаҳо (ноҳияҳо) ва ғайра.

Дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ аксарияти корхонаҳои коллективии кишоварзӣ амалан наметавонанд чорвои дилхоҳи зотӣ ба даст оранд, корҳои селексионӣ ва зотпарварӣ гузаронанд, технология ва таҷҳизоти кӯҳнаро нав кунанд, аз ин рӯ, дар таъмини раванди баамаломада афзоиши сармоягузории давлатӣ ба хоҷагии ширӣ нақши босазо дорад.

Гарчанде ки ин соҳа бо дарназардошти фазои мусоиди макроиқтисодӣ қобилияти худмаблағгузориро дорад, вазъ дар сармоягузорӣ ба соҳаи шир беҳтар нест. Дар натиҷаи он илова бар зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши ғайридавлатӣ, ҷалби сармояи хусусии дохилӣ ва хориҷӣ, зарурати фароҳам овардани шароит барои корхонаҳои саноати шир ба сармоягузорӣ ба миён омадааст. Ин омил метавонад тавассути озод кардан аз андозбандии фоида (дар асоси буҷаи минтақавӣ), амалӣ гардад ки он ба таҳкими заминаи ашёи хоми корхонаҳои коркарди шир ва сармоягузории асосӣ равона карда шудааст.

Дар марҳилаи кунунӣ яке аз шаклҳои сармоягузорӣ ба навсозӣ ва азнавтаҷҳизонии техникии соҳаи шир буда, он метавонад ба таъминоти таҷҳизоти муосири технологии корхонаҳо дар асоси лизинг бо нақшаи пардохти 3-5 сол созгор бошад. Ин шакли сармоягузорӣ хеле мувофиқ аст, зеро дар асост он ба иҷорагир барои сармоягузории аввалӣ сармояи назарраси ройгонро сафарбар кардан лозим нест. Гарав худи таҷҳизот мебошад, ки дар сурати вайрон кардани шартнома аз ҷониби иҷорадеҳ бозпас гирифта мешавад. Лизинг инчунин хавфҳои сармоягузориро коҳиш медиҳад. Дастгирии давлатӣ дар ин соҳа дар соҳаҳои коркарди комплекси агросаноатӣ бояд дар шакли маблағгузории мақсадноки маблағҳо барои амалиёти лизингӣ барои хариди маҳсулоти мошинсозӣ амалӣ карда шавад, ки ин имкон медиҳад сиёсати ягонаи техникӣ дар соҳаи истеҳсоли шир, навсозии равандҳои технологӣ ва соҳаҳои афзалиятноки соҳа муайян карда шавад. Мо чунин мешуморем, ки ба корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ барои навсозӣ ва таҷҳизоти техникии меъёрӣ фоизи қарздиҳиро ҷорӣ намудан мувофиқи мақсад буда, баргардонидани он дар давоми се соли пас аз ба охир расидани қарз сурат мегирад.

Яке аз самтҳои танзими давлатӣ бояд таҳия ва қабули барномаи ҳамаҷонибаи минтақавии рушди саноати шир ва заминаи ашёи хоми он бо дарназардошти омилҳои зерин мебошад:

– сатҳи рушди пойгоҳи ашёи хом бо дарназардошти шароитҳои табиӣ ва ташкили инфрасохтори истеҳсолӣ барои ҷамъоварии шир ва интиқоли он;

– мувозинат миёни ҳаҷми истеҳсоли ашёи хом ва иқтидорҳои истеҳсолии коркарди шир (дар асоси сарбории ҳадди аксар иқтидорҳои мавҷуда ва имкониятҳои таҷҳизонидан ва азнавсозии онҳо);

– таносуби байни ҳаҷми истеҳсоли намуди муайяни маҳсулоти ширӣ ва маҳсулоти воридотӣ аз минтақаҳои дигар, аз ҷумла минтақаҳои воридотӣ, дар асоси омилҳои мақсадноки иқтисодӣ;

– тавозуни талабот ва пешниҳод, бо дарназардошти тақсимоти аҳолӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз рӯи сатҳи даромад ва афзалиятҳо.

Маблағҳои барои барномаи мақсаднок ҷудошуда бояд танҳо барои чорабиниҳои пешбинишуда сарф шаванд. Самтҳои асосии чунин барнома дар вилояти Хатлон метавонанд амалҳои зерин бошанд:

– ташаккули минтақаҳои интенсивии ашёи хоми корхонаҳои шир тавассути рушди ҳамгирой ва ҳамкорӣ бо истеҳсолоти кишоварзӣ;

– таҳияи моделҳо, навъҳои ҳамкорӣ ва таҳкими робитаҳои ҳамгирой;

– ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳои коркард нисбат ба минтақаҳои ашёи хом;

– ташкили чорабиниҳо оид ба истифодаи ҳамаҷонибаи ашёи хом;

– ташкили чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани зоти чорвои сермаҳсул;

– таъсиси бонки иттилоотӣ, ки қисматҳои иттилооти бозорро дар бораи тағйирёбии нарх, истеъмолкунандагон ва таъминкунандагон ва ғ. дарбар гирифта, маълумотро ба ҳамаи субъектҳои бозори шир ва маҳсулоти ширӣ ворид кунад.

Ҳамин тавр, дар бозори шир муносибатҳои миёнаравӣ то андозае аз байн рафтааст. Қаблан он доира нуқтаҳои ҷамъоварии ширро, ки вазифаҳои интиқоли миқдори зиёди ашёи шириро барои коркард иҷро мекарданд, фаро гирифта, ҳоло шир мустақиман ба коркард камтар ниёз дорад. Илова бар ин, ҳиссаи фурӯши шири хом ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ тавассути нуқтаҳои савдои чакана баланд аст, яъне занҷирҳои кӯтоҳи гардиши маҳсулот: «истеҳсолкунанда – истеъмолкунандаи ниҳоӣ» ташаккул ёфтааст. Амалиётҳои мубодилаи мол ва пардохти воқеӣ доираи васеъ пайдо кард. Дар бозори шир фурӯши яклухти маҳсулот якбора кам шуд (ба истиснои шири хушк) ва ҳоло маҳсулоти тайёр бештар ба бозори истеъмолӣ дохил мешаванд.

Дар даврони муосир истеҳсолкунандагон барои коҳиш додани фаъолияти миёнаравӣ дар бозори маҳсулоти ширӣ талош меварзанд, ки ин иқдоми онҳо ба коҳиш додани нархи маҳсулот равона карда шудааст. Ин амали онҳо дар фосилаи ками вақт самарабахш буда, бо гузашти вақти зиёд зиёновар мебошад. Таҷрибаи як қатор дигар кишварҳо нишон медиҳад, ки мавҷудияти миёнаравонони сатҳи ибтидоии бозор ба сарфа намудани микёси харид (барои харидорон) ва ҳаҷми интиқол (барои фурӯшандагон) мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, дар асоси омилҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ самтҳои асосии рушди сохторҳои бозории ҳамшакл, аз ҷумла бозори шир, муайян карда шуданд.

Ҳангоми фурӯхтани шир истеҳсолкунандагони деҳот ба мушкилоти пайдо кардани маълумоти дақиқ оид ба нархҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Дар сатҳи ноҳияҳо маълумот дар бораи нархҳо асосан аз корхонаҳои коркард (монополистҳо) ва сохторҳои тиҷоратӣ, ки вазифаи миёнаравонро иҷро мекунанд, меоянд, аз ин рӯ маълумоти таҳрифшуда ба истеҳсолкунандагони шир дар самти паст нишон додани нархҳои харид меоянд. Дар заминаи набудани иттилоот оид ба нархҳои ҷорӣ истеҳсолкунандагони деҳот бояд маҳсулоти худро бо нархҳое, ки дар ин шароит ҳукмфармост, фурӯшанд. Ин мушкилот махсусан барои истеҳсолкунандагони шир дар ноҳияҳои дурдаст, ки аз марказҳои минтақавӣ дур ҷойгиранд, алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, ташкили хидмати назорати тағйирпазирии нархҳои шир ва маҳсулоти

коркардашудаи он, хизматрасонии истеҳсолӣ ва дастгирии моддӣ барои иштирокчиёни бозори шир мувофиқи мақсад аст.

### Адабиёт


1.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2019. - 56с.

2.Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, Хатлон 2020, 28 саҳ.

3.Загайтов И.Б. Актуальные вопросы теории планирования / И.Б. Загайтов / - Воронеж: ФГОУ ВПО ВГАУ, 2008. - 224 с.

4.Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2020.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., саҳ. 6-9.

6.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2019.

7. Солехзода, А.А. Стратегические аспекты обеспечения продовольственной безопасности в Таджикистане / А.А.Солехзода, И.С. Фасехзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально – экономических и общественных наук. Душанбе, 2018. №3.- С. 3-8.

8. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016 С.15-23.

9. Солиев А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. Тадж. нац. ун-та. – Душанбе, 2014. – № 2/8. – С. 3-7.

10.Фасеҳзода И.С. Ҷанбаъҳои назаривӣ-методологии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон // И.С.Фасеҳзода, С.Н.Ҳакимов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе– 2019, №8, С. 111-119.

11.Фасеҳзода И.С. Нақши идоракунии давлатӣ дар таъмини маҳсулоти озуқавории ватанӣ // И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе–2020, №1, С.95-99.

12.Фасеҳзода И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / И.С.Фасеҳзода, А.С.Назарзода Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе 2020, №7, С.214-218

13.Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного комплекса АПК.- Душанбе: «Ирфон», 2008, 444с.

14. Явлинский Г. А. Долгосрочная стратегия модернизации страны и экономическая политика / Экономическая наука современной России. 2003. -№4. – 28 с.

15.Эльдиев М.Д. Ценообразование в АПК в условиях перехода к рыночным отношениям // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. -1997.—№5.—С. 17-21.

# МЕХАНИЗМЫ УЛУЧШЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ТИЛЛОЕВА СИТОРА ДЖАЛОЛИДДИНОВНА**,
соискатель кафедры экономического анализа
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 934-26-70-70. E-mail: Tilloeva85@mail.ru
**РАСУЛОВ РУСТАМ САЙОЛИДИНОВИЧ,**
соискатель кафедры экономического анализа
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел. (+992) 918-48-88-06. E-mail: rrs0710@mail.ru
**МАХМАДОВ РУХУЛЛО САИДГУФРОНОВИЧ**,
ассистент кафедры экономического анализа
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067. Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 985-87-86-35. E-mail: ruhullo92@mail.ru

*В статье обсуждается государственная поддержка предпринимателей, особенно в аграрном секторе, и пути развития этого сектора. Также планируется развитие этого сектора в виде обучающих семинаров, создания пилотных фермерских хозяйств, конкурсов для определения модельных домохозяйств в сельской местности и так далее.*
*Исходя из этого, целесообразно организовать конкурсы на звание «Лучшее фермерское хозяйство в областы» и учреждение значимых призов для их победителей. В статье определены механизмы развития рынка молока и молочных продуктов. Было отмечено, что одним из направлений государственного регулирования должна стать разработка и принятие комплексной региональной программы развития молочной отрасли и ее сырьевой базы.*

*Предпологается, что при наращивании живодноводческого сектора производство молока и реализация молочных продуктов в регионах страны будут способствовать повышению уровня жизни населения. А также были внесени полезные предложения по механизмам совершенствования государственной поддержки развития регионов Республики Таджикистан.*

*В статье определены основные направления реформирования агропромышленного комплекса и принципы государственной поддержки в сфере молочного производства, а также предложена Государственная программа развития Республики Таджикистан для достижения целей Правительства Республики Таджикистан по обеспечению устойчивого экономического развития.*

***Ключевые слова:*** *развитие, сельскохозяйственное производство, молоко, молочные продукты, государственная поддержка, агропромышленный комплекс, устойчивое развитие, рынок молока.*

# MECHANISMS FOR IMPROVING STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF REPUBLIC TAJIKISTAN

**TILLOEVA SITORA JALOLIDDINOVNA**,
Applicant of the Department of Economic Analysis,
Tajik State University of Finance and Economics.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov Str.
Phone (+992) 934-26-70-70. E-mail: Tilloeva85@mail.ru
**RASULOV RUSTAM SAYOLIDINOVICH**,
Applicant of the Department of Economic Analysis
Tajik State University of Financ and Economics.

734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov Str.
Phone: (+992) 918-48-88-06. E-mail: rrs0710@mail.ru
**MAKHMADOV RUKHULLO SAIDGUFRONOVICH**,
Assistant of the Economic Analysis Department
Tajik State University of Finance and Economics.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov Str.
Phone: (+992) 985-87-86-35. E-mail: ruhullo92@mail.ru

*The article discusses state support for entrepreneurs, especially in the agricultural sector, and the ways to developing this sector. It is also planned to develop this sector in the form of training seminars, the creation of pilot farms, contests to identify model households in rural areas, and so on. On this basis,it is advisable to organize competitions for the title "The best farm in region" and the establishment of significant prizes for their winners. The article defines the mechanisms for the of development of milk and dairy products. It was noted that one of the directions of state regulation should be the development and adoption of a comprehensive regional program for the development of the dairy industry and its raw material base.*

*It is assumed that if the livestock breeding sector is increased, milk production and sale of dairy products in the regions of the country will contribute to improving the living standards of the population. And also useful suggestions were made on the mechanisms to improving state support for the development of the regions of the Republic of Tajikistan.*

*The article defines the main directions of reforming the agro-industrial complex reform and the principles of state support in the field of dairy production, and also proposes the State Development Program of the Republic of Tajikistan to for achieving the goals of the Government of the Republic of Tajikistan to ensure sustainable economic development.*

***Key words:*** *development, agricultural production, milk, dairy products, government support, agro-industrial complex, sustainable development, milk market.*

УДК: 336.14

# НАҚШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**МАВЗУНА АЛИЗОДА**,
ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи. С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 987-71-7071. E-mail: M.Alizoda1991@gmail.com

*Бартариҳои инкишофи буҷет, ки дар сиёсати буҷетӣ инъикос ёфтааст, бештар зуҳур меёбад. Баҳри ҳалли масъалаҳои ҷиддии ҷорӣ ба коркарду истифода ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки дарозмуҳлат кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Ба таври кулли методология ва методикаи банақшагирии буҷет тағйир меёбад. Ба ивази нишондиҳандаҳои бениҳоят бузург нишондиҳандаҳои сифатӣ ба монанди меъёрҳои иҷтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.*

*Дар аксари низомҳои иқтисодӣ буҷети давлатӣ яке аз олоти муҳимтарини таъсиррасон ба инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ҳисобида мешавад. Бо ёрии буҷет давлат аз нав тақсимкунонии даромади миллӣ, тағйирёбии сохти таркибии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, натиҷамандии хоҷагидорӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиро ба амал мебарорад.*

*Дар шароити бозор усулҳои таъсиррасонии буҷет ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ куллан дигаргун мешаванд. Раванди бозсозии куллии муносибатҳои буҷетӣ ва механизмҳои буҷетӣ торафт авҷ мегирад Истифодабарии механизми буҷетӣ бо воситаи андозҳо, имтиёзҳои андозӣ, ҳаҷм ва самтҳои сармоягузорӣ ба роҳ монда шуда, хамчун воситаи таъсиррасони ба сохти таркибии иқтисодиёт, шаклҳои хоҷагидорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти шаҳрвандон оид ба ташкили соҳибкорӣ, васеъ гардондани имконияти навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ, саривақт ҷори намудани дастовардҳои илмӣ–техникӣ ва боло бурдани даромаднокию самаранокии истеҳсолот ва ғайраҳо ба роҳ монда мешавад.*

*Механизми маблағгузории буҷетии соҳаҳои илм, тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо, ҷорӣ намудани имтиёзҳо нисбат ба субъектҳои иқтисодӣ, ҳавасмандгардонӣ оид ба кашфиётҳои нави илмӣ, тадқиқотҳо ва ғайраро дар бар мегирад.*

***Калидвожаҳо**: буҷет, механизм, бозор, раванд, муносибатҳо, бозсозӣ, истеҳсолот, таркиб, хоҷагидорӣ, ҷамъиятӣ*

Бартариҳои инкишофи бучет, ки дар сиёсати буҷетӣ инъикос ёфтааст, бештар зуҳур меёбад. Бахри ҳалли масъалаҳои чиддии ҷорӣ ба коркарду истифода ва амали намудани барномахои максадноки дарозмуҳлат кушиш ба харҷ дода мешавад. Ба таври кули методолигия ва методикаи банакшагирии буҷет тағиёр меёбад. Ба ивази нишондиҳандаҳои бениҳоят бузург нишондиҳандаҳои сифатӣ ба монанди меъёрҳои ичтимоӣ мавриди бахрабардорӣ, қарор мегиранд.

Дар аксари низомҳои иқтисодӣ буҷети давлатӣ яке аз олоти муҳимтарини таъсиррасон ба инкишофи иқтисодиёт ва ичтимоиёт ҳисобида мешавад. Бо ёрии буҷет давлат аз нав тақсимкунонии даромади миллӣ, тағйирёбии сохти таркибии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, натиҷамандии хоҷагидорӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиро ба амал мебарорад.

Дар шароити бозор усулҳои таъсиррасонии буҷет ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ кулан дигаргун мешаванд. Раванди бозсозии куллии муносибатҳои буҷетӣ ва механизмҳои буҷетӣ торафт авҷ мегирад.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурияти тағирдиҳии самт ва тамоюлҳои истифодаи маблағҳои буҷетиро ба миён мегузорад. Таҷрибаи давлатҳои Ғарб нишон медиҳад, ки дар давраи гузариш давлатҳо маблағҳои буҷетро асосан ба соҳаҳои

прогрессивии иқтисодиёт, ки асоси мустақилияти иқтисодӣ ва талаботи стратегии инкишофи давлатро таъмин менамоянд, истифода мекунанд.

Аз нав тақсимкунии даромади миллӣ бо воситаи буҷет ба давлат имкон медиҳад, ки буҷетро ҳамчун фишанги мустқим, ё худ ғайримустақим барои танзими иқтисодиёт истифода намуда, мувозини ва мутаносибии иқтисодиёти ноҳияҳоро таъмин намояд.

Истифодабарии механизми буҷетӣ бо воситаи андозҳо, имтиёзҳои андозӣ, ҳаҷм ва самтҳои сармоягузорӣ ба роҳ монда шуда, хамчун воситаи таъсиррасони ба сохти таркибии иқтисодиёт, шаклҳои хоҷагидорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти шаҳрвандон оид ба ташкили соҳибкорӣ, васеъ гардондани имконияти навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ, саривакт ҷори намудани дастовардҳои илмӣ–техникӣ ва боло бурдани даромадникию самаранокии истеҳсолот ва ғайраҳо ба роҳ монда мешавад.

Механизми маблағгузории буҷетии соҳаҳои илм, тайёр кардан ва бозомузии кадрҳо, ҷори намудани имтиёзҳо нисбат ба субъектҳои иқтисодӣ, ҳавасмандгардонӣ оид ба кашфиётҳои нави илмӣ, тадқиқотҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷет соҳаҳои иҷтимоӣ ба мисли маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва ғайра низ сармоягузорӣ карда мешаванд.

Маблағҳои буҷет вобаста ба тамсилаҳои иқтисодӣ бозории интихобкардашуда сурат гирифта, сабаби инкишоф ё худ таназзули соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва соҳаи иҷтимоӣ мегарданд.

Буҷети давлатӣ дар асоси истифодаи шаклҳои махсуси механизмҳои иқтисодӣ (ба мисли даромад ва хароҷоти буҷет) таъмин карда мешавад.

Даромадҳои буҷет манбаи асосии молиявии фаъолияти давлат мебошанд. Хароҷоти буҷет бошад, ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботи умумидавлатӣ истифода мешаванд.

Яке аз вазифаҳои асосии буҷети давлатӣ ташкил намудани раванди тақсими манбаҳои молиявӣ, фароҳамоварии таносуби муайяни соҳаҳои иқтисодиёт, вобаста ба талаботи бозорҳои дохилию берунӣ ва вазифаҳои дар назди давлат истода мебошад.

Дар мавриди банақшагирии буҷет таносуби мақсадноки фондҳои пулии мутамарказу ғайримутамарказ аз ҷониби субъектҳои моликият ба вуҷуд оварда мешаванд ва ҳиссаеро, ки ба ихтиёри буҷет гузаронида, ё дар ихтиёри худ нигоҳ медоранд, муайян мекунанд.

Чи қадаре, ки дар мавриди банақшагирии буҷетӣ таносуби тақсими манбаҳои молиявӣ аз ҷихати илми хубтар асоснок карда шуда бошад, ҳамон қадар миқдори соҳибкорон зиёд шуда, воридшавии манбаҳои молиявӣ ба буҷет афзунтар мегардад.

Раванди буҷетӣ шакли асосии омӯзиш ва банақшагирии ташкилу тақсим ва самараноку мақсаднок истифодабарии манбаҳои молиявии мутамарказ мебошад.

Раванди буҷет на танҳо маънои ҷамъ кардану тақсим намудани манбаҳои молиявиро дорад, балки қисми фаъолияти молиявие мебошад, ки дар асоси илм бо мақсади таъмину таркиби иқтисодиёт ба роҳ монда мешавад.

Асоси онро танзими буҷетҳо ва дар байни ноҳияҳо аз нав тақсимнамоии манбаҳои молияви ташкил медиҳад. Раванди буҷет тибқи қонунҳои фаъолияти ташкилотҳои ҳукуматӣ, идораи онҳо оид ба таҳия, баррасӣ, тасдиқ кардан ва иҷро намудани буҷет ба роҳ монда мешавад.

Раванди буҷет чор давраи фаъолияти буҷетиро дар бар мегирад.

А) таҳияи лоиҳа ва раванди оияндабинии буҷет;

Б) баррасии буҷет;

В) тасдиқ кардани буҷет;

Г) иҷро кардани буҷет.

Таҳия ва иҷро кардани буҷет вазифаҳои ҳокимияти иҷроия буда, баррасиву тасдиқ кардан ва назорати буҷет вазифаи мақомоти ҳокимияти қонунгузор мебошад.

Ба системаи мақомоте, ки дар соҳаи молия ва буҷет салоҳият доранд дохил мешаванд:

- мақомоти молиявӣ;
- мақомоти танзими пулию қарзӣ;
- мақомоти назорати молиявии давлатӣ.

Мақомоти мазкур вазифаҳои ба худ хос дошта, дар доираи салоҳияти ба онҳо дода шуда амал мекунанд.

Сохтори мақомоти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Мақоми танзими пулию қарзӣ ва асъорӣ Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

Мақомоти назорати молиявии давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ инҳо мебошанд:

- мақомоти назорати молиявии давлатӣ;
- мақоми назоратии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Дар ҷараёни буҷетӣ инҳо иштирок мекунанд:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақомоти молия);
- дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- субъектони танзими пулию қарзӣ ва асъорӣ;
- мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ;
- ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои воҳиди давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои қарзӣ, ки бо маблағҳои буҷетӣ фаъолият мекунанд;
- мақомоти дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти соҳаи идоракунии молия, буҷет ва андозро ба зиммаи онҳо гузоштааст.

Мақомоти идораи давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ масъуланд, ба Вазорати молия нишондиҳандаҳои муфассали истеҳсоли молҳоро (кор, хизматрасониро) барои соли ҳисоботӣ ва давраи пеши назар, ки барои таҳияи лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявӣ лозиманд, пешниҳод менамоянд.

Вазорати молия қоидаи таҳияи маълумотро барои тартиб додан ва пешниҳод намудани сметаи муассисаҳои буҷетӣ муқаррар менамояд. Ҳуҷҷатҳое, ки муассисаҳои буҷетӣ пешниҳод менамоянд, чунин маълумотро дарбар мегиранд:

- лоиҳаи сметаи даромаду хароҷот барои соли ояндаи буҷетӣ аз рӯи соҳаҳо, гурӯҳҳо, бандҳо ва моддаҳо мутобиқи гурӯҳбандии буҷет;
- лоиҳаи сметаи даромаду хароҷот барои давраи миёнамӯҳлат аз рӯи соҳаҳо, гурӯҳҳо ва моддаҳо мутобиқи гурӯҳбандии буҷет;
- маълумот оиди шабакаи муассисаю ташкилот, мансабҳо (доимӣ ва муваққатӣ) ва ҳайате, ки барои онҳо пешбини кардани маблағ лозим меояд;
- шарҳу асосноккунии ҳисобот, ки ба Вазорати молия имкон медиҳад, то таклифҳоро оид ба буҷетҳо ҷамъбаст ва таҳлил намояд;

Вазорати молия ҳамаи ҳисобҳои воридот ва пардохтҳои буҷетиро таҳлил намуда, ба муассисаҳои буҷети ислоҳҳои заруриро пешниҳод менамояд, ҳамчунин ҳаҷми зарурии қарзгири ва манбаъҳои имконпазири гирифтани онро муайян мекунад.

Дар ҳолати рӯи додани мухолифат байни Вазорати молия ва вазорату идораҳо, дигар муассисаҳои буҷети оиди тартиб додани лоиҳаи буҷет, Вазорати молия қарор қабул карда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ аз ҷониби мақомоте, ки фондҳои мазкурро идора менамояд, мутобиқи низомнома ва мӯҳлати муқаррар намудаи Вазорати молия тартиб дода мешаванд;

Дар ҳолати рӯи додани мухолифат байни Вазорати молия ва мақомоте, ки буҷети фондҳои мақсадноки давлатиро таъмин менамоянд, Вазорати молия қарор қабул карда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Инчунин буҷетҳои маҳаллиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи талаботи Қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар санадҳои меъёри ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб медиҳанд. Барои тартиб додани буҷетҳои маҳалли мақоми молияи маҳалли масъул мебошад.

Лоиҳаҳои буҷетҳои маҳаллиро ба Вазорати молия раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо,шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурияви пешниҳод менамоянд.Лоиҳаҳои пешниҳодгардидаи буҷетҳои маҳалли бояд чунин маълумотро дар бар гиранд:

-нишондиҳандаҳои даромаду хароҷот барои соли навбатии молиявӣ ва давраи миёнамӯҳлат;

-ҳисоби маблағи зарурии кӯмаки молиявӣ (дотатсия) ва мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд.

Шарҳу асосноккунии ҳисобҳо ба Вазорати молия имконият медиҳанд, ки таклифҳои оиди буҷетро ҷамъбаст ва таҳлил намояд.

Дар мавриди рӯи додани мухолифат байни Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оиди тартиб додани лоиҳаи буҷети маҳаллӣ, Вазорати молия қарор қабул карда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят ва шаҳр ба мақомоти болоии ҳокимияти иҷроия нишондиҳандаҳои даромаду хароҷоти буҷетҳо ва ҳисобҳоро оиди онҳо мувофиқи талаботу қоидаҳои пешбини намудаи моддаи мазкур пешниҳод менамоянд.

Вазорати молия дар асоси таклифҳои оид ба буҷет пешниҳод гардида лоиҳаҳои буҷети давлати, буҷети ҷумҳурияви ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатиро барои соли навбатии молияви тартиб медиҳад ва онро то 20 сентябри соли равон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраршуда лоиҳаи пешниҳод гардидаи буҷети давлатӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсаднокӣ давлатиро баррасӣ менамояд ва қарори дахлдор қабул мекунад.

**Адабиёт**

1. Грибов В.Д., Экономика предприятия сервиса/В.Д. Грибов, А. А. Леонов-М., 2006.- С. 23-25.
2. Комилов, С.Дж. Развитие инновационных процессов в сфере услуг на основе взаимодействия государства и рынка/С.Дж. Комилов, С.Х. Умаров //Ежеквартальный журнал. 2014.- №4.-С. 231-242.

3. Назаров, Т.Н. Таджикистан: стимулы экономического роста в контексте формирования и развития социально – ориентированных рыночных отношений/Т.Н.Назаров//Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2004. -№ 2. -С.34-58.
4. Менеҷменти молиявӣ. Гулмирзоев Г Оймахмадов Г 2004 - 150 с
5. Самандаров, И.Х. Социальные факторы улучшения использования рабочей силы на предприятиях АПК/И.Х.
6. К. Маркс, Ф. Энгельс, Соч., 2-е изд., ҷилди 21, саҳ.171
7. Налоги: учебное пособие /Д.Г. Черника
8. Налоги и налогообложение / Улугходжаева Х. Душанбе 2009
9. Андоз ва андозбандӣ дар ҷадвал ва нақшаҳо: дастури таълимӣ / Азизов Ш., Комилов С.
10. Финансы / Улуғходжаева Х., Раҳимов З.А., Обидов Ф.С.
11. Кодекси андози ҶТ бо иловаҳо аз 4.02.2009
12. Дастурамал «Дар бораи ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андози даромад аз шахсони воқеӣ, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта нашудааст» аз 4.08.2005с.
13. Дастурамал «Дар бораи ситонидани андоз аз даромад дар манбаи пардохт» аз 4.08.2005с.
14. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ» аз 4.08.2005с.
15. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохти ААИ» бо иловаҳо аз 19.05.2009
16. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти аксизҳо» аз 14.12.2006 № 10-4-2/20687
17. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохти андози иҷтимоӣ»
18. Қарори Ҳукумати ҶТ «Оиди тасдиқ намудани меъёри миёнаи андози замин ва меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ» аз 29.06.2009с.
19. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо»
20. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин»

# РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**МАВЗУНА АЛИЗОДА,**
ассистент кафедры экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 987-71-7071. E-mail: M.Alizoda1991@gmail.com

*Все более очевидными становятся преимущества развития бюджета, которые находят свое отражение в бюджетной политике. Предпринимаются усилия по разработке, эксплуатации и реализации долгосрочных целевых программ для решения серьезных текущих проблем. Изменится общая методология и методика бюджетного планирования. В обмен на огромные показатели будут использоваться качественные показатели, такие как социальные нормы.*

*В большинстве экономических систем государственный бюджет является одним из важнейших инструментов воздействия на экономическое и социальное развитие. С помощью бюджета государство перераспределяет национальный доход, изменяет структурную структуру общественного производства, экономическую эффективность и социальные преобразования.*

*В рыночных условиях коренным образом изменятся способы воздействия бюджета на общественное производство. Набирает обороты процесс полной перестройки бюджетных отношений и бюджетных механизмов.*

*Использование бюджетного механизма через налоги, налоговые льготы, объем и направления инвестиций осуществляется как средство воздействия на структурную структуру экономики, формы предпринимательства, стимулирование граждан к открытию бизнеса, расширение возможностей модернизации капитальные фонды, научно-технические и повышающие рентабельность и эффективность производства и др.*

*Механизм включает бюджетное финансирование науки, подготовку и переподготовку кадров, введение льгот для хозяйствующих субъектов, стимулирование новых научных открытий, исследований и другое.*

***Ключевые слова:*** *бюджет, механизм, рынок, процесс, отношения, реконструкция, производство, структура, экономика, общество.*

## THE ROLE OF THE STATE BUDGET IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**MAVZUNA ALIZODA,**
Assistant of the Department of Economics and Management
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 987-71-7071. E-mail: M.Alizoda1991@gmail.com

*The advantages of budget development, which are reflected in the budget policy, are becoming more apparent. Efforts are being made to develop, operate and implement long-term targeted programs to address serious current issues. The overall methodology and methodology of budget planning will change. In exchange for enormous indicators, qualitative indicators, such as social norms, will be used.*

*In most economic systems, the state budget is one of the most important tools for influencing economic and social development. With the help of the budget, the state realizes the redistribution of national income, changes in the structural structure of social production, economic efficiency and social transformation.*

*Under market conditions, the methods of influencing the budget on social production will change radically. The process of a complete overhaul of budgetary relations and budgetary mechanisms is gaining momentum.*

*The use of the budgetary mechanism through taxes, tax incentives, the volume and direction of investment is carried out as a means of influencing the structural structure of the economy, forms of business, stimulating citizens to start a business, expanding the opportunities for modernization of capital funds. scientific and technical and increase the profitability and efficiency of production, etc.*

*The mechanism includes budget funding for science, training and retraining of personnel, the introduction of incentives for economic entities, incentives for new scientific discoveries, research and more.*

***Keywords:*** *budget, mechanism, market, process, relations, reconstruction, production, structure, economy, society*

УДК: 331,101,

# ҲОЛАТИ ҲОЗИРАИ ДЕМОГРАФӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**ЮСУФЗОДА ИСМОИЛ УМАРАЛӢ,**
ассистенти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои
КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 151.
Тел.: (+992) 939-33-49-18. E-mail: ismoily92@mail.ru

*Дар маколаи мазкур ҳолати ҳозираи демографӣ ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд оварда шудааст. Дар асоси маълумотҳои овардашуда муаллиф чунин иброз дорад, ки раванди такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ хусусияти нақшавиро дороянд ва рушди мунтазам ва истифодаи он падидаи мураккаб мебошад. Таҳлилҳо исбот намуданд, ки миқдори аҳолии ба деҳот кӯчидабаста 12,3% зиёд шуда бошад, аз деҳот ба шаҳр 4,35% ташкил додааст. Яъне он исбот менамояд, ки шароити ичтимоӣ – иқтисодии деҳоти вилоят камубеш хубтар гашта, ҳавасмандии онро таъмин менамояд ва онро дар миқёси ноҳияҳои алоҳида бо рақамҳои аниқ амалан нишон додааст. Дар ин ҷода ноҳияи Ашт мавқеи хосро ишғол менамояд. Суръати афзоиши аҳолии деҳот дар панҷсолаи охир қариб 10 маротиба миқдори деҳотро тарккардаҳо 2 маротиба коҳиш ёфтааст. Мавқеи 2-юмро ноҳияи Б. Ғафуров ишғол менамояд, ки рушди аҳолии деҳот агар 9,6% шуда бошад, мухоҷират аз деҳот ба шаҳр 12,7% коста гаштааст, яке аз сабабҳои он ҷойгир шудани ноҳия дар атрофи шаҳри Хуҷанд аст, ки миқдори зиёди аҳолии он дар шаҳр фаъолияти меҳнатӣ менамоянд.*

*Муаммои дигаре, ки ба вазъи демографӣ ва сохтори захираҳои меҳнатӣ таъсири худро низ мерасонанд, ин ҳолати базаи моддӣ техникии сохаи кишоварзӣ, ки он хело ташвишовар аст. Ҳолати он беҳбудиро металабад, барои бехтар намудани он тавсияи мушаххас пешниҳод намудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки миқдори мавҷудаи техникаи кишоварзӣ омиле мебошад, ки ба талаботи кадрҳои механизаторӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад, ҳолати онро дар соҳаи кишоварзии вилоят аниқ овардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истифодабарӣ, захираҳои меҳнатӣ, соҳа, деҳот, шаҳр, демография, аҳолӣ, шуғл, ҳайат, муҳоҷират, кишоварзӣ, техника, механизатор*

Дар низоми муносибатҳои иқтисодии соҳаи меҳнат ҳамчун қувваҳои истеҳсолкунандаи асосӣ баромад мекунанд, ки нақши он чи дар ҳаёти шахси алоҳида ва чӣ дар ҳаёти ҷомеа мавқеи хосро ишғол менамоянд ва вобастагии зичро дорост. Дар амал намояндагони ҳамаи соҳаҳои илми иқтисодиёт меҳнатро ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи неъматҳои моддию маънавии ҷомеа меҳисобиданд - фаъолияте, ки инсон бо ёрии он хислатҳои асосии шахсият ва имкониятҳои худро амали менамояд ва ташаккул медиҳад.

Раванди такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ хусусияти нақшавиро дороянд ва рушди мунтазами он дар раванди такрористеҳсолкунӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатии ҷомеа падидаи мураккаб мебошад. Сухан дар сари он аст, ки аввалан дар раванди такрористехсолкунии қувваи корӣ омилҳои иқтисодӣ ва табиӣ ба ҳам алоқамананд (такрористеҳсолии аҳолӣ – таҳкурсии асосии табиии ташаккули захираҳои меҳнатӣ); дуюмин, инсон дар ин ҷо на танҳо ҳамчун дорандаи қувваи меҳнати - объекти танзимшаванда, балки ба сифати субъекти танзимкунанда, дорандаи муносибатҳои муайяни ҷомеавӣ ва манфиатҳои муайяни ҷомеавӣ низ баромад мекунад.

Суръати баланди афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори дохилии захираҳои меҳнатиро хело тағйир додаст. Чуноне, маълум аст, сохтори захираҳои

меҳнатӣ гуфта шумораи аҳолии синну солашон аз синни аҳолии қобили меҳнати поён, аҳолии синну соли қобили меҳнатӣ ва аҳолии синну солаш аз қобили меҳнатӣ болоро дар назар доранд. Дар бисёр давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ҳолати кунунии сохтори захираҳои меҳнатӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи аҳолии ғайри қобили меҳнат зиёд шуда, мутаносибан ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолӣ коҳиш ёфта истодааст, ки дар натиҷа он ба мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ–иқтисодии онҳо таъсири хоси худро расонида истодааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои ҳолати захираҳои меҳнатӣ, ин сохтор, ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо ба намуди шаҳр ва деҳот шуморида мешаванд. Яъне аз қадимулайём таносубӣ ҳиссаи аҳолии деҳот ва аҳолии шаҳр ҳамчун омили муҳими демографӣ ҳисобида мешавад чунки он ба сатҳи шуғлнокии аҳолӣ таъсири худро мерасонад ва маҷмуан сатҳи умумии рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро нишон медиҳад.

Ҳиссаи зиёди аҳолии шаҳр нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ нишондиҳандаи сатҳи баланди тараққиёти илму техника, яъне индустриалии давлат, ҷамъият, саноат, инфрасохтор, ва соҳаҳои ғайриистеҳсолиро таҷассум менамояд. Ва баръакс, ҳиссаи зиёди аҳолии деҳот дар аксари ҳолатҳо нишондиҳандаи ҳолати на онқадар баланди соҳаҳои саноат ва инфрасохтори ғайриистеҳсолӣ дараҷаи сусти истифодабарии захираҳои меҳнатиро ифода менамоянд.

Чуноне, ки ҳолати кунунии шумораи аҳолии шаҳр ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намоем, маълум мешавад, ки тамоюли афзоиши ҳиссаи аҳолии шаҳр на онқадар ба назар намерасад агар афзоиши он дар даҳ соли охир (2010-2020 ) 20,7% ташкил дода бошад, пас аҳолии деҳот - 22,75% аст, ба фикри мо яке аз омилҳи ба он таъсиррасонанда он аст, ки зиёда аз 73% аҳолии чумҳуриро новобаста аз он, ки мушкилоти таъмин бо ҷои корӣ нокофӣ будани музди меҳнати кишоварзон то ҳол бартараф нагаштааст, ки ба сатҳи зисту зиндагонӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд, деҳотиён ташкил менамоянд. (Ҷадвали 1)

Ҷадвали 1

**Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 – 2020**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **2015 нисбат ба 2010 бо %** | **2020 нисбат ба 2010 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2015** | **2018** | **2019** | **2020** | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳаз.нафар) | 7621,2 | 8551,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 112,20 | 124,73 |
| Аз он ҷумла аҳолии шаҳр | 2020,5 | 2260,3 | 2396,8 | 2438,9 | 2501,8 | 111,86 | 123,82 |
| Аҳолии деҳот | 5600,7 | 6290,9 | 6729,8 | 6874,9 | 7004,5 | 112,32 | 125,06 |
| Ҳиссаи аҳолии шаҳр нисбати шумораи умумии аҳолӣ | 26,51 | 26,43 | 26,26 | 26,18 | 26,31 | 99,69 | 99,24 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот нисбати шумораи умумии аҳолӣ | 73,49 | 73,57 | 73,73 | 73,82 | 73,69 | 100,10 | 100,27 |
| Аз шумораи умумӣ; аҳолии сину солаш аз сини қобили меҳнати хурд (1000 нафар) | 2714,6 | 2938,2 | 3129,9 | 3191,0 | 3258,0 | 108,23 | 120,01 |
| Аҳолии сину соли қобили меҳнатӣ | 4548,9 | 5175,5 | 5473,9 | 5567,4 | 5664,3 | 113,77 | 124,52 |
| Аҳолии сину соли аз қобили меҳнати баланд | 357,7 | 436,8 | 522,8 | 555,4 | 584,0 | 122,11 | 163,26 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Саҳ.37

Аз рақамҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки суръати афзоиши шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ дар солҳои таҳлилшаванда зиёданд. Агар соли 2015 нисбати соли 2010 – 12,2 % бошад, пас соли 2020 нисбати 2010 суръати афзоиши он 24,7 % ташкил медиҳад.

Рақамҳои овардашуда исбот менамоянд, ки суръати афзоиши аҳолии синну

соли аз қобили меҳнат баланд дар даҳсоли таҳлилшаванда 63,26% ва панҷ соли охир 22,11% афзудааст, яъне аҳолии синну соли хурд аз қобили меҳнат таъмини афзоиши захираҳои меҳнатиро начандон иҷро карда истодаанд.

Суръати баланди афзоиши аҳолӣ, ки дар солҳои охир дида мешавад, сохтори захираҳои меҳнатиро дигаргун сохт, ки дар навбати худ он ба таъмини ҷои корӣ, шуғли аҳолӣ таъсир бевосита расонида истодааст, ки яке аз самтҳои асосии ҳалли он, ки афзоиши ҳолати муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ки барои ба эътидол овардани ҳолати мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим овардани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқии муҳоҷирон дар хориҷи кишвар, бо қарори худ аз 31 январи соли 2006 таҳти №61 «Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006-2010»-ро тасдиқ намуда буд. [Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006-2010]

Ҳамчунин бо мақсади ба танзим даровардани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон базаи ҳуқуқии боқувват фароҳам оварда шуд, ки дар он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» [Дар бораи муҳоҷират] аз соли 1999, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷа» соли 1996, «Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа» соли 2001 ва ғайра қабул шудаанд, ки ба натиҷаи ҳолати муҳоҷирати аҳоли хусусан деҳот таъсири худро расонидаанд. [Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа]

**Ҷадвали 2**

**Ҳолати муҳоҷирати (мигратсияи) аҳолии шаҳр ва деҳоти вилояти Суғд. (ҳаз. нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | с. 2020 нисбати с. 2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми аҳолӣ** | | | | | | |
| Шумораи кучидаомадаҳо | 5852 | 6381 | 6858 | 7803 | 6395 | 109,27 |
| Шумораи кӯчидарафтаҳо | 8203 | 9002 | 9483 | 11153 | 9394 | 114,51 |
| Рафта (-) | -2351 | -2621 | -2625 | -3350 | -2999 | 127,56 |
| **Аҳолии шаҳр** | | | | | | |
| Шумораи кӯчидаомадаҳо | 3198 | 3043 | 3306 | 3710 | 3040 | 95,06 |
| Шумораи кӯчидарафтаҳо | 4179 | 4123 | 4483 | 4656 | 3921 | 93,82 |
| Рафта (-) | -981 | -1080 | -1177 | -946 | -881 | 89,80 |
| **Аҳолии деҳот** | | | | | | |
| Шумораи кӯчидаомадаҳо | 2985 | 3255 | 3666 | 4093 | 3354 | 112,36 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кӯчидарафтаҳо | 5574 | 5886 | 6422 | 6907 | 5817 | 104,35 |
| Рафта (-) | -2589 | -2631 | -2756 | -2814 | -2462 | 95,09 |

**Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи вилояти Суғд соли 2021 саҳ. 55**

Рақамҳои ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар 5 соли таҳлил аҳолии кӯчидаомадаҳо ба деҳот 12,3% зиёд шуда, аз деҳот ба шаҳр 4,35% ташкил додааст. Яъне шароити иҷтимоӣ – иқтисодии деҳот каму беш хубтар гашта истодааст, ки ҳавасмандии онро таъмин менамояд.

Вале дар маҷмуъ рақамҳо исбот карда истодаанд ахолии деҳот микдоран, ки дар умум рӯ ба афзоиш дода истда бошад ҳам, вале ҳолати муҳоҷират ба шаҳр зиёд шуда истодааст. Агар давлат чораҳои заруриро оид ба ин масъалаҳо наандешад, дар даҳ соли оянда қувваи кории деҳот коҳиш меёбад.

Агар ҳолати кунуниро дар миқёси ноҳияҳои алоҳидаи вилоят таҳлил намоем он шакли зеринро дорост. (Ҷадвали. 3)

**Ҷадвали 3**

**Ҷамбасти умумии миграцияи муҳоҷирати аҳолӣ дар ноҳияҳои вилояти Суғд.**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | с. 2020 нисбати с. 2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **н. Айни** | | | | | | |
| Шумораи кӯчидаомадаҳо | 486 | 552 | 556 | 706 | 538 | 110,69 |
| Шумораи кӯчидарафтаҳо | 720 | 885 | 1027 | 1145 | 986 | 136,94 |
| Рафта (-) | -234 | -360 | -471 | -439 | -448 | 191,45 |
| **н. Ашт** | | | | | | |
| Шумораи кӯчидаомадаҳо | 10 | 32 | 31 | 247 | 128 | 10 маротиб |
| Шумораи кӯчидарафтаҳо | 315 | 276 | 267 | 501 | 275 | 87,30 |
| Кӯчида рафта (-) | -305 | -244 | -236 | -254 | -147 | 48,20 |
| **н. Бобоҷон Ғафуров** | | | | | | |
| Шумораи кӯчидаомадаҳо | 647 | 890 | 771 | 649 | 709 | 109,58 |
| Шумораи кӯчидарафтаҳо | 961 | 1127 | 1115 | 1219 | 1292 | 134,44 |
| Кӯчида рафта (+-) | -314 | -237 | -344 | -570 | -583 | 185,67 |
| **н. Мастчоҳ** | | | | | | |
| Шумораи кӯчидаомадаҳо | 188 | 157 | 129 | 252 | 128 | 68,08 |
| Шумораи | 492 | 613 | 757 | 453 | 498 | 101,21 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| кӯчидарафтаҳо | | | | | | |
| Рафта (-) | -304 | -456 | -528 | -201 | -370 | 121,70 |

***Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи вилояти Суғд соли 2021 саҳ. 55***

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 3 бармеояд, миқдори аз ҳама пасти муҳоҷирати меҳнатӣ байни деҳот ва шаҳр дар ноҳияҳои вилояти Суғд, ин н.Ашт мебошад, яъне ба деҳот баргашта 10 маротиба бошад, аз деҳот ба шаҳр коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии он афзоиши соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла зиёд гаштани майдонҳои боғ, ки қувваи кориро талаб менамоянд, мебошад ва аз маркази вилоят каме дур ҷойгир шудааст.

Мавқеи 2- юмро оиди ҳолати демографии мухоҷирати мехнати ноҳияи Б. Ғафуров ишғол менамояд. Агар ба деҳот омадаҳо 9,58% шуда бошад, мухоҷират аз деҳот ба шаҳр 34,44% гаштааст, яке аз сабабҳои он ҷойгир шудани ноҳия дар атрофи шаҳрӣ Хуҷанд аст, ки миқдори зиёди аҳолии он дар шаҳр фаъолияти меҳнатӣ менамоянд.

Миқдори аз ҳама ками аҳолӣ ноҳияҳое, ки ба шаҳр наздиканд, ин н.Мастчох мебошад, суръати афзоиши деҳотиён дар панҷсолаи охир 31,2% кам гаштааст.

Вазъи афзоиши аҳолии н.Айнӣ, ки дар мавзеи кӯҳистон ҷойгир аст, ба вазъи демографӣ таъсири худро расонидааст ва дар микёси вилоят аз ҳама баланд мебошанд-191,4%, яъне дар солҳои таҳлили миқдори муҳоҷират қариб 2 баробар афзоиш ёфтааст, ҳол он ки миқдори аҳолӣ ҳамагӣ 25,6% зиёд гаштааст. Сабаби асосии ҳолати мазкурро мо дар маҳдуд будани заминҳои кишоварзӣ, тангии онҳо, рушди сусти инфрасохторҳои коркард, хизматрасонӣ, таъминоти иҷтимоӣ мебинем, ки барои захираҳои меҳнатӣ, шуғли онҳо шароити мусоид фароҳам наовардаанд. Ин сабабҳо бояд дар мадди назари мақомотҳои маҳаллии ҳукумат қарор дошта бошанд ва ба онҳо аҳамияти хосеро зоҳир намоянд. Дар натиҷа бунёди хоҷагиҳо, корхонаҳо, ташкилотҳое, ки аҳолиро бо ҷои корӣ таъмин менамоянд, бояд амалӣ гардад.

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки фаъолияти аҳолиро инъикос менамояд, ин фаъолияти онҳо дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ мебошанд. (Ҷадвали 4.)

**Ҷадвали 4.**

***Шумораи миёнаи солонаи кормандон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар вилояти Суғд ( нафар)***

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Дар ҳамаи намудҳои фаъолият | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,4 |
| 2 | Бахши воқеӣ аз он ҷумла: | 254,5 | 255,4 | 258,8 | 269,0 | 281,7 |
| 2,1 | Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 215,7 | 217,0 | 219,6 | 229,5 | 239,5 |
| 2,2 | Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ | 6,9 | 7,6 | 8,8 | 9,0 | 9,1 |
| 2,3 | Саноати коркард | 23,1 | 22,1 | 21,6 | 22,1 | 22,4 |
| 2,4 | Неруи барқ, газ ва таъминоти об | 4,6 | 4,3 | 4,2 | 4,1 | 3,1 |
| 2,5 | Сохтмон | 4,1 | 4,4 | 4,5 | 4,2 | 4,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Бахши хизматрасонӣ | 147,4 | 147,3 | 149,4 | 152,5 | 150,7 |
| 3,1 | Маориф | 70,2 | 70,0 | 71,3 | 73,2 | 73,6 |
| 3,2 | Тандурусти ва хизматрасониҳои ичтимоӣ | 33,5 | 34,5 | 35,0 | 34,2 | 34,5 |

***Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи вилояти Суғд соли 2021 саҳ. 144***

Рақамҳои ҷадвали 4 аз он шаҳодат медиҳанд, ки шумораи миёнаи коргарон, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар умум ширкат меварзанд дар солҳои таҳлилӣ 7,58% афзудаанд, агар дар мисоли бахши воқеӣ ва хизматрасони мушоҳида намоем, афзоиши онҳо мутаносибан 10,6% ва 22% ташкил додаанд. Яъне рушди бахши воқеӣ нисбатан назаррас аст.

Агар соҳаҳои алоҳидаи бахши воқеиро таҳлил намоем, соҳаи саноати истеироҷи маъданҳои кӯҳӣ 31,9%, кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 11,0% рушд ёфтааст. Дар байни онҳо хусусан бахши неруи барқ, газ ва таъминоти об – зиёда аз 30% коҳиш ёфтаанд.

Агар миқдори коргароне, ки дар ду бахши асосии хоҷагии халқ фаъолият менамоянд, мебинем, ки соли 2016 дар бахши воқеӣ 63,3% ва хизматрасонӣ 36,7% коргарон дар он ҷалб шуда бошанд пас мутаносибии ин нишондиҳандаҳо дар соли 2020 – 65,15% ё 34,85% ташкил медиҳанд, яъне бахши хизматрасон дар маҷмуъ 4,8% миқдоран афзоиш ёфта бошанд таносубан 1,9% коҳиш ёфтааст. Ҳолати вуҷуд доштаи бахши хизматрасонӣ иникос мeёбад, ки зиёдшавии ҷои кори ва афзоиши хизматрасониро таъмин карда натавонисааст. Сабабҳои асосии онро мо дар боло баён намудаем.

Афзоиши каму беши кормандони соҳаи хизматрасони асосан дар маориф аз 16,3% соли 2016 то 17,5%, дар соли 2020 тандурустӣ ва хизматрасониҳои ичтимоӣ мутаносибан аз 7,8% то 8,6 % амалӣ гаштаанд. Агар ба ҳолати бахши воқеӣ назар намоем, онҳо нишон медиҳанд, ки шумораи коргарон бахши истеҳсолӣ, дар ҳамаи намудҳои фаъолият агар 63,4% ва соҳаи кишоварзӣ 54,7% онро ишғол менамояд. Бахше, ки асосан истеҳсолот мебошад дар он қиёси соҳаи кишоварзӣ, агар дар соли 2016 83,5 % ташкил диҳад, пас соли 2020 он ба 84,8% расидааст, яъне он 1,3% афзоиш ёфтааст. Ба фикри мо афзоиши миқдори коргарони ин соҳа шаҳодати он аст, ки бахши мазкур сол аз сол мавқеи худро пурқуват намуда, барои ҷалби бештари захираҳои меҳнатӣ кӯшиш намуда истодааст, чунки ин соҳа дар тамоми давлатҳои ҷаҳон мавқеи хоссеро ишғол намуда, аҳолиро бо озуқа ва саноатро бо ашёи хом таъмин менамояд. Ҷумҳурии мо низ барои рушди он кӯшиш ва ғайратро сол аз сол зиёд намуда истодааст.

Аз ин бармеояд, ки асоси қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро захираҳои меҳнатӣ ташкил мекунанд. Барои ҳамин ҳам он ҷамъияте, ки барои самаранок истифода бурдан ва таъмини такрористеҳсолкунии васеъро амалӣ ва мукаммал гардонидани сатҳи дониши касбӣ, маърифати техникии захираҳои меҳнатӣ диққати аввалиндараҷа медиҳад, бештар тараққӣ мекунад.

Муамои дигаре, ки ба вазъи демографӣ ва сохтори захираҳои меҳнатӣ таъсири худро низ мерасонанд, ин ҳолати базаи моддӣ - техникии соҳаи кишоварзӣ новобаста аз шакли моликият мебошад, ки он хело ташвишовар аст.

Миқдор, ҳолат ва сифати техникии трактор, мошинҳои кишоварзӣ, таҷҳизот, ки ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи тараққиёти ҷамъият, соҳа ва истеҳсолотро муайян

мекунад ва начандон ба талабот ҷавобгӯ мебошанд, дар солҳои охир каму беш тадриҷан ба эътидол омада истодаанд. (Ҷадвали. 5 )

**Ҷадвали 5**

***Ҳолати ҳозираи базаи техникии соҳаи кишоварзии вилояти суғд***

| Номгуй | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Миқдори лозимаи техника ҳамагӣ | | | | | | |
| Тракторҳо | 4125 | 3804 | 3614 | 3524 | 3354 | 2508 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 156 | 137 | 117 | 115 | 111 | 77 |
| Испорҳои тракторӣ | 1221 | 1061 | 1030 | 1015 | 984 | 714 |
| Комбайнҳои ҷамоварии хӯроки чорво | 82 | 64 | 56 | 43 | 51 | 24 |
| Комбайнҳои ҷуворимаккадарав | 19 | 15 | 13 | 11 | 11 | 6 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ | 922 | 884 | 856 | 837 | 818 | 637 |
| Мошинҳои ҷамъ ва тойбандҳо | 71 | 57 | 55 | 56 | 52 | 16 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 106 | 99 | 86 | 57 | 58 | 49 |

***Сарчашма: Тоҷикистон 30- солагии истиқлолият Омори солонаи вилояти Суғд соли 2021 саҳ. 420,423***

Чуноне ки рақамҳои ҷадвали 5 нишон медиҳанд, тракторҳо ва мошинҳое, ки дар соҳаи мазкур истифода мешавад, ҳамчун яке аз омилҳои асосии таркибии иқтисодиёти деҳот ба шумор меравconfiguration, вале сохтори миқдорию сифатии онҳо чуноне қайд намудем, начандон қобили қабуланд.

Яъне агар сохтори парки мошину тракторҳоро ва миқдори онҳоро мушаххас дида бароем, аз ҳама ҳолати начандон хубро тайбанду тагрезчинҳо ишғол мекунанд, ки миқдоран коҳиши онҳо дар давраи таҳлилӣ 77,5% ташкил додааст, баъдан комбайнҳои ҷамъоварии хӯроки чорво-70,7%, комбайнҳои ҷуворимакка дарав - 68,4% ташкил медиҳанд. Сабаби асосии онро мо дар коҳиш ёфтани соҳаи чорводорӣ, хусусан базаи хӯрокаи он мебинем. Ҳолати кунунии соҳаи чорводории ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди саршумори онҳо дар дасти аҳолӣ мебошад, вале онҳо майдонҳои алафдарав, заминҳое, ки барои хӯрока тавсия шудааст ва дар асоси системаи киштгардонро амалан иҷро намекунанд, ки таъсири он ба миқдори техникаи мухталиф ва талаботи он мерасад. Сабаби дигари (ин нокофӣ будани) ҳолати молиявии аҳолӣ мебошад, ки онро норасогии техникӣ аз ҳисоби истифодаи қувваи корӣ- дастӣ иҷро

менамоянд. Ҳолати комбайнҳои ғалладарав низ начандон мувофиқи мақсад аст дар ин марҳила миқдоран онҳо 79 адад кам шудаанд. Чуноне ки дар боло зикр намудем истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ асосан дар ҳоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ гирд оварда шудаанд, вале аз сабаби хурд будани майдон, ҷойгиршавӣ ва кишти онҳо , дар пушта ва теппаҳо амалӣ мешаванд, дар ин ҳолат истифодаи техникаи кишоварзиро ҳам аз нуқтаи назари бехатарии фаъолияти ҳаёти инсон, инчунин техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ-ташкилӣ қобили қабул намебошанд.

Дар байни техникаҳои мазкур миқдори мошинҳои пахтачинӣ 53,8% коҳиш ёфтанд, аосан дар натиҷаи истифодаи захираҳои меҳнатии кишоварзони деҳот, ки онро тариқи дастӣ ҷамъоварӣ менамояд, ҷуброн карда мешавад.

Коҳиш ёфтани миқдори тракторҳо ба фикри мо начандон хуб мебошад, ки ба сифати равандҳои технологӣ, хароҷоти зиёди меҳнат ва коҳиш ёфтани натиҷаи ниҳои истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонанд.

Рақамҳо нишон медиҳад, ки миқдори ҳозираи техникаи кишоварзии мавҷудбуда ва истифодаи он ташкили самарабахши истеҳсолотро дар бахши кишоварзии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ начандон таъмин мекунад.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда муқаррар кардаанд, ки як қатори ин трактору мошинҳои хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам ҷисмонӣ фарсуда гардидаанд, зеро онҳо дар солҳои 80-90-уми асри гузашта истеҳсол шудаанд. Таъмир ва барқароркунии онҳо назар ба харидории техникаи нав хароҷоти калони моддӣ ва меҳнатиро талаб менамояд. Дар натиҷаи ин меҳнати каммаҳсули дастӣ афзоиш ёфтааст, ки асоси онро каланд, бел ва дигар олотҳои меҳнатии оддӣ ташкил медиҳанд. Устохонаҳои пештараи колхозу совхозҳо, ки ба таъмиру барқарор намудани трактору мошинаҳои соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасонии техникӣ машғул буда, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолии деҳот хизмат мерасониданд, қариб вуҷуд надоранд, ҷои онҳоро устохонаҳои шахсӣ иваз намудаанд, ки ба талаботи меъёрӣ, иқтисодӣ ва техникӣ начандон ҷавобгӯ мебошанд.

Барои онро ислоҳ намуда ва ба талаботи замона мусоидат намудан дар асоси меъёрҳои муайяншуда миқдори техникаҳои лозимаро пешниҳод менамоем. (Ҷадвали 6)

**Ҷадвали 6**

***Миқдори лозимаи техникаи кишоварзии вилояти Суғд дар дурнамои наздик соли 2025***

| Номгуй | Меъёри тавсияви адад ба ҳаз. га | Майдони кишт га | Микдори техникаи тавсияшуд а адад. | Ҳолати кунунии техника адад. | Фаркият. +- |
|---|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо | 43,72 | 223,6 | 9775,8 | 2508 | -7267,8 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 7,2 | 50,2 | 361,4 | 77 | 284,4 |
| Испорҳои тракторӣ | 38,1 | 223,6 | 8519,1 | 714 | 7805,1 |
| Комбайнҳои алафдарав | 15,0 | 22,6 | 339 | 24 | 315 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Комбайнҳои ҷуворимаккадарав | 16,0 | 9,7 | 152,2 | 6 | -146,2 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ | 18,6 | 159,1 | 2939 | 637 | -2302 |
| Мошинҳои ҷамъ ва прескунак | 20,1 | 22,6 | 454,2 | 16 | -438 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 6,25 | 58,2 | 363 | 49 | -314 |

***Сарчашма: Тоҷикистон 30- солагии истиқлолият Омори солонаи вилояти Суғд соли 2021 саҳ. 420***

Маълумотҳои овардашуда ҳолати кунунии техникаи кишоварзиро нишон додан, аз нуқтаи назари таъминоти начандон бо меъёрҳои тавсияшуда ҷавобгӯ мебошанд. Вале бо назардошти оне, ки шароити муҷаҳазонии соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ бо техника, таҷҳизотҳо каму беш ҳалли худро ёфта истода бошад, масъалаи дигаре, ки натиҷаи истифодабарии онҳо ин таъмини соҳаи мазкур бо кадрҳои механизаторӣ мебошад. Ба ҳама маълум аст, ки техника бе механизатор қариб, арзише надорад, чунки асоси қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳаракатдиҳанда идоракунанда ин инсон-захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

Барои муайян намудани ҳолати кунунии масъалаи кадрҳои механизаторӣ аз маълумотҳои оморие, ки дастрас намудем, истифода мебарем.

Мутаассифона на ҳама рақамҳои оморӣ, ки барои гузаронидани таҳлили амиқ лозиманд, дар системаи омори сатҳи гуногуни давлатӣ начандон натиҷабардори мешаванд, ки ба фикри мо яке аз норасоиҳои онро нишон медиҳад. Ба ин нигоҳ накарда, дар асоси маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ташкилоти бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзӣ, литсей ва омӯзишгоҳи касбӣ – техникӣ оид ба тайёр намудани мутахассисон чи дар миқёси ҷумҳурӣ ва хоҷагиҳо маълумотҳои алоҳида, ҳолати кунунии ҳайати кадрҳои механизаторӣ маълумот пешниҳод намудем.(Ҷадвали 7)

**Ҷадвали 7**

**Ҳайати кадрҳои механизаторон (нафар)**

| **Ҳайат** | **Солҳо** | | | | | **Соли 2020 нисбат ба 2016 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 31769 | 32472 | 32072 | 45742 | 36785 | 115,78 |
| Вилояти Суғд | 10895 | 11114 | 11194 | 11252 | 11818 | 108,47 |

***Сарчашма: Бозрасии назоратии давлатии техникаи кишоварзӣ***

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 7 маълум мегардад, ки сафи механизаторон чи дар миқёси ҷумҳурӣ ва дар миқёси вилоят рӯ ба афзоиш доранд.

Миқдори механизаторон дар давраи таҳлилӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 15,78% (+5016 нафар) дар вилояти Суғд 8,47% (+923 нафар)-ро ташкил додааст. Яъне сатҳи афзоиши

механизаторони вилоят қариб ду маротиба назар ба ҷумҳури ақиб мондааст. Вазъи қиёси механизаторони вилоят аз 34,3% то 32,1% расидааст.

Агар таъминоти тракторон бо кадрҳои механизаториро муқоиса намоем дар ҷумҳурӣ соли 2016 бо як трактори физикӣ бо 1,21 механизатор таъмин гашта бошад, дар Суғд 2,86 - 4,71 нафар пас соли 2020 он ба 1,34 нафар расидааст, ки назар ба ҷумҳури натиҷаи хубро нишон медиҳад.

Барои таъмин намудани истифодаи баланди техника, ки мавсими истифода мешаванд, афзоиши рӯзҳои корӣ ва хусусан давомнокии онҳо анҷоми гузаронидани раванди гузаронидани равандҳои алоҳидаи истеҳсолӣ (ҷуфт, кишт, коркарди байни қаторҳо ва ғайраҳ), ки муҳлати муайяни мавсимиро мувофиқи талаботи агротехнологӣ риоя намудан лозим аст. Ташкили истифодаи рӯзи кориро на кам аз 2 басти (бехтар, 3 баст ), амалӣ намудан лозим аст. Дар ин ҳолат ба як трактори иҷрокунандаи равандҳо – ҷуфт (хусусан тасмачарх) то 2-то механизатор коркарди байни қатор (тракторҳои чархдор), ки давомнокии рӯзи корӣ на кам аз 1,5 баст (10,5 соат) ва дар бисёр ҳолатҳо то 2 смена (14 соат) 1,5- 2 тракторчӣ бояд вобаста бошад. Ба ҳисоби миёнаи солона ба як трактори физики (1,5 то 2,0 ) тракторчӣ (механизаторон ) вобаста кардан лозим аст, ки ин қазия дар вилояти Суғд ҳалли худро ёфта бошад ҳам, вале барои ҳолати умумии он таъмини техникаи кишоварзӣ (тракторҳо) бо механизаторон беҳбудиро металабад.

Мақсади таҳлил ва овардани ҷадвали мазкур аз он иборат аст, ки бояд ҳолати ҳозираи кадрҳои лозимаи соҳаи кишоварзӣ, хусусан қисми асосии он ки прогресси техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, баланд бардоштани дараҷаи механиконии равандҳои истеҳсолии соҳаҳои кишоварзӣ, хусусан растанипарварӣ ва чорводорӣ, зироатҳои алоҳидаро ки таъмин намуда метавонанд, ин кадрҳои баланд ихтисоси касбӣ механизаторон мебошанд, ки барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ташкили ҷои кории нав, гузаштан аз меҳнати тоқатфарсои ҷисмонӣ ба меҳнати механиконӣ, ки дар маҷмуъ сарфи меҳнат, таъмини саломатии коргар, баланд бардоштани дараҷа ва маърифати техникӣ, гирифтани маоши баланд, таъмини сатҳи хуби иҷтимоӣ - иқтисодии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад, як қатор чорабиниҳоро ба нақша гирифта, онро амалӣ намудан лозим аст. Ба мисли:

- Ташкили омӯзиши касбӣ ва худомӯзии тахассуси дар асоси ҷалб намудани ҷавонон ба муассисаҳои омӯзиши - касбӣ; ташкили курсҳои омӯзиш дар ноҳияҳо, шаҳракҳо, ки захираҳои меҳнатиро доро мебошанд ва барои ҳалли қазияҳои вуҷуд дошта кумак мекунанд;
- Баланд бардоштани сатҳи техникии молистеҳсолкунандагони ватани;
- Ташкили пункти устохонаҳо оид ба нигоҳубини техника ва таъсири онҳо;
- Ба нақша гирифтани ҳамаи равандҳои технологӣ бо истифодаи техника, яъне баланд бардоштани сатҳи механиконии соҳаҳои алоҳида, зироатҳо;
- Коҳиш додани хароҷоти меҳнат, таъмини истифодаи техника дар тамоми фасли сол (ва ғайра).

Дар натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ амалӣ гашта, ҳавасмандии инсон аз натиҷаи ниҳоии истеҳсолот меафзояд ва ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот саҳми арзандаи худро мегузорад, инчунин қазияи таъмини бехатари озуқавории давлат ва ҳукумати он амалӣ мегардад.

**Адабиёт**

1. Ахмедов М.Х., Бабаджанов Д.Д. Совершенствование экономических взаимоотношений в сельском хозяйстве в условиях перехода к рыночным отношениям // Паёми ДДХБСТ: Научно-теоретический журнал. 2003. № -1

2. Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006-2010

3. Х. А. Рынок женского труда / Х. А. Акрамова. – Душанбе: В сб. Демографическая ситуация в переходной экономике, 1999 . - С.101 - 106

4. Комилов С. Дж. К вопросу об институциональных основах формирования рынка труда/ «Проблемы развития рынка труда в Таджикистане» (Материалы республиканской научно-практической конференции, октябрь, 2001, Душанбе). - Душанбе 2001 г.

5. Китоби дарсӣ аз фанни иқтисодиёти кишоварзӣ, муаллиф: Шарофов У.М., Маориф ва фарҳанг. Душанбе – 2007с. Саҳ- 84

6. Геогирафияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография У.Шарофов , З. Азамова Душанбе “Ирфон” 2017 с. Саҳ- 61-78

7. Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, муаллиф: Элмуродов Зоҳирҷон. Душанбе – 2013с. Саҳ- 104-113

8. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ Носиров Р., Самандаров И.Ҳ., Шукуров И.Ш., Мирзоев Т.М., Анваров И.М.Душанбе .Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ. 2018 с.

9. Бозраси назоратии давлатии техникаи кишоварзӣ соли 2021

11. Омори солонаи вилояти Суғд соли 2021 сол.

12. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. 2021 сол.

## СОВРЕМЕННАЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКАЯ СИТУАЦИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

**ЮСУФЗОДА ИСМОИЛ УМАРАЛИ,**
ассистент кафедры организация производства на предприятиях АПК
Аграрного университета Таджикистан им. Шотемур,
734003, Ресбулика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 151.
Тел.: (+992) 939-33-49-18. E-mail: ismoily92@mail.ru

*В данной статье представлена современная демографическая ситуация и использование трудовых ресурсов в аграрном секторе Согдийской области. На основании этих данных автор констатирует, что процесс воспроизводства трудовых ресурсов носит плановый характер, а его устойчивое развитие и использование представляет собой сложное явление. Анализ показал, что количество людей, переселившихся в сельскую местность, увеличилось на 12,3%, а из сельской местности в городскую - на 4,35%. Другими словами, это свидетельствует о том, что социально-экономические условия в сельской местности региона более или менее улучшаются и обеспечивают стимулы и это практически доказано в масштабе отдельных районов на основе конкретных показателей. Особое место в этом отношении занимает Аштский район: за последние пять лет темпы прироста сельского населения снизились почти в 10 раз, а число выехавших из села сократилось вдвое. Второе место занимает Б.Гафуровский район с темпами прироста сельского населения 9,6%, а миграция из села в город сократилась на 12,7%, одной из причин является его расположение в пригороде Худжанда, в котором проживает большое количество населения, работающего в городе.*

*Еще одним вопросом, влияющим на демографическую ситуацию и структуру рабочей силы, является состояние материально-технической базы аграрного сектора, что вызывает большую тревогу. Его состояние нуждается в улучшении, приводятся конкретные рекомендации по его улучшению. Автор считает, что существующее количество сельскохозяйственной техники является фактором, напрямую влияющим на потребность в кадрах по механизации, и приводит его состояние в сельском хозяйстве области.*

***Ключевые слова:*** *использование, трудовые ресурсы, отрасль, село, город, демография, население, занятость, состав, миграция, сельское хозяйство, техника, механизатори.*

## THE MODERN DEMOGRAPHIC SITUATION AND THE USE OF LABOR RESOURCES IN AGRICULTURE OF THE SOGDIAN REGION

**YUSUFZODA ISMOIL UMARALI,**
Assistant of the department of organization of production at the enterprises of the agro-industrial complex of the
Agrarian University of Tajikistan named after. Shontemur.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 151, Rudaki Ave.
Phone: (+992 93) 933.49.18. E-mail: ismoily92@mail.ru

*This article presents the modern demographic situation and the use of labor resources in the agricultural sector of the Sogdian region. Based on these data, the author states that the process of reproduction of labor resources is planned, and its sustainable development and use is a complex phenomenon. The analysis showed that the number of people who moved to the countryside increased by 12.3%, and from rural areas to the city - by 4.35%. In other words, this indicates that the socio-economic conditions in the region's rural areas are more or less improved and provide incentives and this is practically proven on the scale of individual areas based on specific indicators. A special place in this regard is occupied by the* Asht *district: over the past five years, the growth rate of the rural population has decreased by almost 10 times, and the number of those who left the village has doubled. The second place is occupied by B. Gafurov district at the rate of the agricultural population of 9.6%, and migration from the village to the city decreased by 12.7%, one of the reasons is its location in the suburbs of Khujand, which lives a large number of population working in the city .*

*Another issue that affects the demographic situation and the structure of labor is the state of the material and technical base of the agrarian sector, which causes more anxiety. His condition needs improvement, specific recommendations are given to improve it. The author believes that the existing amount of agricultural machinery is a factor that directly affects the need for mechanization frames and gives its condition in the agriculture of the region.*

***Key words:*** *use, labor resources, industry, village, city, demography, population, employment, compound, migration, agriculture, machinery, machine operators.*

УДК:332.1

# МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ-ИДОРАВИИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ГУЛСУНБИИ МУЗАФАРХОН,**
ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 988-82-29-29

*Дар мақолаи мазкур падидаҳои муосири рушди босуръати техникаву технология ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар сатҳи низоми идоракунии давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ гузаштан аз низоми анъанавӣ-идоракунии давлат ба низоми электронӣ нишонаи рушди инноватсионӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як давлат мебошад. Инчунин қайд мекунад, ки имрӯз муҳимтарин омиле, ки бешубҳа дар ташаккул ва рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад, ин рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Чунки ТИК яке аз неруҳои асосии пешбарандаи ҷаҳони муосир буда, имрӯзҳо истифода ва татбиқи он барои татбиқи ҳукумати электронӣ, ки омили рушди иқтисодиёти рақамӣ дар кишварҳо мебошад, ҳам барои мо ва ҳам дар маҷмуъ дар ҷаҳон зарурӣ ва саривақтӣ ҳисобида мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи шохиси холҳо дар сатҳи байналмилалӣ таҳлил карда истода, муаллиф қайд менамояд, ки аз соли 2001 Департаменти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид (UNDESA) масъалаи ташаккулёбии ҳукумати электрониро дар давлатҳои аъзои СММ таҳқиқ менамояд. Таҳқиқотҳои ин депортамент нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ташкили ҳукумати электронӣ дар марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушд қарор дорад. Бо вуҷуди ин муаллиф қайд менамояд, ки баъзе нишондиҳандаҳои сатҳи рушди ҳукумати электронӣ, ки нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби баъзе ташкилотҳои байналмилалӣ, институтҳо ё пажуҳишгоҳҳои махсуси таҳқиқотӣ тавсиф мешаванд, ҳисоб карда нашудаанд. Муаллиф дар он ақида аст, ки барои вусъат бахшидани раванди гузариш ба ҳукумати электронӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии муосир муаррифӣ гардидааст, ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо субъектони хоҷагидор бояд ҷоннок карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳукумати электронӣ, давлат, иқтисодиёт, иқтисод ва идора, шаҳрвандон, технологияҳои иттилоотӣ, ТИК, идоракунии электронӣ, иттилоот.*

Дар замони муосир рушди босуръати техникаву технология зиндагии кулли мардуми сайёраро тағйир дода, муносибатҳои ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овардааст. Ҳамасола даҳҳо технологияҳои муосири иттилоотӣ кашф ва ба истифода дода шуда, равандҳои корӣ-идоравӣ марҳила ба марҳила аз шакли қоғазӣ ба шакли электронӣ гузашта истодааст. Дар ин раванд ихтирои компютер ва роҳандозии шабакаи глобалии интернет аз нодиртарин дастовардҳои инсоният дар асри гузашта мебошад. Вале дар асри XXI ин раванд, яъне электронигардонӣ бо суръати баланд ҷараён дошта, фаъолият ва зиндагии инсониятро ба маротиб осону дигаргун карда истодааст. Он ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири мусбӣ расонида, ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуда истодааст.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ гузаштан аз низоми анъанавӣ-идоракунии давлат ба низоми электронӣ нишонаи рушди инноватсионӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як давлат мебошад. Имрӯз, муҳимтарин омиле, ки бешубҳа дар ташаккул ва рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад, ин рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) мебошад.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ яке аз нерӯҳои асосии пешбарандаи ҷаҳони муосир мебошанд. Имрӯзҳо истифода ва татбиқи ТИК барои татбиқи ҳукумати электронӣ, ки омили рушди иқтисодиёти рақамӣ дар кишварҳо мебошад, ҳам барои мо ва ҳам дар маҷмӯъ дар ҷаҳон зарурӣ ва саривақтӣ ҳисобида мешавад. Давлатҳои муосир мавқеи худро барои татбиқи саривақтии ҳукумати электронӣ ҳавасманд мекунанд, ки оқибатҳои онҳо зерсистемаҳои дигари давлатро ба вуҷуд меоранд. Гузариш ба идоракунии электронии давлатӣ ба идоракунии самаранок ва такмил додани фаъолияти истеҳсолии бахши иҷтимоию иқтисодии кишвар оварда мерасонад.

Дар зери мафҳуми ҳукумати электронӣ шакли нави ташкил намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеи ТИК сатҳи нави фаврият ва муносиби аз ҷониби шаҳрвандон ва муассисаҳо дарёфт намудани хизматҳои иҷтимоӣ ва иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад, фаҳмида мешавад [3].

Ҳукумати электронӣ – ин тағйирот дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷии муассисаҳои давлатӣ дар асоси истифодаи шабакаи интернет, ТИК бо мақсади беҳтаргардонии хизматрасониҳои давлатӣ, баланд бардоштани ҷалби ҷомеа ба масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва такмил додани равандҳои дохилии иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад [1].

Ҳукумати электронӣ низоми ягонаест, ки тамоми мақомоти давлатиро муттаҳид карда, ба онҳо шароит фароҳам меорад, то ба истифода аз шабакаи компютерӣ гардиши ҳуҷҷатҳои электронии байнидавлатиро таъмин намояд. Дар асоси он ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ хизматрасониҳои давлатиро пешниҳод намоянд ё арзу шикоятҳои мардумро баррасӣ кунанд. Бинобар ин, системаи ҳукумати электронӣ яке аз унсурҳои асосии бунёди ҷомеаи муосир ва идоракунии давлатӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ маҳсуб ёфта, имконияти гирифтани посуххоро ба суолҳои муҳими иҷтимоӣ бидуни ташвишдиҳии хизматчиёни давлатӣ пешкаш менамоянд. Ҳукумати электронӣ кулли монеаҳои имконпазири хусусияти маъмуридоштаро ҳангоми бадастории хизматрасониҳои лозима бартараф сохта, ҳамзамон, дастрасии мардумро ба иттилооти расмӣ осон мегардонад.

Дар айни замон, давлат ҳамчун як институти асосии ҷамъиятӣ кӯшиш менамояд, ки ба тағйиротҳои ба вуҷуд омадаи ҷамъият ва иқтисодиёт зуд таваҷҷуҳ намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз аъзои комилҳуқуқи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад, ба тағйиротҳои куллии ҷомеаи ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳ намуда, қадамҳои нахустинро дар самти татбиқи ҳукумати электронӣ дар мамлакат бо қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ гузошта истодааст. Яке аз ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ин “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мебошад, ки аз 30.12.2011, №643 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст. Дар қисмати муқаррароти умумии Консепсия омадааст: “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468 тасдиқ шудааст, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451 тасдиқ шудааст ва Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст” [3]. Яъне, аз ин муқаррароти Консепсия бар меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз дар солҳои 2003 бо қабули Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” қадамҳои нахустини худро дар самти татбиқи ҳукумати электронӣ гузоштааст.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ислоҳоти сохтори давлатӣ дар шароити бадшавии вазъи сиёсӣ дар кишвар ба роҳ монда шуд, ки он имконияти омодагии пурра барои қабули қонунгузориҳои зарурӣ дар соҳаи татбиқи ТИК дар идоракунии давлатиро надод. Новобаста аз ин, дар марҳилаи кӯтоҳтарин Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро вобаста ба татбиқи ТИК дар низоми идоракунии давлатӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ дар мамлакат қабул намояд. Аз ин хотир, дар ҷадвали 1 барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳое, оварда шудаанд, ки дар татбиқи ҳадафҳои дар боло овардашуда мусоидат намуданд.

***Ҷадвали 1. – Барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо дар самти татбиқи ТИК дар фаъолияти идоракунии давлатӣ ва ташаккулёбии ҳукумати электронӣ***

| Шакл | Номи ҳуҷҷат |
|---|---|
| **Қонунҳо** | 1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба информатизатсия» №40, аз 06.08.2001с.<br>2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатгузории электронӣ» №51 аз 10.05.2002с.<br>3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи информатсия» №55 аз 10.05.2002с.<br>4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» №56, 10.05.2002с.<br>5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» № 71 аз 02.12.2002с.<br>6. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бараи информатсия»<br>7. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатгузории электронӣ» ва ғайра. |
| **Консепсияҳо** | 1. Консепсияи ташаккулѐбии ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030.<br>2. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 апрели соли 2008. |
| **Стратегия ва барномаҳо** | 1. Стратегияи давлатии "Технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ", аз 5 ноябри соли 2003.<br>2. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004.<br>3. Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016. |

***Сарчашма: Дар асоси сарчашмаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.***

Қайд намудан ба маврид аст, ки аз соли 2001 Департаменти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид (UNDESA) масъалаи ташаккулёбии ҳукумати электрониро дар давлатҳои аъзои СММ таҳқиқ намуда, нашр менамояд. Дар

тӯли даҳ соли охир, ин ташкилот худро ҳамчун як пешбари ташаккул ва рушди ҳукумати электронӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон муаррифӣ намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Тадқиқоти мазкур ҳамчун ягона гузориши ҷаҳонӣ буда, барои баҳодиҳии сатҳи рушди ҳукумати электронии ҳамаи кишварҳои узви СММ-ро хизмат менамояд. Бо дарназардошти ин, дар ҷадвали 2 дар заминаи нишондиҳандаҳои муайяни Департаменти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ сатҳи рушди ҳукумати электронӣ дар кишварҳои гуногун, инчунин баҳодиҳии мунтазами тамоюлҳои истифодаи ТИК аз ҷониби мақомоти давлатӣ оварда шудааст.

***Ҷадвали 2. - Рушди ҳукумати электронӣ дар кишварҳои гуногун ва баҳодиҳии тамоюлҳои истифодаи ТИК аз ҷониби мақомоти давлатӣ (солҳои 2012-2020)***

| Мамлакатҳо | Шохист (Индекс) | | | | Қимати миёна |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2014 | 2018 | 2020 | |
| Дания | 0,8889 | 0,8162 | 0,9150 | 0,9758 | 0,8990 |
| Кареяи Ҷанубӣ | 0,9283 | 0,9462 | 0,9010 | 0,9560 | 0,9329 |
| Эстония | 0,7987 | 0,8180 | 0,8486 | 0,9473 | 0,8532 |
| Финландия | 0,8505 | 0,8449 | 0,8815 | 0,9452 | 0,8805 |
| Австралия | 0,8390 | 0,9103 | 0,9053 | 0,9432 | 0,8995 |
| Шветсия | 0,8599 | 0,8225 | 0,8882 | 0,9365 | 0,8768 |
| Британияи Кабир | 0,8960 | 0,8695 | 0,8999 | 0,9358 | 0,9003 |
| Зеландияи нав | 0,8381 | 0,8695 | 0,8806 | 0,9339 | 0,8805 |
| ИМА | 0,8687 | 0,8748 | 0,8769 | 0,9297 | 0,8875 |
| Нидерландия | 0,9125 | 0,8897 | 0,8757 | 0,9228 | 0,9002 |
| Сингапур | 0,8474 | 0,9076 | 0,8812 | 0,9150 | 0,8878 |
| Норвегия | 0,8599 | 0,8357 | 0,8557 | 0,9064 | 0,8644 |
| Ҷопон | 0,8019 | 0,8874 | 0,8783 | 0,8989 | 0,8666 |
| Қазоқистон | 0,6844 | 0,7283 | 0,7597 | 0,8375 | 0,7525 |
| Руссия | 0,7345 | 0,7296 | 0,7969 | 0,8244 | 0,7714 |
| Озорбойҷон | 0,4984 | 0,5472 | 0,6574 | 0,7100 | 0,6033 |
| Қирғизистон | 0,4879 | 0,4657 | 0,5835 | 0,6749 | 0,5530 |
| Ӯзбекистон | 0,5099 | 0,4695 | 0,6207 | 0,6665 | 0,5667 |
| Тоҷикистон | 0,4069 | 0,3337 | 0,4220 | 0,4649 | 0,4069 |

***Сарчашма: URL:https://nonews.co/directory/lists/countries/e-government; Исследование ООН: Электронное правительство 2020. Департамент по экономическим и социальным вопросам ООН. Нью-Йорк, - 2020г. - С. 67-83.***

Тадқиқоти мазкур маълумотро дар бораи сатҳи рушди ҳукумати электронӣ дар кишварҳои гуногун, инчунин баҳодиҳии мунтазами тамоюлҳои истифодаи ТИК аз ҷониби мақомоти давлатиро дар бар мегирад. Ҳама кишварҳое, ки дар ин таҳқиқот фаро гирифта шудаанд, бар асоси шохиси вазншудаи холҳо аз рӯи се ҷузъи асосӣ: дараҷаи фарогирӣ ва сифати хидматҳои интернетӣ, сатҳи рушди инфрасохтори ТИК ва сармояи инсонӣ гурӯҳбандӣ шудаанд. Нишондиҳандаи ҳар як се ҷузъ, дар навбати худ, аз бисёр параметрҳо, аз ҷумла хадамоти иттилоотӣ ва вебсайтҳои хадамоти давлатӣ, инчунин дастрасии онҳо ба шаҳрвандон, шумораи нисбии корбарони интернет, шумораи корбарони шабакаҳои собит ва телефонҳои мобилӣ, сатҳи саводнокии аҳолӣ, заминаи меъёрӣ ва дигар омилҳо иборат аст. Маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ташкили ҳукумати электронӣ дар марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушд қарор дорад. Илова бар ин, баъзе нишондиҳандаҳои сатҳи рушди ҳукумати электронӣ, ки нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби баъзе ташкилотҳои

байналмилалӣ, институтҳо ё пажӯҳишгоҳҳои махсуси таҳқиқотӣ тавсиф мешаванд, ҳисоб карда нашудаанд.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки дар зери мафҳуми ташаккулёбии ҳукумати электронӣ се идеяи асосӣ вуҷуд дорад:

- расонидани хизматрасониҳои давлатӣ тавассути ТИК;
- баланд бардоштани сатҳи иштироки шаҳрвандон дар раванди идоракунии давлатӣ;
- баланд бардоштани самаранокии дохилии фаъолияти давлатӣ.

Самти мақсадноки таъсиси ҳукумати электронӣ ин баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасонии давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроия мебошад. Самтҳои асосии ислоҳот бошад, ин дар амал пешниҳод намудани иттилоот дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, ташкили хизматрасонии давлатӣ дар асоси равзанаи ягона, марказҳои бисёрфунксионалӣ, танзим ва стандартизатсияи хизматрасониҳои давлатӣ ва коммуналӣ мебошад.

Ҷамъияти иттилоотии муосир бо ҳукумати электронӣ зич алоқаманд аст, ки вазифаҳои муҳими танзими муносибатҳои иттилоотиро байни давлат, шаҳрвандон ва корхонаҳо иҷро менамояд. Дар шароитҳои ташаккулёбандаи ҷамъияти иттилоотии глобалӣ вазифаҳои муҳимтарини ҳукумати электрониро ба монанди таъмини ҳуқуқҳои баробар ва дастрасӣ ба захираҳои миллии иттилоотӣ, пешкашкунии иттилоот ва хизматрасони электронӣ ба шаҳрвандон, амалигардонии вазифаҳои фосилавии фискалӣ ва назорати андоз, таъмини бехатарии иттилоотӣ ва ғайраро ҷудо мекунанд. Сохтани портали ҳукумати электронӣ ба шаҳрвандон дар навбати аввал – дастрасӣ ва баъдан тавассути интернет ва системаи коммуникатсионӣ гирифтани иттилооти лозимаро пешкаш мекунад.

Махсус қайд карда мешавад, ки «барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар он ҷо низоми тайёркунии кадрҳо ба таври кофӣ ба технологияҳои рақамӣ нигаронида ва мутобиқ нашудааст, гузариш ба ҳукумати электронӣ дар марҳилаҳои ибтидоӣ метавонад лаҳзаҳои манфиро ба вуҷуд орад. Дар марҳилаҳои ибтидоӣ, ҳукумати электронӣ мушкилоти шуғлро дар бозори меҳнат боз ҳам шадидтар менамояд»[5, с.111].

Хулоса, бояд қайд намуд, ки дар ҳолати бунёди ҳукумати электронӣ ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон амалӣ мешаванд. Ба монанди - «иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ», «дастрасӣ ва имконияти шиносоӣ бо ҳуқуқҳои дахлдор ва ҳуҷҷатхои манфиатнок, қарорҳо ва сарчашмаҳои иттилоотӣ», «бадастоварӣ ва паҳнгардонии озоди иттилооти бо усулҳои аз тарафи қонун маҳдуд карда нашуда». Барои вусъат бахшидани раванди гузариш ба ҳукумати электронӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии муосир муаррифӣ гардидааст, ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо субъектони хоҷагидор бояд ҷоннок карда шавад [4, с.115]. Чунки яке аз талаботҳои гузариш ба ҳукумати электронӣ ин мавҷудияти мутахассисони баландихтисоси соҳаи ТИК дар бозори меҳнат мебошанд. Маҳз мутахассисони касбӣ метавонанд бо малакаву маҳорати баланди илмӣ-техникӣ фаъолияти иқтисодиёти миллӣ ва идораи давлатиро дар кишвар пойдор намоянд.

**Адабиёт**

1. Агамирзян И. В. Мировой опыт реализации концепции электронного правительства URL://http://www.microsoft.com/Rus/Government/analytics/egov_evolution.mspx;

2. Исследование ООН: Электронное правительство 2020. Департамент по экономическим и социальным вопросам ООН. Нью-Йорк, - 2020г. – 218 с.
3. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебошад, ки аз 30.12.2011, №643;
4. Раҳимов Ф.С., Бобомуродов П.У. Масъалаҳои арзёбии тиҷорати электронӣ чун шакли нави фаъолияти иқтисодӣ. Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, - 2021. № S2. С. 115-119.
5. Шамсов И.С. Ташаккули иқтисоди рақамӣ ва масоили таъмини он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҷаҳони муосир». –Душанбе, 2019. -С 111-114.
6. United Nations E-government Survey 2018. UNITED NATIONS New York, 2018;

## ЭКОНОМИЧЕСКО-УПРАВЛЕНЧЕСКИЙ СУЩНОСТЬ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ГУЛЬСУНБИИ МУЗАФАРХОН,**
ассистент кафедры информационных систем и технологий в экономике
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 988-82-29-29

*В данной статье рассматриваются современные явления бурного развития техники и технологий и применения информационных и коммуникационных технологий на уровне государственного управления. Автор отмечает, что в условиях рыночных отношений переход от традиционной системы государственного управления к электронной является признаком инновационного, социального и экономического развития любой страны. Автор также отметил, что на сегодняшний день важнейшим фактором, который, несомненно, окажет положительное влияние на формирование и развитие электронного правительства в Республике Таджикистан, является развитие информационно-коммуникационных технологий. Потому что ИКТ являются одной из главных движущих сил современного мира, и сегодня их использование и внедрение для электронного правительства, являющегося фактором развития цифровой экономики в странах, необходимо и своевременно, как для нас, так и для всего мира. В целом, анализируя Республику Таджикистан на основе индексный баллов на международном уровне, автор отмечает, что с 2001 года Департамент ООН по экономическим и социальным вопросам (UNDESA) занимается изучением формирования электронного правительства в государствах-членах ООН. Исследования этого ведомства показывают, что Таджикистан находится на этапе становления и развития электронного правительства. Однако автор отмечает, что некоторые показатели уровня развития электронного правительства, которые описываются применительно к Республике Таджикистан некоторыми международными организациями, институтами или специализированными научно-исследовательскими институтами, не рассчитываются. Автор придерживается мнения, что для расширения процесса перехода к электронному правительству, представляемого как показатель современного социально-экономического развития, необходимо активизировать сотрудничество высших учебных заведений и хозяйствющих субъектов.*

***Ключевые слова:*** *электронное правительство, правительство, экономика, экономика и управление, граждане, информационные технологии, ИКТ, электронное правительство, информация.*

# ECONOMIC AND MANAGEMENT ESSENCE OF ELECTRONIC GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GULSUNBII MUZAFARKHON,**
assistant of the Department of Information Systems and Technologies in Economics,
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov Str.
Phone: (+992) 988-82-29-29

*This article discusses the modern phenomena of the rapid development of technology and technology and the use of information and communication technologies at the level of public administration. The author notes that in the conditions of market relations, the transition from the traditional system of public administration to electronic is a sign of innovative, social and economic development of any country. The author also noted the most important factor that will undoubtedly have a positive impact on the formation and development of e-government in the Republic of Tajikistan is the development of information and communication technologies. Because ICT is one of the main driving forces of the modern world, and today their usage and implementation for e-government, which is a factor in the development of the digital economy in countries, is necessary and timely, both for us and for the whole world. In general, analyzing the Republic of Tajikistan on the basis of index scores at the international level, the author notes that since 2001, the United Nations Department of Economic and Social Affairs (UNDESA) has been studying the formation of e-government in the UN member states. The studies of this department show that Tajikistan is at the stage of formation and development of e-government. However, the author notes that some indicators of the level of development of e-government, which are described in relation to the Republic of Tajikistan by some international organizations, institutions or specialized research institutes, are not calculated. The author is of the opinion that in order to expand the process of transition to e-government, which is presented as an indicator of modern socio-economic development, it is necessary to intensify cooperation between higher educational institutions and business entities.*

***Key words:*** *e-government, government, economy, economics and management, citizens, information technologies, ICT, e-government, information*

**ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ**

УДК: 341.1.8

# МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ВСЕМИРНОЙ ТОРГОВОЙ ОРГАНИЗАЦИИ (ВТО) С МЕЖДУНАРОДНЫМ ВАЛЮТНЫМ ФОНДОМ (МВФ) И МЕЖДУНАРОДНЫМ БАНКОМ РЕКОНСТРУКЦИИ И РАЗВИТИЯ (МБРР)

**МОИСЕЕВ АЛЕКСЕЙ АЛЕКСАНДРОВИЧ,**
доктор юридических наук, профессор кафедры теории и
истории государства и права Института права,
экономики и финансов Кабардино-Балкарского государственного
университета им. Х.М.Бербекова
360004, Россия, Кабардино-Балкарская Республика, г. Нальчик, ул. Чернышевского, 173.
E-mail: moiseev.aleksey77@mail.ru

*В данной статье рассматривается порядок становления и взаимодействие между глобальными финансовыми институтами. Рассматривается взаимоотношения ГАТТ/ВТО и Бреттон-Вудских институтов показывает, что оно возможно только в том случае, когда определены сферы взаимодействия и единая координация действия в области торгово-экономической политики. Анализ основных документов ВТО, МВФ и МБРР позволяет сделать вывод о том, какие сферы могут стать и являются предметом общих интересов и способствуют развитию все международной торговой системы.*

***Ключевые слова:*** *Всемирная торговая организация; Организация Объединённых Наций; Международный валютный фонд; Международный банк реконструкции и развития; Генеральное соглашение по тарифам и торговле; права ВТО.*

Развитию современной торговой системы способствовали различные международные организации, среди которых особое место занимает Всемирная торговая организация (ВТО). Тенденция становления и развития универсальных международных экономических организаций способствовала развитию международной торговой системы. Процесс становления ВТО, а также специализированных учреждений ООН берут свое начало со второй половины XX века. После Второй мировой войны назрела острая необходимость в создании устойчивой финансовой системы, которая способствовала бы становлению и развитию международной торговой системы.

Регулирование международной торговли в рамках международных организаций имеет долгую историю. Основы современной системы международных организаций были заложены еще до появления проблемы преодоления последствий Второй мировой войны. Серьезные и порой небезуспешные попытки международного регулирования торговых отношений предпринимались и раньше. В качестве примеров можно назвать конвенции:Об упрощении таможенных формальностей 1923 года, О Международном торговом арбитраже 1924 года, Об охране промышленной собственности и другие. Однако они не составили систему и их нормы не всегда были достаточными для поддержания международной торговли.

Основные международные финансовые институты были образованы в рамках Бреттон-Вудской конференции, которая проходила в 1944 году в США. В рамках Бреттон-Вудской конференции планировалось создание трех взаимосвязанных международных экономических институтов: Международного валютного фонда (МВФ), Международного банка для реконструкции и развития (МБРР) и Международной торговой организации (МТО). В задачу МВФ входило оказание

помощи государствам в случае дефицита платёжного баланса путем предоставления кредитных средств. МБРР отвечал за финансирование восстановления разрушенных войной экономик и за развитие государств, испытывающих нехватку капитала для целей развития, который в дальнейшем переформатировался в сторону поддержки развивающихся государств и сокращение нищеты в них [6, с. 9]. МВФ и МБРР были созданы, как и планировалось, а в отношении МТО не получилось достичь консенсуса в то время. В первую очередь разногласия возникли по поводу Гаванской хартии, выступившей в качестве устава МТО. В частности, страны Британского содружества настаивали на сохранении системы взаимных преференций в качестве исключения из общего правила недискриминации в торговле [1, с. 17].

Направление правового регулирования международной торговли было реализовано тогда в рамках временного Генерального соглашения по тарифам и торговле 1947 года (ГАТТ-47). ГАТТ–47 принятое на временной основе, просуществовало долгое время и внесло свой значимый вклад в развитие международной торговой системы.

В рамках ГАТТ-47 были заложены международно-правовые основы взаимодействия по вопросам торговли со специализированными учреждениями ООН с целью определения единой эффективной политики регулирования вопроса снижения таможенных тарифов и других вопросов регулирования международной торговли, которые впоследствии вошли в компетенцию ВТО. Необходимость координации деятельности ГАТТ-47 и МВФ была обусловлена потребностью регулировании финансовых вопросов, влияющих на развитие международной торговли (ст. XV ГАТТ-47).

Создание ВТО свершилось в результате восьмого раунда переговоров в рамках ГАТТ-47, получившего название «Уругвайский раунд». Раунд начался в 1986 году и завершился в 1994 году, примечательно, что создание новой международной торговой организации изначально даже не было включено в повестку дня Уругвайского раунда торговых переговоров [2, с. 11].

Международная межправительственная организация вправе использовать различные формы установления норм сотрудничества с другими субъектами международного права, и это подтверждается сложившейся международно-правовой практикой и международно-правовой доктриной. Отношения между международными межправительственными организациями осуществляются согласно Конвенции о праве договоров между государствами и международными организациями или между международными организациями в форме: заключения международного договора; обмена документами, образующими договор; принятия акта официального подтверждения и т.д., или любым иным способом, о котором условились субъекты международного права. [5, с. 140].

На основании Соглашения об учреждении Всемирной торговой организации (Марракешское Соглашение) в новой организационно–правовой форме ВТО стала активно взаимодействовать с международными организациями, включая специализированные учреждения ООН. Правовая основа взаимодействия ВТО с международными организациями закреплена в статье V Марракешского Соглашения «Отношения с другими организациями». Она предусматривает, что Генеральный совет ВТО вправе заключать соответствующие соглашения об эффективном сотрудничестве с другими межправительственными организациями, которые выполняют функции, имеющие отношение к функциям ВТО.

Образование ВТО способствовало переходу к более качественному и эффективному уровню торгового сотрудничества государств с международными организациями. Для развития сотрудничества между ВТО и международными организациями кроме руководящих органов ВТО, другие органы в зависимости от их специализации, могут воспользоваться выработанными правовыми механизмами взаимодействия в рамках ВТО с другими международными организациями, однако такое решение требует обязательного одобрения руководящих органов ВТО.

Первая конференция министров ВТО, состоявшаяся в Сингапуре, стала основой для координации действий между МВФ и ВТО. В частности, в 1996 году между МВФ и ВТО было заключено Соглашение о сотрудничестве и взаимодействии (Соглашение 1996 года). В Соглашении 1996 года подчеркивалось, что оно основывается и является продолжением «плодотворного многолетнего сотрудничества». Соглашение 1996 года зафиксировало возможности более тесных взаимоотношений между МВФ и ВТО по координации деятельности и разработке глобальной торгово-экономической политики. В частности, представители МВФ могут участвовать в рамках Комитета ВТО по рассмотрению вопросов платежного баланса, ограничительных мер, а также участвовать во всех Конференциях министров государств-членов ВТО. Представители ВТО также могут участвовать в работе Исполнительного совета МВФ в качестве наблюдателя для углубления сотрудничества.

Для участия в заседаниях Органа по разрешению споров ВТО, торговая организация предусматривает для представителей МВФ статус наблюдателя по вопросам юрисдикции, относящихся к компетенции МВФ. ВТО и МВФ вправе направлять в письменном виде свою позицию по вопросам, представляющим взаимный интерес, и такие сообщения рассматриваются в качестве официальных документов [4, с. 118].

Правовую основу взаимоотношений ВТО и МБРР составляет Соглашение между ВТО и Всемирным банком от 1997 года (Соглашение 1997 года). Соглашение 1997 года предусматривает координацию усилий по введению единой торгово-экономической политики и согласование ключевых вопросов, являющихся предметом регулирования обеих международных организаций. Особенностью взаимоотношений между ВТО и Всемирным банком в отличие от ВТО и МФВ, заключается в том, что на основании Соглашения 1997 года была создана специальная рабочая группа, состоящая из представителей ВТО и Всемирного банка. Для достижения целей Соглашения 1997 года Генеральный директор ВТО и Президент Всемирного банка обеспечивают взаимодействие на уровне сотрудников двух организаций для обмена данными, осуществления совместных исследований деятельности по техническим вопросам, связанным с проведением согласованной торгово-экономической политики. В частности, Всемирный банк предоставляет ВТО доступ к базе данных по экономическим и социальным вопросам банка. ВТО, в свою очередь, предоставляет доступ Всемирному банку к интегрированной базе данных ВТО, графику выполнения обязательств членами ВТО.

Всемирный банк и МВФ – разные организации, вместе с тем их деятельность тесно переплетена. Учредительные документы Всемирного банка и МВФ закрепили их связь друг с другом не только в обязанности согласовывать свои действия, но и во взаимосвязанном членстве [3, с. 202].

Третьим можно назвать Соглашение, которое способствовало развитию международно-правовых отношений между основными финансовыми институтами, это Соглашение между ВТО, МВФ и Всемирным банком от 1996 года. Особенностью

данного Соглашение является то, что оно непосредственно определило компетенцию уполномоченных лиц, представляющих ВТО, МВФ или Всемирный банк в области взаимодействия и координации единой торгово-экономической политики.

На сегодняшний день основу международного экономического правопорядка образует единая скоординированная политика трех основных международных экономических институтов, ключевую роль в вопросах торговли которой занимает ВТО и ее правовая система. Роль ВТО в формировании многосторонней торговой системы подчеркивается как отечественными, так и зарубежными учеными. Например, В.М. Шумилов отмечает, что «правовой стороной международного торгового правопорядка является право ВТО – нормы Соглашения об учреждении Всемирной торговой организации и приложенных к нему соглашений» [7, с. 87]. Право ВТО ведет международную торговую систему в сторону единого глобального торгового пространства с полной свободой трансграничного движения товаров и услуг. При этом его нормы и принципы позволяют защищать интересы отдельных государств благодаря системе исключений из общих правил. Главное -научиться пользоваться этими исключениями [8, с. 337]. Зарубежные ученые так же подчеркивают, что «истинная специализация ВТО состоит в том, что она оформляет многостороннюю международную торговую систем, в основу которой положен механизм сдерживания односторонних действий [9].

Международно-правовые основы сотрудничества ВТО и специализированных учреждений ООН, в частности, МВФ и МБРР показали свои позитивные результаты в проведении единой торгово-экономической политики для создания благоприятных условий развития государств-членов организаций и эффективного регулирования мировой торговой системы. Безусловно, вопрос взаимодействия между универсальными международными институтами является многосложным. Анализ документов позволяет сделать вывод о том, какие сферы могут стать и являются предметом общих интересов. История взаимоотношений ГАТТ/ВТО и Бреттон-Вудских институтов показывает, что оно возможно только в том случае, когда на политическом уровне определены сферы, в которых необходим обмен информацией и совместная аналитическая работа.

От эффективной координации деятельности ВТО, МВФ и Всемирного банка зависит дальнейшее совершенствование национальных законодательств в сфере торгово-экономических отношений и регулирования международной торговой системы в целом. Следует отметить, что первоначальные соглашения о сотрудничестве показали свою практичность и необходимость, однако, поскольку они были приняты в первые годы функционирования ВТО, то требуют дальнейших действий для более расширенного и детального определения предмета успешного взаимодействия ВТО, МВФ и Всемирного банка.

**Литература**

1.Бирюкова О.В. Правила ВТО и основы торговой политики. – М.: Международные отношения, 2017. – 624 с.

2.Зенкин И.В. Право Всемирной торговой организации. – М.: Международные отношения, 2014. – 792 с.

3.Ковалев А.А. Международное экономическое право и правовое регулирование международной экономической деятельности. Учебное пособие. – М.: Научная книга, 2007. – 424 с.

4.Никулин Е.Н. Международно-правовой статус Всемирной торговой организации и формы ее взаимодействия с международными организациями: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.10 / Никулин Евгений Николаевич. – Москва, 2017. – 186 с.
5.Никулин Е.Н., Данельян А.А. Организационно-правовые формы сотрудничества Всемирной торговой организации (ВТО) с другими международными межправительственными организациями// Аграрное и земелное право. – 2017. – № 1. – С. 138–142.
6.Портанский А.П. Многосторонняя торговая система (1947-2014 гг.) и участие в ней России: Учебное пособие. – М.: Международные отношения, 2015. – 224 с.
7.Шумилов, В.М. Международный экономический правопорядок // Российский внешнеэкономический вестник. – 2016. – № 3. – С. 85–100.
8.Шумилов В.М. Международное право: Учебник для баклавриата вузов.– 2-е изд., перераб. – М.: Международ. отношения, 2012. – 528 с.
9.Whalley J.,Hamilton C. The Trading System After the Urugway Round. Washington, 1996.

## ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚӢ - БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМКОРИИ СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО (СУС) БО ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР (ХБА) ВА БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҶДИД ВА РУШД (ББРР).

**МОИСЕЕВ АЛЕКСЕЙ АЛЕКСАНДРОВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи назария ва
таърихи давлат ва хуқуқи Институти хуқуқ, иқтисодиёт ва молияи
Донишгоҳи давлатии Кабардино-Балкарии ба номи Бербеков Х.М.
360004, Россия, Ҷумҳурии Кабардино-Балкар, ш.Налчик, к. Чернышевский, 173.
E-mail: moiseev.aleksey77@mail.ru

*Дар ин мақола тартиби ташаккул ва ҳамкории байни институтҳои молиявии ҷаҳонӣ баррасӣ мешавад. Муносибатҳои байни GATT/WTO ва институтҳои Бреттон Вудс баррасӣ ва нишон медиҳанд, ки он танҳо дар сурати муайян кардани самтҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии умумии амалҳо дар соҳаи сиёсати тиҷоратию иқтисодӣ имконпазир аст. Таҳлили ҳуҷҷатҳои асосии СУС, ХБА ва ББРР ба мо имкон медиҳад, ки ба хулосае оем, ки кадом соҳаҳо метавонанд мавзӯи манфиатҳои умумӣ шаванд ва ба рушди тамоми системаи савдои байналмилалӣ мусоидат кунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Созмони умумиҷаҳонии савдо; Созмони Милали Муттаҳид; Хазинаи Байналмилалии Асъор; Банки байналхалкии бозсозӣ ва тараккиёт; Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо; ҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии савдо.*

## INTERNATIONAL LEGAL ASPECTS OF INTERACTION OF THE WORLD TRADE ORGANIZATION (WTO) WITH THE INTERNATIONAL MONETARY FUND (IMF) AND THE INTERNATIONAL BANK FOR RECONSTRUCTION AND DEVELOPMENT (IBRD)

**MOISEEV ALEXEY ALEKSANDROVICH,**
Doctor of Law, Professor of the Department of Theory
and History of State and Law of the Institute
law, economics and finance of the Kabardino-Balkarian State
University. Kh.M.Berbekova
360004, Russia, Kabardino-Balkarian Republic, Nalchik, st. Chernyshevsky, 173,
E-mail: moiseev.aleksey77@mail.ru

*This article discusses the order of formation and interaction between global financial institutions. The relationship between the GATT / WTO and the Bretton Woods institutions is*

*considered and shows that it is possible only if the areas of interaction and common coordination of actions in the field of trade and economic policy are defined. An analysis of the main documents of the WTO, the IMF and the IBRD allows us to conclude which areas can and are the subject of common interests and contribute to the development of the entire international trading system.*

***Key words:*** *World Trade Organization; United Nations; International Monetary Fund; International Bank for Reconstruction and Development; General Agreement on Tariffs and Trade; WTO rights.*

**УДК: 431.521**

# ТАСНИФИ АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

**СОҲИБЗОДА МУҲАММАДҶОН МАҲМАДАЛӢ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
Тел.: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
**ШОҲИН ШАМСИДДИН,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992) 904-91-28-45. E-mail: shokhinsh@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи таснифи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо истифода аз адабиёти илмии олимони ватаниву хориҷӣ ва қонунгузории амалкунанда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлил ҳамзамон ҷиҳати такмили қонунгузории гражданӣ хулосаи илмию амалӣ пешниҳод намудааст.*

***Калидвожаҳо:** ҳуқуқи моликият, қатъ гардидан, ихтиёран қатъ гардидан, маҷбуран қатъ гардидан, таснифот, иродаи молик, қонунгузории гражданӣ, фактҳои ҳуқуқӣ.*

Ҳуқуқи моликият на танҳо васеътарин, балки устувортарин ҳуқуқи ашёӣ буда, шарти асосии заминаи ҳуқуқӣ ва натиҷаи муомилоти муътадили молумулкиро ташкил медиҳад [14, с. 530].

Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи асосие ба ҳисоб меравад, ки бевосита ё бавосита ба ҳама ҳуқуқҳои дигари гражданӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, қонун на танҳо асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият, балки асосҳои қатъи онро низ ба таври махсус танзим мекунад.

Ҳамин тавр, бо мақсади нигоҳ доштан ва таъмин намудани «қувваи» ҳуқуқ ба моликият мутобиқи принсипи дахлнопазирии моликият, ки дар қ. 1, м. 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) [6], инчунин банди 2 м. 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст (тибқи он ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад), бояд ба таври махсус танзим карда шаванд.

Дар назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва марказии ҳуқуқи моликиятро ин асосҳои қатъ гардидани он ташкил медиҳад. Танзими гражданӣ-ҳуқуқии асосҳо ва тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият ба таъмини дахлнопазирии моликияти хусусии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, танзими ҳуқуқии қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бояд ба талаботи муайяни ҳуқуқӣ ҷавобгӯ бошад, возеҳ ва пайгирона бошад.

Асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият маҷмӯи фактҳои ҳуқуқии пешбининамудаи қонун мебошад, ки барои татбиқи ин ё он тарзи қатъи ҳуқуқи моликият кифоя мебошанд [4, с. 34].

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои қатъи ҳуқуқи моликият бояд ба таснифи асосҳо, инчунин тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият диққати махсус дода шавад. Таснифи ҳодисаҳо, предметҳо ва ғайра, чунонки маълум аст, яке аз муҳимтарин усулҳои шинохтиест, ки барои амиқтар омӯхтани объектҳои тадқиқшаванда, инъикоси муносибати байни онҳо имкон медиҳад.

Дар мантиқ ва фалсафа таснифро ҳамчун «тақсимоти ҳама гуна ашё ба синфҳо аз рӯи аломатҳои муҳимтарине, ки ба ин гуна ашё хосанд ва онҳоро аз ашёи навъҳои

дигар фарқ мекунанд, дар ҳоле ки ҳар як синф дар таркиби худ ҷои муайяни доимиро ишғол мекунад ва дар навбати худ, ба зерсинфҳо тақсим карда мешавад» фаҳмида мешавад [8, с. 214]. Тасниф ҳамчун як шакли низомсозии дониш буда, барои ҳалли ду масъалаи асосӣ пешбинӣ шудааст. Якум, дар шакли боэътимод ва осон шинохтани сарҳади объектҳои омӯхташуда, нишон додани сохтору муносибатҳои онҳо дар шакли аёнӣ ва мухтасар; дуюм, дар бораи объектҳо додани маълумоти мукаммалтарин [12].

Таснифоти табиии дуруст сохташуда аҳамияти калони илмӣ дорад, зеро «... тавзеҳотбахш аст; имкон медиҳад, ки натиҷаҳои нав пешгӯӣ карда шаванд - мавҷудияти гурӯҳҳои нав ё хосиятҳои қаблан номаълум; ... инчунин дар робита бо кашфиёти нав ба тағйир ва такмил додан мусоидат менамояд ...». Таснифот имкон медиҳад, ки падида ё предметро амиқтар омӯхт, иттилооти зарурӣ ва муҳимтаринро дар бораи предмету падидаҳои омӯхташуда дар шакли мухтасар ва дастрас пайдо намуд. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиши масъалаҳои қатъи ҳуқуқи моликият ба таснифи асосҳои қатъи ҳуқуқи моликият диққати махсус додан лозим аст.

Таснифоти асосҳо ва тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият ҳангоми омӯзиши падидаи қатъи ҳуқуқи моликият зарур буда, илова бар ин, барои омӯзиши пурраи он аҳамияти амалии он низ ба назар мерасад.

Қатъи ҳуқуқи моликият танҳо дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонун сурат мегирад. Мутобиқи қ. 1, м. 259 КГ ҶТ ҳуқуқи моликият ҳангоми аз ҷониби соҳибмулк ба шахси дигар додани молу мулк, рад кардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби молик, нобуд ё вайрон шудани молу мулк ва аз даст додани ҳуқуқи моликият ба молу мулк ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи санади қонунӣ қатъ мегардад.

Ҳамаи асосҳои зерини дар боло овардашудаи қатъи ҳуқуқи моликият ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд:

1) бегона намудани молу мулк аз ҷониби молик;
2) даст кашидан аз ҳуқуқи моликият аз ҷониби молик;
3) нобуд ё вайрон шудани молу мулк;
4) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Тақсими тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият мутобиқи қ. 1, м. 259 КГ ҶТ хусусияти ихтиёронаро доро аст.

Мутобиқи қ. 2, м. 259 КГ ҶТ ҳуқуқи моликият дар ҳолатҳои зерин маҷбуран қатъ мегардад:

а) аз ҳисоби молу мулк ситонидани пардохт мутобиқи уҳдадориҳои молик;
б) маҷбуран гирифтаии молу мулке, ки дар асоси санади қонунгузорӣ ба шахси мазкур тааллуқ надорад;
в) реквизитсия;
г) мусодира;
д) гирифтани амволи ғайриманқул вобаста ба кашида гирифтани қитъаи замин;
е) харидории сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бесарусомон нигоҳдошташаванда;
ж) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс.

Асосҳои дар қ. 2, м. 259 КГ ҶТ пешбинигардида, асосҳои маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият пазируфта мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ муҳаққиқон дар бораи таснифи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият андешаҳои худро иброз намудаанд. Қ.Ш. Қурбонов қайд менамояд, ки қонунгузории граждани асосҳои иродавӣ ва маҷбуриро барои қатъи ҳуқуқи моликият пешбинӣ мекунад. Яъне, он асосҳое, ки дар қ. 1, м. 259 КГ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ба асосҳои иродавӣ ва он тарзҳое, ки дар қ. 2, м. 259 КГ ҶТ

пешбинӣ гардидааст, ба асосҳои маҷбурии қатъ гардидани ҳуқуқи моликият дохил мешаванд [10, с. 344].

Аммо дар баробари асосҳои иродавӣ ва маҷбурии қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, муҳаққиқ асоси махсуси қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро низ нишон медиҳад. Масалан, нобуд ё вайрон шудани молу мулк метавонад ҳам бо иродаи молик (аз ҷумла дар натиҷаи истифодаи молу мулк бо мақсади таъинотии он – истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар ашёи истеъмолшаванда) ва ҳам бидуни иродаи он дар натиҷаи ягон ҳодиса метавонад рух диҳад (м. 234 КГ ҶТ) [10, с. 344].

Дар ин росто муаллифони тафсири КГ ҶТ дар баробари асосҳои ихтиёран ва маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, инчунин асоси махсуси қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро низ қайд намудаанд. Масалан, ба андешаи онҳо чунин асосҳои маҷбуран гирифтан ба монанди бегона кардани молу мулк, ки тибқи қонун наметавонад ба молик марбут бошад, то андозае махсус ба назар мерасад. Зеро аз як тараф амали аз ҷониби молик ба даст овардани молу мулк мувофиқи қонун намебошад ва аз ҷониби дигар – асосҳои чунин бадастоварӣ бояд дар қонун пешбинӣ шуда бошад [11, с. 614].

Н.В. Корнилова бошад дар таҳлили худ нишон медиҳад, ки асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба се гурӯҳи асоси ҷудо мешавад:

1) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо сабабҳои аз молик вобаста набуда;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо иродаи молик;

3) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бар хилофи иродаи молик [9, с. 25-27].

Н.А. Огнева қайд менамояд, ки қатъ гардидани ҳуқуқи моликият метавонад ихтиёран бо сабабҳои объективӣ гум шудани молу мулк ё ба таври маҷбурӣ сурат гирад. Ихтиёран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо хоҳиши молик ба амал меояд ва метавонад дар шакли бегона кардани молу мулки худ ё ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқи худ сурат гирад. Бегона кардани молу мулк аз ҷониби молик ҳангоми бастани аҳдҳои гуногуни гражданӣ-ҳуқуқӣ ба монанди шартномаи хариду фурӯш бо ҳамаи навъҳо, мубодила, ҳадя, иҷораи тиҷоратӣ ва ғайра ба амал меояд [13, с. 25].

Дар адабиёти ҳуқуқи гражданӣ ҳам асосан асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: бо иродаи молик ва ба таври маҷбурӣ [14, с. 530]. Аз ин нуқтаи назар, м. 259 КГ ҶТ, ки ба масъалаҳои қатъи ҳуқуқи моликият бахшида шудааст, хеле мухолиф ба назар мерасад. Зеро дар асл он тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликиятро пешбинӣ мекунад, аммо дар номи модда ибораи «асосҳои қатъи ҳуқуқи моликият»-ро муқаррар менамояд.

Масалан, аз ҷониби соҳибмулк бегона кардани молу мулки ӯ, ки дар м. 259 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст, як тарзи қатъи ҳуқуқи моликият буда, асоси он шартномаи хариду фурӯш мебошад. Ҳамчунин, содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ (м. 267 КГ ҶТ), нигоҳбонии бесарусомони сарватҳои фарҳангӣ ё таърихӣ (м. 264 КГ ҶТ), муносибати бераҳмона нисбат ба ҳайвоноти хонагӣ (м. 241 КГ ФР) [7] ҳамчун тарзи қатъи маҷбурии ҳуқуқи моликият буда, асоси онро қарори суд ташкил медиҳад.

Дар ин маврид Е.И. Буртовая ба чунин хулоса меояд, ки ҳамаи ин ҳолатҳои маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, ки қаблан зикр намудем, бояд сабаби қатъ гардидани ҳуқуқи моликият дониста шаванд ва набояд онҳо дар фаҳмиш ба асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият омехта карда шаванд [3, с. 123].

Дар сурати дуруст истифода бурдани мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар м. 259 КГ ҶТ иштибоҳ ва ихтилофҳоро бартараф кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама ихтилоф дар ин маврид дар қ. 2, м. 259 КГ ҶТ ба назар мерасад. Зеро дар ин қисм ба таври маҳдуд ва мушаххас оварда шудааст, ки маҷбуран гирифтани молу мулки молик ба ғайр аз

ҳолатҳои зайл манъ аст, вале дар банди «ж» муқаррар гардидааст, ки дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс маҷбуран гирифтани молу мулк аз молик имконпазир аст. Яъне дар як навбат қ. 2, м. 259 КГ ҶТ ҳолатҳои маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро маҳдуд мекунад, вале дар банди охирон бошад чунин маҳдудиятро истисно месозад, ки ба назари мо ихтилофнок аст.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки м. 259 КГ ҶТ «Тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият» ва он ҳолатҳои қатъи ҳуқуқи моликият, ки дар қ. 2, м. 259 КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд: «Тарзҳои қатъи маҷбурии ҳуқуқи моликият ба молу мулки молик» номида шавад.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои дар боло зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият асосан ихтиёрӣ ва маҷбурӣ буда метавонад. Бояд зикр кард, ки аз ҳама тарзи асосии қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо иродаи молик (яъне ба таври ихтиёрӣ), ин даст кашидан аз ҳуқуқи моликият мебошад. Тарзи соддатарин ва тарзи универсалии аз як молик ба молики дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба воситаи ифодаи иродаи онҳо мебошад. Бинобар ин, дар чунин шакл гузаштани ҳуқуқи моликият хусусияти ихтиёрӣ касб менамояд [5].

КГ ҶТ расман асосҳои тамоман имконпазирро барои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, ба монанди даст кашидан аз ҳуқуқи моликият дар бар мегирад. Ин қоида ба молик барои ихтиёран даст кашидан аз молу мулки худ имкони ҳуқуқӣ медиҳад. Чунин даст кашидан мумкин аст бо роҳи ба таври оммавӣ эълон кардани он ё анҷом додани ҳама гуна амалҳои мушаххас, ки тавассути он ба таври озод (возеҳ) фаҳмидан мумкин аст, ки шахс аз ин молу мулк даст кашидааст [1, с. 170].

Масалан, вай метавонад онро танҳо партояд. Аммо даст кашидан аз молу мулк ҳамзамон боиси аз даст додани ҳуқуқ ба он намегардад. То вақте ки соҳиби нав ҳуқуқи моликияти худро ба ин ашё ба таври бояду шояд расмӣ нагардонад, он метавонад ба соҳиби пешина баргардонида шавад ва инчунин метавонад уҳдадории ҷуброни зарари аз ин ашё ба шахсони сеюм расонидашуда ба зиммаи ӯ вогузошта шавад.

Ҳолати дигари ихтиёран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ин аз ҷониби худи молик ба шахсони дигар тибқи шартномаи хариду фурӯш, мубодила, ҳадя ва ғайра бегона намудани молу мулкаш мебошад.

Ҳамзамон нобуд гардидан ё вайрон шудани молу мулк ҳолати дигари иродавии қатъ гардидани ҳуқуқи моликият буда, он баробари нобуд гардидан ё вайрон шудани объекти чунин ҳуқуқ фаро мерасад. Таҳти мафҳуми нобуд гардидан ё вайрон шудан инҳо бояд фаҳмида шаванд: дар шакли аввала бебозгашт қатъ гардидани мавҷудияти ҷисмонии молу мулк, ки қонеъгардонии эҳтиёҷоти ибтидоии инфиродии моликро имконнопазир мегардонад.

Муқаррароти КГ ҶТ байни мафҳуми «нобуд гардидан» ва «вайрон шудан» фарқ намегузорад. Шояд чунин ҳисобид, ки нобуд гардидан ба амали ногаҳонӣ ё ҳодиса вобаста бошад ва вайрон шудан – таъсири мақсадноки вайронкунанда нисбат ба ашё [11, с. 614-615].

Барои таҳқиқи моҳияти ҳуқуқии роҳҳои қатъ намудани ҳуқуқи моликият бар хилофи иродаи молик (яъне маҷбуран қатъ намудан) ва мавқеи онҳо дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои моликият муайян намудани таснифоти онҳо хеле муҳим аст. Таснифоте, ки дар асоси таҳия ба даст оварда шудааст, ба мо имкон медиҳад, ки падидаи қатъи ҳуқуқи моликиятро дар марҳилаи ҳозира мунтазам баррасӣ кунем ва пешниҳодҳоро оид ба такмили қонунгузории граждании миллӣ таҳия намоем.

Тавре ки дар боло зикр намудем, ҳамаи асосҳои дар қ. 2, м. 259 КГ ҶТ муқарраргардида ба асосҳои маҷбурии қатъ гардидани ҳуқуқи моликият мансуб

мебошанд. Тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият ба таври маҷбурӣ (бар хилофи иродаи молик) метавонанд аз рӯи меъёрҳои зерин тасниф карда шаванд:

I. Баробарии муносибатҳо оид ба қатъи маҷбурии ҳуқуқи моликият:

1) музднок қатъ кардани ҳуқуқи моликият;

2) бемузд қатъ кардани ҳуқуқи моликият.

II. Тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият аз рӯи хусусиятҳои физикии ашёе, ки ҳуқуқи моликият нисбат ба он қатъ шудааст, ба инҳо тақсим мешаванд:

1) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бар хилофи иродаи молик ба молу мулки манқул;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бар хилофи иродаи молик ба молу мулки ғайриманқул.

III. Тибқи асосҳои ҳуқуқӣ қатъи ҳуқуқи моликият бар хилофи иродаи молик ба се гурӯҳ тақсим мешавад:

1) қатъи ҳуқуқи моликият бо қарори суд;

2) қатъи ҳуқуқи моликият тибқи қонун;

3) қатъи ҳуқуқи моликият тибқи қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ.

IV. Мутобиқат будани амали молик нисбат ба молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ба талаботи қонун:

1) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бинобар муносибати ғайриқонунии молик ба амвол;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият дар сурати рафтори қонунии молик.

V. Бо мақсади маҷбуран қатъ намудани ҳуқуқи моликият:

1) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо мақсади татбиқи ҷазо барои содир намудани кирдори ғайриқонунии гунаҳкор;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо мақсади таъмини манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ.

VI. Вобаста ба хусусиятҳои ҳолатҳои махсуси танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таснифи умумии қатъи ҳуқуқи моликиятро ба таври зерин ифода кардан мумкин аст:

– қатъ гардидани ҳуқуқи моликият вобаста ба ҷорӣ намудани ҳолати ҳарбӣ;

– қатъ гардидани ҳуқуқи моликият вобаста ба ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда.

Э.С. Бутаева қайд менамояд, ки таснифоти тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият дар асоси меъёри баробар будани муносибатҳои тарафҳо ду намуди гирифтанро пешбинӣ мекунад: музднок ва бемузд. Ҳамзамон дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ низ оид ба музднок ва бемузд қатъ намудани ҳуқуқи моликият андешаҳо иброз гардидаанд [11; 14].

Гирифтани молу мулк аз молик бо асосҳои ҷуброншаванда, яъне бо ҷуброни арзиши ашёи гирифташуда ба молик дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода мешавад:

1) ҳангоми бегона кардани молу мулке, ки дар асоси қонун ба ин шахс тааллуқ дошта наметавонад (ашёи аз муомилот гирифташуда ё дар муомилот маҳдудшуда);

2) ҳангоми бегона кардани амволи ғайриманқул вобаста ба гирифтани қитъаи замин;

3) ҳангоми харидории сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бесарусомон нигоҳдошташаванда;

4) ҳангоми харидани ҳайвоноти хонагӣ дар ҳолатҳои муносибати номатлуб бо онҳо;

5) ҳангоми реквизитсияи молу мулк;

6) ҳангоми додани ҷуброн ба иштирокчии моликияти ҳиссавӣ ба ивази қисми моликияти умумие, ки ба ӯ тааллуқ дорад, агар он ба ҳиссаи тақсимшуда номутаносиб бошад;

7) ҳангоми соҳиб шудан ба молу мулки ғайриманқул бо қарори суд дар ҳолатҳое, ки вайрон кардани бино ё иншооти дар замини бегона ҷойгиршуда имконнопазир аст;

8) ҳангоми хариди қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ мувофиқи қарори суд;

9) дар сурати аз молик гирифтани қитъаи замини аз тарафи ӯ истифодашаванда дар робита бо дағалона вайрон кардани талаботи қонунҳо;

10) ҳангоми бо қарори суд дар музоядаи оммавӣ фурӯхтани таркиби биноҳои истиқоматие, ки нодуруст идора карда мешавад;

11) гирифтани молу мулк бо роҳи ситонидан аз рӯи ухдадориҳои соҳибмулк;

12) ҳангоми милликунонии молу мулки молик дар асоси қонуни махсус [2, с. 42].

Ҳамчун асоси бемузд (ройгон) қатъ гардидани ҳуқуқи моликият метавон мусодираро номбар кард, ки тибқи он молу мулки моликро мутобиқи қарори суд ҳамчун чораи ҷазо барои содир намудани гуноҳ ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ аз ӯ гирифта, бар ивазаш молу мулки дигар дода намешавад ё арзиши он ҳам пардохт карда намешавад [15, с. 193].

Дар натиҷаи таҳлили мавзӯи мазкур, яъне таснифи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, бо мақсади такмили қонунгузории граждании ватанӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият, ки дар боло мавриди таҳлил қарор гирифт, собит менамояд, ки гарчанде асосҳои махсус барои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият мавҷуд аст, вале асосан он вобаста ба маҳаки иродавӣ ба ду навъ: ихтиёрӣ (бо иродаи молик) ва маҷбурӣ (бар хилофи иродаи молик) ҷудо карда мешавад.

**2**. Асосҳои ихтиёран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ҳарчанд ки ба факти ҳуқуқии ҳодиса қисман алоқамандӣ доранд, вале таркибан ба иродаи молик ё шахси дигар вобастагӣ доранд. Ҳамзамон пешниҳод менамоем, ки дар доираи тарзҳои қатъи маҷбурии ҳуқуқи моликият, механизми мушаххаси ҳуқуқии қатъи ҳуқуқи моликият ба объектҳои ҳуқуқи граждани, ки КГ ҶТ пешбинӣ кардааст, фаҳмида шавад.

**3**. Тавре ки таҷрибаи қонунгузории граждании ФР дар қисмати асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият собит намуд, ки дар м. 235 ва м. 241 КГ ФР хариди ҳайвоноти хонагӣ дар ҳолати муносибати нодурусти молик нисбат ба онҳо, ҳамчун асоси алоҳидаи маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба ҳавоноти хонагӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки дар муқаррароти умумӣ вобаста ба қатъ гардидани ҳуқуқи моликият масъалаи мазкур ба инобат гирифта шуда, моддаи алоҳида дар КГ ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад: «Харидории ҳайвоноти хонагӣ дар ҳолати муносибати бераҳмонаи молик нисбат ба онҳо

Дар ҳолатҳое, ки молики ҳайвоноти хонагӣ бо онҳо ошкоро бар хилофи қоидаҳои дар асоси қонун муқаррааргардида ва меъёрҳои муносибати инсондустона нисбат ба ҳайвонот, ки дар ҷамъият қабул шудааст муносибат мекунад, ин ҳайвонотро шахси дигар аз соҳибаш бо роҳи харидани онҳо дар ҳоле гирифта метавонад, ки агар ба суд даъвои дахлдор пешниҳод кардааст. Нархи харид бо созиши тарафҳо ва дар ҳолати ба миён омадани баҳс – аз ҷониби суд муайян карда мешавад.

**4.** Бо дарназардошти таҳлилҳои дар боло зикршуда, мувофиқи мақсад мешуморем, ки ном ва қисмҳои 1 ва 2, м. 259 КГ ҶТ дар тахрири зайл ифода ёбад:

**«Моддаи 259. Тарзҳои қатъи ҳуқуқи моликият**

**1.** Ҳуқуқи моликият ҳангоми аз ҷониби соҳибмулк ба шахси дигар **бегона намудани** молу мулк**, даст кашидан аз ҳуқуқи моликият аз ҷониби молик,** нобуд ё вайрон шудани молу мулк, аз даст додани ҳуқуқи моликият ба молу мулк ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи санади қонунӣ қатъ мегардад.

***2. Ҳуқуқи моликият дар ҳолатҳои зайл мумкин аст бо тарзи маҷбурӣ қатъ карда шавад:***

*а) аз ҳисоби молу мулк ситонидани пардохт мутобиқи уҳдадориҳои молик;*

*б) маҷбуран гирифтани молу мулке, ки дар асоси санади қонунгузорӣ ба шахси мазкур тааллуқ надорад;*

*в) реквизитсия;*

*г) мусодира;*

*д)* ***бегона кардани*** *молу мулки ғайриманқул вобаста ба гирифтани қитъаи замин* ***дар сурати истифодаи номатлуби он****;*

*е) харидории сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии* ***бенизом*** *нигоҳдошташаванда;*

*ж)* ***харидории ҳайвоноти хонагӣ дар ҳолати муносибати бераҳмонаи молик нисбат ба онҳо****;*

*з) дар дигар ҳолатҳое, ки* ***қонунгузорӣ*** *муқаррар намудааст.*».

**Адабиёт**


1. Алексеев С.С. Право собственности. Проблемы теории: монография / С.С. Алексеев – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Инфра-М, 2012. – 240 с.

2. Алтенгова О.Л. Принудительное прекращение права собственности на недвижимое имущество: дис … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Алтенгова Ольга Леонидовна. – Волгоград, 2012. – 211 с.

3. Буртовая Е.И. Прекращение права собственности по воле собственника в системе оснований и способов прекращения субъективного права собственности по законодательству Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Буртовая Елена Игоревна. – Томск, 2011. – 240 с.

4. Бутавева Э.С. Прекращение права собственности помимо воли собственника: дис. … канд. юрид. наук 12.00.03 / Бутаева Элона Сергеевна. – Краснодар, 2008. – 169 с.

5. Добровольное прекращение прав собственности. – Манбаи дастрасӣ: http://gribakov.com/clauses/kak-proiskhodit-prekraschenie-prav-sobstvennosti (санаи муроҷиат: 06.06.2022).

6. Кодекси граждании ҶТ қисми I аз 30 июни соли 1999. – №803. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http//www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.06.2022).

7. Кодекси граждании ФР қисми I аз 30 ноябри соли 1994, №51-ФЗ. Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_ 9027/ (санаи муроҷиат: 10.06.2022).

8. Кондаков Н.И. Логический словарь. – М., 1971. – 656 с.

9. Корнилова Н.В. Система оснований прекращения права собственности // Вестник Хабаровского государственного университета экономики и права. – 2017. – №6 (92). – С. 25-33.

10. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 488 с.

11. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.

12. Новая философская энциклопедия: в 4 т. / Под ред. В.С. Степина, А.А. Гусейнова, Г.Ю. Семигина, А.П. Огурцова. – М., 2001. Т.2. – 635 с.

13. Огнева Н. А. Понятие и виды прекращения права собственности // Государство и право. – 2013. – №2. – С. 24-29.

14. Российское гражданское право: учебник: В 2 т. Т. I: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права / Отв. ред. Е.А. Суханов. – 2-е изд., стереотип. – М.: Статут, 2011. – 958 с.

15. Татаева Ш.М., Короев А.Г. Специфика принудительного прекращения права собственности // VIII Международная научно-практическая конференция - «Научные исследования и инновации». – С. 188-195.

## КЛАССИФИКАЦИЯ ОСНОВАНИЙ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВА СОБСТВЕННОСТИ

**СОХИБЗОДА МУХАММАДЖОН МАХМАДАЛИ,**
кандидат юридических наук, доцент,
Национальный центр законодательства при
Президенте Республики Таджикистан,
734024, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Академика А. Адхамова, 13.
Тел.: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
**ШОХИН ШАМСИДДИН,**
соискатель кафедры права и сравнительного правоведения
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 904-91-28-45. E-mail: shokhinsh@mail.ru

*В данной статье анализируется и рассматривается классификация оснований прекращения права собственности с использованием научной литературы отечественных и зарубежных ученых и действующего законодательства. В результате анализа автор также предоставил научно-практические выводы по совершенствованию гражданского законодательства.*

***Ключевые слова:*** *права собственности, прекращение, добровольное прекращение, принудительное прекращение, классификация, воля собственника, гражданская законодателства, юридические факты.*

## CLASSIFICATION OF GROUNDS FOR TERMINATION OF OWNERSHIP

**SOHIBZODA MUHAMMADJON MAHMADALI,**
Candidate in Law, Associate Professor,
National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan.
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 13, Academician A. Adhamov Str.
Phone: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
**SHOKHIN SHAMSIDDIN,**
applicant of Law and Comparative Law Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 904-91-28-45. E-mail: shokhinsh@mail.ru

*This article analyzes and discusses the classification of the grounds for termination of property rights using the scientific literature of domestic and foreign scientists and the current legislation. As a result of the analysis, the author also provided scientific and practical conclusions on the improvement of civil legislation*

***Keywords:*** *ownership, termination, voluntary termination, forced termination, classification, the will of the owner, civil legislation, legal facts.*

УДК.342 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ДАСТГОҲИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

**АМИНОВ МУҲАММАД МАҲМАДРИЗОЕВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 918-74-04-49. E-mail: aminov.mm@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар мақола, функсияҳои дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақола муаллиф дастгоҳи мақомоти маҳаллиро ҳамчун як ниҳоди низоми идораи давлатӣ таҳлил намудааст. Дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ функтсия, доираи амал ва ваколатҳои он баррасӣ гардидаанд. Дар мақола мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти иҷроияви маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки самтҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери тадқиқот қарор дода шавад. Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ гардонидани самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии иҷроияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ваколат ва масъулиятдор мебошад.*

*Дар маҷмуъ мушкилот ва рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дастгоҳи мақомоти маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ зери таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо**: асосҳои ҳуқуқӣ, идоракунии маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, идораи давлатӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, замони муосир, давраҳои рушд, ҳамкории дуҷониба, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ.*

Асосҳои ҳукуқии ташкил ва фаъолияти дастгоҳи раиси мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои давлатию ҷамъиятиро танзим менамояд, ташкил медиҳад. Аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ, кодексҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мансуб мебошанд. Дар Тоҷикистони муосир, ки зуҳури давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аст, идораи корҳои давлат амали умумихалқист ва халқ ҳокимияти худро дар ин ҷода ҳамарӯза ба воситаи вакилони хеш, мақомоти доимоамалкунандаи ҳокимияти давлатӣ ва низоми худидоракунии маҳаллӣ амалӣ мегардонад. Зеро идоракунӣ, дар чорчӯбаи ба ҳам таъсиррасонии одамон ба миён меояд. Ба воситаи идора одамон бо ҳам робита мебанданд, бо кӯшиши якҷоя риштаи ҳаёти коллективӣ ва ҷамъиятиро мепайванданд[2;254].

Асосҳои ҳолати ҳуқуқии сатҳи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар баробари дар доираи мақомоти намояндагӣ ва иҷроия, фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, ҳамзамон дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар сохтори мақомот фаъолият менамояд, ки пешбурди фаъолияти кории мушаххаси муқарарнамудаи қонунро амали мегардонад.

Бо назардошти категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чун дигар хизматчиёни давлатии

дастгоҳи давлатӣ аз тамоми ҳуқуқ, озодӣ ва кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи санадҳои меъёри-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бархӯрдор мебошанд[2;87].

Дар баробари муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионӣ, нақш ва ҷойи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар дастгоҳи давлатӣ ва хизматчиёни давлатии онҳоро дар татбиқи салоҳияти мақомоти маҳаллӣ зимнан муқаррар менамояд.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти маҳаллӣ дар давраи ҳозира ин беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маишии зиндагонии аҳолӣ мебошад. Барои амалӣ гардонидани вазифа ва ӯҳдадориҳои худ ҳар як мақомоти маҳаллӣ бояд сохтори ташкилии идоракунии худро дошта бошад[1;267]. Зери мафҳуми сохтори ташкили идоракунии мақомоти маҳаллӣ (мақомоти маҳаллии вилоят, шаҳру ноҳия) маҷмӯи зиннаҳо ва сохторҳои алоҳидаи он, алоқаи байниҳамдигарӣ, дараҷаи тобеият, ки барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои мақомоти маҳаллӣ равона карда мешавад, ифода меёбад.

Тартиби дуруст ба роҳ мондани ташкили кор бисёртар аз мулоҳизакории фаъолияти дастгоҳи маъмурии идоракунанда вобастагӣ дорад. Фаъолияти идоракунии мақомоти идоракунии маҳаллӣ ба худ масъалаҳои ҳамкории мақомоти идораи маҳаллӣ бо субъектони хоҷагидор қатъи назар аз шакли моликият ва боз ҳам аниқтар ба танзим даровардани муносибатҳои хоҷагидорӣ барои муассиса ва ташкилотҳои маҳаллиро дар бар мегирад. Бо ин сабаб шакли асосии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ- ин дар ҳамбастагӣ бо муассиса ва ташкилотҳои ҳудуди маҳал қонеъ гардонидани манфиатҳои шаҳрвандон мебошад[1;244] .

Мақомоти маҳаллӣ аз рӯи мазмуну мундариҷаи фаъолияташ ба дигаргуниҳо ниёз дорад, ва дар ин равиш пеш аз ҳама эҳтиёҷот ба барномаҳои рушд эҳсос мегардад. Дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муҳими мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Яке аз роҳҳо ва фишангҳои таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маҳаллӣ таҳияи барномаҳои рушд ва таъмини иҷроиши онҳо бо назардошти саноатикунонии маҳал мебошад[4;276]. Раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия, ҷамоатҳо ва ҷамоаҳои маҳаллӣ бо роҳи истифодаи шаклҳои мухталифи барномасозӣ амалӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки захираҳои маҳдуди дар маҳал буда ва имкониятҳои ба мақсад расидани рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ самаранок истифода бурда шаванд.

Дар баробари ин ислоҳоти татбиқшаванда дар системаи идоракунии мақомоти давлатӣ ба баланд бардоштани нақши мақомоти идоракунии давлатии маҳаллӣ ва худидоракунӣ, васеъ намудани вазифаҳои он дар асоси ба ихтиёрашон додани мустақилияти иқтисодӣ ва дастгирии молияви матлуб аз тарафи давлат, самти бартаридоштаи системаи татбиқи ғайримарказикунонии давлат ба ҳисоб меравад.

Худ аз худ мақсадҳо маъно надоранд, агар имкониятҳои баҳодиҳӣ дар иҷрои он набошад. Азбаски идоракунии давлатӣ- ин таъсиррасонии як гурӯҳи одамон ба дигар гурӯҳ бо ифодаи манфиати худи онҳо буда, дар мадди аввал бояд натиҷаҳои иҷтимоӣ ваояндабинии он ба назар гирифта шуда, на танҳо натиҷаҳои истеҳсолӣ,технологӣ, нишондодҳои иқтисодӣ балки тақсимоти онҳо, аз як тараф тариқи таъминоти талаботи ҷомеа ва нигоҳдории пуррагӣ ва ҷараёни он ва аз дигар бо тариқи қонеъгардонии талаботи одамон, яъне таъмин намудани шароитҳои меҳнатӣ ва ҳаёти осоишта, нигоҳдошти саломатӣ ва тозагии маънавии онҳо дониста мешавад.

Бо назардошти ба таври самаранок ташкил ва амали намудани мақсадҳои мазкур дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи мақомоти маҳаллли ҳокимияти

давлатӣ ташкил ва фаъолият менамояд, ки қонунгузории конститутсионӣ раванди фаъолияти онро танзим мекунад.

Принсипи ташкил ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягонагии давлат, талаботи замони нав ва ҳаёти нави сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон ба вуҷуд омада, инъикоскунандаи хусусияти давлати иҷтимоӣ будани он ба шумор меравад.

Принсипҳои умумие, ки имрӯз дар аксари давлатҳои демократӣ асоси ташкил ва фаъолияти дастгоҳи давлатии онҳоро ташкил медиҳанд, асосан, принсипи сохтори муносиб ва амалкунандаи дастгоҳи давлатӣ, принсипи фаъолияти самаранок, қонуният, дараҷаи баланди касбии хизматчиёни давлатӣ, риояи талаботи одоб аз тарафи вакилон ва хизматчиёни давлатӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дастгоҳи мақомоти маҳаллӣ, як қисми асосии сохтории мақомоти маҳаллӣ буда, таъминкунандаи фаъолияти ҳаррӯзаи системаи мақомоти давлатӣ барои дар амал татбиқ гардидани функсия ва вазифаҳои зерсохторҳои дигарӣ маҳаллӣ мебошад.

Дастгоҳи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ дар раванди амалигардонии функсияҳои мақомоти маҳалли ҳоикимияти давлати, нақши калиди дошта, хусусиятҳои махсуси фаъолияти худро доро мебошад.

Дастгоҳи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ, нисбатан мустақилияти вазфавии худро тақозо менамояд.

Дар баробари ин ба дастгоҳи мақомоти худидораи маҳалли низ бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард, то рушди минбаъдаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз муваффақияти мақомоти худидораи маҳаллӣ вобастагии амиқ дорад[3;323].

Дар ин самт дар доираи рушди минбаъдаи фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, рушди фаъолияти дастгоҳи мақомоти маҳалллии ҳокимияти давлатӣ бо назардошти ислоҳоти самт, дигаргуниҳоро тақозо менамояд.

**Адабиёт**

1. Атаманчук Г.В. «Сущность государственной службы» Москва. Издательство РАГС 2004.- 267с
2. Глазунов Н.И. «Государственное и муниципальное (административное) управление» М.,2006- 254с
3. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. - М.: ЮРИСТЪ, 2000. – 488с
4. Муниципальное право. // Под ред. Конина Н.М. - М.: НОРМА, 2006. – 327с.

## ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АПАРАТА МЕСТНОГО УПРАВЛЕНИЯ

**АМИНОВ МУХАММАД МАХМАДРИЗОЕВИЧ,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры государственного
управления и экономического права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33.
Тел.: (+992) 918-74-04-49. E-mail: aminov.mm@mail.ru

*В данной статье проводится научный анализ нормативно-правовой базы организации и деятельности местного управления. В то же время в статье исследуются функции органов местного управления. В статье автор анализирует аппарат местного исполнительного*

*управления как институт системы государственного управления. Рассмотрен аппарат органов местного управления, их функции, сфера деятельности и полномочия.*

*В статье отдельно анализируются местные представительные органы и местные исполнительные органы государственной власти. В статье ставится задача рассмотреть экономические, социальные и политические аспекты местного управления. При этом подчеркивается, что аппарат местного самоуправления уполномочен и несет ответственность за реализацию экономических и социальных направлений исполнительного органа местного самоуправления.*

*В целом проблемы и развитие органов местного самоуправления и аппарата органов местного управления подлежат научному анализу.*

*Ключевые слова: правовая база, местное управление, местное самоуправление, государственное управление, государственное управление, правовые акты, современность, периоды развития, двустороннее сотрудничество, экономические и социальные предпосылки.*

## FEATURES OF ORGANIZATION AND ACTIVITIES OF LOCAL GOVERNMENT AUTHORITIES

**AMINOV MUHAMMAD MAHMADRIZOEVICH,**
Candident in Law Science, Associate Professor of the Department of Public management and economic law
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. Said Nosira 33.
Tel.: (+992) 918-74-04-49. E-mail: aminov.mm@mail.ru

*This article provides a scientific analysis of the regulatory framework for the organization and activities of local government. At the same time, the article examines the functions of local governments. In the article, the author analyzes the apparatus of local executive administration as an institution of the public administration system. The apparatus of local government bodies, their functions, scope and powers are considered.*

*The article separately analyzes local representative bodies and local executive bodies of state power. The article aims to consider the economic, social and political aspects of local government. At the same time, it is emphasized that the apparatus of local self-government is authorized and responsible for the implementation of economic and social directions of the executive body of local self-government.*

*In general, the problems and development of local self-government bodies and the apparatus of local government bodies are subject to scientific analysis.*

***Key words:*** *legal framework, local government, local self-government, public administration, public administration, legal acts, modernity, periods of development, bilateral cooperation, economic and*

**УДК: 417.2. +839(415.2)**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ БО ҚОНУНГУЗОРИИ БАЪЗЕ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

**ШЕРОВ ШЕРАЛӢ ЗАФАРОВИЧ,**
сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия,
андозу гумрук ва фаъолияти бонкии
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. академик А. Адҳамов, 13.
Тел.: (+992) 935-99-98-58. E-mail: sherali-sherov@mail.ru
**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРОҲИМ,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ бо қонунгузории баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз он ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Беларусия, Украина, Молдова ва Ӯзбакистон гузаронида шуда, умумияту тафовутҳо муайян карда шуда, таклифу пешниҳодҳои судманд ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии молиявӣ, назорати дохилӣ, бахши давлатӣ, аудити дохилӣ, назорати молиявӣ.*

Яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти молиявии давлат дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва буҳрони молиявию иқтисодӣ ин дуруст, бонизом ва самаранок ба роҳ мондани идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ мебошад. Зеро иқтисоди бозорӣ бе низоми молиявии хуб ташкилшуда ва бозори молиявии танзимшаванда бомуваффақият ва устувор рушд карда наметавонад. Низоми молиявӣ ва бозори молиявӣ дар заминаи иқтисоди бозорӣ, ки бавуҷудорандаи неъматхои моддӣ ва маънавӣ мебошад, амал менамоянд. Онҳо дар айни замон шарти фаъолияти худи иқтисоди бозориро муайян менамоянд. Бинобар ин, дар иқтисоди бозорӣ идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ аҳамияти ниҳоят муҳимро мебозад.

Низоми идоракунии молиявӣ дар шароити иқтисоди давраи гузариш ин маҷмуи чораҳо, олотҳо ва институтҳои молиявии бо ҳам алоқамандро ифода менамояд, ки фаъолияти бемайлон ва самараноки низоми молиявӣ, аз ҷумла зинаҳои алоҳидаи онро таъмин менамояд. [1, с.51-52]

Идоракунии молиявии ташкилотҳои бахши давлатӣ маҷмӯи ҷараёнҳо ва расмиёте мебошад, ки самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, дигар захираҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ ва ҳамаи унсурҳои ҷараёни буҷетӣ ва фаъолияти молиявӣ хоҷагӣ (таҳия ва иҷрои буҷет, банақшагирӣ ва амалисозии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии ташкилот, ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, амалисозии назорати дохилии молиявӣ ва аудити дохилии молияви)-ро фаро мегирад.

Назорати дохилии молиявӣ ва аудити дохилии молиявӣ ба ҳамдигар зич алоқаманд буда, назорати дохилии молиявӣ дар ҳамаи давраҳои қабул ва иҷрои қарорҳои идоракунӣ дар доираи идоракунии молиявӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ

якҷоя карда шудааст. Аудити дохилии молиявӣ самаранокии назорати дохилии молиявиро арзёбӣ намуда, оид ба баланд бардоштани он тавсияҳо мебарорад.

Назорати дохилии молиявӣ ба таъмини натиҷаҳои беҳтарини амалисозии идоракунии молиявӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ равона шуда, арзёбии он мунтазам аз ҷониби мақоми молиявӣ ё ташкилолти болоӣ гузаронида мешавад. Натиҷаҳои арзёбии сифати идоракунии молиявӣ барои роҳбарият ва кормандони ташкилоти бахши давлатӣ иттилооте мебошад, ки имкон медиҳад хатоҳои мунтазамро ҳангоми амалисозии идоракунии молиявӣ ошкор созад ва самти рушди назорати дохилии молиявиро муайян намояд.

Мақсад аз гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо баъзе давлатҳои ИДМ, ин муайян намудани бунёди шароит барои баланд бардоштани сифати идоракунӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, баланд бардоштани натиҷанокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва дигар захираҳое, ки дар ихтиёри онҳо қарор доранд, баланд бардоштани самаранокии хароҷотҳои буҷетӣ бо роҳи дар ҳар як ташкилоти бахши давлатӣ таъсис додани низоми самараноки назорати дохилии молиявӣ ва ҷорӣ намудани аудити дохилӣ дар таҷрибаи идоракунии давлатӣ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ роҳи самаранок ва боэътимоди такмили қонунгузорӣ ва дарк намудани мазмуну моҳияти танзими ҳуқуқии ин ё он падида маҳсуб меёбад. Дар раванди мазкур қонунгузории дав-латҳои дигар мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омил¬ҳои миллӣ ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода мешавад.

Назорати дохилии молиявӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ - ин ҷараёни доимии барасмиятдаровардашудае мебошад, ки дар асоси маҷмӯи қоида, расмиёт ва амалҳое, ки ба пешгирии пайдоиш ва кам кардани оқибатҳои манфии ҳодисаҳое, ки ба натиҷаҳои амалисозии идоракунии молиявӣ тасир мерасонанд, равона шудааст.

Назорати дохилии молиявӣ аз ҷониби роҳбарон ва ҳамаи кормандони ташкилоти бахши давлатӣ, ки дар амалисозии идоракунии молиявӣ иштирок менамоянд, ба амал бароварда мешавад.

Мақсади назорати молиявии дохилӣ баланд бардоштани сифати идоракунии молиявӣ ва ноил гардидан ба натиҷаҳои татбиқи он, кам кардани имконоти молиявӣ, моддӣ ва зарар ба шаъну шарафи худи ташкилоти бахши давлатӣ, ки ба он тааллуқ дорад. мебошад,

Вазифаҳои назорати дохилии молиявӣ аз таъмини риояи талаботҳои қонунгузории буҷет ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқии буҷетӣ, стандартҳои дохилӣ ва расмиёти амалисозии идоракунии молиявиро танзим менамоянд; ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои муқарраршуда ё банақшагирифташудае, ки натиҷаи идоракунии молиявиро тавсиф менамоянд; таъмини пуррагӣ, эътимоднокӣ ва саривақтии пешниҳоди ҳисоботи муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба иҷрои барномаҳои давлатӣ, ҳисоботи идоракунӣ ва риояи принсипи самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ иборат мебошад.

Барои ташкил ва амалисозии назорати дохилии молиявӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ мавҷудияти шартҳои зерин зарур аст:

- мавҷудияти тартиби (стандарт, қоида) дохилии тасдиқшудаи анҷом додани амалиётҳо ва расмиёти идоракунии молиявӣ;
- дар низомномаи воҳидҳои сохторӣ, дар дастурҳои мансабии кормандон мустаҳкам кардани уҳдадориҳо ва ваколатҳо оид ба амалисозии амалиётҳо ва расмиёт дар доираи идоракунии молиявӣ, аз ҷумла оид ба ташкил ва амалисозии назорати дохилии молиявӣ;

- муайян намудани талаботҳои тахассусӣ ба донишҳои касбӣ ва малакаи роҳбарони ҳамаи сатҳҳо ва кормандони ташкилот, ки барои амалисозии идоракунии молиявӣ, аз ҷумла, назорати дохилии молиявӣ зарур аст;

- ба шакли муайян даровардан ва то кормандони ташкилот расонидани принсипҳои умумии кодекси одоби касбии кормандони ташкилот, аз ҷумла барои хизматчиёни давлатӣ «Кодекси намунавии ахлоқ ва рафтори хизматӣ»;

- мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиқшудае, ки фаъолиятро оид ба амалисозии назорати дохилии молиявӣ танзим менамоянд. Чунин ҳуҷҷатҳо бояд тартиби банақшагирӣ ва амалисозии назорати дохилии молиявӣ, ба шакли муайян даровардани ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои баамалбарории онҳоро муайян намояд;

- мавҷудияти ҳамкории устувори иттилоотӣ байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ дар дохили ташкилоти бахши давлатӣ бо ташкилотҳои зертобеи бахши давлатӣ, байни воҳидҳои сохторӣ, байни кормандоне, ки амалиётҳоро дар доираи амалисозии идоракунии молиявӣ иҷро менамоянд. [2]

Қобили зикр аст, ки танзими молиявӣ – ҳуқуқии идоракунии молиявӣ яке аз масъалаҳои рӯзмараи низоми молиявии давлат ба ҳисоб меравад. Дар ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ нақши муҳимро танзими давлатӣ мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар давлатҳои ИДМ идоракунии молияи давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар асоси қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

Санади асосии меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита муносибатҳоро дар самти идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ танзим менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010, №626 мебошад.

Қонуни мазкур аз 5 боб ва 16 модда иборат буда, дар он масъалаҳои идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, ташкил намудани низоми назорати дохилӣ, ҳисоботи идоракунӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, унсурҳои идоракунии молиявӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба он дарҷ гардидаанд. Тавре аз муқаддимаи Қонуни мазкур бармеояд, он асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии низоми идоракунии молиявӣ ва назорати дохилиро дар бахши давлатӣ ва ташкилотҳое, ки аз Буҷети давлатии ҶТ маблағгузорӣ мешаванд (минбаъд ташкилотҳои бахши давлатӣ), муқаррар менамояд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни мазкур идоракунии молиявӣ маҷмӯи уҳдадориҳои идоракунӣ доир ба иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи тақсимкунандаи асосӣ, тақсимкунанда ва маблағгирандаи давлатие, ки бо мақсади таъмини риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба истифодаи самараноку натиҷабахши маблағҳои мавҷуда вогузошта шудаанд, мебошад.

Ташкил намудани низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ уҳдадории роҳбари ташкилот буда, барои анҷом додани идоракунии молиявӣ дар ҳамаи сохторҳо, барномаҳо, намуди фаъолият ва амалиёт, роҳбарии онҳо мувофиқи принсипҳои қонуният, идоракунии устувори молиявӣ ва шаффофият равона карда мешавад.

Низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои зерин ташкил карда мешавад: дурустӣ ва мукаммалии иттилооти молиявӣ ва идоракунӣ; фаъолияти натиҷабахшу сарфакорона ва самараноки мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои бахши давлатӣ; нигоҳдории дороиҳо ва риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [3]

Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ омӯзиш ва таҳлилу баррасии масъалаи идоракунии молияӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ хеле муҳим

аст. Зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, буҳрони молиявию иқтисодӣ омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷие, ки таърихи бисёрсолаи танзими ҳуқуқии идоракунии молиявиро доранд, хеле муфид аст.

Ҳамзамон, мувофиқи сархати 8 банди 18 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018 яке аз масъалаҳои муҳим «Такмили қонунгузории соҳаи молиявӣ бо дар назар доштани ташаккули рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ» мебошад. Инчунин, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мазкур ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузории идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ва татбиқ гардидани банди 18 Консепсияи мазкур мусоидат хоҳад намуд.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» бо қонунгузории баъзе давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз он ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Беларусия, Украина, Молдова ва Ӯзбакистон гузаронида шуда, умумияту тафовутҳо муайян карда шудаанд. Албатта, дар доираи ин таҳлил наметавон тамоми паҳлуҳои онро фаро гирифт, аммо ба қадри ҳол баъзе масъалаҳои муҳим мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Таҳлили қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ бо чунин ном Қонун вуҷуд надорад. Шабеҳи муносибатҳои мазкур ё тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли қонунҳои алоҳида ва ё дар доираи санади ягонаи кодификатсионӣ танзим гардидаанд. Масалан, дар Федереатсияи Россия шабеҳи муносибатҳои мазкур дар фасли 9, боби 26 Кодекси буҷети Федератсияи Россия, ки асосҳои назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ) ном дорад, ба танзим даровarда шудааст. [4] Боби мазкур 13 моддаро дар бар гирифта, намудҳои назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ), объектҳои назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ), методҳои амалисозии назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ), ваколати мақомоти назорати давлатии молиявии берунӣ оид ба амалисозии назорати давлатии молиявии берунӣ (муниципалӣ), ваколати мақомоти назорати давлатии молиявии дохилӣ оид ба амалисозии назорати давлатии молиявии дохилӣ (муниципалӣ), пешниҳод ва нишондоди мақомоти назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ)-ро муқаррар мекунад.

Қобили зикр аст, ки муносибатҳое, ки боби мазкури Кодекси буҷетии ФР ба танзим даровардааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ", балки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 2 декабри соли 2002, №66 ба танзим даровarда шудааст.

Мутобиқи моддаи 265 Кодекси буҷетии ФР назорати давлатии молиявӣ бо мақсади таъмини риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии буҷетиро ба танзим медароранд, боиси уҳдадориҳои меъёрӣ ва уҳдадориҳо оид ба дигар пардохтҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ аз буҷети низоми буҷетии ФР, инчунин риояи шартҳои қарордодҳои давлатӣ (муниципалӣ), шартномаҳо (созишномаҳо) оид ба додани маблағҳо аз буҷет мегарданд, амалӣ карда мешавад.

Кодекси буҷети ФР назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ)-ро ба берунӣ, дохилӣ, пешакӣ ва минбаъда ҷудо менамояд. Назорати давлатии (муниципалӣ) молиявии дохилӣ фаъолияти назоратии Хазинадории федеролӣ, мақомоти назорати давлатии молиявӣ (муниципалӣ), ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти субъектҳои ФР

(мақомоти маъмурияти маҳаллӣ) (минбаъд – мақомоти назорати давлатии (мунисипалии) молиявии дохилӣ) мебошанд, мебошад.

Қайд намудан зарур аст, аз меъёрҳои боби мазкур, ки ҳамшабеҳи муносибатҳои идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ мебошад, моддаи 269 иловаи 2, яъне ваколати мақомоти назорати давлатии молиявии дохилӣ оид ба амалисозии назорати давлатии молиявии дохилӣ (мунисипалӣ) мебошад, ки аз ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» муқаррар намудааст, васеътар аст.

Тибқи он ваколатҳои мақомоти назорати давлатии молиявии дохилӣ оид ба амалисозии назорати давлатии молиявии дохилӣ (мунисипалӣ) аз инҳо иборат аст:

- назорати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқии буҷетиро танзим менамоянд, аз ҷумла, талаботро ба баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи муҳосибии (молиявии) муассисаҳои давлатӣ муқаррар менамоянд;

- назорати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки боиси уҳдадориҳои меъёрӣ ва уҳдадориҳо оид ба дигар пардохтҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ аз буҷети низоми буҷетии ФР мегарданд;

- назорати риояи шартҳои шартномаҳое (созишномаҳое), ки бо мақсади иҷрои шартномаҳо (созишномаҳо) оид ба додани маблағҳо аз буҷет баста шудаанд;

- назорати дурустии ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои додан ва (ё) истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла, ҳисоботҳо оид ба баамалбарории барномаҳои давлатӣ, хисоботҳо оид ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ;

- назорат дар самти харид, ки бо қонунгузории ФР дар бораи низоми шартномавӣ дар самти хариди мол, кор ва хизматрасонӣ барои таъмини эҳтиёҷоти давлатӣ ва мунисипалӣ.

Ҳамин тариқ, аз мазмуни меъёри мазкур бар меояд, ки он нисбат ба муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» васеътар буда, бештар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамшабеҳ аст.

Дар Ҷумҳурии Белорус бошад, Қонун “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” вуҷуд надорад. Оид ба назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ танҳо дар моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Белорус “Дар бораи ҷамъияти хоҷагидорӣ” [5] ишора гардидааст, ки барои амалисозии назорати дохилии молиявӣ ва фаъолияти хоҷагӣ маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъияти хоҷагӣ назоратчӣ ё комиссияи назоратиро интихоб мекунанд, дар сурате, ки агар интихоби чунин комиссия бо Қонуни мазкур ва оинномаи ҷамъиятӣ хоҷагӣ пешбинӣ шуда бошад. Ба салоҳияти комиссияи назоратии (ревизори) ҷамъияти хоҷагӣ гузаронидани тафтишот аз рӯи ҳама ё якчанд самтҳои фаъолияти он ё тафтиш аз рӯи як ё якчанд самтҳои ба ҳам алоқаманд ё дар давраи муайяни ин фаъолият, ки ҷамъияти хоҷагӣ, филиал ва намояндагии ӯ амалӣ месозад, дохил мешавад.

Аз таҳлили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Белорус бар меояд, ки то ҳол чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул нагардидааст.

Асосҳои ҳуқуқии идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар Ҷумҳурии Молдова бо Қонуни Ҷумҳурии Молдова “Дар бораи назорати давлатии молиявии дохилӣ” аз 23 сентябри 2010, №229 ба танзим даровarда шудааст. [6] Қонуни мазкур аз 5 боб ва 33 иборат буда, қоида ва принсипҳои асосии ташкили назорати давлатии молиявии дохилиро муқаррар менамояд. Мақсади Қонун

мустаҳкам кардани масъулияти идоракунӣ барои идоракунии беҳтарини захираҳо мутобиқи вазифаҳои субъекти оммавӣ дар асоси принсипҳои идоракунии дахлдор тавассути ҷорӣ намудани низоми назорати дохилии идоракунӣ ва фаъолияти аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи Қонуни мазкур аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахшӣ” аз он иборат, ки Қонуни Ҷумҳурии Молдова “Дар бораи назорати давлатии молиявии дохилӣ” куллан аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” фарқ мекунад. Зеро дар он ду гуруҳи муносибатҳо: назорати давлатии молиявии дохилӣ ва аудити дохилӣ дар доираи як қонун ба танзим даровarда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, муносибатҳо оид ба аудити дохилиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, №631 ба танзим медарорад.

Бобҳои якум ва дуюми Қонуни Ҷумҳурии Молдова “Дар бораи назорати давлатии молиявии дохилӣ” ба масъалаҳои назорати давлатии молиявии дохилӣ бахшида шуда, бобҳои сеюм, чорум ва панҷуми он ба аудити дохилӣ бахшида шудааст.

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Молдова “Дар бораи назорати давлатии молиявии дохилӣ” якчанд мафҳумҳои асосие пешбинӣ гардидаанд, ки на дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахшӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ” дида намешаванд. Аз ҷумла: чорабиниҳои назоратӣ, амали беviҷдонона, хатои қатъӣ, идоракунандаи субъекти оммавӣ, идоракунандаи амалиётӣ, идоракунии хавфҳо, масъулияти идоракунӣ, воҳиди аудити дохилӣ. Ғайр аз ин, мафҳумҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, аз мафҳумҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахшӣ” пешбинӣ шудаанд, кулан фарқ мекунанд. Масалан, дар зери мафҳуми назорати дохилии идоракунӣ – низоме, ки аз ҷониби идоракунандаи субъекти оммавӣ ва ҳайати коркунони он бо мақсади таъмини идоракунии дахлдор ташкилшуда, маҷмӯи сиёсат, рассмиёт, қоидаи дохилӣ, чараёнҳо ва фаъолияте, ки дар доираи субъекти оммавӣ барои идоракунии хавфҳо ва пешниҳоди кафолатҳои расидан ба вазифа ва натиҷаҳои банақшагирифташуда амалӣ карда мешавад, фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Молдова “Дар бораи назорати давлатии молиявии дохилӣ” нишон медиҳад, ки он нисбат ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” ҳам муносибатҳои идоракунии молиявӣ ва ҳам аудити дохилиро ба танзим медарорад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ дар Ҷумҳурии Украина таввасути якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Кодекси буҷети Украина, Қонунҳои Ҷумҳурии Украина “Дар бораи принсипҳои асосии назорати давлатии молиявӣ дар Украина”, “Дар бораи аудити ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти аудиторӣ” ва дигар санадҳо танзим гардидаанд.

Кодекси буҷети Украина 8 июли соли 2010, №2456-VI қабул гардида, аз якуми январи соли 2011 мавриди амал қарор гирифтааст. Кодекси мазкур аз 124 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти низоми буҷетии Украина, принсипҳои он, асосҳои раванди буҷетӣ ва муносибатҳои байни буҷетӣ ва ҷавобгари барои вайрон кардани қонунгузории буҷетиро танзим менамояд.

Муносибатҳои шабеҳ вобаста ба идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатиро боби 10 Кодекси мазкур, ки “Баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба иҷрои буҷетӣ давлатии Украина” ном дорад, дар моддаҳои 56-61

муқаррар намудааст. Дар боби мазкур муносибатҳои вобаста ба баҳисобгирии иҷрои буҷети давлатии Украина, тартиби бастани суратҳисобҳо пас аз ба охир расидани давраи буҷетӣ, ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатии Украина, ҳисоботи ҳармоҳа дар бораи иҷрои буҷети давлатии Украина, ҳисоботи семоҳа дар бораи иҷрои буҷети давлатии Украина, ҳисоботи солона дар бораи иҷрои Қонун дар бораи Буҷети давлатии Украина ва баррасии гузориши солона дар бораи иҷрои қонун дар бораи Буҷети давлатии Украина танзим гардидаанд.[7]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ Қонуни алоҳида “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” аз 25 марти соли 2011, № 702 қабул гардидааст, ки мутобиқи моддаи 1 он мақсади Қонуни мазкур аз таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиёти хоҷагидорие мебошад, ки мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо барои истифодабарандагон пешниҳод менамоянд. [8] Аммо дар боби мазкур ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” меъёрҳои мушаххасе, ки муносибатҳои мазкурро муайян ва танзим менамоянд муқаррар нагардидааст.

Мутобиқи қисми якуми моддаи 56 Кодекси буҷети Украина дар Ҷумҳурии Украина танзими масъалаҳои методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар бораи иҷрои буҷет аз ҷониби Вазорати молияи Украина амалӣ карда мешавад. Баҳисобгирии ҳамаи амалиётҳои марбут ба иҷрои буҷети давлатии Украина бошад, аз ҷониби мақомоти хазинадории Украина тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Украина сурат мегирад. Ин баҳисобгирӣ бояд ҳама дороиҳо ва уҳдадориҳои давлатро инъикос намояд. Муассисаҳо баҳисобгирии муҳосибиро тибқи қоидаҳои (стандартҳои) баҳисобгирии бахши давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Украина пеш мебаранд.

Вобаста ба ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатии Украина дар моддаи 58 Кодекси мазкур муқарраррот пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он ҳисоботи молиявӣ тибқи қоидаҳои (стандартҳои) баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии Вазорати молияи Украина таҳия карда мешаванд. Мутобиқи қисми 4 моддаи мазкур, ҳисобот дар бораи иҷрои Буҷети давлатии Украина бо тартиби амалиётии моҳона, семоҳа ва солона мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, тартиби пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оиди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷети давлатӣ” аз 3 феврали соли 2010, № 16 семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона пешбинӣ гардидааст.

Ҳолати мазкур дар таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси муқарраротҳои Кодекси буҷетии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 26 декабри соли 2013, № 360 ба танзим дароварда шудааст. Мувофиқи Кодекси буҷети Ҷумҳурии Ӯзбекистон самтҳои зерини рушди низом ва идоракунии молиявӣ муайян карда шудаанд:

- таҳияи чаҳорчӯбаҳои миёнамӯҳлати буҷет ва татбиқи системаи нави ташаккули буҷети солона – “буҷет барои натиҷаҳо” бо мақсади ҷорӣ намудани муносибати стратегӣ ба сиёсати буҷетӣ;
- таҳкими ваколатҳои буҷетӣ, ҳисоботдиҳӣ ва масъулияти маъмурони маблағҳои буҷетӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- ҷорӣ намудани низоми арзёбии хавфҳои фискалӣ, баҳисобгирии дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявӣ, инчунин идоракунии самараноки онҳо;

- таҳкими интизоми молиявӣ бо роҳи муттаҳид кардани стандартҳои баҳисобгирии буҷетӣ, такмил додани системаҳои назорати дохилӣ ва аудит;

- таъмини ошкорбаёнӣ, пуррагӣ ва мутобиқати маълумоти буҷет ба стандартҳои байналмилалӣ.

Ҳамин тавр, аз таҳлили гузаронидаи муқоисавӣ-ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" бо қонунгузории давлатҳои болозикр муайян карда шуд, ки дар давлатҳои болозикр, ба истисноии Ҷумҳурии Молдова Қонуни алоҳида "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" вуҷуд надорад.

Танзими муносибатҳои мазкур тавассути санади ягонаи кодификатсионӣ, яъне Кодекси буҷетӣ ба танзим даровардa шудааст, ки ба таври умумӣ муносибатҳои мазкурро ба танзим даровардааст. Танҳо дар Ҷумҳурии Молдова Қонуни Ҷумҳурии Молдова "Дар бораи назорати давлатии молиявии дохилӣ" қабул карда шудааст, ки он нисбат ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" ҳам муносибатҳои идоракунии молиявӣ ва ҳам аудити дохилиро дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ба танзим медарорад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" бо назардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Молдова пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ" дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида якҷоя карда шаванд. Зеро мавзӯи танзими қонунҳои болозикр назорати дохилӣ ё аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ мебошад.

Ҳамзамон, бо мақсади такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" таклифҳои зерин пешниҳод карда мешаванд.

- муқаддимаи Қонун ба талаботи қисми дуюми моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи соли 2017, №1414 мутобиқ карда шавад. Зеро дар он, мақсад ва вазифаи Қонун инъикос карда нашудааст;

- дар моддаи 1 Қонун мафҳуми "бахши давлатӣ" пешбинӣ карда шавад. Зеро он яке аз мафҳумҳои асосии Қонуни мазкур ба ҳисоб меравад;

- аз моддаи 2 Қонуни мазкур калимаи дар қавсайн "(Сарқонун)" хориҷ карда шавад. Зеро бо даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016 калимаи мазкур хориҷ карда шудааст;

- дар сархати сеюми қисми 2 моддаи 4 калимаи "фармонҳо" ба калимаи "фармоишҳо" иваз карда шавад. Зеро мутобиқи қисми дуюми моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли "фармоиш" қабул мекунанд;

- мафҳумҳои "ҳисоботи идоракунӣ", ки дар қисми 1 моддаи 5 ва "муҳити назоратӣ", ки дар қисми 1 моддаи 9 пешбинӣ шудаанд, дар моддаи 1 Қонуни мазкур, ки мафҳумҳои асосӣ ном дорад, пешбинӣ карда шаванд. Зеро мутобиқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мафҳумҳои дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд ба талаботи техники ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ бошанд.

**Адабиёт**

1. Алимардонов У. Молия (воситаи таълимӣ). – Душанбе: ҶДММ “Азия-Принт”, 2014. – 292 с.
2. Манбаи дасрасӣ: https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/71264008/. (санаи мурочиат: 10.12.2020).
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – №7. – Мод. 558.
4. Бюджетный кодекс Российской Федерации от 31.07.1998 N 145-ФЗ (ред. от 29.11.2021) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.01.2022).
5. Закон Республики Беларусь «О хозяйственных обществах» от 09.12.1992 г., № 2020-XII (с изм. и доп.) // Консультант Плюс: Беларусь. Технология 3000 [Электронный ресурс] / ООО «ЮрСпектр», Нац. центр правовой информ. Респ. Беларусь.– Минск, 2018.
6. Манъбаи электронӣ: [http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=32886].
7. Бюджетный Кодекс Украины с изменениями и дополнениями, внесенными законами Украины от 7 октября 2010 года n 2592 - vi, ову, в 2010 г., n 79, ст. 2793.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №3, мод.169; с.2014, №3, мод.149 Қонуни ҶТ аз 14.03.2014 № 1074, аз 24.02.2017 № 1400.

# СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ФИНАНСОВОМ УПРАВЛЕНИИ И ВНУТРЕННЕМ КОНТРОЛЕ В ГОСУДАРСТВЕННОМ СЕКТОРЕ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ НЕКОТОРЫХ ГОСУДАРСТВ-УЧАСТНИКОВ СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

**ШЕРОВ ШЕРАЛИ ЗАФАРОВИЧ,**
заведующий отделом законодательства по финансам, налогам и таможенно-банковской деятельности Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.
734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. академика А. Адхамова, 13.
Тел.: (+992) 935-99-98-58. E-mail: sherali-sherov@mail.ru
**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРАГИМ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*В данной статье проведена сравнительный правовой анализ законодательства Республики Таджикистан о финансовом управлении и внутреннем контроле в государственном секторе с законодательством некоторых государств-участников Содружества Независимых Государств, в том числе, Российская Федерация, Республики Беларусь, Украина, Молдове и Узбекистан, определена единство и различие и предложена полезные предложения об усовершенствование законодательства Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *финансовое управление, внутренний контроль, государственный сектор, внутренний аудит, финансовой контроль.*

# COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON FINANCIAL MANAGEMENT AND INTERNAL CONTROL IN THE PUBLIC SECTOR WITH THE LEGISLATION OF SOME STATES PARTIES TO THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES

**SHEROV SHERALI ZAFAROVICH**
Head of the Department of Legislation for Finance,
Taxes and Customs and Banking Activities of the
National Center for Legislation under the
President of the Republic of Tajikistan.
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 13, Academician A. Adkhamov Str.
Phone: (+992) 935-99-98-58. E-mail: sherali-sherov@mail.ru
**ABDUALIMZODA ISMOIL IBRAHIM**
Competitor of the Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33. Said Nosir st.
Phone: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*This article conducted a comparative legal analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan on financial management and internal control in the public sector with the legislation of some States parties to the Commonwealth of Independent States, including the Russian Federation, the Republic of Belarus, Ukraine, Moldova and Uzbekistan, identified the unity and distinction and Successful proposals for improving the legislation of the Republic of Tajikistan are proposed.*

***Key words:*** *financial management; internal control; government sector; internal audit; Financial control.*

УДК: 336

# СУБОТИ МОЛИЯВӢ- ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**САИДОВА ҲУМАЙРО УБАЙДУЛЛОЕВНА**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 938-84-60-05. E-mail: khumayro.saidova@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои истифодаи самараноки дипломатияи иқтисодӣ ба хотири манфиатҳои миллӣ, ки аз муҳимтарин самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.*

*Ба ақидаи муаллиф ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *дипломатияи иқтисодӣ, коршиносони СММ, бонкҳо, фаъолнокии иқтисодӣ, низоми молиявӣ, сармоягузорӣ, сармояи инсонӣ, рушди миллӣ, стратегия, депозитҳо, филиалҳо, кортҳо, макроиқтисодӣ, буҷет, сармояи инсонӣ, буҳрони молиявӣ, шуғли муфид, амнияти энергетикӣ, тафовути иҷтимоӣ, иқтисоди миллӣ, бонкҳои байналмилалӣ, шарикони рушд, иқтисодиёти миллӣ, сармояи дохилӣ, қарзҳои ғайрифаъол, дороиҳои бонкӣ, суботи молиявӣ, сохтори молиявӣ, сиёсати пулию қарзӣ, низомҳои пардохтӣ, бонки марказӣ, низоми бонкӣ.*

Дар шароити муосир рушди бемайлон ва устувори иқтисодиёт мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Ташаккули иқтисодиёти пурсамар қабл аз ҳама дар заминаи ҷалби сармояи хориҷӣ, таҳкими ҳамкориҳо дар муносибатҳои молиявӣ- иқтисодии минтақавию ҷаҳонӣ таъмин мегардад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки дипломатияи иқтисодӣ ба хотири манфиатҳои миллӣ аз муҳимтарин самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Назар ба маълумоти коршиносони Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) ба мақсадҳои рушди устувор саравал тавассути иштироки фаъолонаи бонкҳо дар ин раванд, ҷавобгӯ будани фаъолияти онҳо ба талаботу боварии ҷамъият ноил гаштан мумкин аст. Аз ин рӯ, бонкҳоро зарур аст, ки мунтазам сиёсати бонкиро бо муҳити беруна, яъне омилҳои асосии рушди устувор мутобиқ гардонида, нуфузи фаъолияти молиявиро бо ҷамъият ва мизоҷони хеш баҳогузорӣ намоянд. Ҳамчунин бонкҳо вазифадоранд, ки дар таъмини рушди устувор тариқи идоракунии шаффоф ва ҳисоботдиҳӣ нақши муассир гузоранд[1].

Ин мафҳумҳо борҳо дар суханрониҳои ҳидоятгари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид ёфтаанд: «Низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд»[2].

[1] Международный день банков. https://www.google.com/search?q (саннаи муроҷиат)

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар (10. 05. 2019)

Дар асоси дастуру супоришҳои Роҳбари давлат аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молиявии кишвар ҳамасола таҳким ёфта, дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ даромади буҷети давлатӣ мутассил рӯ ба афзоиш мениҳад. Ҳамчунин татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба он мусоидат менамоянд, ки афзоиши азхудкунии пай дар пайи маблағҳои қарзӣ таъмин карда шавад.

Тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат ва дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030* (минбаъд - СМР-2030) таҳия гардида, мавриди амал қарор гирифтааст.

Дар СМР-2030 давраҳои амалисозии СМР, сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи он, таҳдиду имкониятҳо барои рушд, таҳкими низоми самарабахшии идоракунии давлат, рушди сармояи инсонӣ пешбинӣ гардида, ҳадафҳои олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум муайян карда шудаанд[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 15 соли охир дар самти бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуд, - гуфта мешавад дар СМР-2030.- Аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ин муваффақиятҳо асосан ба туфайли иродаи қавии сиёсии роҳбарияти кишвар ба даст омадаанд. Аммо асри XXI бо шароити берунаи босуръат тағйирёбандаи рушд вазифаҳои нав ва то андозае фарогиранда пеш мегузорад, ки ҳалли онҳо барои иттиҳоди ҷомеа ва ҳифзи асолати миллӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба тараққиёти густурда хеле муҳим мебошад[2].

Таҷрибаи амалисозии СМР-2015 нишон дод, ки он як равиши маҷмӯӣ нисбат ба бунёди низоми рушди миллӣ дар асоси сохтори дақиқи амудии ҳамаи ҳуҷҷатҳо, барномаҳо ва нақшаҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад. Аз нишондиҳандаҳои иҷрои СМР-2015 бармеояд, ки дар ин давра Тоҷикистон дар аксар бахшҳои калидии дар стратегия муайяншуда ба пешравии назаррас ноил гашт. Аз ҷумла дар давраи татбиқи СМР-2015 дар бахши бонкию қарзӣ ҳаҷми депозитҳои бонкии ҷалбшуда ва қарзҳои бонкӣ 1,8 маротиба ва дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ 2 маротиба афзоиш ёфтанд. Ҳаҷми дороиҳои ташкилотҳои хурди қарзӣ (ТХҚ) 5,3 маротиба ва қарзҳои додашуда 6 маротиба зиёд шуд. Дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳудуди кишвар беҳтар гардид, ки ба он инкишофи шабакаи филиалҳо ва дигар воҳидҳои амалиётии берун аз тавозуни бонкҳо дар саросари кишвар мусоидат намуд. Шумораи филиалҳои бонкҳо аз 237 адад (соли 2009) то 344 адад (соли 2014) расонида шуда, дигар воҳидҳои амалиётӣ қариб 2 маротиба зиёд гардид.

Шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда дар солҳои 2007 – 36 872 адад, 2008 – 49 337 адад, 2009 – 61 210 адад ва 2014 – 1 107 079 ададро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2007 беш аз 30 маротиба зиёд аст. Рушди ширкатҳои

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе – 2006. саҳ. 2
[2] «Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», Душанбе, Констраст- 2018 саҳ. 165

лизингӣ ва суғуртавӣ ба назар мерасад, теъдоди ломбардҳо ва иттиҳодияҳои қарзӣ зиёд шуданд[1].

Маълумоти макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ яқинан тасдиқ мекунанд, ки аз ҳафт индикатори макроиқтисодӣ ва иҷтимоии СМР-2015, аз рӯи чаҳортои муҳимтарин индикаторҳои мақсаднок пешравиҳои назаррас ба даст омаданд:

- сатҳи камбизоатӣ қариб 2 маротиба коҳиш дода шуд (аз 53 фоиз дар соли 2007 то 31 фоиз дар соли 2015);
- афзоиши устувори иқтисодӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоизи солона таъмин гардид;
- суботи макроиқтисодӣ ба даст омад, сатҳи таваррум то рақамҳои ягона паст карда шуд;
- буҷети солонаи давлатӣ қариб 9 баробар афзоиш ёфта, касри он дар сатҳи 0,5 фоизи ММД нигоҳ дошта шуд;
- даромад ба таври назаррас зиёд шуд, имкониятҳои зиёди буҷетӣ, ки ба равона сохтани маблағҳои бештар ба рушди неруи инсонӣ имкон медиҳад, афзоиш ёфтанд.

Дар бахши иҷтимоӣ сатҳи камбизоатӣ аз 53 фоизи соли 2007 то 31 фоиз ва сатҳи фақри шадид аз 20 фоизи соли 2012 то 16,8 фоиз коҳиш ёфт. Нишондиҳандаи фавти модарон ҳангоми таваллуд 1,8 баробар ва фавти кӯдакон 2,7 баробар кам шуд. Дар давраи афзоиши устувори иқтисодӣ индекси рушди инсони (ИРИ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 1,07 фоиз дар як сол афзоиш меёфт. Тоҷикистон дар рӯйхати кишварҳои ҷаҳон аз рӯи ИРИ бо нишондиҳандаи мутобиқ бо сатҳи миёнаи рушди инсон дар байни 188 кишвар ҷойи 129-умро ишғол мекунад. Соли 2014 индекси нобаробарии гендерӣ (ИНГ) дар Тоҷикистон 0,357-ро ташкил дода, дар байни 155 кишвари ҷаҳон ҷойи 69-умро ишғол мекард. Тағйироти муҳим дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба амал омад. Сатҳи фавти навзод, кӯдак ва модар зиёда аз 2 маротиба коҳиш ёфт. Садҳо муассисаҳои таълимӣ, табобатхонаҳо, иншооти фарҳангӣ ва варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд[2].

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳои коршиносони соҳа нишон медиҳанд, ки то кунун масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи сарватҳои миллӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, суботи экологӣ, таҳкимбахшии диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба фаъолсозии минбаъда ниёз доранд. Татбиқи барномаҳои рушди бахши хусусӣ ва ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ такмили минбаъдаро талаб мекунанд. Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, тақвиятдиҳии сармояи инсонӣ ва суръат бахшидани рушди минтақавӣ равишҳои нави ҳалли масъалаҳоро пешбинӣ менамоянд.

Ба ақидаи таҳлилгарон ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди кишвар кори осон набуд. Раванди мазкур ҳамкории кишварро бо ҷомеаи байналмилалӣ тақвият бахшид ва пешрафти назаррасро аз рӯи нишондиҳандаҳои мақсадноки Ҳадафҳои рушд таъмин намуд.

СМР-2030 ҳуҷҷати стратегии рушди миллӣ буда, дар он таҷрибаи тартибдиҳӣ ва хулосаҳои амалисозии стратегияи қаблии рушди миллӣ, яъне СМР-2015 ба инобат гирифта шудааст. Дар барномаи мазкур омадааст, ки он идомаи мантиқӣ ва инкишофёфтаи чунин самтҳои афзалиятноки рушди миллии дар СМР-2015 инъикосёфта ба ҳисоб меравад:

1. ислоҳоти идоракунии давлатӣ;

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе – 2006. саҳ. 15.

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе – 2006. саҳ. 13-15.

2. инкишофи бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ;
3. рушди неруи инсонӣ.

Стратегияи нав роҳнамоии ислоҳотро дар тамоми сатҳи идоракунии давлатӣ, ҳам соҳавӣ ва ҳам ҳудудӣ, таъмин мекунад. Тоҷикистон дар соли 2030 кишвари дорои рушди устувор ва рақобатпазир хоҳад буд, ки аҳолии он аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ бо имкониятҳои фаровон барои татбиқи неруи инсонӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ, адолат ва эҳтиромгузорӣ ба шаъну шарафи инсон баҳра мебарад.[1] СМР-2030 бо дарназардошти тағйироти солҳои охир, ки дар кишвар ва ҷаҳон ба амал омадаанд, бахусус таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонии солҳои 2007-2009 ба иқтисодиёти кишвар тартиб дода шудааст. Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд:

а) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;
б) аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан;
в) таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;
г) вусъат додани шуғли муфид[2].

Марҳилаи дуюми татбиқи СМР-2030 солҳои 2021-2025-ро дар бар гирифта, марҳилаи рушди суръатнок арзёбӣ шудааст, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст. Дар ин марҳила татбиқи баландтарини иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд, ки дар ҷараёни иҷрои “Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” пешбинӣ шудааст, таъмин мегардад. Якбора зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт мегардад.

Афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва маблағҳои пасандозҳои дохилӣ ба даст меояд. Афзалияти муҳим дар ин марҳила татбиқи стратегияи амнияти энергетикӣ буда, ҳадафи он баланд бардоштани фаъолият ва суръатнок будани рушди соҳаи энергетикӣ дар шароити талаботи афзоянда аз ҷониби аҳолӣ ва иқтисодиёт бояд ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади бартараф намудани тафовути иҷтимоӣ, аз ҷумла гендерӣ, таҳкими дастгирии ниҳодҳо, ки ба масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ фаъолият мебаранд, захираҳои мавҷуда дуруст роҳандозӣ шуда, сармоягузориҳои иловагӣ ҷалб карда мешаванд.

Вазифаи асосӣ дар ин марҳила сафарбар намудани захираҳои молиявии субъектҳои иқтисоди миллӣ, бонкҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд бо мақсади бозсозии сохтории иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

Такмилдиҳии сиёсати иқтисодӣ ва низоми институтсионалӣ ба иҷрои тадбирҳои зерин равона мегардад:

- вусъатдиҳии дастрасии истеҳсоли маҳсулоти дорои афзалиятҳои қиёсӣ;
- барқарор ва сохтмони иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ;
- тағйири самти талаботи дохилӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ;
- фароҳам овардани заминаҳои қонунгузорӣ ва институтсионалӣ барои барномаҳои инноватсионии миллӣ;

---

[1] «Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», Душанбе, Констраст- 2018 саҳ. 165.
[2] «Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», Душанбе, Констраст- 2018 саҳ. 166

- тайёр кардани мутахассисоне, ки ба талаботи бозори меҳнати муосир ҷавобгӯ мебошанд;

- истифодаи афзалиятҳои низоми идоракунии ҳамгироии захираҳои обӣ;

- рушди минбаъдаи бозори молиявӣ ва суръат бахшидан ба гардиши сармояи дохилӣ[1].

Дар СМР-2030 ҳамчунин зикр ёфтаст, ки ислоҳот дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаҳои иҷтимоӣ дар такя ба натиҷаҳои назарраси бадастомада оид ба истифодаи равишҳои нави идоракунии рушди сармояи инсонӣ равона мегардад. Ҳалли асосӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва ташаккулёбии табақаи миёна алоқаманд хоҳад буд. Дар манотиқи кишвар тадбирҳо оид ба рушди инфрасохтор, ба анҷом расонидани ташаккулёбии асосҳои институтсионалии шаҳришавӣ тавассути мусоидат ба ташкили кластерҳои гуногун ва долонҳои иқтисодӣ, инчунин ташаккулёбии низоми шаҳрҳои миёна ва хурд, шаҳракҳои калони ҳамчун “нуқтаҳои устувори рушд” амалӣ мегарданд.

Иҷрои чунин масъалаҳои ҳаётан муҳим аз бисёр ҷиҳат ба самаранокии фаъолияти бонкӣ алоқаманд аст. Пешвои миллат ҳанӯз дар соли 2019-ум ҳини мулоқоти худ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар фаъолияти сохторҳои марбутаро мавриди таҳлил қарор дода, ба онҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот ва вазифаҳое, ки иҷрояшон барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллии мо хеле заруранд, дастурҳои мушаххас дода буд. «Ҳарчанд ки тайи 10 соли охир суръати миёнаи рушди иқтисодӣ дар сатҳи беш аз 7 фоиз таъмин гардида истодааст, вале сифати он моро қонеъ карда наметавонад, - изҳор дошт Роҳбари давлат.- Вобаста ба ин, дар соҳаҳои иқтисоду молия ва бонкдорӣ камбудиву мушкилоти зиёде ҷой доранд, ки андешидани чораҳои дахлдорро тақозо менамоянд»[2].

Пешвои миллат дар баробари масъалаҳои марбут ба ҷараёни нокифояи татбиқи ислоҳоти идораи молияи давлатӣ, таъмин намудани суботи молиявӣ дар кишвар, номукаммалии низоми маъмурикунонии андоз, афзоиши номувозинатӣ ва иҷрои сифатноки қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва муфлисшавии чор бонки кишварро боиси ташвиши ҷиддӣ арзёбӣ намуд.

Дар робита ба ин мавзӯъ Роҳбари давлат аз ҳадафҳои СМР-2030 ёдовар шуда, таъкид намуд, ки дар ин барномаи дарозмуҳлат бо мақсади баланд бардоштани қобилияти рақобати низоми молиявӣ, пешрафти инфрасохтори он, таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таҳким бахшидан ба иқтидори кадрӣ дар ин самт ва такмили минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявӣ чораҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд. Ноил шудан ба ин мақсадҳо аз роҳбарият ва мутахассисону кормандони бахшҳои иқтисодиёт, молия ва бонк маҳорати касбӣ ва масъулияти баландро тақозо менамояд.

Ҳанӯз боқӣ модани камбудиҳои марбут ба фаъолияи сохтории бонкҳо, аз ҷумла зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои ғайрифаъол, паст будани сатҳи захираҳои софи байналмилалӣ, қобилияти пардохт ва сармояи бонкҳо, сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт, лапишҳои асъорӣ, таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пасти аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ мунтазам дар суханрониҳои Пешвои миллат хотирнишон карда мешаванд.

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе – 2006. саҳ. 24-25.

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар ( 10. 05. 2019)

Маҳз чунин камбудиҳо ва таъсири омилҳои дохиливу берунӣ ба он оварда расонид, ки як қатор бонкҳои ҷумҳурӣ фаъолияти худро ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ба роҳ намонда, дар натиҷа дучори вазъи буҳронии низоми бонкӣ гардиданд. Ҳукумати кишвар зарур донист, ки иҷозатномаи бонкҳое, ки мушкилот доштанд, бозхонд карда карда шаванд.

Яке аз марҳиллаҳои ташаккули фаъолияти бонкӣ оид ба таҳкиму дастгирии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди сохтории бонкҳо ба шумор меравад. Аз рӯи маълумоти коршиносони соҳа то охири соли 1997 дар ҷумҳурӣ 28 бонк ба қайд гирифта шуда буд, ки аксари онҳо заминаҳои устувори сармоявӣ надоштанд, бинобар ин, дар онҳо назорати бонкӣ дар вазъи ногувор қарор дошт. Дар шароити кунунӣ иҷозатномаи 14 бонки тиҷоратӣ барои гузаронидани фаъолияти бонкӣ бозхонд карда шудааст.

Шурӯъ аз соли 1995-ум дар доираи чорабиниҳо оид ба ислоҳоти фаъолияти бонкию молиявӣ, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул ва нақшаи дурнамои рушди идоракунии назорати бонкӣ таҳия гардидааст. Дар баробари ин, коршиносони соҳа аз ҷумла чунин камбудиҳои фаъолияти бонкии кишварро ошкор намудаанд: заминаҳои сусти сармоявии бонкҳо; пурра риоя нагардидани меъёрҳои иқтисодӣ; сатҳи пасти сифати дороиҳои бонкӣ; мавҷуд набудани идоракунии корпоративӣ ва технологияи нави бонкӣ; мавҷуд набудани заминаҳои қонунгузорӣ барои таъсиси ташкилотҳои хурди молиявӣ; қавӣ набудани боварии маблағгузорон ба бонкҳо ва ғ[1].

Мафҳуми «рушди устувор» маҷмӯан навсозиҳои саноат, инфрасохторҳо, «иқтисодиёти сабз», мубориза алайҳи камбағалӣ ва нобаробарии иҷтимоиро ифода менамояд. Рушди устувор дар заминаи суботи молиявӣ таъмин мегардад. Суботи молиявӣ ҳолатест, ки дар он ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ (бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ) муътадил ва бе осебпазирӣ фаъолият намуда, дар муқобили таъсири хавфҳо ва шахшавиҳои берунӣ сатҳи баланди субот, фаъолнокии бахшҳои низоми молиявӣ ва миёнаравии молиявии босамарро таъмин карда, барои устувор гардидани рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд.[2]

Бинобар ин, тамоми кишварҳои ҷаҳон мақомоти ваколатдори соҳа барои нигоҳ доштани суботи молиявӣ саъю кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Сиёсати пулию қарзӣ бошад, аз раванди танзим ва идораи пешниҳоди ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кутоҳмуддати фоизии бозори байнибонкӣ тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ иборат буда, пеш аз ҳама барои ба даст овардани суботи нархҳо ва ба ин васила мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад.

Бо дарназардошти мафҳумҳои зикргардида тадбири ягонаи пешгирии буҳронҳои ҷаҳонии молиявӣ саҳмгузории фаъолонаи бонкҳо дар таъмини иқтисодиёти наву устувор ба шумор меравад. Низоми пардохтии миллӣ яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ мебошад, ки фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро дар заминаи сари вақт ва бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо таъмин намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ёдовар бояд шуд, ки иштирокчиёни низомҳои пардохтӣ дар кишвар Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва Сарраёсати Хазинадории

---

[1] Каримова М. Т. «Всемирная торговая организация (ВТО), банковская и финансовая системы Республики Таджикистан, стимулы и препятствия для роста инвестиций». file:///C:/Users/User/Desktop/бонк/Каримова%20М.Т.%20

[2] Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон: Суботи молиявӣ https://nbt.tj/tj/payment_system/ (саннаи муроҷиат)

Марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Тибқи иттилоти расмӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёда аз 328 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ амал мекунанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди низоми пардохтӣ таваҷҷуҳи хос дода, ташкили фаъолияти низоми самараноку боэътимоди пардохтӣ, клиринг, ҳисоббаробаркунӣ ва ва интиқоли маблағҳои пулиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ухда дорад, фаъолияти онҳоро танзим ва назорат менамояд. Бонки мазкур ҳамчун бонки марказӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ кардааст, мустақилан барои таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат масъул мебошад[1].

Аз ҷумла, тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар Бораи Бонки Миллии Тоҷикистон" «Мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ноил шудан, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмӯҳлат мебошад. Мақсадҳои иловагии Бонки миллии Тоҷикистон таъмини устувории низоми бонкии давлат; мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт маҳсуб меёбанд».

Барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо мутобиқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин намудани иҷрои пурсамари вазифаҳои фаъолияти бонкӣ
дар самти сиёсати пулию қарзӣ, таҳлилҳои илман асосноки иқтисодию пулӣ, танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, нигаҳдорӣ ва идораи захираҳои байналмилалӣ, иҷрои ҳадафманди амалиёти бонкӣ мусоидат менамоянд.

Назар ба ақидаи коршиносон иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутассил «сабз» мешавад, насли нав бо тафаккури нави марбут ба молҳои ниёзи аввал ва фарҳанги комилан дигари кордонӣ тавлид меёбад. Таъкидан ёдовар бояд шуд, ки истифодаи муассир ва самараноки роҳу воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои милливу давлатӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Бо ин мақсад аз ҷумла иҷрои вазифаҳои зерин дар мадди аввал гузошта шудаанд: эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои таҳкими имкониятҳои иқтисодӣ ва тавсеаи зербинои иқтисодии кишвар; ҳамкорӣ ба мақсади ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқии рушди «иқтисодиёти сабз», бо дарназардошти таҷрибаҳои муосири ҷаҳонӣ ва мавҷудияти шароити мусоиди он дар кишвар ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ дар ин соҳа; таъмини шароити мусоиди тиҷоратӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар доираи робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ; ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ширкатҳои давлативу тиҷоратии хориҷӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги зербиноӣ, энергетикӣ ва нақлиёти дорои аҳамияти минтақавӣ ва ғ[2].

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии ҳукумати ҷумҳурӣ рушду такомул меёбад, ки самтҳои фаъолиятро ҷиҳати таъмини шароитҳо барои рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, коҳиш додани суръати беқурбшавии пул, афзоиши захираҳои сармояи хориҷӣ, иҷрои нишондиҳандаҳои мақсадноки барномаҳои молиявӣ дар доираи дурнамои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва ғайраро фаро мегирад.

Дар иҷрои ин ҳадафҳо сиёсати «дарҳои кушода» нақши муассир мегузорад. Ин сиёсати хирадмандона, ки маҳз бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шудааст, барои пайваста таҳким бахшидан ба равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судманд бо аксар давлатҳои ҷаҳон мусоидат менамояд.

[1] Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон: Низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://nbt.tj/tj/payment_system
[2] «Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», Душанбе, Констраст- 2018 саҳ. 228.

Ҳамин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, дар равандҳои ҳамгирой бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмону ниҳодҳои ҷаҳонӣ фаъолона ширкат меварзад.

Бонки миллии Тоҷикистон ба низоми байнибонкии Иттиҳоди телекоммуникатсионии умумиҷаҳонии байнибонкӣ - SWIFT ворид гаштааст, ки самтҳои асосии фаъолияти ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ пешниҳоди хизматрасониҳои фаврӣ, боъэтимод, самарабахши телекоммуникатсионӣ барои бонкҳо, ташкили корҳои бамеъёрдарории шаклу усулҳои мубодилаи иттилооти молиявӣ ба шумор меравад.

Дар шароити муосир SWIFT қариб 4 800 бонк ва ташкилотҳои молиявии ҷаҳониро муттаҳид менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро тавассути шабакаҳои SWIFT аз соли 1999 –ум инҷони ба роҳ мондааст. Узвияти БМТ ба ин иттиҳод аз ҷумла имкон медиҳад, ки бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ робитаҳои хеле васеъ ва босуръати молиявию иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монда шавад.

Дар кишвари мо барои сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати иштирок дар бозори байнибонкии асъор шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Дар доираи ҳамкорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ, аз қабили Бонки Исломии Рушд, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилали асъор ислоҳоти дар ин самт гузаронидаи кишвари мо тавассути маблағгузориҳо дар татбиқи лоиҳаҳо дастгирӣ меёбад.

Тавсеаи ҳамкориҳои молиявӣ бо сармоягузорони хориҷӣ барои фароҳам овардани ҳаёти шоистаи мардум, бахусус рушди соҳаҳои идоракунии давлатӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, захираҳои табиӣ, маориф, тандурустӣ, энергетика, ҳамчунин муқовимат ба бемории сироятии ба истилоҳ «коронавирус» (COVID-19) хеле хуб мусоидат менамоянд.

Бо дарназардошти таҳдиди хавфи COVID-19 созмонҳои байналмилалии байналмилалӣ тақвияти мубориза бо ин бемории сирояткунанда ва таъмини эҳтироми ҳуқуқҳои дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандонро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, зарур мешуморанд, ки барои беҳдошти шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон ҳамаҷониба мусоидат карда шавад. Ҷумҳуриии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдории худро ба чунин сиёсати башардӯстона иброз дошта, дар густариши ҳамкориҳо бо ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ қадамҳои устувор мениҳад.[1]

Ҳамин тариқ, дар доираи муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии миллӣ, таъмину тақвият бахшидан ба раванди воридшавии субъектҳои миллӣ ба фазои байналмилалии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъолияти босамари онҳо мақоми аввал ишғол мекунанд.

**Адабиёт**

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар ( 10. 05. 2019)
2. Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон"
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

[1] Каримова М. Т. «Всемирная торговая организация (ВТО), банковская и финансовая системы Республики Таджикистан, стимулы и препятствия для роста инвестиций». file:///C:/Users/User/Desktop/бонк/Каримова%20М.Т.%20

5. Каримова М. Т. «Всемирная торговая организация (ВТО), банковская и финансовая системы Республики Таджикистан, стимулы и препятствия для роста инвестиций».
6. «Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», Душанбе, Констраст- 2018
7. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. https://nbt.tj/tj/payment_system/

# ФИНАНСОВАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ - ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

**САИДОВА ХУМАЙРО УБАЙДУЛЛОЕВНА,**
кандидат экономических наук, доцент
кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 938-84-60-05. E-mail: humayro.saidova@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы эффективного использования экономической дипломатии в национальных интересах, что является одним из важнейших направлений внешней политики Республики Таджикистан.*

*По мнению автора, высшей целью долгосрочного развития Таджикистана является повышение уровня жизни населения страны на основе обеспечения устойчивого экономического развития.*

***Ключевые слова:*** *экономическая дипломатия, эксперты ООН, банки, экономическая деятельность, финансовая система, инвестиции, человеческий капитал, национальное развитие, стратегия, депозиты, отрасли, карты, макроэкономика, бюджет, человеческий капитал, финансовый кризис, полезная занятость, энергетическая безопасность, социальная разница , национальная экономика, международные банки, партнеры по развитию, национальная экономика, внутренний капитал, проблемные кредиты, банковские активы, финансовая устойчивость, финансовая структура, денежно-кредитная политика, платежные системы, центральный банк, банковская система.*

# FINANCIAL STABILITY - A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT IN THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE

**SAIDOVA HUMAYRO UBAYDULLOEVNA,**
Candidate in Economics, Associate Professor Department
Of Human Resources Management of the Academy of Public
Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 938-84-60-05. E-mail: khumayro.saidova@mail.ru

*The article discusses the issues of effective use of economic diplomacy for national interests, which is one of the most important areas of the foreign policy of the Republic of Tajikistan.*

*According to the author's point of view, the highest goal of the long-term development of Tajikistan is to raise the standard of living of the country's people on the basis of ensuring sustainable economic development.*

***Key words:*** *economic diplomacy, UN experts, banks, economic activity, financial system, investment, human capital, national development, strategy, deposits, branches, cards, macroeconomic, budget, human capital, financial crisis, useful employment, energy security, social difference , national economy, international banks, development partners, national economy, domestic capital, non-performing loans, bank assets, financial stability, financial structure, monetary policy, payment systems, central bank, banking system.*

УДК: 347.9

# ИСЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ-СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИНЪИКОСИ ОНҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ СУДИИ ВМКБ

**АЛИНАЗАРОВА КИФОЯТ,**
муаллимаи калони кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯч. Ш. Шоҳтемур, 109.
Тел.: (+992) 935-40-53-49. E-mail: alinazarova.kifoyat@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба фаъолияти судҳои ВМКБ –ро дар шароити ислоҳоти соҳа дар замони истиқлолият мавриди мухокима кароp медихад. Дар мақола қайд шудааст, ки вазифаи судҳои умумӣ ва ниҳодҳои давлатӣ – адлия мувофиқат карда мешуд ва мӯҳлати дида баромадани парвандаҳо мувофиқи қонун муайян гардид. Тамоми роҳбарӣ аз болои судҳои вилоятиро ниҳодҳои давлатӣ иҷро мекарданд. Дар мақола инчунин оид ба фаъолияти судхо ҳамчун ниҳодҳои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон гуфта шуда, қайд гардид ки судхои вилояти Кӯҳистони Бадахшон қисми муҳими системаи судии давлатиро ташкил мекарданд, ки ваколати он дар замони истиқлолият бо қабул шудани Конститутсия комилан беҳтар гардид.*

***Калидвожаҳо***: *истиқлолият, судҳо, ҷиноят, судя, бетартибӣ, қонун, зарар, вилоят, Бадахшон.*

Соли 1994 аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул шуда, барои коркард ва қабули як қатор қонунҳо, ки ташкил ва тартиби фаъолияти судҳо ва умуман ҳамаи системаи судии ҷумҳурӣ, манбаи ҳуқуқӣ гардид. Дар асоси меъёрҳои он қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи суди конститутсионӣ», «Дар бораи Суди Олӣ», «Дар бораи Судҳои иқтисодӣ», « Дар бораи Судҳои ҳарбӣ» қабул шуданд. Дар асоси қонунгузории нав ваколати судҳо комилан васеъ карда шуд. Суд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ аз қувваи маҷбурсозии давлатӣ истифода мебарад, ки чунин шакли маҷбурсозии давлатӣ, пеш аз ҳама, дар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад дар шакли ҷарима ё дар шакли ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ карда шавад. Масалан, тибқи моддаи 415 КМГ шахси мансабдор, ки барои гум кардани ҳуҷҷатҳои иҷрои додашуда гунаҳкор аст, метавонад аз ҷониби суд ба андозаи то сад нишондиҳанда, барои ҳисобҳо ҷаримабандӣ карда шавад. Дар баробари ин Конститутсия ваколати судҳоро вобаста ба соҳаҳаои фаъолият ҷудо намуд ва ин имкон дод, ки сарбории судяҳо камтар шавад. Конститутсияи нав инчунин ваколати судяҳоро дар мӯҳлати 10 сол нишон дод. Дар Конститутсияи нав гуфта шуд, ки минбаъд судяҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва дигар вилоятҳо бо пешниҳоди Шурои адлия аз тарафи Президент таъин ва озод карда мешавад. [1,5]

Конститутсияи нав инчунин мустақилияти судҳо ва принсипҳои баробарии тарафҳо дар назди қонун ва ошкоро будани мурофиаи судиро эъло намуд, ки ин бевосита равандҳои демократии замони навро дар кори судҳо таҷассум мекард.[4,129] Яке аз хусусиятҳои фарккунандаи Конститутсияи нав аз қонунҳои замони Шуравӣ дар он буд, ки дар сарқонуни нав бори аввал бетарафии сиёсии судяҳо, бетарафии иқтисодӣ ва вобастагии онҳо аз дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ инъикос гардид.

Ташкил, ваколат ва тартиби фаъолияти Суди Олиро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди Олии Чумҳурии Тоҷикстон» муайян мекунад.Суди Олӣ аз раис, ҷонишини аввали вай, ҷонишинон,судяҳои Суди Олӣ иборат аст ва дар ҳайати Пленум, Раёсат мушоварaи судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, мушовараи судӣ оид ба

парвандаҳои ҷиноӣ ва мушовараи ҳарбӣ, амал мекунад. Раиси Суди Олӣ, ҷонишини якуми вай, ҷонишин ва судяҳоро Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурӣ ба мӯҳлати 10 сол интихоб мекунад. Мувофиқи қонун, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии ҳокимияти судӣ дар соҳаи истеҳсолоти судии шаҳрвандӣ, ҷиноӣ ва маъмурӣ мебошад.Санадҳои қабулкардаи вай ниҳоӣ буда, иҷрои он дар тамоми қаламрави Тоҷикистон,ҳатмист. Он дорои ҳуқуқи назорат аз болои фаъолияти судии суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, ноҳиявӣ,шаҳрӣ ва ҳарбӣ мебошад.[3,144]

Вазъияти ҷанги шаҳрвандӣ кори судҳои вилоятро боз ҳамдушвор гардонид. Шумораи ҷиноятҳои куштор дар ин солҳо бештар содир гардиданд. Илова бар ин боз ҷиноятҳои ғоратгарӣ бо истифода аз силоҳ мушоҳида мешуданд. Дар ин маврид «раванди музокироти сулҳи тоҷикон бо имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид».[7,55]

Дар соли 1997 дар Суди вилояти мухтори Бадахшон ба тартиби назорат 5 парвандаи ҷиноятӣ дида шуд, ки аз онҳо дар чор маврид раддия дода, дар як парванда шикоят қонеъ гардонда шуд. Дар тартиби касатсионӣ 12 парвандаи ҷиноятӣ, ки аз онҳо 7 парванда бо шикояти прокурор ворид шуд. Ҳамагӣ дар зинаи якум ба идораи Суди вилоят дар соли 1997 42 парванда, аз онҳо 14 парванда аз соли 1996 буда, 37 парванда дида шуданд. Аз рӯи ин парвандаҳо 58 нафар ҳукми ҷазо гирифтанд. Аз он ҷумла бо ҷазои аз озодӣ маҳрум – 32 нафар, корҳои ислоҳкунӣ -13 нафар, ҷарима-2, бо ҳукми шартнок- 3 нафар, ҳукми шартнок бо ҷалб кардан ба кор -2 нафарва ба таъхир гузошта шуд – 2 нафар ҳукми судӣ гирифтанд. Маблағи ҷарима дар ин сол 3 880 607 рублро ташкил дод. Дар ҳуҷҷатҳои бойгонии соли 1997 дар ҳуҷҷати суди вилоят қайд гардидааст, ки нисбати колхоз ва совхозҳо руёнидани зарар таъин гардидааст. Аз он ҷумла нисбати колхозҳо 370652 рубл ва нисбати совхозҳо 1013697 рубл пардохти зарар таъин гардид. Ҳамагӣ барои пардохти зарари расонидашуда 1 145 075 рубл таъин шудааст.[9,45]

Бо қабул гардидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 № 48 мақомоти коллегияи- Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳокимияти судӣ аз зери итоати Вазорати адлияи Тоҷикистон бароварда шуд ва масъалаҳои таъмини ташкили ва моддиву техникии судҳо, таҳия намудани таклифотҳо оид ба ислоҳоти судӣ, хоста гирифтан, пешбарии судяҳо ба вазифа ба Шурои адлияи Тоҷикистон вогузор гардид. Ин ба системаи ҳисоботдиҳии судҳо тайғирот даровард. [2,2]

Фаъолияти судҳои вилоятро дар ин солҳо таҳлил карда, ҳаминро бояд қайд кард, ки дар баробари муваффақиятҳо инчунин камбудиҳо низ ҷой доштанд. Масъалаи манфии кори судҳо дар солҳои 90-ум ин хаттогиҳо дар парвандаҳои судӣ мебошад, ки он сабаби асосии коста гардидани боварии мардум нисбати ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ гардид. Зеро хусусияти асосии кори судяҳо дар он зоҳир мегардад, ки судя бояд дар кори худ аз муносибатҳои ахлокӣ дар назди айбдоршаванда ва аҳли ҷомеа фаромуш накунад. Маҳз ҳамин омил адолати судиро таъмин мекунад.[6,90] Таъмини ҳақиқати ҳол роҳи асосии пайдо кардани адолати судӣ мебошад. Аз ин рӯ ҳар як судяро мебоист дар асоси донишҳои ҳуқуқӣ, психологӣ ва ахлоқӣ амали айбдоршавандаро баҳогузорӣ намояд. Ин чунин маъно дорад, ки судя бояд дар баровардани қарор ба нуктаи қонун такя кунад, ба қарори додашуда боварӣ дошта бошад ва масъулияти худро дар назди ҷомеа барои қарори мазкур эҳсос намояд, «зеро муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар он маврид устувор мегарданд, агар дар давоми баҳсҳо қарори дуруст пайдо шавад ва

адолати судӣ ҷорӣ карда шавад. Дар ин маврид боварӣ нисбати системаи судӣ ва масъулияту интизомнокии тарафҳо меафзояд».[1,67]

Дар хулосаи тадқиқоти ин мақола, ҳаминро бояд қайд кард, ки дар давоми солҳои 1992-1993 Ҳукумати Тоҷикистонро зарур омад, ки системаи судиро аз нав барқарор намояд. Дар ин давра кормандони суд бо даъвати инсофу адолат кори худро идома медоданд ва ин буд, ки дар соли 1994 Конститутсияи нав қабул гардид. Минбаъд дар солҳои то 2018 кори системаи судӣ ба роҳ монда шуд ва дар худуди вилоят кори судҳо пеш рафт. Давраи истиқлолият ин давраи сохтмони системаи нави давлатдорӣ буд ва аз ҳамин лиҳоз мардум дар якҷоягӣ бо давлат ва сохторҳои кудратӣ аз паи омузиши қонунҳои нав буданд, ки онҳо қариб ҳар моҳ мебаромаданд ва ҳамеша мутобиқати ин қонунҳо бо қонунгузории байналмилалӣ назорат карда мешуд. Танҳо дар аввали солҳои 2000 мо гуфта метавонем, ки сохтмони системаи давлатдорӣ ба охир расид ва кори судҳо ба пешравӣ ноил гардид. Хусусияти хоси фаъолияти судҳо дар ин давра аз он иборат буд, ки дар ин давра ошкоро будани мурофиаи судӣ, иштироки фаъоли адвокатҳо дар мурофиа ва таъмини ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи судӣ аз тарафи давлат таъмин карда мешуд.

**Адабиёт**

1. Ализода З.,Малаев М., Зоиров Ш. Шеров С., Суди ҳакамӣ.-Душанбе, - 2008. - 164 с.
2. Аз суҳбати муаллиф (Алиназарова К.С.) бо собиқадори соҳаи суд дар ВМКБ Шомусалламов С., аз 23 ноябри соли 2018с. ш. Хоруғ. -Ленин 23.
3. Давлатов У.А. 70 сол Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.А.Давлатов. 70 умин солгарди Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе:. 1998. – 223 с.
4. Иброҳимов С.И. Адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Падидаи ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон. - Душанбе. «Ирфон» - 2011. - 356 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016). - Душанбе 1994. - 35 с.
6. Кобликов А.С. – Юридическая этика. – М.: - 1999. - 120 с.
7. Президенти мо! Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: - 2006. - 457 с.
8. Ҳисобот оиди парвандаҳо дар судҳои ВМКБ дар солҳои 1995-1999. -67 с.
9. Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ. – Парвандаи №609, хазинаи №53, руйхати 6. - В. 35. - 80 с.

## СУДЕБНО-ПРАВОВАЯ РЕФОРМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ ОТРАЖЕНИЕ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДОВ ГБАО

**АЛИНАЗАРОВА КИФОЯТ,**
старший преподаватель кафедры истории таджикского народа
Хорогского государственного университета им. Моеншо Назаршоева.
736000, Республика Таджикистан, ш. г. Хорог, ул. Ш. Шахтемур, 109.
Тел.: (+992) 935-40-53-49. E-mail: alinazarova.kifoyat@mail.ru

*В данной статье автор ставит на обсуждение проблемы работы судов в ГБАО и отмечает их изменения в свете принятия новой Конституции Республики Таджикистана. В статье отмечается что суды выполняют свою работу на добровольных началах и их роль была определена в новой системе как органы самостоятельного ведения судебной справедливости. Автор в частности отмечает, что в суды улучшили порядок рассмотрения дел в судов общественных сходно с делами судов общей юрисдикции и срок рассмотрения был ограничен по новому законодательству. В данной статье также автором упоминаются*

*изменения структуры работы судов и их роли в правовом воспитание населения. Также автор отмечает, что суды явились важной частью государственной системы на территории Горно-Бадахшанской автономной области, указывая на их роль в предотвращение преступлений в период независимости Республики Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *независимость, суды, судья, преступление, беспорядок, ущерб, область, Бадахшан.*

## THE COURT REFORMS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS REFLEKTION IN ALTIVITY OF COURT OF GBAO

**ALINAZAROVA KIFOYAT,**
Senior Lecturer, Department of History of the Tajik People,
Khorog State University after named M.Nazarshoev.
736000, Republic of Tajikistan, Khorog, 109. Sh. Shakhtemur Str.
Phone: (+992) 935-40-53-49. E-mail: alinazarova.kifoyat@mail.ru

*In this article, author notes about reformation establishment of court in Republic of Tajikistan and note its influence of GBAO court activity during independence years. Author notes the job of courts was ~~an~~ in government function. But during the courts plenary they had not exceed from their main job as it's determinate in law. To main the role courts noted that courts work with the criminal files with society disorder. In this article author also note that public courts work with new Law and Constitution the order of courts work resemble with people jurisdiction courts and there was one deadline for all of the case, plead a case and bring an action in restriction period. In this article author also notes about regional courts and they role in legal aid and assistance in society. Also author notes that courts had an active position in upbringing process among population as important part court system in Gorno-Badakhshan autonomous oblast.*

***Key words**: Independence, courts, crimes, disorder, penalty, plenary, region, Badakhshan.*

УДК: 347.4.

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ

**ДУСТОВ СУЛАЙМОН АБДУЛЛОЕВИЧ,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Наҳимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru
**ВАЙСОВ ШОҲИН БАХТИЁРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Наҳимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳо оид ба табиати ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки вобаста ба талаботи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи сармоягузории шарикӣ дорои баъзе ҷузъиёти хос мебошад, ки мавқеи онро дар низоми шарномаҳои ҳуқуқи гражданӣ муайян менамояд. Ин хусусиятҳо пеш аз ҳама дар муттаҳидии сармоягузорон, якҷоя намудани дороиҳои одӣ ва ғайримоддӣ, бисёрҷабҳа будани додугирифт, иттиҳоди муштарак, ки таъсиси шахси ҳуқуқиро талаб наменамояд, мақсади ягона доштани сармоягузорон ва хусусияти эътимоднокии шарикӣ иборат мебошанд.*

*Дар мақола ишора меравад, гарчанде оид ба табиати ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ андешаҳои мухталифи муҳаққиқони зиёд ҷой дошта бошанд ҳам, аксари онҳо шартномаи мазкурро шартномаи консенсуалӣ, музднок дуҷониба ва бисёрҷониба муаррифӣ менамоянд. Дар матни мақола ҳамзамон баҳсу мунозираҳои муҳаққиқони соҳа оид ба баъзе ҷузъиёти шартномаи сармоягузории шарикӣ, ки аз созиши тарафҳо ва иродаи тарафҳо вобаста мебошанд, ишора рафта, бештар масоили баҳсбарангез оид ба муздонкӣ, бемузд будан, дуҷонибагӣ ва бисёрҷонибагии шартномаи сармоягузории шарикӣ матраҳ шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *шартномаи сармоягузории шарикӣ; табиати ҳуқуқӣ; консенсуалӣ; музднок; бемузд; дуҷониба; бисёрҷониба; оферта аксепт; оферент аксепент; қонунгузор; Кодекси гражданӣ; иттиҳод.*

Шартномаи сармоягузории шарикӣ яке аз навъҳои нисбатан нави шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя ба шумор рафта, солҳои охир дар баъзе давлатҳои пешрафтаи дунё маъмул гашта, дар муносибатҳои сармоягузорӣ аз ҷумла сармоягузории шарикӣ мавриди корбурд қарор мегирад. Афзалияти шартномаи мазкур дар он дида мешавад, ки он дар доираи ширкати оддӣ ташкил гардида, бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амал менамояд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки сармоягузорон дар як мӯҳлати кутоҳ муттаҳид гардида, бе ҳуҷҷатгузориҳои зиёдатӣ фаъолияти худро дар доираи шартнома амалӣ намоянд.

Бо назардошти онки шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз намудҳои муосири шартномаи ширкати одӣ мебошад, баъзе муҳаққиқон ба он назаранд, ки он дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки онҳоро айнан дар шартномаи ширкати одӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан А.И. Фридман масъалаи мазкурро таҳлил намуда чунин хулоса мебарорад, ки «Аксарияти аломатҳое, ки ба шартномаи ширкати одӣ хос мебошанд, ба шартномаи сармоягузории шарикӣ низ таалуқ доранд»[1, с. 121]. Ин хусусиятҳо иборатанд аз: дуҷониба ва бисёрҷониба будани шартнома; муттаҳидии шарикони сармоягузор, ки таъсиси шахси ҳуқуқиро талаб наменамояд; шарикон амалеро анҷом медиҳанд, ки бо ин мақсад муттаҳид шудаанд; мақсад бояд барои ҳамаи

шарикон умумӣ бошад; шартнома дорои хусусияти фидутсиарӣ (эътимоднокӣ) мебошад [8, с. 306-307].

Аз рӯи таҳлилҳо боз дигар нишонаҳоии шартномаи сармоягузории шарикиро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки онҳо дар шартномаи ширкати одӣ низ мушоҳида мегарданд: а) иттиҳод бо ширкати шахсии ҳар кадоме аз шарикон дар фаъолияти якҷояи онҳо алоқаманд мебошад; б) шарикон уҳдадоранд барои фаъолияти якҷояи сармоягузорӣ саҳм гузоранд. в) фаъолияти сармоягузорон бо мақсади гирифтани фоида равона карда шудааст.

Шартномаи сармоягузории шарикӣ аз ҷониби ду ё зиёда ашхосе, ки шарикон номида мешаванд баста мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат роҷеъ ба ҷонибҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ метавон нуқтаи назари чунин муҳаққиқонро ба инобат гирифт: Масалан Е. В. Соломонов шартномаи сармоягузории шарикиро ду ё бисёрҷониба маънидод менамояд[10, с. 64]. Ин хусусиятҳо дар шартномаи ширкати одӣ низ дида мешаванд ва вобаста ба ин масъала М.З. Раҳимзода шатномаи ширкати одиро шартномаи дуҷониба ва бисёрҷониба унвон медиҳад. [16, с. 405]. Ин ақидаро муҳаққиқон дигар Масляев А.И., Масляев И.А. низ дастгирӣ намуда зикр менамоянд, ки дар шатномаҳои ширкати одӣ ду нафар субъектон ё бештар аз он иштирок менамоянд. Аз ҳамин нуқтаи назар онҳо ба он ақидаанд, ки шатномаи ширкати одӣ шартномаи дуҷониба ё бисёрҷониба шуда метавонад[15, с. 25].

Аммо баръакси гуфтаҳои боло дигар олимон хусусияти бисёрҷонибагии шатномаҳоро дар доираи шартномаи ширкати одӣ дастгирӣ намуда, ин шартномаҳоро танҳо шартномаи бисёрҷониба ном мебаранд.

Масалан Г.Е. Авилов қайд менамояд, ки шатномаи ширкати одӣ аз дигар шартномаҳо фарқ дорад ва аслан он на дуҷониба, балки бисёрҷониба мебошад[2, с. 32]. Яъне дар он зиёда аз ду шарик иштирок мекунанд. Оид ба ин масъала А.Б. Савельев низ бевосита қайд менамояд, ки шартномаи ширкати одӣ шартномаи дуҷониба набуда, балки ҳангоми додугирифт бисёрҷониба мебошад. Ӯ ҳамзамон ишора менамояд, ки бавуҷудоии уҳдадорӣ аз шартномаҳои бисёрҷониба аз ин ҷиҳат тасниф карда мешавад, ки дар ин гуна шартномаҳо ҳар як иштирокчии шартнома дар як вақт ба уҳдадорӣ дохил гардида дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо дигар иштирокчиён қарор мегирад[19, с. 158].

Аз таҳлил ва омӯзишҳо оид ба шартномаи сармоягузории шарикӣ, ҳамчун яке аз навъҳои шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷая хулоса баровардан мумкин аст, ки новобаста аз он ки дар он се ё бисёртар ё фақат ду ҷониб иштирок менамоянд, ҳамаи шарикон ба ҳам мақсад ва манфиати умумиро доро мебошанд. Маҳз ин ҳолат дар шартномаҳои дуҷониба, ки ҳар кадоме аз шарикон дорои мақсади худ мебошанд ва манфиатҳои худро пайгирӣ менамоянд ҷой надорад.

Бо назардошти андешаҳои боло мо ба он назарем, ки шартномаи сармоягузории шарикиро дар он ҳолат метавон бисёрҷониба унвон дод, ки, барои амалӣ намудани ин шартнома ёрии байниҳамдигарии субъектони зиёди фаъолияти сармоягузорӣ лозим ояд. Вале агар ду шарики сармоягузор низ чунин лаёқатро дошта бошанд назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ бастани шартномаи мазкурро бо ду ҷониб манъ накардааст.

Вобаста ба масъалаи бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки он яке аз навъи шартномаҳои ҳатмӣ буда, сармоягузорон (шарикон) дар он субъектони асосӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат барои ба вуҷуд омадани муносибатҳо аз рӯи ин шартнома аввалан як ҷониб барои бастани шартнома таклиф дар шакли оферта пешниҳод менамояд ва ҷониби дигар ин таклифро қабул намуда, ба он мепайвандад. Дар ҳамин ҳолат агар шарикони дигар ба мақсади дар пешгузошташудаи

ин шарикон ҷалб шаванд, ва аз рӯйи ҳамаи шартҳои пешгузошташуда розӣ шаванд, пас шартномаи мазкурро ҳамчун шартномаи бисёрҷониба эътироф кардан мумкин аст. Аммо агар шартнома байни ду ҷониб баста шавад, шартнома ҳамчун шартномаи дуҷониба боқӣ мемонад. Зикр кардан ба маврид аст, ки новобаста аз он ки шартномаи сармоягузории шарикӣ аз ҷониби ду субъекти фаъолияти сармоягузорӣ ё бештар аз он баста мешавад, он ба як ҳадафи умумӣ яъне расидан ба мақсади ниҳоии шарикон баста мешавад.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд шартномаи сармоягузории шарикӣ хусусияти консенсуалӣ (якдилонагӣ) дошта, аз лаҳзае, ки тарафҳо ба ҳамаи шартҳои он ба мувофиқа омаданд баста мешавад. Вобаста ба ин фикру андешаҳои баъзе аз муҳаққиқонро мисол овардан мумкин аст. Масалан аз нигоҳи Л. О. Грибиниченко шартномаи сармоягузории шарикӣ шартномаи консенсуалӣ буда, аз лаҳзаи ба мувофиқа расидани шарикон аз рӯйи шартҳои он баста мешавад[14, с. 61]. Брагинский М.И., Витрянский В.В. бошанд, қайд менамоянд, ки «Ҳамчун дигар шартномаҳои консенсуалӣ, шартномаҳо дар намунаи ширкати оддӣ, аз лаҳзаи пешниҳоди оферта ва қабули он аз ҷониби шахсе, ки онро аксепт менамояд басташуда ҳисобида мешавад» [5, с. 322]. Шебанова Н.А. низ акидаи мазкурро дастгирӣ намуда шартномаи мазкурро шартномаи консенсуалӣ ҳисоб менамояд, зеро он танҳо ҳангоми ба мувофиқа омадани ҳамаи иштирокчиён ва бахусус гузоштани саҳм аз ҷониби шарикон баста мешавад ва дар он ҳар як шарик бояд амали муайянеро анҷом диҳад. [23, с. 611-612].

Дар бобати консенсуалӣ будани шартномаи ширкати оддӣ, ки яке аз навъҳои он шартномаи сармоягузории шарикӣ мебошад чунин натиҷагирӣ кардан ба маврид аст, ки қариб ҳамаи ҳуқуқшиносони варзидаи соҳаи ҳуқуқи гражданӣ онро ҳамчун шартномаи консенсуалӣ баҳо медиҳанд ва мо низ ба он назарем, ки шартномаи мазкур шартномаи консенсуалӣ мебошад ва шарти ҳатмии бастани он ба созиш омадани шарикон аз рӯи предмети он мебошад.

Доир ба масъалаи музднокӣ ё бемузд будани шартномаи сармоягузории шарикӣ низ дар адабиёти соҳавӣ андешаҳои гуногун ҷой дорад.

Пеш аз он ки мо аз рӯйи масъалаи мазкур натиҷагирӣ намоем месазад талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба хусусиятҳои шартномаҳои музднок ва бе мужд таҳлил намуда, бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони соҳа фикри худро ҷамъбаст намоем.

Меъёри моддаи 455 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шартномаҳои музднок бояд як тараф музд ё барои иҷрои уҳдадориҳои худ пасбаргардонии дигари мутақобиларо гирад ва дар шартномаҳои бе музд бошад баръакс як тараф уҳдадор мешавад ба тарафи дигар бе музд ё пасбаргардонӣ чизе диҳад. Дар сурате, ки аз меъёри қонун, санади дигари ҳуқуқӣ, мазмун ё моҳияти шартнома тартиби дигаре барнаояд, шартнома музднок ҳисоб карда мешавад.

Як зумра олимон ба он назаранд, шартномаҳое, ки дар доираи ширкати оддӣ ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла шартномаи сармоягузории шарикӣ шартномаи бемузд мебошанд, аз ҷумла О.С. Иоффе қайд менамояд, ки «Асосҳо барои онки ин шартномаҳоро ҳамчун шартномаи музднок шуморем ҷой надорад, зеро дар ин шартнома тарафҳо қаноатмандии мутақобиларо аз якдигар ба даст намеоранд, лекин онҳо барои расидан ба ҳадафи умумӣ якҷоя амал мекунанд»[11, с. 32]. Шебанова Н.А. чунин назар дорад, ки шартномаи мазкур ҳамчун шартномаи музднок нест, зеро иштирокчиёни он якдигарро намояндаи муқобил муаррифӣ наменамоянд, аммо якҷоя барои расидан ба мақсади умумии шартнома амал менамоянд [23, с. 764].

Баръакси гуфтаҳои боло муҳаққиқон А. П. Сергеева, Ю. К. Толстого хусусияти музднокии ин шартномаро дастгирӣ намуда, қайд менамоянд, ки дар шартномаи мазкур «Ҳеҷ яке аз шарикон ягон амалро мустақиман ба манфиати тарафи дигар иҷро намекунад, яъне симои қарздор ва кредитор ба маънои анъанавӣ вуҷуд надоранд ва шарикон мутақобилан уҳдадор мешаванд, ки дар кори умумӣ ҳиссагузорӣ кунанд, ки онро яке аз қаноатмандии ҷонибҳои шартнома ҳисобидан мумкин аст. Ғайр аз ин, асоси иштирок дар чунин шартнома барои ҳар як шарик иштироки дигар тарафҳо дар он мебошад ва иҷрои уҳдадориҳо барои ноил шудан ба ҳадафи умумӣ аз уҳдадориҳои ҳамҷонибаи дигарон иборат аст[9, с. 654].

Вобаста ба ин масъала Ш.М Исмоилов. ва Ф.М. Нодиров низ қайд менамоянд, ки яке аз хусусиятҳои хоси шартномаҳо дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ, ин музднок будани онҳо мебошад, зеро қонунгузории амалкунандаи кишвар бастани шартномаҳои бемуздро дар байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ манъ намудааст[12, с. 285-286].

Шартномаҳои соҳаи фаъолияти иқтисодию соҳибкорӣ аз гузаштаи дур бо вижагиҳои хоси худ аз дигар шартномаҳо фарқ менамоянд, аз ҷумла: аз лиҳози ҳолати ҳуқуқии тарафҳо: тарзи бастани чунин шартномаҳо; ҳадафи бастани онҳо ва аз ҷиҳати музднок будан[12, с. 278].

Ин ақидаро М.З. Раҳимзода низ дастгирӣ намуда, ишора менамояд, ки «Гарчанде дар шартномаи мазкур симои қарзидор ва кредитор ба маънои анъанавӣ вуҷуд надорад, вале дар шартнома ҳар як иштирокчӣ нисбат ба дигараш уҳдадории мутақобила дорад. Ҳамзамон асоси ширкат намудани ҳар як ҷониб дар шартнома, иштироки дигарҳо дар он арзёбӣ гардида, иҷрои уҳдадориҳо доир ба ноил шудан ба мақсади умумии ба уҳдадориҳои ба ин монанди дигар шарикон алоқаманд мебошад. Ва ин ҳолат имкон медиҳад, ки ин шартномаро ҳамчун шартномаи музднок баҳо диҳем»[16, с. 405].

Дар байни муҳаққиқон аксаран андеша доранд, ки тарафҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ наметавонанд мустақиман амали муайянро ба манфиати дигар шарикон иҷро намоянд, яъне онҳо гумон доранд, ки тарфҳо дар шартномаи мазкур (қарздор ва кредитор) вуҷуд надоранд. Аммо баръакс дар ин шартнома ҷонибҳо уҳдадор мешаванд, ки ба кори муштарак ҳиссагузорӣ кунанд. Дар айни ҳол барои иштирок дар шартнома ҳар як шарик дар як вақт иштироки дигарон дар шартнома ба ҳисоб рафта, иҷрои уҳдадориҳо барои ноил шудан ба ҳадафи умумӣ низ ба уҳдаи кулли шарикон дигар вобаста аст ва маҳз ҳамин ҳолат имкон медиҳад, ки шартномаи мазкурро ҳамчун шартномаи музднок эътироф кунем.

Мо низ ба он назарем, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ шартномаи музднок мебошад, зеро мазмунан аз рӯйи он тарафҳо новобаста аз онки сармоягузориро дар кадом шакле, ки барои онҳо лозим аст ҷиҳати иҷрои мақсадҳои шартномавӣ пешниҳод месозанд ва ҳангоми ноил шудан ба мақсаде, ки аз рӯи он гирифтани фоида дар назар дошта шудааст музд ё ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои мутақобила пасбаргардонии дигарро мегиранд.

Дар маҷмуъ бояд ишора кард, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ яке аз шаклҳои нав ва маъмули шартномаҳо оид ба фаъолияти сармоягузорӣ буда, ҳамчун ширкати оддӣ таъсиси шахси ҳуқуқиро тақозо наменамояд. Шартномаи сармоягузории шарикӣ, дорои хусусиятҳои консенсуалӣ, бисёрҷониба, эътимоднокӣ ва музднокӣ мебошад ва солҳои охир дар аксар давлатҳои қитъаи Амрико, Аврупо ва Осиё маъмул гаштааст. Мақсад аз бастани он оддӣ сохтани тартиби бақайдгирии сармоягузорон ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ ба иқтисодиёти давлатҳо ба шумор меравад.

**Адабиёт**

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисмҳои 2. //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 1999.

1. А.И. Фридман. Правовое регулирование инвестиционных фондов в России, США и Люксембурге: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2019, – 167с.

2. Авилов Г. Е., А.Л. Маковского, С.А. Хохлова и др. /Комментарии к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть вторая под редакцией О.М. Козырь. -Москва., 179с.

3. Авилов Г.Е. Комментарий к главе 55. В книге: Гражданский Кодекс РФ//. Часть вторая. Текст, комментарии, алфавитно-предметный указатель.//Под ред. О.М. Козырь, А.Л. Маковского, С.А. Хохлова –М: Международный центр финансово-экономического развития. 1996 704с.

4.Бобоев, У.Х. Организационно-правовые формы совместной хозяйственной деятельности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Бобоев Умед Холович. - Душанбе, 2004. - 185 с.

5. Брагинский М.И. Договорное Право. Книга пятая, том 1. /М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – Москва, 2003.- 372с.

6. Воҳидзода З.Г. Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. - Душанбе, 2021, 166с.

7. Гражданское право. Часть вторая: Учебник./ Под общей ред. А.Г. Калпина. - М.: Юрист, 1999.-542с.

8. Гражданское право: В 2 т. Том II. Полутом 2: Учебник./ Отв.ред. проф.

Е.А. Суханов. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Издательство БЕК, 2000.- 704с.

9. Гражданское право: Учебник. Часть вторая / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. М., 1997. – 784с.

10. Е. В. Соломонов. Инвестиционное товарищество. Вестник Омского университета. Серия «Право». Омск,. 2012. № 4 (33), С. 64–67.

11. Иоффе О.С. Обязательственное право. М.: “Юридическая литература”. 1975. – 880с.

12. Исмоилов Ш.М., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. /Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. Душанбе., 2010, 461саҳ.

13. Козлова Н.В. Правосубъектность юридического лица. М., 2005, 222с.

14. Л. О. Грибиниченко. Договор инвестиционного товарищества: правовая форма осуществления венчурного финансирования. Гражданское право и процесс., Пермь., - 2016. – С.51. – 63.

15. Масляев А.И., Масляев И.А. Совершенствование гражданско-правового регулирования совместной деятельности. // В сборнике: Защита субъективных гражданских прав. / Отв. ред. Рясенцев В.А.- М., 1989 С. 25.

16. Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ, қисми 2, - Душанбе, 2007.- 406с.

17.О.Д. Минькеев, А.Я. Риженков., Договор инвестиционного товарищество. //Вестник Калмыцкого Университета №1(21). – Элиста., 2014. С.41 – 42.

18.Р.М. Янковский. Правовое регулирование венчурного инвестирования: дис. … канд. юрид. наук. - Москва , 2018, 227с.

19.Савельев А. Б. Договор простого товарищества в российском гражданском праве//Дисс...канд.юрид.наук. -М., 2003.-188с.

20. Советское гражданское право. т.2 // под ред, В.П. Грибанова., С.М. Корнеева .-М., 1979, С.357.

21. Советское гражданское право. Том 2.1 Под ред. О.А. Красавчикова – М., 1969. – 528с

22.Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Васоити таълимӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Исмоилов Ш.М.- Душанбе, 2007, С.186.

23. Шебанова Н.А. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. части второй. - Москва.,1996, 702с.

24.Шипилов С.В. Договор простого товарищества. Бизнес. Менеджмент // Право. 2003. N 4. С. 88.

25.Щукина, Е.М. Содержание и юридическая природа договора простого товарищества по российскому гражданскому праву [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Щукина Елена Михайловна. – М., 2002. – 200 с.

## ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ДОГОВОРА ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВА

**ДУСТОВ СУЛАЙМОН АБДУЛЛОЕВИЧ**,
старший преподователь кафедры экономического, финансового и антикоррупсионого права
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru
**ВАЙСОВ ШОҲИН БАХТИЁРОВИЧ,**
ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупсионого права
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru

*В данной статье изучены и исследованы вопросы правовой природы договора инвестиционного товарищества. Отмечено, что согласно требованиям гражданского законодательства Республики Таджикистан договора инвестиционного товарищества имеет специфические особенности, определяющие его место в системе гражданско-правовых договоров. Эти особенности заключаются, прежде всего, в единстве инвесторов, объединении материальных и нематериальных активов, многосторонности сделок, совместном объединении, не требующем создания юридического лица, единых целях инвесторов и доверительном характере совместной деятельности.*

*В статье указывается, что существует множество точек зрения различных авторов о природе договора инвестиционного товарищества, однако большинство ученых считают указанный договор консесуальным, возмездным двусторонним и многосторонним договором. В статье также указывается на дискуссии специалистов отрасли по некоторым вопросам договора инвестиционного товарищества, касающимся соглашения сторон и воли сторон, однако большинство спорных вопросов касаются возмездности, безвозмездности, двусторонности и многосторонности договора инвестиционного товарищества.*

***Ключевые слова:*** *договор инвестиционного товарищества; правовая природа; консенсуальность; возмездность; безвозмездность; двусторонность; многосторонность; оферта, акцепт; оферент, акцепент; законодатель; Гражданский кодекс; объединение.*

## LEGAL NATURE OF INVESTMENT PARTNERSHIP AGREEMENT

**DUSTOV SULAIMON ABDULLOEVICH,**
Senior Lecturer, Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimova Str.
Phone: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru
**VAYSOV SHOHIN BAKHTIYOROVICH,**

Assistant of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimova Str.
Phone: (+992) 918-28-21-48. E-mail slaimon.86@bk.ru

*In this article, the issues of the legal nature of the investment partnership agreement are studied and investigated. It is noted that, according to the requirements of the civil legislation of the Republic of Tajikistan, an investment partnership agreement has specific features that determine its place in the system of civil law agreements. These features are, first of all, in the unity of investors, the unification of tangible and intangible assets, the versatility of transactions, the joint association that does not require the creation of a legal entity, the common goals of investors and the confidential nature of joint activities.*

*The article points out that there are many points of view of various authors on the nature of the investment partnership agreement, however, most scientists consider this agreement to be a concessionary, paid bilateral and multilateral agreement. The article also points to the discussions of industry experts on some issues of the investment partnership agreement regarding the agreement of the parties and the will of the parties, however, most of the controversial issues relate to compensation, gratuitousness, bilaterality and multilateralism of the investment partnership agreement.*

***Key words:*** *investment partnership agreement; legal nature; consensuality; retribution; gratuitousness; two-sidedness; versatility; offer, acceptance; provider, acceptor; legislator; Civil Code; union.*

УДК: 340.11

# ТАШАККУЛЁБИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

**РАШИДОВ ҶАМШЕД ҚОСИМОВИЧ,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-35-51-21. E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*Барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ-ҳуқуқӣ нақши санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқуқии соҳавӣ бениҳоят муассир мебошад. Алалхусус бояд қайд намуд, ки чӣ қадаре сифати қонунгузории танзимкунанда ба техникаи қонунгузорӣ ва ба фазои танзимии муносибатҳои мавҷуда созгор бошад, ҳамон қадар соҳаи мазкур рӯ ба инкишоф меоварад.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологиро дар ҳамбастагии инкишофи қонунгузории экологӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Дар мақола асосан марҳилаи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудааст.*

*Чуноне муаллиф иброз менамояд, яке аз давраҳои асосӣ барои низоми қонунгузории экологӣ дар шакли ҳуқуқэҷодкунии хусусияти муосирдошта маҳз марҳилаи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ будани Тоҷикистон ба шумор меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории экологӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқуқии соҳавӣ, давраи шӯравӣ, меъёр, инкишоф, ҳуқуқ, қонун, муносибатҳои экологӣ, танзим, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.*

Дар самти таърихӣ-ҳуқуқӣ масоили алоҳидаи назариявию амалии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мавҷуданд ва доир ба ҳуқуқи экологӣ низ заминаҳои гуногуни рушди низоми қонунгузорӣ амал мекунанд.

Барои муайян ва муқаррар намудани дилхоҳ критерияи ҳуқуқӣ, ки ба сифати предмети таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода мешавад, бояд шарҳи муайяни онро донист ва пешкаш намуд. Аз ин рӯ, бояд таҳти мафҳуми қонунгузорӣ мо чиро дар назар дорем, донем.

Қонунгузорӣ - маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мебошад. Қонунгузорӣ ба маънои маҳдуд, маҷмуи қонунҳо аст. Чунин мафҳуми «қонунгузорӣ» якум, аз талаботи волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд бармеояд, дуюм, дигар санадҳои меъёри ҳуқуқиро, ки мутобиқ ба қонун мебошанд, дар назар дорад [10, 541].

Қонунгузорӣ ба маънои васеъ маҷмуи ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Қонунгузорӣ ба мисли ҳуқуқ низоми дохилӣ ё таркибии худро дорад. Низоми қонунугузорӣ аз унсурҳои таркибӣ иборат аст. Қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ аз қабили фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ё санадҳои меъёрии локалӣ унсурҳои таркибии низоми қонунгузорӣ мебошад [10, 541].

Чӣ тавре ки дар боло қайд гардид, зери мафҳуми ҳолати мавҷудаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъятӣ муносибатҳои тарафайни ҷамъият ва табиат низ аз ин раванд мустасно намебошад. Аз таҳлили боло маълум мегардад, ки қонунгузорӣ хислати амалӣ дошта, бештар ба низоми қонунгузории амалкунанда

вобастагии бевосита дорад ва  рушду инкишофи худро низ аз он вобаста шумо├ридан дуруст аст.

Барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ-ҳуқуқӣ нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқуқии соҳавӣ бениҳоят муассир мебошад, алалхусус, бояд қайд намуд, ки чӣ қадаре сифати қонунгузории танзимкунанда ба техникаи қонунгузорӣ ва ба фазои танзимии муносибатҳои мавҷуда созгор бошад, ҳамон қадар соҳаи мазкур рӯ ба инкишоф меоварад.

Дар баробари ин,  бояд таъкид намуд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ дар як давраи муайяни таърихӣ марҳилаи муайяни рушдро паси сар намудаанд. Дар ин ҷо мо марҳилаи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар назар дорем. Системаи ҳуқуқи ҷумҳурии мухтор  сарфи назар аз мавҷудияти адабиёти хеле зиёд то ҳол дар ҷабҳаи умуминазариявӣ пурра таҳқиқ карда нашудааст. Бахшида ба сохтори милливу давлатӣ ва ҷумҳуриҳои автономӣ ва вазъи давлатию ҳуқуқии онҳо дар ҳайати ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, мувофиқан дар ҳайати федератсияи шӯравӣ, инчунин проблемаҳои назария ва ваколати қонунгузории ҷумҳуриҳои мухтор адабиёти зиёду гуногуни таҳқиқоти монографиро дарбаргиранда эҷод шудаанд[14].

Дар асарҳои монографии олимони Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Молдавия масъалаҳои системаи ҳуқуқ дар ҷодаи таърихи давлат ва ҳуқуқи ҷумҳурии дахлдор муфассал таҳқиқ карда шуданд. Системаи ҳуқуқи ҶМШС Туркистон [4, 825], ки соли 1924 дар натиҷаи тақсимоти давлатию миллии Осиёи Миёна барҳам хӯрд, ҶМШС Қазоқистон [3] ва ҶМШС Молдавия [12] низ таҳқиқ шудааст. Аммо дар асарҳои роҷеъ ба назарияи умумии ҳуқуқ мавҷудияти системаи ҳуқуқ эътироф шавад ҳам, ин проблема аслан кор карда нашудааст. Проблема на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз нуқтаи назари  амалия ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Аз ин рӯ, масъалаи системаи ҳуқуқи ҷумҳурии мухтор дар миқёси собиқ ИҶШС ҷолиби диққат аст.

Мо ба омӯзиши системаи ҳуқуқӣ, умуман, ҷумҳурии мухтор, аз он ҷумла, системаи ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба ду масъалаи муҳими ҷабҳаи методология дучор меоем. Агар масъалаи якум хусусияти мафҳуми категориявӣ дошта бошад, яъне дар таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ мо бо истифода намудани мафҳуми «системаи ҳуқуқ» алоқаманд бошем, пас масъалаи дуюм чунин ҷавоберо тақозо мекунад, ки худи системаи ҳуқуқи ҷумҳурии мухтор чӣ гуна сурат гирифтааст ва он бо системаи ҳуқуқи ҷумҳурии иттифоқӣ то чӣ андоза мутобиқат дорад.

Мафҳуми системаи ҳуқуқро, ки дар асарҳои роҷеъ ба назарияи умумии ҳуқуқ [6, 368] бо таъбири гуногун бошад ҳам пурра истифода мешавад, чун маҷмуи сарчашмаҳои дар ҳар як давлат таърихан ташаккулёфтаи система, шаклҳо ва аломатҳои ҳуқуқ (маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ ва ғ.) маънидод кардан мумкин аст. Ин аломатҳо дар якҷоягӣ бо ҳамаи системаҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои ҷамъиятиро танзиму ҳифз мекунанд.

Дар таҳқиқоти мазкур асосан ба ин гуна фаҳмиши системаи ҳуқуқ такъя намуда, соҳаи ҳуқуқи Тоҷикистони худмухтор аз нуқтаи назари илмӣ амиқ ва ҳамаҷониба таҳлил карда шудааст. Аммо бинобар ин таълифот якчанд савол ба миён меояд, ки аслан ҷавоби мушаххасро металабанд. Оё умуман дар ҷумҳуриҳои мухтор системаи ҳуқуқ вуҷуд дорад? Агар вуҷуд дошта бошад, пас он дар шароити ин ҷумҳуриҳо чӣ гуна амалӣ мегирад? Системаи ҳуқуқи собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухтор чӣ таносуб дорад?

Дар моддаҳои якуми конститутсияҳои собиқ ҷумҳуриҳои мухтори шӯравӣ зикр шудааст, ки ҷумҳурии мухтор давлати коргару деҳқон мебошад. Бояд зикр кард, ки ҷумҳурии мухтор ҳамчун давлати шӯравии сотсиалистӣ на танҳо дар қонуни асосии худи ҷумҳурии мухтор, балки дар конститутсияҳои нави ҳамон ҷумҳурии иттифоқӣ, ки ҶМШС ба ҳайъати он дохил аст, муқаррар мешавад.

Ба туфайли ошкор сохтани ҷузъи структураи системаи ягонаи ҳуқуқи шӯравӣ байни системаҳои фаръии он маҳз тавассути қонун (сарчашмаҳои ҳуқуқ), ё зиёда аз он, тавассути ошкор сохтани ҳаҷми ҳуқуқҳои қонунгузорӣ, ки дар асоси он аз як тараф, тафриқаи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии байни Иттифоқи ҶШС, аз тарафи дигар, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухтор қарор гирифтааст, тафриқа гузоштан мумкин аст.

Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухтор ҳамчун субъекти федератсия оид ба масъалаҳои салоҳияти худ қонун мебароварданд. Аниқ муқаррар кардани ҳадди ваколати мухталиф – яке аз ҷиҳатҳои хоси қонуни шӯравӣ буд, ки хусусияти онро ҳамчун қонуни давлати федеративӣ инъикос мекард.

Ба фикри мо, нисбати ҳуқуқе, ки то ташкил ёфтани ҷумҳурӣ амал мекард, метавон гуфт, ки системаи нав ташаккулёфтаи ҳуқуқ идомаи он аст. Дар бораи ташаккули системаи ҳуқуқии Тоҷикистони мухтор сухан рондан чунин ҷиҳати муҳимро низ ба назар гирифтан мумкин аст, ки ҶМШС Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои мухтори шӯравӣ ягона ҷумҳурии мухторе буд, ки якбора баробари ҷумҳурии иттифоқӣ, таъсис ёфта буд ва ба ҳайати он дохил мешуд. Бинобар ин, раванди ташаккули системаи ҳуқуқи Тоҷикистон, умуман, баробари ташаккули системаи ҳуқуқии ҶШС Ӯзбекистон сурат гирифт [13,121].

Сарчашмаҳои ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон, асосан, дар натиҷаи амалӣ гардидани ваколати қонунгузории органҳои олии ҳокимият ва идораи ҷумҳурӣ, ки таҳти роҳбарӣ ва ёрии мақомотҳои қонунгузори ҶШС Ӯзбекистон сурат мегирифт, ташаккул меёфтанд. Бинобар ин, сарчашмаҳои ҳуқуқро дар Тоҷикистон таҳқиқ карда, ба ташаккули онҳо таъсир бахшидани раванди ташаккули худи мақомоти қонунгузори ҷумҳуриро, ки дар шароити душвори таърихӣ (босмачигарӣ, норасоии кадрҳои тайёру кордон ва ғ.) идома дошт, ба инобат нагирифтан мумкин нест.

Сарчашмаҳои ҳуқуқии ҷумҳуриро таҳлил карда, қайд кардан мумкин аст, ки мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ ба маънии ҳуқуқӣ, шакли ифодаи меъёри ҳуқуқ, шакли зоҳирии объективонаи ҳуқуқ буда [5], дар таҳқиқоти таърихию ҳуқуқӣ низ ҳамаҷониба татбиқ мешавад. Маҳз таҳқиқоти таърихӣ дар бораи он маълумоти фаровон медиҳанд, ки номаҳои ҳуқуқ ҳамчун натиҷаи амали мақомоти давлатӣ, фаъолияти қонунгузории онҳо ба вуҷуд меоянд. Аз тарафи дигар, дар асарҳо доир ба таърихи ҳуқуқ, ба ақидаи мо, айнияти ҳуқуқи ҷорӣ бо қонунгузории (сарчашмаҳои ҳуқуқ) мақомоти қонунгузор комилан қонунист. Мо ташаккули сарчашмаҳои ҳуқуқро дар ҶМШС тасдиқ карда, маҳз ҳамин нуқтаи назарро ба асос мегирем.

Бинобар ҳамин, мавриди таҳқиқи системаи сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷумҳуриҳои мухтор дар ҷодаи таърихию ҳуқуқӣ бо назардошти фарқияти қувваи қонунии сарчашмаҳои ҳуқуқ вобаста аз мақоми мақомоти қонунгузорӣ онҳоро нашр карда, дар системаи механизми давлатии собиқ ИҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухтор, сохтори иерархии онро ба асос гирифтан дурусттар мебуд. Маҳз чунин сохтори низоми сарчашмаҳои ҳуқуқро, ки дар ҶМШС Тоҷикистон амал мекард, ба инобат гирифта, бо назардошти хусусиятҳояшон он онҳоро ба гурӯҳҳои зайл ҷудо кардан мумкин аст:

- Конститутсия Иттифоқи ҶШС, Конститутсияҳои ҷумҳуриятҳои Иттифоқии Ӯзбекистон ва мухтори Тоҷикистон;
- санадҳои кодексшудаи Иттифоқи ҶШС, ҷумҳуриҳои Иттифоқии Ӯзбекистон ва мухтори Тоҷикистон;
- қонунҳои ҷорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон, аз он ҷумла меъёрҳои тасдиқшудаи мусулмонӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ;
- санадҳои ҳуқуқии мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идора.

Чунин тақсимоти санадҳои қонунгузорӣ (сарчашмаҳои ҳуқуқ), ки дар ҶМШС Тоҷикистон амал мекарданд, аз як тараф, таркиби структураи алоқа ва тобеияти иерархии

онҳоро нишон диҳад, аз тарафи дигар, барои ошкор кардани механизми воситаҳои ҳуқуқ, ки таносуби дуруст ва ваҳдати системаҳои фаръии мустақили сарчашмаҳои ҳуқуқии собиқ ИЧШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухторро дар раванди амалии онҳо дар зинаи ҷумҳурии мухтор таъмин мекунад, имконият медиҳад.

Барои ҶМШС Тоҷикистон Конститутсияи якуми ҶШС Ӯзбекистон, ки 30 марти соли 1927 дар анҷумани дуюми Шӯроҳои Ӯзбекистон қабул шуд, сарчашмаи муҳим ба ҳисоб мерафт [1,71].

Мувофиқи Конститутсияи соли 1924 ИҶШС, ки ҳуқуқи ИҶШС-ро дар бораи муқаррар намудани асосҳо ё сарчашмаҳои асосии ҷабҳаҳои ҷудогонаи қонун устувор кард, КИМ-и ИҶШС моҳи октябри соли 1924 Асосҳои созмони суди ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттиҳод, сарчашмаҳои асосии мурофиаи суди ҷиноии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттиҳод, сарчашмаҳои асосии Қонуни ҷиноии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттиҳодро қабул кард. Ҷумҳуриҳои иттиҳодро мебоист, ки бо назардошти хусусияташон ва бо мақсади равнақ додану аниқ кардани ин қонунҳо кодексҳои худро нашр мекарданд.

Ҳамон солҳо асосҳои дигар ҷабаҳои қонун қабул нашуда буданд ва ҳуқуқ тавассути қабули қонунҳои меъёрӣ ва санадҳои ҷудогонаи иттиҳодию ҷумҳурӣ такмил меёфт [2, 26].

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар давраи ба ҳайати он дохил будани ҶМШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929 чунин кодексҳо қабул шуданд: Кодекси ҷиноӣ (июни с.1926), Кодекси мурофиаи ҷиноӣ (июни с.1926), Кодекси граждани (январи с.1928), Кодекси мурофиаи гражданӣ (октябри с.1927), Кодекси ҷангал (декабри с.1927), Кодекси оила, қонунҳои никоҳ, оила, васоят, қайди актҳои ҳолати гражданӣ (июни с.1928), Кодекси замин (апрели соли 1929), Кодексиислоҳи меҳнатӣ (июни, с.1926). Ҳамаи онҳо мувофиқи кодексҳои дахлдори ҶШФСР тартиб дода шуда буданду вобаста ба хусусиятҳои маҳал бисёр тағйиру иловаҳоро дар бар мегирифтанд.

Дар фазои муносибатҳои экологӣ накш ва мақоми замин ҳамчун сарвати муҳимтарини табиӣ ва сарчашмаи асосии мавҷудияти олами биологӣ, мавҷудоти зинда ва инсоният мебошад, таваҷҷуҳи қонунгузории давраи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро ташкил менамуд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар давраи ба ҳайати он дохил будани ҶМШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929 чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи замин қабул шуданд: Кодекси замин (апрели соли 1929) [8, 54-83], Кодекси ҶШС Ӯзбекистон оид ба замин 16 июни соли 1928, Низомнома “Дар тартиботи заминдорӣ дар шаҳрҳо”, ки 17 январи соли 1927 дар ҶШС Ӯзбекистон [11] қабул шуд, Кодекси ҶШС Ӯзбекистон дар бораи ҷангал [7], КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон 2 декабри соли 1925, Декрет «Дар бораи милликунонии замину об», Қарор «Дар бораи ислоҳоти замину об» ва ғ [9, 108].

Аммо, бинобар сабабҳои муайян қисми зиёди заминҳои обӣ ҳанӯз ҳам дар дасти заминдорон, ҳаннотон буда, ба сарчашмаи истисмори мардуми оддӣ табдил ёфта буданд. Фаҳмост, ки ин заминҳо мувофиқи Декрети ленинӣ «Дар бораи замин» ва қонунҳои баъдинаи давлати шӯравӣ ва ҶМШС Туркистон, ҳамчунин мувофиқи қонунҳои дахлдори ҶХШ Бухоро моликияти давлат эълон карда мешуданд. Азбаски заминҳои хусусӣ низ ҳатман моликияти давлат эълон мешуданд ва баъди фаро расидани шароит чунин заминдориро барҳам додан лозим меомад, яке аз вазифаҳои муҳими ҷумҳурӣ, баъди ташкил ёфтани вай, аз барҳам додани боқимондаҳои заминдории феодалӣ, аз танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминдорӣ дар асосҳои сотсиалистӣ иборат буд. Барои дар ҶМШС Тоҷикистон боз ҳам мустаҳкам кардан ва инкишоф додани сохти нави ҷамъиятӣ, аҳамияти калон дошт.

Пеш аз моҳи апрели соли 1928 қабул гардидани Кодекси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалиситии Ӯзбекистон оид ба замин ва 16 июни ҳамон сол дар қаламрави

Тоҷикистони мухтор ҷорӣ шудани он ҳуқуқи заминдории ҷумҳурӣ дар асоси Кодекси ҶШФСР, ки дар қаламрави собиқ ҶМШС Туркистон бо тағйироту иловаҳо амал мекард, сурат гирифта буд. Ба қадри зарурат мақомоти ҳокимияти ҶШС Ӯзбекистон низ ба ин кодекс, ки дар қаламраваш ва дар ҶМШС Тоҷикистон муваққатан амал мекард, тағйирот дохил карданд. Кодекси ҶХШ Бухоро оид ба замин бошад, соли 1923 қабул шуда, дар асоси Кодекси ҶШФСР оид ба замин бо меъёрҳои иловагӣ хоси ҷумҳурӣ мураттаб ёфта буд. Гарчанде ки ин кодекс баъди ташкил ёфтани ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон, дар собиқ қаламрави ин ҷумҳуриҳо амал кунад ҳам, дар Тоҷикистон амалан татбиқ карда намешуд [9, 109].

Зиёда аз он, дар шароити ҶМШС Тоҷикистон ҳал шудани масъалаи замин тақозо кард, то қонунҳое қабул шаванд, ки нуқтаҳои ҷудогонаи Кодекси ҶХШ Бухоро оид ба замин ҳанӯз пеш аз пурра гум кардани аҳамияти худ, бинобар татбиқ гардидани Кодекси Ӯзбекистонро оид ба замин амалан аз эътибор соқит мекарданд. Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминдорӣ дар Тоҷикистон қонунҳои ҶШС Ӯзбекистон, ки дар асоси Декрети ИҶШС оид ба замин ва дигар қонунҳои он ҳамчунин бо ташаббуси худи ҷумҳурӣ қабул шуда буданд, аҳамияти калон доштанд.

КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон 2 декабри соли 1925 Декрет «Дар бораи милликунонии замину об» ва Қарор «Дар бораи ислоҳоти замину об»-ро қабул кард. Декрети якум принсипҳои милликунонии замину обро, ки бо Декрет «Дар бораи замин» ва Кодекси замин муқаррар шуд, махсусан қайд кард ва дар Қарор «Дар бораи ислоҳоти замину об» бошад, барҳам додани шароити аз ҷониби заминдорони шаҳру қишлоқ, зулму истисмор кардани нодорони деҳот ва ба деҳқонони безамин ва камзамин додани замин, аз ҷиҳати хоҷагӣ ҳарчи хубтар истифода кардани замин пешбинӣ шуда буд.

Дар натиҷаи ислоҳоти замин, ки дар вилоятҳои ҶШС Ӯзбекистон солҳои 1925-1928, аз он ҷумла, дар округи Хуҷанд соли 1925 гузаронида шуд, заминҳои феодалони калон барҳам зада, заминҳои зиёдатӣ, чорвои корӣ ва дигар асбобу анҷоми хоҷагиҳои заминдорону сарватмандон мусодира карда, пеш аз ҳама ба хоҷагиҳои нодорону муздурон замину олоти меҳнат ҷудо карда, ҳамчунин барои пешрафт кардани ҳамҷояшавии хоҷагии қишлоқ заминаи зарурӣ муҳайё карда шуд [9, 190]. Лекин ҳамон солҳо дар ҶМШС Тоҷикистон чунин ислоҳот гузаронидан муяссар нашуд. Зеро, асосан оммаи деҳқонон чандон тайёру омода набуданд, оқибатҳои ногувори баъдиҷангӣ низ имкон намедод, ҳамчунин дар ҳайати Шӯроҳои маҳаллӣ бою сармоядорон низ буданд, муносибатҳои заминдорӣ комилан омӯхта нашуда буданд [9, 109].

Ҳамаи шароиту вазъияти номбурда дар Тоҷикистони мухтор танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминдориро душвор мегардонданд. Бо вуҷуди он, ки дар арафаи ташкили ҶМШС Тоҷикистон бадкирдории босмачиён ҳанӯз давом дошту мунокишаҳои дохилӣ ҳоло ҳам тезутунд буд, мақомоти қонунгузории давлатӣ вобаста ба вазъи мушаххас ва муҳайё шудани шароити зарурӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳимиятдошта дар ҷодаи истифодаи замин, қонунҳо ва қарорҳо қабул мекард.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки нисбат ба замин дар ин давра эътибори ҷиддӣ на фақат аз нуқтаи назари истифодабарии он бо ҳадафи кишоварзӣ, балки механизми мукаммали нигоҳдориву барқарорсозии ин сарвати табиии фарогир мебошад.

Дар аввали солҳои 20 -ум як қатор қонунҳо ва декретҳо қабул карда шуданд, аз ҷумла, Кодекси замини РСФСР (с.1922), Кодекси ҷангали РСФСР (с.1923), Декрети Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР “Дар бораи сарватҳои теризаминӣ” (с.1920), Қарори КМИ ва Шӯрои Комиссарони Халқии СССР “Дар бораи асосҳои ташкили моҳипарварии СССР” (с.1924), Қарори Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР" Дар бораи шикор” (с.1920),

Қарори Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР “Дар бораи ҳифзи ёдгориҳои табиӣ ва боғҳо” (с.1921) ва ғ [15].

Сарчашмаҳои ҳуқуқии дар боло қайдгардида яке аз қисматҳои муҳими қабулшавии раванди қонунгузории экологиро дар марҳилаи солҳои 1920-1925 – ро фаро мегиранд. Яке аз қисмати сарчашмаҳои ин марҳилаи рушди қонунгузории экологиро санадҳои кодификатсионӣ ташкил намояд, қисмати дигари онро қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ ташкил менамуданд. Ҳамчунин дар ин раванд мо рушди мафкураҳои заминавии инкишофи қонунгузории экологиро мушоҳида намуданамон мумкин аст.

Хусусияти хоси қонунгузории давраи мазкур дар он ифода меёфт, ки тамоми қонунгузории экологӣ дар баробари доштани хусусияти экологӣ боз ба масъалаи санитариву эпидемиологӣ низ таваҷҷуҳ равона гардида буд. Аз ин хотир, дар бештари масъалаҳои тозагиву санитарӣ бо ҳамбастагии қонунгузории об ва фазои ҳавоӣ мавриди танзим қарор дода мешуд [15].

Яке аз масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ дар давраи мухтории Тоҷикистонро банизомдарории муносибатҳо вобаста ба об ташкил менамояд.

Гарчанд дар бисёр қарордодҳо оид ба замин масъалаҳои ҷиддӣ дар бораи об ва истифодаи он ҳал карда шуда бошанд ҳам, танзими мушаххаси ҳуқуқии онҳо нашри қонунҳои ҳуқуқии махсусро тақозо кард. Дар бораи аҳамияти фавқуллода доштани ин масъала дар ҳаёти ҷумҳурӣ чунин вазъият низ шаҳодат медиҳад [13, 199].

Ҳамин тариқ, дар умум, роҷеъ ба ҳолати қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои экологӣ дар давраи мухторияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистонро мо метавонем яке аз давраҳои оғоз гардидани позитивизими ҳуқуқӣ дар ин самт эътироф намоем. Барои он, ки дар ин марҳила маҳз қонунгузории кодификатсионӣ ва ҷорӣ дар соҳаи экологӣ тааллуқдошта дар ин марҳилаи таърихии давлатдории кишвар қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд. Аз ин рӯ, дар такя бо гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- яке аз давраҳои асосӣ барои низоми қонунгузории экологӣ дар шакли ҳуқуқэҷодкунии хусусияти муосирдошта маҳз марҳилаи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ будани Тоҷикистон мебошад. Барои он, ки маҳз дар ҳамин марҳила кодексҳо ва қонунҳову санадҳои меъёрии зерқонунӣ барои танзим намудани муносибатҳои экологӣ қабул карда шуданд;

- яке аз хусусиятҳои хосаи қонунгузории экологии ин давра дар он мебошад, ки муносибатҳои танзимшаванда на дар доираи як санади кодификатсионӣ, балки бо якчанд қонунгузориҳои дигар низ мавриди танзим қарор мегиранд. Чунин ҳолатро мо дар қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Кодексҳои замин, ҷангал ва монанди инҳо бараъло мушоҳида карда метавонем;

- инкишофи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар самти ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ ҳамчун объекти табиӣ дар заминаи Кодекси замин ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ мавриди танзим қарор дода шудааст. Ҳолати мазкур ягона раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ мебошад, ки дар асоси муқаррароти як санади кодификатсионӣ ду муносибати хусусияти мустақилдошта мавриди танзим қарор дода мешавад. Ба ғайр аз ин ҳолат сабаб гардидааст, ки дар ин марҳилаи рушди қонунгузории экологӣ дар самти об ба таври бояду шояд рушд ва инкишоф карда бошад;

- дар марҳилаи солҳои 1924 – 1929 дар масъалаи механизми созгори идоракунӣ ва назорати истифодаи объектҳои табиӣ, ки яке аз фишангҳои асосии боиси рушдкунии қонунгузорӣ мебошад, эътибори ҷиддӣ равона мегардид. Дар ин давра, алалхусус, дар

самти идоракунӣ ва назорати замин, об, ҷангал аз тарафи мақоми олии идоракунӣ ва намояндагии ҶМШС Тоҷикистон бевосита тадбирҳои саривақтӣ андешида мешуданд. Ҳолатҳое, ки мавриди таҳлил қарор дода шуданд, яке аз нишонаҳои асосии таваҷҷуҳ зоҳир намудани давлату ҳукумати ҳамонвақтаро ба истифодаи самаранок ва ҳифзи тамоми объектҳои табиӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад.

**Адабиёт**


1. Аъзамходжаев А.А. Советское многонациональное государства (к 40 – летию образования СССР). Ташкент, 1962. – С. 71.
2. Аъзамходжаев А.А. Таджикская ССР в составе Узбекской ССР // Некоторые вопросы государства и права. Ташкент, 1966. – С. 26.
3. История государства и права советского Казахстана. Алма-Ата, 1963, ҷилди 1 – 2.
4. История советского государства и права Узбекистана: 1924 - 1937 гг.. Т. 2 / Отв. ред.: Ишанов А.И., Сулайманова Х.С. - Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1963. - 825 с.
5. Керимов Д.А. Философские проблемы права. М., 1972.- С. 218; Марксистко-ленинская общая теория государства и права. М., 1970. – С. 580; А.В. Мицкевич. Акты высших органов советского государства. М., 1967. - С. 15; С.В. Зивс. Источник права. М., 1981. – С. 10.
6. Правовая система социализма: Понятие, структура, социальные связи. Кн. 1 / Васильев А.М., Гаврилов О.А., Казимирчук В.П., Кудрявцев В.Н., и др.; Редкол.: Васильев А.М. (Отв. ред.), Казимирчук В.П., Кудрявцев В.Н. - М.: Юрид. лит., 1986. - 368 с.
7. Продолжение 2. К. Собранию Кодексов Уз. ССР, нашри 1928, Самарқанд, 1928.
8. Собрание кодексов Узбекистон ССР, 1929. - С.54-83.
9. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – С. 108
10. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: «Душанбе» - С. 541.
11. СУ Уз. ССР, соли 1828, №3.
12. Сурилов А.В. История государства и права Молдавской ССР, (1917-1959). Кишинёв, 1963, С. 34-171.
13. Тоҳиров Фозил. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, Душанбе, Ирфон, 1994. – С. 121.
14. Чистяков О.И. Национально-государственное строительство в РСФСР в годы гражданской войны. М., 1964, О.И. Чистяков. Становление Российской Федерации. М., 1966.
15. Электронный ресурс: Режим доступа: https://studopedia.su/16_103021_sovetskiy-period---razvitiya-ekologicheskogo-prava.html (Дата обращения: 01.09.2021).


## ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА АВТОНОМНОЙ СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**РАШИДОВ ДЖАМШЕД КОСИМОВИЧ,**
соискатель кафедры права и сравнительной юриспруденции
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.

Тел.: (+992) 918-35-51-21. E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*Роль отраслевых правовых актов весьма эффективна для правового регулирования эколого-правовых отношений, в частности, следует отметить, что качество регулирующего законодательства соответствует законодательной технике и нормативно-правовой среде сложившихся отношений.*

*В данной статье автор анализирует и исследует вопрос правового регулирования экологических отношений в контексте развития экологического законодательства. Статья посвящена стадии экологического законодательства республики Автономия Таджикской Советской Социалистической Республики тщательно и всесторонне изучена с научной точки зрения.*

*По мнению автора, одной из основных стадий для системы экологического законодательства в форме законодательства современного характера является стадия Таджикистан Автономная Советская Социалистическая Республика.*

***Ключевые слова:*** *экологическое законодательство, отраслевые правовые акты советского периода, нормы, развитие, право, право, экологические отношения, регулирование, Автономная Советская Социалистическая Республика Таджикистан.*

## FORMATION OF ENVIRONMENTAL LEGISLATION IN THE AUTONOMOUS SOVIET SOCIALIST REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RASHIDOV JAMSHED KOSIMOVICH,**
Competitor of the Department of Law and Comparative Jurisprudence
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe, 33, Said Nosira Str.
Phone: (+992) 918-35-51-21. E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*The role of sectoral legal acts is very effective for the legal regulation of environmental and legal relations, in particular, it should be noted that the quality of the regulatory legislation corresponds to the legislative technique and the legal environment of the existing relations.*

*In this article, the author analyzes and explores the issue of legal regulation of environmental relations in the context of the development of environmental legislation. The article is devoted to the stage of environmental legislation of the Republic The autonomy of the Tajik Soviet Socialist Republic has been carefully and comprehensively studied from a scientific point of view.*

*According to the author, one of the main stages for the system of environmental legislation in the form of legislation of a modern nature is the stage of Tajikistan Autonomous Soviet Socialist Republic.*

***Key words:*** *environmental legislation, sectoral legal acts of the Soviet period, norms, development, law, law, environmental relations, regulation, Autonomous Soviet Socialist Republic of Tajikistan.*

УДК: 349.4

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ АНЪАНАВУ МАРОСИМҲО ОМИЛИ РАФЪИ ТААССУБ ВА ХУРОФОТ

**ОДИНАЕВА ШАРИФАМО НАЗРИМАДОВНА,**
сармутахассиси шуъбаи пажӯҳиши анъанаву маросим ва диншиносии муқоисавии
Маркази исломшиносӣ дар назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
99232, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ, 58/1.
Тел.: (+992) 987-31-54-13. E-mail: odinaeva1989@inbox.ru

*Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, рафъи таассубу хурофот тавассути танзими ҳуқуқии анъанаву маросимҳо имконпазир гардидааст. Ҳарчанд дар шароити ҷомеаи имрӯза ҳамагуна меъёрҳои иҷтимоӣ маҳз тавассути қонуну қарорҳои миллию байналмилалӣ ба танзим дароварда мешаванд, вале, мутаассифона дар баъзе мавридҳо костагии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва нақзи қонуну санадҳои ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасад. Ин мушкилӣ дар самти қонуншиканиҳо, бахусус нақзи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба назар мерасад. Аз ин ҷиҳат, дар мақолаи мазкур чанд нуктаи муҳим дар мавриди танзими ҳуқуқии анъанаву маросимҳо ҷиҳати пешгирии ҳаргуна зиёдаравию хурофотпарастӣ қайд гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: қонун, ҳуқуқ, танзим, меъёр, анъана, маросим, хурофот.*

Таърих гувоҳ аст, ки пешрафту тараққиёти ҳама халқу миллатҳо маҳз тавассути батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ имкон пазируфтааст. Танзим ва идора кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ аз принсипҳои асосии пойдорӣ ва мустаҳкамнамоии пояҳои давлатдорӣ маҳсуб гардида, аз қадим то имрӯз чандин марҳилаҳоро паси сар намудааст. Маҳз танзими ҳуқуқӣ ва риояи меъёрҳои қонун омили пешрафти ҳама соҳаҳои ҳаёт гардида, барои риояи адолати иҷтимоӣ замина мегузорад. Агар ба саҳифаҳои таърихи фарҳанги ҳуқуқии халқи тоҷик назар кунем, решаҳои онро ҳанӯз аз даврони империяи Ҳахоманишиниён дар катибаҳо ва сангнависҳо, "Эъломияи Куруши Кабир", "Катибаҳои Куруши дуввум", "Катибаҳои Доро", "Катибаҳои нақши Рустам", "Катибаҳои тахти Ҷамшед", "Авасто", "Динкард"[1], "Бундаҳишн", "Менуи хирад", "Матикони ҳазор додистон" ва ғ. мебинем, ки ҳамагӣ ба рияои меъёрҳои иҷтимоӣ ва танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидаанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки аз рӯи таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ мардуми форсу тоҷик аз аввалин халқҳое ба ҳисоб меравaнд, ки дар амалисозӣ ва заминагузории фарҳанги ҳуқуқии халқҳои дигар нақш дошта, ин соҳаи муҳими ҳаётро рӯи кор баровардаанд. Маҳз мардуми форсу тоҷик идеяҳои ҳуқуқиро дар таърихи тамаддуни башар асос гузошта, минбаъд ташаккул доданд.

Бояд қайд кард, ки танзим ва риояи ҳамагуна рафтору кирдор ҳатмӣ буда, меъёрҳои муайяни ҳуқуқиро бояд доро бошанд. Тоҷикон, ки аз қадимтарин замонҳо соҳибдину соҳибтамаддунанд, арзишҳои динӣ ва миллии худро дар доираи меъёрҳои шариат ва арзишҳои умумиинсонӣ омезиш дода, ба қабули қонуну қарорҳо даст задаанд. Сухане, ки бо итминон метавон гуфт, ин аст, ки ин халқи соҳибоин ҳамеша бо бовариҳои худ нисбат ба дин, ки ба назари бархе аз муҳаққиқон падидаи отифӣ ва эҳсоси дарунии инсон аст, кору пайкори худро рӯи кор баровардаанд. Омезишёбии муқаррароти динӣ бо урфу анъаноти миллӣ дар доираи меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ ҳам дар китоби муқаддаси дини Зардуштӣ "Авесто" ва ҳам дар китоби муқаддаси мусулмонон "Қуръони карим" ба назар мерасад. Агар ба умқи динҳои тавҳидӣ назарем

[1] Таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: монография. - Душанбе, 2022. - 508с.

кунем, ҳамагӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ нигаронида шудаанд ва агар ба арзишҳои умумиинсонӣ масъалапардозӣ кунем, асли он дар риояи ҳамагуна меъёрҳои иҷтимоӣ вобаста мегардад.

Ҳама гуна урфу одат ва анъанаву маросим меъёрҳои иҷтимоиро дар бар доранд. Аммо тавре, ки худ мушоҳида мекунем, бенизомӣ дар тарзи амалисозии анъанаву маросим ба бетартибии ҷомеа ва ё ба зиёдаравию бегонапарстӣ бурда мерасонад. Ин аст, ки дилхоҳ давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд барои пойдорӣ ва пешрафту тараққиёти худ бо қабули қонуну қарорҳо ҷомеаро идора мекунад. Ин ҷо сухан аз танзимнамоии анъанаҳое, ки ҷомеа онро пайравӣ мекунанд, меравад, ки дар вуҷуд надоштани қонун дар дилхоҳ самти ҳаёт ҷомеаро метавонад ба бетартибию бе низомӣ бурда расонад. Ҳамонгуна, ки зикр карда шуд, идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ танҳо бо вуҷуди қонуну қарорҳо имконпазир гардидааст. Маврид ба зикр аст, ки падидоии динҳои тавҳидӣ ва фиристодани паёмбарон аз як тараф барои парастиши Худои ягона бошад, ҷанбаи дигари ин масъала дар риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикос мегардад. Таърихи тамаддуни башарӣ исбот кардааст, ки дар ҳама давру замон маҳз зиёдаравӣ ва зоҳирпарастӣ боиси ба вуҷудоии ҳаргуна мушкилот ва аз байн рафтани ҳаргуна қавму миллат ва давлат гаштааст ва мусаллам аст, ки дар заминаи аз байн рафтани давлату миллат урфу одатҳо ва ё арзишҳои миллию динӣ низ аз байн меравнд. Мисоли равшани тасдиқкунандаи ин гуфтаҳо сукути империяи Сосониён дар паёмади он аз маснади дини расмӣ ва ҳукмрон маъзул шудани Зардуштия ва беэътибор шудани аҳкоми шаръии дини мазкур дар ҳаёти моддӣ ва маънавии мардуми ориёитабор шуда метавонад. Ба ин гуна ҳодисот метавон баъзе анъанаҳои хонаводагии мардуми эронитабор ва маросимҳои дини Зардушӣ ва анъанаҳои баъдисиломии халқи тоҷикро мисол овард. Бешак вуҷуди таассубу хурофот аст, ки арзишҳои динӣ поймол ва ё ба ҳарзагӯиҳои баъзе аз афрод сабаб мешавад. Ҷунин вазъиятро дар ҷомеаи асримиёнагии Аврупо низ мушоҳида кардан мумкин аст. Таассубу хурофот ва динситезии руҳониёни Аврупо сабаби сарзадани инқилоби буржуазии Фаронса ва инқилобҳои дигари ин қитъа гардид. Дар чунин шароит донишмандону файласуфони Аврупо ҷаҳонбинии динии калисоро рад карда, идоракунии муносибатҳои ҷамъиятиро ба танқид кашиданд. Маҳз, ошкор сохтани хурофотпарастию бебунёдии ҷаҳонбинии динӣ дар Аврупо ба ҷомеаи он имкон дод, ки танзими умури ҷамъиятӣ дар асоси арзишҳои умумиинсонӣ ба роҳ монда шавад. Дар умум, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз асоситарин рукни ҳаёти инсонӣ буда, барои бунёди ҷомеаи солим ва таъмини адолати иҷтимоӣ даст медиҳад.

Дар ҷомеаи муосир масъалаи танзимнамоии ҳуқуқии анъанаву маросимҳо, ба хусус дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, пайравӣ аз анъанаву маросимҳои мардумӣ бе шак, ба зиёдаравию исрофкорӣ ва таассубу хурофотпарастӣ оварда расонд. Ҳарчанд ҳукумати Шӯравӣ низоми идоракунии сахти сиёсиро роҳандозӣ карда буд ва зидди дину оин баромад мекард, вале танзими анъанаву маросимҳо аз назорат берун монда буд ва ё ба қавли бархе аз бобову бибиҳо сериву пурии он замон боиси хурофоту исрофкориҳо гашта буд. Ба ин ҳама, на танҳо ҳокимиятдорони он даврро, балки худи мардуми маҳаллиро, ки дар ба вуҷудории анъанаву маросимҳои зиёди хурофотӣ даст доштанд, метавон муҷрим донист.

Агарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи зиёда аз 70 соли ҳукумати Шӯравӣ ба чандин пешравиҳо, чун таъсиси макотиби олӣ, идораҳои давлатӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, рушди илму фарҳанг ва ғ. ноил гашта буд, вале дар самти танзими ҳуқуқии баъзе аз масъалаҳо ва риояи меъёрҳои динӣ-ҳуқуқӣ камбудиҳо ба назар мерасид. Ин ҷо

ба таври ҳатмӣ бояд таъкид дошт, ки низоми ҳуқуқии замони Шӯравӣ дар заминагузории қонунгузории миллӣ нақши калон гузоштааст. Бояд қайд кард, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолу озодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист давлати миллии худро бунёд ва дар доираи қонун танзими муносибатҳои иҷтимоиро бо дар назардошти арзишҳои миллию динӣ ба роҳ монад. Аз он ҷо, ки мавзӯи таҳқиқӣ ба масъалаи танзими ҳуқуқии анъанаву маросимҳо ҳамчун омили рафъи таассуб ва хурофот равона гардидааст, мо таҳлили мавзӯи мазкурро аз шарҳу тавсифи ду санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки маҳз барои ҳалли амалии ин мушкилот, яъне ба низом даровардани раванди баргузории анъанаву маросимҳо ва рафъи таассубу хурофот қабул шуда буданд, оғоз мекунем. Ин санадҳо яке Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷашну маъракаҳо ва расму ойинҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад, ки соли 1999 содир шуда буд ва дуввум, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад, соли 2007 қабул шудааст. Дар партави ин ду санади муҳим дар Тоҷикистон маъракаи пурҷушу хурӯши танзими анъанаву маросимҳои миллӣ ва динӣ оғоз гардид, ки дар зарфи 15-соли охир файзу баракат ва пайомадҳои хуби молиявию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангиро барои мардуми шарифи кишвар ба бор овард.

Танҳо баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гашт, ки қонунҳои миллии худро қабул ва дар амал рӯи кор барорад. Баъд аз гузашти замоне, ки миллат марҳилаи бисёр даҳшатборро пасӣ сар карда буд, ба Ҳукумати кишвар имконпазир гашт, ки тавассути қабули қонуну қарорҳои сиёсӣ муносибатҳои иҷтимоиро танзим ва ба бетартибию зиёдаравиҳо хотима бахшад.

Вобаста ба масъалаи ҷой доштани таассубу хурофот ва зиёдаравию бегонапарстӣ дар фарҳанги миллӣ таҳлилҳои коршиносона борҳо рӯи кор баромадааст ва маҳз бо таҳлилу пешниҳодоти коршиносон ва ризояти мардуми шарифи кишвар танзими урфу анъаноти ҳам миллӣ ва ҳам динӣ зери назорат қарор гирифт. Тавре, ки гуфта шуд, соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷашну маъракаҳо ва расму ойинҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" содир шуда, дар заминаи он комиссияҳои ҷамъиятӣ барои бартарафсозии камбудиҳо дар самти гузаронидани ҷашну маросимҳо ва пешгирии исрофкорию зиёдаравиҳо таъсис ёфта буд. Вале, раванди баргузории ҷашну маросимҳо нишон дод, ки бартараф шудани мушкилиҳо дар ин самт ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат қабули қонуни махсусро дар ин самт зарур ва саривақтӣ шуморид. Баъд аз омӯзишу баррасиҳои зиёд таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" соли 2007 имкон дод, ки танзими ҳамагуна урфу одат ва ҷашну маросим дар чаҳорчӯбаи муайян қарор гирад. Қонуни мазкур, ки ҷиҳати пешгирии хароҷоти зиёдатӣ, роҳ надодан ба зиёдаравӣ ва исрофкорӣ, баланд бардоштани ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардуми кишвар, танзим намудани ҷашну маросимҳои миллӣ ва динӣ равона гардидааст, имконияти хуби молию пулиро барои гузаронидани ҷашну маросимҳо ва риояи меъёрҳои иҷтимоиро фароҳам овард. Вобаста ба ин масъала сарвари давлат дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросими динӣ соли 2007 нуктаи муҳимеро қайд намуданд: "Мо имрӯз барои тамоман аз байн бурдан ё барҳам додани расму оинҳои халқӣ ва маросими динӣ ҷамъ наомадаем, балки мақсади асосиамон ин аст, ки дар баробари муайян кардани меъёрҳои баргузории онҳо ба раҳоии мардуми кишвар аз банди худнамоӣ ва тассубу хурофотпарастӣ оғози нек бахшем".[1]

[1] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ аз 24.05.2007. / Ҷумҳурият, №62 (21269) аз 26.05.2007.

Дар зарфи даҳ соли нахустини амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян гашт, ки дар ин самт ҳанӯз ҳам камбудиҳо ҷой доштааст. Дар ин маврид, қайд гардидааст, ки: "Агарчӣ қонуни мазкур ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид намуданро танзим намояд, вале татбиқи амалии он нишон дод, ки дар ин росто баъзе камбудиҳо низ вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, соли 2017 бо пешниҳоду хулосаҳои мардуми кишвар ва мақомоти дахлдори соҳа ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки боиси бартараф намудани камбудиҳои соҳа ва фароҳам овардани имконияти хуб барои баргузории ҷашну маросимҳо дар чаҳорчӯбаи муайян гардид. Вобаста ба тартиби муайян ва ба танзим даровардани ҷашну маросимҳо дар ҳар як мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ комиссияи доимии маҳаллӣ таъсис дода шуд. Таҳлилҳо дар соҳаи ба танзим даровардани ҳамагуна урфу одатҳои мардумӣ нишон медиҳад, ки аксари анъанаҳое, ки хусусияти хурофотӣ доштанд, аз байн рафта, гузаронидани маъракаҳои азодорӣ тибқи талаботи шариат сурат гирифта истодаанд".[1]

Тавре, ки устод О.Ализода қайд кардаанд: "Ба имзо расидани чунин қонун кори саҳлу осон набуд, зеро он ба масъалаҳои ҷиддии равонӣ ва иҷтимоӣ дар бобати бургузории маъракаҳои хурсандӣ ва азодорӣ бастагӣ дошт".[2]

Қабули қонуни мазкур, ки бе восита бо ташаббусу талошҳои Пешвои миллат рӯи кор баромада буд, соли 2017 дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" зикр доштанд, ки: "Таҷрибаи 10 соли амали Қонуни мазкур нишон дод, ки он барои ба низом даровардани анъана, маросиму ҷашнҳои миллию динӣ, инчунин дигар суннатҳои мардумӣ нақши барҷаста гузошт. Санади мазкур барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ асос гузошта, суннатҳои диниву мардумиро ба танзим даровард, анъана ва маросиму ҷашнҳои миллиро мушаххасу дақиқ намуд, пеши роҳи хурофоту таассуб, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравиро гирифт ва ба ҷорӣ гардидани низому тартиботи ягонаи баргузории чорабиниҳои милливу мардумӣ роҳ кушод".[3]

Дар воқеъ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки санади муҳими миллӣ ва ҳуқуқӣ маҳсуб мегардад, нишон дод, ки баргузории маросимҳои миллӣ ва динӣ дар чаҳорчӯбаи муайян сурат гирифта, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи арзишҳои миллию динӣ нақши муҳим бозидааст. Ҳамчунин, арзишҳои миллию динӣ, ки заминагузори анъанаву маросимҳоянд, дар доираи меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ танзим гардида истодаанд.

**Адабиёт**

1. Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ (маҷмӯи мақолаҳо). -Душанбе, 2021. 268 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 8.06.2007, №272

[1] Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ (маҷмӯи мақолаҳо). - Душанбе, 2021. саҳ. 180.

[2] Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи илмӣ-таҳқиқотӣ). - Душанбе, 2018. саҳ. 194.

[3] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 11.07.2017. / Садои мардум, №83 (3720) аз 13.07.2017.

3. Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи илмӣ-таҳқиқотӣ), ҷилди III. - Душанбе, 2018. 296 с.
4. Мирзозода Азизулло. Шикасти тилисм (маҷмӯи мақолаҳо). - Душанбе, 2021. 314с.
5. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Соҳибзода М.С. Таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: монография. - Душанбе: "ЭР-граф", 2022. 508с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ аз 24.05.2007./ Ҷумҳурият, №62 (21269) аз 26.05.2007.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 11.07.2017. / Садои мардум, №83 (3720) аз 13.07.2017.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРАДИЦИЙ И ОБРЯДОВ - ФАКТОР ИСКОРЕНЕНИЯ ПРЕДРАССУДОК И СУЕВЕРИЙ

**ОДИНАЕВА ШАРИФАМО НАЗРИМАДОВНА,**
главный специалист отдела исследования традиции,
обряды и сравнительного религоведения
Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан.
99232, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Шодмони, 58/1.
Тел.: (+992) 987-31-54-13. E-mail: odinaeva1989@inbox.ru

*Как показывают анализы, искорение предрассудок и суеверий стало возможным посредством правового регулирования традиций и обрядов. Хотя, в сегодняшних условиях всякие социальные нормы упорядочиваются на основе национальных и международных законов, однако, к сожалению, иногда наблюдаются недостатки в регулировании социальных отношений, нарушения законов и правовых актов. Данная проблемма, то есть нарушение закона особенно часто возникает при реализации Закона Республики Таджикистан "Об упорядочении традиций, праздников и обрядов в Республике Таджикистан". Поэтому, в данной статье отмечены несколько важные замечания о правовом регулировании традиций и обрядов и предотвращении чрезмерностей и суеверий.*

***Ключевые слова:*** *закон, право, регуляция, норма, традиция, обряд, суеверие.*

## LEGAL REGULATION OF TRADITIONS AND RITUALS - A FACTOR IN THE ERADICATION OF PREJUDICES AND SUPERSTITIONS

**ODINAEVA SHARIFAMO NAZRIMADOVNA,**
Chief specialist of the Department for the study of traditions,
rituals and comparative religious studies of the
Center for Islamic studies under the President of the Republic of Tajikistan.
99232, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 58/1, Shodmoni Str.
Phone: (+992) 987-31-54-13. E-mail: odinaeva1989@inbox.ru

*As analyzes show, the eradication of prejudices and superstitions became possible through the legal regulation of traditions and rituals. Although, in today's conditions, all social norms are ordered on the basis of national and international laws, however, unfortunately, sometimes there are shortcomings in the regulation of social relations, violations of laws and legal acts. This problem, that is, violation of the law, especially often arises during the implementation of the Law of the Republic of Tajikistan "On the regulation of traditions, holidays and rituals in the Republic of Tajikistan." Therefore, this article notes several important remarks about the legal regulation of traditions and rituals and the prevention of excesses and superstitions.*

***Key words:*** *law, right, regulation, norm, tradition, ritual, superstition.*

**УДК: 347.1 (575.3) (УДК)**

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ МАЪЛУМОТИ ДОРОИ СИРРИ ТИҶОРАТӢ ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚУРБОНОВ ШАҲРОМ БАҲРОМОВИЧ,**
унвонҷӯи Инистити фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуки ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 933-05-15-96. E-mail: shahrom_9595@list.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илми анҷом додааст. Бояд гуфт, ки сирри тиҷоратӣ дар рушди иқтисодӣ нақши муҳим дошта, манфиатҳои рақобати одилонаи субъектҳои фаъолияти хоҷагидории иқтисодиро таъмин мекунанд. Сирри тиҷоратӣ ҳар гуна иттилооти ошкорнашудаи идоракунии, истеҳсолӣ, илмӣ, техникӣ ва дигари тиҷоратӣ, ки дорои арзиши муҳим барои фоидаи рақибон ва ба даст овардани фоида, ки дар шакли хаттӣ ё дигар мавод ва моликияти истисноии он сабт шудааст, дар бар мегирад. Арзиши сирри тиҷоратӣ ҳамчун амволи иттилооти дорои дастрасии маҳдуд фаҳмида мешавад.*

*Инчунин дар мақола ақидаҳои баъзе аз олимони ватанию хориҷӣ оид ба ифшои маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, рақобати бевиҷдонона аз ҷониби субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, таъсири манфии фош намудани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, хусусиятҳои хоси сирри тиҷоратӣ, ифшои сирри тиҷоратӣ дар муносибатҳои байни корманд ва корфармо дар шартномаи коллективӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, низоми сирри тиҷоратӣ, ва ҷанбаҳои ҳуқуқвайронкунию ҷавобгарӣ нисбати ифшои маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ пешбинӣ шудааст.*

***Калидвожаҳо:** сирри тиҷоратӣ, ифшои маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, фош, иттилоот.*

Рушди технологияи муосир аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, корхонаҳои истеҳсоли ва ширкатҳои гуногуни тиҷоратӣ талаб мекунад, ки на танҳо усулҳои навтарини технологиро таҳия намоянд, балки ба махфияти тиҷоратии худ диққати ҷиддӣ диҳанд. Зеро, зарари чунин амалҳо ба хисороти зиёди молии чунин корхонаҳо оварда расонидааст.

Дар замони муосири рушди тамаддун бо гузариш ба намуди нави давраи ҷомеа – ҷомеаи иттилоотӣ асри илму техника тавсиф мешавад. Ҷорӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ барои давраи сифатан нави тамаддун заминаи мусоид фароҳам меорад ва барои системаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҷомеа, давлат ва шаҳрвандон имкониятҳои беназир фароҳам меорад. Иттилоот ба маҳсулоти аз ҳама гаронбаҳо табдил меёбад, ки аз арзиши захираҳои табиӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва ғайраҳо зиёдтар аст. Шабакаҳои глобалии компютерӣ ҷаҳонро якнавъ киберфазо, ҷаҳони маҷозӣ, ки дар он қоидаҳои худ амал мекунанд, эҷод мекунанд. Табиист, ки дар чунин шароит аҳамияти ҳифзи иттилоот, хусусан дастрасии он, ки хусусияти махфии он маҳдуд аст, якбора меафзояд [5. 3-4].

Дигаргуниҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон, барқарор шудани муносибат бозоргонӣ, тағйир ёфтани шакл моликият, суст шудани функсияҳои назорати давлат ва дигар равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ барои зиёдшавии ҷиноятҳорӣ аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиёт таконе ба амал овард. Суст будани пойгоҳи ҳуқуқӣ, қонунан танзим нашудани бисёр муносибатҳои нави иқтисодӣ сари вақт иҷро нашудани қонунҳои нав қабулгашта, даст кашидан аз танзими давлатии раванд муҳими иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, набудани назорат аз тарафи ҷамъият ва давлат ба

қонуни будани ҳаракатҳои кормандони дастгоҳи идоравӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, тоҷирон ва соҳибкорон, ҳамаи ин ҳолатҳо барои ба амал омадани ҷиноятҳои иқтисодӣ, баланд гаштани шакҳои муташакиллии он сабаб мегардад [15. 3].

Бояд гуфт, ки сирри тиҷоратӣ дар рушди иқтисодӣ нақши муҳим дошта, манфиатҳои рақобати одилонаи субъектҳои фаъолияти хоҷагидории иқтисодиро таъмин мекунанд. Ин сабаби пайдоиши натанҳо дар ҳуқуқи граждани, балки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон барои ҷавобгарӣ барои вайронкунии дахлнопазирии маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, асос меёбад.

Маълумоти дорои сирри тичорати, хизмати ва сирри дигари бо конун хифзшаванда, инчунин маълумоте, ки кормандони макомоти давлатии зиддиинхисори хангоми амалисозии ваколати худ ба даст овардаанд, ба истиснои холатхои мукаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи рақобат бояд ошкор карда нашаванд.

Гирифтан, истифода бурдан, ошкор сохтани иттилооти дорои сирри тичорати ё хизмати, ё дигар сирри бо конун хифзшаванда ба ракобати бевичдонона дохил мешаванд [11. мод.16, 23].

Мундариҷаи филологии истилоҳи «сир» ду маънои семантикӣ дорад: чизе барои ҳама комилан ношинос ва чизи нисбатан ба ягон доираи одамон номаълум. Аён аст, ки танҳо маънои дуюми истилоҳи таҳқиқшаванда маънои ҷиноӣ дорад - тасаввур кардани муносибати хуқуқии ҷиноятӣ нисбати далелҳо ва ҳолатҳои барои касе номаълум душвор аст, зеро дар ин ҳолат на дар бораи объектҳо ва на субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ сухан рондан ғайриимкон аст [6].

Мафҳуми расмии сирри тиҷоратӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст. Мафҳум ва хусусиятҳои сирри тиҷоратиро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамоем.

Дар асоси Қонунн ҶТ«Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни с. 2008, № 403 сирри тиҷоратӣ - махфияти иттилооте, ки имконият медиҳад ба дорандаи он дар ҳолати мавҷуда ё имконпазир даромадашро зиёд гардонад, ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳад, мавқеашро дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ нигоҳ дорад ё худ фоидаи дигари тиҷоратӣ ба даст орад [7. мод 3].

Дар ин асно қонунгузории граждани низ дар моддаи 153 дарҷ менамояд, ки маълумотеро, ки дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ мебошанд, ҳифз менамояд, ба шарте, ки маълумот бо сабаби ба шахси сеюм маълум набуданаш арзищи воқеӣ ё имконпазири (потенсиалии) тиҷоратӣ дошта, дар асоси қонун барои истифодаи озодона дастрас набошад, дорандаи маълумот ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани он тадбирҳо меандешад.

Иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки шахси дигар дорандаи он аст, дар он ҳолат аз ғайриқонунии аз ӯ гирифташуда ҳисобида мешавад, агар он бар хилофи чораҳои андешидаи дорандаи он вобаста б аҳифзи махфияти он иттилоот гирифта шуда бошад ва ҳамчунин агар шахсе, ки иттилооти мазкурро гирифтаас, медонист, ки ин иттилооти шахси дигар дорои сирри тиҷоратӣ мебошад ва шахсе, ки дигаронро аз ин иттилоот воқиф мегардонад, барои воқифгардонии он асосӣ қонунӣ надорад. [8.405-408; мод. 153].

Маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, дар асоси фаъолияти ҳама гуна ташкилот ё шахси воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, асос ёфтааст. Дорандаи ин маълумот метавонад даромади худро афзоиш диҳад ва аз хароҷот канорагирӣ кунад ва ба ин васила фоидаи тиҷорӣ ба даст орад.

Аз ин мафҳум маълум мешавад, ки сирри тиҷоратӣ яке аз объектҳои моликияти зеҳнӣ мебошад. Сухан дар бораи иттилооти илмӣ-техникӣ, технологӣ,

истехсолӣ, молиявию иқтисодӣ ё худ дигар иттилооти дорои арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ меравад, ки бинобар сабаби онро надонистани шахсони сеюм, ки наметавонанд ин иттилоотро дар асоси қонун озодона дастрас намоянд ва нисбати он дорандаи чунин иттилоот низоми сирри тиҷоратиро ҷорӣ кардааст [4. 312].

Итилооте, ки шакли объективии танзими граждани - ҳуқуқиро гирифтааст дар муомилоти молӣ, инчунин бо истифодаи дигар вижагиҳо, ба монанди «ноу - хау», «сирри касбӣ», «сирри шахсии соҳибкор» ва ғайра истифода мешаванд, дар асл маънои сирри тиҷоратиро дорад. Чунин ҳолат ба соҳибкор ва дигар дорандаи он ҳуқуқи субъективӣ оид ба тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, техникӣ ва дигар тадбирҳое, ки дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ барои ҳифзи махфияти он меандешад. Ба сифати «дигар дорандаи он» хизматчиёни давлатӣ, ҳамкорон, кормандон ва дигарон дохил мешаванд, ки ухдадор мебошанд, ки махфияти онро нигоҳ доранд. Ҳамчун маълумот табиати ҳуқуқи гуногун дорад аз ҷумла дар бораи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ, инчунин маълумот дар бораи усулҳои пешбурди фаъолияти касбӣ, ки бо сабаби ба шахсони сеюм номаълум буданашон арзиши воқеӣ ё эҳтимолии тиҷорӣ доранд шахсони сеюм дар асоси қонунӣ дастрасии озод надоранд ва нисбат ба онҳо соҳиби чунин маълумот режими сирри тиҷоратиро ҷорӣ кардааст.

Агар дар рафти иҷрои ухдадориҳои хизматӣ иттилооти характерӣ сирри тиҷоратӣ дошта дастрасии қонунӣ ва ғайриқонунии шахси мансабдори давлатӣ ва ё дигар шахс гардад, ин иттилооти дастрасии маҳдуд ба сирри хизматӣ ва ё сирри шахсӣ табдил намеёбад. Чунин иттилоот ҳамчун дониш, малакаи касбии нодир ва дигар фаҳмиши иттилоотии ҳунар, сирри тиҷоратӣ боқӣ мемонад. “Бинобар ин, д.и.ҳ. проф. Ғаюров Ш.К.,яке аз олимӣ ватани чунин пешниҳод кардаанд: реҷаи умумии муқаррар намудаи м. 153 ва 1126 КГ дар нисбати сирри тиҷоратӣ ва сирри хизматӣ ғалат аст. Сирри хизматӣ иртибот дорад ба ҳуқуқи маъмури. Вале сирри тиҷоратӣ маҳсули муносибатҳои гражданӣ — ҳуқуқии иттилоотӣ мебошад [3. 304-306].

Мо низ ҷонибдорӣ мекунем ин пешниҳодро чунки дар ҳақиқат сирри хизматӣ аз ҳуқуқи хусусӣ дур аст ва рапт дорад ба ҳуқуқи оммавӣ, бештар иртибот дорад ба ҳуқуқи маъмури.

Дар чунин муносибатҳо донише ифода меёбад, ки онро соҳибкор ва ё ҳунарманд намехоҳад интишор кунад, хамчун дониши техники объеки ҳифзи патентӣ намояд. Бо ин вазъи вай мавқеи худро дар бозор, дар иҷрои кор ва ҳунар нигоҳ медорад [13. 75].

Ҳуқуқ ба мансуб донистани иттилоот ба иттилооти доро̄и сирри тиҷоратӣ ва ҳуқуқи муайян кардани номгуи ва таркиби ин гуна иттилоотро бо назардошти муқарраротӣ қонуни мазкур дорандаи чунин иттилоот дорад. Итталооте, ки аз он шахс мустақиман воқиф ёфтааст, катъи назар аз он, ки мазмуни ин иттилоот метавонад бо мазмуни иттилооти дорои сирри тиҷоратии ба шахси дигар мансуб буда мувофиқ бошад, иттилооти ба таври қонунӣ аз он воқифгардида ҳисоб меёбад. Итталооти доро̄и сирри тиҷоратае, ки шахс аз дорандаи он дар асоси шартнома ва ё бо дигар асоси қонуни гирифтааст, ба тарзи қонунӣ гирифташуда ҳисоб мешавад. Иттилооти доро̄и сирри тиҷоратие, ки шахси дигар дорандаи он аст, дар он ҳолат ғайриқонунӣ аз ӯ гирифташуда ҳисобида мешавад, агар он бар хилофи чораҳои андешидаи дорандаи он вобасга ба ҳифзи махфияти ин иттилоот гирифта шуда бошад ва ҳамчунин агар шахсе, ки иттилооти мазкурро гирифтааст, медонист, ки ин иттилооти шахси дигар дорои сирри тиҷоратӣ мебошад ва шахсе, ки дигаронро аз ин иттилоот воқиф мегардонад, ба-рои воқифгардонии он асоси қонунӣ надорад.

Иттилооти дастрасиаш маҳдуд тибқи инизоми ҳуқуқӣ ба пинҳонӣ ва махфӣ ҷудо карда мешавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дорои иттилооти пинҳонии касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ва хусусияти дигар дошта мебошанд, онҳоро тавассути маблағҳои худӣ бадаст овարданд ё натиҷаи амали касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ё дигар манфиатҳои онҳо буда, сирри мувофиқи қонун пешбини намударо вайрон накарда, низоми дастрасӣ ва ҳифзи онро муайян мекунанд.

Тартиби муносибат бо иттилооти махфӣ ва ҳифзи он аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ бо шарти риояи талаботи муқаррарнамудаи Қонун муайян карда мешавад.

Тартиб ва мӯҳлати ошкор намудани иттилооти махфӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад [9. 5; мод. 26].

Низоми сирри тиҷоратӣ наметавонад аз тарафи шахс нисбати маълумоти зерин муқаррар карда шавад; маълумоти ҳуҷҷатҳои шахси ҳуқуқӣ ва маълумоти ҳуҷҷатҳое, ки дар феҳристи дахлдори давлатӣ ба қайд гирифта шудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро тасдиқ менамоянд; маълумоти ҳуҷҷатҳое, ки ба шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро медиҳад; маълумот дар бораи таркиби молу мулки корхонаи давлатӣ, муассисаи давлатӣ, инчунин мавриди истифода қарор додани маблағи буҷетии дахлдор; маълумот дар бораи олудашавии муҳити атроф, ҳолати бехатарӣ аз сухтор, вазъи санитарию эпидемиологи ва радиатсионӣ, бехатарии озуқаворӣ ва дигар омилҳое, ки ба фаъолияти бехавфи объектҳои истехсолӣ, бехатарии ҳар як шаҳрванд ва тамоми аҳоли таъсири манфӣ мерасонанд; маълумот дар бораи ҳайати кормандон, низоми пардохти музди меҳнат, дар бораи нишондиҳандаҳои маъюбшавӣ дар истеҳсолот, касалиҳои касбӣ ва дар бораи мавҷудияти ҷойҳои холии кори; маълумот дар бораи қарздории корфармоён оид ба пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ичтимоӣ; маълумот дар бораи риоя нашудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва далелҳо оид ба ҷавобгарӣ барои содир кардани ин қонуншиканиҳо; маълумот дар бораи шарту шароитҳои озмунҳо ва савдо дар музояда оид ба хусусигардонии объектҳои давлатӣ, хариди давлатии мол ва кору хизматрасонӣ; маълумот дар бораи андозаи фоида ва сохтори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ҳаҷм ва таркиби молу мулки онҳо, хароҷот, шумораи кормандон ва музди онхо, исгифодаи меҳнати беподоши шахрвандон дар фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ; маълумот дар бораи руйхати шахсоне, ки ҳуқуқ доранд бе ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқӣ амал кунанд; маълумоте, ки тибки тартиби мукаррарнамудаи конунхои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман ошкор шавад ё дастрасии он маҳдуд нагардад [3. 221-222].

Дорандаи иттилооти дороӣ сирри тиҷоратӣ бо талаби асосноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иттилооти дороӣ сирри тиҷоратиро ба онҳо бидуни подош медиҳад.

Талабномаи асоснок бояд аз тарафи шахси масъули мансабдор имзо шуда, дар он мақсад ва асоси ҳуқуқии талаб кардани иттилооти дороӣ сирри тиҷоратӣ, муҳлати пешниҳоди ин иттилоот сабт шуда бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст. Агар дорандаи иттилооти дороӣ сирри тиҷоратӣ ин иттилоотро ба мақомоти хокимияти давлатӣ додан нахоҳад, мақомоти мазкур ҳуқуқ доранд ин иттилоотро ба тариқи судӣ талаб карда гиранд. Дорандаи иттилооти дороӣ сирри тиҷоратӣ ва ҳамчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ин гуна иттилоотро гирифтаанд, вазифадоранд онро бо дархости суд, мақомоти прокуратура, макомоти тафтишоти пешакӣ, мақомоти таҳқиқ азруи парвандаҳое, ки дар истеҳсолоташон қарор доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба онҳо диҳанд.

Ҳуқуқи дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ мутобиқи м. 10 қонуни дар боло қайдшуда, аз рузи ба чунин итгилоот низоми сирри тиҷоратиро муқаррар намудани ӯ ба миён меояд [7. 3-4; мод. 10].

Дорандаи он ҳуқуқ, дорад: низоми сирри тичоратиро мутобиқи қонуни мазкур ва шартномаи хукуки граждани ба тарзи хаттӣ муқаррар намояд, тағйир диҳад ва бекор кунад; иттилооти дорой сирри тичоратиро барои эҳтиёҷоти худ, бо тартибе, ки хилофи конунгузории ҶТ набошад, истифода барад; ба дастрасии иттилооти дорои сирри тичоратӣ иҷозат диҳад ё онро худ манъ кунад, тартибу шартҳои дастрасии онро муайян кунад, агар дар қонунгузории ҶТ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад; иттилоотеро, ки дорой сирри тиҷоратӣ мебошад, дар асоси шартномаҳое, ки ба онхо дохил кардани шартҳои хифзи махфияти чунин итгилоот пешбинӣ шудааст, ба муомилоти гражданӣ барорад; аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки иттилооти дорой сирри тиҷоратиро ба даст овардаанд, аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дастраси онҳо гардидааст, риояи уҳдадории ҳифзи махфияти онро талаб намояд; аз шахсоне, ки ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дар натиҷаи амалҳои тасодуфан ё қасдан содиршуда даст ёфтаанд, ҳифзи махфияти ин иттилоотро талаб намояд; ҳуқуқи худро бо тартиби мукаррарнамудаи қонун хангоми аз ҷониби шахсони сеюм фош сохтан ғайриқонунӣ дастрас ё истифода кардани иттилооти дорой сирри тиҷоратӣҳифз намояд, аз чумла товони зиёнеро, ки бо сабаби риоя нашудани ҳуқуқҳояш талабкунад [3.223].

Дорандаи иттилооти дорои сирри тичоратӣ, ки ин иттилоот дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ ба ӯ дастрас шудааст, корфармо мебошад. Агар натиҷа дар асари уҳдадориҳои меҳнатии худ ва ё супориши мушаххаси корфармоdo ба ҷо овардани корманд ҳосил шуда бошад, ки он ҳамчун ихтироот, модели муфид, намунаи саноатӣ, топологияи микросхемаи интегралӣ, барномаи МЭҲ ё манбаи маълумот ба ҳимояи ҳуқуқ ниёз пайдо кунад, муносибатҳои корманд ва корфармо мутобиқи конунгузории ҶТдар бораи моликияти зеҳнӣ танзим мегарданд.

Бо қарордоди давлатӣ оид ба иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ, технологи ё дигар корҳои эҳтиёҷоти давлатӣ бояд ҳаҷми маълумоте, ки махфӣ дониста шудааст, муайян карда шуда, ҳамчунин масъалаҳои муқаррар намудани иттилооти дастрасшуда нисбати низоми сирри тиҷоратӣ танзим карда шаванд.

Чораҳои ҳифзи махфияти иттилоот, ки дорандаи он меандешад, аз инҳо иборат мебошанд: муайян намудани номгуи иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ; истифодаи сирри тиҷоратӣ дар воситаҳои сертификатсияшудаи ҳифзи иттилоот; маҳдуд кардани дасграсии иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ бо роҳи муқаррар намудани тартиби истифодаи ин иттилоот ва назорати риояи чунин тартибот; ба ҳисоб гирифтани шахсони ба иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ дастёфта ва ё шахсоне, ки ин гуна иттилоот ба онхо расонида шудааст; ба танзим даровардани муносибатхо оид ба истифодаи иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ аз тарафи кормандон дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва аз тарафи контрагентҳо дар асоси шартномахои ҳуқуқи гражданӣ; гузоштани мухри «Сирри тиҷоратӣ» дар руи ҳомилони (ҳуҷҷатҳои) моддии дорой сирри тиҷоратӣ ва зикри дорандаи ин иттилоот (барои шахсони ҳуқуқӣ номи пурра ва маҳалли будубош, барои шахсони воқеӣ - насаб, ном ва номи падари шаҳрванде, ки соҳибкори инфиродист ва ҷойи истиқомат).

Низоми сирри тиҷоратӣ баъди тадбирҳои андешидаи дорандаи иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ, ки дар бандҳои а) ва в) қ.1 моддаи мазкур зикр гардидааст, муқарраршуда ҳисоб меёбад. Соҳибкори инфиродие, ки дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ буда, корманде надорад, ки бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бандад, барои

ҳифзи махфияти иттилооти дар қ.1 моддаи мазкур зикршуда, ба истиснои б. а) ва в), ҳамчунин муқарраротӣ бандӣ д) оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ чора меандешад. Дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дар баробари чораҳое, ки дар қ.1 ҳамин модда зикр ёфтаанд, ҳуқуқ, дорад ҳангоми зарурат усулу воситаҳои ҳифзи техникии махфияти ин иттилоот, дигар чораҳоеро, ки ба қонунгузории ҶТ мухолиф нестанд, татбиқ намояд.

Чораҳои ҳифзи махфияти иттилоот ҳаматарафа оқилона эътироф карда мешаванд, ба шарте, ки: дастрасии иттилооти дорой сирри тичоратӣ аз ҷониби ҳар шахс бе розигии дорандаи он истисно гардида бошад; имконияти иттилооти дорой сирри тиҷоратиро истифода намудани кормандон ва расонидани он ба контрагент бидуни вайрон кардани низоми сирри тиҷоратӣ таъмин гардад. Низоми сирри тиҷоратиро барои мақсадҳое, ки алайҳи талаботи ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, сиҳатӣ, андозбандӣ, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигар, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат равона гардидаанд, истифода кардан мумкин нест.

Бо мақсади ҳифзи махфияти иттилоот корфармо ухдадор аст: аз корманде, ки воқифгардии ӯ аз иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш зарур аст, забонхат гирифта, ӯро бо иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳои ӯ мебошанд, шинос намояд; ӯро бо низоми сирри тиҷоратии муқаррарнамудаи корфармо ва ҷорахои ҷавобгарӣ барои риоя накардани ин низом шинос намояд; ба корманд барои риояи низоми сирри тиҷоратии муқаррарнамудаи корфармо шароити зарурӣ муҳайё созад.

Корманд бо иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки ба иҷрои уҳдадориҳои хизматии ӯ вобастагӣ надорад, танҳо бо розигии корфармо шинос карда мешавад. Барои ҳифзи махфияти иттилоот корманд уҳдадор аст; низоми сирри тиҷоратиро, ки корфармо муқаррар намудааст, риоя кунад; иттилооти дорои сирри тиҷоратиро, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳои ӯ мебошанд, фош накунад ва бе розигии онҳо ба мақсади худ истифода набарад; иттилооти дорои сирри тиҷоратиро, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳояш мебошанд, пас аз қатъ гардидани шартномаи меҳнатӣ дар муҳлати пешбини намудаи созишномаи байни корманд ва корфармо, ки дар давраи муҳлати эътибори шартномаи меҳнатӣ баста шудааст ё худ дар тули 3 соли баъди қать гардидани шартномаи меҳнатӣ, ба шарте, ки созишномаи мазкур баста нашуда бошад, фош накунад; агар корманд дар фош шудани иттилооти дорой сирри тиҷоратие, ки ба ӯ бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш маълум гаштааст, гунаҳкор бошад, ба корфармо зиёни онро ҷуброн намояд; дар сурити қатъ ё бекор шудани шартномаи меҳнатӣ ҳомилони моддии иборат аз иттилооти дорой сирри тиҷоратиро, ки дар ихтиёри корманд буд, ба корфармо баргардонад.

Корфармо метавонад аз шахсе, ки муносибатҳои меҳнатиашро бо ӯқатъ намудааст, товони зиёнро талаб намояд, дар ҳолате, ки ин шахс дар фош кардани иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ, ки ӯ бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш ба он даст ёфтааст, гунаҳкор бошад ва ба шарте, ки ин гуна иттилоот дар давоми муҳлати дар банди в)-и қ.3 ҳамин модда муқаррар гардида фош шуда бошад. Агар иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ бар асари қувваи рафънопазир, аз руи зарурат ё худ аз ҷониби корфармо иҷро нагардидани уҳдадории таъмини тартиботи сирри тиҷоратӣ фош шуда бошад, товони зиён ё осеби расидаро корманд ё худ шахси муносибатхои меҳнатиро қатъкарда ҷуброн намекунад. Дар шартномаи меҳнатӣ бояд уҳдадории роҳбари ташкилот оид ба таъмини ҳифзи махфияти иттилооте, ки дорандаи он ташкилот ва контрагентҳояш мебошанд ва масъулияти таъмини ҳифзи махфияти он пешбинӣ карда шавад. Роҳбари ташкилот зиёнеро, ки тавассути амали номатлуби ӯ бо сабаби риоя

накардаии конунгузории дар борай сирри тиҷоратӣ ба ташкилот расидааст, ҷуброн мекунад. Дар ин сурат зиён бо даъвои молик мувофиқи қонунгузории граждании муайян карда мешавад. Корманд ҳак дорад аз ғайриқонунӣ муқаррар шудани низоми сирри тиҷоратӣ нисбати иттилооте, ки бинобар иҷрои ухдадориҳои меҳнатӣ ба ӯ дастрас гардидааст, ба суд шикоят намояд [1. 223].

Аз ин лиҳоз, мо чунин мешуморем, ки давлат бояд дар бораи ҷорӣ кардани меъёрҳои махсус ба қонунгузорӣ, ки ташкили хадамоти амниятиро дар ташкилотҳое назорат мекунад, ки ифшои маълумоти сирри тиҷориро пайгирӣ мекунанд, фикр кунад [2. 10-14].

Муносибати байни дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ва контрагенти оид ба ҳифзи махфияти иттилоот бо қонун ва шартнома ба танзим даровarda мешавад. Дар шартнома бояд шартҳои ҳифзи махфияти иттиллоот, аз чумла дар мавриди аз нав ташкил кардан ва барҳам хурдани яке аз тарафҳои шартнома тибқи қонунгузории граждании ва ухдадории контрагент оид ба ҷуброни зиён дар сурати иттилоотро бар хилофи шартнома фош кардани он ӯ муайян карда шаванд. Агар дар шартнома байни дорандаи иттилооти дорой сирритиҷоратӣ ва контрагент шарти дигар муқаррар нашуда бошад, контрагент мутобиқи қонунгузорӣ тарзу усулҳои ҳифзи иттилооти дорой сирри тиҷоратиро, ки тибқи шартнома ба ӯ дода шудааст, мустақилона муайян менамояд. Контрагент вазифадор аст фавран ба дорандаи иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ оид ба фош кардани сир ё худ огоҳ гардидани ӯ аз фош шудани он ё таҳдиди хатари фош гардидани иттилооти дорой сирри тичоратӣ, аз тарафи шахсони сеюм ғайриқонунӣ дастрас ё ки ғайриқонуни истифода кардани ин иттилоот хабар диҳад.

Дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки ин иттилоотро ба контрагент додааст, набояд то гузаштанн мӯҳлати эътибори шартнома иттилооти дорой сирри тиҷоратиро фош кунад, инчунин ҳифзи махфияти онро аз ҷониби худ қатъ гардонад, ба шарте, ки дар шартнома тартиби дигар муқаррар нашуда бошад. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, тарафе, ки хифзи махфияти иттилооти мутобиқи шартнома расидаро аз руи шартҳои шартнома таъмин накардааст, бояд ба тарафи дигар товони зиёнро диҳад.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мутобиқи қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ухдадоранд барои ҳифзи махфияти иттилооте, ки шахсони хуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ барояшон расонидаанд, шароит муҳайё намоянд. Шахсони мансабдори макомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, хизматчиёни давлатии мақомотҳои мазкур ҳақ надоранд бе розигии дорандаи иттилооти дорой сирри тиҷоратӣ иттилооти сирри тиҷоратиро, ки аз он дар натичаи иҷрои ухдадориҳои мансабӣ воқиф шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни мазкур фош кунанд ё худ ба шахсони дигар расонанд, инчунин ҳуқуқ надоранд. Ин иттилоотро ба мақсадҳои ғаразнок ё мақсадҳои дигари худ истифода баранд.

Маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, дар маҷмӯъ чунин хусусиятҳо дорад. Ин иттилооти махфии мебошад, ки метавонад ба соҳиби худ таъсири мусбат расонад, онро арзишманд кунад ва инчунин барои ҳифзи он чораҳо андешад. "Мавҷудияти арзиши потенсиалӣ ё воқеии иттилооти сирри тиҷоратӣ ҳангоми муайян кардани арзиши ин маълумот ифода меёбад." Аз ин рӯ, як шарти зарурӣ барои ташкили низоми сирри тиҷоратӣ бояд муайян кардани соҳиби арзиши иттилоот бошад, ки хавфи номувофиқатии иттилоотро бо нишонаҳои таъиншудаи сирри тиҷоратӣ ба бор меорад.

Ҳамин тариқ, низоми сирри тиҷоратӣ ба шумо имкон медиҳад, ки аз паҳнкунии худсаронаи иттилооте, ки ҳимояи ҳуқуқиро ҳамчун объектҳои моликияти зеҳнӣ гирифта наметавонанд, муҳофизат кунад, ки ин, бешубҳа, барои тиҷорат аҳамияти калон дорад. Арзиши сирри тиҷоратӣ ҳамчун амволи иттилооти дорои дастрасии маҳдуд фаҳмида мешавад, ки ҳам манфиати шахсӣ (ҳам манфиати соҳиби он) ва ҳам манфиати ҷамъиятиро таъмин мекунад. Доштани маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки бартарии рақобатиро ба даст орад, аз ин рӯ, ба «сирри манфии илмӣ» «иттилооти манфӣ» метавонад ба сирри тиҷоратӣ дохил карда шавад, ки ин натиҷаи таҳқиқот мебошад, ки ҳадафи он дар давоми он ба даст наомадааст, зеро ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки талафоти эҳтимолиро пешгирӣ кунанд.

Соҳиби сирри тиҷоратӣ метавонад субъекти хоҷагӣ, контрагенти он тибқи шартномаи ҳуқуқии граждaнӣ, инчунин шахсе бошад, ки натиҷаи ба сирри тиҷоратӣ хосро дорад, ҳангоми иҷрои кор тибқи шартномаи пудрат, созишнома оид ба татбиқи таҳқиқот, таҷриба ё кори технологӣ. Зарур аст, ки қонунгузории амалкунанда дар бораи таъин кардани пардохтҳои ҷубронпулӣ, ки корфармо ӯҳдадор аст ба корманде, ки муносибатҳои меҳнатиро қатъ кардааст, барои истифода накардани ин дониш ва малакаи бо сирри тиҷорӣ алоқамандро пардохт кунад ва мӯҳлати ҳадди ақалеро, ки дар давоми он бояд ин пардохтҳо анҷом дода шаванд, зарур аст.

Ҳамин тавр, ҳуқуқҳое, ки ба моликияти зеҳнӣ хосанд, қисми таркибии ҳуқуқ ба сирри тиҷорӣ ҳамчун як намуди маълумоти махфӣ дар қонуни ҷиноятӣ мебошанд. Маҳз аз ҳамин ҷост, ки худи далели пайдоиши ҷавобгарии ҷиноятӣ дар доираи м. 277 ва 278-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии соҳибмулк ё дигар соҳиби қонунӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии маълумоти сирри тиҷоратӣ алоқаманд аст.

Маълум аст, ки қонунгузор дар ихтиёри моддаҳои 277 ва 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мафҳуми «сирри тиҷорӣ» мафҳуми «сирри бонкӣ» -ро истифода мебарад ва ба тариқи алтернативӣ иҷро мекунад.

Мутобиқимоддаи 277. Ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ Ҷамъоварии маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бо роҳи тасарруфи аснод, ришвадиҳӣ ё таҳдид нисбати шахсоне, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкиро медонанд ё бо наздикони онҳо, дошта гирифтани мавҷи воситаҳои алоқа ё ғайриқонунӣ тамос гирифтан ба системаи ё шабакаи компютерӣ ё истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ, ҳамчунин бо роҳи дигари ғайриқонунӣ бо мақсади ифшо ё истифодаи ғайриқонунии ин маълумотҳо [10. 123; мод. 277, 278].

Дар асоси мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки намудҳои гуногуни сирро танзим мекунанд, хусусиятҳои зерини хоси сирри тиҷоратиро фарқ кардан мумкин аст:

1. Сирри тиҷоратӣ пеш аз ҳама, маълумот аст. Ҳамин тавр, масалан, сирри тиҷоратӣ маълумоти илмӣ-техникӣ, тиҷоратӣ, ташкилӣ ё дигар маълумоти дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда мебошад.

Дар навбати худ, иттилоот ба маълумот дар бораи ашхос, ашё, далелҳо, ҳодисаҳо, падидаҳо ва равандҳо, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо, дахл дорад. Маълумот метавонад дар шакли моддӣ (ҳуҷҷатҳо, схемаҳо, харитаҳо, аломатҳо ва ғайра) ва дар шакли ғайримоддӣ (тасвирҳо ва ғ.) инъикос ёбад.

2. Иттилоот махфӣ бояд дониста шавад ё ба доираи танги одамон супорида шавад. Дар ин ҳолат, барои донистани иттилоот ба шахси мушаххас метавонад фаъолияти касбӣ ё расмии охирин, муносибатҳои оилавӣ ва издивоҷ ва дигар асосҳо бошад. Барои ҳамаи намудҳои иттилооти махфӣ маъмул аст, ки дастрасӣ ба онҳо тибқи

қонунгузорӣ (аз ҷумла, албатта, ҷиноятӣ) маҳдуд аст. Аз ин рӯ, ин маълумот ба муомилоти озод ва ошкорбаёнӣ мувоҷеҳ нест. Ғайр аз ин, доштани баъзе маълумотҳое, ки сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳанд, дар як қатор ҳолатҳо бо шартҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ маҳдуд аст.

3. Фош кардани маълумоте (иттилооте), ки сирри бо қонунгузорӣ ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, боиси пайдоиши оқибатҳои манфӣ барои молик, соҳибмулк, истифодабаранда ё шахсони дигар мегардад. Аз ин рӯ, шахси осебдида аз ифшои беиҷозати сир метавонад шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ҷомеа ва дар маҷмӯъ давлат бошанд. Ба шахсоне, ки ба онҳо маълумоте дода мешавад, ки муомилоти озод ва ифшои он нест, ӯҳдадории қонунии нигаҳдории онро доранд. Ғайр аз он, доираи номуайяни ашхос метавонад ӯҳдадории қонунӣ дошта бошад, ки ба ин ё он маълумот тамоман дастрасӣ надошта бошад. Мутаносибан, барои ифшои ин маълумот ё худи далели вайрон кардани дахлнопазирии чунин иттилоот (бинобар дастрасии беиҷозат ба охирин, қонунгузорӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар мекунад. Барои мо далели мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани ғайриҳуқуқии махфияти ин ё он намуд аҳамияти аввалиндараҷа дорад, дар ин ҳолат мо метавонем дар бораи маънои ҷиноятӣ-ҳуқуқии сир сухан ронем [12.14-16].

Дар мавриди ҳимояи сир бо қонуни ҷиноӣ, К.К. Арсениев навиштааст: "Фош кардани сирри байни шахсони алоҳида, ки дар қоидаҳои умумӣ танҳо як амали бадахлоқона мебошад, хусусияти амали ҷазои ҷиноиро касб мекунад, ба шарте ки усули пинҳон кардани сирри он ғайриқонунӣ бошад ва ифшои маълумот таҳқиромез бошад."

Бояд қайд кард, ки дараҷаи ҳимояи ҳуқуқии намудҳои гуногуни сир яксон буда наметавонад, зеро мундариҷа ва сабабҳои пайдоиши онҳо гуногун мебошанд, таъсири онҳо ба муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ гуногун аст.

Татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ба риояи принсипҳои сирри тиҷоратӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва шаҳрвандон асос ёфтааст. Ошкор кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратиро дар бар мегирад, бар хилофи иродаи соҳиби он, яке аз шаклҳои рақобати беинсофона буда, ба фаъолияти иқтисодии ташкилотҳои тиҷоратию ғайритиҷорат, соҳибкорони инфиродӣ зарари ҷиддӣ мерасонад, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро поймол мекунад. Сирри тиҷоратӣ ҳар гуна иттилооти ошкорнашудаи идоракунии, истеҳсолӣ, илмӣ, техникӣ ва дигари тиҷорати ки дорои арзиши муҳим барои фоидаи рақибон ва ба даст овардани фоида, ки дар шакли хаттӣ ё дигар мавод ва моликияти истисноии он сабт шудааст, дар бар мегирад.

Ашхосе, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ чунин маълумотро ба даст овардаанд, инчунин хизматчиёне, ки хилофи шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ ё аҳли шартнома, ки хилофи шартномаи гражданию ҳуқуқӣ сирри хизматӣ ё тиҷоратиро фош кардаанд, бояд зиёни воқеии расонидашударо ҷуброн намоянд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки сирри тиҷоратӣ ҷузъи муҳими дар фаъолияти ҳар як корхона ба шумор рафта ва ифшои он аз ҷониби корманде, ки талафоти бузург меорад, ҷинояти вазнин аст ва якчанд роҳҳои асосии ифшои иттилоот мавҷуданд агар гуноҳҳои корманд исбот карда шаванд, ин боиси ҷазои мувофиқ мегардад. Дигар ин, ки корфармо бояд роҳҳои гуногуни муҳофизати сирри тиҷоратӣ, аз ҷумла таъсиси шароити зарурӣ барои кор, назорати тамоми талабот ва ҳаҷми хадамоти қонунгузории амниятро истифода барад [14].

**Адабиёт**


1. Абдуллоев А,А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ. Китоби дарсӣ/ А.А.Абдуллоев., Ф.А.Очилова. – Ҳуҷанд: Нашриёти «Ношир»ДДҲБСТ , 2013. – 390 с.
2. Бушуева М. С.Коммерческая тайна и ответственность за ее разглашение / М.С. Бушуева, Д.И. Шарипова, М.Л. Макаревич // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования.– 2016. – №8 (26),–С.10-14.
3. Ғаюров Ш. К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско – правового регулирования в Республике Таджикистан.Монография / Ш. К. Гаюров. – Москва: Изд-во « Спутник +», 2010. – 304-306 с.
4. Ғаюров Ш. К. Ҳуқуқи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ / Ғаюров Ш. Квадиг. –Душанбе: Эр-граф, 2017. – 180 с.
5. Ганчаров С. А. Угаловная ответственность за незаконные получение и разглашение сведений, составляющих коммерческую, налоговую или банковскую тайну в промышленной сфере: дисс. …канд. юрид. наук: 12.00.08 /А. С.Ганчаров- Москва, 2019. 178 стр.
6. Даль В.И. Тольковый словарь живого Великурского языка. / В.И. Даль. – Москва Т.4. 1998.–386 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 18.06.2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, № 6, мод. 461.
8. Тафсир Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмиякум). Кодекси амалкунанда. Санаи қабул: 23.07.2016 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 155.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 12.05.2002 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2002, № 4, қ. 2, мод.320; с.2012, №7, мод. 698; Қонуни Ҷ.Т. аз 27.11.2014с., №1164.
10. Кодекси Ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 9, моддаҳои 68,69; №22, моддаи 306; соли 1999, №12, моддаи 316; соли 2001, №4, моддаҳои 149,167; соли 2002, №11, моддаҳои 675,750; соли 2003, №8, моддаҳои 456,468; соли 2004, №5, моддаи 346; №7, моддаҳои 452,453; сои 2005, №3, моддаи 399; 2005, №12, моддаи 640.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 18.05.2017 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, № 5, қ. 1. мод. 274
12. Масленинков А. В.Уголовная ответственность за незаконное получение и разглашение сведений, составляющих коммерческуюили банковскую тайну: дисс. …канд. юрид. наук: 12.00.08 / В. А.Масленинков - Таврополь, 2000. 172 стр.
13. Махмадхонов Т. Проблемы правового обеспечения коммерческой тайны в законодательстве Республики Таджикистан: дисс. …канд. юрид. наук: 12.00.03 / Т.Махмадхонов - Душанбе, 2008. С. 67.
14. Попов А. И. Экономическая теория: Учебник для вузов / А. И. Попов. – Питер,4-е изд. - СПб.: 2006. -544 с.
15. Шаропов С. Ш. Тафтишоти намудҳои нави ҷиноятҳои иқтисодӣ. Дастур – тавсияи методӣ барои муфаттишон ва прокурорҳо/ С. Ш. Шаропов – Душанбе. 1997. – 63 с.

# КОНЦЕПЦИЯ, СУЩНОСТЬ И ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ИНФОРМАЦИИ, СОДЕРЖАШЕЙ КОМЕРЧЕСКУЮ ТАЙНУ, В ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**КУРБОНОВ ШАХРОМ БАХРОМОВИЧ,**
соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
Национальная Академия наук Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33.
Тел.: (992) 933-05-15-96. E-mail: shahrom_9595@list.ru

*В данной статье автор дает научный анализ понятия, характера и правовой природы информации, содержащей коммерческую тайну, в законодательной системе Республики Таджикистан. Следует отметить, что коммерческая тайна играет важную роль в развитии экономики и обеспечивает интересы добросовестной конкуренции хозяйствующих субъектов. Коммерческие тайны включают любую нераскрытую управленческую, производственную, научную, техническую и другую коммерческую информацию, которая имеет значительную ценность для выгоды конкурентов и получения прибыли, зарегистрированной в письменной форме или другой материальной и исключительной собственности. Под ценностью коммерческой тайны понимается собственность информации с ограниченным доступом.*

*В статье также обсуждаются взгляды некоторых отечественных и зарубежных ученых на раскрытие коммерческой тайны, недобросовестную конкуренцию со стороны хозяйствующих субъектов, негативное влияние раскрытия информации содержащей коммерческую тайну в предпринимательской деятельности, особенностей коммерческой тайны, разглашения сведений которой составляет коммерческой тайны в отношениях между работником и работодателем в коллективном договоре, их права и обязанности, система коммерческой тайны, и аспекты нарушений и ответственность за разглашение информации, содержащей коммерческую тайну.*

***Ключевые слова:*** *коммерческая тайна, разглашение коммерческой тайны, разглашение, информация*

# CONCEPTION, ESSENCE AND LEGAL NATURE OF INFORMATION, CONTAINING CJVVTRCIAL SEKRETS IN THE LEGISLATIVE SUSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KURBONOV SHAHROM BAHROMOVICH,**
Applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 933-05-15-96. E-mail: shahrom_9595@list.ru

*In this article, the author provides a scientific analysis of the concept, nature and legal nature of information containing trade secrets in the legislative system of the Republic of Tajikistan. It should be noted that trade secrets play an important role in the development of the economy and ensure the interests of fair competition of economic entities. Trade secrets include any undisclosed managerial, production, scientific, technical and other commercial information that has significant value for the benefit of competitors and the acquisition of profits recorded in writing or other material and exclusive property. The value of a trade secret is understood as the property of information with limited access.*

*The article also discusses the views of some domestic and foreign scientists on the disclosure of trade secrets, unfair competition by business entities, the negative impact of the disclosure of information containing trade secrets in entrepreneurial activities, the particularies of trade secrets, disclosure of which constitutes of trade secrets in the relations between the employee and the employer in the collective agreement, their rights and obligations, trade secret system, and aspects of violations and responsibility for the disclosing information of trade secrets.*

***Key words:*** *trade secret, disclosure of trade secret information, disclosure, information.*

УДК: 343.352(575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН ВА БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОМИЛҲОИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ КОРРУПСИЯ

**ҚОДИРӢ ЗОҲИР АБДУСАМАД,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мубориза бо коррупсияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 777-01-02-22. E-mail: z.kodirzoda1994@gmail.com

*Коррупсия ҳамчун зуҳуроти хавфнок дар тамоми давлатҳои ҷаҳон паҳн гардида, мубориза бо он яке аз самтҳои афзалиятноки мубориза бо ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Ин падидаи хатарнок монеаи рушди босуботи иқтисодии ҳар як кишвар ва фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ мебошад. Бинобар ин, ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи ин зуҳуроти номатлуб аҳамияти хеле муҳим дорад. Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳо оид ба муайян ва бартараф намудани омилҳое, ки заминаи пайдоиши коррупсия мегарданд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуъро кушояд. Қайд кардан зарур аст, ки ошкор ва бартараф намудани сабабҳо, заминаҳо ва шароитҳои бавуҷудорандаи коррупсия яке аз роҳҳои асосии паст намудани сатҳи он мебошад. Вобаста ба ин олимон нуқтаҳои назари гуногун доранд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия муайян ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо андешидани чораҳои дахлдор муқаррар карда шудааст. Аммо, новобаста аз ин сатҳи коррупсия ҳоло ҳам нигаронкунанда мебошад. Аз ин рӯ, муайян намудани сабаб ва шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда вобаста ба хусусиятҳо иқтисодиву иҷтимоии давлат ва пешниҳод намудани чораҳои дахлдор ҷиҳати бартараф намудани онҳо аҳамияти муҳим дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, муқовимат ба коррупсия, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, методология, хавфҳо, таҳлили хавфҳо, баҳодиҳии хавфҳо, осебпазирӣ, нақшаи мукаммал, оқибатҳои коррупсия, модели зиддикоррупсионӣ, чораҳои бартарафнамоӣ, фазои иқтисодӣ, мақоми махсуси зиддикоррупсионӣ, расмиёти маъмурӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ.*

Коррупсия падидаи хатарнок дар ҳама гуна низоми идоракунӣ, ҳама гуна давлат ва ҳама давру замон буда, бо дараҷаҳои гуногуни таъсиррасонӣ низоми ҳокимияти давлатиро коста мегардонад.

Бо рушд ёфтани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва низоми идоракунӣ кирдорҳои нави коррупсионӣ ба вуҷуд меоянд. Ҷаҳонишавӣ ва иқтисоди бозоргонӣ боиси дар сатҳи байналмилалӣ хатарнок шудани зуҳуроти коррупсионӣ гардидаанд.[1, 41]

Коррупсия итминони шаҳрвандонро ба давлат коста мегардонад, умедҳои ҷавононро ба оянда коҳиш медиҳад ва табақаҳои ниёзманди аҳолиро аз расидан ба рӯзи нек маҳрум менамояд. Он зангореаст, ки пояи ҳокимиятро, агарчи пӯлодвор мустаҳкам бошад, батадриҷ хароб мекунад.[6, 6]

Мақсади иштирокчиёни аҳдҳои коррупсионӣ на танҳо ба даст овардани неъматҳои моддӣ, балки ғолиб шудан дар интихобот, нигоҳ доштани мансаб, имкониятҳои нави корӣ низ мебошад.[7, 236]

Кирдорҳои коррупсионӣ монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди ҷомеа ва давлат, фазои озоди иқтисодӣ ва сатҳи муносиби иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муайян намудани заминаҳои пайдоиш, сабабу шароитҳои мусоидаткунанда ва бартараф намудани онҳо бисёр муҳим аст.

Решакан кардани коррупсия хеле душвор аст, аммо таҷрибаи давлатҳои муосири ҷаҳон, аз ҷумла Дания, Зеландияи Нав, Сингапур, Финландия ва Шветсия аз он шаҳодат медиҳад, ки бо роҳи ошкор ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоваранда сатҳи онро ниҳоят кам намудан мумкин аст.[10]

Ҳама гуна кирдори коррупсионӣ бо инсон алоқаманд аст. Бо шахсе, ки имконияти истифодаи захираҳои мавҷударо дорад ва дар ҳалли ин ё он масъала қарори дахлдор қабул менамояд. Дар ҳолате, ки шахс дар мақомоти давлатӣ кору фаъолият менамояд, мо бо коррупсия дар идоракунии давлатӣ вомехӯрем ва агар шахс дар ташкилоти тиҷоратӣ ё иттиҳоди ҷамъиятӣ кору фаъолият намояд мо бо коррупсия дар бахши ғайридавлатӣ вомехӯрем.

Мавҷудияти коррупсия дар давлат ба оқибатҳои нохуб оварда мерасонад ва ин оқибатҳоро ба чунин гуруҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

а) оқибатҳои сиёсӣ:
- кам гардидани обрӯи давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ;
- кам гардидани боварии мардум ба давлат;
- пайдоиши гуруҳҳои манфиатхоҳ.

б) оқибатҳои ҳуқуқӣ:
- поймолсозии припсипи волоияти қонун;
- ғайриимкон гардидани амалисозии принсипҳои демократӣ;
- беҷазо мондани шахсони ҷиноятсодирнамуда;
- инкишофи ҷиноятҳои муташаккил;
- аҳамияти худро аз даст додани меъёрҳои ахлоқӣ.

в) оқибатҳои иқтисодӣ:
- паст гардидани сатҳи иқтисодии кишвар;
- ғайримақсаднок тақсим ва истифода гардидани воситаҳо ва захираҳои давлатӣ;
- маҳдуд гардидани рақобати иқтисодӣ, кам гардидани андозсупорандагон;
- маҳдуд гардидани фазои иқтисодӣ, болоравии нарх;
- бад шудани фазои сармоягузорӣ;
- нобаробарии иҷтимоӣ, қашшоқӣ.

Аз ин рӯ, барои ба чунин оқибатҳо дучор нагардидан, сабаб ва шароитҳое, ки ба чунин оқибатҳо оварда мерасоанд, муайн ва бартараф намудан зарур аст. Ин сабаб ва шароитҳо дар маҷмуъ омилҳои бавуҷудоваранда номида мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки се модели муваффақонаи зиддикоррупсиониро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Модели зиддикоррупсионии давлатҳои Аврупои Шимолӣ ва Ғарбӣ (Норвегия, Шветсия, Финляндия, Дания), ки асоси онро рақобати озод дар иқтисодиёт, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши фаъоли воситаҳои ахбори омма дар инъикоси ҷиноятҳои коррупсионӣ ташкил медиҳад.

2. Модели зиддикоррупсионии давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Сингапур, Малайзия, Ҷопон, Тайван, Кореяи Ҷанубӣ), ки асоси онро аҳамияти аввалиндараҷа ба ҷобаҷогузуории дурусти кадрҳо, таваҷҷуҳи кам ба танзими иқтисодиёт, мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ, ҷазоҳои вазнин барои шахсони ҷиноятҳои коррупсионӣ содирнамуда ташкил медиҳад.

3. Модели зиддикоррупсионии америкоӣ (ИМА, Канада, Австралия), ки ки асоси онро қонунҳои сахт маҳдудкунанда ва низоми ҳавасмандкунии бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ ташкил медиҳад.[8, 25-26]

Дар ин моделҳо таъмини принсипҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёдии давлат, таъмини фазои озоди иқтисодӣ, мустақилияти воситаҳои омма, беҳтар намудани донишҳои

зиддикоррупсионӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, бештар паҳн гардидани маълумот дар бораи муқовимат ба коррупсия боиси коҳиш ёфтани сатҳи коррупсия гардидаанд.

Яке аз моделҳои беҳтарини зиддикоррупсионӣ ин стратегияи зиддикоррупсионии Сингапур мебошад. Сингапур соли 1965 истиқлолият ба даст овардааст. Дар он вақт яке аз давлатҳои сатҳи баланди коррупсиядошта ба ҳисоб мерафт ва барои мубориза бо коррупсия чунин чораҳоро роҳандозӣ намуд:

1) низоми сахти амали шахсони мансабдор;

2) содагардонии расмиёти маъмурӣ;

3) назорати пурзӯри риояи одоби касбӣ;

4) таъсиси мақомоти мустақили мубориза бо коррупсия, ки чунин вазифаҳоро ба дӯш дошт:

а) қабул ва баррасии муроҷиатҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ҳам дар низоми давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ;

б) баррасии ҳолатҳои хунукназарӣ ва беамалии шахсони мансабдор;

в) санҷиши фаъолияти шахсони мансабдор бо мақсади кам кардани имконияти содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ.

5) таъмини мустақилияти низоми судӣ (бо баланд бардоштани музди меҳнат ва афзалияти вазъи ҳуқуқии онҳо);

6) муқаррар намудани маҳдудиятҳои иқтисодӣ ба субъектони фаъолияти иқтисодӣ барои додани пора ё рад намудани иштирок дар тафтишоти зиддикоррупсионӣ;

7) аз кор озод намудани кормандони мақомоти гумрук ва дигар мақомоти давлатӣ, ки даст ба коррупсия мезананд (то ҳадди озод намудани ҳамаи кормандон);

8) баланд бардоштани музди меҳнати шахсони мансабдор ва омодасозии мутахассисони баландихтисоси идоракунӣ;

Қайд кардан лозим аст, ки шахсони ҷиноят содирнамуда ба ғайр аз ҳукми суд, вазифадоранд арзиши пораи гирифташударо пардохт намоянд. Барои онҳое, ки пурра пардохт карда наметавонанд, ҳукми вазнинтар бароварда мешавад. Дар ҳолате, ки шахси ҷиноят содирнамуда аллакай вафот кардааст, моликияти ӯ мусодира карда мешавад.

Бо истифода аз чунин чораҳо Сингапур тавонист ба яке аз кишварҳои сатҳи пасттарини коррупсия табдил ёбад.[9]

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муайян ва бартараф намудани омилҳое, ки кирдорҳои коррупсиониро ба вуҷуд меоранд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 28 декабри соли 2012, №925, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” аз 28 октябри соли 2016, №645 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди амал қарор доранд.

Қонуни болозикр асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарори овардашуда бошад асосҳои ташкилӣ ва методии раванди таҳлили хавфҳои коррупсиониро дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррар менамоянд.

Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин фаъолият оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ин фаъолият оид ба муайян намудани хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ва таҳияи тавсияномаҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо мебошад.

Мақсади ҳар ду фаъолият ягона аст, яъне муайян намудани омилҳо ё сабабҳои ба вуҷуд омадани кирдорҳои коррупсионӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ баҳри бартараф намудани онҳо мебошад.

Фарқият дар он дида мешавад, ки субъектҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти таҳиякунандаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ бошад дар доираи мақомот ё ташкилот аз тарафи гуруҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия, ки бо санади дахлдори роҳбари он таъсис дода мешавад, гузаронида мешавад. Гуруҳ оид ба баҳодиҳӣ аз ҳисоби роҳбарият, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои мақомот (аз 5 то 7 нафар) ва як нафар намояндаи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад.

Ҷараёни гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва раванди таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар асоси принсипҳои холисӣ, беғаразӣ ва шаффофият сурат мегиранд.

Объекти гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – қонунҳо ва лоиҳаҳои онҳо, қарорҳо Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмӣ доштаи мақомоти давлатӣ ва лоиҳаҳои онҳо мебошанд.

Объекти таҳлили хавфҳои коррупсионӣ бошад асосҳои қонунгузории фаъолияти мақомоти давлатӣ ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва раванди фаъолияти онҳо мебошад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия меъёрҳое мебошанд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд ва ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, барномаҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дошта, ба зоҳиршавии коррупсия шароит фароҳам меоранд. [2, 929]

Ин омилҳо ба шахси ҳуқуқтатбиқкунанда ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ё ихтиёрдорӣ дода, сабаби бархӯрди манфиатҳо ва вайрон гардидани одоби хизматӣ мегарданд. Ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасос дода, заминаи пешниҳоди талаботи номуайян, иҷрояш мушкил ва монеаҳои сохта барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мегарданд.

Дар Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ), ки бевосита ҷиҳати иҷрои банди 45 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” тасдиқ карда шудааст, ҷиҳати ошкор намудани омилҳое, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд мусоидат намоянд, хавфҳои эҳтимолӣ, сабаб ва оқибатҳои онҳо, осебпазирӣ дар фаъолият таҳлил карда мешавад.

Хавф ин эҳтимолияти ҷой доштани ҳолати муайян ва ба вуқуъ омадани он мебошад ва таҳлили хавф ин муайян намудани он аз рӯйи бартарият, яъне оқибати дар пай дошта аст. Осебпазирӣ дар фаъолият, яъне мавҷудияти хавф ё хавфҳо дар фаъолият мебошад, ки омили ба вуҷуд омадани коррупсия мегардад. Аз ҷумла, набудани меъёрҳое, ки самти муайяни фаъолиятро танзим менамояд, нопуррагии меъёрҳо, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти фаъолият шинос набудани кормандон ва ғайраҳо. [8, 300-303]

Раванди экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешавад.

Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар асоси мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ, муроҷиати мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар бораи ҷой доштани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи гузаронидани экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса таҳия карда мешавад. Дар хулоса мавҷуд будан ё набудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия нишон дода шуда, барои баррасии ҳатмӣ ба субъекти дахлдор пешниҳод карда мешавад ва ҳамин тавр, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дида мешаванд, бартараф карда мешаванд.

Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар фаъолияти корхонаву муассиса аз таҳлили қонунгузории танзимкунанда, сохтори ташкилӣ, қоидаҳои рафтори кормандон, муайян намудани муқовимати ташкилот ба кирдорҳои коррупсионӣ, муносибати мутақобилаи он бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, амалҳои мушаххаси коррупсионӣ, маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар ташкилот иборат мебошад.

Баъдан, натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда баҳо дода мешавад, яъне мавҷуд будани хавфҳо, осебпазирӣ, минтақаи ноаён муайян карда мешавад ва ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта нақшаи мукаммал тартиб дода мешавад. Иҷрои бандҳои нақша аз тарафи корхона таъмин карда шуда, аз натиҷаи он ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади самаранок гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2020, №08 Дастурамали илмӣ-амалӣ оид ба тартиб ва тарзу усули гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар ташкилотҳо тасдиқ карда шудааст, ки ҷиҳати муайян намудани сарчашмаи пайдоиши хавфҳои коррупсионӣ ва бартараф намудани онҳо усули натиҷабахш ба ҳисоб меравад.[4, 106]

Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муайян ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия нишон медиҳад, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо фароҳам оварда шудааст. Татбиқи дурусти ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад то андозае сатҳи коррупсияро паст намояд.

Дар муқоиса бо стратегияи зиддикоррупсионии Сингапур, ки яке аз моделҳои беҳтарини зиддикоррупсионии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъзе нишонаҳои он, аз ҷумла: содагардонии расмиёти маъмурӣ, муқаррар намудани маҳдудиятҳои иқтисодӣ ба субъектони фаъолияти иқтисодӣ барои додани пора ё рад намудани иштирок дар тафтишоти зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани музди меҳнати шахсони мансабдор ва омодасозии мутахассисони баландихтисоси идоракунӣ то андозае дида намешавад.

Дар ҳар давлат чораҳои зиддикоррупсионӣ вобаста ба хусусиятҳои иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, таърихиву фарҳангӣ ва дигар махсусиятҳо муайян ва амалӣ карда мешавад.[8, 26] Ин гуна муайянкунии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ қобили қабул аст, гарчанде ки баъзе омилҳо ва чораҳои бартарафнамоии онҳо дар аксари кишварҳо ба ҳам монанд ҳастанд.

Ба андешаи мо, барои муайян намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия вазъи содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайян намудан зарур мебошад.

Дар ҳолати муайян намудани вазъи коррупсия дар соҳаҳои алоҳида сабаб, шароит, заминаҳои пайдоиш, яъне омилҳои онро омӯхтан лозим мебошад. Дар раванди омӯзиш муайян мегардад, ки сабаби содир шудани кирдори коррупсионӣ чӣ аст. Яъне, чӣ (ҳодиса, ҳаракат, беҳаракатӣ, ҳолат, вазъият) сабаб шудааст ё шароит фароҳам овардааст, ки кирдори коррупсионӣ ба вуҷуд омадааст ё шахс чунин кирдорро содир намудааст.

Масалан, вазъи содир намудани ҷиноятҳои коррупсиониро дар соҳаи тандурустӣ дар як давраи муайян ва аз рӯи маълумотҳои оморӣ таҳлил менамоем. Намудҳои ҷиноятҳои бештар содиршударо муайян мекунем. Якчанд парвандаҳои ҷиноятиро омӯхта сабабҳои содир шудани чунин ҷиноятҳоро муайян менамоем. Ҳамон сабаб ё шароитҳои мусоидаткунанда, ки дар бештари ҳолатҳо вомехӯранд, омилҳои бавуҷудоваранда ҳисобида, барои онҳо чораҳои бартарафнамоиро муайян менамоем.

Аз рӯи таҳлили кутоҳ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки омилҳои асосии бавуҷудоварандаи коррупсия дар кишвар мо дар айни замон инҳо мебошанд:

1) татбиқи нодурусти баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (бинобар сабаби нофаҳмо ва мураккаб будани онҳо);

2) суст будани рушди иқтисодиёт;

3) то андозае мураккаб будани расмиёти маъмурӣ;

4) баъзе ҳолатҳои хунукназарӣ ва беамалии шахсони мансабдор;

5) сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон.

Баъзе омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро таҳлил намуда, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Чӣ қадаре ки сатҳи иқтисодиёт (маҷмуи маҳсулои дохилӣ ба сари аҳолӣ) баланд бошад, ҳамон қадар таваҷҷуҳи шахсони мансабдор барои ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳо кам мегардад.

2. Ҳамон қадаре ки демократия бисёр инкишоф ёфта бошад, ҳамон қадар хавфи аз даст додани вазифа барои шахсони мансабдор зиёд мегардад ва имкониятҳои мақомоти мубориза бо коррупсия бисёр мешавад.

3. То чи андоза расмиёти маъмурӣ мураккабтар шавад, ҳамон қадар шароити бештар барои ба вуҷуд омадани коррупсия муҳайё мегардад.

Чораи аз ҳама афзалиятноки мубориза бо коррупсия ин амалисозии дурусти қонунгузорӣ мебошад. Риояи қонунгузорӣ ба инсон ва ҷомеа, соҳибкории хурду миёна, рақобати озод, сатҳи хизматрасонии давлатӣ ва хусусӣ имконияти рушдро фароҳам

меорад. Ин ҳолат шароити хубро барои рушди иқтисодиёт, аз байн бурдани қашшоқӣ, ташаккули синфи миёнаи аҳолӣ, самаранокии фаъолияти давлатӣ муҳайё месозад.[5, 70]

Гарчанде ки дар ин масъала таҳлили кардаи мо хеле кӯтоҳ мебошад, бо вуҷуди ин, мо чунин чораҳои бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи корупсияро пешниҳод менамоем:

1) бо тарзи оммафаҳм ва содда қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

2) баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт (аз ҷумла, баланд бардоштани музди меҳнат);

3) назорати пурзӯри фаъолияти шахсони мансабдор;

4) соддагардонии расмиёти маъмурӣ;

5) баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон.

Ба андешаи мо, ин чораҳо метавонанд, баҳри бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия истифода карда шаванд ва ниҳоят сатҳи коррупсия дар кишвар то андозае паст гардад.

**Адабиёт**


1. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия // Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. Душанбе: Контраст – 2020, 434 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 28 декабри соли 2012, №925 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 01.03.2022)
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” аз 28 октябри соли 2016, №645 // Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. Душанбе: Контраст – 2020, 434 с.
4. Дастурамали илмӣ-амалӣ оид ба тартиб ва тарзу усули гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар ташкилотҳо // Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 2. Душанбе: Контраст – 2021, 434 с.
5. Айрапетян Э.С. Причины и условия порождающие коррупцию в Российской Федерации в современных условиях // Актуальные вопросы юридических наук (материалы международной научной конференции г. Пермь, март 2012 г.) – Челябинск: Два комсомольца, 2012 – 128 с.
6. Аҳмадзода Р. Мубориза бар зидди коррупсия яке аз роҳҳои самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар // Муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятнок ва самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар. (маҷмуи мақолаҳо) Хуҷанд: Нури маърифат – 2021, 284 с.
7. Глинкина С.П. Коррупция: фатальная угроза? // Неэкономические грани экономики: непознанное взаимовлияние / под ред. О.Т. Богомолова. — Москва: Ин-т эконом. стратегий, 2010, с. 427–455.
8. Ҷӯразода Ҷ.Ҳ. Таърих ва таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат ба коррупсия // Муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятнок ва самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар. (маҷмуи мақола) Хуҷанд: Нури маърифат – 2021, 284 с.

9. Коррупция: причины возникновения, влияния и методы борьбы [Электронный ресурс]. URL: https://mirec.mgimo.ru/2009/2009-01/korrupciya-prichiny-vozniknoveniya-vliyaniya-i-metody-borby2 (дата обращения: 10.03.2022)

10. Corruption perceptions index 2021 [Electronic resource]. URL: https://www.transparency.org/en/cpi/2021 (accesed date: 15.03.2022)

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ВЫЯВЛЕНИЯ И УСТРАНЕНИЯ ФАКТОРОВ ПОРОЖДАЮШИХ КОРРУПЦИЮ

**КОДИРИ ЗОХИР АБДУСАМАД,**
соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 777-01-02-22. E-mail: z.kodirzoda1994@gmail.com

*Коррупция как опасное явление распространяется во всех странах мира, и борьба с ней является одним из приоритетных направлений в борьбе с преступностью. Это опасное явление является препятствием для устойчивого экономического развития страны и нормального функционирования государственных органов. Поэтому очень важно выявлять, предотвращать и устранять причины и условия, создающие это нежелательное явление. В данной статье анализируются некоторые вопросы по выявлению и устранению факторов, приводящих к коррупции. Автор постарался раскрыть разные стороны темы. Следует отметить, что выявление и устранение причин, оснований и условий коррупции является одним из основных способов снижения ее уровня. У ученых разные взгляды на этот предмет. Законодательные акты выявляют факторы, порождающие коррупцию, и принимают соответствующие меры по их устранению. Однако, несмотря на такой уровень коррупции, это все еще вызывает озабоченность. Поэтому важно выявить причины и условия, способствующие коррупции, в зависимости от социально-экономических особенностей государства и предложить соответствующие меры по их устранению.*

***Ключевые слова:*** *коррупция, противодействие коррупции, факторы коррупции, экспертиза нормативных правовых актов, методология, риски, анализ рисков, оценка рисков, уязвимость, комплексный план, последствия коррупции, антикоррупционная модель, меры устранения, экономический климат, специальный орган по противодействие коррупции, административные процедуры, коррупционные правонарушения.*

# SOME ISSUES OF IDENTIFYING AND ELIMINATING THE FACTORS THAT CREAT CORRUPTION

**QODIRI ZOHIR ABDUSAMAD,**
Applicant of the Department of Criminal Law and combating Corruption of the
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 777-01-02-22. E-mail: z.kodirzoda1994@gmail.com

*Corruption as a dangerous phenomenon is spreading in all countries of the world, and the fight against it is one of the priorities in the fight against crime. This dangerous phenomenon is an obstacle to the sustainable economic development of a country and the normal functioning of government agencies. Therefore, it is very important to identify, prevent and eliminate the causes and conditions that create this undesirable phenomenon. This article analyzes some issues on identifying and eliminating the factors that lead to corruption. The author has tried to reveal different aspects of the subject. It should be noted that identification and elimination of the causes, grounds and conditions of corruption is one of the main ways to reduce its level. Scholars have differing views on this subject. Legislative acts identify the factors that create corruption and take appropriate measures to eliminate them. However, despite this level of corruption, it is still a concern. Therefore, it is important to identify the causes and conditions that contribute to corruption, depending on the socio-economic characteristics of the state and to suggest appropriate measures to eliminate them.*

***Key words:*** *corruption, anti-corruption, factors of corruption, examination of regulatory legal acts, methodology, risks, risk analysis, risk assessment, vulnerability, comprehensive plan, consequences of corruption, anti-corruption model, elimination measures, economic climate, special anti-corruption body, administrative procedures, corruption offenses.*

УДК: 342.726 (575.3)

# ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАШАККУЛ, ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ РУШД

**ВАЛИЕВ ДАВЛАТЁР ҒАФОРОВИЧ,**
доктторант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 937-88-68-50. E-mail: valievdavlatyor@gmail.com

*Дар мақола масъалаҳои қонунгузорӣ оид ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул, инкишоф ва рушди он дар ду давра* – пеш аз Истиқлоли давлатӣ *ва даврони соҳибистиқлолӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Қонунгузорӣ оид ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногун ташаккулу инкишоф ёфта, рушд намудааст. Бурду бохти забони тоҷикӣ, ташаккулу инкишоф ва рушди қонунгузории он ҳамқадами Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ давраҳои ташаккулёбию инкишоф ва рушдро аз сар гузаронидааст. Меъёрэҷодкуниву ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба забони давлатӣ баробари шаклгирии қонунгузории Тоҷикистон пайдо шуда, таҳаввул ёфтааст. Дар даврони пеш аз Истиқлоли давлатӣ ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ чӣ гуна ташаккулу инкишоф ва рушд ёфт, бо кадом тартиб ба он мақоми давлатӣ дода шуду дар кадом сатҳ ҳифз мегардад, яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқот мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия, қонун, қарор, барнома, стратегия, санад, ҳуқуқ, мақом, меъёр, талабот, забон, қонунгузор, инкишоф, рушд, таҳқиқот, меъёрэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқнамоӣ.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ бо меъёри конститутсионӣ мақоми забони давлатӣ дода шудааст ва вазъи ҳуқуқию танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба он бо санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ муайяну танзим шудааст. Қонунгузорӣ оид ба забони тоҷикӣ ва мақоми давлатӣ додан ба он дар ду давра – пеш аз Истиқлоли давлатӣ ва даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳӯрии Тоҷикистон новобаста аз мушкилоти сиёсию таназзулӣ ташаккулу инкишоф ёфта, рушд дода шудааст. Тавре сарчашмаҳо собит месозанд, забони тоҷикӣ аз забонҳои қадимаву соҳибхат ва серистифодаву гӯяндадортарини дунё ба шумор рафта, ҳанӯз дар асри X дар замони давлатдории Сомониён на ба тариқи татбиқи чорабиниҳои маъмурию ҳуқуқӣ, балки аз рӯи нуфузи оламшумул доштану рукни меҳварӣ ҳисобидани он дар низоми давлатдорӣ мақоми давлатиро соҳиб шуда буд: «Ин забон, ки дар замони давлатдории тоҷикон – давлати Сомониён дар маснади забони давлатӣ қарор дошт, дар асрҳои минбаъда низ нуфузи худро ҳамчун забони расмӣ нигоҳ дошт. Хушбахтона имрӯз низ ба шарофати Истиқлолият миллати тоҷик ҳам соҳиби давлат гардид ва ҳам забон тоҷикӣ боз дар ҳамон мақоми олӣ қарор гирифт» [12, с. 6].

Ташаккулу инкишоф ва рушди қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ бо пайдоиш ва ташаккулёбии Тоҷикистон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ташаккулёбӣ ва пайдоиши Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (РАСС Тоҷикистон) ҳамчун яке аз воҳидҳои маъмурии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (РСС Ӯзбекистон) дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) дар соли 1924 забони воҳид – порсии дарӣ ба гунае дар истифода буд ва дар шаклгирии забони тоҷикӣ, танзими ҳуқуқии он дар оянда замина гузошт. Барпоёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (РАСС Тоҷикистон) ибтидои эҳёи давлатдории миллии ҳазор сол пеш аз байн рафтани тоҷикон гардид ва ба туфайли ҳамин ҷумҳурӣ номи халқи тоҷик, тарзҳои давлатдории он муҷаддадан эҳё шуд. Баъд аз таъсиси

Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (РСС Тоҷикистон) дар ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) дар соли 1929 забони расмӣ ба ибораи забони тоҷикӣ мусаммо шуд. Дар аввали солҳои таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (РАСС Тоҷикистон) сиёсат дар нисбати забон ва татбиқи чорабиниҳои маъмурию ҳуқуқӣ бетағйир буд ва ё ҷадидияти хосеро пайдо накарда бошад ҳам, шурӯъ аз солҳои 1960 иқдомоти заминавӣ барои ташаккулу инкишоф ва рушди қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ амалӣ карда шудаанд. Соли 1969 бо мақсади пурра намудани хазинаи луғавии забони тоҷикӣ, истифодаи васеи он дар ҳудуди Тоҷикистон Фарҳанги забони тоҷикӣ дар ду ҷилд интишор шуд ва ин заминаи асосиеро барои эҷоду татбиқи чорабиниҳои маъмурию ҳуқуқӣ, дар сатҳи қонунӣ ҳифз намудани забони давлатӣ фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, дар истифодаи забони тоҷикӣ дар идораву мақомоти давлатӣ, коргузории онҳо, гуфтугӯи шаҳрвандон ва инкишофи қонунгузории забони давлатӣ маҳдудиятҳо пайдо мешуд. Аз ин лиҳоз, зарурати чорабиниҳои маъмурӣ – ҳуқуқӣ пеш омад ва қарори якҷояи Кумитаи Марказии Ҳизби Комунистии Тоҷикистон ва Совети вазирони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи чорабиниҳо дар мавриди омӯзиш ва таълими забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ» аз 4 майи соли 1988, №127 ба тасвиб расид. Дар муқаддимаи қарори мазкур муқаррар гардида буд, ки забони тоҷикӣ яке аз фанҳои (предметҳои) асосии таълим дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар қарори Конференсияи маданияти сухан, ки 24 – 25 ноябри соли 1988 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, дар он навишта шудааст: «Конференсия ба Совети Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон муроҷиат мекунад, ки забони тоҷикиро дар ҳудуди Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон забони давлатӣ эълон намояд, дар бораи статуси давлатии забони тоҷикӣ ба Конститутсияи Республика моддаи махсус дохил карда, кафолати устувори ҳуқуқиву конститутсиявии иҷрои вазифаҳои ҷамъиятии онро таъмин созад» [2, с. 24].

Падидаи ташаккулу инкишоф ва рушди забон ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии он дар сатҳи қонунгузорӣ мушкилоте дар мамлакатҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) буд. Олими барҷастаи рус, академик Виноградов Виктор Владимирович таҳқиқан дуруст пешбинӣ карда, таъкид намудааст: «... ҳар чӣ қадар ки сотсиализм бақо пайдо кунад, ҳамон қадар талошҳои зиёиёни миллатҳои гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ барои пойдории забону фарҳанги хеш зиёд мешавад» [2, с. 24].

Дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (РСС Тоҷикистон) барои ҳалли ин мушкилот ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии забон дар сатҳи қонунгузорӣ солҳои 1988 – 1989 зарурарти қабули Қонуни забони пеш омад. Таҳти роҳбарии раиси Президиуми Совети Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон Ғоибназар Паллаев Комиссияи танзим ва таҳияи Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати М. Осимӣ, М. Шукуров, А. Маниёзов, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, А. Турсунов, Л. В. Успенская, В. А. Капранов, Ғ. Ашӯров ва шоири халқӣ Лоиқ Шералӣ таъсис ёфт. Лоиҳаи Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон омода шуда, мавриди омӯзиш ва хулосагирии Комиссияҳои мулоҳизаҳои қонунгузорӣ, оид ба масъалаҳои муносибати байни миллатҳо ва тарбияи интернатсионалӣ ва оид ба маорифи халқ, илм ва маданияти Совети Олии РСС Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Қонуни забони РСС Тоҷикистон қарор гирифт. Яке аз муҳимтарин пешниҳод ва хулосаи ин се Комиссия масъалаи ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дохил намудани моддаи алоҳида оид ба забони тоҷикӣ ва мақоми давлатӣ додан ба он буд: «Ба муносибат қабул

шудани Қонуни забон Комиссияҳо таклиф мекунанд, ки масъалаи ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) РСС Тоҷикистон дохил намудани моддаи дахлдор муҳокима карда шавад» [3, с. 5].

Натиҷаи хулосагирию таклифи Комиссияҳои мулоҳизаҳои қонунгузорӣ, оид ба масъалаҳои муносибати байни миллатҳо ва тарбияи интернатсионалӣ ва оид ба маорифи халқ, илм ва маданияти Совети Олии РСС Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Қонуни забони РСС Тоҷикистон дар мавриди ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) РСС Тоҷикистон дохил намудани моддаи дахлдор муҳим шуморида шуда, бо тағйироту иловаҳо ба Конститутсия аз 22 июли соли 1989 моддаи 71-и он ба забон ва мақоми давлатии он нигаронида шудааст, ки тибқи он: «Забони давлатии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон забони тоҷикӣ (форсӣ) мебошад.

Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон соҳаҳои истеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва дигар забонҳоро муайян мекунад» [5, с. 22].

Бо мақсади арҷ гузоштан ба забони давлатӣ 22 июл Рӯзи забон муқаррар гардида, бо қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар кардани Рӯзи забон» аз 22 июли соли 1989 тасдиқ карда шудааст. Қонуни забони РСС Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии забони тоҷикӣ (форсӣ) ва истифодаи онро ба сифати забони давлатӣ дар тамоми ҳудуди Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон муайян мекунад, ҳамчунин, кафолати ҳуқуқии амали озоди забони русиро чун забони муоширати байни халқҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) ва забонҳои миллии дигар халқҳоеро, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ доранд, таъмин менамояд.

Чунин меъёрэҷодкуниву ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз як ҷониб маънои онро дошт, ки забони тоҷикӣ дар корҳои давлатдорӣ, фаъолияти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ бе маҳдудият ва бо асосҳои ҳуқуқӣ истифода шавад, аз ҷониби дигар заминаҳои бештари инкишофу рушди қонунгузории забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ ва кафолатҳои давлатии онро фароҳам овард. Дар банди аввали моддаи 7-и Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 муқаррар шудааст: «Коргузории органҳои ҳокимият ва идораи давлатии РСС Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба забони давлатӣ сурат мегирад» [10, с. 6-7].

Таҳиягарони лоиҳаи Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 барои дар оянда татбиқи самаранок шудани Қонун, бад-ин васила эҷоди замина ва фароҳам овардани асосҳои бештари ҳуқуқӣ оид ба рушди қонунгузории забони давлатӣ дурандешона таваҷҷӯҳ намуда, дар моддаи 36-и он меъёри мушаххас пешбинӣ карданд, ки тибқи он: «Ин Қонун давра ба давра дар амал татбиқ мешавад. Давраҳои татбиқи Қонунро Совети вазирони РСС Тоҷикистон муайян менамоянд.

Иҷрои тадбирҳои амалӣ намудани ин Қонун ба зиммаи Совети вазирони РСС Тоҷикистон гузошта мешавад» [10, с. 12].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимгари бевоситаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, сарчашмаи асосии қабули санадҳои дигари меъёрӣ – ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар моддаи 2-и он забони тоҷикӣ дар ҳудуди Тоҷикистон забони давлатӣ эълон шудааст ва ин меъёр идомаи танзиму таҳкими ҳуқуқии худро дар санадҳои дигари меъёрӣ – ҳуқуқӣ ёфтааст. Меъёрмуайянкуниву ҳуқуқтатбиқнамоӣ бо асосҳои конститутсионӣ оид ба вазъи ҳуқуқӣ ва истифодаи забони давлатӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон заминаҳои мустаҳками эҷоду танзим, таҳкиму рушди қонунгузории забони давлатиро фароҳам овардааст ва ин яке аз хусусиятҳои давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

Тибқи қарори Совети вазирони РСС Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз 11 августи соли 1989, №142 марҳилаи тадбирҳои татбиқи Қонуни забон 5 сол муайян шуда буд. Таҷрибаҳои амалӣ нишон доданд, ки ин муҳлат кифоят намекунад ва бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Вазъияти мураккаб ва ҳодисаҳои солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар амалишавии қарори Совети вазирони РСС Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз 11 августи соли 1989, №142 ва қонунгузории забони давлатӣ мушкилот пеш меовард. Баъди ду соли татбиқи самараноки Қонуни забони РСС Тоҷикистон масоили забон ва қонунгузории он бетағйир монд. Дар натиҷаи чунин бетаваҷҷӯҳӣ чорабиниҳои муқарраргардидаи қарори мазкур пурра татбиқ нашуданд. Бо назардошти ин, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 4 ноябри соли 1995, №142 ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарор аз 23 феврали соли 1996, № 99 муҳлати тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» (собиқ Қонуни забони РСС Тоҷикистон) ба 4 соли дигар, аз соли 1995 то соли 1999 дароз карда шуд. Дар ин марҳилаи иҷрои тадбирҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» амалӣ намудани чорабиниҳои иловагӣ зарур дониста шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 октябри соли 1995, №662 Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дубора бунёд гардид. Дар асоси ин санад назорат ва санҷиши иҷрои Қонуни забон ба салоҳияти дастгоҳи кории доимоамалкунандаи Комиссия гузошта шуд: «Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии тавсияи забони тоҷикӣ, забонҳои дигари миллиро дар мӯҳлати се моҳ тартиб дода, ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кунад» [8, с. 1].

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷараёни иҷрои Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2 июни соли 1997, №256 ба тасвиб расидааст. Натиҷаи 8 соли татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» (Қонуни забони РСС Тоҷикистон) баррасӣ шуда, тибқи қарори мазкур чорабинию вазифаҳои нав ҷиҳати иҷрои бандҳои Қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ оид ба забони давлатӣ ва рушди қонунгузории он дар пеш гузошта шуданд. Мутобиқ ба талаботи қарори мазкур Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардида буд, ки дар мӯҳлати ду моҳ Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба тавсиа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намояд. Дар қарор дигар вазифаи муҳим ба Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда буд, ки тибқи он: «-дар мӯҳлати як моҳ имконияти ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додани Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта, таклифҳо пешниҳояд намояд» [9, с. 1].

Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик то соли 1998 дар асоси қарори Совети вазирони РСС Тоҷикистон аз 20 апрели соли 1972, №111 «Дар бораи Қоидаҳои орфографияи забони ҳозираи адабии тоҷик» тасдиқ шуда буду мавриди амал қарор дошт. Баъди гузариш аз марҳилаи ташаккул ба марҳилаи инкишофу рушди қонунгузории забони далатӣ ва дар сатҳи қонунгузории миллӣ муайян намудани Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик зарурати илова намудани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик пеш омад. Бо мақсади дар таҳрири нав тасдиқ намудани Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» аз 3 сентябри соли 1998, №355 қабул гардид ва дар асоси талаботи он ба ниҳодҳои давлатии дахлдор вазифаҳои нав дода шуд: «Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли таҳсили 1999 – 2000 барои дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, олӣ ва миёнаи махсус ҷорӣ намудани тағйироту иловаҳои нави Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик чораҳо андешад» [6, с. 1].

Таҳлили ҳуҷҷатҳо оид ба қонунгузории забони давлатӣ равшан менамоянд, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади такмилу танзими дурусти қонунгузории забони давлатӣ ва инкишофи он санадҳои соҳа дар мӯҳлатҳои кӯтоҳ таҷдиду дар таҳрири нав қабул мешуданд. Бо мақсади таҳким ва пурра дар амал татбиқ гардидани моддаҳои 11 ва 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», ки масъалаҳои танзими забони кории корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро пешбинӣ менамуд, санади дигаре дар ин замина қабул гардид. Танзими коргузорӣ ба забони давлатӣ маънои онро дорад, ки мукотибаи байни вазорату идора ва дигар мақомоти давлатӣ ба забони давлатӣ сурат гирад, фармон ва амрномаҳо ба забони давлатӣ содир шавад, қарорҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо бо забони давлатӣ таҳия гарданд. Бо мақсади таъмини заминаҳо барои татбиқи моддаҳои 11 ва 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» ва амалӣ гардонидани Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ» аз 6 июни соли 2005, №188 ба тасвиб расид. Тибқи қарори мазкур вазорату идораҳо, ки барои татбиқи Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ масъул карда шуданд, иҷрои чорабиниҳои дар соли 2006 – 2008 пешбинишударо ба ҳадде таъмин намуданд. Ҳамчунин, дар асоси ин қорор ҳамоҳангсози чараёни татбиқи Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ ба зиммаи Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ) ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Академияи миллии илмҳои ҶТ) гузошта шуда буд. Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ» аз 6 июни соли 2005, №188 замима ва қабул гардида буд, дар он мақсаду вазифаҳои зерин муқаррар шуда буд: «Дар Барнома мақсад ва вазифаҳое муайян карда шудаанд, ки ба истифодаи васеъ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат мекунанд, инчунин, дар он самт ва механизмҳои асосии он низ дар назар дошта шудаанд» [4, с. 1].

То соли 2004 набудани стандарти рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерӣ дар навбати аввал барои дастрасии аҳолии мамлакат ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ монеа ба вуҷуд овард. Таҷрибаи истифодаи ҳуруфоти пештар мавҷуд будани клавиатураи компютерӣ нишон дод, ки ҳалли масъалаи мазкур дар сатҳи давлатӣ зарур аст ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004, №330 стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерии стандарти UNICODE барои истифодабарии компютерӣ қабул гардид. Мутобиқи стандарти қабулшуда СТ – 1065 – 2004 драйвери Tavultesoft Keyman 6. 0 ва ҳуруфоти Arial Tajik ва Times New Roman Tajik 1. 0 барои чопи матн бо забони тоҷикӣ таҳия гардиданд.

Аввали солҳои 90 асри гузашта аз тарафи олимони ҷумҳурӣ, бахусус, Институти математикаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ ба анҷом расонда шуда, тафсири аввалӣ мусаҳҳеҳи тоҷикӣ ба тарзи автоматӣ хатоҳои матнро, ки

дар имлои калимаҳои тоҷикӣ ҳангоми чопи матн роҳ ёфтаанд, дар вақти навиштан ошкор мекунад. Мақсаду вазифаҳои Барнома дар марҳилаи солҳои 2006 – 2008 пешбинӣ шуда буд: «Тибқи Барнома дар марҳилаи солҳои 2006 – 2008 татбиқи чорабиниҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- таҳияи феҳристи истилоҳоти компютерӣ ба забони тоҷикӣ;
- таҳияи барномаи компютерии таҳсилоти оид ба омӯзиши забони тоҷикӣ;
- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи стандартикунонии алифбои тоҷикӣ дар компиютер;
- таъмини гардиши электронии ҳуҷҷатҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба забони тоҷикӣ» [4, с. 4].

Ҳарчанд Қонуни забон дар даврони РСС Тоҷикистон таҳия ва қабул гардида бошад ҳам, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ мавриди истифода қарор дошт. Муқаррарот ва меъёрҳои ин Қонун дар бисёр маврид эҳтиёҷу талаботи ҷомеаро дар истифодаи забони давлатӣ ба пуррагӣ амалӣ сохта натавонист. Пас аз қабул Қонун оид ба забони давлатӣ аз 22 июли соли 1989 дар Тоҷикистон муддати 20 сол забони давлатӣ бо он танзим мешуд. Баробари қабули Қонуни забон Рӯзи забон низ муайян гардида буд, ки давоми 20 сол 22 июл ҳамчун Рӯзи забон ҷашн гирифта шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 - ро Соли забони тоҷикӣ эълон намуд ва мақсад аз ин, арзи эҳтиром ба ин муқаддасот ва появу бунёди давлату давлатдории миллӣ, инчунин, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати инкишофи ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ буд.

Қонуни нав – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. Дар моддаи 1-и Қонун вазифаҳои он муайяну муқаррар гардидааст: «1. Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

2. Қонуни мазкур истифодаи забонҳоро дар муносибатҳои шахси танзим намекунад» [11, с. 1].

Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 боб иборат мебошад ва тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ вобаста ба забони давлатӣ дар онҳо танзим шуда, таҳким ёфтааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» талаб менамояд, ки коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат гирад. Забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ ҳамчун забони сиёсату қонунгузорӣ ва муоширату коргузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ васеъ истифода мегардад.

Моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Забони коргузории ташкилотҳо муқаррар шуда, тибқи он забони коргузории ташкилотҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, инчунин, забони мукотиба забони давлатӣ муайян гардида, тибқи қонунгузорӣ ба истифодаи забонҳои дигар низ кафолат дода мешавад.

Моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» забони эълону реклама, моддаи 14 забони иттилоот ва коммуникатсия, моддаи 20 забони матни муҳру тамғаҳо, бланкҳо, нархномаҳо ва дигар маводи иттилоотӣ, моддаи 21 забони матни қоғазҳои қимматнок муайяну муқаррар

шудааст. Моддаҳои 13 – 14 дар боби 4, моддаҳои 20 – 21 дар боби 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷой дода шудаанд, вале дар онҳо қаробати наздик ва ҳаммуҳтавоӣ дида мешавад. Тибқи банди 3-и моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бланкҳо, нархномаҳо ва дигар маводи иттилоотӣ ба забони давлатӣ навишта мешаванд ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст бо дигар забонҳо низ баргардонида шаванд. Зери мафҳуми «дигар маводҳои иттилоотӣ» ҳамагуна маълумот ва ё варақаҳои иттилоотии маводи истеҳсолӣ (дар дохилу хориҷи Тоҷикистон истеҳсолшаванда) фаҳмида мешавад. Меъёри навишти маводи иттилоотӣ ба забони давлатӣ, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудааст, дар сатҳи зарурӣ татбиқ намешавад. Маводи истеҳсолии дар муомилотбуда, аз ҷумла, бештари маводи иттилооти маҳсулоти доруворӣи ба Тоҷикистон воридшаванда ба забони давлатӣ навишта ё баргардон нашудаанд.

Дар баробари такмили қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ барои риоя накардани он бояд ҷавобгарӣ пурзӯр карда шавад. Мутобиқи моддаи 89-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷавобгарӣ дар намуди ҷарима пешбинӣ шудааст. Дар моддаи мазкур ҷавобгарӣ барои вайрон намудани талаботи Қонун аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ мавҷуд нест. Пурзӯр намудани ҷавобгарӣ, ба монандӣ зиёд намудани андозаи нишондиҳандаҳо ва ворид сохтани шахсони ҳуқуқӣ дар моддаи мазкур қадами бузург дар роҳи татбиқи самараноки қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ хоҳад буд.

Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553, техникаи эҷод, ошкори бартарияту ҳалли камбудиҳо ва дигар масъалаҳои марбути он аз вазифаҳои муҳимму мавзӯи мубрам оид ба забони давлатӣ ва инкишофу рушди қонунгузории он мебошад. Соҳаи мазкур бо асосҳои аниқи назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар сатҳи пажӯҳишу таҳқиқотҳои илмӣ ба бозбинӣ ниёз дорад ва дар ин самт пажӯҳиши илмӣ бурда истодаам.

Бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2010, №1 Низомномаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар заминаи он асосҳои меъёриву ҳуқуқии фаъолияти Кумита ба танзим даровarда шудааст.

Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар тарҳ ва тартиби нав бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз 4 октябри соли 2011, №458 қабул шуда, тибқи он Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардидааст, ки аз соли таҳсили 2011 – 2012 барои дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ тадбирҳо андешад. Дар асоси ин санад қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» аз 3 сентябри соли 1998, №353 беэътибор карда шуд.

Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2009 ва таъсис ниҳоди танзимкунанда ва назоратӣ оид ба забони давлатӣ заминаҳои ҳуқуқии қабули дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, шароиту имкониятҳои нави барномарезӣ оид ба забони давлатӣ ва инкишофу рушди он пайдо шуд. Бо мақсади татбиқи ҳамаҷонибаи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2016» аз 30 июли соли 2012, №335 қабул гардид ва тибқи он ба сохторҳои давлатии дахлдор, аз ҷумла, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳо дода шуда буд:

«2. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози татбиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2016 муқаррар карда шавад» [7, с. 1].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030» аз 28 ноябри соли 2020, № 647 Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030 тасдиқ гардида, дар асоси меъёрҳои он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2016» аз 30 июли соли 2012, №335 бекор карда шуд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030» аз 28 ноябри соли 2020, № 647 – ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози амалисозии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030 муайян гардидааст. Барномаи навбатӣ – Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030 ҳадаф, вазифа ва самтҳои асосӣ, усулҳои татбиқ ва натиҷаҳои ниҳоии амалисозии сиёсати давлатиро оид ба забон муайян менамояд. Барнома ҷиҳати таъмини рушди устувори забони давлатӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳа дар ду марҳила ва шаш самти афзалиятнок роҳандозӣ гардидааст. Марҳилаи якуми Барнома солҳои 2020 – 2025-ро дар бар гирифта, фарогири масъалаҳои таҳияи лоиҳаҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории соҳавӣ, таъмини густариши забони давлатӣ ҳамчун бунёди маънавии миллӣ, ташхис ва интишори истилоҳоти соҳавиро дар бар мегирад. Марҳилаи дуюм аз соли 2026 то 2030 идома ёфта, роҳҳои амалисозии масъалаҳои таҳқиқотӣ, омӯзишӣ, назорат ва ташкилиро фаро мегирад. Барнома аз 24 банд иборат буда, дар онҳо масъалаҳои роҳҳои инкишоф ва рушди ҳамаҷонибаи забони давлатӣ дар давоми солҳои 2020 – 2030 пешбинию муайян шудааст.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар мақола таҳлилу баррасишуда ва бо мақсади рушди минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба забони давлатӣ, ҳифзи конститутсионӣ – ҳуқуқии забони тоҷикӣ дар мақоми давлатӣ чанде аз нуктаҳоро таъкид намудан бамаврид аст:

- бозбинӣ ва такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553;
- бартараф намудани мухолифати дигар санадҳои меёърӣ – ҳуқуқӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553;
- ташкили заминаҳои бештари ҳуқуқӣ ва меъёрӣ оид ба забони давлатӣ;
- таҳияи дастурҳои таълимию иттилоотӣ оид ба забони давлатӣ ва қонунгузории он;
- назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар марказ ва маҳал);
- назорат, муайян ва натиҷагирии сатҳи донистани забони давлатии кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва андешидани тадбирҳои судманд дар самти мазкур;

- инкишоф ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла компютеркунонии забони давлатӣ;
- рушди забони давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ бо назардошти риояи ҳатмии Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ;
- муаррифӣ, ҳимоя ва мусоидат ба рушди забони давлатӣ дар хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва вогузор кардани татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ ба салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дахлдор.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи татбиқи самараноки санадҳои меъёӣ – ҳуқуқӣ оид ба забони давлатӣ, бозбинӣ ва такмили онҳо забони тоҷикиро ба сифати забони давлатӣ аз ҳар ҷиҳат ҳимоя намуда, рушд мебахшад, инчунин, дар заминаи амалӣ намуданӣ чунин тадбирҳо қонунгузории забони давлатӣ инкишофу рушд ва таҳким меёбад.

**Адабиёт**


1. Хулосаи Комиссияҳои мулоҳизаҳои қонунгузорӣ, оид ба масъалҳои муносибати байни миллатҳо ва тарбияи интернатсионалӣ ва оид ба маорифи халқ, илм ва маданияти Совети Олии РСС Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Қонуни забони РСС Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 1999. –32 саҳ.
2. Фатҳуллоев Салоҳиддин, Маҳмадҷонов Олимҷон. Даҳ соли Қонуни забон. – Душанбе: «Ирфон», 1999. –92 саҳ.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат (китоби I). –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 432 саҳ.
4. Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ замима бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №188
5. Конститутсияи (Қонуни асосии) РСС Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978. – Душанбе: «Ирфон», 1989. –58 саҳ.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» аз 3 сентябри соли 1998, №355
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2016» аз 30 июли соли 2012, №335
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 октябри соли 1995, №662
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷараёни иҷрои Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июни соли 1997, №256
10. Қонуни забони РСС Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989. –Душанбе: «Ирфон», 1989. –54 саҳ.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рааҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, –Душанбе, – 05 октябри 2010
13. Хулосаи Комиссияҳои мулоҳизаҳои қонунгузорӣ, оид ба масъалҳои муносибати байни миллатҳо ва тарбияи интернатсионалӣ ва оид ба маорифи халқ, илм ва маданияти Совети Олии РСС Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Қонуни забони РСС Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 1999. –32 саҳ.

# РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О ГОСУДАРСТВЕННОМ ЯЗЫКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СТАНОВЛЕНИЕ, НЫНЕШНЕЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

**ВАЛИЕВ ДАВЛАТЁР ГАФОРОВИЧ,**
докторант (PhD Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 937-88-68-50. E-mail: valievdavlatyor@gmail.com

*В статье рассматриваются вопросы законодательства о государственном языке Республики Таджикистан, его становления, развития и роста в два периода - до обретения независимости и в период независимости. Законодательство о государственном языке Республики Таджикистан формировалось и развивалось на разных этапах. Победа и поражение таджикского языка, формирование и развитие законодательства о таджикском языке идет в ногу с Республикой Таджикистан. За короткое историческое время Таджикистан прошел периоды становления, развития и роста. Законодательные нормы и законодательство о государственном языке возникали и развивались наравне с формированием законодательства Таджикистана. Как формировалось и развивалось законодательство о государственном языке до приобретения независимости и в период независимости Таджикистана, в каком порядке языку был присвоен статус государственного и на каком уровне он охраняется – являются одной из основных целей исследования.*

***Ключевые слова:*** *Конституция, закон, решение, программа, стратегия, акт, закон, статус, норма, требования, язык, законодатель, таджикский, формирование, развитие, прогресс, исследование, нормотворчество, правоприменение.*

# DEVELOPMENT OF LEGISLATION ON THE STATE LANGUAGE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: FORMATION, CURRENT SITUATION AND DEVELOPMENT PROSPECTS

**VALIEV DAVLATYOR GHAFOROVICH,**
Doctoral (PhD) Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 937-88-68-50. E-mail: valievdavlatyor@gmail.com

*The article analyzes the issues of legislation on the state language of the Republic of Tajikistan, its formation, development and growth in two phases - before the State Independence and during the independence. The legislation on the state language of the Republic of Tajikistan was formed and developed at different stages. The victory and defeat of the Tajik language, the formation and development of its legislation are in step with the Republic of Tajikistan. Over a short historical period, Tajikistan has gone through formation, development, and growth periods. Legislative norms and legislation on the state language emerged and formed along with the formation of Tajikistan's legislation. One of the main objectives of the study is how the legislation on the state language was formed and developed in the pre-independent period and during the independence of the Republic of Tajikistan, what order was it given the status of the state language and at what level it is protected.*

***Key words:*** *Constitution, law, order, program, strategy, act, right, status, norm, requirements, language, legislator, tajik, formation, development, growth, reasearches, regulation, law enforcement.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 66.01+26.22**

# ҶОЙГОҲ ВА АҲАМИЯТИ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ

**ҚУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур ҷойгоҳ ва аҳамияти масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлил нишон дода шудааст, ки аксари давлатҳои дунё дорои захираҳои оби муштарак буда, ҳавзаҳои ягонаи обӣ доранд. Шумораи зиёди дарёҳои фаромарзӣ ва ҳавзаҳои ягонаи обӣ боиси ба вуҷуд омадани ҳамшарикӣ ва ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ ҷиҳати истифодаи оқилона ва одилонаи захираҳои об гардидааст. Дар ин самт давлатҳои дунё ҳамкории зичро миёни ҳам ба роҳ монда, дар доираи ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд аз захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ истифода менамоянд. Бо назардошти он ки дар дунё давлатҳои дорои мустақилияти обӣ хеле каманд ва аксари кишварҳои ҷаҳон вобастаи оби дарёҳои фаромарзӣ мебошанд, чунин ҳолат рушди дипломатияи обро ногузир гардонидааст. Ҳамзамон, давлатҳо дар заминаи истифодаи муштараки фазо ва роҳҳои обӣ ба рушди босуръати тиҷоратию иқтисодӣ ва коммуникатсионӣ дастёб гардидаанд. Роҳҳо ва бандарҳои обӣ дар равобити байнидавлатӣ ва интиқоли молу маҳсулот аҳамияти бузург доранд.*

*Фазои обӣ ҳамчунин аҳамияти баланди ҳарбӣ- сиёсӣ низ дошта, акторҳои ҷаҳонӣ бисёре аз ҳадафҳои геосиёсии худро тавассути нерӯҳои ҳарбӣ – баҳрии худ пиёда месозанд. Дар ин баробар дарёҳо ба сифати сарҳади давлатӣ низ дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ ҷойгоҳ ва аҳамияти махсусро касб намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *об, давлат, муносибатҳои байнидавлатӣ, сарҳад, ҳамкорӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи об, шарикӣ, дарё, дарёҳои фаромарзӣ, дарёҳои марзӣ, фазои обӣ, Осиёи Марказӣ, дунё, роҳҳои обӣ, бандар, пойгоҳи ҳарбӣ –баҳрӣ, дипломатияи об, мустақилияти обӣ, вобастагии обӣ.*

Об ҳамчун сарвати табиӣ дорои хусусиятҳои хосаи худ буда, бо ин хусусиятҳо аз дигар сарватҳои табиӣ ба кулли тафовут дошта, аҳамияти баланди сиёсиро касб намудааст. Яке аз хусусииятҳои махсуси об дар он зоҳир мегардад, ки доим дар ҳаракат ва гардиш буда, дар фазо ва ҳудуди муайян маҳдуд намегардад. Ин хусусият боиси ба вуҷуд омадани дарёҳои фаромарзӣ гардидааст, ки давлатҳо ва минтақаҳоро ба ҳам мепайванданд ва муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалиро дар соҳаи об ба вуҷуд овардаанд.

Аммо, аз ҷиҳати таърихӣ назар кунем дар асл дарёҳо ҳамон дарёҳои ягонаанд, ки дар соҳили онҳо дар давраҳои муайяни таърихӣ дар ҳудудҳои муайян давлатҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Яъне, дарёҳо ҳудуди давлатҳоро убур намекунанд ва баръакс дар соҳили як дарё халқу миллатҳои гуногун давлатҳои алоҳида бунёд намудаанд. Дарёҳо пеш аз пайдоиши давлатҳо вуҷуд доштаанд. Дарёҳо таърихан дар маҷрои худ равонанд ва давлатсозонро зарур аст, ки эҳтиёҷоти худро ба об бо назардошти имкониятҳои дарёҳо ба инобат гиранд ва ҷомеаву давлати хешро мувофиқ ба он бунёд созанд. Яъне дарёҳо сабаби ба вуҷуд омадани давлатҳо, рушду пешрафти халқу миллатҳо ва дар маҷмӯъ тамаддуни башарӣ мебошанд.

Дар дунё имконияти милликунонии дарёҳои фаромарзӣ бисёр маҳдуд ва дар аксари мавридҳо ғайриимкон аст. Ҳеҷ як давлати дунё имкони пурра гирифтани садди роҳи ин ё он дарёи фаромарзиро надорад. Пурра бастани садди роҳи дарёҳо боиси ба вуҷуд омадани мушкилотҳои азими экологӣ, халадоршавии мувозинати табиӣ ва ба вуҷуд омадани офатҳои табиии хавфнок мегардад. Ин амал маънои мубориза бо табиат ва қонунҳои табииро дорад, ки дар пайи он пеш аз ҳама худи инсон ҳамчун як мавҷудоти табиат нест мешавад.

Аз ин рӯ, вақте дар соҳили як дарё давлатҳои мухталиф бунёд мегарданд бояд пеш аз ҳама механизми истифодаи дурусти он бар нафъи тамоми давлатҳо коркарду истифода шавад ва ҳаққи ҳар як давлат мушаххасан муайян карда шавад. Аммо дар тӯли таърих то кунун чунин механизм коркард нашудааст. Чунки то қарни 20 дар дунё мушкилоти ҷиддие вобаста ба об вуҷуд надошт ва таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба ин масъала кам буд. Аз ҷиҳати дигар арзиши иқтисодии об ҳамчун сарвати табиӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ муайян нашудааст. Дар ҳолати кунунӣ бо сабаби мураккаб гардидани масоили вобаста ба об ин масъала дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳон афзалияти аввалиндараҷа пайдо карда, ҷойгоҳи махсус дорад.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда обҳои фаромарзӣ 60 дарсади ҷараёни оби ширини ҷаҳонро ташкил медиҳанд ва 153 кишвар ҳадди аққал яке аз 286 ҳавзаи дарёҳо ва кӯлҳои баҳрӣ ё яке аз 592 обҳои сарҳадии фаромарзӣ доранд[1].

Дар дунё танҳо як гурӯҳи хурди давлатҳо дорои захираҳои бойи об мебошанд, аммо қисми захираҳои оби онҳо низ маҷрои дарёҳои фаромарзӣ срчашма мегирад. Дар байни онҳо Бразилия бо 8233 $км^3$ (ҳиссаи маҷрои фаромарзӣ 34,2%), Федератсияи Россия бо 4508 $км^3$, (4,3%), ИМА бо 3051 $км^3$, (8,2%), Канада бо 2902 $км^3$, (1,8%), Индонезия бо 2838 $км^3$, (0%), Чин бо 2830 $км^3$, (0,6%), Колумбия бо 2,132 $км^3$, (0,9%), Перу бо 1913 $км^3$, (15,5%), Ҳиндустон бо 1880 $км^3$, (33,4%), Ҷумҳурии Демократии Конго бо 1283 $км^3$, (29,9%) мавқеъи асосиро касб намудаанд.

Тавре рақамҳо гувоҳи медиҳанд, кишварҳои дорои захираҳои басандаи обӣ низ қисми муайяни онро аз дарёҳои фаромарзӣ мегиранд, ки он аз кадом як кишвари дигар сарчашам мегирад.

Дар ин баробар, дар дунё кишварҳое вуҷуд доранд, ки аз ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои об вобастаи давлатҳои дигар ҳастанд. Вобастагии бештар ба об аз қаламрави кишварҳои ҳамсоя Кувайт (100%), Туркманистон (97,1%), Миср (96,9%), Мавритания (96,5%), Маҷористон (94,2%), Молдова (91,4%), Бангладеш (91,3%), Нигер (89,6%), Нидерланд (87,9%) Ӯзбекистон (77,4%), Озарбойҷон (76,6%), Украина (62%), Латвия (52, 8) %), Беларуссия (35,9%), Литва (37,5%), Қазоқистон (31,2%), Тоҷикистон (16,7%), Арманистон (11,7%), Гурҷистон (8,2%), Федератсияи Россия (4,3%), Эстония (0,8%) доранд[2].

Чунин ҳолати гидрографӣ вобастагии байниҳамдигарии давлатҳоро аз якдигар зиёд намуда, водор месозад, ки роҳу усулҳои ҳамкории натиҷабахшро ҳам ба манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии худ ва ҳам ба нафъи табиат ба роҳ монанд.

Махсусан, дар шароити тағйирёбии иқлим, кам гардидани захираҳои оби нӯшокию кишоварзӣ мубрамияти дарёфти роҳу усулҳои ҳамкорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обро миёни давлатҳо боз ҳам меафзояд.

Камшавии захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ боис мегардад, ки ҳаҷми оби ин дарёҳо танҳо ба талаботи кишварҳои болооб басанда бошад. Дар чунин сурат давлатҳои поёноб ба мушкилоти норасоии об дучор гардида, муносибатҳои байнидавлатӣ халалдор мегарданд.

Ҳамкории байнидавлатӣ дар самти истифодаи обҳои фаромарзӣ ҳамзамон ҷиҳати коҳиш додани пайомадҳои манфии тағирёбии иқлим, ки пеш аз ҳама ба захираҳои оби фаромарзӣ таъсир мерасонад мусоидат менамояд. Тавофуқҳои ҳамкорӣ дар ҳавзаҳои фаромарзӣ барои беҳтар мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда имкон дода, дар навбати худ тавассути мубодилаи маълумот ва фазои банақшагирӣ метавонад ба суботи сиёсӣ ва рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ мусоидат намояд. Ва баръакс, набудани ҳамкорӣ хатари ҷиддӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва пешгирии хавҳои таъсири тағйирёбии иқлим мебошад.

Тибқи маълумотҳо дар давоми 50 соли охир дар ҷаҳон вобаста ба истифодаи муштараки обҳои дарёҳои фаромарзӣ беш аз 500 низоъҳои байналмилалӣ ва тақрибан 40 даъвои тарафайн миёни давлатҳо, ки боиси ба вуҷуд омадани хушунат ва зӯроварӣ гардидаанд ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон, тибқи маълумоти Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Русия, дар тӯли 50 соли охир 1228 ташаббуси муштарак миёни давлатҳо вобаста ба истифодаи дарёҳои фаромарзӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар ин давра барои истифодаи мақсаднок ва сарфакоронаи дарёҳои фаромарзӣ зиёда аз 160 (дар маҷмуъ зиёда аз 200) созишномаҳо миёни давлатҳо баста шудаанд. Мувофиқи маълумоти СММ, дар тамоми таърихи инсоният зиёда аз 3600 созишномаҳо вобаста ба об баста шудаанд, ки аксарияти онҳо ба масоили роҳҳои обӣ, сарҳадҳои обӣ, моҳидорӣ марбутанд. Аз миёнаҳои асри XIX оғоз гардида, мазмуни асосии созишномаҳои басташударо, ки зиёда аз 400 ададро ташкил мекунанд истифодаи дурусту оқилона ва танзими захираҳои об, махсусан дарёҳои фаромарзӣ ташкил менамояд[3].

Дар таърих ва ҷаҳони муосир нофаҳмиҳо, гуногунандешиҳо, баҳсу мунозираҳо, таҳдидҳо, хатарҳо, эътирозҳо, хушунатҳо мушкилэҷодкуниҳо, нофаҳмоиҳо, бархурди андешаҳо ва манфиатҳо, даъвоҳо, вокӯнишҳо, фишороввариҳо миёни давлатҳо доир ба истифодаи муштараки обҳои фаромарзӣ бисёр ба назар мерасанд, аммо ҷангҳои бевосита, махсусан дар ҷаҳони муосир ба қайд гирифта нашудаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз соли 1951 то имрӯз 1800 ҳолатҳои гуногун вобаста ба истифодаи обҳои дарёҳои фаромарзӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 67,1% онро ҳамкориҳо миёни давлатҳо ташкил медиҳанд. Ҳолатҳои дигар вобаста ба сифати об, миқдор ва инфрасохтори обрасонӣ, тақсимоти об мебошанд, ки миёни давлатҳо гуногунандешӣ ва ихтилофҳои муътадилро ба вуҷуд овардаанд[3].

Тибқи арзёбии пайвастаи коршиносон ҳолатҳои буҳрони обӣ дар ҷаҳон таҳдиди бузургтарине маҳсуб меёбад, ки ҷомеаи башарӣ дар даҳсолаҳои оянда ба он рӯ ба рӯ мегардад. Тибқи пешгӯиҳо дар ин муддат бо сабаби афзоиши аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва тағйирёбии тарзи ҳаёт талабот ба об тақрибан 10% дар як сол зиёд мегардад. Дар пайи чунин ҳолат ва пайомадҳои манфии раванди тағйирёбии иқлим мушкилотҳои бузургтарини хусусияти умумисайёравидошта ба вуҷуд меоянд[4].

Тибқи маълумотҳои ҷойдошта аз се ду ҳиссаи аҳолии ҷаҳон аллакай дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки камаш як моҳ дар як сол мушкилоти норасоии обро аз сар мегузаронанд[5]. Дар ин самт масъалаи дигар ифлосшавии захираҳои об мебошад. Ифлосшавӣ таҳдиди ҷиддӣ ба захираҳои об буда, бад шудани сифати об ба саломатии инсон, муҳити зист ва рушди устувор таъсири манфӣ мерасонад. Ҳар гуна вокӯниш ба ин мушкилот ва таҳдидҳо бояд ба инобат гирифта шавад, ки 153 кишвар дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳои фаромарзӣ доранд. Ҳавзаҳои фаромарзӣ беш аз 2,8 миллиард аҳолии ҷаҳон (42 фоизи аҳолии ҷаҳон), 62 миллион км$^2$ масоҳати замин (42 фоиз) ва 54 фоизи маҷрои дарёҳои ҷаҳонро ташкил медиҳанд[6].

Ҷойгоҳ ва аҳамияти масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатӣ аз чандин лиҳоз зоҳир гардида, маҷмӯи соҳаҳоро фаро мегирад. Мақоми аввалиндараҷаро дар ин самт дарёҳои фаромарзӣ касб менамоянд, ки аксари давлатҳои дунёро ба ҳам пайвастаанд. Тавре аз рақамҳои дар боло дарҷгардида маълум аст, аксари давлатҳои дунё муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро миёни ҳам дар ин самт ба роҳ мондаанд ва ҷиҳати истифодаи муштараки захираҳои оби ҳавзаҳои ягона фаъолияти мутақобилан судманд доранд.

Масъалаи дигар ҳамкориҳои тиҷоратӣ дар ин самт мебошад, ки аксари кишварҳои дунё ҳамкориҳоро миёни ҳам дар самти истифодаи муштараки бандарҳо ва роҳҳои обӣ ба роҳ мондаанд. Бандарҳо ва роҳҳои обӣ дар баробари таъмини рушди бемайлони тиҷорати ҷаҳонӣ ва боркашонӣ, инчунин дар густариш ва ҳамшарикии давлатҳо низ ҷойгоҳи шоиста доранд.

Дар шароити имрӯз бандарҳо ва роҳҳои обӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, гардиши молу маҳсулот, ҳамгироии ҷаҳонӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатию байналмилалӣ аҳамияти бузург доранд. Роҳҳои обӣ арзонтарин ва мусоидтарин воситаи коммуникатсионӣ маҳсуб ёфта, давлатҳои дорои роҳҳои обӣ зуд ба рушди иқтисодии худ дастёб гардидаанд.

Ҷойгоҳи махсусро дар ин самт масъалаҳои ҳарбӣ - сиёсии фазои обӣ ташкил менамояд. Нерӯҳои ҳарбӣ – баҳрӣ қисми таркибии қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои ҷаҳонро ташкил дода, асоси иқтидор ва қудрати ҳарбии акторҳои ҷаҳониро ташкил менамояд. Пойгоҳҳои ҳарбӣ воситаи асосии муборизаҳо ва таъсиррасонии геополитикии байниҳамдигарии абарқудратҳои ҷаҳон мебошад. Аз ҷиҳати фаврият, зудамалӣ, иқтидор, тарҳи низомӣ нерӯҳои ҳарбӣ – баҳрӣ назар ба дигар навъҳои қувваҳои мусаллаҳ пешрафта ва стратегӣ мебошад. Акторҳои ҷаҳонӣ низ қудрати асосии худро маҳз дар ҳамин навъи қувваҳои мусаллаҳ мебинанд. Яъне, аз ин лиҳоз фазои обӣ ҳамчун фазои хоси геополитикӣ аҳамияти фавқулодда муҳим дар таъмини амнияти ҷаҳонӣ дорад.

Дар муносибатҳои байнидавлатӣ дарёҳои марзӣ низ ҷойгоҳ ва аҳамияти хоса доранд. Қисми муайяни марзи миёни давлатҳои дунёро дарёҳо, кулҳо ва баҳру укёнусҳо ташкил менамоянд. Дарёҳои марзӣ ҳамчун сарҳади давлатӣ дар ташаккули ҳамаҷонибаи муносибатҳои муштараки давлатҳои ҳаммарз ҷойгоҳи шоиста доранд. Имрӯз дар сатҳи ҷаҳон зиёда аз 331 дарёҳои марзӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки садҳо ҳазор километр марзи миёни давлатҳоро муайян сохтаанд. Дарёҳои марзӣ ҳамчун сарҳади табиӣ назар ба марзҳои муқаррарӣ дар таъмини амнияту суботи байнидавлатӣ боэтиодтар ва хароҷоти камтарро тақозо менамоянд. Ҳамзамон, миёни кишварҳои дорои марзи обӣ, махсусан аз ҳисоби дарёҳои марзӣ баҳсу ихтилофҳо ва низоъҳои сарҳадӣ камтар рӯх медиҳанд. Аломатгузории сарҳади давлатӣ, ки онро дарёи марзӣ муайян намудааст тибқи Шартномаи сулҳи Версал[7] миёни давлатҳои ҳаммарз ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқи шартномаи мазкур дарёи сарҳадӣ дарёест, ки як давлатро аз дигараш ҷудо мекунад. Агар ин гуна дарё киштигард набошад, хатти сарҳад одатан аз мобайни дарё ё мобайни шохаи асосии он, агар зиёда аз як бошад, кашида мешавад. Агар дарё киштигард бошад, пас хати сарҳадӣ дар мобайни ба истилоҳ талвеги фарвейри асосии дарё кашида мешавад. Шартномаи сулҳи Версал дар танзими муносибатҳои байнидавлатӣ вобаста ба мушаххассозии сарҳади давлатӣ дар доираи дарёи марзӣ аҳамияти баланд дошата, принсипҳои пешбининамудаи он аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон пазируфта шудааст.

Дар Осиёи Марказӣ низ дар пайи ҳамбастагии обии кишварҳои он, муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар самти истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин минтақа захираҳои об нобаробар ҷойгир шуда, давлатҳои ҳудуди он ба кишварҳои болооб ва поёноб ҷудо мешаванд. Ба давлатҳои болооб Тоҷикистону Қирғизистон ва ба давлатҳои поёноб Ӯзбекистону Туркменистон ва Қазоқистон дохил мешаванд. Захираҳои оби минтақа дар ҳудуди давлатҳои болоб ташаккул ёфта, истифодабарандаи асосии он кишварҳои поёноб мебошанд.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда зиёда аз 54,6% захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Амммо Тоҷикистон аз он ҳамагӣ аз ҳисоби дарёи Сир 7% ва аз ҳисоби дарёи Ому 15,2% истифода менамояд.

Аммо давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар самти истифода ва истеъмоли захираҳои оби дар Тоҷикистон ташаккулёбанда мавқеъи асосиро ишғол менамоянд. Масалан саҳми давлатҳои минтақа дар ташаккулёбии захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал чунин аст: Қирғизистон -25,3%, Узбекистон 7,6%, Қазоқистон 3,9%, Чин ва Покистон дар якҷоягӣ 5,4%[8].

Аммо истифода ва истеъмоли захираҳои обии минтақа тамоман нишондоди дигар аст. Дар асоси меъёрҳои муқараргардидаи даврони шӯравӣ аз захираҳои оби дарёи Сир Ӯзбекистон 50,5%, Қазоқистон 42% ва Қирғизистон 0,5% истифода ва истеъмол менамоянд.

Аз захираҳои оби дарёи Ому бошад Ӯзбекистон 42,2%, Туркменистон 42,3% ва Қирғизистон 0,3% истифода менамоянд[9].

Масоили байнидавлатӣ ва минтақавӣ доир ба дарёҳои фаромарзӣ дар Осиёи Марказӣ асосан баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишварҳои минтақа ба вуҷуд меоянд. То ин давра масъалаи мазкур дар асоси сохтори ягонаи обию энергетикии минтақавӣ ба роҳ монда шуда буд, ки ҳеҷ мушкилоте ба вуҷуд намеомад. Аз аввали соли 1990 сохтори ягонаи обию энергетикии минтақавӣ рӯ ба таназул ниҳода, давлатҳои соҳибистиқлоли минтақа ҳар кадом пайи ҳифзи манфиатҳои миллии худ кӯшиш менамуданд. Дар натиҷа кишварҳои болооб аз ҳаққи маводҳои сӯзишвории худ, ки аз ҷониби давлатҳои поёноб бар ивази таъминот бо об дар давраи кишту кори кишоварзӣ ҷуброн мешуд маҳрум гардиданд. Дар пайи он кишварҳои болооб дар ҳолати ногувори энергетикӣ ва таъминот бо маводи сузишворӣ монданд. Ин ҳолат кишварҳои мазкурро водор сохт, ки иқтидори гидроэнергетикии худро тақвият бахшанд.

Тавре таъкид гардид, масъала сари он аст, ки захираҳои оби минтақа асосан дар давлатҳои болооб ташаккул меёбанд, аммо истифодабаранда ва истеъмолкунандаи асосии он кишварҳои поёноб мебошанд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ ҳамасола аз 8 то 14 километри кубӣ захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад, ки аз он Афғонистон ҳамагӣ наздик ба 1,5 -2,0 киллометри кубии онро истифода менамояд.

Қисми таркибии сиёсати оби кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро ҳамоҳангсозии муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти истифодаи соҳавии захираҳои оби минтақа ташкил менамояд. Кишварҳои болооби минтақа манфиатдори истифодаи захираҳои об бо мақсадҳои гидроэнергетикӣ буда, баръакс кишварҳои поёноб манфиатдори истифодаи ҳарчи бештари захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ мебошанд.

Бо ин мақсад, кишварҳои поёноб ҳанӯз аз замони шӯравӣ ба зиёд намудани масоҳати заминҳои кишоварзӣ ва дар ин замина истифодаи ҳарчи бешари захираҳои об шуруъ намуда буданд. Агар соли 1960 масоҳати заминҳои кишоварзӣ дар ин кишварҳо

зиёда аз 4 миллион гектарро ташкил менамуд, пас имрӯз зиёда аз 9 миллион гектарро ташкил менамояд. Дар ин давра дар қаламрави кишварҳои поёноб зиёда аз 100 обанбори калонҳаҷм сохта шудааст, ки ҳаҷми умумии захираи оби онҳо аз масоҳати имрӯзаи баҳри Арал якуним баробар зиёд мебошад. Аз рӯи ҳисобҳои коршиносон, имрӯз дар ҷараёни обёрии зироатҳои кишоварзӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз 30 то 60 фоизи об бебозгашт талаф меёбад[9].

Тафовути асосии сиёсати оби кишварҳои болооб аз поёноб дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар он зоҳир мегардад, ки кишварҳои болооб захираҳои обро бо мақсадҳои гидроэнергетикӣ истифода менамоянд ва на ҳаҷм ва на сифати об тағйир намеёбад.

Аммо, дар пайи рушди босуръати демографӣ дар минтақа талабот ҳам ба маводи озӯқа ва ҳам нерӯи барқ беш аз пеш афзуда истодааст. Ин ҳолат истифодаи бештари обро дар ҳарду соҳа тақозо менамояд, ки талаботро болои захираҳои об боз ҳам бештар менамояд. Чунин ҳолат рақобати кишварҳоро ҷиҳати истифодаи захираҳои об бештар намуда, ҳамоҳангсозии сиёсати кишоварзӣ/аграрӣ ва гидроэнерегетикиро дар самти истифодаи захираҳои об миёни давлатҳои минтақа тақозо менамояд. Агар умораи аҳолии давлатҳои Осиёи Марказӣ соли 1956 тақрибан 20 миллион нафарро ташкил медод, имрӯз он наздик ба 70 миллион нафар расидааст.

Дар ин баробар, рушди демографӣ афзоиши талаботи бевоситаи аҳолиро низ ба об зиёд менамояд. Чунин суръати рушди демографӣ ва дар ин баробар коҳишёбии босуръати захираҳои об андешидани тадбирҳои ҷиддию муштараки кишварҳои минтақаро доир ба масъалаи дурнамои таъминот ба об тақозо менамояд.

Мушкилоти дигар дар ин самт тағйирёбии иқлим ва таъсири манфии он ба захираҳои оби минтақа мебошад. Дар Тоҷикистон дар даҳсолаи охир коҳиши чашмраси масоҳати пиряххо, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ муҳиманд, ба мушоҳида мерасад. Тибқи маълумотхо, дар давоми 70 – соли охир тақрибан 35 фоизи пиряххои хурдҳаҷми Тоҷикистон талаф ёфтаанд. Аз 13 ҳазор пиряхи мавҷуда, то имрӯз як ҳазораш нобуд гардидааст[9].

Пиряххои Тоҷикистон асоси захираҳои оби минтақаро ташкил дода, сарчашмаи асосии ташаккули дарёҳои фаромарзӣ мебошанд. Обшавии босуръати онҳо таҳдид ба амнияту суботи минтақавӣ мебошад. Бо дарназардошти ҳолати мазкур масъалаи коҳиш додани суръати обшавии пиряхҳо ва пешгирии ҳарчи бештари он бояд фаъолияти муштараки давлатҳои минтақаро ба вуҷуд орад. Ин пеш аз ҳама масъалаи байнидавлатӣ ва минтақавӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти он, ки Осиёи Маркзӣ дорои захираҳои оби маҳфӯз дар хушкӣ мебошад, дар пайи раванди тағйирёбии иқлим он бо шиддат коҳиш ёфта истодааст. Ҳолати мазкур андешидани тадбирҳои дастаҷамъона ва муштараки ҷониби ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро ҷиҳати дарёфти роҳҳои натиҷабахши ҳифзи захираҳои об тақозо менамояд. Вақте ҳамаи кишварҳои минтақа, алалхусус, кишварҳои поёноб худро болои захираҳои об соҳибҳақ медонанд, пас бояд дар ҳифзи он низ масъулиятшинос бошанд. Тавре таъкид гардид, солҳои охир пиряхҳои Тоҷикистон, ки сарчашмаи асосии захираҳои оби минтақа мебошанд бо шиддат коҳиш ёфта истодаанд. Ҳолати мазкур боиси тадриҷан кам гардидани маҷрои оби дарёҳои фаромарзӣ гардида, амнияти обӣ ва дар пайи он амнияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаро халадор месозад. Ҳолати мазкур кишварҳои минтақа, махсусан кишварҳои поёнобро водор месозад, ки маблағгузорӣ ва расонидани кумакҳои техникиро дар самти коҳиш додани раванди обшавии босуръати пиряхҳо ба кишварҳои болооб ба роҳ монда, онро ба маротиб зиёд намоянд. Ҳифзи захираҳои об шарти аввалиндараҷаи ҳифзи субот ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Прогресс в области трансграничного водного сотрудничества. Показатель 6.5.2 ЦУР на общемировом уровне и необходимость ускорения прогресса по его достижению 2021 год. Сарчашма: file:///C:/Users/user/Downloads/SDG652_2021_Progress_Report_Final_RU_no_layout.pdf (санаи воридшавӣ: 03.09.2021)
2. Форуми ҷаҳонии об. Сарчашма: https://www.worldwatercouncil.org. (санаи воридшавӣ 18.02.2020).
3. Ю.Х. Рысбеков. Трансграничное сотрудничество на международных реках: проблемы, опыт, уроки, прогнозы экспертов [текст]. Ташкент, 2009, С.-13-14
4. Всемирный экономический форум, доклад «Глобальные риски — 2020» [Global Risks 2020] (13-е изд., Всемирный экономический форум, 2020 год) [текст]. Источник: file:///C:/Users/user/Downloads/Indicator-652_UNECE_RU.pdf. (дата посяшения 12.02.2021).
5. M. Mekonnen and A. Hoekstra, 2016. Four billion people facing severe water scarcity [«Четыре миллиарда человек сталкиваются с серьезной нехваткой воды»]. Science Advances, Vol. 2, No. 2.
6. ЮНЕП-ДГИ и ЮНЕП, 2016. «Трансграничные речные бассейны: текущее состояние и тенденции изменения» [Transboundary River Basins: Status and trends], с. 2
7. Шартномаи сулҳи Версал аз силсилаи шартномаҳои сулҳест, ки Ҷанги Якуми Ҷаҳониро хотима мегузорад ва он 28 июни соли 1919 дар шаҳри Версали Англия ба имзо расидааст.
8. Куватов С.З. Водная политика Республики Таджикистан в годы государственной независимости: проблемы и перспективы. Автореферат диссертации. С.-15.
9. Муртазаев У. И. Управление водными ресурсами Центральноазиатского региона: проблемы и пути их решения . «Ирфон» - 2016, С. – 26-27.

## МЕСТО И ЗНАЧЕНИЕ ВОДНЫХ ВОПРОСОВ В МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЯХ

**КУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
кандидат политических наук, доцент кафедры политологии
и связь с общественностью Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*В данной статье рассматриваются место и значение водных вопросов в межгосударственных отношениях. Анализ показывает, что большинство стран мира имеют совместные водные ресурсы и единый водный бассейн. Большое количество трансграничных рек и единых водоемов привело к формированию партнерских отношений и формированию межгосударственных отношений по рациональному и равноправному использованию водных ресурсов. В связи с этим страны мира наладили тесное сотрудничество и используют водные ресурсы трансграничных рек в рамках добрососедства и взаимовыгодного сотрудничества. Учитывая тот факт, что в мире очень мало стран с водной независимостью, а большинство стран мира зависят от трансграничных рек, эта ситуация обусловила необходимость развития водной дипломатии. В то же время страны добились быстрого торгово-экономического и коммуникационного развития за счет совместного использования водного пространства и водных путей. Водные дороги и морские порты имеют большое значение в межгосударственных отношениях и перевозке товаров и продуктов.*

*Вода также имеет большое военно-политическое значение, и мировые акторы преследуют многие свои геополитические цели с помощью своих военно-морских сил. При этом реки как государственная граница имеют особое место и значение в формировании межгосударственных отношений.*

***Ключевые слова:*** *вода, государство, межгосударственные отношения, граница, сотрудничество, сотрудничество в водной сфере, партнерство, река, трансграничные реки, трансграничные бассейни, водное пространство, Центральная Азия, мир, водные пути, порт, военно-морская база, водная дипломатия, водная независимость, водная зависимость.*

## PLACE AND SIGNIFICANCE OF WATER ISSUES IN INTERSTATE RELATIONS

**QUVATZODA SAYDULLO ZUVAID,**
Candidate of Political Sciences, dotsent of the Department
of Political Science Public relations of the
Academy of public Administration under the
President of Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 907-80-00-71. Email: sqz_0085@mail.ru

*This article discusses the place and importance of water issues in interstate relations. The analysis shows that most countries of the world have joint water resources and a single water basin. A large number of transboundary rivers and single reservoirs has led to the formation of partnerships and the formation of interstate relations for the rational and equitable use of water resources. In this regard, the countries of the world have established close cooperation and use the water resources of transboundary rivers within the framework of good neighborliness and mutually beneficial cooperation. Given the fact that there are very few countries with water independence in the world, and most countries of the world depend on transboundary rivers, this situation has necessitated the development of water diplomacy. At the same time, the countries have achieved rapid trade, economic and communication development through the joint use of water space and waterways. Waterways and seaports are of great importance in interstate relations and in the transportation of goods and products.*

*Water is also of great military-political importance, and world actors pursue many of their geopolitical goals with the help of their navies. At the same time, rivers as a state border have a special place and significance in the formation of interstate relations.*

***Keywords:*** *water, state, interstate relations, border, cooperation, cooperation in the water sector, partnership, river, transboundary rivers, transboundary basins, water space, Central Asia, world, waterways, port, naval base, water diplomacy, water independence, water dependence.*

УДК: 930

# БАЪЗЕ НАЗАРҲО ОИД БА ТАНАЗЗУЛЁБИЮ БАРҲАМХӮРИИ ИМПЕРИЯИ АШКОНИЁН

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур оид ба масъалаи сабабҳои таназзулёбию барҳамхӯрии империяи Ашкониён ва ба сари қудрат расидани сулолаи Сосониён сухан меравад. Муаллиф дар асоси ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва хулосаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ба хулосае меояд, ки дар натиҷаи ҷангҳои мунтазам бо Рим ва заиф гардидани мавқеи ҳукумати марказии Порт ва дигар омилҳо пояи қудрати сиёсию низомии сулолаи Ашкониён заиф гардида, дар Эрон сулолаи нав – Сосониён сари қудрат омад.*

*Мақсади таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳои таърихӣ ва хулосаҳои олимони намоёни соҳа пажӯҳиши таназзулёбӣ ва барҳамхӯрии империяи Ашкониён мебошад.*

*Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки сабабҳои асосии таназзулёбӣ ва барҳамхӯрии империяи Аршакиён ин ҷангҳо бо Рим, ки иқтисоди давлатро хароб гардонданд, низои дохилисулолавии Ашкониён, ки дар натиҷаи заифшавии ҳукумати марказӣ ҳокимони вилоятҳои алоҳида аз итоат намудан ба марказ сарпечӣ мекарданд, инчунин ҷанги шаҳрвандӣ дар Чин, ки омили поёнравии тиҷорат тавассути Роҳи абрешим шуда, ворид гардидани даромад ба хазинаи Ашкониён низ кам гардид, оқибат ба барҳамхӯрии ҳукумати сулолаи Аршакиён оварда расонданд.*

***Калидвожаҳо:*** *Порт, Рим, Сосониён, сулола, қудрат, давлат, сиёсат, таназзулёбӣ, барҳамхӯрӣ.*

Масъалаи таназзулёбӣ ва барҳамхӯрии империяи Ашкониён бо чанд сабаб вобаст буда, яке аз онҳо ҷангҳои мунтазам бо Рим мебошад, ки иқтисоди музофотҳои ғарбии мамлакатро хароб гардонданд, дуюм сар задани низои дохилисулолавии Ашкониён ва дигараш бошад вазъияти дохилисиёсии мамлакат, ки дар натиҷаи заифшавии ҳукумати марказӣ ҳокимони музофотҳои алоҳида аз итоат намудан ба марказ сарпечӣ мекарданд, сабаби навбатӣ ин сар ва идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Чин, ки омили кам гардидани тиҷорат тавассути Роҳи абрешим шуда, воридоти даромад ба хазинаи Ашкониён низ кам гардид. Дар мақолаи мазкур баъзе паҳлуҳои раванди таназзулёбию барҳамхӯрии империяи Ашкониён ва ба сари қудрат омадани сулолаи Сосониён баррасӣ гардидааст.

Дар охири асри I – ибтидои асри II дар Порт низоъҳои дохилӣ боло гирифта, хусусияти мунтазамро гирифтанд. Ин ба заифшавии пояи қудрати сулолаи Ашкониён оварда расонд. Рақиби асосии шоҳаншоҳии Ашкониён империяи Рим Рим аз заиф гардидани Порт васеъ истифода намуда, император Траян юриши шарқии худро ташкил карда, аз байни сарлашкарони римӣ аввалин шахс гардид, ки то халиҷи Форс расид [2, 53]. Ӯ дар солҳои 114 – 116 аз болои портҳо чанд ғалабаро ба даст даровард, дар натиҷа Арманистон забт ва ба як музофоти Рим табдил дода шуд. Дар соли 116 бошад римиҳо аз ҳисоби сарзаминҳои дигари ишғолӣ музофотҳои Байнаннаҳрайн ва Ошурро таъсис доданд. Траян шаҳрҳои Бобул ва Тайсафунро низ забт намуда, бо қувваҳои баҳрии худ ба халиҷи Форс баромад. Аммо ғалабаҳои ӯ дер пойдор намонданд. Зеро, замоне ки ӯ бо қувваҳои дарёӣ ба ҷануб ҳаракат кард, дар ҳамаи минтақаҳои ишғолӣ шӯриши зидди низоми римӣ сар зад. Ҳамин тавр, баъди мубориазаҳои вазнин ва нобарораш дар

Байнаннаҳрайн Траян маҷбур мешавад, ки ба самти Рим баргардад, аммо моҳи августи соли 117 дар роҳи бозгашт ба ватан вафот мекунад.

Натиҷаи сиёсати Траян дар Шарқ онро нишон дод, ки портҳо, ки тавонистанд дар муддати ду аср сарҳадотро тавассути Фурот мустаҳкам нигоҳ дошта, барои Арманистон бомуваффақона мубориза бурда буданду борҳо барои мавҷудияти ҳукмронии Рим дар Сурия низ таҳдидҳо мекарданд, вале ин даъфа натавонистанд, ки минтақаҳои барои худ муҳим – Пасикавказ ва Байнаннаҳрайнро ҳимоя намоянд. Аммо ба римиён ҳам муяссар нагардид, ки дар қаламравҳои забткардааш ҳокимияти худро муддати дароз устувор намуда, нигоҳ доранд ва аллакай дар давраи императори навбатӣ – Адриан маҷбур гардиданд, ки аз музофотҳои нав даст кашанд [6, 254]. Дар давраи ҳукмронии шоҳаншоҳони ашконӣ Балоши II ва Балоши III бошад дар Порт муддате вазъи дохилии ором ба вуҷуд омад. Дар замони ҳукмронии Балоши II дар Яҳудия бар зидди сиёсати Рим шӯриш сар зада буд, ки нисбати ҳодисаи мазкур Ашкониён мавқеи бетарафиро интихоб намуда буданд. Аммо баъди марги императори навбатӣ Антонин Пий дар соли 161 байни ду давлат низоъ боз оғоз гардид.

Ҳамин тавр, солҳои 60-уми асри II ҷанги нав байни Порт ва Рим сар зад. Соли 161 шоҳаншоҳ Балоши III бо лашкараш аз дарёи Фурот гузашта, ба Сурия ворид гардид. Римиҳо тавонистанд, ки то Бобул ва Тайсафун расанд, аммо ин даъфа ҳам натавонистанд, ки ба ғалабаи комил дастёб гарданд, зеро қувваи онҳо кофӣ набуд то қаламравҳои забтшударо зери дасти худ нигоҳ доранд. Портҳо аз ин истифода бурда, ба римиҳо зарба расонданд, аммо бартарияти қатъиро ягон тарафи ҷангкунанда ба даст наоварданд [7, 680 – 681]. Ҳукумати Рим, баробари омодагии ҳарбӣ, қадамҳои навбатии дипломатиро низ гузошта, ба портҳо дар асоси принсипи “status quo ante bellum” пешниҳоди қатъи ҷанг ва бастани сулҳро кард, зеро онҳо роҷеъ ба натиҷаҳои манфиатовари идомаи ҷанг барои худ боварӣ надоштанд [6, 254]. Мумкин бо ин амал римиён мехостанд, ки вақтро ба фоидаи худ бурд намоянд. Зеро соли 163 артиши Рим боз қувват гирифта, дар аввали тобистони ҳамин сол сарлашкар Марк Статсий Приск пойтахти Арманистонро ишғол кард. Ҳокими портии Арманистон Покор ба Байнаннаҳрайн фирор намуда, римиён Сохэм ном шахсро шоҳи Арманистон эълон карданд. Покор дар соли 164 кӯшиш кард, ки тахти Арманистонро ба худ баргардонад, аммо натиҷаи мусбӣ ба даст наомад, худи ӯ ба асорат гирифта шуд.

Дар натиҷаи маракаи Арманистон дар соли 163 римиҳо тавонистанд, ки ба сарҳадоти Сурия бароянд ва тирамоҳи соли 164 бошад римиҳо таҳти фармондеҳии сарлашкар Публий Марсий Вер ба ҳуҷуми умумӣ гузаштанд. Римиҳо ҳатто то Тайсафун ва Селевкия расиданд, аҳолии юнониасли шаҳр дарвозаҳои Селевкияро ба римиҳо кушоданд. Дар ҳамин вақт Балоши III барои мудофиа чораҷӯӣ накарда, аз Тайсафун фирор намуд. Аммо баъди забти Селевкия байни лашкари Рим ва аҳолии маҳаллӣ задухӯрдҳо рух дода, римиён дар ҷавоб ба ин ошӯбҳои мардумӣ на танҳо Селевкия, ҳатто Тайсафунро низ ғорат карда сӯзонданд [6, 274 – 275]. Байнаннаҳрайнро забт намуда, римиён ба Мод ворид шуданд, аммо дар ин минтақа, бо касалии сироятии тоун рӯ ба рӯ гардиданд ва он дар бошишгоҳҳои ҳарбии римиён бо суръати тез паҳн гардид. Сироятёбии оммавӣ ва маргу мир римиёнро маҷбур намуд, ки мавқеи ишғолнамудаи худро монда, ба ақиб пас гарданд, баъдтар касалии мазкур тавассути аскарони сироятёфтаи римӣ то Италия низ паҳн гардид. Яъне тоун дар тамоми ҷойҳо, ки он ҷо қисмҳои ҳарбӣ омаданд, паҳн гардид [20, 86].

Дар ҳамин вазъият Рим дигар натавонист, ки ҷангро зидди Порт идома диҳад ва маҷбур мешавад, ки сулҳро пешниҳод намояд. Соли 166 шартномаи навбатии сулҳ баста шуда, тибқи он қисми шимол-ғарбии Байнаннаҳрайн ба Рим гузашт, инчунин Арманистон ҳам, агар номиналӣ истиқлол дошт, амалан пурра зери назорати Рим монд.

Хулас, дар натиҷаи ҷангҳои солҳои 161 – 166 аннексияи Арманистон ва ғарбии Байнаннаҳрайн аз ҷониби римиён сурат гирифта, мавқеи стратегии империяи Рим беҳтар гардида, он бар зарари Порт ҷамъбаст гардид. Натиҷаи ҷангҳои мазкур барои портҳо, махсусан барои сулолаи Ашкониён вазнин омаданд. Аз даст додани қаламравҳо, минҷумла пойтахт, обрӯи шоҳаншоҳ Балоши III-ро дар назди табақаҳои ҷамъиятии мамлакат, хусусан назди сулолаҳои маҳаллӣ коста гардонд [6, 276].

Оташбаси соли 166 тавонист, ки 30 сол байни ду давлати абарқудрат оромӣ ҳифз нигоҳ дошта шавад, аз дигар тараф вазъи вазнини дохилии ҳар ду давлат низ имконият намедод, ки ҷонибҳо муборизаро идома диҳанд. Масалан, вазъи дохилии Рим ва вазъи он дар сарҳадоти шимолиаш бисёр вазнин буд. Дар шимол ҷанг бо қабилаҳои германӣ тӯл кашид, дар Миср шӯриш ба амал омад ва оқибат кӯшишҳои гузарондани табаддулоти давлатӣ дар соли 175 аз ҷониби Авидий Кассий ва дигар мушкилоти дохилии римиҳоро низ портҳо натавонистанд, ки ба фоида худ истифода намуда, ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаранд, зеро дар дохили давлати Ашкониён низ вазъият дигар муътадил набуд.

Зина ба зина дар як қатор музофотҳои давлати Порт ҳокимони алоҳида мавқеашро мустаҳкам намуда, аз итоат ба сулолаи Ашкониён сарпечӣ мекарданд, ҳамчунин ҷанги шаҳравандӣ низ мамлакатро фаро гирифт.

Соли 191/2 дар империяи Ашкониён Балоши IV ба сари қудрат омада, то соли 207 ҳукм ронд. Ӯ хост, ки аз вазъи мушкили сиёсии дохилии Рим истифода бурда, қаламравҳои дар натиҷаи ҷангҳои солҳои 161 – 166 аз даст додаро пас гардонад. Масалан, дар соли 197, замоне ки қувваҳои асосии римиён дар қисмати ғарбии империя банд буданд, Балоши IV аз нав Байнаннаҳрайнро забт карда, шаҳри Нисибисро дар муҳосира гирифт. Аммо дар ин ҷо портҳо бо муқовимати сахти римиён бо сардории сарлашкар Лет рӯ ба рӯ шуданд [11, LXXV. 9 (1)]. Римиҳо тавонистанд, ки аз Ғарб боз лашкари имдодӣ фиристонда, лашкари Балоши IV-ро аз минтақаи ишғолӣ танг карда бароранд. Соли 198 императори Рим Лусий Септимий Север шаҳрҳои Селевкия, Бобул, ки аҳолӣ онҳоро тарк карда буд [11, LXXV. 9 (3)] ва андаке баъдтар тавассути муҳориба Тайсафунро забт кард [11, LXXV. 9 (4); 8, III. 9.]. С. Север дарк кард, ки минтақаҳои наздик ба Тайсафунро муддати дароз дар даст нигоҳ дошта наметавонад, вай шаҳрро ғорат намуда, тибқи маълумоти Дион Кассий аз минтақа 100 ҳазор одамро барои ба ғуломӣ фурӯхтан ба Сурия бурд [11, LXXV. 9 (4)].

Дар натиҷаи вохӯрии шахсии Лусий Септимий Север ва Балоши IV шимоли Байнаннаҳрайн ба таври қатъӣ аз они Рим эътироф гардид. Ба сифати ҷуброн ба Порт як қисми шарқии Арманистон дода шуд [6, 283]. Ҳар ду тараф талафоти калони ҷонию моддиро аз сар монданд, аммо дастоварди ҳалкунандаро ҷонибҳо ба даст наоварданд.

Соли 216 бошад императори навбатии Рим Септимий Бассиан Каракалла (Марк Аврелий Север Антонин Август), ки орзӯ дошт мисли Искандари Мақдунӣ сарҳади давлати худро то Ҳинд тӯл кашонад, аз низои дохилии Ашкониён истифода карда, ногаҳон ба Байнаннаҳрайн ҳуҷум намуда, дар шаҳри Арбил гӯрҳои шоҳони портиро кушода, хокашонро берун кашида, дар рӯи замин пошид. Ин хашму ғазаби шоҳаншоҳ Артабон ва наҷибзодагони эрониро ба вуҷуд оварда, пурра ашрофи портиро дар атрофи ӯ муттаҳид намуд. Артабони V лашкари калонро ҷамъ кард, ки он дар байни баъзе сарлашкарони римӣ тарсро ба вуҷуд овард. Аксарияти онҳо аз идома ёфтани ҷанг тарсида, бо сарварии Марк Опеллий Макрин сӯиқасд ташкил намуда, 8 апрели соли 217 Каракалларо мекушанд. Баъди ин воқеа Макрин, ки ворисн Каракалла эълон гардида буд, ба назди портҳо сафорати сулҳро мефиристонад, аммо Артабон хоҳиши римиёнро рад менамояд. Ҳамин тавр, соли 217 дар наздикии Нисибис муҳорибаи вазнини серӯза байни римиён ва портҳо шуда гузашт. Тибқи ахбори Геродиан майдони

ҷанг аз кушташудагон ва хуни онҳо пур шудааст [8, IV. 15 (5)]. Тибқи ахбори манбаъҳо ҳамлаҳои шадиди портҳо лашкари римиёнро воқеан ба қиркунии пурра наздик овард, агар як рӯзи дигар муҳориба идома меёфт аз лашкари Рим асаре боқӣ намемонд. Ин ҳолат Макринро водор менамояд, ки бо Артабон ба гуфтушунид гузарад. Дар бегоҳии рӯзи сеюми муҳориба Макрин ба назди Артабон сафорати худро оид ба пешниҳоди сулҳ фиристонд. Танҳо мактуби шахсии Макрин ба Артабон тавонист, ки ҷанг хотима дода ва миёни тарафҳо сулҳ баста шавад. Дар номаи худ Макрин менависад, ки сабабгори ҳамаи ин бадбахтиҳо император Каракалла, ки шартнома ва қасами худро вайрон карда буд, барои кирдораш ҷазои сазовор гирифта, аллакай дар қайди ҳаёт нест, давлат ҳукумати мавҷудбудаи Римро ба ӯ супоридааст. Ман бошад кирдори пешинаро маъқул намедонам ва омода ҳастам он асироне, ки дар дасти мо ҳастанд ва он шаҳру қалъаҳои ишғол кардаю амволи ғоратшударо дар Байнаннаҳрайн баргардонда, душманиро ба дӯстӣ иваз намуда, сулҳро бо қасамхӯрӣ ва бастани шартнома мустаҳкам намоем. Артабон мазмуни номаро аз сафирон дастрас намуда, ҷазои ба Каракалла расондаро қонеъкунанда муниста, бо Макрин сулҳро мебандад [8, IV. 15 (6 – 9)]. Артабон, инчунин талаб намуд, ки тамоми он заминҳо низ, ки императорони пешин дар минтақа забт карданд, баргардонда шаванд ва римиён бояд 200 миллион сестерсий (тангаи нуқрагии Рими Қадим) тавони ҷангӣ диҳанд, танҳо баъди ин ӯ пешниҳоди сулҳро қабул намуд. Тибқи маълумоти Теодор Моммзен тавони ҷангии пардохтшуда 50 миллион динор будааст [17]. Римиҳо Арманистон ва қисме аз Байнаннаҳрайнро аз даст доданд. Яъне Порт дар набарди охирони худ бо Рим пирӯз гардид. Дар баъзе адабиёти ғарбӣ зикр мешавад, ки дар натиҷаи ин муҳориба низ ба ягон тарафи даргир ғалаба насиб нагардид. Аммо маъхазҳо шаҳодат медиҳанд, ки портҳо ғалаба карданд ва моҳиятан гирем, лашкари Рим нест карда шуд ва Макрин бо андаке боқимондаи лашкари як вақтҳо фотеҳи император Каракалла ба Рим баргашта, бо ҳамин тамоми дастовардҳои ҷангии императорони пешини Рим дар муносиботи ҳарбӣ бо шоҳаншоҳони Ашкониёнро ба сифр расонд. Ҳамин минвол, моҷарои навбатии римӣ, ки онро Каракалла оғоз намуд, ба анҷом расид. Ҳамин тавр, рақобати мусаллаҳонаи охирон байни Порт ва Рим ҷамъбаст гардид. Замоне ки Ашкониён дар муҳорибаи Карр (с. 53 п. м.) лашкари Римро торумор намуданд ва тибқи ахбори муаррихони атиқа Ҷаҳон байни ин ду абарқудрат тақсим карда шуд, натиҷаҳои муҳорибаи Нисибис (с. 217) бошад бори дигар шоҳиди он аст, ки руҳия ва қувваи ҳарбии Ашкониён мағлубнашаванда будааст, яъне орзую ҳаваси бархе аз императорони Рим, ки мехостанд корномаи Искандари Мақдуниро такрор намоянд, ҳеҷ амалӣ карда нашуд, аммо империяи Ашкониён оқибат аз дохил таназзул ва барҳам хӯрд.

Дар ҳамин замон ҳам вазъияти Рим ва ҳам Порт вазнин гардид. Дар саҳнаи сиёсӣ ва муносиботи байналхалқии он давра қувваҳои нав падид омаданд. Империяи Рим дар симои германитаборон рақиби навбатии худро ёфт, ки оқибат империя аз ҷониби онҳо барҳам дода шуд. Империяи Ашкониён бошад ба бӯҳрони чуқури дохилӣ рӯ ба рӯ гардид, ҳатто дар қаламрави он сикказании қалбакӣ низ сурат мегирифт. Империяи Ашкониёнро бӯҳрони пулӣ, иҷтимоӣ ва ғоявӣ фаро гирифта буд. Аз як тараф агар минтақаҳои ғарбии империяро римиён харобу ғорат карда буданд, аз ҷониби дигар дар империяи Хан низ ҷангҳои шаҳрвандии дуру дароз, ки соли 184 сар шуданд, идома ёфта, корвонҳои тиҷоратӣ тавассути «Роҳи Бузурги Абрешим» қатъ гардида, воридоти даромад аз боҷи гумрукию андоз ба хазинаи Ашкониён кам гардид. Шоҳаншоҳони охири Ашкониён бо сабабҳои мазкур маҷбур шуданд, ки барои пур кардани хазина роҳи даромади навро ҷустуҷӯ намоянд ва оқибат аз сулолаҳои маҳаллӣ бисёртарро

талаб карданд. Ин амал дар навбати худ ба зиддият ва ҳатто низои ҳарбӣ байни Ашкониён ва ҳокимони музофотҳо оварда расонд [6, 285 – 286]. Дар натиҷа як вақтҳо давлати мутамаркази абарқудрат будаи Порт зина ба зина ба иттифоқи бузурги намуди конфедеративӣ табдил ёфт, ки дар он ҳокими олӣ, ки дар Тайсафун меистод, ба «primus inter pares – якум дар байни баробармартабаҳо» табдил ёфт [6, 287].

Хулас, ба қавли муаррихи асрмиёнагӣ Саолибӣ гӯем, замоне буд, ки «ҳама Ашкониёнро бузург мешумориданд ва дар номаҳои худ аз онон ба бузургӣ ёд мекарданд ва номиононро пеш аз номи худ меоварданд, чӣ бар он буданд, ки аз табори шоҳонанд. Дигар ин ки бар нофи замин фармонраво буданд» [1, 233], лекин дар ибтидои асри III милодӣ империяи онҳо дар натиҷаи ҷангҳои дуру дароз бо Рим ва низоъҳои дохилии давлат ба таназзулёбии босуръати худ сар кард. Баробари гуфтаҳои боло дар империяи Ашкониён мубориза дохилисулолавӣ низ сар шуд. Дар соли 213 Ардавони V бар зидди бародари худ, шоҳи Порт Балоши V исён бардошта, худро шоҳ эълон намуда, мавқеашро дар Мод, Порт ва қисме аз Байнаннаҳрайн бо пойтахташ Тайсафун мустаҳкам кард. Балош бошад то дами маргаш (с. 223) идоракунии қисмати боқимондаи давлати Портро бо пойтахташ дар Селевкия идома дод.

Ҳамин тавр, дар ибтидои асри III милодӣ шоҳаншоҳии Ашкониён аз худ як давлати таназзулёфтаи хусусияти парокандагии феодалӣ доштаро таҷассум мекард. Ҳукумати марказии заиф дигар наметавонист дар сатҳи зарурӣ вазъиятро дар мамлакат, ки дар он на танҳо музофотҳои канорӣ, инчунин музофотҳои марказӣ аллакай ниммустақил ё ин ки мустақилона бо роҳбарии ҳокимон аз хонадонҳои маҳалӣ амал мекарданд, идора намояд. Низои дохилисулолавӣ ва мубориза бо Рим давлати Ашкониёнро ба таври ҷиддӣ хароб намуда буданд ва ин бошад дар навбати худ ба мавҷи нави ҳаракатҳои сепаратистӣ (ҷудоиталабӣ) оварда расонд. Аз ҷумла заминаҳои таъсисёбии давлати Сосониён (Эроншаҳр) ба ҳаводиси сиёсию иқтисодии дохилии давраи охири мавҷудияти империяи Ашкониён ва равандҳои таърихи ҷаҳонии ҳамон давра алоқамандии зич доранд. Ҳамин тавр, ду сабаби мазкур барои ба сари қудрат омадани сулолаи нав – Сосониён заминаи мусоидро гузоштанд.

Яъне дар сатрапи Форс, қувваи нав зуҳур намуда, дар пеши худ мақсади аз нав муттаҳид намудани Эронро мегузорад. Маркази Форс шаҳри Истахр буд. Ҳокимони Форс аллакай қарибии асри II п.м. унвони «шоҳ»-ро гирифта, сиккаҳои худиро ба муомилот бароварда буданд, ки дар онҳо Аҳурамаздоро тасвир мекарданд. Масалан, Страбон менависад, ки давлати форсҳо дар замони Мақдуниён аз байн рафта, баъд онҳо дар зери ҳокимияти портҳо монданд, айни замон низ (яъне дар давраи ҳукмронии императори Рим Тиберий) форсҳо шоҳи худиро доранд, аммо ӯҳдадоранд, ки ба портҳо итоат намоянд [22, XV. III. C. 728. 3]. Заминаҳои болоравии Сосониён ба таври мушаххас муайян нест ва дар доираи илмӣ айни замон ҳам оид ба масъалаи мазкур баҳс идома дорад. Сулолаи нав, номашро аз исми Сосон, ки коҳини маъбади Аноҳита дар Истахр буд, мегирад.

Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон оид ба заминаҳои таъсисёбии давлати Сомониён менависад, ки ба ғайр аз Форс дар ин солҳо чандин вилоятҳои дигар низ аз сустии ҳокимияти марказии Ашкониён истифода бурда, амалан мустақил шуда буданд. Муҳорибаи назди Ҳурмузгон зинаи баландтарини ин ҷараёни таърихӣ буд. Ғалабаи Сосониён бар Ашкониён ба бархӯрди ду қувваи сиёсии кӯҳна ва нав нуқтаи таммат гузошт. Интиҳои ҳукмронии Ашкониён оғози ҳукмронии Сосониён гардид [21].

Ҳамин тавр, муттаҳидкунии минтақаҳои Эрон дар зери сулолаи Сосониён аз вилояти Форс сар шуд. Ҳокими қалъаи Доробгирди Форс Ардашер тавонист, ки як қатор ҳокимонро ба худ тобеъ намуда, дар ҷануби Эрон мавқеашро мустаҳкам намояд.

Ба нақли Табарӣ Сосониён худро ворисӣ шоҳони Ҳахоманишиён медонистанд. Сосон марде аз хонадони наҷибзодагон бо зане ба номи Динаг аз хонадоне, ки онҳоро бозарангиён мегуфтанд ва дар сарчашмаҳои мусулмонӣ бо номи Ромбиҳишт ёд мешавад, издивоҷ кард. Сосон сарпарастии маъбади Аноҳиди шаҳри Истахрро ба ӯҳда дошт [18, 535]. Писари ӯ Бобак пас аз даргузашти падар ба ҷои ӯ нишаст ва бо духтари ҳокими он маҳал издивоҷ карда, баъди чанд муддат ҳукуматро аз дасти ӯ гирифт.

Ин нақлҳо бо маълумоти навиштаҷоти «Каъбаи Зардушт» қисман мувофиқат менамояд. Р. Фрай менависад, ки Бобак дар «Каъбаи Зардушт» ҳамчун бобои Шопури аввал ёд мешавад, модари Бобак бо номи Динак ёд мешавад, аммо ишора нарафтааст, ки он зани Сосон буд ё не ва Сосон ҳам дар ягон ҷойи навиштаҷоти мазкур бо номи бобои Ардашер зикр нашудааст. Ҳамин тариқ, ҳатто навиштаҷот низ имконият намедиҳад, ки мартабаи хешутабории байни Сосон ва Бобак дақиқ муайян карда шавад [23, 285]. Табарӣ аслу насаби Ардашерро ба чунин тарз овардааст: Ардашер писари Бобак писари Маликхайр писари Сосони Кӯчак писари Бобак писари Сосон писари Бобак писари Меҳрмас писари Сосон писари Баҳманшоҳ писари Исфандёр писари Буштосб писари Кайваҷӣ писари Каймануш [18, 534 – 535]. Абурайҳон Берунӣ силсилаи Ардашерро ба тариқи зайл меорад, ки ӯ писари Бобакшоҳ бинни Сосон бинни Бобак бинни Сосон бинни Беҳофарид бинни Меҳрмиш бинни Сосони Бузург писари Баҳман бинни Исфандиёр аст [4, 141]. Ибн ал Асир маълумот медиҳад, ки Сосон ҳокими хурди маҳаллӣ дар Форс буд, Бобак – писари вай ва Ардашер – набераи ӯст [23, 284].

Дар маъхазҳои саргузаштгӯии сосонӣ бошад омадааст, ки Бобак марзбону шаҳриёри Порс ва аз гумоштаи Ардавон буд ва Бобакро ҳеҷ фарзанди номбардор набуд. Сосон бошад шубони Бобак буда, насабааш ба Дорои Дороён шоҳи Ҳахоманишиҳо мерасид. Ва чун Бобак аз нажодаш дарак ёфт, духтари худро ба ӯ ба занӣ дод, ки аз он Ардашер ба дунё омада буд ва ӯро ба фарзандӣ пазируфт [15, 255 – 256].

Як ида муаррихон Бобакро поягузори ин силсила медонанд. Бобак барои писараш Ардашер мақоми раиси қалъаи Доробгардро гирифт ва Ардашер чанд тан аз шоҳони Порсро мағлуб ва ҳалок кард. Ардашер дар сар савдои шоҳаншоҳӣ мепарварид. Бобак аз ин андешаи писараш огоҳ буд ва бо номае ба Ардавони V охирин подшоҳи Ашконӣ муроҷиат кард, ки мансаби шоҳии Гуҷиҳарро ба фарзанди калониаш Шопур вогузорад. Ардавон ҷавоб дод, ки Бобакро чун саркашу ёғӣ меҳисобад ва ҳокимиятро ба ӯ намедиҳад. Пас аз муддате Бобак вафот кард ва Шопур ба ҷои ӯ нишаст. Миёни бародарон Шопур ва Ардашер ихтилоф афтод, аммо ба тариқи ногаҳонӣ Шопур вафот кард [24, 47].

Ардашер бо марги Шопур ҳукуматро ба даст гирифт ва бо шоҳи Ашконӣ ба мухолифат пардохт. Тайи мубориза ҳо оҳиста-оҳиста шаҳрҳои Эрон ба итоаташ медаромаданд ва дар соли 224 Ардавони V дар набарде дар саҳрои Ҳурмузгон кушта шуд [18, 537] ва дар соли 226 Тайсафун пойтахти Ашкониён ба дасти Ардашери Бобакон афтод. Дар яке аз тасвирҳои болои санги нақши Рустам воқеъ дар Шероз Ардашери Бобакон тасвир ёфтааст, ки дар ҳоле ки бар асп савор аст, тоҷ ва ё фарри эзидиро, ки нишонаи подшоҳист, аз Аҳурамаздо дарёфт мекунад. Дар ҳамин тасвирсанг Балош ва Ардавони Ашконӣ дар ниҳояти хорӣ ба зери пои аспи Ардашер афтодаанд [24].

Геродиан низ хабар медиҳад, ки Ардашер, шоҳи форсҳо, ҳокимияти Аршакиёнро сарнагун кард [8, 6. 2 (1); 3], ҳамин тавр аввал соли 223 артиши иттифоқчиён бо сардории Ардашер Селевкия – пойтахти Балоши V - ро дар муҳосира гирифта, Балош дар муҳориба ҷонро аз даст медиҳад. 28 апрели соли 224 Ардашер дар муҳорибаи Ҳурмуздакон артиши шоҳи Порт Ардавони V-ро торумор намуда, баъди ду сол расман вориди пойтахти портҳо шаҳри Тайсафун гардида, ба тахт нишаста, унвони шоҳи шоҳонро гирифт. Дар “Корномаи Ардашер” роҷеъ ба масъалаи мазкур оварда шудааст, ки “аз он ки фарри кайон бо Ардашер буд, Ардашер пирӯзӣ ёфт. Ӯ Ардавонро бикушт ва ҳама доройӣ ба дасти Ардашер омад ва духтари Ардавонро ба занӣ гирифт”[15, 260 – 261].

Муаррихи машҳури англис Эдуард Гиббон бошад менависад, ки ҳокимияти Ардашер аз ҷониби эрониён дар Анҷумани бузург, ки дар Балх доир гардидааст, ботантана ба расмият шинохта шуд [9, 341]. Оид ба ин масъала маъхазҳои асрмиёнагӣ, аз ҷумла Табарӣ низ ба ин наздик маълумот медиҳад, ки Ардашери Бобакон баъди ишғоли Абаршахр (Нишопур)-у Марв ба Балху Хоразм рафт, баъди бозгашт ба Форс дар шаҳри Гӯр қарор гирифта, сафирони шоҳи Кушон ва шоҳи Турон ва шоҳи Мукрон ба итоат пеши вай омаданд [18, 538]. Аммо ин маънои онро надошт, ки давлати Кӯшониён аз байн бардошта шуд [муфассалтар ниг.: 13 ]. Роҷеъ ба масъалаҳои муносиботи Сосониёну Кушоншаҳр академик Б. Ғафуров низ фикрҳои ҷолибро овардааст [10, 181 – 185]. Тибқи хулосаи таҳқиқоти муосир дар давраи Шопур ва тибқи назари дигар муаллифон танҳо дар охири асри III Кушоншаҳр ба ҳайати Сосониён дохил карда шуд [19, 115 – 121].

Дар ҳамин вақт аз ҷониби рақибон дар ҳайати Арманистон, Рим, Кушониён, скиф (сак)-ҳои аз он сӯи Қавкоз ва авлоди бонуфузи портӣ Карен эътилофи зидди Сосониён ташкил карда шуда, баъди ду соли ҷанг (с. 227 – 229) коалитсияи мазкур пароканда гардид, зеро авлоди Карен аз ҷониби Ардашер қатл карда шуд, римиҳо пас гаштанд, скифҳо ва кушониён бошанд дастаҳои худро аз Эрон боз хонданд [14, 428].

Писари Ардавони V, Артавазд, баъзе аз музофотҳоро дар Эрони Шимолӣ дар даст нигоҳ дошт, аммо соли 230 ӯ низ асир гирифта шуда, ба Тайсафун оварда, қатл карда шуд. Бо марги Артавазд ҳукмронии силсилаи Ашкониён пурра қатъ гардид. Сосониён, дар натиҷаҳои забткориҳои навбатӣ Мод ва атрофи он, Сакистон (Сиистон), Хуросон, водии Марв ва ғайраро ишғол намуданд. Сарҳади давлат дар шимол то баҳри Каспий, дар ҷануб то халиҷи Форс, дар шарқ то водиҳои дарёи Кобул ва дар ғарб то Фурот расид. Дар он тарафи Фурот бошад империяи Рим назорат мекард. Пойтахти давлати нав Тайсафун эълон гардид, ки дар ҳар ду соҳили дарёи Даҷла воқеъ гардида буд. Бо ҳамин, аз соли 224 – то соли 651 дар Эрон сари қудрат сулолаи Сосониён буд, ки ба монанди Ҳахоманишиҳо баромадашон аз вилояти Форс буд. Ҳамин тавр, мувофиқи ахбори Абурайҳон Берунӣ дар сарчашмаҳои эронӣ Ардашери Бобакон мулақаб ба Гирдоваранда ёд мешавад, зеро ӯ Эронро ба як ҷо гирд овард [4, 141].

Хулоса, империяи Ашкониён, ки на танҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ, ҳамчунин ба тамоми равиши рушди таърихӣ - умумиҷаҳонӣ таъсиргузори бузург буд, аз байн рафт. Муаррихи машҳури Шӯравӣ М. М. Дяконов дуруст хулоса мебарорад, ки Порт аз равандҳои мураккаби дохилӣ, ки ба тағйирёбии сохтори иҷтимоии мамлакат оварда расонданд, барҳам хӯрд, на аз зарбаи берунӣ, гарчанде ки ҷангҳои дарозмуддат бо Рим вазъияти Ашкониёнро вазнин гардонда буданд [12, 231].

Ҳамин тавр:

- сабабҳои асосии таназзулёбӣ ва барҳамхӯрии империяи Аршакиён ин ҷангҳои мунтазам бо Рим, ки иқтисоди давлатро хароб гардонданд, низои дохилисулолавии

Ашкониён, ки дар натиҷаи заифшавии ҳукумати марказӣ ҳокимони музофотҳои алоҳида аз итоат намудан ба марказ сарпечӣ мекарданд, инчунин ҷанги шаҳрвандӣ дар Чин, ки омили поёнравии тиҷорат тавассути Роҳи абрешим шуда, ворид гардидани даромад ба хазинаи Ашкониён низ кам гардида, оқибат ин ҳама омилҳо ба барҳамхӯрии ҳукумати сулолаи Аршакиён оварда расонданд;

- сулолаи Ашкониён қудратро аз даст дода, баъди ба тахтнишинӣ ба Ардашери Бобакон зарурият пеш омад, ки мамлакатро муттаҳид ва ҳокимони саркашро зери даст гирад, дар натиҷа Сосониён он қаламравҳое, ки дар ҳайати Ашкониён буданд: Эрон, Байнаннаҳрайни миёна ва поёнӣ, ҷануб - ғарбии Осиёи Миёна ва ғарбии Афғонистони имрӯзаро ба тасарруфи худ даровarданд. Сарҳади зери итоати Ардашер то Хоразм расид, дар Шарқ бошад он то дарёи Кобул тӯл кашид. Арабҳо низ зери протекторати Сосониён даромаданд;

- дар империяи Сосониён дар муқоиса ба империяи Ашкониён мақоми ҳукумати марказӣ мустаҳкамтар гардонда шуда, мустақилияти ҳокимони мулкҳои вобаст (вассал) аз мамлакат аллакай дар солҳои аввали таъсис ва барқарор кардани империяи нав барҳам зада шуд ва ҷойи онҳоро дастнишондаҳои шоҳаншоҳ дар музофотҳо гирифтанд. Забони давлатӣ бошад лаҳҷаи ҷануб-шарқии забони паҳлавӣ эълон гардид;

- Ардашер инчунин зардуштияро дастгирӣ ва дини давлатӣ эълон намуд. Мэри Бойс дар асоси маълумоти Динкарт менависад, ки сиёсати Ардашери Бобакон аз ҷониби мубади мубадон Тансар (Тосар) комилан дастгирӣ ёфт. Зарур аст зикр шавад, ки маҳз Ашкониён зардуштияро наҷот дода буданд. Агар Аршакиён ҳокимиятро гирифта, ба мақоми муборизон дар роҳи этиқод бар зидди бединони Селевкиён даъво мекарданд, пас барои Сосониён зарурат пеш омад, ки аз тахт барканор кардани ҳамдинонашон – Аршакиёнро қонунан асоснок намоянд. Маҳз дар ин самт Тосар ба Ардашер хизмат карда, аз номи вай дар яке аз номаҳояш ба ҳокими Табаристон Гушнасп, ки аз ӯ талаб кард итоатро пазирад, менависад, ки этиқод, баъди ба он расондани зарар аз ҷониби Искандари Мақдунӣ, чунон хароб гардид, ки дар замони Аршакиён мо «қонун ва маросимҳо» - ро дақиқ намедонистем, барои ҳамин этиқод бояд аз ҷониби инсони ҳақгӯ ва солимақл барқарор карда шавад. Ҳамин тавр, Ардашер ва Тосар ҳамаи маъхазҳои дини зардуштиро ҷамъоварӣ намуда, аз миёни онҳо маълумоти саҳеҳдоштаро интихоб намуда, боқимондаро аз қонунҳои динӣ ҷудо карда бароварданд. Бо ҳамин усул матнҳои дини зардуштиро аз нав ба тартиб дароварданд [5,125 – 127]. Оид ба масъалаи мазкур муаррихи асрмиёнагӣ Саолибӣ низ маълумот медиҳад [1, 248 – 249]. Ҳамин тавр, зардуштия низ дар мутамарказ гардондани давлату ҳокимият хизмат кард;

- Сосониён дар муносиботи байналмилалӣ низ ба ҷои Ашкониён мақомашро мустаҳкам намуданд. Масалан, Бауэр Сюзен Уайс менависад, ки барои императорони Рим низ ногаҳон буд, ки Ардашер, аввалин шоҳи бузург, аз нав ҳукмронии форсҳоро барқарор намуда, то соли 214 идора кард ва баъди он империяи ба таври хуб созмондода ва барои экспансия омода будаи худро ба фарзандаш Шопур супорид [3, 931]. Мувофиқи хулосаи академик А. Ю. Кримский ҳамин давра ҳар давлате аз Ҷаҳони Машриқ дар сари ду роҳ монданд: Рим ё Тайсафун? Ба тарафи кӣ бояд гузашт? Ба тарафи империяи Бузурги Рим ё ба тарафи империяи Бузурги Сосониён? Аммо дар миёнаи асри III мубориза оғоз гардид ва паллаи тарозу он вақт ба тарафи Эроншаҳр буд, дар Рим бетартибӣ тантана дошт ва онро бо ном императорон - аскарон ба вуҷуд оварданд, дар Эрон бошад сулолаи нави боғайрат сари қудрат омад ва шоҳаншоҳи дуюми он Шопур бо юришҳои худ ба самти Ғарб ном баровард [16, 215].

**Адабиёт**

1. Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ. Таърихи ғурар ус - сияр маъруф ба “Шоҳнома” - и Саолибӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. 444 с.

2. Арутюнян А. Ж. Восточная политика императора Марка Аврелия (160 – 181 гг.) и аршакидская Армения // Вестник Томского государственного университета. История. 2014. № 4 (30). С. 53 – 55.

3. Бауэр Сьюзен Уайс. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. 988, [4] с.

4. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. Душанбе: Ирфон, 1990. 432 с.

5. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Пер. с английского И. М. Стеблин - Каменского. М.: Наука, 1987. 303 с.. с ил.

6. Бокщанин А. Г. Парфия и Рим (исследование о развитие международных отношений позднего периода истории античного мира). Часть II. Система политического дуализма в Передней Азии. М.: Издательство Московского университета, 1966. 304 с.

7. Всемирная история. В десяти томах. Т. II. М.: Государственное издательство политической литературы, 1956. 900 с.

8. Геродиан. История императорской власти после Марка в восьми книгах. СПб.: Алетейя, 1995. 289 с.

9. Гиббон Э. История упадка и разрушения Великой Римской империи: Закат и падение Римской империи: В 7 т. Т. 1. / Пер. с англ. – М.: Терра – Книжный клуб, 2008. 640 с.

10. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. 976 с.

11. Дион Кассий. Римская история. Книги LXIV – LXXX. СПб.: Филологический факультет СПбГУ; Нестор-История, 2011. 456 с.

12. Дьяконов М. М. Очерк истории Древнего Ирана. М.: Издательство восточной литературы, 1961. 445 с.

13. Исоматов М. М. Ирано-среднеазиатские взаимоотношения по “Таърих-и Табари” Балъами. Душанбе – Бишкек: Эҷод, 2006. – 184 с.

14. История таджикского народа. Т. I. Древнейшая и древняя история. Под. Ред. академика АН РТ Б. А. Литвинского и член - корреспондента АН РТ В. А. Ранова. Душанбе: Суруш, 1998. 752 с.

15. Корномаи Ардашери Бобакон // Мероси хаттии бостон. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби II. Ҷ. 1. Душанбе: Бухоро, 2014. С. 255 – 271.

16. Кримський А. Ю. Вибрані сходознавчі праці. В 5 т. Том I. Арабістика. Київ: ВД «Стилос», 2007. 432 с.

17. Моммзен Т. История Рима. Т. 5. Провинции от Цезаря до Диоклетиана. Перевод с немецкого под общей редакцией Н. А. Машкина. М.: Издательство иностранной литературы, 1949. 631 с.

18. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 1. Мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрир ва тасҳеҳи Н. Амиршоҳӣ. Душанбе: Эр-граф, 2014. – 756 с.

19. Никитин А. Б. Сасанидский Кушаншахр // Проблемы истории, филологии и культуры. № 1 (27). М. – Магнитогорск – Новосибирск, 2010. С. 115 – 121.

20. Пигулевская Н. В. Города Ирана в раннем средневековье. М. – Л.: Издательство Академии наук СССР, 1956. 363 с.

21. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе: Ирфон, 2006. 372

с.
22. Страбон. География в 17 книгах. Перевод, статья и комментарии Г. А. Стратановского. М.: Наука, 1964. 944 с.
23. Фрай Р. Наследие Ирана. Издание второе, исправленное и дополненное. М.: Восточная литература, 2002. 463 с.: ил. – (Культура народов Всотока: Материалы и исследования: Осн. в 1969 г.).
24. Ҳамза Камол. Бозтоби таърихи ба ҳукумат расидани намояндагони дудмони Сосонӣ то сукути давлати онҳо дар манобеи таърихии садаҳои IX – X // Муаррих (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ). № 1 (25). Душанбе, 2021. С. 46 – 61.

## НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ ПО ВОПРОСАМ УПАДКИ И РАЗРУШЕНИЯ ПАРФЯНСКОЙ ИМПЕРИИ

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии
и международных отношений Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru

*В данной статье рассматриваются причины упадка и разрушения Парфянской империи и основные предпосилки возвышения династии Сасанидов. Опираясь на исторические источники и научные выводы отечественных и зарубежных ученых, автор делает вывод, что в результате войн с Римом и ослабления центральной власти в Парфянской империи политическая и военная мощь династии Аршакидов была ослаблена и в конечном итоге в Иране к власти пришла династия Сасанидов.*

*Цель исследования определяется тем, что на основе исторических источников и научных выводов ведущих ученых изучить процесс упадки и разрушения Парфянской империи.*

*В ходе исследования установлено, что основными причинами упадка и разрушения Парфянской империи были войны с Римом, внутридинастический конфликт аршакидов, ослабление центральной власти, гражданская война в Китае, которая привела к упадки торговля по Великому шелковому пути, в результате уменьшилось поток доходов в казну Аршакидов, что в итоге все эти привели к упадку власти династии Аршакидов.*

***Ключевые слова:*** *Парфия, Рим, Сасаниды, династия, власть, государство, политика, упадок, упразднение.*

## SOME VIEWS ON THE DECLINE AND DESTRUCTION OF THE PARTHIAN EMPIRE

**SAYNAKOV SAYNAK PARPISHOEVICH,**
candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the
Department Diplomacy and International Relations of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir Str.
Phone: (+992) 934-16-20-99. E - mail: saynakov2012@mail.ru

*This article discusses the reasons for the decline and destruction of the Parthian Empire and the prerequisites for the rise of the Sassanid dynasty. Based on historical sources and scientific findings of domestic and foreign scientists, the author concludes that as a result of the wars with Rome and the weakening of the central power of the Parthian Empire, the political and military power of the Arshakids dynasty was weakened, and eventually the Sassanid dynasty came to power in Iran.*

*Purpose of the study: based on historical sources and scientific findings of prominent scientists, to study the process of decline and destruction of the Parthian Empire.*

*The study found that the main reasons for the decline and destruction of the Parthian Empire were the wars with Rome, which destroyed the economy of the western regions of the empire, the inter-dynastic strife of the Arshakids, the weakening of the central government, the civil war in China, which led to the decline of trade through the Great Silk Road, as a result, reduced an influx of income into the treasury of the Arshakids, which ultimately led to the decline of the power of the Arshakids dynasty.*

***Key words:*** *Parthia, Rome, Sassanids, dynasty, power, state, politics, decline, abolition.*

УДК: 327.8

# АНАЛИЗ ПОДТАЛКИВАЮЩИХ ФАКТОРОВ КАК ДЕТЕРМИНАНТА РОСТА ЭКСТРЕМИЗМА И МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА

**ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМДЖОНОВИЧ,**
кандидат политических наук, старший научный сотрудник
Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ.
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33.
Тел.: (+992) 918-75-64-75. E-mail: lettera76@mail.ru

*В рассматриваемой научной статье анализируются подталкивающие факторы влияющие на рост экстремизма и международного терроризма в обществе. Так автором широко цитируются точки зрения современных ведущих ученых и экспертов с постсоветского пространства относительно влияния подталкивающих факторов на рост экстремизма и международного терроризма. Указываются социальные предпосылки роста экстремизма и международного терроризма, вкупе с индивидуально - поведенческими факторами. Рассматривается важные социальные факторы, которые непосредственно влияют и тем самым создают наиболее благоприятную почву для проявлений и дальнейшего рост экстремизма в обществе. Среди них первоочередное значение приобретает безработица и бедность как одни из наиболее ключевых источников роста экстремизма и международного терроризма в современном социуме. Также в рамках данной статьи определены основные социально-экономические факторы, непосредственно влияющие на отдельно взятую личность. Тем самым отмечается их прямое негативное воздействие на усиление внутри личностного конфликта у отдельно взятого индивида, в результате чего личность становится более подвержена, влиянию крайних взглядов и воззрений. При этом в статье отмечается активное использование подталкивающих фактор экстремистскими и международными террористическими группировками в своей преступной деятельности, в частности указывается фактор материального вознаграждения как инструмент пополнения своих рядов.*

*Ключевые слова: подталкивающие факторы, экстремизм, международный терроризм, проблема, анализ, социально - экономические факторы, бедность, безработца.*

В самом начале стоит отметить, что научное и экспертно - аналитическое сообщество традиционно рассматривала вопрос экстремизма и терроризма в контексте существующих социально-экономических проблем. Данный подход во многом обусловлен тем, что именно конкретно имеющиеся социально - экономические проблемы, предопределяли и оказывали самое большое влияние на поступки человека.

Свою очередь научным кругам широко известно, и повсеместно признанно, что многие действующие экстремистские и международные террористические организации во время проведения вербовки с целью пополнения своих рядов активно используют социально-экономический фактор. Завлекая преимущественно молодежь, они обещают им большое финансовое вознаграждения за их деятельность в деструктивных организациях. Стремление достигнуть финансового благополучия и стабильности всегда стояло остро перед молодежью и первую очередь для её обездоленной части.

При анализе социально-экономических факторов, прежде всего, уместно и целесообразно отметить, что государства Центральной Азии имели жесткий и беспрецедентный исторический опыт изменения государственной модели управления. Такие глубинные процессы не могли пройти незаметно. Они подразумевали глобальные изменения социальной, экономической, политической и идеологической жизни государства. В одночасье страны региона изменили свою общественно-

политическую фармацию, став на рельсы политической демократии и свободных рыночных отношений.

Следует отметить, что протекающие экономические процессы, оказывают неоднозначные социальные последствия в их результате произошло крупное расслоение по финансовым возможностям.

Дифференциация населения по данному признаку порождает у обиженных процессами социального переустройства групп ненависть и злобу по отношению чужому благополучию. Вступая в дееспособный возраст, молодой человек сильней ощущает на себе несоответствие между обещаемыми в обществе правами и реальными возможностями в их осуществлении. Чем радикальней происходит расслоение общества, тем больше вероятность всплеска волны экстремизма, в том числе и молодежного.[1]

Чтобы успешно бороться с явлением, следует разобраться, что лежит его основе, чтобы попытаться устранить не следствие, а причину явления. Анализ причин терроризма показывает, что они кроются, в возрастании кризисных явлений, неспособности общества регулировать сложные социально-экономические процессы, быстрой смене систем человеческих и политических идеалов и ценностей, в подключении к активной политической деятельности широких масс населения, лишенных политического опыта. В результате активизируются стремления использовать слабости общественной и государственной системы и проложить кратчайший путь к поставленной цели, каким представляется путь насилия, путь террора. Таким образом, в большинстве случаев, причиной террористических актов является неспособность государства или международного сообщества создать условия для реализации надежды того или иного народа на обретение государственности, разрешить давно существующие или возникшие общинные, национальные, расовые, социально-экономические, религиозные и другие проблемы.[2]

Сама значимость подталкивающих факторов также важна по причине того, что наличие в обществе социально-экономических проблем предоставляет экстремистским и международным террористическим организациям большие потенциальные возможности. Социально- экономические проблемы сильно подрывают саму устойчивость граждан, делая их очень уязвимыми перед идеологами насильственного экстремизма. Так полностью осознавая данный факт, деструктивные группировки начинают активно использовать данные социально-экономические проблемы для достижения своих целей. В результате, как правило, общество становится восприимчиво не только к их идеям, но и как предполагаемым методам решения существующих проблем.

Для понимания реального влияния подталкивающих факторов на проблему экстремизма и международного терроризма на наш взгляд важно придерживаться принципа, в основе которого лежит беспристрастный анализ текущих объективных и субъективных факторов. Он позволит в действительности раскрыть роль существующих объективных общих социально-экономических факторов на отдельно взятую личность.

---

[1] Бузыкина Ю. С. Отношение к экстремизму: региональный аспект: Монография. М-во образования и науки РФ, ФГБОУ ВО ПГУ. Тамбов: ООО «Консалтинговая компания ЮКОМ». 2017. С.- 44.

[2] Ивентьев С. И. Концепт «смерти» в идеологии терроризма. Молодёжный экстремизм: современное состояние и методы противодействие. Материалы всероссийской научно-практической конференции (г. Уфа, 25 – 27 апреля 2018 г.) / Составители: Абдрахманов Д. М., Сизоненко З. Л. Уфа: «Мир печати», 2018. С. – 127.

Под общими факторами социально-экономических предпосылок религиозного экстремизма и международными террористическими понимаются процессы, происходящее в масштабе всего общества и оказывающее воздействие на все его институты, к таковым можно отнести:

1. продолжительные социальные и экономические кризисы;
2. масштабные дезорганизационные процессы в большинстве сфер общественной жизни;
3. высокий уровень нетрудоустроенности работоспособной части населения;
4. понижение жизненного уровня значительной части населения;
5. процессы маргинализации больше части общества;
6. социальная аномия (распад системы ценностей и норм гарантирующий общественный порядок);
7. активизация неконтролируемых миграционных процессов.

Индивидуальными факторами выступают неблагоприятные социально-экономические условия, в которых продолжительное время находится индивид. Они содействуют усилению внутри личностного конфликта, в результате чего личность становится более подвержена влиянию крайних религиозных воззрений.

К индивидуальным факторам социально-экономических предпосылок религиозного экстремизма относятся:

1. неудовлетворенность социальным положением;
2. невозможность реализации первичных социальных потребностей;
3. стремление к новому социально благополучному укладу жизни;
4. отсутствие возможности самому преодолеть сложившиеся жизненные кризисы.[1]

Прежде чем начать анализировать роль и место подталкивающих факторов, необходимо определить, какие именно социальные проблемы, входят в данную категорию факторов? Первоначально это конечно экономические проблемы, прежде всего безработица особенно среди молодежи. В данном случае важно отметить, что экономический проблемы имеют социальную актуальность, если, они носят затяжной характер. Именно подобные кризисы имеют самые большие негативные последствия для общества, так как они способствуют обнищанию населения.

Проблема бедности в контексте изучения проблемы экстремизма и международного терроризма на наш взгляд, приобретает особую актуальность и значимость. Безусловно, люди по своему финансово-материальному благосостоянию относящиеся к бедным слоям населения имеются во всех государствах. Более того, бедность социальная реальность будет существовать всегда, единственно станет только, меняться сами социальные индикаторы, которые и будут определять бедных людей. В этой связи стоит большой вопрос насколько бедность является прямым источником роста популярности деструктивных организаций. Конечно, существующие острые социальные проблемы создают наиболее питательную среду для возникновения и укрепления идеологии экстремизма и терроризма в обществе. В тоже время, необходимо подчеркнуть, что не каждый бедный человек готов вступить в их ряды.

Бедность может спровоцировать человека, прежде всего, молодого человека, не имеющего большого жизненного опыта при этом стремящегося всеми возможностями

[1] Абдулганеев Р.Р. Детерминирующие факторы религиозного экстремизма и их предупреждение. Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение Вопросы теории и практики. Тамбов: «Грамота», 2012. №4 (18): в 2-х ч. Ч.2. Режим доступа. www.gramota.net/editions/3.html

вырваться из своего тяжелого жизненного положения. Этому может способствовать две основные причины.

Первая - потому что он не видит возможности найти легальный и стабильный источник заработка в условиях массовой безработицы, глубокого и длительного экономического кризиса в стране. Такая ситуация характерна для отсталых в экономическом отношении стран.

Вторая – когда свободных рабочих мест хватает, но отсутствие знаний, квалификации, навыков, привычки к тяжелому физическому труду, а отсюда и желание работать, что свойственно преимущественно молодежи, толкает человека на поиск виновных на стороне. [1]

Согласно определению кыргызстанского эксперта О. А. Молдалиева, религиозный экстремизм – ответная реакция беднейших слоев общества на социально-экономические условия, приведшие их к массовому обнищанию, своего рода выражение политического протеста маргиналов.[2]

Также в этом печальном списке находятся такие важные социальные факторы, как маргинальное положение, неравенство, экологические проблемы, экономические кризисы, социальная дискриминация и т.д. Любой из перечисленных социальных факторов может потенциально стать детерминантом роста экстремисткой и террористической активности в обществе.

Большой интерес представляет научная точка зрения российского ученого М.Я. Яхъяева, который наиболее объективно раскрыл основные подталкивающие факторы стимулирующие рост экстремизма в обществе. Так в частности, он отмечает, что к социально-экономическим факторам, создающим почву для проявлений экстремизма, безусловно, относится резкое критическое падение уровня жизни определенной социальной группы, понижение ее социального статуса и связанных с ним реальных прав и свобод в данной социальной системе. Причем, это падение уровня жизни должно быть достаточно длительным.

Вторым социально-экономическим фактором, порождающим экстремизм и терроризм, является социальная бесперспективность данной социальной группы, выражающаяся в отсутствии у этой группы реальных экономических возможностей хотя бы в отдаленном будущем качественно улучшить свое положение, или, хотя бы обеспечить свое социальное самосохранение.

Третьим социально-экономическим фактором экстремизма является обострение социально-групповых конфликтов на основе перераспределения общественной собственности и общественных доходов, в основе которого лежит стремление одних общественных групп резко усилить уровень эксплуатации других общественных групп.

Экономические факторы экстремизма складываются в результате перехода определенной социальной системы, или определенной цивилизации в состояние социально-экономического кризиса. Таким образом, экономические и социальные кризисы общественных систем являются социально-экономической почвой экстремизма.[3]

Эксперты, при анализе проблематики экстремизма и международного

[1] Профилактика (предупреждение) экстремизма и терроризма. Методическое пособие для пропагандистов. Под общей ред. Л.Н. Панковой, Ю. В. Таранухи М.: «Университетская книга». 2010. С.- 77.

[2] Молдалиев О. А. Современные вызовы безопасности Кыргызстана и Центральной Азии. – Бишкек. 2001. С. - 74.

[3] Яхъяев М.Я. Социально-экономические корни экстремизма. Режим доступа. http://www.ekstremizm.ru/biblioteka/knigi/item/683-socialno-ekonomicheskie-korni-ekstremizma.

терроризма ставящие во главе угла социально-экономический фактор исходят из того факта, что пока человечество не искоренит безработицу, нищету, голод и другие негативные социальные факторы, то в обществе всегда будет присутствовать потенциальная социальная база для экстремистских и международных террористических группировок. Данная социальная прослойка граждан, будучи на самом социальном дне чувствуют свою личную не защищенность и социальную обреченность. Тем самым для данной уязвимой социальной группы главным мотивационным стимулом выступает, прежде всего, недовольство своим социально-экономическим положением.

Безработица и бедность важны с точки зрения социальной и экономической маргинализации, когда оторванность от большинства способствует более легкому переходу в ряды радикальных организации, так же представляющих собой сообщества вне мейнстрима.[1]

Безусловно, социальные проблемы во многом носят долгосрочный характер и не имеют своего сиюминутного решения. Даже сам метод их решения станет предметом детального публичного обсуждения и анализа. Тем не менее, обществу стремящиеся укрепить свою социальную стабильность целесообразно развивать социальные проекты, направленные на устранения социальных барьеров препятствующие развитию человеческого капитала.

Таким образом, существующие социально-экономические проблемы остаются самым серьёзным вызовов для стабильного развития современного общества. Проанализированные подталкивающие факторы и условия в наши дни остаются в Республики Таджикистан базовыми источниками роста идеи экстремизма и международного терроризма среди местного населения. Они продолжают способствовать радикализации граждан страны, тем самым являются значимым фактором негативно влияющие на мировоззрения человека. Так граждане, мотивирующиеся, социально-экономическими факторами воспринимают, свою экстремистскую деятельность не иначе, как крайнее методы восстановления социальной справедливости. Они полагают, что существующие в обществе социально-экономические проблемы фактически ставят крест на их социальных перспективах и материально - экономического благополучия.

В конечном итоге это формирует гнетущую депрессию, отчаяние и тяжелую обиду на весь социум, думая, что у них нет никаких шансов решить свои социальные проблемы. Наступает последняя стадия конфликта между человеком или социальной группой, которая неудовлетворенна текущей социальной ситуацией с одной стороны и существующим строем с другой стороны.

Абсолютно очевидно и неоспоримо тот безусловный факт, что существующие нерешенные социально-экономические проблемы в государстве будут, продолжат оставаться существенным источником роста экстремистского настроения в обществе и прежде всего среди его уязвимых и маргинальных групп. Более того, именно социально-экономическая реальность оказывают наиболее сильное влияние на формирование взглядов человека на социальное экономическое и политическое устройство государство. Наличие проблем в данных сферах всегда становится причиной социального недовольства, причиной тому служит социальный статус индивида. Сами же подталкивающие факторы свидетельствуют о том, что существующие обществе социально-экономические проблемы могут стать мощным

[1] Бейсембаев С. Религиозный экстремизм в Казахстане: между криминалом и джихадом. С.-13.

катализатором вовлечение людей в ряды деструктивных группировок. Данный фактор будет активно использован экстремистскими и международными террористическими структурами. Так одной из самых основных и общепризнанных методик, относящихся к числу классических по пополнению рядов деструктивных структур, безусловно, является материальное вознаграждение. Стабильное финансовое стимулирование новых адептов остается надежным инструментом гарантирующим привлечение все новых сторонников. Социально – экономические проблемы предоставляет возможность экстремистским и международным террористическим организациям пропагандировать своё видение о социальной, политической и экономической справедливости. Особенно среди тех слоёв общества, которые считают себя ущемленными и обиженными.

Соответственно подталкивающие факторы, останутся одним из наиболее сильных детерминант роста экстремизма и терроризма, будут, привлекать к себе повышенное внимание со стороны радикально-экстремистских и террористических организаций. При этом наибольший урон исходящих от данной группы факторов заключается, в том, что они вносят раскол в традиционную жизнь общества. В этой связи важным представляется понимание обществом объективной и адекватной интерпретации существующих социально - экономических проблем в обществе.

**Литература**

1. Бузыкина Ю. С. Отношение к экстремизму: региональный аспект: Монография. М-во образования и науки РФ, ФГБОУ ВО ПГУ. Тамбов: ООО «Консалтинговая компания ЮКОМ». 2017. С.- 44.

2. Ивентьев С. И. Концепт «смерти» в идеологии терроризма. Молодёжный экстремизм: современное состояние и методы противодействие. Материалы всероссийской научно-практической конференции (г. Уфа, 25 – 27 апреля 2018 г.) / Составители: Абдрахманов Д. М., Сизоненко З. Л. Уфа: «Мир печати», 2018. С. – 127.

3. Абдулганеев Р. Р. Детерминирующие факторы религиозного экстремизма и их предупреждение. Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение Вопросы теории и практики. Тамбов: «Грамота», 2012. №4 (18): в 2-х ч. Ч.2. Режим доступа. www.gramota.net/editions/3.html

4. Профилактика (предупреждение) экстремизма и терроризма. Методическое пособие для пропагандистов. Под общей ред. Л.Н. Панковой, Ю. В. Таранухи М.: «Университетская книга». 2010. С.- 77.

5. Молдалиев О. А. Современные вызовы безопасности Кыргызстана и Центральной Азии. – Бишкек. 2001. С. - 74.

6. Яхъяев М.Я. Социально-экономические корни экстремизма. Режим доступа. http://www.ekstremizm.ru/biblioteka/knigi/item/683-socialno-ekonomicheskie-korni-ekstremizma.

7. Бейсембаев С. Религиозный экстремизм в Казахстане: между криминалом и джихадом. С.-13.

## ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ТАҲРИКДИҲАНДА ҲАМЧУН ОМИЛИ АФЗОЯНДАИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМҶОНОВИЧ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмӣ Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи. А. Баҳоваддинови АМИТ.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел.: (+992) 918-75-64-75. E-mail: lettera76@mail.ru

*Дар мақолаи илмии баррасишаванда омилҳои таҳриккунанда ба рушди экстремизм ва терроризми байналмилалӣ дар ҷомеа таҳлил гардидаанд. Чунончи, аз тарафи муаллиф нуқтаи назари олимон ва коршиносони намоёни муосир аз фазои пасошӯравӣ оид ба таъсири омилҳои таҳриккунанда ба рушди экстремизми зӯроварона ва терроризми байналмилалӣ, ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Шароитҳои иҷтимоии рушди экстремизми зӯроварона ва терроризми байналмилалӣ якҷоя бо омилҳои инфиродӣ – рафторӣ, зикр шудаанд. Омилҳои муҳимми иҷтимоии мустақиман таъсиррасонанда, ҳамзамон асоси ниҳоят мусоидро барои зуҳур ва рушди минбаъдаи экстремизм дар ҷомеа муҳайё месозанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар байни онҳо аҳамияти якумдараҷаро бекорӣ ва камбизоатӣ ҳамчун сарчашмаи калидии рушди экстремизми зӯроварона ва терроризми байналмилалӣ дар ҷомеаи муосир ташкил медиҳанд, касб мекунанд. Инчунин, дар доираи мақолаи мазкур омилҳои асосии иҷтимоӣ – иқтисодие, ки мустақиман ба шахсият таъсиргузор ҳастанд, муайян карда шудаанд. Ба ин восита, таъсири мустақими манфии муноқишаи дохилишахсӣ ба шахсияти алоҳида, ки дар натиҷаи он шахсият ба таъсири ақида ва назарҳои ниҳоят экстремистӣ моилпазир мегардад, зикр гардидаанд. Ҳамзамон, дар мақола истифодаи фаъоли омилҳои таҳриккунанда аз тарафи гурӯҳҳои экстремистӣ ва терроризми байналмилалӣ дар фаъолияти ҷинояткоронаи худ, аз ҷумла омили ҳавасманкунии моддӣ ҳамчун абзори афзоиш додани шумораи ҳамсафони худ, нишон дода шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *омилҳои таҳриккунанда, экстремизм, терроризми байналмилалӣ, проблема, таҳлил, омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, камбизоатӣ, бекорӣ.*

## ANALYSIS OF PULL FACTORS AS A DETERMINANT OF THE GROWTH OF EXTREMISM AND INTERNATIONAL TERRORISM

**DODIKHUDOEV KHURSHED AZAMJONOVICH,**
Candidate of Political Sciences, Senior Researcher at
the A.Bahovaddinov Institute of Philosophy,
Political Science and Law, NAST.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave.
Phone:(+992) 918-75-64-75. E-mail: lettera76@mail.ru

*The scientific article analyzes the pushing factors influencing the growth of extremism and international terrorism in society. Thus, the author widely quotes the points of view of modern leading scientists and experts from the post-Soviet space regarding the influence of pushing factors on the growth of violent extremism and international terrorism. The social prerequisites for the growth of violent extremism and international terrorism, coupled with individual behavioral factors, are indicated. Important social factors that directly influence and thereby create the most favorable ground for manifestations and further growth of extremism in society are considered. Among them, unemployment and poverty are of paramount importance as one of the most key sources of the growth of violent extremism and international terrorism in modern society. Also, within the framework of this article, the main socio-economic factors that directly affect a single person are determined. Thus, their direct negative impact on the intensification of the personal conflict in an individual is noted, as a result of which the personality becomes more susceptible to the influence of extreme views and views. At the same time, the article notes the active use of the pushing factor by extremist and international terroristic groups in their criminal activities, in particular, the factor of material reward as a tool for replenishing their ranks is indicated.*

*Key words: pushing factors, extremism, international terrorism, problem, analysis, socio-economic factors, poverty, unemployment.*

УДК: 322

# РАВАНДИ СИЁСИШАВИИ ДИН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ҲУСАЙНЗОДА АМИНҶОН БУРИХОН,**
номзади илмҳои сиёси, муаллими калони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к.С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 987-93-20-88. E-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

*Мақола сабабҳои сиёсикунонӣ ва сиёсишавии динро тадқиқ мекунад. Сиёсишавии дин раванди объективӣ ва сиёсикунонии дин раванди субъективӣ арзёбӣ мегардад. Ташаккули арзишҳои дунявӣ ё худ раванди аз сиёсат ҷудо намудани дин тақозои онро менамояд, ки нақши дин дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ коҳиш дода шавад ва унсурҳои динии давлат аз байн бурда шаванд.*

*Сиёсикунонии дин раванде мебошад, ки дар он ғояҳои динӣ ва таълимоти динӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифода бурда мешаванд. Дар чунин маврид ғояҳои динӣ ва таълимоти динӣ, ки ҳамчун идеологияи динӣ баромад менамоянд, унсурҳои муҳими технологияҳои сиёсӣ маҳсуб меёбанд.*

*Махсусан истифода гардидани дин барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ, яке аз хусусиятҳои муҳими дини сиёсӣ ба шумор меравад. Олимон дини сиёсиро ҳамчун воситаи сафарбарнамоии одамон барои қонеъ сохтани мақсадҳои сиёсӣ медонанд. Ба андешаи онҳо, замоне, ки дин барои асоснок намудани амалҳои сиёсӣ ва барои сафарбар намудани одамон ҷиҳати анҷомдиҳии амалҳои ғайридинӣ истифода мешавад, мо бо дини сиёсӣ рӯ ба рӯ мешавем*

*Хатари зоҳиршавии дини сиёсӣ на дар он ифода меёбад, ки намояндагони ин гуна ҷараёнҳои динӣ таълимоти диниро нодуруст шарҳ медиҳанд, балки онҳо муносибатҳои диниро дар қолаби «дӯсту душман» ташаккул медиҳанд, ки дар натиҷа инсонбадбинӣ ва зӯроварии динӣ ба амал меояд*

***Калидвожаҳо:*** *дин, мазҳаб, раванд, сиёсикунонӣ, сиёсишавӣ, омилҳо, тамоюлҳо, арзишҳо, гурӯҳ, замони муосир, проблема, манфиатҳо, харатҳо, дини сиёсӣ.*

Яке аз равандҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятиро тағйир медиҳад, раванди сиёсикунонӣ ва сиёсишавии дин мебошад. Сиёсишавии дин раванди объективӣ ва сиёсикунонии дин раванди субъективӣ арзёбӣ мегардад. Вобаста ба масъалаи аввал андешаҳои муҳаққиқонро аз назар мегузаронем. Ба андешаи баъзе таҳлилгарон сиёсишавии дин раванди ғайритабиӣ набуда, он объективӣ мебошад. Онҳо иброз медоранд, ки дар таркиби ҳар як дин унсурҳои сиёсие мавҷуданд, ки дар амалияи сиёсӣ зоҳир мешаванд. Дар робита бо ин С.А. Семедов қайд намудааст, ки «раванди сиёсишавии дин истифодаи дин барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ набуда, раванди зоҳиршавии унсурҳои сиёсии дин мебошад» [9, саҳ. 56.].

Махсусан, чунин мавқеъро олимоне ҷонибдорӣ намудаанд, ки ташаккулдиҳандаи назарияи давлати дунявӣ мебошанд. Ташаккули арзишҳои дунявӣ ё худ раванди аз сиёсат ҷудо намудани дин тақозои онро менамояд, ки нақши дин дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ коҳиш дода шавад ва унсурҳои динии давлат аз байн бурда шаванд. Мувофиқи назарияи дунявият, дин ва диндорӣ то сатҳи ҳаёти шахсии одамон поён фароварда шавад ва он дар ҷомеа ҳамчун бозингари сиёсию ҷамъиятӣ эътироф карда нашавад. Воқеан ҳам раванди ташаккулёбии арзишҳои дунявӣ ва баръакси он раванди афзалият пайдо намудани арзишҳои динӣ метавонанд дар кадом дараҷа ва дар кадом шакл зоҳир шудани таъсири дин ба сиёсатро нишон диҳанд. Чунончи, дар он ҷомеаҳое, ки раванди ташаккули арзишҳои дунявӣ ҳанӯз оғоз нагардидааст, дин дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши аввалиндараҷаро ишғол намуда, ба равандҳои сиёсии

мамлакат таъсири амиқ мерасонанд. Яъне, қарорҳои сиёсӣ бо дарназардошти талаботҳои объективии дин қабул мегарданд. Аммо дар кишварҳое, ки раванди ташаккули арзишҳои дунявӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст, низ таъсири динро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа хеле зиёд эҳсос намудан мумкин аст. Дар ин кишварҳо на танҳо таъсири ҳаракатҳои тундгароии динӣ ва бунёдгароии динӣ, балки ба вуҷуд омадани ҳизбҳои сиёсии динӣ низ баъзан ба мушоҳида мерасад. Танҳо дар он кишварҳое, ки марҳилаҳои асосии раванди ташаккулёбии дунявият паси сар шудаанд ва давлати дунявии ташаккулёфта ба вуҷуд омадааст, таъсири дин дар ҳаёти сиёсии ҷомеа он қадар назаррас нест[4, саҳ. 37]. Пайдоиши динҳои сиёсӣ низ дар мавридҳои аввал ва дуюм ба мушоҳида мерасад.

Аммо кам нестанд боз ҳолатҳое, ки дар он истифодаи дин барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ дида мешавад. Чунин ҳолатро низ олимони зиёд ҷонибдорӣ намуда, хусусиятҳои хоси онро нишон додаанд. Дар таҳқиқоти баъзе олимон таъкид мегардад, ки дин ва идеологияи динӣ аз ҷониби нерӯҳои гуногуни сиёсӣ истифода мегардад ва онро ҳамчун технологияи амалӣ намудани мақсадҳои онҳо номидан мумкин аст. Барои мисол, сиёсатшиноси немис Б.Тиби қайд менамояд, ки «истифода гардидани дин барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ воқеияти давру замон аст. Дар бисёре аз маврид дин ба хотири асоснок намудани амалҳои сиёсӣ ва ё барои сафарбар намудани одамон барои анҷом додани мақсадҳои ғайридинӣ истифода бурда мешавад» [20, саҳ. 37].

Б.Тиби дар асарҳои худ ба масъалаи бунёдгароии исломӣ таваҷҷуҳи бештар дода, онро ҳамчун омили ноустуворкунандаи тартиботи ҷаҳонӣ ва таҳдиди воқеӣ ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ номидааст. Аз баррасиҳои ӯ эҳсос намудан мумкин аст, ки бунёдгароии исломӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун таҳдид ба тамаддуни ғарбӣ нишон дода шуда истодааст. Ӯ иброз медорад, ки «дини ислом рақиби асосии Ғарб ба шумор меравад, зеро вай низ ба монанди Ғарб кӯшиш намуда истодааст, ки дар ҷаҳон мавқеи худро мустаҳкам намояд» [20, саҳ. 15].

Муҳаққиқи дигар Д.Мартин дар мисоли дини ислом масъалаи мазкурро баҳогузорӣ намуда, «раванди сиёсикунонии динро ҳамчун сафарбарнамоии ҳуввияти динӣ барои анҷом додани мақсадҳои сиёсӣ» [17, саҳ. 103]. медонад. Чунин нуқтаи назарро Ҷ.Хейнс низ ҷонибдорӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ, «сиёсикунонии дин мурочиат ба дин намбуда, чи гунае, ки баъзеҳо чунин мешуморанд, балки истифодаи боварҳои динии одамон барои амалӣ намудани мақсадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ниҳоятан мақсадҳои сиёсии онҳо аст» [15, саҳ. 18].

Дар таҳқиқоти олимони рус низ чунин баррасии масъала хеле зиёд ба назар мерасад. Чунончи, С.Э. Бабкин иброз намудааст, ки «моҳияти исломи сиёсӣ чунин аст, ки дар он кӯшиши истифода намудани таълимоти исломӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ дида мешавад» [1, саҳ. 3-4].

Гузашта аз ин, хусусиятҳои дигари сиёсикунонии динро низ ба инобат гирифтан зарур аст. Зеро дар шароити муосир ҳар он чизе, ки дар раванди мубориза сиёсӣ мувофиқ ва мутобиқ аст ва талаботи объективии нерӯҳои сиёсиро қонеъ месозад, хусусияти сиёсӣ касб менамояд. Дар ин раванд дину мазҳабҳо низ истисно буда наметавонанд. Чизе ки бояд ба инобат гирифта шавад ин аст, ки оё дин чунин иқтидори сиёсиро соҳиб ҳаст ва ё не? Масалан, барои оне, ки дин ба саҳнаи сиёсат ворид гардад, ҳадал имкон он бояд қодир бошад, ки барои тағйир додани ниҳодҳои ҷамъиятӣ шарту шароит фароҳам оварад ва ё барои аз байн бурдани онҳо хизмат карда тавонад. Агар чунин иқтидорро доро бошад, динро бе ягон мушкили вориди равандҳои сиёсӣ месозанд [8, саҳ.12].

Сиёсикунонии дин раванде мебошад, ки дар он ғояҳои динӣ ва таълимоти динӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифода бурда мешаванд. Дар чунин маврид ғояҳои динӣ ва таълимоти динӣ, ки ҳамчун идеологияи динӣ баромад менамоянд, унсурҳои муҳими технологияҳои сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Гузашта аз ин, истифодаи таълимоти динӣ ё барои асоснок намудани фаъолияти сиёсӣ ё барои сафарбар намудани одамон барои иҷроиши амалҳои ғайридинӣ дониста мешавад. Аммо боз дар муқобили ин гуфтаҳо дидан мумкин аст, ки роҳу усулҳои сиёсӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои динӣ низ истифода бурда мешавад [10, саҳ. .21].

То солҳои наздик ташкилотҳои динӣ бинобар сабаби номуайянии таркиби сохтории онҳо ва номуайянии самти фаъолияти онҳо аз ҷониби ташкилотҳои сиёсӣ инкор мегардид ва мавкеи субъективии онҳо эътироф намешуд. Аммо ғайриинтизорӣ дар равандҳои сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсии замони муосир шумораи зиёди ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ворид шуданд, ки чунин дигаргуниҳои сиёсиро на танҳо дар сатҳи минтақавӣ, балки ҳатто дар сатҳи байналмилалӣ эътироф намудаанд [18, саҳ. 212]. Махсусан, дигаргуниҳое, ки дар муносибати Ғарб ва ҷаҳони ислом ба амал омадааст, бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки инкор намудани нақши дин дар сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ ғайриимкон аст. Ҳатто, ин ҳолатро сиёсатшиноси америкоӣ С.Хантингтон низ мушоҳида намуда буд. Ба андешаи ӯ, «дар замони муосир дин нерӯи асосие мебошад, ки рафтори одамонро тағйир медиҳад ва онҳоро ба самти муайян сафарбар менамояд…» [16, саҳ.27].

Яке аз падидаҳое, ки таъсири омилҳои диниро ба вуҷуд меоварад, дини сиёсӣ мебошад. Падидаи дини сиёсӣ хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу аст. Онро аз рӯи як қатор хусусиятҳо ва нишонаҳояш аз дигар падидаҳои динӣ фарқ намудан мумкин аст. Дар ин маврид бояд гуфт, ки алоқамандии дин ва сиёсат дар ҳар давру замон, аз ҷумла дар замони муосир низ ба мушоҳида мерасад. Аммо дини сиёсиро аз дигар падидаҳои динӣ фарқ бояд кард. Ба андешаи А.В. Митрофанова, дини сиёсӣ дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад:

– истифода гардидани дин барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ (дин ҳамчун манбаи сафарбар намудани одамон ва ё ҳамчун воситаи назарфиребӣ);

– таъсири дин ба ҳаёти сиёсии ҷомеа дар доираи қонунҳо ва қоидаҳои амалкунанда (вақте, ки дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсии динӣ ба таври қонунӣ амал менамоянд);

– диникунонии ниҳодҳои ҷамъиятӣ (вақте, ки одамонро маҷбур менамоянд, ки кору фаъолияти худро дар асоси меъёрҳои динӣ ба роҳ монанд) [6, саҳ. 56].

Вобаста ба чунин хусусиятҳои дини сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор додани андешаҳои олимони дигар ҷолиби диққат мебошад. Махсусан истифода гардидани дин барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ, яке аз хусусиятҳои муҳими дини сиёсӣ ба шумор меравад. Сиёсатшиноси немис Б.Тиби дини сиёсиро ҳамчун воситаи сафарбарнамоии одамон барои қонеъ сохтани мақсадҳои сиёсӣ медонад. Ба андешаи ӯ, замоне, ки дин барои асоснок намудани амалҳои сиёсӣ ва барои сафарбар намудани одамон ҷиҳати анҷомдиҳии амалҳои ғайридинӣ истифода мешавад, мо бо дини сиёсӣ рӯ ба рӯ мешавем [20, саҳ. 37].

Гузашта аз ин, муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки диндорию эътиқодмандии пайравони дини сиёсӣ чандон мустаҳкам нест ва онҳо эътиқоди воқеӣ надоранд. Масалан, муҳаққиқи рус Г.И. Мирский иброз медорад, ки барои ҷонибдорони идеологияи исломгароӣ – худи дин не, балки мубориза бо Ғарб аҳамияти зиёд дорад. Чунин мубориза бадбиние мебошад, ки хусусияти динӣ надорад, балки хусусиятҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ ва геополитикӣ дорад, ки дар ин раванд дини ислом ҳамчун

яроқи идеологии муборизаи геополитикӣ истифода бурда мешавад [5, саҳ.78-86]. Аммо ӯ дар бораи тафовутҳои бадбинии динӣ ва бадбинии фарҳангию тамаддунӣ чизе намегуяд, ки дарки масъаларо каме мушкил мегардонад.

С.Э. Бабкин низ дар атрофи моҳияти исломи сиёсӣ суҳбат намуда, иброз медорад, ки кӯшиши истифода гардидани ғояҳои исломӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ моҳияти ин падидаро ташкил медиҳад [1, саҳ. 27]. Дар ин маврид низ дин ҳамчун воситаи пинҳон намудани мақсадҳои асосӣ дониста мешавад, аммо худи моҳияти мақсадҳои сиёсӣ каме норавшан боқӣ мемонад.

Оё нерӯҳои сиёсию динӣ танҳо ба хотири ба даст овардани ҳокимият ба саҳнаи сиёсӣ ворид мешаванд? Оё онҳо идеология ва лоиҳаи ҷамъиятии худро пайгирӣ менамоянд ва ё мақсадҳои дигар, аз қабили тамаъҷӯӣ доранд? Вобаста ба ин масъала на танҳо дар миёни сиёсатшиносон, балки дар таълимоти муҳаққиқони алоҳида андешаҳои ихтилофомез ба мушоҳида мерасад, ки аз мураккабии ин масъала дарак медиҳад. Масалан, Б.Тиби дар яке аз мақолаҳояш қайд менамояд, ки «бунёдгароии исломӣ дини исломро ҳамчун яроқ барои амалӣ намудани манфиатҳои ғайридинӣ истифода менамояд ва аз дин суйиистифода мекунад», аммо баъди чанд сархати дигар иброз медорад, ки «бунёдгароӣ дар ҳамаи динҳо дида мешавад ва он як навъ ҷаҳонбиние мебошад, ки бо меъёрҳои илоҳӣ асос меёбад ва пайравони бунёдгароии динӣ кӯшиш менамоянд, ки ҷаҳонбинии динии худро бо истифода аз воситаҳои сиёсӣ дар амал татбиқ намоянд» [11, саҳ. 25].

Аз ин гуфтаҳо ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки онҳо бо ҳамдигар мухолифат доранд. Пас, аз ин гуна баррасиҳои илмию таҳқиқотӣ, ки хеле зиёданд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои пайравони дини сиёсӣ дин дар як вақт ҳамчун воситае мебошад, ки онро муғризона барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсии худ истифода менамоянд ва ҳамзамон худи дини сиёсӣ мақсаде мебошад, ки барои амалӣ намудани он ба роҳу усулҳои сиёсӣ такя менамоянд.

Ба андешаи мо, масъалаи дини сиёсӣ ва истифода бурдани дин барои мақсадҳои сиёсӣ бояд каме васеътар шарҳ дода шавад. Дар робита бо ин вазъият гуфтан мумкин аст, ки дар бораи сиёсикунонии дин замоне суҳбат кардан мумкин аст, ки агар роҳу воситаҳои сиёсӣ барои амалӣ гардидани мақсадҳои динӣ истифода шуда истода бошанд, на баръакс. Ҳатто дидан мумкин аст, ки як сиёсатмадори ғайридинӣ ба суйи ҳокимият на барои он майл мекунад, ки ҳоким будан мехоҳад, балки барои амалӣ намудани барномаи идеологии худ онро мехоҳад истифода бубарад. Албатта, дар ин маврид кӯшиши ба даст овардани ҳокимият барои сарватманд шудан ҳолатҳои истисноӣ мебошанд. Ин масъаларо олими немис М.Вебер хеле хуб ҳаллу фасл намудааст, ки он баҳси дигар аст. Аммо дар маҷмӯъ, ҳокимият барои мутаассибони динӣ воситае мебошад, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳояшон истифода бурда мешавад. Мақсадҳои онҳо бошад сарнагун намудани давлати дунявӣ ва ташкил кардани давлати динӣ аст.

Дар баробари ин, муайян намудани тафовути бундёгароии динӣ ва дини сиёсӣ барои баррасии омилҳои динӣ хеле муҳим мебошад. Як қатор муҳаққиқон дар мавриди бунёдгароии исломӣ суҳбат намуда, онро бо исломи сиёсӣ як мешуморанд. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки онҳо аз ҳамдигар тафовути зиёд доранд. Бояд гуфт, ки дини сиёсӣ, аз ҷумла исломи сиёсӣ ба ҳалли масъалаҳои замони муосир нигаронида шудааст, ҳол он ки бундёгароии динӣ ба масъалаҳои замони гузашта рабт дорад. Ба ибораи дигар бунёдгароии динӣ хусусияти анъанагароӣ ва консервативӣ дорад. Агар дини сиёсӣ дар назари оммаи мардум ҳамчун эҳёи анъанаҳои гузашта вонамуд гардад, олимону муҳаққиқон онро ҳамчун падидаи замони муосир ва дур аз

асли дину мазҳаб медонанд ва баъзан онро бо модернизми тундгаро алоқаманд менамоянд.

Муҳаққиқи амрикоӣ Ҷ.Эспозито, ки ба омӯзиши исломи сиёсӣ машғул аст, фаъолнокии исломиро ҳамчун чараёни зиддимодернистӣ ва ҳаракати эҳёи исломи ноб инкор менамояд [14, саҳ. 125]. Ба ҳамин монанд олими дигари амрикоӣ Д.Айкелман низ қайд намудааст, ки «фаъолнокии исломӣ, ба он нигоҳ накарда, ки пайравонаш барқарор намудани исломи асримиёнагиро тақозо доранд, сирф падидаи муосир мебошад» [13, саҳ. 28]. Аммо ба ҳамаи ин гуфтаҳо нигоҳ накарда, ҳам бунёдгароии исломӣ ва ҳам исломи сиёсиро таҳдид ба ҷомеаҳои мутамаддин номидан мумкин аст.

Вобаста ба ин гуфтаҳо андешаҳои А.Малашенко қобили қайд аст. Ба андешаи ӯ, «бунёдгароии динӣ, аз ҷумла бунёдгароии исломӣ ҷаҳонбиние мебошад, ки барои барқарор намудани арзишҳои шариат ва барои баргашт ба асри тиллоии ислом кӯшиш менамояд ва исломгароӣ ҳамчун исломи сиёсӣ фаъолияти сиёсие мебошад, ки барои ташкил намудани давлати исломӣ, яъне барои амалӣ намудани мақсади асосии идеологияи бунёдгароӣ нигаронида шудааст» [3, саҳ. 63]. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ин навъи бунёдгароиро бунёдгароии сиёсӣ номидан мумкин аст.

Дар муқоиса аз пайравони исломи сиёсӣ, пайравони бунёдгароии исломӣ кӯшиш менамоянд, ки арзишҳои замони гузаштаро барқарор намоянд. Бинобар ин, аз байн бурдани ниҳодҳои ҷамъиятии ҷомеаҳои муосир, дур намудани одамон аз дастовардҳои илму техника ва дар амал татбиқ намудани анъанаҳои исломӣ мақсадҳои барномавии онҳо мебошад. Барои оне, ки мақсадҳои худро амалӣ созанд, бунёдгароёни исломӣ маҷбур мешаванд аз воситаҳои замони муосир, аз қабили интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, дастовардҳои илмӣ, технологияҳои иттилоотӣ истифода намоянд. Дар аксар маврид воситаҳои мазкур ба ҷаҳонбинии онҳо таъсиргузорӣ менамояд, ки онҳо бештар ба исломи сиёсӣ ё ин ки идеологияи исломгароӣ рӯ меоваранд.

Муҳаққиқи амрикоӣ Ҷ.Эспозито пайдоиши исломгароӣ ва ташаккули тундгароӣ дар исломро ҳамчун аксуламали мусулмонон ба тағйиротҳои замони муосир маънидод намудааст. Равандҳои таърихиеро, ки дар зери таъсири тамаддуни Ғарбӣ ба амал омадаву сабаби чунин тамоюлот шудаанд, ба таври зерин муаррифӣ намудааст:

– инкор намудан ва даст кашидан аз ҳамкорӣ бо кишварҳои мутамаддин (давлатҳои дунявӣ, демократӣ, сармоядорӣ);

– ташаккули арзишҳои дунявӣ ва ғарбгароӣ (одатан ин равандҳо ба нухбагони ҳукмрон дахл доранд);

– тағйирёбии муносибатҳо (пешрафти сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии Ғарбро тундгароёни исломӣ ҳамчун таҳдид ба дини ислом қабул намуда, дар муқобили он мубориза мебаранд) [14, саҳ. 162].

Хатари зоҳиршавии дини сиёсӣ на дар он ифода меёбад, ки намояндагони ин гуна ҷараёнҳои динӣ таълимоти диниро нодуруст шарҳ медиҳанд, балки онҳо муносибатҳои диниро дар қолаби «дӯсту душман» ташаккул медиҳанд, ки дар натиҷа инсонбадбинӣ ва зӯроварии динӣ ба амал меояд [7, саҳ. 119].

Аммо замоне, ки дини сиёсӣ бо дарназардошти бунёдгароии динӣ шарҳ дода мешавад, хусусиятҳо ва шаклҳои зоҳиршавии бунёдгароии динӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Аввал ин, ки бунёдгароии динӣ дар ҳамаи динҳои олам дида мешаванд. Дуюм ин, ки он дар ҳар як дин дар ду шакл зоҳир мешавад: таҳаммулгаро ва иртиҷоӣ. Дар шакли таҳаммулгаро зоҳир гардидани бунёдгароии динӣ хусусияти муҳофизатӣ дорад, яъне нигоҳ доштан ва ҳифз намудани арзишҳои динӣ мақсади асосии он дониста мешавад. Барои амалӣ намудани ин мақсад ҳеҷ гоҳ намояндагони он зӯровариро истифода намекунанд. Аммо бунёдгароии диние, ки дар шакли иртиҷоӣ зоҳир

мегардад, барои ҳуҷум намудан ва нест кардани арзишҳои дигар нигаронида шудааст. Намояндагони ин навъи тундгароии динӣ дар раванди мубориза ҳама гуна воситаҳо, аз ҷумла зӯроварию тундгароӣ ва ҳатто терроризмро низ истифода менамоянд. Тундгароии динӣ, аз ҷумла тундгароии исломӣ, ки дар шакли идеологияи исломгароӣ баромад менамояду дар муқобили рақибони худ ҷиҳодро истифода мебарад, шакли дуюми бунёдгароии динӣ мебошад [5, саҳ. 78]. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки тундгароии исломӣ ҳамон бунёдгароии исломие мебошад, ки хусусияти иртиҷоӣ дорад ва барои несту нобуд намудани арзишҳои ғайриисломӣ кӯшиш менамояд. Мутаассифона, сиёсатшиноси немис Б.Тиби ба омӯзиши бунёдгароии исломӣ машғул гардида, ин хусусияти онро дарк накардааст.

Муҳаққиқони рус И.В. Матсиевич ва С.А.Семедов моҳияти дини сиёсиро таҳлилу баррасӣ намуда, нишонаҳои онро ба таври зерин муайян намудаанд: динҳои сиёсӣ ба хотири ҷолиби диққат гардидани таълимоти онҳо ба бунёдгароии динӣ рӯ оварда, худро ҳамчун идеологияи сиёсӣ мукаммал мегардонанд; динҳои сиёсӣ нафаронеро, ки таълимоти динию идеологии онҳоро эътироф намекунанд, душман эълон менамоянд ва тамоми оламро аз рӯйи ин нишондод ба худиҳо ва рақибон ҷудо менамоянд (ҳатто агар дар дохили пайравони дини мушаххас чунин гурӯҳҳо пайдо шуда бошанд ҳам, онхоро душман медонанд ва агар намояндагони динҳои дигар онҳоро эътироф намоянд, барояшон худӣ ба ҳисоб меравand); динҳои сиёсӣ дар интихоби арзишҳо озод ҳастанд ва чунин хусусияти онҳо имкон медиҳад, ки нишонаҳои дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ зоҳир шуданашон муайян карда шаванд [4, саҳ. 47]. Андешаҳои олимони мазкур вобаста ба нишонаҳои динҳои сиёсӣ хеле ҷолиб мебошанд. Махсусан, дар муносибат бо дини ислом ба инобат гирифтани нишонаи дуюми он имкон медиҳад, ки як қатор равандҳои сиёсии ҷаҳони ислом ва ҷомеаҳои мусулмонӣ ошкор карда шаванд. Дар шароити муосир ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар ҷаҳони ислом дар миёни ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ мухолифатҳои ҷиддӣ мавҷуданд ва ҳатто онҳо бо якдигар ба таври ошкоро меҷанганд. Ҳодисаҳои Ҷумҳурии арабии Сурия ва Ҷумҳурии Ироқ гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд. Аммо боз дидан мумкин аст, ки баъзе аз онҳо бо кишварҳое, ки идеологияи дунявӣ доранд, ҳамкорӣ менамоянд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар мисоли дини ислом ҷараёни «исломгароӣ»-ро ҳамчун исломи сиёсӣ муаррифӣ намудаанд. Дар бештари мавридҳо низ ҳар боре, ки дар атрофи дини сиёсӣ сухбат менамоянд, ҳатман исломи сиёсиро пеши назар меоранд. Дар аксар маврид исломгароиро ҳамчун исломи сиёсӣ сиёсатшиносони Ғарб Ҷ.Хейнс, П. Вандер Веер, Д.Пайпс ва чанде дигарон мавриди истифода қарор додаанд. Баъзе аз муҳаққиқони ғарбӣ исломи сиёсиро каме ҷиддитар баҳогузорӣ намудаанд. Аз ҷумла, Ф.Фукуяма бунёдгароии исломиро мазмунан ба фашизми аврупоӣ монанд медонад [12, саҳ. 600]. Д.Пайпс бошад барои ифодаи бунёдгароии исломӣ ва умуман исломи сиёсӣ истифодаи мафҳуми «исломгароӣ»-ро пешниҳод менамояд. Ба андешаи ӯ низ, исломгароӣ ба монанди дигар идеологияҳои ҷаҳонӣ ҷанбаҳои ғоявӣ дорад [19, саҳ. 90].

Сиёсатшиноси немис Б.Тиби мафҳуми «исломгароӣ»-ро пурра инкор менамояд. Ӯ ба ҷойи ин мафҳум ибораи «бунёдгароии исломӣ»-ро истифода намудааст. Ба андешаи ӯ, истифодаи мафҳуми «исломгароӣ» сиёсикунонии динро танҳо хоси ислом гардонида, хусусиятҳои ҷаҳонии ин падидаро норавшан менамояд [11, саҳ. 20].

Исломшиноси рус А.Игнатенко бошад қайд менамояд, ки «исломгароӣ – ин идеология ва фаъолияти амалие мебошад, ки барои роҳандозӣ намудани лоиҳаи исломӣ нигаронида шудааст ва тибқи он барои дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар

амал татбиқ намудани шариати исломӣ шарту шароитҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоваранд» [2, саҳ. 175].

Ҳамин тариқ, сиёсишавӣ ва сиёсикунонии дин дар илми муосирро таҳлилу баррасӣ намуда, вобаста ба хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушду инкишофи онҳо хулосаҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

– сиёсикунонии дин ҳамчун раванди субъективии дар амалияи сиёсӣ истифода гардидани идеологияи динӣ мебошад. Онро дар аксар маврид бо хусусиятҳои сиёсии дин ва ё дини сиёсӣ алоқаманд менамоянд. Истифода гардидани дин ва идеологияи динӣ аз ҷониби нерӯҳои сиёсӣ моҳияти сиёсикунонии динро ифода менамояд;

– «исломгароӣ» ҳамон исломи сиёсишуда ва сиёсишавандае мебошад, ки дар амалияи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ лоиҳаи худро дорад (ташкил намудани давлати исломӣ). Ҳатто дар дохили ҷараёни исломгароӣ шохаҳои гуногунеро дидан мумкин аст, ки аз рӯйи лоиҳаҳои худ аз ҳамдигар тафовут доранд. Масалан, инқилоби исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳеҷ гоҳ бо лоиҳаи ваҳҳобия ва ё салафия мувофиқат карда наметавонад, ҳарчанд ҷараёнҳои мазкурро исломгароӣ гуфтан мумкин аст.

**Адабиёт**


1. Бабкин, С.Э. Движения политического ислама в Северной Африке [Текст] / С.Э. Бабкин. – М.: ИВ РАН, 2000.;
2. Игнатенко, А.А. Ислам и политика [Текст] / А.А. Игнатенко. – М.: Институт религии и политики, 2004.;
3. Малашенко, А. Ислам и политика в государствах Центральной Азии [Текст] / А. Малашенко // Центральная Азия и Кавказ. –1999. –№4.;
4. Мациевич, И.В. Политические религии в современном мире [Текст] / И.В. Мациевич, С.А. Семедов // Вестник Института социологии. –2012. –№4.;
5. Мирский, Г.И. “Политический ислам” и западное общество [Текст] / Г.И. Мирский // Полис. Политические исследования. – 2002. – № 1.;
6. Митрофанова, А.В. Политическая религия и фундаментализм [Текст] / А.В. Митрофанова // Вестник РУДН. Серия: Международные отношения. –2004. –№ 1 (4).;
7. Митрофанова, А.В. Религиозный фактор в мировой политике и проблема «цивилизаций» [Текст] / А.В. Митрофанова // Век глобализации. –2008. –№1.;
8. Политизация религиозного фактора в контексте религиозной безопасности: северокавказская проекция. Коллективная монография [Текст] . –М.: Издательский дом Миракль, 2014.;
9. Семедов, С.А. Ислам в политике: идеология и практика [Текст] / С.А. Семедов. – М.: Экон-Информ, 2009.;
10. Станкевич, Г.В. Религиозный фактор современного политического процесса: автореф. дисс. … д-ра полит. наук [Текст] / Г.В. Станкевич. –Пятигорск, 2012.;
11. Тиби, Б. Политизация религии [Текст] / Б. Тиби // Internationale Politik. – 2000. – № 2.;
12. Фукуяма, Ф. Конец истории и последный человек. Пер. с англ. [Текст] / Ф. Фукуяма. –М.: Изд-во «АСТ», 2015.;
13. Eickelman, D.F. Trans-State Islam and Security // Transnational Religion And Fading States. –Boulder, 1997. ;
14. Esposito, J.L. The Islamic Threat: Myth or Reality? (Third Edition). –N.Y., 1999.;
15. Haynes, J. Religion in Global Politics / J. Haynes. – N.Y.: Longman, 1998.;
16. Huntington, S. The Clash of Civilisations. – N.Y.: Simon and Schuster, 1996.;

17. Martin, D. The Evangelical Upsurge and its Political implications // The Desecularization of the World. Resurgent Religion and World Politics. – Ed. P.L. Berger. Washington, 1999.;

18. Petito, F., Hatzopoulos P. Religion in International Relations: The Return from Exile. New York: Palgrave, 2003. – 286 p.; Fox, J., Sandler S. Bringing Religion into International Relations. Basingstoke: Palgrave Macmillan, 2004.;

19. Pipes, D. Islam and Islamism. Faith and Ideology // The National Interest. – 2000. – №59.;

20. Tibi, B. The Challenge of Fundamentalism. Political Islam and the New World Disorder / B. Tibi. – Berkeley, etc.: University of California Press, 1998.;

## ПРОЦЕСС ПОЛИТИЗАЦИИ РЕЛИГИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**ХУСАЙНЗОДА АМИНДЖОН БУРИХОН,**
кандидат политических наук старший преподаватель
Кулябского государственного университета им.А.Рудаки.
735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16.
Тел.: (+992) 987-93-20-88. E-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

*В статье рассматриваются причины политизации и политизировнии религии. политизировнии религии — объективный процесс, формирование светских ценностей или процесс отделения религии от политики требует снижения роли религии в политической и общественной жизни и устранения религиозных элементов государства.*

*Политизация религии — это процесс, в котором религиозные идеи и учения используются для достижения политических целей. В данном случае важными элементами политической технологии являются религиозные идеи и религиозные учения, выступающие в роли религиозной идеологии.*

*Использование религии, в частности, в политических целях является важной чертой политической религии. Ученые рассматривают политическую религию как средство мобилизации людей для достижения политических целей. По их мнению, когда религия используется для оправдания политических действий и для мобилизации людей на совершение светских поступков, мы сталкиваемся с политической религией.*

*Опасность возникновения политической религии заключается не в том, что представители таких религиозных течений извращают религиозные учения, а в формировании религиозных отношений в форме «свой-чужой», выливающихся в религиозную ненависть и насилие.*

***Ключевые слова**: религия, процесс, политизация, факторы, тенденции, ценности, группа, современность, проблема, интерес, персонаж, политическая религия, конфессия.*

## THE PROCESS OF POLITIZATION OF RELIGION UNDER MODERN CONDITIONS

**HUSAINZODA AMINJON BURIKHON,**
candidate of political sciences, senior lecturerof the
Kulob State University named after A.Rudaki.
735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16.
Phone: (+992) 987-93-20-88. E-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

*The article discusses the reasons for the politicization and politicization of religion. The politicization of religion is an objective process, while the politicization of religion is a subjective process. the formation of secular values or the process of separating religion from politics requires a reduction in the role of religion in political and public life and the elimination of the religious elements of the state.*

*The politicization of religion is the process in which religious ideas and teachings are used to achieve political goals. In this case, important elements of political technology are religious ideas and religious teachings, acting as a religious ideology.*

*The use of religion, in particular for political ends, is an important feature of political religion. Scholars view political religion as a means of mobilizing people to achieve political goals. According to them, when religion is used to justify political action and to mobilize people to commit secular acts, we are faced with political religion.*

*The danger of the emergence of a political religion lies not in the fact that representatives of such religious movements pervert religious teachings, but in the formation of religious relations in the form of "friend or foe", resulting in religious hatred and violence.*

***Key words***: *religion, process, politicization, factors, trends, values, group, modernity, problem, interest, character, political religion, confession.*

УДК: 329(575.3)734(1-925.3)

# РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГИИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

**МИРЗОЕВ САИДМУЗАФФАР МИРЗОМУРОДОВИЧ,**
ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 988-35-34-50. E-mail: saidmuzaffar-1991@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аксари мушкилоти минтақавии экологӣ дар ин минтақа тавъам ба истифодаи нодуруст ва ғайриоқилонаи захираҳои оби аҳамияти минтақавидошта ба ҳисоб меравад.*

*Муаллиф таъкид менамояд, ки дар Осиёи Миёна масоили экологӣ тавъам ба масоили ҳаётӣ буда, таъмини сулҳу субот, амният ва ваҳдат ба ҳалли мушкилоти экологӣ вобастагии ногусастанӣ доранд. Амнияти миллӣ бо амнияти минтақавии экологӣ мустақиман алоқаманд буда, он саъйю талоши якҷояи ҳамкориҳои тамоми давлатҳои минтақаро тақозо менамояд. Танҳо дар ҳолати баланд бардоштани фарҳанги экологии ҷомеа масъалаҳои марбути ҳифзи табиатро ҳал кардан мумкин аст. Аҳли ҷомеа бояд дарк намояд, ки ҳар як муносибати бешуурона нисбат ба табиат ва сарватҳои он ба сари худ ва дигарон хатар ба вуҷуд меорад.*

*Мушкилоти асосӣ истифодаи ғайриоқилонаи об ва истифодаи роҳу усулҳои кӯҳнашудаю серхароҷоти обёрӣ дар минтақа мебошад. Ин ҳолат боиси шуршавӣ ва эрозияи масоҳати калони заминҳои аҳамияти кишоварзидошта шудааст. Дар баробари ин, истифода аз роҳу усулҳои обёрии сермасраф боиси паст гардидани сатҳи ҳосилнокии заминҳо ва шусташавии қабати ҳосилдеҳи заминҳои корам мешавад. Аз ин рӯ, пешгирӣ намудани ин мушкилоти экологӣ ва андешидани тадбирҳои зарурӣ муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Сиёсати экологӣ, сиёсати обӣ, обшавии босуръати пиряххо, сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, оби тоза, Осиёи Миёна, мушкилоти экологӣ, асосҳои ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист.*

Ҷойгоҳи махсусро дар таҳлилу баррасӣ ва омӯзишу ҳалли масоили экологии вобаста ба об маърӯзаҳо ва баромадҳои сершумори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти амалии ӯ доир ба ҳамгироии давлатҳои минтақа дар роҳи беҳдошти ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва сарфакоронаи захираҳои табиӣ, махсусан захираҳои об ташкил менамояд.

Дар самти омӯзиши сабабу омилҳои пайдоиши масъалаҳои экологии доир ба об саҳми олимони тоҷик Муртазоев У.И., Саидов И.И., Рауфов Р. Носиров Н.К., Муҳаббатов Х.М., Солиев А.С., Одинаев Х.А., Ҳалимова Д.Д., Қувватзода С.З ва дигарон хеле назаррас мебошад.

Корҳои илмии олимони машҳури кишварҳои ИДМ, аз қабили И.П. Кружилин, К.В. Папянова, Р. Лакко, Г.Н. Морозова, И.Т., А.В. Смолянова, Г., Н.С. Кожакматова, В.А. Духовного, С.Р. Ибатуллин, А.Я. Капустин ва дигарон дохил мешаванд, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Бояд қайд кард, ки таҳлили мо оид ба масъалаи зикршуда ба омӯзиши маҷмуии минтақавии сиёсати экологии вобаста ба об равона гардидааст. Ҳанӯз ҳам мушкилиҳои ҳалношуда ва масъалаҳои баҳсноки марбут ба масоили об дар минтақа мавҷуданд, ки имрӯз таҳқиқоти бештар ва фарогири сатҳи минтақавиро талаб мекунанд. Дар доираи як кори илмӣ таҳлили ҳамаҷонибаи маҷмӯи масъалаҳои марбут ба қонуниятҳои

ташаккули сиёсати экологӣ ва мушкилоти ин самт имконнопазир аст. То дараҷае кӯшиши ифшо ва бартараф намудани масъалаи мазкурро мавриди таҳилил қарор додаем.

Аксари мушкилоти минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна тавъам ба истифодаи нодуруст ва ғайриоқилонаи захираҳои оби аҳамияти минтақавидошта ба ҳисоб меравад. Давлатҳои Осиёи Миёна аз захираҳои оби ду дарёи бузург – Амударё, Сирдарё ва ҳамчунин як силсила рӯдҳои хурди сарҳадгузар истифода мебаранд.

Бо назардошти он ки дар ин минтақа ҳавзаи ягонаи обӣ ҷой дорад, дар рафти истифодаи он ҳар як давлати минтақа манфиатҳои обии худро боло гузошта, манфиатҳои умумиминтақавӣ ва манфиати табиатро сарфи назар мекунанд, ки оқибат боиси сар задани мушкилоти мураккаби экологӣ гардидааст.

Дар чунин раванд масоили дастёбӣ ба амнияти минтақавии обӣ ва пешгирӣ кардани мушкилоти экологии марбут ба истифодаи об барои давлатҳои Осиёи Миёна аз шароити табииву иқлимӣ, сиёсӣ, иродаи сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ ва ғайра вобаста аст.

Дар ин минтақа ҳалли масъалаҳои вобаста ба обу экология аз омилҳои зерин вобастаанд:

1. Тақсимоти нобаробари захираҳои об дар ҳудуди минтақа;
2. Дурнамои эҳтимолии кам шудани захираҳои об дарояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бар асари таъсири раванди тағйирёбии иқлим;
3. Афзоиши истеъмоли об бинобар зиёд шудани шумораи аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ;
4. Бештар такрор ёфтани офатҳои табиии марбут бо об ва идомаи раванди нобудшавии баҳри Арал;
5. Ҳамкории ғайрикофии кишварҳои минтақа ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами обию энергетикӣ.

Тибқи маълумоти мавҷуда, зиёда аз 80 фоизи захираҳои обии Осиёи Миёна дар қаламрави Тоҷикистон ва Қирғизистон ташаккул меёбанд, аммо истеъмоли бештари об бошад ба кишварҳои дигари минтақа Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон рост меояд, ки 85 фоизи захираҳои оби дар минтақа ташаккулёбандаро истифода мебаранд. Тоҷикистон ва Қирғизистон новобаста ба оне ки сарчашмаи тавлиди захираҳои об маҳсуб меёбанд, ҳамагӣ 15 фоизи ин захираҳои обро истифода мебаранд.

Бо вуҷуди он ки 79% - и сайёраи Заминро об ташкил медиҳад, масъалаи таъминот бо оби нӯшокӣ то ба имрӯз яке аз муаммоҳои инсоният ба ҳисоб меравад. Ҳамасола 25 миллион нафар аз бемориҳои марбут ба норасоии об дар бадан, истеъмоли обҳои ногувор ва дурушт вафот мекунанд. Дар кураи Замин ҳамасола зиёда аз 5000 пирях, ки сарчашмаи оби пок ба ҳисоб меравынд, нест мешаванд. Садҳо кӯлу дарёҳо бо бастагии омилҳои гуногун маҷрову сатҳи обии худро бохт менамоянд[13, с.32].

Вазъият таҳти таъсири равандҳои тағйирёбии иқлим боз ҳам мураккабтар шуда истодааст, захираҳои обии пиряххо дар минтақа аллакай ба таври назаррас кам гардидаанд. Кофӣ аст ба он ишора намоем, ки тайи 30 соли охир аз 14 ҳазор пиряххои Тоҷикистон ҳазортояш нобуд шудааст. Дурнамои эҳтимолии дарояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат кам шудани оби дарёҳо низ ба масъала шиддати бештар мебахшад[12, с.2]. Камшавии захираҳои об ва ҳаҷми об дар дарёҳои фаромарзӣ метавонад ҳолати экологии минтақаро боз ҳам мураккаб гардонад.

Зиёдшавии аҳолӣ боиси афзоиши истифода ва истеъмоли об аз ҷониби сокинон ва иқтисоди кишварҳои минтақа гардидааст. Табиист, ки дар чунин ҳолат зарурати зиёд кардани майдони кишт ва обёрии заминҳои нави корам ба миён меояд. Ин ҳолат талаботро ба захираҳои об боз ҳам зиёд менамояд. Тибқи маълумоти мавҷуда, масоҳати заминҳои обёришаванда дар Осиёи Миёна, ки дар оғози асри XX - ум баробар ба 2,5 –

3 миллион гектар буд, дар сад соли охир ба 8,5 миллион гектар расид. Шумораи аҳолии минтақа дар соли 1956 бештар аз 20 миллион нафар буд, имрӯз қариб ба 65 миллион нафар расидааст[11, с.2].

Истеъмоли об, асосан дар минтақа ба соҳаи кишоварзӣ рост омада, барои истеҳсоли пахта нигаронида шудааст. Дар давлатҳои поёноб, махсусан Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 85 обанборҳои ҳаҷмашон бузург барои захираи оби кишоварзӣ сохта шудааст, ки боиси аз меъёр кам гардидани ҳаҷми маҷрои дарёҳои фаромарзӣ ва пайдоиши мушкилиҳои зиёди экологӣ гардидааст. Дар ин раванд бисёре аз системаҳои экологӣ ва ландшафтҳои табиӣ, ҳамзамон мавҷудоти зериобӣ несту нобуд гардида, инчунин сабаби хушкшавии баҳри Арал гардидааст.

Мушкилоти дигар дар истифодаи ғайриоқилонаи об ва истифодаи роҳу усулҳои куҳнашудаю серхароҷоти обёрӣ дар минтақа мебошад. Ин ҳолат боиси шуравӣ ва эрозияи масоҳати калони заминҳои аҳамияти кишоварзидошта шудааст. Дар баробари ин, истифода аз роҳу усулҳои обёрии сермасраф боиси паст гардидани сатҳи ҳосилнокии заминҳо ва шӯсташавии қабати ҳосилдеҳи заминҳои корам мешавад. Яъне, танҳо як масъалаи обёрии нодурусти кишоварзӣ дар минтақа сабабгори пайдоиши мушкилоти зерини экологии вобаста ба об гардидааст:

6. Аз меъёри муқаррарӣ зиёд истифода гардидани оби дарёҳои фаромарзӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида;
7. Риоя нагардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти обистифодабарӣ дар дарёҳои аҳамияти минтақавидошта ва фаромарзӣ;
8. Пайдоиши нофаҳмоиҳо ва гуногунандешиҳо дар соҳаи истифодаи оби дарёҳои фаромарзӣ ва сар задани низоъҳои вобаста ба об;
9. Нестшавии экосистемаҳо, ландшафтҳои табиӣ ва мавҷудоти зериобӣ дар минтақа;
10. Мушкилоти баҳри Арал;
11. Шуравӣ ва эрозияи заминҳои аҳамияти кишоварзидошта;
12. Шусташавии қабати ҳосилдеҳи хок ва аз гардиши кишоварзӣ баромадани масоҳати зиёди заминҳои кишт.

Ин ҳолат аз кишварҳои минтақа тақозо менамояд, ки ҷиҳати рафъи саривақтии мушкилоти зикргардида чораҳои таъхирнопазир андешида, системаи ирригатсионии худро модернизатсия намуда, аз технологияи муосири каммасрафи обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифода намоянд ва гузариш аз сохти анъанавӣ ва сермасрафи об ба сохти муосир, махсусан обёрии қатрагиро таъмин созанд.

Обшавии босуръати пиряхҳо бар асари тағйири иқлим ба раванди таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои об таҳдиди ҷиддӣ дорад. Аз 14 ҳазор пиряххои Тоҷикистон, ки барои тамоми минтақа аҳаммияти ҳаётӣ доранд, дар давоми 30 соли охир беш аз 1000 пирях ба нобудӣ расидааст[12, с.2].

Пиряхҳо дар баробари сарчашмаи тавлиди захираҳои об будан, инчунин воситаи асосии ҳифз ва нигоҳдошти захираҳои об мебошанд. Дар сурати обшавии бошиддати он дар мавсимҳои муайян зиёдшавии аз меъёр зиёди оби дарёҳо ва сар задани офатҳои табиӣ ба монанди обхезӣ, сел, тармафароӣ ва инчунин дар мавсимҳои дигар боиси хушксолию норасоии об мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонро водор сохт, ки ба масъалаи об на чун унсури табиат муносибат намоянд, балки онро ҳамчун манбаи ҳаёт, манбаи асосии некуаҳволӣ ва амнияти минтақавӣ, муҳаррики ҳамкориҳо дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон, инчунин омили асосии рушди устувор эътироф намоянд[1, с.5-6].

Кишварҳои минтақа захираҳои обро чун унсури асосии рушди устувор эътироф намуда, тағйири даври гидрологиро бо эҳсоси нигаронӣ арзёбӣ менамоянд, зеро он ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонида, эҳтимоли обхезиҳо ва хушксолиҳои шадидро афзун мегардонад.

Радабандии кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи партовҳои қиёсии гази карбонат дар ҷаҳон ҷойи 135-умро ишғол менамояд. Партовҳои газ дар Тоҷикистон дар як сол беш аз як тоннаро ташкил дода, ҳиссаи партовҳои дахлдори кишвар дар миқёси минтақаи Осиёи Миёна ҳамагӣ тақрибан ба 3 фоиз баробар аст. Истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи нерӯ, асосан гидроэнергетика ба он мусоидат мекунад, ки рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳамзамон бо нишондиҳандаҳои пасттарини партовҳои зарарнок ба ҳаво суръат мегирад. Новобаста аз он ки ҳиссаи Тоҷикистон дар сатҳи минтақаи Осиёи Миёна ва ҷаҳон аз рӯйи партовҳои гази карбонат ночиз мебошад, аммо зарари ба муҳити зисти Тоҷикистон, махсусан, ба захираҳои оби он аз кишварҳои минтақа расида, хеле бузург аст. Нисбат ба дигар кишварҳои минтақа Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳити табиию экологии он дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад. Чунки раванди тағйирёбии иқлим таъсири аввалини худро ба сарчашмаҳои тавлиди об ва дарёҳо – пиряххои калон мерасонад. Аммо зарари тағйирёбии иқлим ба захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои зарар танҳо ба кишвари моро надорад. Ин ҳолат зарар ба тамоми минтақаи Осиёи Миёна мебошад. Чунки манъабаҳои оби Тоҷикистонро, аслан, кишварҳои дигари минтақа истифода мекунанд.

Бояд қайд кард, ки аз сабаби истифодаи ғайриоқилонаи оби кишоварзӣ дар кишварҳои минтақа, майдонҳои зиёди заминҳои кишт ба шӯразамин ва ботлоқ табдил ёфта, ҳолати вазнину мураккаби экологиро ба миён оварда, заминҳои ҳосилхез аз гардиши кишоварзӣ баромадаанд. Масъалаи истифодаи об аз кишварҳои Осиёи Миёна ҳалли фаврии ҳамоҳангшудаи байнидавлатиро талаб мекунад. Захираҳои об ва замин таназзул ёфта, бо партовҳои маишӣ, кимиёвӣ, саноатӣ, инчунин пестисидҳо, ки барои ҳифзи растаниҳо аз ҳашароти зараррасон дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд, заҳролуд гардидааст, ки ба саломатии аҳолии кишварҳои митақа зарари зиёд мерасонанд.

Дар Қирғизистон мушкилии шӯршавии заминҳои корам он қадар ҷиддӣ нест. Мутобиқи баъзе сарчашмаҳо, заминҳои дорои сифати қаноатбахши мелиоративӣ 0,97 миллион гектар (91,5 фоизи масоҳати умумии обёришаванда) ва ғайриқаноатбахш (шуравӣ, ботлоқшавӣ ва шуравӣ) - 0,09 миллион гектар (8,5 фоиз) – ро ташкил менамояд. Қисмати асосии онҳо дар қаламрави минтақаҳои Чуй (26%), Нарин (15%), Талас (11%) ҷойгиранд.

Дар Тоҷикистон заминҳои шӯр нисбатан каманд, аз масоҳати умумии заминҳои обёришаванда - 0,7 миллион гектар 68% -и он дар ҳолати қаноатбахш қарор доранд. Аммо таъсири эрозияи обӣ ва бодӣ ба сатҳи ҳосилнокии хок бештар ба мушоҳида мерасад.

Дар Ӯзбекистон ба ҳисоби миёна тақрибан 50%-и тамоми заминҳои обёришаванда, ба гуруҳи заминҳои шӯр дохил шуда, масоҳати онҳо дар баъзе минтақаҳо тамоюли афзоиш доранд. Заминҳои шӯр бештар дар минтақаҳои Бухоро, Новой ва Сирдарё ҷойгир мебошанд. Қариб 5% майдони заминҳои обёришаванда дар ин кишвар, ки баробар ба 200 ҳазор гектар мебошад, дар ҳолати шуршавии баланд қарор доранд.

То имрӯз роҳу воситаҳои гуногун ҷиҳати пешгириии раванди шуршавии заминҳо, махсусан, заминҳои аҳамияти кишоварзидошта аз ҷониби олимону муҳаққиқон пешниҳод гардидааст, ки муҳимтаринашон чунин аст:

- истифодаи усулҳои агротехникӣ ва агромелиоративии шуршавии заминҳои обёришаванда бо обёрӣ ва банақшагирии тирамоҳу зимистон;
- такмили усулҳои мавҷуда;
- истифодаи дурусти зироатҳои киштшаванда;
- истифодаи нақшаҳои муассири киштгардон;
- истифодаи усулҳои азхудкунии заминҳои шӯр ва усулҳои пешқадами каммасрафи обёрӣ;
- истифодаи самаранок ва оқилонаи заминҳои ҳосилхез;
- таъмини сатҳи коллекторӣ ва заҳбурӣ дар сатҳи муқаррарӣ;
- саҳм гузоштан ба азхудкунии 25-30% -и ҳаҷми умумии об ва ғайра;
- азнавсозии системаҳои обёрӣ ва танзими таъминоти об барои обёрӣ ва идоракунии минбаъдаи корҳои агротехникӣ, гидротехникӣ, мелиоративӣ ва зидди эрозия.

Бояд қайд кард, ки Осиёи Миёна, асосан, минтақаи аграрӣ ба ҳисоб рафта, сатҳу сифати зиндагии мардум ба сифати обу замин вобастагии зич дорад. Ҳолати баррасигардида маълум сохт, ки даҳсолаҳо боз инҷониб мушкилоти экологии обу замин дар минтақа афзоиши бошиддат доранд. Дар минтақа аллакай шумораи муайяни муҳоҷирони экологӣ зиндагӣ мекунанд, ки далели дарёфт нагардидани роҳу воситаҳо ва усулҳои муосиру натиҷабахши ҳалли масоили экологӣ дар минтақа мебошад.

Аз таҳлилҳои анҷомдода маълум гардид, ки дар Осиёи Миёна якчанд мушкилоти мураккаби минтақавии экологии вобаста ба об ҷой доранд, ки дар сурати дарёфт нагардидани роҳу воситаҳои ҳаллу бартарафсозии онҳо метавонанд ба сатҳу сифати зиндагии сокинони минтақа таъсири зиёди манфӣ расонида, мушкилоти азими иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро ба вуҷуд биёранд. Ин мушкилиҳо хеле мураккабанд ва андешидани маҷмӯи тадбирҳои байнисоҳавӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро тақозо менамоянд.

Давлатҳои минтақаро зарур аст, ки ба хотири таъмини амнияти экологӣ, ки қисми таркибии амнияти миллӣ ва минтакавиро ташкил менамояд чораҳои қатъӣ андешида барномаю стратегияҳои давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сиёсати экологӣ бозбинӣ намуда, ҷиҳати навсозӣ ва ба талаботи вақт мутобиқ таҳия ва амалӣ намудани онҳо аз тамоми роҳу воситаҳои имконпазири сиёсию иқтисодӣ, молиявию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ кор гиранд.

Ба ақидаи мо, андешидани тадбирҳои зерин метавонад то андозае масоили экологии вобаста ба обро дар минтақа ҳаллу фасл намуда, боиси беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар минтақа гардад:

1. Ташаккул додани институти ҳифзи пиряххо аз сатҳи миллӣ ба сатҳи минтақавӣ;
2. Модернизатсияи пурраи тамоми инфрасохтори обрасонии соҳаи кишоварзӣ;
3. Татбиқи роҳу усулҳои муосиру натиҷабахши обёрии соҳаи кишоварзӣ;
4. Истифода аз обёрии қатрагӣ ва ба пуррагӣ даст кашидан аз роҳу усулҳои обёрии куҳнашуда ва сермасраф;
5. Таъмини рушди соҳаи гидроэнергетика ва ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманди байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар самти бунёди неругоҳҳои барқи обӣ, ки дар навбати худ, дар баробари таъмини танзими боэътимоди бисёрсола ва мавсимии ҷараёни об, ба пешгирии обхезиҳо ва сабуксозии оқибатҳои хушксолӣ мусоидат мекунанд;
6. Танзими ҳаҷми оби дарёҳои фаромарзӣ;

7. Бунёди инфрасохтори нав дар соҳаи обу неруи барқ бо истифодаи технологияҳои нав;
8. Истифодаи оқилонаи иқтидори обию гидроэнергетикии минтақа, ки танзими лозимии мавсимӣ ва дарозмуҳлати захираҳои об таъмин карда шавад. Ин амр заминаи мусоиди расидан ба амнияти вобаста ба обро фароҳам оварда, имконияти коркарди неруи барқи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза, ҳамчунин паст кардани хатари обхезиҳо, таъсири хушксолиҳо, маҳдуд кардани партовҳои газҳои карбон ба ҳаво ва солим гардонидани иқлими минтақаро медиҳад[12, с.3].
9. Истифодаи оқилона ва сарфакоронаи оби дарёҳои фаромарзӣ;
10. Ҳифзи «ҳаққи табиат» ҳангоми истифодаи оби дарёҳои фаромарзӣ;
11. Эътирофи арзиши иқтисодии об;
12. Ҳамкории байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар самти пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиии марбут ба об;
13. Таҳия ва татбиқи стратегияи ягонаи минтақавии экологӣ.

**Адабиёт**


1. Баҳромзода М. З. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об. – Душанбе. – Сино, 2018. – 112 с.
2. Духовного В.А., Соколова В.И. Интегрированное управление водными ресурсами: От теории к реальной практике. Опыт Центральной Азии. - Ташкент: НИЦ МКВК, 2008. – 364 с.
3. Капустин А.Я. Право на водные энергетические ресурсы в современном международном праве // Международная конференция по стихийным бедствиям, связанным с водой (27-28 июня 2008 г.): сборник тезисов. – Душанбе, 2008. – 141 с.
4. Кожакматова Н.С. Водные ресурсы как фактор влияния на взаимоотношения Центрально-Азиатских государств. – Москва, 2009. – 192 с.
5. Кувватов С.З. Водные ресурсы как геопалитический фактор в системе современных международных отношений // – Душанбе, 2018.
6. Муҳаббатов Х.М. Об манбаи ҳаёт. - Душанбе: Ирфон, 2013.
7. Мухаббатов Х.М. Вода и связанные с нею стихийных бедствия в Таджикистане. В книге «Изменение климата и таяние ледников и ее влияние на водные ресурсы Центральной Азии» - Худжанд, 2018.
8. Носиров Н.К. Поэтапный переход на водосбережение в странах Центральной Азии // Сб. докл. семинара «Современное состояние водных ресурсов Таджикистана». - Душанбе, 2003. – С. 104-106.
9. Одинаев Х.А. Эколого – экономические аспекты регулирования использования трансграничных водных ресурсов в Центральной Азии // Общество и экономика. - 2003. - №9. – С. 184-191.
**10.** Салоҳитдинов А., Ишонқулов Р. Проблемаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва экология - Тошкент, 2002.
11. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005 – 2015. - Душанбе, 09.06.2015. [Манбаи электронӣ]. – URL: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 24.07.2020).
12. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми дуюми об барои кишварҳои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором дар мавзӯи «Амнияти вобаста ба об ва таҳдидҳои офатҳои табиии марбут ба об». – Таиланд 19.05.2013. [Манбаи электронӣ]. – URL: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 24.07.2020).
13. Тоҷикистон кишвари пешсаф дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ вобаста ба об // Маҷмӯи мақолаҳои илмии кормандони соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” (с. 2018 - 2028), -Душанбе, Контраст, -2018. – 344 с.

# ПУТИ РЕШЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ВОДЫ В СРЕДНИЕ АЗИИ

**МИРЗОЕВ САИДМУЗАФФАР МИРЗОМУРОДОВИЧ,**
ассистент кафедры политологии Таджикского
государсвенного педагогического университета им. С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: +992 988 35 34 50. E-mail: saidmuzaffar-1991@mail.ru

*В этой статье обсуждаются экологические проблемы воды в Средней Азии. Большинство региональных экологических проблем в регионе связано с неправильным и нерациональным использованием водных ресурсов регионального значения.*

*Автор подчеркивает, что в Средней Азии экологические проблемы переплетаются с жизненно важными вопросами, а мир, стабильность, безопасность и единство неразрывно связаны с решением экологических проблем. Национальная безопасность напрямую связана с региональной экологической безопасностью и требует совместных усилий всех стран региона. Только в случае повышения экологической культуры общества могут быть решены вопросы, связанные с охраной природы. Общество должно понимать, что любое неосознанное отношение к природе и ее ресурсам ставит под угрозу его самого и других.*

*Основные проблемы - нерациональное использование воды и использование устаревших и дорогостоящих методов полива в регионе. Эта ситуация привела к засолению и эрозии больших площадей сельскохозяйственных земель. В то же время использование экономичных методов полива приводит к снижению плодородия почв и вымыванию плодородных почв. Поэтому важно предотвратить эти экологические проблемы и принять необходимые меры.*

***Ключевые слова:*** *Экологическая политика, гидрополитика, быстрое таяние ледников, социально-экономическая политика, чистая вода, Средней Азия, экологические проблемы, правовая база охраны окружающей среды.*

# WAYS TO SOLVE ECOLOGICAL PROBLEMS IN WATER IN CENTRAL ASIA

**MIRZOEV SAIDMUZAFFAR MIRZOMURODOVCH,**
political sciences chair of Tajik State Pedagogikal
University named affer Sadriddin Ayni.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki ave.
Phone: +992 98 835 34 50. E-mail: saidmuzaffar-1991@mail.ru

*This article discusses the environmental challenges of water in Central Asia. Most of the regional environmental problems in the region are related to the misuse and irrational use of water resources of regional importance.*

*The author emphasizes that in Central Asia, environmental issues are intertwined with vital issues suchas peace, stability, security and unity are inextricably linked with the solution of environmental problems. National security is directly linked to regional environmental security and requires the joint efforts of all countries in the region. Only in the case of raising the ecological culture of the society, the issues related to nature protection can be solved. The socrety must realize that any unconscious attitude towards nature and its resources endangers itself and others.*

*The main problems are the irrational use of water and the use of outdated and costly irrigation methods in the region. This has led to salinization and erosion of large areas of agricultural land. At the same time, the use of cost-effective irrigation methods leads to a decrease in soil fertility and leaching of fertile soils. Therefore, it is important to prevent these environmental problems and take the necessary measures.*

***Key words:*** *Environmental policy, hydropolitics, rapid melting of glaciers, socio-economic policy, air pollution, clean water, Central Asia, environmental issues, legal framework of the environmental protection.*

УДК:321

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ НУФУЗИ КИШВАР ВА ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ-СИЁСӢ

**ДАБИРҶОНИ МАҲМАД,**
ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 900-22-22-70. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*Бо дарназардошти ҷараёнҳои бо суръат инкишофёбандаи ҷаҳонишавӣ, марзҳои давлатӣ ба хавфу хатар ва таҳдидҳои ғайримаъмулӣ аз қабили терроризм ифротгароии динӣ-сиёсӣ дигар монеъ шуда наметавонад. Ифротгароии динӣ-сиёсӣ пайваста, ки доман паҳн карда истодаанд, боиси афзоиши нигарониҳои амиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он ҷумла Тоҷикистон гардидааст. Омӯзиши ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва оқибатҳои он аҳамияти барҷастаи илмию назариявӣ, маърифатӣ ва махсусан амалӣ дорад. Зеро дар олами муосир қариб кишваре ё минтақаеро дарёфт кардан ғайриимкон аст, ки аз амалҳои ифротгароӣ ва оқибатҳои нохуши он дар канор монда бошад. Ҷаҳони муосир бо бархӯрдҳои фикрӣ ва ақидавӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Набояд фаромӯш кард, ки омилҳои аслии сар задани ин зиддиятҳо ба ифротгароии динӣ вобастагӣ дорад, ки аксаран ин ҳолат бар асоси ба таври дуруст дарк накардани моҳияти асосии таълимоти дини мубини ислом ва маърифати мукаммали он зоҳир мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, ифротгароии динӣ-сиёсӣ, терроризм, хатар, таҳдид, манфиатҷӯ, глобализатсия, бекорӣ, мубориза, сиёсат, раванди сиёсӣ, идеология.*

Давлатдорию давлатсозӣ ҳадафу мақсади ҳар як шахси ватандору ватандӯсти асил буда шарафи бузург ва ифтихорӣ ҳамешагӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити кунуни соҳибистиқлолии мо намунаи олии чунин ватандорӣ ва чунин шахсият Эмомалӣ Раҳмон ва Мактаби давлатдории ӯ мебошад. Эмомалӣ Раҳмон шахсият ва Пешвои хастанопазир дар роҳи ватандорӣ ва давлатсозӣ мебошад. Аз ҷумла, Заминагузори ба тамоми аркони давлатдорӣ, муқадасоти миллӣ эҳёи забони тоҷик, фарҳангу таърих, арзишҳоли тамадунии миллат, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои мазҳабиё динӣ аз иқдомҳои наҷиби Сарвари давлатамон ба ҳисоб меравад.

Ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими давлатдории миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ тарбия намудани ҷавонон ва наврасон, муаян намудани дурнамои ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, тарғибу ташвиқи дастовардҳои мамлакат ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳаллӣ мушкилоти ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии Тоҷикисистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбанд[12, С.377-386].

Вазъияти кунунӣ густариши босуръати равандҳои ҷаҳонишавии дар дунё баамалоянда, боиси сар задани як қатор хатарҳои ҷиддӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз қабили бӯҳрони экологӣ, шиддат гирифтани низоъҳои этникӣ, проблемаҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ мегардад. Яке аз падидаҳои нохуш ва хатарнок дар шароити имрӯза масъалаи ифротгароӣ буда, давраи инкишоф ва таҳрик ёфтани он бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ тавъам аст. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ болоравии шуури динӣ оғоз гардида, тадриҷан сиёсишавӣ ва таъсис ёфтани бархе аз ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва гурӯҳҳои тундгарои динӣ-сиёсӣ, ба монанди “Ихвон-ул-муслимин”, “Ҷамоати Ансоруллоҳ”, “Ҳизби Таҳрир”, “Салафия”, ки ҳар кадоми онҳо нақшаҳо ва ғаразҳои барои арзишҳои миллию давлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ

комилан бегона ва мухолифро думболагирӣ мекарданд, сабабгор шуданд. Зери таъсири сиёсати “бозсозӣ” ва демократикунонӣ дар ҷомеа бозандешии арзишҳои миллӣ ва эътиқодӣ дар байни пайравони ҳамаи динҳои амалкунандаи ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ ривоҷи бесобиқа пайдо кард. Дар натиҷа ин зуҳурот боиси ифротгароии динӣ дар байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун гардида, дар айни замон барои ҳар як кишвари миллӣ дар роҳи таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз тариқи ташаккули худшиносии миллӣ мушкилот эҷод менамояд.

Хатар ва даҳшатафкании ин равияҳо дар он аст, ки онҳо натанҳо пояи сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо ва низомҳои сиёсии побарҷоро аз байн мебаранд, балки тухми кинаю адоватро дар вуҷуди инсоният дар заминаи мансубияти миллӣ ва динию мазҳабии онҳо кошта, хотираи таърихии миллатҳоро тираю тор ва пур аз нафрату кина нисбати якдигар мекунанд. Ин аст, ки даҳшатафкании ин равияҳо агар дар давраҳои пешин ба муқобили шахсиятҳои алоҳида нигаронида шуда бошад, пас айни ҳол ин раванд таҳдид ба ҳастии инсоният ва сулҳу суботи кишварҳо дорад[6, С.32-33].

Таърифи аниқу муайян додани мафҳумҳои мазкур, бахусус ифротгароӣ на факат барои таҳияи меъёрҳои бо ҳам монанди ҳуқуқӣ, балки бо мақсади вусъат додани корҳои маърифатӣ ва тарғиботӣ дар миёни аҳолӣ зарур аст. Зеро дар айни замон, дар кишварамон, на ҳамаи шаҳрвандон дар хусуси ин зуҳуроти нангини ҷомеа тасаввуроти равшан доранд. Дар адабиёти фалсафӣ ва сиёсӣ таърифи умумии эътирофшудаи ифротгароӣ вуҷуд надорад. Чунонки дар тадқиқотҳои илмӣ зикр гардидааст, дар зери ниқоби ифротгароӣ аксаран зуҳуроти мухталиф: аз шаклҳои гуногуни муборизаҳои синфӣ ва озодихоҳона, ки истифодаи зӯроварии сиёсиро роҳандозӣ мекунанд, то ҷинояткориҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятпеша содиршаванда бо ҳам омезиш меёбад. [4, С.13].

Дар асари илмии Пешвои миллат таҳти унвони «Имоми аъзам: рӯзгор, осор ва афкор» таърихи пайдоиши аввалин равияву ҷараёнҳои ифротӣ дар ислом хеле муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Масалан, бо такя ба маводи фаровони таърихӣ қайд мегардад, ки **хориҷиҳо** (аз калимаи *арабии.* خوارج *[хаворич](тарккардагон))* дар таърихи ислом аввалин равияи динию ифротгарое мебошад, ки аз миёни мусулмонҳои тарафдори Алӣ ҷудо шуда, ба амалҳои ифротӣ даст задаанд. Ин фирқаи ифротгаро баъди ҷанги Сиффин (соли 657) байни Али ибни Абутолиб ва Муовия ибни Абусуфён ҳамчун нишон эътироз аз сиёсати мусолеҳакоронаи Алӣ ибни Абутолиб ҷудо мешаванд. Аввалин хориҷиҳо 12 ҳазор нафар буда, таҳти раҳбарии пешвоёнашон Шабис ибни Рабеъ ва Абдуллоҳ ибни Ваҳб дар шаҳри Басра маскун мешаванд ва аз онҷо ба дигар маҳалҳои аҳолинишин амалҳои ифротгароёнаву террористӣ анҷом медиҳанд. Аз дасти хориҷиҳо бисёр аҳолии бегуноҳ ба ҳолакат мерасанд. Ҳамон гуна, ки дар асари зикршудаи Пешвои миллат оварда шудааст, оқибат худи Алӣ ҳам аз дасти як фиристодаи хориҷиҳо дар вақти адои намози бомдод ба қатл расонида мешавад [17, С.22].

Дар раванди таҳлил ва таҳқиқи масъалаи мазкур мушоҳида мегардад, ки худи вожаи «экстремизм» ифротгароӣ соли 1838 аз ҷониби файласуфи немис, Вилгелм Траугот Круг, мавриди истифода қарор гирифтааст. Файласуф чунин ақида дорад, ки «Гурӯҳҳои ифротгаро ҳамонанд, ки фазои миёнаро эътироф кардан намехоҳанд ва худро бошад дар канор роҳат ҳис мекунанд»[13, С.73].

Аз солиҳои 50-уми асри Х истилоҳи «экстремизм» ифротгароӣ дар матбуоти сиёсии Англия пайдо гардида, сараввал озодона мавриди истифода қарор гирифт, то он даме, ки роҳбари ҳизби либералӣ ва «Сарвазир» лорд Палместоро дар матбуот ифротгаро ном бурданд.

Баътар вожаи «экстремизм» ифротгароӣ дар матбуоти Амрико мавриди истифода қарор гирифт. Дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ дар Амрико солҳои (1861-1865) рӯзномаи демократҳои шимолӣ Амрико, тарафҳои даргирро, яъне шимол ва ҷанубро ифротгароёни ҳарду канори кишвар ном бурданд. Гуфтан мумкин аст, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ то нимаи дуюми соли 1950 истилоҳи «экстремизм» ифротгароӣ дар матбуот ва адабиётҳо хело кам ба чашм мерасид. Пеш аз ҳама, ин муносибати мусбат намудани роҳбарияти Шӯравӣ ва ҷомеа ба усулҳои идеологияи инқилобӣ ва радикалии самти чапгаро вобаста мебошад. Идеологияи радикалии ростгаро аз соли 1920 чун қоида, аз консепсияи колективии «фашизм» ба ҳисоб мерафт.

Луғати тафсирии Димитри Ушаков, ки дар (соли 1935-1940) нашр шудааст, таърифи зеринро медиҳад: «экстремизм» ифротгароӣ аз калимаи лотини гирифта шуда, маънои “кано”- риро дорад, яъне «экстремизм» ифротгароӣ майл ва ҳавасманди доштан ба андешаҳои аз ҳад зиёд канорӣ дар сиёсат аст[15, С.304].

Тибқи ақидаи муҳақиқи тоҷик Маҳмадизода Н.Д. «Ифротгароӣ ин падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки таърихан тайғир ёфта, сайъу кӯшиши шахсиятҳои фаъоли сиёсӣ, гӯруҳҳои иҷтимоӣ, элитаи ҳукмрон ва аксулэлитаро дар самти амалӣ намудани ғояҳои сиёсии худ ва вазифаҳои гузоштташуда, бо тамоми воситаҳои дасрас, аз он ҷумла шалҳои таъсиррасонии зӯроварӣ, ки ба ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст, ифода менамояд. Ифротгароӣ ин фаъолнокии субеъктҳои сиёсие мебошад, ки ба заифгардии қобилияти системаҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад ва ба маҳдуд гардидани дурнамои рушди системаи сиёсӣ мусоидат менамояд» [5, С.14].

Ба ақидаи муаллиф ифротгароии динӣ аз ҷиҳати динӣ асосноккунии фаъолияти бо дин руйпушкардашудае аст, ки ба зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлолият ва якпорчагии давлат ва бо ин мақсад барангехтани душманӣ ва бадбинии динӣ равона карда шудааст.

Муҳаққиқи тоҷик Саидов Д.М. иброз менамояд, ки «Ба таври умумӣ, метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар ифротгароӣ тардиди қонунҳои давлатҳои дунявӣ ва меъёрҳои фарҳангии умумибашарӣ ҷой дорад. Ифротгароӣ ин зуҳуроти номатлубест, ки дар он вайрон намудани низоми мавҷудаи иҷтимоиву фарҳангӣ мушоҳида шуда, моҳиятан, раванди зиддитамаддунӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври куллӣ, ифротгароиро ба маънии ифрот (аз ҳадди зарурӣ нишон додани мафҳуме ё чизе ) ва тафрит (аз андозаи зарурӣ кам нишон додани мафҳуме ё чизе) дар ҳаё ти сиёсӣ ва фарҳангӣ метавон маънидод кард. Ҳар гуна тафрид дар ақида ба ифротгароӣ мебарад»[10, С.13].

Пайравони ифротгароии динию сиёсӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа гузаронидани ҳама гуна муколама, расидан ба ҳама гуна мусолеҳа ва созишро инкор менамоянд. Пайравони ифротгароии динӣ-сиёсӣ бо нафароне, ки андешаҳои онҳоро ҷонибдорӣ намекунанд, муносибати оштинопазир зоҳир менамоянд. Барои онҳо ҳеҷ гуна “қоидаҳои бози сиёси” рафтори мумкину номумкин вуҷуд надорад. Онҳо доимо андешаҳои худро дуруст шуморида, арзишҳои дигари сиёсю ҷамъиятиро инкор менамоянд. Бинобар ин, мубориза бо ниҳодҳои давлатӣ дар рафторни онҳо ба осонӣ ба мушоҳида мерасад. Зӯроварӣ, бераҳмию золимиӣ ва ҳолати агрессивӣ хоси рафтори пайравони ифротгароии динӣ-сиёсӣ мебошад. ин аст, ки онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ ба амалҳои террористӣ низ даст мезананд [1, С. 288-289].

Ифротгароии сиёсӣ-динӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ сиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ, яке аз падидаҳои муракабтарин ва гуногунҷабҳаи илми сиёсии муосир мебошад. Муҳим ба ёдоварист, ки солҳои охир баҳсҳои зиёди илмӣ оид ба моҳияту табиати ифротгароии сиёсӣ-динӣ ва муносибат ба он бо дигар падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҳаматарафаи илмӣ ифротгароии сиёсӣ-динӣ дорои нишонаҳои зерин мебошад:

1. Фаъолияти ифротгароӣ хосиёти сиёсӣ дорад, яъне он барои бадаст овардани ҳокимияти сиёсӣ истифода мешавад;
2. Истифодаи зӯрӣ ё таҳдиди истифодаи он ҳамчун методи сиёсии стратегӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ мебошад;
3. Фаъолияти созмонёфта, ки имконият медиҳад фаъолияти ифротгароӣ ҳамарофарогиранда бошад;
4. Субектҳои ифротгароӣ аз ризоят, гуфтушунид, гузаштаҳо ва расидан ба ҳадафҳо бо ҳар роҳу восита даст мекашанд [11, С.141].

Агар рӯйи ин нукта андаке андеша намоем, мебинем, ки дар асл, ҳаракати ифротгароии динии имрӯза як роҳи нави ишғолгарӣ ва тарзи нави истеъмори кишварҳои мусулмоннишин аз тарафи баъзе кишварҳои абарқудрат мебошад. Аз ин сабаб аз тарафи тарроҳони ин ҳаракатҳои ифротии динӣ вазифаи онҳо на паҳн кардани арзишҳои исломӣ, балки маҳз ишғол кардани кишварҳои мусулмонӣ, ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсӣ дар онҳо ва сипас ба даст гирифтани сарватҳои табиии онҳо муайян карда шудааст. Ва дар ниҳоят, харидору истифодабарандаи ин сарватҳо боз ҳамон давлатҳои сарватманду қудратманде мебошанд, ки ин ҳаракатҳои ифротгароро таъсис додаанд ва сармоягузорӣ кардаанд[14, С.16].

Дар замони муосир ифротгароии динӣ аз ҳама беш дар миёни пайравони дини ислом мушоҳида мешавад. Солҳои охир дар миёни кишварҳои исломӣ гурӯҳҳои зиёди ифротии динӣ ба монанди гурӯҳҳои ба ном Давлати исломӣ (ДИИШ), Толибон, Ал-қоида, Ҳизбут-таҳрир, Салафия, Ансор-ул-лоҳ, Аҳрор-уш-шом, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, ҲНИТ ва ғайра фаъолияти худро ба роҳ монда, аз номи дини ислом мардумро ба самти ифроту ваҳшоният мекашонанд. Ҳар яки ин гурӯҳҳо, эътиқод ва масири худро ҳаққу дуруст шумурда, пайравони дигар дину мазҳаб ва идеологияро ботил медонанд ва барои амалӣ кардани ҳадафҳояшон ба дигарон даргир мешаванд. Онҳо барои ҷалб намудани афроди дигар аз роҳу воситаҳои гуногун истифода бурда, нафарони ҷоҳилу бефарҳанг ва хоину ватанфурӯшро ба самти худ шомил месозанд. Мутаассифона, аксари онҳое, ки бо асли аркони ислом, таърих, фарҳанг, фалсафа ва ба ахлоқи исломӣ ошно нестанд, чунин меҳисобанд, ки ба ислом хислати ситезу тундравӣ, таҷовузгароӣ, бадқасдӣ, ғайритаҳаммулпазирӣ хос аст. Ин андеша мутлақо ғалат аст. Зеро Қуръону, ҳадис, тамоми аҳкому аркони ислом ва фалсафаю ахлоқи он бар пояи адолат, баробарӣ, бародарӣ, озодӣ, амният ва ваҳдат бунёд ёфта, зарурияти сулҳ, ризоият, таҳаммул, оромӣ, амният, адолатро бо тамоми зуҳуроти он дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ таъкид менамояд[2, с. 16-20]. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: «Зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд». [9].

Дар робита ба ин масъала Пешвои миллат қайд менамояд, ки мавқеи устувори минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайдо кардани терроризми байналхалқӣ, ифротгароии динӣ ҳамчунин паҳншавии ғояҳои зӯроварӣ, тарғиботи зараровари мазҳабию идеологӣ ва ба воситаҳои иттилооти омма роҳ ёфтани онҳо мебошад. Ҷаҳонгирӣ ва кишваркушоиҳои имрӯза либоси басо рангоранг доранд. Ҳадаф ва ғаразҳои аслии сиёсию иқтисодӣ аз назарҳо пинҳон мемонанду хусуматҳои қавмию этникӣ, низоъҳои идеологию динӣ ва

дигар сабабу баҳонаҳо ба навбати аввал мебароянд. Дар натиҷаи таҳрики устокоронаи сиёсию иқтисодӣ ва идеологӣ давлатҳои хурду бузург дар қитъаҳои Осиё, Африқо ва Аврупо ба доираи бозиҳои ғаразноки давлатҳои манфиатдор кашида мешаванд ва таҳти таъсири онҳо раванди муътадили ҳаёт дар сарзаминҳои гуногуни ҷаҳон ва саросари сайёра халалдор мегардад[8].

Мутахассисон қайд менамоянд, ки 80% сарвати ҷаҳон дар ихтиёри кишварҳои Ғарб қарор дорад ва ин боиси рушду инкишофи номутаносиби кишварҳои Шарқ ва махсусан кишварҳои мусулмонӣ гаштааст. Бояд қайд кард, ки воқеан, байни ифротгароӣ ва қашшоқӣ таносуб вуҷуд дорад, лекин ин таносуб бавосита набуда, балки бевосита аст. Инсони камбизоат ба манзил, ғизо ва либос ниёз дошта, роҳи ифротгароӣ ва терроризмро бо ду сабаб интихоб менамояд. Якум, барои он ки дар шароити бекории оммавӣ ва идома доштани бухрони иқтисодии тӯлонӣ дар кишвар манбаи қонунӣ ва устувори даромадро пайдо карда наметавонад. Чунин ҳолат хоси кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ақибмонда мебошад. Дуюм, ҷойҳои кори холӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, лекин бо сабаби он, ки ҷавонон савод, тахассус ва таҷрибаи кофии корӣ надоранд, наметавонанд, ки ба ин ё он кори мувофиқ машғул шаванд ва бинобар ин, онҳо гунаҳгорони вазъияти бавуҷудомадаро аз берун ҷустуҷӯ менамоянд. Бояд қайд кард, ки дар ин равандҳо ҳисси миллатгароии харобовар низ нақши муҳим мебозад [13, С.10-11].

Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат иброз мекунад, ки воқеан ҳам, бартариҳои азими технологӣ ба кишварҳои Ғарб имконият медиҳанд, ки ба мамлакатҳои боқимондаи дунё таъсири худро расонида тавонанд. Вақтҳои охир расонаҳои хабарӣ мафҳуми "миллиарди тиллоӣ»-ро истифода мебаранд. Ин ишора ба сатҳи баланди зиндагии мардуми Ғарб аст. Ҳоло амалан панҷяки инсоният 80 фоизи сарвати ҷаҳонро соҳибӣ мекунад. Агар дар охири асри XIX сарватмандтарин давлати дунё аз рӯйи даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз давлатҳои қафомонда нӯҳ маротиба афзалият дошта бошад, пас имрӯз ин таносуб сад бар якро ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, танҳо 20 фоизи аҳолии кураи Замин ба гурӯҳҳои доро мансуб ҳастанд ва ин фарқият дар миёни кишварҳои пешрафтаю қафомонда босуръат меафзояд. Мутаассифона, чунин қитъаи бузурге мисли Осиё маскани аз се ду қисми мардуми камбизоати ҷаҳон аст. Дар замоне, ки давлатҳои мутамаддин дар тараққиёти худ ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд, бисёр кишварҳои Шарқ пой дар гил мондаанду барои ҳамдигар чоҳ мекананд.… Зеро маҳз нодорию қашшоқӣ, ки маъмулан ҳамроҳи доимии ҷаҳолат мебошанд, барои пайдоиш ва густариши ифротгароӣ заминаи мусоид ба вуҷуд меоранд»[4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ифротгароии динӣ ҳамеша фаъол буда, ҳаракатҳои ифротгароиро ҳамчун мушкилоти асри навин мешиносанд ва оид ба ин хатарҳо доимо тавассути ахбори омма (ВАО) мардумро аз рафти ин равандҳо ҳушдор менамоянд. Зеро тибқи он тамоми проблемаҳое, ки дар ҷомеа мавҷуд аст, барои ифротгаро шудани ҳар як фарде, ки дониши кофии динию дунявӣ надорад ва мақсади асосии шомилшуданро дар ин гурӯҳҳо надорад, мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ коршиносон бар ин назаранд, ки муборизаи ҳар яки мо бар зидди ингуна равандҳои номатлуб бояд системанок ва доимӣ тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ (профилактика) ва ахбори омма (ВАО) сурат гирад.

Қадамҳои устувор ва воқеӣ бахри мубориза бо ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар асоси пешгирии амалии зер бояд сурат гирад.

- ба роҳмонии мақсаду ғояҳое, ки на танҳо ба ҳувият ва манфиатҳои як давлату миллат хос аст, балки он бояд манфиатҳои тамоми миллатҳои сайёраро таҷассум намояд;

- дар шуур ва ботини ҳар як шахс ҷой додан ва пазонидани андешаи ватандӯстӣ;

Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ва ифротгароӣ динӣ-сиёсӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ, минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт талош меварзад[3, 349-350]. Асоси ҳуқуқии ин фаъолиятро дар кишвари мо ӯҳдадориҳои байналмилалии он, Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноӣ, қонун «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» ва Консепсияи ягонаи ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар мубориза бо ифротгароии динӣ фақат ба қувваи зӯрӣ ва нерӯи ҳарбӣ такя кардан мумкин нест. Гарчанде нақши иқтидори низомӣ муҳим аст, вале он дар ин арсаи мубориза василаи мутлақу ягона нест. Ин мубориза бояд бо андешидани тадбирҳои дастаҷамъона дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ ва иттилоотӣ тақвият дода шавад. Ин тадбирҳоро дар сатҳи давлатӣ аввалан таҳия ва ба нақша бояд гирифт. Чӣ коре накунем, чӣ эътилофҳое насозем, ҳар қадар қувваи ҳарбиро ба кор набарем, агар механизми худтавлиди решаҳои ифротгароии динӣ аз байн бурда нашавад, мо фақат аз омилҳои зоҳирии ин маризӣ раҳоӣ меёбему халос. Агар кишварҳои пешрафта дар ҳамкорӣ бо давлатҳои рӯ ба инкишоф барномаи фароху созандаи муборизаро бо маҳдудиятҳои динию мазҳабӣ, камбизоатӣ, гуруснагӣ, сатҳи пасти маърифат, бекорӣ ва бемориҳои гуногуни вазнин таҳия ва амалӣ сохта натавонанд, мо ҳамагон аз ин зуҳуроти зишт раҳоӣ ёфта наметавонем. Бояд дар таҳвил ва интиқоли технологияҳои муосир, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсӣ-динӣ ва маҷмӯи масоили иқтисодӣ, аз ҷумла ба бозорҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфтани маҳсулоти дар кишварҳои олами сеюм тавлидшаванда иқдомоти воқеӣ амалӣ гарданд.То замоне, ки чунин барнома таҳия нагардад ва мавриди амал қарор дода нашавад, пешгирии ифротгароии динӣ ғайриимкон мегардад.

## Адабиёт


1. Хушвахтов А.Р. Ҷанбаҳои назарияви пайдоиш ва зухуроти экстремизм// А.Р Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. - №с. – 303с.
2. Гирдаков И. Терроризм ва ислом: муносибати Ислом бо терроризми динӣ // И. Гирдаков // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. - 2018. - №1. – 152с.
3. Дабирҷони М. Истилоҳ, моҳият ва омилҳои зоҳиршавии ифротгароии динӣ дар ҷомеа: таҳлил иҷтимоӣ – сиёсӣ // фалсафаи муосири тоҷик:мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 24 феврали соли 2021). Душанбе чопхонаи ДМТ, 2021.- 384с.
4. Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Дисс. док. илм. фалс. Душанбе, 2020. – 46 с.
5. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане.- Душанбе: 2013.- 168с
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 2013с [Маводи электронӣ] http://www.president.tj/node/8136 (санаи истифодабарӣ 25.03.2021)

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 2016с [Маводи электронӣ] http://www.president.tj/node/8136 (санаи истиодабарӣ 15.03.2021)
8. Саидов Д.М. Таъсири гурӯҳҳои дини-ифротии муосир ба бехатирии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ. Дисс. номз. илм. фалс. Душанбе, 2020. – 27с.
9. Сафарзода Ф. Экстремизми сиёсӣ-заминаҳои асосии ташаккули терроризм // Терроризм: моҳият, хосиётҳо ва раванди ташаккулу инкишоф // 12-13-уми январи соли 2016.-165с.
10. Сафарализода Х.Қ. Иникоси эҳёи давлатдории милӣ таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дурнамои рушди Тоҷикистон дар китоби «Уфуқҳои истиқлол»// Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. - №9. – 390с.
11. Хидирзода М.У. Роҳҳои пешгирӣ ва муқовимат ба равияҳои ифротӣ // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. - Душанбе, 2015. - 223 с.
12. Холиқназар Х. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ динӣ дар чист? Монография // Х. Холиқназар. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 128с.
13. Хушвахтов А.Р. Ҷанбаҳои назариявии пайдоиш ва зуҳуроти экстемизм // А.Р. Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. - №6. – 322 с.
14. Х. Холиқназар, А. Раҳнамо. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 128с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам: рӯзгор, осор ва афкор.-Душанбе: 2009.- 416с.

# РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ПОВЫШЕНИИ ПРЕСТИЖА СТРАНЫ И ПРЕДОТВРАЩЕНИИ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОГО ЭКСТРЕМИЗМА

**ДАБИРДЖОНИ МАХМАД,**
ассистент кафедры государственного управления
и экономического права
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел: (+992) 900-22-22-70. E-mail: dabirjoni @ bk.ru

*Изучение религиозно-политического экстремизма и его последствий имеет основополагающее научно-теоретическое, познавательное и особенно практическое значение. Так как в современном мире практически невозможно найти страну или регион, избежать экстремистских действий и его неприятных последствий.*

*Современный мир сталкивается с интеллектуальными и идеологическими конфликтами. Не следует забывать, что первопричиной этих конфликтов является религиозный экстремизм, который часто основан на непонимании сути учения ислама и его всестороннего просвещения.*

*Следует отметить, что, учитывая динамично развивающиеся процессы глобализации, государственные границы больше не могут предотвращать угрозы, опасности и необычные угрозы как терроризм, политический экстремизм. В мире постоянно распространяющийся религиозно-политическим экстремизмом, стал причиной роста глубинной озабоченности мирового сообщества, в том числе Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, религиозно-политический экстремизм, терроризм, риск, угроза, интерес, глобализация, безработица, борьба, политика, политический процесс, идеология.*

# THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON IN RAISING THE PRESTIGE OF THE COUNTRY AND PREVENTING RELIGIOUS AND POLITICAL EXTREMISM

**DABIRJONI MAHMAD,**
Assistant of the Department of Public Administration
and Economic Law of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe city, 33, Said Nosira Str.
Phone: (+992) 900-22-22-70. E-mail: dabirjoni @ bk.ru

*The study of religious and political extremism and its consequences is of fundamental scientific and theoretical, cognitive and especially practical importance. Because in today's world it is almost impossible to find a country or a region, to avoid extremist actions and its unpleasant consequences.*

*The modern world is facing with intellectual and ideological conflicts. It should not be forgotten that the root cause of these conflicts is religious extremism, which is often based on a lack of understanding of the essence of the teachings of Islam and its comprehensive enlightenment.*

*It should be noted that, given the dynamically developing processes of globalization, state borders can no longer prevent threats, dangers and unusual threats such as terrorism and political extremism. The constantly spreading religious and political extremism in the world has become the reason for the growth of deep concern of the world community, including Tajikistan.*

*Key words: Leader of the nation, religious and political extremism, terrorism, risk, threat, interest, globalization, unemployment, struggle, politics, political process, ideology.*

УДК: 07:329.7(575.3)

# НАҚШИ ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРРАСИИ ИЛМИЮ АМАЛИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**САИДЗОДА ШОДОНАИ ИБРОҲИМ,**
аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 882-88-44-68. E-mail: oyandasoz@mail.ru

*Телевизион чун ниҳоди иҷтимоӣ дар қатори дигар навъҳои расонаӣ бо таҳаввулоти рӯзмара ҳамқадам аст. Баъзе аз мавзуъҳо бо мурури замон куҳна шуда, мавзуъҳои дигар аввалият пайдо мекунанд. Аз ин нуктаи назар, телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Сафина" чун дастгоҳи идеологии ҳукумати кишвар вобаста ба сиёсати он баррасии мавзуъҳоро дар марҳилаҳои гуногун тағйир медиҳад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки даврони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рисолати муҳимтарини он тарғиби сарҷамъии миллат ва дар даврони баъдӣ бештар роҳҳои барқарории хисороти ҷангӣ буд, тақрибан аз солҳои 2005 ба ин сӯ баррасии мушкилоти соҳаҳои гуногун, тарғиби дастовардҳои соҳибистиқлолӣ, ҳифзи суботу амният, таъсири падидҳои фаромиллӣ ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва равонию фарҳангӣ арзиши бештар касб карданд. Аҳаммияти ҷаҳонбинии илмӣ, зиракии сиёсӣ, шинохти воқеияти геополитикӣ дар давраи муосир, мубориза бо хатару таҳдидҳои терроризму ифротгароӣ, хатари ҷангҳои иттилоотӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию хизмат ба Ватан, сатҳу сифати таълим, баҳрабардорӣ аз рушди бемайлони технологияи муосир, даъват ба мутолиа ва китобхонӣ ва монанди инҳо аз ҷумлаи масоили калидие ҳастанд, ки аз соли 2015 то ҳол дар барномаҳои телевизион мушоҳида мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, телевизионҳои "Тоҷикистон", "Сафина", сиёсати давлатии ҷавонон, баррасӣ, таҳқиқ, ниҳоди иҷтимоӣ, жанр, таъсир.*

Таҳқиқоти илмие, ки вобаста ба журналистикаи телевизион аз ҷониби сиёсатшиносон ба анҷом расонида шуданд, нишон медиҳанд, ки масоили сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикоси он дар телевизион то имрӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Ин мавзуъ ба омӯзишу тадқиқоти жарфтару амиқтар ниёз дорад. Вазъи гузашта ва имрӯзаи ҷомеа гувоҳи он аст, ки дар самти сиёсати давлатии ҷавонон бахусус мавқеи он дар телевизион меарзад тадқиқотҳои судманд ба анҷом бирасад.

Муҳаққиқ Муҳайё Ҳатамова дар рисолааш хусусияти тамошои телевизион дар муҳити оила оғози таъсиррасонии ин расонаро ба афкори насли наврасу ҷавон медонад. "Оинаи нилгун, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ вобаста ба қувваи сифатҳои худ: рӯзмаррагӣ, бартарият, мавҷудияти тамошобин дар фазои маънавии наздик, яке аз намудҳои муносибати бевосита мебошад ва сабаби асосии таъсиррасонӣ ба инкишофи фард аз давраи кӯдакӣ ба ҳисоб меравад..." [19, с. 40].

Табиӣ аст, ки яке аз вижагиҳои телевизион тамошои гуруҳии он аст, ки умдатан дар муҳити оила сурат мегирад. Муҳити оила бошад мактаби бузурги тарбияи шахс аст. Махсусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон ин суннат хеле аҳаммияти бориз дорад ва раванди ичтимоишавии ҷавонон аз оила вобастагии зич дорад [18, с. 103]. Муҳаққиқони рус ҳам ин андешаро ҷонибдорӣ мекунанд. Аз ҷумла пажуҳишгари рус Вардан Барсегян мепиндорад: "Тадқиқоти зиёде мавҷуданд, ки таъсири муассисаҳои ибтидоии ҷомеасозӣ, аз қабили оила ё мактабро ба сатҳи фаъолияти сиёсии ҷавонон меомӯзанд. Таъсири оила ва мактаб аз таъсири иҷтимоии сиёсӣ: мақомот, воситаҳои ахбори омма, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғ. кам нест" [2].

Албатта, вобаста ба ҳолату дурнамои сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон дар сатҳи илм омӯхтани мавзӯи мазкур метавонад ангезае барои раёсати ВАО ва сохторҳои марбута бошад.

Дар муҳити илмии тоҷик таҳқиқе, ки пурра ба масоили ҷавонон дар ВАО рабт мегирад, рисолаи Валимамедова М. Г. дар мавзӯи “Освещение детско-юношеской и молодежной тематики в периодической печати Кыргызской Республики» мебошад, ки соли 2020 дар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ҳимоя шудааст [4, с. 3]. Вале дар ин рисола муҳтавои расонаҳои ватан таҳлилӣ таҳқиқ нагардидааст. Муаллиф бо таҳлили мавзуъ нақши расонаҳоро дар бозтоби масоили ҷавонон дар кишвари ҳамсоя барҷаста ва фаъол арзёбӣ кардааст.

Дар шароити нав эътимод ба ВАО ба масъалаи доғ табдил ёфтааст. Олимони соҳа низ ҳассосияти мавзуъро инкор намекунанд. Бо маъруфияти интернет ва афзоиши бесобиқаи фейкнюс беэътимодӣ ба расонаҳо бештар гардид. Чунин ҳолат боиси беэътимодӣ ба расонаҳои анъанавӣ ҳам шудааст, зеро таъсири байниҳамдигарии тамоми расонаҳо як падидаи маъмулӣ аст, аммо телевизион бо мушаххасоти хеш то ҳадде ҳамчун расонаи эътимодбахш боқӣ мондааст. Ба таъкиди Муҳсин Ризоӣ, “...нақши телевизион ба таври куллӣ интихоб ва эътимод ба телевизион аз сӯйи мухотабин таҳти таъсири подоше, ки барои онон дорад ва ҳамчунин, имкони дастрасӣ ба он васила (телевизиони моҳвора) медонад” [10].

Ба ин манзур, эътимод ба телевизион яке аз омилҳои муҳим дар баррасии нақши телевизион дар ҷомеа махсусан барои таҳрики афкори ҷавонон дар шароити феълӣ буда метавонад.

Пайдоиши телевизион дар Тоҷикистон ҳам ҳадафҳои бузурги идеологӣ дошт, ҷавонон мухотабони аслӣ ба шумор мерафтанд [17]. Ҳанӯз 3-юми октябри соли 1959 буд, ки дар саҳфаҳои таърих як саҳифаи нави фарҳангӣ илова гардид - ба фаъолият шурӯъ кардани Телевизиони «Тоҷикистон». Ин рӯйдод дар он давру замон басо муҳиму тоза ва таърихиву инкишофёбанда баҳо дода мешуд. Дар воқеъ, гузашти таърих ҳам исбот намуд, ки Телевизиони «Тоҷикистон» заминаи журналистикаи телевизионии ватанӣ гардид. Рафоат Абдусаломова ва Валентина Исоева-аввалин наттоқони Телевизиони «Тоҷикистон», соати шаши бегоҳи ҳамон рӯз бо саломи хеш экрани телевизиони «Тоҷикистон»ро боз карданд ва телевизиони миллии мо дар ҳаҷми якуним соат нахустбарномаи худро оғоз кард.

ВАО, хусусан телевизион ба сифати яке аз ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ дар ин самт тарғибгари фаъол аст ва инъикоси вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон яке аз мавзуъҳои асосии он ба шумор меравад. Аз ин манзар, мавзӯи ҷавонон дар телевизиони “Тоҷикистон” нисбат ба фарҳангию фароғатӣ ва ё ахлоқию адабӣ бештар ҷанбаи сиёсӣ дорад [9, с. 22]. Ин шабака аз рӯйи таъиноташ сиёсӣ буда, телевизиони расмӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, масъулияти он дар назди Ҳукумати мамлакат ҳам бештар буда, аз мавқеи расмӣ баромад мекунад. Табиист, ки бозтоби масоили ҷавонон ҳам умдатан оҳанги сиёсӣ мегирад, зеро ҳар давлате, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолиашро аз мадди назар дур намемонад, бешак давлати камолёфтаву боэътибор эътироф мегардад. Бо назардошти ин вазъият авзои ҷомеаи кишварро дар симои ҷавонони он метавон дарёфт.

Таҳқиқ нишон дод, ки баррасии мавзуъҳои марбут ба ҳаёти ҷавонон танҳо бо Идораи барномаҳои ҷавонӣ ва варзиш маҳдуд нашуда, Идораи барномаҳои сиёсӣ-таҳлилӣ, Идораи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, Идораи барномаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва Идораи “Субҳ” низ дар ин самт намоишҳои телевизионӣ омода месозанд, ки фарогири паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ мебошанд.

Мавзӯи ҷавонон ва ҳаёти онҳо ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавриди таваҷҷуҳи телевизон ва дигар ВАО-и давлатӣ қарор дошт. Пешрафти мамлакат, ки ҳамеша ба нерӯи ҷавонон ниёз дорад, телевизиони «Тоҷикистон» низ шурӯъ аз солҳои аввали таъсисёбии худ барои ҷавонон барнома омода мекард ва фаъолияти ҳаррӯзаи онҳоро дар барномаҳои худ мавриди баррасӣ қарор медод. Телевизион, ки хусусияти таъсиррасонӣ дорад, бо пахши барномаҳои фарҳангию таҳлилӣ ва бо истифода бурдан аз ҳама гуна жанрҳои телевизионӣ талош мекард, мавзуъҳои интихобшуда муҳим бошанд ва вобаста ба талаботи замони худ инъикос ёбанд.

Ҳанӯз аз солҳои 1961 телевизиони «Тоҷикистон» барномаҳои «Кишвари худро омӯз», «Табиатшиносони ҷавон», «Ҷавонони мо», «Меҳнат шараф аст»-ро барои ҷавонон омода мекард, ки он замон «Идораи ҷавонӣ» ҷузъи «Сарредаксияи барномаҳо барои бачагон, наврасон ва ҷавонон» буд.

«Идораи ҷавонӣ ҳамчунин театри телевизионии «Лабханд»-ро аз 17 марти соли 1974 ташкил кард. Саҳначаҳои хурд-хурди ҳаҷвӣ аз ҳаёти ҷавонон дар он намоиш дода шуда, дар тарбияи ахлоқии онҳо саҳм мегузоштанд. Ҳоҷи Содиқ ва Бурҳон Ғанӣ аз муаллифони доимии саҳначаҳо ба шумор мерафтанд. Коргардон Абдуллоҷон Ғафоров актёрони ҷавонро ба кор ҷалб мекард ва барнома муваффақият ба даст меовард» [14, с. 91].

Дар бораи муҳтаво ва шеваи фаъолияти ин идора дар китобҳои илмию дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои алоқаманд ба таърихи Телевизиони «Тоҷикистон» ишораҳо хеле каманд.

Ба назари мо, маҳбубияти ин барнома аз як ҷониб бозгӯи сатҳи касбияти таҳиягарони он бошад, аз ҷониби дигар самари бозсозӣ дар Шӯравӣ буд, ки озодбаёниро дар телевизион ҳам ба вуҷуд овард. Мушкилоти ҷомеа бепарда гуфта мешуд ва ҳамзамон ВАО масоили миллиро ба баҳсу баррассӣ мекашиданд [8].

Ба нақли шоҳидон, дар яке аз нашрҳои дигари ин барнома аспирантони Академияи илмҳо ба раҳбарияти телевизион мактуб навишта буданд, ки масъалаи набудани хобгоҳ барои олимони ҷавонро дар бар мегирифт. Баъди ин намоиш аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои набудани хобгоҳи олимони ҷавон рейди муштарак гузаронида, як бинои нав барои истиқомати онҳо ба истифода дода шуд. Ин аз он шаҳодат медод, ки барнома ба ҳадафи худ мерасид ва ба ҷомеа як таконе медод.

Нуктаи заиф дар намоишҳои марбутаи телевизиони “Тоҷикистон” кам будани барномаҳои муаллифии дарозумр аст [13]. Ин камбуд метавонад омилҳои субъективӣ ва объективӣ дошта бошад. Омилҳои субъективии он пеш аз ҳама марбут ба роҳбарон аст, ки тибқи баъзе аз қоидаҳои нонавишта ҳар роҳбарияти нави ин шабака ва Кумитаи телевизион ва радио ном ва самти баъзе барномаҳоро дигар мекунанд ва ё тамоман аз сеткаи барномаҳо мебардоранд. Омили объективии он ба сатҳи донишу ҷаҳонбинии журналистон ва рафтан аз кор ё гузариш ба дигар шабакаҳо вобаста мебошад.

Ба назари мо, ин омили асосӣ аст, ки журналистон барои “бренд” ва “имиҷ”-и барномаҳои муаллифии худ камтар сайъ мекунанд. “Бренд” бештар ба ном ва “имиҷ” ба муҳтавои барнома ва шахсияти муаллиф марбут мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки “бренд” ва “имиҷ”-и намоишҳои телевизион таъсири ноаёне ба афкори аудитория доранд.

Барномаи «Клуби дугонаҳо» бонувони рӯзгордидаи касбу кори гуногунро ҷамъ меовард, ки онҳо дар пешаи интихобкардаи худ муваффақ буданд. Онҳо дар барнома аз таҷрибаи хеш ҳарф мезаданд, ки ба бонувони ҷавон дарси ибрат буд ва онҳоро ба донишомӯзиву интихоби ихтисосҳои ба худ мувофиқу арзанда талқин менамуд.

«Манбаи илму адаб»-барномаи таҳлилии дигаре буд, ки бо муаллифии Ҷобир Азизмуродов аз ин идора пахш мегардид. Дар барнома дар бораи таҳсили донишҷӯён, методи дарсгузарии омӯзгорон дар омӯзишгоҳҳои касбиву техникӣ ва донишкадаву донишгоҳҳо баррасӣ мекунад. Дар он бештар донишҷӯёну устодон иштирок менамуданд.

«Сатрҳои ҷовид» дар бораи асарҳои бадеие омода мешуд, ки дар дар байни донишомӯзону китобдӯстдорон мавқеъ дошт. Мақсади асосии барнома муаррифии китобҳои тозанашру арзанда, ба ин восита ҷалби бинандагон ба хондану маърифат гирифтан буд. Ин барнома бо меҳнати коргардрнии Баҳром Сайфиддинов солҳои зиёд дар эфир пахш мешуд, дар замони худ аҳаммияти бузурге дошт.

«Ҳақиқати ҳаёт – ҳақиқати таърих» барномае буд, ки ба муаррифии дастовардҳои фарзандони Ватан баъди Истиқлол бахшида шуда буд. Ин барнома як даврае масъалаҳои созандагиву бунёдкориро, ки аслан ҷавонон дар сафи пеш буданд, матраҳ мекард. Масалан, нақби «Истиқлол», «Шаҳристон», «Чормағзак», «Дӯстӣ», ва бунёди роҳҳои Айнӣ-Панҷакент, Душанбе-Турсунзода ва ғайра, ки асосан пешбарандаи корҳо ҷавонон ва мутахасисони ҷавон буданд.

Барномаи «Тақдир» - барномаи дигаре аз ин идора буд, ки дар бораи шахсиятҳои шинохта ва дар рушди ин ё он соҳа хизматкарда мавод пешниҳод мекард. Қаҳрамонони барнома ҷавононе буданд, ки барои рушди забон, адабиёт, фарҳанг, тиб, сохтмон ва меъморӣ талош мекарданд. Ҳамзамон, дар барнома роҷеъ ба ҷавонони маъюб, ниёзманд ва ё зиндонӣ намоишҳо сабт мегардид. Бо шарофати ин барнома яке соҳиби хона, дигаре соҳиби ароба ва сеюмӣ соҳиби автомобил низ гардида буд.

Силсилабарномаи «Маҳфили зарифон» дар ин давра хеле муваффақ буд. Донишҷӯён кӯшиш мекарданд, ки тавассути ҳаҷв ва саҳнаҳои эҷодкардаи худ масъалаҳои ҳаёти донишҷӯии худро мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

«Соҳибҳунар» сислсилабарномае буд, ки сирф ба фаъолияти ҳунарии ҷавонон бахшида мешуд. Дар ин барнома ҷавононе, ки ба кандакориву оҳангарӣ, дӯзандагиву бофандагӣ ва ҳунарҳои дигар шуғл варзида, дар фестивалҳои хориҷӣ дастболо буданд, ширкат меварзиданд.

«Муосирон» - маҷаллаи телевизионие, ки аз чанд бахш иборат буд. Ҳар бахш самти алоҳида дошт. Мақсади меҳварии маҷаллаи телевизиони «Муосирон» дастгирии ҷавонон, кӯмак ба онҳо, тарғибу ташвиқи истеъдодҳои ҷавон ва муаррифии онҳо ба бинандаи телевизион буд.

Ҳамаи он барномаҳо баъд аз соли 1990 омода мегардиданд ва муаллифи онҳо асосан собиқадори телевизион Шавкат Муҳаммадиев буд.

Соли 2021 номгӯйи барномаҳо кам шуда, барномаи студиявии “Афкор” дар муаллифии Беҳрӯзи Одина ба “Нигоҳ” ва барномаи студиявии Бахтовари Ҷамшед бо номи “Суҳбаторо” ба “Масъулият” иваз шуданд. Дар партави ду озмуни ҷумҳуриявӣ: “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” барномаи ҷадидии “Тоҷикистон-Ватани азиз ман” таъсис ёфт, ки аз фаъолияти ғолибони ин озмунҳо таҳия мешавад. Аз рӯйи таъиноти жанрӣ барнома очерк буда, муаллифи он Қамариддин Бердиев мебошад. Барномаи дигар “Пайроҳаи сабз” мебошад, ки қаблан “Салом ҷавонӣ” ва “Дунёи ҷавонӣ” дар таҳияи Шаҳзоди Идибек аз ин идора пахш мешавад.

Дар ҳама давраҳои фаъолияти телевизиони “Тоҷикистон” барномаҳои ҷавонӣ танҳо аз бахшу идораҳои марбут ба намоишҳои вобаста ба фаъолияти ҷавонон маҳдуд нашудааст.

Имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи ҷавонон ин аст, ки Истиқлол, сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва оромию амнияти кишварро пос доранд, ки муҳиммияти мавзӯи

интихобкардаи журналист низ дар ин аст ва ВАО-и кишвари мо ҳанӯз аз давраҳои аввали ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ба ин таваҷҷуҳ доштааст [15]. Баррасии омилҳои ваҳдатофар дар расонаҳо муҳим аст, аммо муҳимтар аз ин тарзи баррасӣ мавзуъҳои марбута бо назардошти воқеиятҳои айнии ҷомеа ва вобаста ба он нишон додани зарурати иттиҳоду ваҳдат аст. Ба таъкиди муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев «Сарогӯзи воситаҳои ахбори умум дар ҳамаи давру замонҳо ва ҳукумату ҷараёнҳо таъсир расонидан ба самтҳои идеологии даврон, ташаккули афкори омма, завқбахшӣ ба кору фаъолият, баланд бурдани сатҳи ғоявӣ, умумимаърифатӣ, фароҳом сохтани шароит ба ташвиқ ва тарғиби хаттӣ, телевизионӣ ва шифоҳӣ ва гузоштани талаботи қатъӣ ба ин фаъолият будааст» [12, с. 33].

Барнома фикрҳои ҷавононро низ ҷиҳати пешравии онҳо баъди ба даст овардани ваҳдати миллӣ ба ҳам оварда, вобаста ба ҳаёти ин қишр ҳамчун насли хушбахти даврони соҳибистиқлолӣ зарур донистааст [16, с. 417]. Савлат Иззатуллоева яке аз донишҷӯёне, ки дар сабти барномаи «Бозтоби андеша» ҳамчун мусоҳиб иштирок намудааст ва андеша дорад, ки Ваҳдати миллӣ ин маънои ягонагӣ ва ҳамбастагии кулли миллати тоҷикро дар назар дорад, ки барои пешрафт ва рушду муаррифии тоҷикон дар арсаи ҷаҳон мусоидат менамояд. Ба андешаи ин ҷавон дар дунё халқу миллатҳои пароканда зиёданд ва барои сулҳу ягонагӣ ҳамеша талош мекунанд. Ин донишҷӯ ифтихор аз он мекунад, ки дар давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона умр ба сар мебарад.

Яке аз вижагиҳои барномаҳои марбут ба ҳаёти ҷавонон дар телевизиони “Тоҷикистон” дар он аст, ки дар ягон самти мушаххас барномаҳо дар мавзуъҳои гуногун баррасӣ мешаванд. Масалан, мавзуи хизмат ба Ватан ва вазъи сохторҳои низомӣ дар барномаҳои “Сарбози Ватан”, “Родмардони Ватан” ва “Писари Ватан” аз солҳои 2000 то ҳол пахш мешаванд. Албатта ин барномаҳо дар ҳамкории мустақим бо сохторҳои низомие монанди Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Қушунҳои сарҳадӣ ва ғайра ё бевосита аз ҷониби Марказҳои матбуотии ин ниҳодҳо омода мешуданд, вале дар ҳамаи онҳо иштироки бевоситаи муаллифон эҳсос мешавад, ки барои бинанда маҳз ҳамин зарур аст.

Баррасии инъикоси ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷавонон аз соли 2019 ба ин сӯ нишон медиҳад, ки се тамоюли умда дар инъкоси барномаҳои ҷавонӣ ва баррасии мавзуъҳо ба вуҷуд омад:

1. Бо пайдоиши пандемияии КОВИД 19 барномаҳои телевизионӣ низ бештар ба мавзуъҳои марбута пардохтанд, аз ҷумла барномаҳои тиббӣ ва равонӣ бештар шуд.
2. Дар партави се озмуни ҷумҳуриявӣ: “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” ва “Илм – фурӯғи маърифат” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” барномаҳои махсуси телевизионӣ таҳия шуда, тарғиби китобхонӣ афзоиши бесобиқа ёфт.
3. Таҳаввулоти ахири Афғонистон баррасии мавзуъҳои терроризму ифротгароӣ, мағзшӯии ҷавонон ва хатари ҷангҳои иттилоотӣ дубора доғ гардид.

Хуруҷи ногаҳонии Ковид-19 ҷаҳонро ба таҳлука овард. Расонаҳо аз як сӯ ваҳму ҳаросро бештар карданд, вале аз ҷониби дигар барои кам намудани таъсироти равонии ин вирус хизмати шоёне анҷом доданд, аз ҷумла телевизиони “Тоҷикистон” ҳам дар ин давра фаъол буд. Таъсиру хисороти ин вирус ба соҳаҳои гуногун дар солҳои 2020-21 масъалаи умдаи барномаҳои телевизионӣ буд. Барномаҳои тиббию равонӣ авлавияти хос пайдо карданд, аз ҷумла барномаи студиявии “Афкор” дар муаллифии Беҳрӯзи Одина, ки масоили ҷавононро бозтоб медод ба “Нигоҳ” иваз шуда, пурра масоили равониро ба баррасӣ мегирифт. Дар барнома равоншиносон даъват шуда, ба саволҳои

бинандагон, ки аз тариқи почтаи электронӣ ва зангҳои телефонӣ мерасиданд посух гуфта мешуд.

Се озмуни ҷумҳуриявӣ: “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон- Ватани азизи ман” ва “Илм фурӯғи маърифат”, ки аз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтаанд, қадами ҷиддӣ дар роҳи ҷалби ҷомеа, аз ҷумла қишри ҷавон ва наврас ба китобхонию мутолиа арзёбӣ мешавад. Телевизиони “Тоҷикистон” дар тарғиби ин ғоя саҳми назаррас гузошта, бо пахши рафти ин озмунҳо аҳаммияти онҳоро дар ҷомеа хеле пурзӯр намуд [17, с. 9]. Аз ин нуктаи назар, телевизиони “Тоҷикистон” дар ҷалби ҷавонону наврасон рисолати бузургеро анҷом дод, ҳарчанд моҳиятан ин озмунҳо ҷомеаро ҷалб намуданд, аммо хизмати телевизион ҳамагонӣ сохтани онҳо мебошад.

Ҳамчунин телевизиони “Тоҷикистон” бо таъсиси барномаҳои махсусгардонидаи “Тоҷикистон - Ватани азиз ман”, “Пайроҳаи сабз” ва “Камоли илм” бевосита ғолибони ин озмунҳоро чун меҳмони фахрӣ ба мубоҳисаҳои студиявӣ ҷалб карда, ҳамзамон дар бораи ғолибони ин озмунҳо очерк таҳия мекунанд.

Ҳамин тавр, баррасии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонон дар барномаҳои телевизиони «Тоҷикистон» то андозае қобили қадр аст. Табиист, ки ҳамчун телевизиони расмии кишвар эътироф шудани он рисолати ҷиддиеро талаб мекунад. Дар навбати худ, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонон масъалаи серпаҳлу буда, ба мавзуъҳои зиёде тавъам мешавад, ки моҳиятан хислати сиёсӣ, фарҳангӣ, тарғиботӣ ва амсоли инҳоро доранд.

Аз ин рӯ, таҳлили ин масъала низ мушкилоти хоси худро дошта, имкон намедиҳад, пурра омӯхта баҳои илмӣ дода шавад. Дар кулл, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонон дар барномаҳои зиёди телевизионӣ аз ин шабака таҳлилу баррасӣ мегардад. Ба хотир рушантар бозгӯ намудани масъалаи зери назари мо аксар ба мавзуъҳои баррасишаванда аҳаммияти зиёдтар қоил шудем, таҳлили шаклии барномаҳо аз назари мо дур нест, вале фарогирии мавзуъҳо ва тарзи баррасии онҳо метавонад дар инъикоси вазъи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷавонон муҳимтар бошад.

Ба назари мо тағйироти сохторие, ки соли 2021 бо ташаббус Нуриддин Саид дар телевизиони “Тоҷикистон” ба амал омад, то андозае салоҳияти Идораи барномаҳои ҷавонӣ, варзиш, занон ва оиларо кам намуд, аммо моҳияти барномаҳое, ки қаблан дар Идораи барномаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ таҳия мешуданд, дигар сохт. Пештар барномаҳои ҷавонӣ аз ин идора умдатан хислати фарҳангӣ ва фароғатӣ доштанд, ҳоло ҷанбаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмии онҳо тақвият ёфт.

Аз тарафи дигар масоили иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷавонон дар доираи барномаҳои гуногуншакли идораҳои дигар баррасӣ мешаванд, масалан дар барномаҳои ҷадиди «Замон ва ҷаҳон», «Инсон ва қонун», «Минбари ҳуқуқ», «Садоқат», аз Идораи барномаҳои ҳуқуқ, амният ва мудофиа, барномаҳои «Дар мавзӯи рӯз», «Раванд», «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Тафсир», «Таҳаввул», «Меҳвар» аз Идораи барномаҳои таҳлилӣ-сиёсӣ ва ё **б**арномаи «Соҳибкор» аз Идораи барномаҳои иқтисодӣ, рушди сармоя ва соҳибкорӣ масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки аз рӯйи хислату фарогирӣ дар аксар маврид ба ҳаёти ҷавонон аз ҳар зовия марбутанд.

Ин анъана падидаи тоза нест. Қаблан низ масоили марбут ба ҷавонон дар доираи васеи барномаҳои таҳлили баррасӣ мешуд, вале бо тағйироти сохтории ахир, ки мушкилоти худро ҳам дорад, аз ҷумла дар мавзӯи зери назари мо чорчубаи мушаххас инъикос фароҳам омад. То кучо сифати намоишҳои телевизионӣ дар партави тасмими ахири раҳбарияти Кумитаи телевизион ва радио дар мисоли телевизиони “Тоҷикистон” беҳбуд меёбанд, ҳоло баҳо додан барвақт аст.

**Адабиёт**


1. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион [Матн] / А.Азимов. – Душанбе, 2013. – 86 с.
2. Барсегян В. М. Политическая активность молодежи как канал социальной мобильности в современном российском обществе. Дис. канд. полит. наук: 23.00 02 / Барсегян Вардан Меружанович – Москва, 2015. – 176 с.
3. Бобоев Д. Ҳайдаров С. Техника ва рӯзноманигорӣ [Матн] / Д. Бобоев. С. Ҳайдаров. – Душанбе, 2018. – 130 с.
4. Валимамедова М. Г. Освещение детско-юношеской и молодежной тематики в периодической печати Кыргызской Республики. Дис. канд. филол. наук: 10.01.10 / Валимамедова М. Г. –Душанбе, 2020. - 144с.
5. Гулов С., Ҷумъаев М. Муқаддимаи журналистика. Дастури таълимӣ [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. –Душанбе, 2016. – 176 с.
6. Камолиддинов Б. Сухан гуфтиву дур суфтӣ [Матн] / Б. Камолиддинов – Душанбе, 2007. – 71 с.
7. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М.Муродов. – Душанбе, 2014. – 252с.
8. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн] / Ҷ. Муқим – Душанбе, 2013. – 160 с.
9. Муъминҷонов З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион [Матн] / З.Мӯъминҷонов. –Душанбе, 2011. – 66 с.
10. Ризоӣ М. Эътимод ба телевизион [Матн] / М. Ризоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - № 4/9 (109). – Душанбе, 2013. – С. 271-275.
11. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши аввал [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005. – 96 с.
12. Саъдуллоев А. Начвои наҷотофарин [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – С. 33.
13. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / Иброҳим Усмонов. –Душанбе, 2009. –138 с.
14. Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод. –Душанбе, 2007. – С. 91.
15. Хонзода А., Ҳамдам Б. Эмомалӣ Раҳмон - ҳомӣ ва раҳнамои ҷавонон [Матн] / А. Хонзода, Б. Ҳамдам. – Душанбе, 2018. – 160 с.
16. Ҳамидиён И. И., Нарзуллозода И. Ҳ. Нақши муҳаррир дар таҳияи сенарияҳои барномаҳои телевизионӣ / И. И. Ҳамидиён, И. Ҳ. Нарзуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №8. – С. 414-419.
17. Ҳамидиён, И. И. Зарурат ва авлавиятҳои таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон ва тақвияти заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шароити Тоҷикистон / И. И. Ҳамидиён // Маводи конфронси илмию амалӣ таҳти унвони «Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон. 19 мая 2021 года. - 215 с. – Душанбе, 2021. – С. 5-12.
18. Ҳамидиён И. И. Унсурҳои ҳамгироӣ ва иртиботи репортажи телевизионӣ бо жанрҳои дигари телевизион / И. И. Ҳамидиён, Раҳими Карим // Номаи донишгоҳ (Паёми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. - №2 (71). – С. 99-108.
19. Ҳатамова М. Г. “Ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонони Тоҷикистон дар раванди дигаргуншавии ҷомеа” (таҳлили фалсафӣ- иҷтимоӣ) автореф. ном. илм. сиёсӣ: 09.00.11 / Ҳатамова Муҳайё Ғафуровна. –Хуҷанд, 2020. – С. 40.

20. Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони «Тоҷикистон» [Матн] / Зафарҷон Эшматов. – Душанбе , 2016. – 130 с.

## РОЛЬ ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ В НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОМ ОБЗОРЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ

**САИДЗОДА ШОДОНАИ ИБРОХИМ**,
аспирантка кафедры телевидения и радиовещания
Таджикский национальный университет,.
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 882-88-44-68. E-mail: oyandasoz@mail.ru

*Телевидение как социальный институт, наряду с другими видами СМИ, идет в ногу с повседневными событиями. Некоторые темы со временем устаревают, а другие темы получают приоритет. С этой точки зрения, телевидение «Таджикистан» и «Сафина», как идеологический прием правительства страны, меняет обсуждение тем на разных этапах в зависимости от своей политики. Исследование показывает, что в период навязанной гражданской войны ее важнейшей миссией было содействие развитию общества нации, а в последующую эпоху способов восстановления военного ущерба стало больше, примерно с 2005 г. области, популяризация достижений независимости, защита стабильности, безопасности, влияние транснациональных явлений на экономические, социальные, психологические и культурные условия приобрели большее значение. Важность научного мировоззрения, политической интеллигентности, осознания геополитической реальности в современную эпоху, борьбы с опасностями и угрозами терроризма и экстремизма, опасности информационных войн, национального самосознания, чувства патриотизма и служения Родине, уровень и качество образования, польза от неуклонного развития современных технологий, приглашение к чтению и чтению и тому подобное являются одними из ключевых вопросов, которые можно увидеть в телевизионных программах с 2015 года.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, телеканалы «Таджикистан», «Сафина», государственная молодежная политика, рецензия, исследование, социальный институт, жанр, влияние.*

## THE ROLE OF TAJIK TELEVISION IN THE SCIENTIFIC AND PRACTICAL REVIEW OF THE STATE YOUTH POLICY

**SAIDZODA SHODONAI IBROHIM,**
post-graduate student Department of TV and broadcasting of the
Tajik national University.
734025, Tajikistan, Dushanbe 17, Rudaki Ave.
Phone +992 882884468. E-mail: oyandasoz@mail.ru

*Television as a social institution, along with other types of media, keeps pace with everyday events. Some topics become obsolete over time, while other topics get priority. From this point of view, TV "Tajikistan" and "Safina", as an ideological device of the government of the country, changes the discussion of topics at different stages depending on its policy. The study shows that during the imposed civil war, its most important mission was to promote the development of the nation's society, and in the subsequent era, there were more ways to restore military damage, starting around 2005. the regions, the popularization of independence achievements, the protection of stability, security, the influence of transnational phenomena on economic, social, psychological and cultural conditions have become more important. The importance of a scientific worldview, political intelligence, awareness of the geopolitical reality in the modern era, the fight against the dangers and threats of terrorism and extremism, the dangers of information wars, national identity, a sense of patriotism and service to the Motherland, the level and quality of education, the benefits of the steady development of modern technologies, an invitation to reading and reading, and the like are among the key questions that can be seen in television programs since 2015.*

***Keywords:*** *Tajikistan, TV channels "Tajikistan", "Safina", state youth policy, review, research, social institute, genre, influence.*

УДК: 338 (519.1-13:575.1)

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ БО ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

**ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА,**
ходими хурди илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.
735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 901-22-88-18. E-mail: Nigora.f94@mail.ru,

*Дар мақолаи мазкур муаллиф раванди ба роҳ мондани робитаҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва иқтисодию тиҷоратии дуҷонибаи Кореяи Ҷанубиро бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Асоси ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳарду кишварҳоро робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки истифодаи захираҳои табиӣ ва энергетикии Ӯзбекистон мавриди таваҷҷуҳи ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ буда, ба рушди ҳамкориҳои дарозмудат замина гузоштааст. Айни замон,Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарики стратегии Ҷумҳурии Корея ба ҳисоб рафта, табодули молу маҳсулот миёни ду кишвар, дар соҳаҳои гуногун, сол то сол зиёд шуда истодааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Кореяи Ҷанубӣ, Ӯзбекистон, иқтисод, сармоягузорӣ, энергетика, шарики стратегӣ, ширкат, созишнома, нафт, газ, техника, воридот, содирот, саноат, муносибатҳои дипломатӣ.*

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гаштани давлатҳои узви иттиҳод, аз он ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодиро бо давлатҳои дуру наздик ба роҳ монданд. Ҷумҳурии Корея дар баробари давлатҳои Осиёи Шарқӣ истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро 30 декабри соли 1991 эътироф намуд ва муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар 29 январи соли 1992 барқарор шуд. Дар тули 30соли муносибатҳои дуҷониба дар маҷмуъ 17 мулоқоти расмӣ миёни сарони кишварҳо баргузор гардида, беш аз 197 санаду созишномаҳои гуногунҷабҳа ба имзо расонида шуд. Инчунин 11 ҷаласаи Комитети байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва 14 давраи машваратӣ байни Вазоратҳои корҳои хориҷӣ баргузор гашта, соли 2006-ум бошад Эъломияи муштарак оид ба шарики стратегӣ миёни Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонба имзо расид[5].

Қобили зикр аст, ки муносибатҳои густарда ва бисёрсамта миёни ду кишвар ба роҳ монда шудааст. Моҳи декабри соли 1993 Ҷумҳурии Корея дар Ӯзбекистон сафоратхонаи худро кушод. Дар моҳи майи соли 1992 пас аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо мақсади фаъол намудани ҳамкориҳо дар Тошкент маркази таълимӣ боз намуда, ба истифода дода шуд. Аввалин маротиба ПрезидентиҶумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов моҳи июни соли 1992 ба ҳайси роҳбари давлат ба Ҷумҳурии Корея сафар намуд, ки он замон ҳанӯз сафоратхонаи Корея кушода нашуда буд ва эътимоднomaи Сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул карда шуд.Ҳамчунин дар доираи сафари мазкур Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов дар Корея бо раиси ширкати “Daewoo” Ким У Ҷунг вохӯрӣ намуданд, ки “Озмоиши мушак” асоси ҳамкории иқтисодии Корея ва Ӯзбекистон гардид. Ҷонибҳо ба чунин мувофиқат расиданд, ки нахустин корхонаи мошинсозӣ дар Осиёи Марказӣ маҳздарӮзбекистон таъсис дода шавад ва ин корхона моҳи июли соли 1996, бо иқтидори истеҳсоли 200 ҳазор ададмошин дар як сол,ифтитоҳ гардид[6].

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов чунин қайдмекунад, ки “Доимо мустаҳкам намудани иқтисодиёти Ӯзбекистон, рушди устувор ва боэътимоди он, коркарди технологияҳои нав, ба кор даровардани даҳҳо ва садҳо муассисаҳои

замонавӣ – ҳамаи ин дар madди аввал дар натиҷаи ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба кишвари мо ва кӯмаку дастгириҳои шарикони мост". Дар охирҳои соли 2010 Ҷумҳурии Корея ба иқтисоди Ӯзбекистон 1185млн доллари ИМА сармоягузорӣ намуд, ки миқдори умумии сармоягузории дар назардоштаи Ҷумҳурии Корея ба иқтисоди Ӯзбекистон беш аз 5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил мекард. Айни замон дар Ӯзбекистон дар маҷмуъ360 корхона бо иштироки сармоягузорони Корея фаъолият менамоянд[10].Асосан, фаъолияти ин корхонаҳо дар соҳаҳои савдо, саноати сабук, саноати металургия, саноати химиявӣ, мошинсозӣ, коркарди метал ва ғайраҳо равона гардидааст.

Дар моҳи майи соли 2009 дар шаҳри Тошкент нишасти сарони Кореяи Ҷанубӣ ва Ӯзбекистон баргузор гардид, ки дар натиҷа эъломияи муштарак иборат аз 12 бандро қабул намуданд ва самтҳои нави муносибатҳо байни ин мамлакатҳо муайян гардида, 16 протокол ва созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расониданд. Президент Ли Мен Бак ва Ислом Каримов бори дигар азми худро барои таҳкими шарикии стратегии дуҷониба тасдиқ намуда, лоиҳаи ҳамкориҳо дар соҳаи истихроҷи сарватҳои табиӣ имзо намуданд. Дар Изҳороти муштарак аз ҳукуматҳо, блокҳои иқтисодӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҳарду кишвар даъват шудабуд, кимуносибатҳоро дар соҳаҳои дахлдор мустаҳкам намоянд. Сарони кишварҳо оид ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок, сохтмон, технологияҳои иттилоотӣ, истеҳсоли автомобил, саноати бофандагӣ, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, инчунин зиёд намудани сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорон ба ифоқа расиданд. Аз 16 созишномае, ки дар шаҳри Тошкант ба имзо расониданд 7-то ба рушди энергетика ва захираҳои табиӣ, 3-то ба соҳаҳои истеҳсолию молиявӣ ва 6-то ба нақлиёт ва логистика равона гардидааст.

Дар соҳаҳои канданиҳои фоиданок ва сохтмони корхонаҳои саноатӣ нақшаҳои муфассал тартиб дода, меморандум оид ба ҷустуҷӯи захираҳои нафт дар вилояти Намангон аз ҷониби ширкати миллии нафтии Корея ва ширкати "Узбекнафтгаз" имзо гардидаанд.Тавассути ин тавофуқномаи ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ нахустин бор дар Осиёи Марказӣ лоиҳаҳои энергетикиро амалӣ месозанд.Ҷумҳурии Корея ба захираҳои энергетикӣдастрасӣ пайдо мекунад ва Ӯзбекистон бошад технологияҳои замонавӣ ва дастгирӣ дар рушди иқтисодиётро ба даст меорад. Ҳамин тариқ музокироте, ки дар Тошкант баргузор гардид, барои ҳар ду ҷониб манфиатовар буд[7 с.72].

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Корея захираҳои табиӣ, махсусан канданиҳои фоиданок ва нафту газ надорад, аз ин лиҳозтаваҷҷуҳи худро бештар ба нафту газ ва захираҳои табиӣ равона намудааст.Дар замони муосир кишварҳои абарқудрат ба нафту газ таваҷҷуҳи зиёд дошта, барои ба даст овардани он ҳамеша рақобат мекунанд. Ҷумҳурии Корея низ ба қатори кишварҳои абарқудрат шомил буда, баҳри ба даст овардани манфиатҳои миллии хеш пайваста талош намуда истодааст. Ҷумҳурии Корея захираҳои энергетикӣ, нафту газро аз кишварҳои Халиҷи Форс воридот менамуд. Бинобар вазъи ноором доштани ин кишварҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ намуда, робитаҳои иқтисодию энергетикии худро бо ин минтақа бештар намуда истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок, нефту газ мебошад, ки кишварҳои абарқудрат ба ин минтақа таваҷҷуҳи худро равона намудаанд.

Дар таърихи муносибатҳои дуҷонибаю бисёрсамта миёни ду кишвар солҳои 2009 ва 2010 нақши муҳим мебозанд. Зеро моҳи майи соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Корея Ли Мён Бак ба Ӯзбекистон сафари расмӣ анҷом дод ва моҳи феврали соли 2010 Президенти Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Корея сафари расмӣ дошт, ки дар натиҷаи ин сафар чунин қайд карда шуд, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарики асосии Ҷумҳурии

Корея дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Корея яке аз бузургтариншарики сармоягузори Ӯзбекистон мебошад. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисоди Ӯзбекистон аллакай ба 2 млрд доллари ИМА расидааст. Асосан, лоиҳаҳо дар соҳаҳои нефту газ, маъданҳои кӯҳӣ, нафту-химия, логистика ва сохтмон амалӣ гаштаистодаанд. Солҳои охир самти асососии ҳамкориҳои миёни ду кишвартабдил додани фурудгоҳи байналхалқии шаҳри Навоӣба минтақаи озоди индустриалӣ-иқтисодӣ мебошад.Маркази трансконтиненталии логистикии интермодалӣ дар ҳудуди ИДМ ягона мебошад, ки дар он ҷо молумаҳсулотро сари вақт коркард намуда, бадигар давлатҳо содирот ва қисман ба ҷумҳурӣ таҳвил дода мешаванд.Маркази трансконтиненталии логистикии интермодалӣ соли 2009 таъсис гардидааст. Тадбирҳои қатъӣ ва фаъол бештар дар Ӯзбекистон қабул карда мешавад. Инчунин дар заминаи фурудгоҳ бунёди маркази байналмилалии логистикии интермодалӣ дар шаҳри Навоӣ корҳо идома дошта, имконият медихад, ки на танҳо ба сифати маркази трансконтиненталии нақлиётию экспедиторӣ истифода бурда мешавад, инчунин боз Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқиро бо Аврупо мепайвандад, ки барои дар ҷумҳурӣ ва вилоятҳоидигар ташкили корхонахои нави пуриқтидори саноатӣ мусоидат мекунад.Дар назди фурудгоҳ Минтақаи озоди иқтисодии индустриалӣ (МОИИ) низ таъсис дода шуд, ки дар чорроҳаи нақлиёти устувори бисёрмодалии Аврупо-Осиё мавқеъи муфиди ҷуғрофӣ дорад. Интиқоли молу маҳсулот аз Осиё ба Аврупо тавассути ин марказ мегузарад,ки ба занҷираи муҳими глобалии гардиши мол мубадал гаштааст[9 с.11].

Ҷумҳурии Корея бо Ӯзбекистон муносибатҳои динамикӣ ва самарабахш дорад, ки ин муносибатҳо соҳаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд. Кишварҳо заминаҳои таърихиву сиёсии гуногун доранд, вале тавонистанд роҳи дурусти ҳамкории муштаракро пайдо намоянд ва лоиҳаҳои бузурги минтақавию байналмилалиро амалӣ гардонанд. Ӯзбекистон барои диаспораи[2]. кореягиҳо хонаи бузург гардид, ки ҷамъияти онҳо “Корё-ин” ё “Корё-сарам” тақрибан 200 ҳаз. аъзо доранд. Ин кореягиҳо дар давраи Шӯравӣ аз нимҷазираи Корея ба кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳоҷиркарда шуда буданд. Дар даҳсолаи минбаъда, ҳамаи кореягиҳо ба маданияти маҳаллӣ бо муваффақият мутобиқ гардида, мавқеъи муҳимро дар ҷамъият пайдо карданд. Аз ин рӯ, Ӯзбекистон дар сиёсати берунаи Корея мақоми махсусро ишғол намудааст[4].

Мавриди зикр аст, ки “Корё сарам” ва ё “Корё-ин” ин қабилаи кореягиҳое мебошанд, ки аз сабаби ҷанг ба кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ муҳоҷир шудаанд. Айни замон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ,махсусан дар Ӯзбекистон, назар ба дигар кишварҳо бештар зиндагӣ ва кору фаъолият намуда, ба фарҳангу муҳити зисти ин минтақа мутобиқ гардидаанд. Бо даъвати Ҳукумати Ҷумҳурии Корея аъзои ин диаспора ба Ҷумҳурии Корея ташриф оварданд. Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Корея чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид ва ин кореягиҳо дар ин чорабинӣ фарҳангу анъанаҳои кишвари иқомати худро дар он ҷо ба ҳамагон муаррифӣ намуданд. Яке аз сабабҳои таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Корея ба Ӯзбекистон маҳз диаспораи кореягиҳо мебошад.

Дар санаи 21 ноябри соли 2017 Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба шаҳри Сеул сафари расмӣ анҷом доданд. Дар натиҷаи ин сафар дар соҳаҳои гуногун 75 созишнома ба имзо расониданд. Маблағи умумии ин қарордод ва созишномаҳо 8,9млрд. доллари ИМА-ро ташкил медод. Инчунин зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин сафари расмӣ 14 меморандум ба имзо расониданд, аз ҷумла:

1. Ёддошти тафоҳум оиди ба роҳ мондани истеҳсолоти гурӯҳии автомобилии“Hyundai”дар Ӯзбекистоназҷониби Раиси Кумитаи давлатии сармоягузории Ӯзбекистон Азим Аҳмадхоҷаев бо Президенти ширкати “Evergreen Motors” Эдвард Ким (дистрибютори расмии Hyundai ва KIA дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) имзо гардид. Лоиҳаи истеҳсоли мошинҳои сабукраву боркаш, таҷҳизоти таъиноти махсус ва автобусҳоигуногун аз ҳисоби сармоягузорони мустақим ба маблағи 200млн.ДоллариИМА амалӣ карда мешавад. Инчунин 50 млн. ДоллариИМАиловагӣ барои муомилоти боркашонӣ ҷудо карда шуд.

2. Созишнома оиди татбиқи лоиҳаи истеҳсоли модулҳои панелҳои офтобӣ ва сохтмони нерӯгоҳҳои фотоэлектрикии офтобӣ дар Ӯзбекистон байни ширкати кореягӣ POSCO Daewoo ва Кумитаи давлатии сармоягузории Ӯзбекистон ба маблағи 634,5 млн. ДоллариИМАба имзо расониданд. Аз маблағи умумӣ ҳаҷми сармоягузории мустақим 127,5 млн.ДоллариИМА-ро ташкил медиҳад.

3. Дар доираи Форуми тиҷорати Ӯзбекистону Корея Ҷамъияти Саҳомии “Узстройматериал” 7 созишнома дар ҳаҷми 416,2 млн. ДоллариИМАба имзо расонид. Созишномаи мазкур барои амалисозии тадбирҳои коркарди ашёи хоми Ӯзбекистон, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот, васеъ намудани навъҳои маҳсулоти рақобатпазир барои содирот равона гардидааст.

4. 7 созишнома дар ҳаҷми 189,9 млн. доллар ба имзо расониданд. Дар доираи ин созишномаҳо дар Ӯзбекистон корхонаи истеҳсоли автомобилии“Шевроле Трекер” таъсис дода мешавад. Истеҳсоли автомобилҳоаз рӯи давраи пурра: штампкунӣ, кафшеркунӣ, рангуборкунӣ ва монтажкунӣ иҷро карда мешавад. Сатҳи маҳаликунонии автомобилҳо зиёда аз 50%-ро ташкил хоҳад кард.Инчунин мошини тамғаи “Кобалт” бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти он дар бозорҳои дохилию хориҷӣ азнавсозӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсолот ва иқтидори содиротии “Алянс Ҷи Эм Ӯзбекистон” зиёд карда шавад. Истеҳсоли тамғаҳо дар заминаи корхонаи мошинсозии Асака ба роҳ монда шавад. Оғози истеҳсоли силсилавии он дар соли 2019 сурат гирифт.

5. Комитети Давлатӣ оид ба экология ва ҳифзи муҳити зист ва ширкати кореягии Sejin G&E дар лоиҳаи коркард ва партовҳои зарарноки сахти коммуналӣ, ба даст овардани гази партовгоҳ ва истеҳсоли электрикӣ-гармдиҳӣ якҷоя кор хоҳанд кард. Барои ба амал овардани лоиҳаи ширкати Sejin G&E 60 млн. долар сармояи мустақим ҷудо намудааст.

6. Созишнома миёни Вазорати тандурустии Ӯзбекистон ва (Chung Hospital) беморхонаи Чунги Корея ба имзо расонид. Инчунин меморандум оиди пешрафт дар Ӯзбекистон дар самтҳои телемедисина, мубодилаи таҷрибаи дуҷониба, такмили ихтисоси духтурон аз Ӯзбекистон дар Корея, ки аз ҷониби мутахассисони кореягӣ дарсҳои маҳорат гузаронида мешавад, натиҷагирӣ гардид. (Меморандум миёни Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, Корпоратсияи пешсафони тибби Кореяи Ҷанубӣ, Gachon University Gil Medicai Center in Incheon ба имзо расид).

7. Масъалаи кушода шудани филиали донишгоҳи хориҷӣ, ки кадрҳо барои соҳаи тиб тайёр менамоянд, муҳокима намуданд. Ин лоиҳаҳо аз ҷониби Мактаби тиббии Донишгоҳи Кореяи Ҷанубӣ Инҳа Inha University бояд амалӣ гардад.

8. Дар давоми мавзӯи маориф: масъалаи кушодани барномаи магистрӣ дар Донишгоҳи Инҳа дар доираи гуфтушунид миёни Вазири рушди технологияи иттилоотӣ ва комуникатсионӣ Шерзод Шерматов ва Президенти Инҳа дар Ҷумҳурии Корея хонум Сунян Чой муҳокима гардид. Инчунин протокол оиди додани 3 грант ба донишҷӯёни ӯзбек барои таҳсил дар дараҷаи магистратура дар Инҳаи Корея ба имзо расониданд.

9. Созишнома миёни “Агентии рушди саноати дорусозии”назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва як қатор ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ (Dalim Bio Tech, Yuhan Corporation ва Erae) дар ҳаҷми 25 миллион доллари амрикоӣ ба имзо расониданд. Барои зудтар амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ӯзбекистон 7 минтақаи нави озоди иқтисодии фармасевтӣ мусоидат мекунад.

10. Дар доираи сафари расмии Шавкат Мирзиёев дар Сеул, санаи 20 ноябри соли 2017, муассисаи илмию истеҳсолии “ФОНОН” ва ширкати Кореяи Ҷанубӣ Hwachon Plant-Gemco бароидар Тошкент таъсис додани корхонаи муштараки заргарии Ӯзбекистон созишнома ба имзо расониданд.

11. “Узбекингилсаноат” бо ширкатҳои тиҷоратии Корея Posco Daewoo, Color Paradise, Solsang Intemational Corp, RATEL E&Tco, Ltd, Korea Factory ва Lotte Mart барои содироти маҳсулот дар солҳои 2017-2018 бо маблағи 70 млн доллари ИМАшартнома бастанд. Инчунин Ассотсиатсияи байналмилалии тиҷоратии Корея (KITA)маҳсулоти нассоҷии Ӯзбекистонро тавассути платформаи савдои электронии KOREATrade пешбарӣ хоҳад кард.

12. Созишнома оиди бунёди деҳаи экологӣ дар Тошкент миёни муовини раиси шаҳри Тошкент А.Тиляев ва намояндаи Кореяи ҶанубӣJeil Constructionба имзо расид. Масоҳати ин шаҳрак 5 гектар буда, арзиши сохтмон 6млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Инчунин созишнома оиди сохтмони бинои бисёрфунксионалии комплекси истиқоматӣ дар Тошкент дар ҳаҷми 7 млн. доллари ИМАба имзо расониданд.

13. Санаи 21 ноябри соли 2017 илова бар созишномаи асосии байнибонкии Корея “Эксимбанк” ва “Узпромстройбанк”, созишномаи нави қарзӣ дар ҳаҷми30 млн. доллари ИМАба имзо расид. Мақсади ин созишнома расонидани кӯмаки бештар ба субъектҳоисоҳибкории Ӯзбекистон мебошад. Ҳамин тариқ маблағҳо ба соҳибкорони ӯзбекистонӣ барои дарозмуддат (ба муддати 7 сол, ки маблағгузории 85%-и арзиши лоиҳа) ва ё қарзҳои кӯтоҳмуддат (ба муддати 2 сол бо маблағгузории 100%-и арзиши лоиҳа) таъмин карда мешавад.

14. Намояндагони Вазорати таълими томактабии Ӯзбекистон бо ҳамкасбони кореягӣ тақрибан 20 мулоқот анҷом доданд. Созишнома бо 2 донишгоҳ Санмёнг ва Чунг-Анг инчунин Меморандум оид баҳамдигарфаҳмӣ бо Донишгоҳи Миллии Чоннам имзо намуданд. Мақсади онҳо табодули таҷриба миёни донишҷӯён, омӯзгорон ва роҳбарон, модернизатсияи усулҳои таълим, тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои муассисаҳои таълимоти томактабӣ, гузаронидани тадқиқотҳои муштарак, конференсияҳо, намоишҳо, семинарҳо мебошад[1].

Аз таҳлилҳо чунин бар меояд, ки дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон сармоягузорон ва ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ нақши муҳим мебозад. Лоиҳаҳои ба имзорасида миёни ду кишвар шаҳодат аз он медиҳанд, ки тавассути амалисозии лоиҳаҳои мазкур, ба ҳар ду кишвар муяссар мегардад, то манфиатҳои миллии хешро ба даст оранд. Метавон гуфт, ки лоиҳаҳои афзалиятноки дар боло зикргардида, фаъол буда, аксарияти онҳо амалӣ гардида истодаанд. Ин иқдомҳои пешгирифтаи Кореяи Ҷанубӣ ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон такони бузург медиҳад.

Бо даъвати Президенти Ӯзбекистон 18-21 апрели соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Корея Мун Ҷэ Ин ба Ӯзбекистон сафари расмӣ анҷом дод. Пас аз мулоқоти судманд сарони давлатҳо як силсила санадҳои ҳамкориҳои дуҷонибаро имзо намуданд. Сарони давлатҳо Шавкат Мирзиёев ва Мун Ҷэ Ин Эъломияи муштарак дар бораи шарикии махсуси стратегӣ миёни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Корея имзо

намуданд. Инчунин миёни ҳукуматҳо ва вазоратҳо ҳуҷҷатҳои алоҳида: ҳавасмангардонӣ ва ҳифзи сармоягузории тарафайн,омӯзиши кайҳон ба мақсадҳои осоишта, муносибатҳои илмӣ, технология ва инноватсия, таъсиси Маркази муносибатҳои ӯзбекӣ-кореягӣ дар соҳаи тандурустӣ, технология ва инноватсия ба имзо расид[3].

Дар шароити бархурди манфиатҳо ва рақобатҳои сиёсию иқтисодӣ миёни кишварҳои абарқудрат ҳамеша рақобатпазирӣ мавҷуд буда, онҳо баҳри ба даст овардани манфиатҳои миллии хеш пайваста дар рақобат мебошанд. Кореяи Ҷанубӣ низ аз ин раванд дур набуда, дар минтақа мавқеи махсуси худро дорад ва бо кишварҳои ҳамсафи худ дар майдони сиёсӣ ҳамеша дар ҳолати рақобатпазирӣ қарор дорад. Ҳамзамон метавон гуфт, ки Кореяи Ҷанубӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. На танҳо Кореяи Ҷанубӣ инчунин дигар кишварҳои абарқудрат аз қабили Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Япония ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ дошта, мақоми махсусро ишғол намудаанд.Қайд кардан ба маврид аст, ки дар сиёсати пешгирифтаи Кореяи Ҷанубӣ энергетика ва иқтисод самтҳои муҳими сиёсати равобити хориҷӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷонибҳо равобити дипломатию сиёсӣ ба хусус ҳамкориҳои иқтисодӣ ва энергетикиро дуруст ба роҳ монда, густариш ва тақвият дода истодаанд.

Айни замон Бонки Рушди Корея (Korea Development Bank) (минбаъд БРК ё KDB) имкониятҳои ба даст овардани қисми зиёди саҳмияҳои Royal Bank of Scotland Group PLC (RBS) дар Ӯзбекистон, RBS Ozbekiston-ро баррасӣ менамояд.Амалӣ шудани ин ба БРК(KDB) имконият медиҳад, ки фаъолияти худро дар Ӯзбекистон ба таври назаррас васеъ намояд. Айни замон дороиҳои ин ширкат тақрибан 123 млн. доллар ва дороиҳои воҳиди RBS дар Ӯзбекистон 365 млн. доллар арзиш доранд. Самти дигари ҳамкориҳо дар бахши молиявӣ, ки муҳим арзёбӣ гардидааст - ин ҳамкориҳо миёни биржаҳои фондии Корея ва Ӯзбекистон мебошад.Дар ҳошияи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ байни Кумитаи амволи давлатии Ӯзбекистон ва биржаи фондии Корея созишнома дар бораи модернизатсияи бозори фондии Ӯзбекистон ба имзо расид. Дар созишномаи мазкур фиристодани таҷҳизоти нави техникӣ ва барномаҳои таъминотӣ пешбинӣ гардидааст, ки чараёни хариду фурӯши қоғазҳои қиматбаҳоро метезонад. Баъди имзои ин Созишнома корҳои зиёдеро анҷом доданд ва дар ин давра якчанд вохӯриҳо дар Тошканд ва Сеул баргузор гардид. Дар ин вохӯриҳо тамоми ҷузъиёти кории бозори фондӣ аз гардиши қоғазҳои қимматнок, аз ҷумла баровардани он, муҳокима гардиданд[8 с.14-15].

Аз таҳлилҳо чунин бар меояд, ки муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон хело хуб ба роҳ монда шудааст.Аз замони барқароршавии муносибатҳои дипломатию сиёсӣ ва иқтисодӣ 30 сол сипарӣ гардид. Дар 30 соли сипаригардида, муносибатҳо миёни ду кишвар пайваста рушд гардида, меморандум ва созишномаҳои байниҳукуматӣ ба имзо расонида шуд. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин давра Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарики стратегии Кореяи Ҷанубӣ эълон гардид, ки ба муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва густарда таҳким бахшид. Аз ҷониби Ҳукумати Корея ва ширкатҳои бузурги кишвар сармоягузорон ва лоиҳаи қарзҳои дарозмуддат дар иқтисодиёти Ӯзбекистон пешниҳод ва зиёд карда шуд. Ҳамзамон сафарҳои расмӣ миёни сарони ду кишвар баргузор гардида, баҳри рушди муносибатҳои дуҷониба саҳми беназири худро расониданд.

**Адабиёт**

1. 14 самых главных соглашений Узбекистана и Южной Кореи (themag.uz) URL:https://themag.uz/post/14-glavnyh-soglashenij-s-juzhnoj-korei? (Санаи муроҷиат 13.04.2022).
2. Диаспора (аз юнонӣ“διασπορά”, «пароканда») бахшеазмардуме, киберуназкишвариаслиихудзиндагӣмекунанд, даркишварииқоматгурӯҳҳоиэтникиимуттаҳидваустуворроташкилмедиҳандвабароиниго ҳдорӣварушдиҳувиятвачомеаихудниҳодҳоиичтимоӣдоранд.
3. Крепнутузбекско-корейские отношения особого стратегического партнерства (uza.uz)URL: https://uza.uz/ru/posts/krepnut-uzbeksko-koreyskie-otnosheniya-osobogo-strategicheskogo partnerstva_299176 (Санаи муроҷиат 15.04.2022).
4. Мехмет Фатих Озтарсу (oztarsu@gmail.com) турецкий аналитик из Сеула.Уникальность корейско-узбекских отношений (часть 1) (koreatimes.co.kr) ( Санаи муроҷиат 13.04.2022).
5. Министерство иностранных дел Республики Узбекистан (mfa.uz) URL: https://mfa.uz/ru/pages/with-asia-pacific (Санаи муроҷиат 1.04.2022)
6. Узбекистан и Республика Корея отмечают 30-летие дипломатических отношений URL: https://www.gazeta.uz/ru/2022/01/29/uzbekistan-korea/ (Санаи муроҷиат 28.02.2022).
7. Хо Мен Вхун, Ксения Е.Р “Продвижение стратегии экономического сотрудничества Республика Корея со странами Центральной Азии” //Россия и АТР// URL: prodvizhenie-strategii-ekonomicheskogo-sotrudnichestva-respubliki-koreya-so-stranami-tsentralnoy-azii.pdf 2010 №3 саҳ 72. ( Санаи муроҷиат 14.04.2022).
8. Чон Де Ван “Экономическое сотрудничество между Кореей и Узбекистаном:тенденциии перспективы” //Халқароиқтисодиётваиқтисодиймуносибатлар//Международнаяэкономикаиэкономические отношения//URL:https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomicheskoe sotrudnichestvo-mezhdu-koreey-i-uzbekistanom-tendentsii-i-perspektivy-1/viewerт(1).pdf. саҳ 14-15 (Санаимуроҷиат18.03.2022).
9. Чон Де Ван “Экономическое сотрудничество между Кореей и Узбекистаном:тенденции и перспективы” //Халқароиқтисодиётваиқтисодиймуносибатлар/Международнаяэкономикаиэкономические отношения//URL:тekonomicheskoe-sotrudnichestvo-mezhdu-koreey-i-uzbekistanom-tendentsii-i-perspektivy(1).pdf саҳ 11. (Санаимуроҷиат 18.03.2022).
10. Чон Де Ван Развитие торгово-экономических отношений между Республикой Корея и Республикой Узбекистан 08.00.09 “Мировая экономика”URL:https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomicheskoe-sotrudnichestvo-mezhdu-koreey-i-uzbekistanom-tendentsii-i-perspektivy-1/viewer (Санаи муроҷиат:24.03.2022 ).

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ЮЖНОЙ КОРЕИ С РЕСПУБЛИКОЙ УЗБЕКИСТАН НА САВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

**ФАЙЗУЛЛАЕВАНИГОРА НЕГМАТОВНА,**
младший научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ.
735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33,
Тел.: (+992) 901-22-88-18. E-mail: Nigora.f94@mail.ru,

*В данной статье автор анализирует процесс установления двусторонних дипломатических, политических, экономических и торговых отношений между Южной*

*Кореей и Республикой Узбекистан на современном этапе. Основу двустороннего сотрудничества двух стран составляют торгово-экономические и инвестиционные связи. Автор также отмечает, что использование природных и энергетических ресурсов Узбекистана представляет интерес для южнокорейских компаний и заложило прочную основу для развития долгосрочного сотрудничества. В настоящее время, Республика Узбекистан является стратегическим партнером Республики Кореи, и обмен товарами между двумя странами развивается в различных сферах.*

***Ключевые слова:*** *Южная Корея,Узбекистан, эканомика, инвестиция, энергетика, стратегическое партнерство, развитие, компания, нефть газ, техника, импорт, экспорт, промышленность, дипломатическое отношения.*

## ECONOMIC COOPERATION OF SOUTH KOREA AND REPUBLIC OF UZBEKISTAN IN MODERN TIME

**FAIZULLAEVA NIGORA NEGMATOVNA,**
Junior Researcher, Department of South-East Asia,
Institute of studying of the problems of Asian and European Countries,
National Academy of Sciences of Tajikistan.
735025, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 901-22-88-18. E-mail: Nigora.f94@mail.ru

*In this article, the author analyzes the process of establishing bilateral diplomatic, political, economic and trade relations between South Korea and the Republic of Uzbekistan in modern time. The basis of bilateral cooperation between the two countries is trade, economic and investment.The author also notes that the use of Uzbekistan's natural and energy resources is of interest to South Korean companies and has laid a solid foundation for the development of long-term cooperation. At present, the Republic of Uzbekistan is a strategic partner of the Republic of Korea, and the exchange of goods and products between the two countries is developing in various fields.*

***Keywords****: South Korea, Uzbekistan, economy, investments, energy, strategic partnership, development, company, oil, gas, technology, export, import, industry, diplomatic relations.*

УДК: 327.2

# МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**САФАРОВ МУСЛИҲИДДИН,**
унвонҷӯйи кафедраи илмҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара,
н. Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
Тел: (+992) 904-63-86-77. E-mail: muslihiddin92@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити имрӯза дар як қатор бо давлат, созмонҳои байналхалқӣ дар муносибатҳои хориҷии давлатҳо мавқеи хосса касб намудаанд. Дар муносибатҳои хориҷии давлат самтҳо ва вазифаҳои нав ба миён омаданд, ки бо муносибатҳои бисёрҷонибаи давлатҳо алоқаманд мебошанд. Амалигардии чунин муносибатҳо ва иҷроиши вазифаҳои нав бо фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ алоқаи ногусастанӣ доранд.*

*Яке аз масъалаҳои муҳим дар омӯзиши созмонҳои байналхалқӣ - давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад, диққати махсусро талаб менамояд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки нисбати ин масъала мавқеи ягона ташаккул наёфтааст, зеро пайдоиши созмонҳои байналхалқӣ ба марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ алоқаманд карда мешавад.*

*Пайдоиши созмонҳои байналхалқӣ бо сабабҳои умумӣ, ки бо хусусиятҳои рушди ҷомеа дар ин марҳилаи инкишоф алоқаманд буд, амалӣ мегардид. Талабот ба бунёди шаклҳои мухталифи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ барои ҳалли миқдори зиёди проблемаҳо, ки берун аз доираи муносибати байни кишварҳо қарор доштанд, ба миён омада буд.*

*Талабот ба бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои ивазнамоиҳои бисёрҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ, дар бароҳмонӣ ва нигоҳдории қоидаҳо ва меъёрҳои доимӣ ва универсалӣ дар ин соҳа, бунёди механизмҳои ҳалли масъалаҳои баҳснок, инчунин дастгирии муносибатҳои тарафайни устувори ҳуқуқи байналхалқӣ, нақлиётӣ, инфрасохторӣ, коммуникативӣ ва молиявӣ боиси ташаккули ҳуқуқи байналхалқӣ гардиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои байналхалқӣ, созмонҳои байналхалқӣ, созмонҳои минтақавӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, муносибатҳои бисёрҷониба, сиёсати хориҷӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, низоми ҷаҳонӣ.*

Дар нимаи дуюми асри XX дар арсаи байналхалқӣ, дар як қатор бо давлат, иштирокчиёни нави муносибатҳои байналхалқӣ – созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ пайдо гардидаанд, ки дар муносибатҳои хориҷии давлатҳо мавқеи хосса касб намудаанд. Дар чунин ҳолат дар муносибатҳои хориҷии давлат самтҳо ва вазифаҳои нав ба миён омаданд, ки бо муносибатҳои бисёрҷонибаи давлатҳо алоқаманд мебошанд. Амалигардии чунин муносибатҳо ва иҷроиши вазифаҳои нав бо фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ алоқаи ногусастанӣ доранд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар соҳаҳои мухталифи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ созмонҳои байналхалқӣ ташаккул ёфтаанд, ки ҳамчун марказҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳо дар ин соҳаҳо ба ҳисоб мераванд.

Ба хотири муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои созмонҳои байналхалқӣ, ошкор намудани марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи онҳо зарур аст, ки мафҳуми "созмонҳои байналхалқӣ" тасниф карда шавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки таснифоти ягонаи мафҳуми "созмонҳои байналхалқӣ", ки тамоми ҷараёнҳо ва муносибатҳои илмиро қонеъ намояд,

вуҷуд надорад, яъне ҳанӯз пешниҳод карда нашудааст. Ҳар як муносибат ва ҷараёни илмӣ ба ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ диққат дода мувофиқи он таснифоти худро пешниҳод намудаанд, ки албатта ба якдигар мувофиқ нестанд.

Ба таври умумӣ, "созмонҳои байналхалқӣ" як навъ бунёдиҳои фаромиллӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин радиф метавон созмонҳои байналхалқии байниҳукуматӣ, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, форумҳои байналхалқӣ, конференсияҳо, ширкатҳои фаромиллӣ, ҳаракатҳои муташаккили шаҳрвандиро ба қатори созмонҳои байналхалқӣ ворид намуд.

Таҳлили таснифотҳои мафҳуми "созмонҳои байналхалқӣ" нишон медиҳад, ки онҳо асосан дар асоси муайян намудани аломатҳо ва хусусиятҳои созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун ниҳоди алоҳида пешниҳод карда шудаанд. Ба таври умумӣ, метавон чунин аломат ва хусусиятҳои созмонҳои байналхалқиро ҷудо намуд: муттаҳидшавии ихтиёрии давлатҳои соҳибистиқлол; ташаккул ва инкишоф мувофиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ; бунёдгардӣ дар асоси шартномаи байналхалқӣ; бунёдгардӣ барои фаъолияти доимӣ; мавҷудияти мақсадҳои муайяни умумӣ; мутобиқати мақсад ва вазифаҳои созмон ба принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи байналхалқӣ; мавҷудияти низоми мақомотҳои доимамалкунанда, мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадоирҳо [6,29].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки созмони байналхалқӣ – ин муттаҳидшавии ихтиёрии давлатҳои соҳибистиқлол аст, ки мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ дар асоси шартнома ва бо хусусияти доимӣ будан бунёд гардида, дорои мақсадҳо ва вазифаҳои умумии ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқии умумиэътирофгардида мувофиқ, дорои низоми мақомотҳои доимамалкунанда, дорои ҳуқуқи субъекти ҳуқуқӣ будан, дорои мустақил будан, мебошад. Созмони байналхалқӣ ин ниҳоди устувори гуногунҷабҳаи муносибатҳои байналхалқӣ мебошанд, ки аз тарафи ҳадди ақал се давлат бунёд гардида, дорои мақсад, салоҳият ва мақомотҳои дохилӣ, меъёрҳои махсуси сиёсиву ташкилӣ мебошад.

Созмонҳои байналхалқӣ ба сифати субъекти алоҳидаи муносибатҳои байналхалқӣ баромад намуда, аз давлат мустақилияти нисбӣ доранд. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нисбати ин масъала дар байни муҳаққиқон мавқеи ягона ташаккул наёфтааст. Як гурӯҳ муаллифон [15,138] созмонҳои байналхалқиро маҳсули фаъолияти давлат медонанд, аз ин хотир онҳо аз давлат мустақилияти нисбӣ надоранд. Албатта, созмони байналхалқӣ ҳамчун ниҳоди алоҳида аз ҷониби зиёда аз се давлат бунёд гардида, фаъолияти он ба таъмини самаранокии фаъолият дар соҳаҳои алоҳида равона карда шудааст. Созмонҳои байналхалқӣ бояд дар хизмати давлат қарор дошта бошад.

Лекин, гурӯҳи дигари муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки созмонҳои байналхалқӣ ба иштирокчиёни ғайридавлатӣ дохил мешаванд. Масалан, К.Арчер, ин ақидаро дастгирӣ намуда, далелҳои зеринро пешниҳод менамояд: як қатор созмонҳои байналхалқӣ дорои қисмҳои алоҳидаи сохторӣ мебошанд, ки бо онҳо созмонҳои ғайриҳукуматӣ дохил мешаванд; ҳукумат танҳо шохаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад ва ин танҳо як қисми он аст, дигар шохаҳои ҳокимият ба созмонҳои байналхалқӣ дохил нестанд [13,57].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки созмонҳои байналхалқӣ метавонанд, ки ба кишварҳо таъсири муайян расонанд, ва нисбат ба онҳо мустақилияти нисбӣ доранд, зеро дар ҳолатҳои алоҳида метавонанд, ки давлатро ба амалӣ намудани ин ё он ислоҳот

водор менамоянд ва дар ин самт аз фишангҳо ва воситаҳои мухталиф истифода мегамянд.

Дар шароити имрӯза ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ дар доираи таҳқиқотҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳим дар омӯзиши созмонҳои байналхалқӣ - давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад, диққати махсусро талаб менамояд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки нисбати ин масъала мавқеи ягона ташаккул наёфааст, зеро пайдоиши созмонҳои байналхалқӣ ба марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ алоқаманд карда мешавад.

Умуман, метавон қайд намуд, ки дар афкори мутафаккирони давраи антиқа, асримиёнагӣ, давраи замони нав ғояи таъсиси созмони байналхалқӣ, ки фаъолияти он бояд ба таъмини амният, рушд ва инкишофи ҷомеа равона гардида бошад, ҷой дорад. Лекин ин танҳо як ғоя, як ақида буд [1,59]. Масалан, дар давраи асримиёнагӣ чунин ғояҳо оид ба бунёди Шӯрои иттифоқи умумиаврупоӣ, Шӯрои иттифоқӣ, Конгресси доимӣ аз тарафи Дюбуа, Подебрад ва Э.Крюсе пешниҳод карда шудаанд [10,121]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи замони нав ғояҳои бунёди созмони байналхалқӣ инкишоф намуда, нисбатан васеъ ва пурратар гардиданд. Дар ин давра аз тарафи В. Пенн ва М. Генрих ғояи бунёди Шӯрои иттифоқӣ ва Шӯрои олӣ пешниҳод гардида, Ш.Снг-Пер, И. Блюнчли ва И.Конт лоиҳаҳои алоҳидаи таъсиси созиони байналхалқиро пешниҳод намудаанд, ки бемуваффақият ба анҷом расидаанд [2,83].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки аз давраи антиқа ғояи бунёди механизми байналхалқии таъмини рушди ҷомеа ва таъмини амният пешниҳод гардида буд, ки дар давраи замони чунин ғояҳо нисбатан пурратар ва васеътар гардиданд, лекин ин ғояҳо амалӣ нагардиданд. Танҳо дар давраи замони нав лоиҳаҳои мушаххаси бунёди созмонҳои байналхалқӣ пешниҳод гардиданд, лекин онҳо низ бемуваффақият ба итмом расиданд.

Аввалин созмонҳои байналхалхалқӣ танҳо дар асри XIX пайдо шуданд. Соли 1804 Комиссияи марказии киштигардӣ дар Рейн байни Фаронса ва Олмон, ки дар асоси шартнома фаъолият менамуд, таъсис дода шуд. Танҳо соли 1915 он ба сифати созмони байналхалқии байниҳукуматӣ эътироф карда шуд [1,62]. Ҳамин тариқ, ин аввалин созмони байналхалқӣ аст, ки ҳаракат ва тамоми навъҳои фаъолиятро дар дарёи Рейн танзим менамуд. Сипас ба ин комиссия Белгия, Нидерландия, Швейтсария ҳамчун аъзоёни комилҳуқуқ ворид шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ин созмон масъалаи мавҷудаи байни кишварҳоро дар истифода намудани дарёи Рейн то андозае содда намуд. Чунин мешуморем, ки ин муваффақият заминаи зарурии ташаккули созмонҳои байналхалқии дигар гардид. Илоав бар ин, дар ин давра якчанд омили объективии дигар низ мавҷуд буд, ки давлатҳоро ба таъсиси созмонҳои байналхалқӣ водор менамуд. Ба чунин омилҳо метавон ҷанбаҳои зерин, ба монанди: ташаккули миқдори зиёди проблемаҳо дар сарҳадоти якчанд соҳа; тулони будани мувофиқанамоии мавқеи давлатҳо нисбат ба проблемаҳои мавҷуда; афзудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ байни давлатҳо; миқдори зиёди иштирокчиёни раванди мувофиқанамоӣ ва вобастагии чунин иштирокчиён аз интихобкунандагон ва афкори ҷамъиятӣ ва ғайраҳоро ворид намуд [5,9]. Илова бар ин, рушди воситаҳои алоқа, роҳҳои нақлиётӣ, инкишофи тиҷорати байналхалқӣ ба ташаккули созмонҳои байналхалқӣ мусоидат намудаанд. Ҳамин тариқ, дар заминаи омилҳои зикргардида, як қатор мозмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Конференсияи аврупоӣ оид ба ҷадвали қаторахои

мусофирбар, Иттифоқи умумиҷаҳонии почта, Иттифоқи байналхалқии телеграф, Иттифоқи байналхалқии ҳимояи моликияти саноатӣ ва ғайраҳо таъсис дода шуданд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки пайдоиши созмонҳои байналхалқӣ бо сабабҳои умумӣ, ки бо хусусиятҳои рушди ҷомеа дар ин марҳилаи инкишоф алоқаманд буд, амалӣ мегардид. Талабот ба бунёди шаклҳои мухталифи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ барои ҳалли миқдори зиёди проблемаҳо, ки берун аз доираи муносибати байни кишварҳо қарор доштанд, ба миён омада буд [3,167]. Бо бунёди созмонҳои байналхалқӣ ниҳоди нави муоширати байналхалқӣ, ки имрӯз яке аз унсурҳои бунёдкунандаи низоми сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ гардидааст, ташаккул ёфт.

Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии соли 1857, ки аз бисёристеҳсолкунии молу маҳсулоти саноатӣ ба миён омада буд, як навъ нишондиҳандаи бадастории сатҳи баланди интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидории давлат гардид. Талабот ба бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои ивазнамоиҳои бисёрҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ, дар бароҳмонӣ ва нигоҳдории қоидаҳо ва меъёрҳои доимӣ ва универсалӣ дар ин соҳа, бунёди механизмҳои ҳалли масъалаҳои баҳснок, инчунин дастгирии муносибатҳои тарафайни устувори ҳуқуқи байналхалқӣ, нақлиётӣ, инфрасохторӣ, коммуникативӣ ва молиявӣ боиси ташаккули ҳуқуқи байналхалқӣ гардиданд. Чунин ҳолат, дар навбати худ, ба бунёди аввалин созмонҳои байналхалқӣ мусоидат намуд [9,10].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аввалин созмони байналхалқӣ дар ҳаёти сиёсии байналхалқӣ танҳо пас аз ҷанги якуми ҷаҳон ташаккул ёфтааст, ки мақсади асосии он нигоҳдории сулҳ ва амният ба ҳисоб мерафт [12,233]. Оқибатҳои фоҷиабори ҷанги якуми ҷаҳон тамоми ҷаҳонро водор намуда буд, ки механизми муайяни нигоҳдории осоиштагӣ ва амниятро дар арсаи байналхалқӣ бунёд намояд. Ҳамин тариқ, миқдори зиёди лоиҳаҳои созмони байналхалқии сиёсӣ таҳия гардид, ки дар натиҷаи лоиҳаи Амрико, Фаронса ва Британияи Кабир интихоб карда шуд [4,24]. Ҳамин тариқ, созмони байналхалқии сиёсии Лигаи Миллатҳо таъсис дода шуд.

Муносибати кишварҳои пешбар дар доираи Лигаи Миллатҳо, ки ҳар яке ба ҳимояи манфиат ва талаботҳои худ кӯшиш менамуд, нокомии фаъолияти созмонро нишон медод. Ҳарҷанд, Лигаи Миллатҳо то оғози ҷанги дуюми ҷаҳон фаъолият дошт, лекин дар доираи он механизме, ки тавонад дар атроф таъмини сулҳу амният тамоми кишварҳоро муттаҳид намояд, амалӣ нагардид. Ҳамин буд, ки Лигаи Миллатҳо натавонист, ки заминаҳои ҷанги дуюми ҷаҳонро бартараф намояд, яъне, вазифаи асосии худ – таъмини амниятро иҷро карда натавонист.

Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон таҷрибаи нокомиву номуваффақиятии Лигаи Миллатҳо дар бунёди тарҳҳои нави созмонҳои байналхалқӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар ин самт, пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон Созмони Миллали Муттаҳид таъсис дода мешавад, ки мақсади асосии он таъмини амнияти байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза созмону ташкилотҳои махсусгардонидаи СММ дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим доранд.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза масъулияти асосии нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналхалқӣ ба дӯши Шӯрои амнияти СММ вогузор карда шудааст, ки ваколати ба сулҳ маҷбурнамоии давлатҳои алоҳидаи соҳибистиқлолро, ки бо амалҳои худ ба сулҳ ва амният таҳдид менамоянд, дорад.

Дар ҷараёни “ҷанги сард” байни ду низоми асосии ҷаҳонӣ – ҷаҳони капитализм ва ҷаҳони коммунизм, созмонҳои мухталифи байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ бунёд карда шуданд, ки мавқеъ ва манфиати ҷонибҳои мухолифро ҳимоя менамуданд. Дар ин давра, дар асоси шартнома чунин созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ, Созмони Шартномаи Варҳава, Шӯрои кумаки тарафайни иқтисодӣ, Иттиҳодияи аврупоии ангишт ва оҳан таъсис дода шуданд.

Дар шароити имрӯза созмонҳои байналхалқӣ дар роҳбарӣ ва ислоҳоти соҳаи амният нақши калидӣ доранд: онҳо иттилоот ва машваратҳоро пешнишод менамоянд, огоҳии сатҳи баландро аз масъалаҳои амният таъмин мекунанд, таълим, барнома ва лоиҳаҳоро дар самтҳои мухталиф, ба монанди малакаву маҳорати техникӣ, роҳбари дар бахши амният, назоратнамоӣ маблағгузорӣ менамоянд.

Инчунин созмонҳои байналхалқӣ дар раванди эҷоди қонунҳо, таъмини иҷроиши меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ нақши роҳбарикунандаро иҷро менамоянд. Онҳо алоқаи байни ҳукуматҳо ва ҷомеа, байни кишварҳои алоҳида ва дигар мақомоти байналхалқӣ, ки ба роҳбарӣ ва ислоҳоти соҳаи амният машғуланд, таъмин менамоянд.

Иштироки созмонҳои байналхалқӣ дар ислоҳоти соҳаи амният дар солҳои 90-уми асри XX фаъол гардид, зеро ошкор карда шуд, ки чорабиниҳои рушд, махсусан дар ҷараён ва пас аз хотима ёфтани моҷароҳо дар шароити мавҷудияти таҳдидҳо номуваффақ мебошанд. Роҳбарии соҳаи амният ҳамчун унсури муҳими ташкилот, идоракунӣ ва лоиҳаҳои барқарорнамоӣ баррасӣ карда мешаванд. Илова бар ин, назорати демократии соҳаи амният шароити муҳими муносибатҳои шарикона ва аъзогӣ дар чунин созмонҳо ба монанди Иттиҳоди Аврупо, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ва Шӯрои Аврупо гардид.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, дар арсаи байналхалқӣ миқдори зиёди созмонҳои байналхалқии ваколатҳои умумӣ ва ваколатҳои махсус ташаккул ёфтаанд, ки ҳамкорӣ, ҳамгироӣ ва шарикии кишварҳоро дар соҳаҳои алоҳида таъмин менамоянд.

Дар асоси таҳлил ва баррасии хусусиятҳои фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ метавон марҳилаҳои зерини ташаккул ва инкишофи созмонҳои байналхалқиро ҷудо намуд:

-пайдоиши шаклҳои ибтидоии созмонҳои байналхалқӣ, ки бо оғози шаклгирии созмонҳои байналхалқӣ алоқаманд мебошад: Иттифоқи муқаддас (1815); Комиссияи марказии киштигардӣ дар Рейн (1815); Комиссияи киштигардии Дунай (1856); Иттифоқи умумиҷаҳонии почта (1874); Иттифоқи байналхалқии телеграф (1875); Иттифоқи байналхалқии ҳимояи моликияти саноатӣ (1883) ва ғайраҳо;

-марҳилаи давраи солҳои 1918-1939, ки асосан ба таъмини амнияти байналхалқӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо оид ба масъалаҳои муҳим, масъалаҳои наздисарҳадӣ алоқаманд буд: Лигаи Миллатҳо (1919); Созмони байналхалқии меҳнат (1919); Созмони байналхалқии тандурустӣ (1948); Созмони байналхалқии алоқаи барқ (1934); Созмони байналхалқии авиатсияи шаҳрвандӣ (1944); Хазинаи байналмиллалии асъор (1944); Бонки ҷаҳонӣ (1944);

- марҳилаи солҳои 1945-1960: барқарор намудани муносибатҳо дар соҳаҳои мухталиф ва ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ: Созмони Миллали Муттаҳид (1945); Созмони байналхалқии савдо (1947); Созмони давлатҳои араб (1945); Лигаи давлатҳои араб (1945); Иттифоқи иқтисодии аврупоӣ (1957); Иттифоқи аврупоии ҳамкориҳои иқтисодӣ (1948); Созмони Атлантикаи Шимолӣ (1948);Созмони кӯмакҳои тарафайни иқтисодӣ (1949); Созмони шартномаи Варшава (1949) [14,347];

- аз солҳои 60-ум то солҳои 90-ум, ки бо шикасти низоми мустамликадорӣ, қувват гирифтани равандҳои ҳамгироӣ, мавқеи хоса пайдо намудани воситаҳои энергетикӣ, ҳуқуқи инсон, ҳифзи табиат, мубориза барои сулҳу осоиштагӣ алоқаманд аст: Конференсияи Созмони миллали муттаҳид оид ба савдо ва рушд – ЮНКТАД (1967); Созмони Миллали Муттаҳид оид ба рушди саноатӣ -ЮНИДО (1966); Ассосиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ - АСЕАН (1967); Созмони кишварҳои содиркунандаи нафт – ОПЭК (1960);

- солҳои 90-ум то ба имрӯз, ки бо пошхурии лагери сотсиалистӣ, ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ, қувват гирифтани самтҳои ҳамгироии минтақаҳои алоҳида алоқаманд аст: Иттиҳоди давлатҳои мустақил (1991); Созмони ҳамкории Шанхай (1995); Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (1992) [11,410].

Ҳамин тариқ, созмонҳои байналхалқӣ давраҳои муайяни ташаккул ва инкишофро аз сар гузаронида, нақш ва аҳамияти онҳо дар шароити муосир тадриҷан муҳим мегардад. Фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ дар марҳилаи муосир, инчунин сатҳи иштироки онҳо дар танзими низоъҳои байналхалқиро таҳлил намуда, метавон аҳамияти онҳоро дар низоми муносибатҳои байналхалқии институтҳои сиёсӣ ва дар равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ махсусан қайд намуд. Гуногунҷабҳагии ҳодисаву воқеаҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши созмонҳои байналхалқиро афзун менамоянд, онҳоро ҳамчун асосгузори раванди гуфтушуниди байни давлатҳо оид ба мушкилоти зиёди мавҷуда, дар бунёди шароити муфид барои равандҳои ҳамгироӣ муайян менамоянд.

**Адабиёт**


1. Зайцева О. П. Возникновение и развитие межправительственных организаций/ О.П. Зайцева // Вопросы истории, 1976. № 12. С. 58–74.
2. Камаровский Л.А. Вопрос о международной организации / Л.А. Камаровский. - М., 1905. 348с.
3. Коваленко И. И. Международные неправительственные организации / И.И. Коваленко. -М.: Международные отношения, 1976. –167 с.
4. Коровин Е. А. О международной организации мира и безопасности // Пропагандист. 1944. № 22. -С.18-26.
5. Левин Д. Б. О международной организации безопасности / Д.Б. Левин // Известия Академии наук СССР. Отделение экономики и права. 1945. № 1. С. 3-9.
6. Лукашук Л.Л. Международная права. Особенная часть / Л.Л. Лукашук. –М., 2005. 312с.
7. Международное право. -М., 2014. 335с.
8. Международное публичное право. М., 2006. -288 с.
9. Морозов Г.И. Международные организации. Некоторые вопросы теории / Г.И. Морозов. М., 1974. 332 с.
10. Паламаренко Р. Ю. Трактовки понятия «межправительственная организация» отечественными и зарубежными учеными: общее и особенное / Р.Ю. Паламаренко // Социально-гуманитарные знания. – 2015. № 6. -С.114 –121.
11. Торкунов А. В., Мальгина А. В. Современные международные отношения / А.В. Торкунов, А.В. Малыгин. – М.: Аспект Пресс, 2012. -413с.
12. Цыганков П.А. Международные отношения и мировая политика. -М., 2014. -233с.
13. Archer C. International Organizations. 3 ed. L.; N. Y.: Routledge, 2001. P. 273.
14. Groom A.J.R. Theories of international organizations; some note on the literature // International organization. A conceptual approach. N. Y., 1978. P. 356.

15. Kegley Ch. World Politics: Trend and Transformations. Belmont: Tomson Higher Educations, 2007. P. 138.

## ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

**САФАРОВ МУСЛИХИДДИН**,
заведующий кафедрой гуманитарных наук
Дангаринского государственного университета,
Дангара, улица Центральная, 25.
Тел.: (+992) 904-63-86-77. E-mail: muslihiddin92@mail.ru

*В данной статье рассматривается этапы становления и развития международных организаций как субъекта международного права. Автор отмечает, что в современных условиях, наряду с государством, особое место во внешнеполитических отношениях государств занимают международные организации. Во внешних отношениях государства появились новые направления и задачи, которые связаны с многосторонними отношениями государств. Реализация таких отношений и выполнения новых задач неразрывно связаны с деятельностью международных организаций.*

*Один из важнейших вопросов изучения международных организаций является основные этапы становления и развития международных организаций как субъекта международного права, который требует особого внимания. Анализ научных источников показывает, что единого мнения по данному вопросу нет, так как возникновение международных организаций связано с разными этапами исторического развития.*

*Возникновение международных организаций осуществлялось по общим причинам, которые были связаны со спецификой развития общества на данном этапе развития. Возникла необходимость налаживания различных форм многостороннего межгосударственного и неправительственного сотрудничества для решения широкого круга вопросов, выходящих за рамки двусторонних отношений.*

*Необходимость устранения административных барьеров на пути многосторонних торгово-экономических преобразований, установления и поддержания постоянных и универсальных правил и норм в этой сфере, создания механизмов разрешения споров, а также поддержки устойчивых международных правовых, транспортных, инфраструктурных, коммуникационных и финансовых отношений стали предпосылками формирования международного право.*

***Ключевые слова:*** *международные отношения, международные организации, региональные организации, международное право, многосторонние отношения, внешняя политика, торгово-экономическая система, мировая система.*

## THE MAIN STAGES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

**SAFAROV MUSLIHIDDIN**,
Head of the Department of Humanities,
Dangara State University,
Dangara, 25, Central str.
Phone: (+992) 904-63-86-77. E-mail: muslihiddin92@mail.ru

*This article discusses the stages of formation and development of international organizations as a subject of international law. The author notes that in modern conditions, along with the state, a special place in the foreign policy relations of states is occupied by international organizations. In the external relations of the state, new directions and tasks have appeared that are associated with the multilateral relations of states. The*

*implementation of such relations and the fulfillment of new tasks are inextricably linked with the activities of international organizations.*

*One of the most important issues in the study of international organizations is the main stages in the formation and development of international organizations as a subject of international law, which requires special attention. An analysis of scientific sources shows that there is no consensus on this issue, since the emergence of international organizations is associated with different stages of historical development.*

*The emergence of international organizations was carried out for general reasons that were associated with the specifics of the development of society at this stage of development. There was a need to establish various forms of multilateral interstate and non-governmental cooperation to address a wide range of issues that go beyond the scope of bilateral relations.*

*The need to eliminate administrative barriers to multilateral trade and economic transformations, establish and maintain permanent and universal rules and norms in this area, create dispute resolution mechanisms, and support sustainable international legal, transport, infrastructure, communication and financial relations have become prerequisites for the formation of international law. .*

***Key words:*** *international relations, international organizations, regional organizations, international law, multilateral relations, foreign policy, trade and economic system, world system.*

**УДК: 321.74**

# ЛЕГИТИМИЯТ ҲАМЧУН УНСУРИ МУҲИММИ ДЕМОКРАТИЯ

**САФАРОВ БОБОҶОН САФАРОВИЧ**,
унвонҷӯйи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рудакӣ, 17.
Тел.: (+992) 918-53-13-99 E-mail: Safarov.b__94@mail.ru

*Дар мақолаи мазур муаллиф кӯшиш кардааст, нақш ва мақоми демократияро дар таъмини легитимияти ҳокимият нишон диҳад. Муаллиф ба ин ақида мебошад, ки агар ягон шакли назорати оммаи мардум аз болои элитаи ҳукмрон вуҷуд надошта бошад, пас системаи сиёсиро ба ном демократӣ номидан мумкин аст. Аз тарафи дигар, худи омма наметавонанд ҳукумат кунанд. Таносуби ҳокимият ва масъулият мушкилоти роҳбарӣ, алтернативаҳо ва системаҳои масъулият ва эътимод аст. Барои он ки элитаи ҳукмрон дар назди як шаҳрвандон ҳисобот диҳанд, аз ӯ як қатор чизҳо талаб карда мешаванд. Дар мақолаи мазкур нишон дода шудааст, ки шаҳрванд бояд ба сиёсате тавре машғул шавад, ки бидонад ва нигарон бошад, ки элитаи сиёсӣ дар назди ӯ масъул аст ё не; ӯ бояд ба андозаи кофӣ тавоно бошад, то ба элитаи сиёсӣ рафтори масъулиятнок таҳмил кунад. Ҳамзамон, барои он ки элита қавӣ бошанд ва қарорҳои ҳокимиятро қабул кунанд.*

*Дар шароити ҷомеаи демократӣ аз шаҳрванд талаб карда мешавад, ки фаъолияти гуногун дошта бошад. Дар низоми демократӣ шаҳрванд бояд фаъол бошад, ба ин раванди легитимишавии ҳокимият дохил карда мешавад, аммо на он қадар қавӣ, бонуфуз бошад, ки ҳокимиятро эҳтиром ва эътироф накунад. Ҳарчанд меъёре, ки шахс барои иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад, васеъ паҳн шудааст, иштироки фаъолона дар онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ барои аксари одамон шакли муҳимтарини фаъолият нест. Ин ба элитаи ҳукмрон имкон медиҳад, ки тасмимгирӣ кунанд ва амалҳои фаъоле анҷом диҳад. Бо ҳамин роҳ яъне ба вуҷуд овардани рақобати солими сиёсӣ метавон легитимияти ҳокимиятро ба даст овард.*

***Калидвожаҳо:** демократия, легитимияти демократӣ, режимҳои демократӣ, легитимияти ҳокимият, ратсионализм, ахлоқ, фарҳанги аврупоӣ, идеологияи демократӣ, тақсимоти ҳокимият, буҳрони ҳокимият, расмиёти интихобот, ҳуқуқи интихобот, мандати намояндагӣ, плюрализми сиёсӣ, самаранокии ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

Аз ҳама низоми серҷонибдор дар шароити имрӯза низоми демократӣ мебошад. Дар низоми демократӣ имконият ба тамоми қишрҳои ҷомеа фароҳам оварда мешавад, то дар интихобот иштирок кунанд. Ҷаҳони муосир бо шаклҳои гуногуни ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ тавсиф карда мешавад, ки муносибати махсуси байни идоракунада ва идорашавандаро дар шаклҳои зерин муайян мекунанд: мавҷуд будани тақсимоти ҳокимият, истифодаи даврии расмиёти интихобот, ҳуқуқи интихоботи умумӣ, мандати намояндагӣ, мавҷудияти плюрализми сиёсӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Легитимият бо қоидаҳо ва тартиботе, ки барои татбиқи самаранокии ҳокимият дар самти демократии он заруранд, пайванди ногусастанӣ дорад ба даст оварда мешавад. Демократия яке аз низомҳои серҷониб дар ҷаҳон мебошад. Бо вуҷуди теъдоди назарраси мафҳумҳои идеологияи демократӣ ва шаклҳои воқеии татбиқи он, илм принсипҳои умумиеро таҳия кардааст, ки бо он муайян карда мешаванд. Ба ин принсипҳо инҳо дохил мешаванд: эътироф ҳамчун манбаи ҳокимият, таъсири доимии ҷомеа ба ҳокимияти давлатӣ, назорат аз болои фаъолияти онҳое, ки онро тавассути низоми интихобот ба амал меоранд, баробарии шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ғайра мебошад. Бисёре аз олимон ҳамон нишонаҳоеро истифода мебаранд, ки барои мафҳуми "легитимият" асос доранд. Ҳамин тариқ, баррасии муносибатҳо ва таъсири мутақобилаи легитимияти ҳокимият ва режими демократӣ ҷолиб аст. Дар амалияи ҷамъиятӣ чор намуди легитимият инъикоси худро пайдо карданд: фаъол, вафодор, конформист ва мутаассиб. Дар ҷомеаҳое, ки ба сохтори демократӣ рӯ оварданд вазъ боз ҳам мураккабтар аст -

масъалаи мураккаби сиёсӣ дар он аст, ки бисёр давлатҳое, ки ба режими демократӣ ба худ қабул карданд, танҳо аломатҳои расмии онро доранд, ки дар натиҷа якчанд истилоҳе пайдо шудаанд, ки ин намуди режимро тавсиф мекунанд - "тақлид ба демократия". "квази демократия", "демократия", "псевдодемократия" ва ғ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки режими сиёсии демократӣ ба модели ратсионалии легитимият асос ёфтааст. Ба андешаи Н.Луман гузариш ба демократия таҷрибаи дарки оқилонаи ҳадаф аст. «Ин таҷриба бо табдили режими сиёсӣ ба низоми нисбатан мустақили ҷомеа алоқаманд аст, яъне системаи қабули қарорҳо арзишманд аст, зеро ҳудуди оқилонаи ҳадаф дар ин ҷо дар раванди ташаккули системаи сиёсӣ таҷриба ва коркард карда мешавад» [1,с.88]. Дар бораи моделҳои оқилона ҳамчун асоси рушду инкишоф зиёд мӯҳаққиқон иборзӣ андеша кардаанд. Модели оқилонаро М.Вебер легалӣ муайян кардааст, ки дар он дониш манбаи асосии ҳокимият аст. Субъекти ҳокимият ба тамоюли фарҳанги сиёсӣ ба итоат ба қоидаҳо ва қонунҳои муқарраршуда мурочиат мекунад. Ин навъи легитимият ё огоҳии шахсони ба манфиатҳои онҳо вобаста буда, онҳоро водор мекунад, ки ба қонунҳои амалкунанда итоат кунанд ё мавҷудияти муносибатҳои дуруст, яъне эътиқод ба аҳамияти мутлақи тартибот ҳамчун ифодаи арзишҳои тағирнопазир (ахлоқӣ ва ғайра), ки онҳоро низ ба дастгирии режими мавҷудаи ҳокимияти ташвиқ мекунад. Дониш олитарин ва муҳимтарин олоти қудрат аст. Дониш ба соҳиби худ қудрати муассиртарин ва дар навбати худ объекти қудрат - воситаи муассиртарини таъсир ба ҳокимиятро медиҳад. Аз ин рӯ, модели ратсионалии легитимиятро метавон табиатан бар асоси донише, ки мо имрӯз дорем, навъи олии моделҳои легитимият шуморем.

Асоси демократия, ки тавассути он як модели оқилонаи легитимият амалӣ карда мешавад, пеш аз ҳама, огоҳии шаҳрвандон аз зарурати тартибот ва ҳокимият мебошад. Аммо ангезаҳои оқилона на ҳамеша аз ҷиҳати ҳокимият бо пешина баробар мешаванд, ки дар натиҷаи он дар шароити демократия таъсири равонии ҳокимият ва қувваи равонии қонунро суст кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, барои тавоноӣ ва решаи демократия на танҳо қонуни мукаммалтарро қабул кардан лозим аст, балки, идеалӣ, онро низ бояд анъанаи чандинасра дастгирӣ кунад ва як навъ арзиши ҷомеа бошад. Ҳамзамон, ақида дар бораи "қонунҳои хуб одобро такмил медиҳад" на ҳамеша асоснок аст. Таърих собит кардааст ва ба тариқи назария пурра омӯхта шудааст, ки қонунҳои бад ахлоқро дар ҷомеа вайрон мекунанд. Аммо, қабули қонунҳои ратсионалӣ барои такмили институтҳои демократӣ зарурӣ, вале ба ҳеҷ ваҷҳ кофӣ нест. "Қонуне, ки бо механизмҳои воқеӣ ва эҳтимолии татбиқ амалӣ намешавад, танҳо системаи ҳуқуқиро вайрон мекунад ва дар натиҷа легитимияти ҳокимияти давлатро аз байн мебарад." Нақши муҳимро инчунин муайян кардани принсипҳои демократия бо шахсиятҳои бонуфуз дар миқёси наздик ба шахсиятҳои харизматикӣ мебозанд. Дар рушди ҷомеаи сиёсӣ, дар баробари тамоюли оқилона, ҷанбаи ахлоқӣ низ мавҷуд аст. Тамоюли ахлоқӣ бо тартиботи иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки дар он нақшҳои сиёсӣ ҷудо карда намешаванд, балки дар якҷоягӣ бо нақшҳои муҳими динӣ, иқтисодӣ, оилавӣ, таълимӣ ва ғайра иҷро карда мешаванд. Дар таърихи афкори сиёсӣ, бо либерализм ва консерватизм алоқаманд аст, ки дар натиҷа якум тамоюл ба сӯи демократикунонӣ, дуввум тамоюли ҳифзи шаклҳои анъанавии идоракунӣ мебошад. Якум дониш, дуввум имон, якум хусусияти дунявии давлат ва дуввум таъсири дин ба давлат мебошад. Омили ахлоқӣ дар сиёсат ҳамеша таъсиррасон буда ва ин дар мубориза байни тамоюлҳои тағирёбӣ ва ҳифзи асосҳои сохтори сиёсӣ, ташкили ҳокимияти давлатӣ дар маҷмӯъ ифода меёбад. Тамаддун ифодаи ягонагии ақлонӣ ва ахлоқӣ дар рушди таърихӣ мебошад. Тамаддун ин ифодаи омезиши беназир дар фазои таърихии муваққатии оқилона ва ахлоқӣ дар анъанаҳои миллию фарҳангии ҷомеа мебошад.

Аз нуқтаи назари муносибати мутамаддин, масъалаи демократия ва режими демократӣ метавонад танҳо дар натиҷаи эмпирикӣ, шаклҳои демократия дар ҷомеаи муайян карда мешавад. Ба ибораи дигар, мо метавонем дар ин ҷо на дар бораи демократияи идеалӣ, балки дар бораи чунин фаҳмиши демократия сухан ронем, ки Р.Дал онро полиархия номидааст[4,с.37]. Вай полиархияро демократияи воқеӣ, режими воқеии демократӣ меномад, ки дар шароити таърихии як кишвари мушаххас вуҷуд дорад ва амал мекунад. Имрӯзҳо дар бисёре аз кишварҳо дар ҷаҳон ҳукуматҳои демократӣ мебошанд. Дар солҳои 1900-1909 дар

ҷаҳон 8 кишвари демократӣ мавҷуд буданд, ки 17% ҳамаи давлатҳоро ташкил медоданд. Дар солҳои 1940-1949 аллакай онҳо 25 нафар буданд, яъне тақрибан 33% ҳамаи давлатҳои он давра. Имрӯз, тибқи таърифи ҳамон Р.Дал, дар сайёра тақрибан 86 кишвар мавҷуданд (яъне тақрибан 35% шумораи умумии 262 давлати дар ҷаҳон мавҷудбуда), ки худро демократӣ муайян мекунанд[9,с.915].

Демократия имрӯз дар шароити гуногуни ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ рушд кунад. Имрӯз он на танҳо моликияти давлатҳои ғарбӣ, балки аз бисёр халқҳои Аврупои Шарқӣ, осиёгӣ мебошад. Маълум аст, ки тафовути фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ монеаи ба вуҷуд омадани демократия нест. Дар айни замон, хусусиятҳои миллию фарҳангии як кишвар дар бораи хусусияти фаъолияти режими демократӣ осори қавӣ мегузоранд. Хусусиятҳои миллии режимҳои демократӣ бо шакли легитимияти онҳо муайян карда мешаванд. Легитимият ҳамчун инъикоси системаи сиёсӣ дар шакли таърихан махсуси фарҳанги сиёсии мардум осори тамаддунии як кишварро дар бар мегирад.

Намояндаи барҷастаи консерватизми муосир Г.Рормозер чунин қайд мекунад: "Танҳо тавассути арзишҳои эътимодбахши ахлоқӣ, сиёсӣ метавонад ҳокимият легитимияташро таъмин кунад"[11,с.298].

Ҷудоии ратсионализм аз ахлоқ сабаби аз байн рафтани бисёр режимҳои демократӣ гардидаааст. Он қудрати режимҳои демократӣ мебошанд, ки бо омезиши арзишҳои умумиҷаҳонии демократия бо арзишҳои тамаддуни минтақавӣ-замонӣ легитимӣ карда шудаанд. Дар доираи тамаддуни ягонаи умумиинсонӣ имрӯз се маркази бузурги тамаддунии диниро фарқ кардан мумкин аст. Меъёри асосии фарқ кардани онҳо ин дини ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин замина пеш аз ҳама се тамаддунии ҷаҳонӣ фарқ карда мешаванд:

1. Тамаддуни масеҳӣ-яҳудӣ.
2. Тамаддуни исломӣ.
3. Тамаддуни шарқии Уқёнуси Ором.

Дар доираи ҳар яки онҳо як қатор зерсистемаҳои тамаддуниро фарқ кардан мумкин аст. Масалан, дар тамаддуни масеҳӣ-яҳудӣ зерсистемаҳои протестантӣ, католикӣ ва православӣ-яҳудӣ мавҷуданд. Дар доираи шарқи Уқёнуси Ором - Даокистӣ, Синто, субмаданияти Буддоӣ-Ҳиндустон мавҷуд мебошанд. Ҳар яке аз ин тамаддунҳо осори муайяни ахлоқиро дар татбиқи идеяи оқилонаи демократӣ ва мутаносибан, дар бораи хусусияти легитимишавии ин ё он режими сиёсии демократӣ дар ин ё он кишварро дар бар мегирад. Сиёсатшиноси барҷастаи амрикоӣ Г.Алмонд мазмуни легитимияти демократиро чунин баён мекунад, ки нигоҳ доштани тавозуни дуруст байни ҳокимият ва масъулияти ҳокимият яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва мушкилтарини демократия мебошад[2,с.34].

Агар ягон шакли назорати оммаи мардум аз болои элитаи ҳукмрон вуҷуд надошта бошад, пас системаи сиёсиро ба ном демократӣ номидан мумкин аст. Аз тарафи дигар, худи омма наметавонанд ҳукумат кунанд. Таносуби ҳокимият ва масъулият мушкилоти роҳбарӣ, алтернативаҳо ва системаҳои масъулият ва эътимод аст. Барои он ки элитаи ҳукмрон дар назди як шаҳрвандон ҳисобот диҳанд, аз ӯ як қатор чизҳо талаб карда мешаванд: шаҳрванд бояд ба сиёсате тавре машғул шавад, ки бидонад ва нигарон бошад, ки элита дар назди ӯ масъул аст ё не; ӯ бояд ба андозаи кофӣ тавоно бошад, то ба элита рафтори масъулиятнок таҳмил кунад. Ҳамзамон, барои он ки элита қавӣ бошанд ва қарорҳои ҳокимиятро қабул кунанд.

Дар шароити ҷомеаи демократӣ аз шаҳрванд талаб карда мешавад, ки фаъолиятҳои гуногун дошта бошад: вай бояд фаъол бошад, ҳамзамон ғайрифаъол бошад, ба ин раванд дохил карда мешавад, аммо на он қадар қавӣ, бонуфуз бошад, ки ҳокимиятро эҳтиром ва эътироф накунад. Ин гуна зиддиятҳо чӣ гуна ҳал карда мешавад? Гарчанде ки меъёре, ки шахс барои иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад, васеъ паҳн шудааст, иштироки фаъолона дар онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ барои аксари одамон шакли муҳимтарини фаъолият нест. Ин ба элитаи ҳукмрон имкон медиҳад, ки тасмимгирӣ кунанд ва амалҳои фаъоле анҷом диҳанд. Ҳамзамон, ин шаҳрванди ғайрифаъол захираи таъсиррасонӣ дорад, ӯ шаҳрванди эҳтимолан фаъол аст. Ҷолиб дар омӯзиши Г.Алмонд он аст, ки ӯ сабабҳои бӯҳрони легитимият меномад.

Легитимиятро дар он ҳолат аз даст додан мумкин аст, ки шаҳрвандон: 1) системаи сиёсиро эътироф накунанд, 2) принсипҳои ҷории ҷалби роҳбарон ва муайян кардани роҳи сиёсиро рад кунанд, 3) онҳо эътимодро гум мекунанд, ки дар як савдои сиёсӣ, сарварон барои қабули қонунҳои қабулшуда ҳама кори аз дасташон меомадагиро мекунанд ё роҳбарият раванди зарурииро риоя мекунад[2,с.38]. Намояндагони консерватизми муосир дар шахси ба ном гурӯҳи Солсбери (Британиёи Кабир) легитимияти сиёсиро ба таври худ шарҳ медиҳанд. Ӯ қайд мекунад, ки ташаккули фарҳанг муҳимтарин заминаи пойдории иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа мебошад. Муносибати шахсони алоҳида тавассути ниҳодҳо ва амалияҳои мухталиф, ки фарҳанги муштаракро дар бар мегиранд, ки ба онҳо маъно медиҳад ва таҷрибаи инфиродиро тасдиқ мекунад, миёнаравӣ мекунанд. Арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ ногузир дар шаклҳои иҷтимоии ҳаёти иҷтимоӣ реша мегиранд ва тавассути омӯзиш ва таълими иҷтимоӣ легитимӣ мешаванд. Анъанаҳо мавҷудияти иҷтимоии шахсро муайян мекунанд, тасаввуроти ӯро дар бораи худ ҳамчун қисми организмҳои иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд. Аммо худи ниҳодҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳо дар айни замон як чизи барои шахс бегонаанд ва онҳо бояд дар раванди фаъолият доимо нав карда шаванд. Фаъолияти одамон аз ҳар гуна дахолати беруна озод бошад, аммо он дар шароити бехатар, дар доираи фармоне, ки ба анъана ва салоҳият асос ёфтааст, сурат мегирад. Тавре олими фаронсавӣ Шабот қайд мекунад, легитимияти демократӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги аврупоӣ мебошад, ки аз инқилобҳои англисӣ ва фаронсавии асрҳои XVII-XVIII сарчашма мегирад. Дар асрҳои минбаъда, он дар баробари фарҳанги аврупоӣ ба тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Аслан, ӯ чунин қайд мекунад, "легитимияти демократӣ ба тамоми ҷомеа интиқол додани механизмҳои қабули қарорҳои инфиродӣ аст: изҳори озоди ирода, аммо ба он маъно, ки ин иродаи дастаҷамъӣ аз зуҳури инфиродии озод бармеояд. Барои амалисозии гузариш аз фард ба коллектив, механизми оддии арифметикӣ ва принсипи аксарият истифода мешавад. Татбиқи он дар низомҳое, ки демократӣ ном мебаранд, маъмул аст - ҳам барои интихоби намояндагони мардум ва ҳам барои қонунҳои овоздиҳӣ ё қабули қарорҳо дар доираи сохторҳои иҷроияи коллегиалӣ мебошад»[14,с.136].

Аммо, натиҷаи возеҳ ва механизм ҳатман маънои возеҳии ҳалро надорад. Дар таърих ҳолатҳое кам нестанд, ки механизмҳои демократӣ дар шароити муайяни таърихӣ ба пойдор шудани авторитаризм ва тоталитаризм мусоидат кардананд. Ин ҳолат дар Олмон дар соли 1933, вақте ки Гитлер ба таври комил ба таври қонунӣ ба қудрат расид, чунин буд. Аммо дар як вақти кӯтоҳ ҷомеаро аз демократия ба сӯи сохтори ғайридемократӣ яъне ба фашизм бурд. Демократияи муосир, ки ҳамчун як намуди тартиботи легитимӣ фаҳмида мешавад, ба принсипҳои баробарӣ ва шарикии давлат ҳамчун як ниҳоди сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун як соҳаи ғайридавлатии ҷомеа асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, он ба мураккаби муносибатҳои ҷомеа ва шаҳрванд мусоидат мекунад, ки онро наметавон дар ҷомеа ҳамчун як падидаи мусбӣ дарк кард. Хусусан дар онҳое, ки бӯҳрони низоми сиёсии худкома (ё тоталитарӣ) -ро аз сар мегузаронанд ва мекӯшанд, ки бо эҷоди як низоми муассир ва демократӣ аз он раҳо шаванд[8,с.45].

Аз нуқтаи назари сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, демократияи муосир ҳамчун як намуди ҳукмронии қонунӣ нисбат ба муносибатҳои байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба механизмҳои фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ дар маҷмӯъ ва алахусус ба ҳокимияти давлатӣ талаботи нисбатан мураккаб мегузорад. Ин талабот аз иборатанд[7,с.156].

1) Тасдиқи тартиби легитимигардонии ҳокимияти давлатӣ, ки мавҷудияти конститутсияеро пешбинӣ мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва легитимияти ҳокимияти давлатиро тавассути меъёрҳои ҳуқуқии дар конститутсия сабтшуда кафолат медиҳад. Ба восита мо метавонем дар бораи мувофиқати легитимияти демократӣ ва қонунии ҳокимият ба он маъно сухан ронем, ки охирин унсурҳои ҳукмронии анъанавӣ ё ҳатто харизматикиро тадриҷан аз раванди сиёсӣ дур мекунад, ки инро дар марҳилаи ҷомеаи муосири постиндустриалӣ ва ки дар марҳалаи аввали ташаккули демократия ба даст овардан душвор аст.

2) Таъсис ва таҳкими ҳуқуқии шаклҳо, механизмҳо ва расмиёти гузоштани ҳадафҳо барои давлат, ки ба талаботи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошанд, ки ба татбиқи

принсипҳои парламентаризм мувофиқат мекунанд (интихоботи даврӣ бо расмиёти демократии парлумон ҳамчун баландтарин мақоми қонунгузории ҳокимияти давлатӣ, ташкили ҳукумати масъул, ифодаи манфиатҳои умумии дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шакли қонунҳо, ки барои ҳокимияти иҷроия ҳатмӣ мебошанд).

3) Эҷод ва коркарди механизмҳо, расмиёти фаъолияти ҳокимияти иҷроия бо мақсади ба даст овардани легитимияти умумӣ ва легитимияти идоракунии дар ҷомеа ташаккулёфта

4) Коркарди механизмҳо ва расмиёти институтсионалӣ оид ба назорати дастгоҳи давлатӣ ва риояи қонунҳои қабулшуда, ки барои ҳар як субъекти ҷомеаи шаҳрвандӣ дастрасанд. Аслан, ин маънои онро дорад, ки назорат тавассути муассисаи иҷтимоӣ - суд амалӣ карда мешавад. Дар шароити демократияи муосир, легитимияти низоми сиёсиро дастгирии он аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки ба қудрат ва каналҳои таъсир ба он дастрасӣ доранд, муайян карда мешавад. Аммо азбаски манфиатҳои шаҳрвандон аксар вақт фарқ мекунанд ва ҳатто бо ҳам рақобат мекунанд, дар ҷараёни рушди демократия легитимияти ҳокимиятро шаҳрвандони алоҳида ва тамоми гурӯҳҳо метавонанд ба тарзҳои гуногун дарк ва арзёбӣ кунанд.

Яке аз вижагиҳои легитимияти демократӣ дар он аст, ки он бидуни дарёфти як тавофуқи ҳадди ақалл байни давлат ва ҷомеа, аксарияти ҳоким ва оппозисиюн дар бораи дарки принсипҳои бунёдии рушди онҳо наметавонад фаъолияти қонеъкунандаи низоми демократиро таъмин кунад. Ризоият як созишест, ки бар арзишҳо асос ёфтааст, на манфиатҳо, яъне онро набояд бо созиш омезиш дод. Барои нигоҳ доштани легитимият, нигоҳ доштани ризоияти ҳадди ақали ҷамъиятӣ, ки ташаккули иродаи аксариятро таъмин мекунад, кофист. Ризоият метавонад дарозмуддат ё кӯтоҳмуддат бошад. Ризоияти дарозмуддати аксарият дар асоси сиёсати барои ин аксарият мувофиқ, барои ҳама аъзои он фаҳмо ва қобили қабул аст. Созишномаи дарозмуддат дар асоси ба назар гирифтани манфиатҳои стратегии аксарият дар сиёсати ҳукумат асос ёфтааст. Боз як нишонаи муҳими легитимият ин пойдории давлат ва ҷомеа ва инчунин системаи ҳамкории онҳо мебошад.

Субот ин чунин муносибати субъект ва объекти қудрат аст, ки бо бутунии муайяни низоми сиёсӣ ва қобилияти иҷрои самараноки вазифаҳои ба зиммааш гузоштташуда тавсиф карда мешавад. Ҳисси устуворӣ дар инсон ҳисси тасаллӣ эҷод намуда, тартиботи мавҷудаи иҷтимоиро ба одат табдил медиҳад. Тартиби устувори иҷтимоӣ, қайд мекунад Э.Гидденс, барои инсон на танҳо маҳдудияти муайян, балки инчунин шарти имконияти мавҷудият ва фаъолият мебошад[3,с.65]. Таҷриба нишон медиҳад, ки демократия хусусан устувор ва пойдор аст, дар сурате ки каналҳои ифодаи манфиатҳои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ мустаҳкам карда шаванд. Агар чунин каналҳо набошанд, демократия қобили қабул нест. Мазмун ва мавзӯи ризоиятро хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва миллӣ муайян мекунанд ва одатан хусусияти хоси таърихӣ доранд.

Аммо новобаста аз шароити мушаххаси таърихӣ, ташаккули легитимияти демократӣ бидуни мавҷудияти имон, эътиқодоти муайян, тасаввурот дар бораи демократия ҳамчун як созмони «беҳтар» ё «одилонатар» -и ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ва системаи идоракунии иҷтимоӣ дар ҷомеа ғайриимкон аст. Дар навбати худ, эътиқоди шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба адолати тақсимоти ҳокимият танҳо дар сурате ба вуҷуд меояд, ки манфиатҳои онҳо одилона ба назар гирифта шаванд, вақте ки онҳо аз мақомот маълумоти зарурӣ ва дақиқ гиранд, вақте ки ҳукумат ҷомеаро ба таври моҳирона бовар кунонад адолати амали худ ва андешаи худро ғайриқобилият ҳисоб намекунад. Мавҷудияти робитаи байни натиҷаҳои фаъолияти низоми сиёсии демократӣ ва сабабҳои дастгирии он ё баръакс, бегонапарастӣ далели махсусро талаб намекунад.

Барои таҳкими легитимияти демократӣ маҳз натиҷаҳои мусбии система муҳиманд. Онҳо на танҳо эътимодро ба қобилият ва самаранокии демократия ҳам дар байни роҳбарон ва ҳам идоракунанда тақвият медиҳанд, балки ба афзоиши ангезаҳои оқилонаи дастгирии он мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, самаранокӣ бо субот робитаи зич дорад. Самаранокӣ нишондиҳандаи он аст, ки ҳокимият мандати аз мардум гирифташударо ба манфиати мардум то чӣ андоза самаранок истифода мебаранд, яъне. ки он то чӣ андоза мушкилоти зиндагии

онҳоро на дар шакли имтиёзҳо барои элита, балки дар он шаклҳое ҳал мекунад, ки иҷтимоӣ барои ҳама эҷоди тарзи ҳаёти худро фароҳам меоранд. Сиёсатҳои самаранок нисбат ба сиёсатҳои бесамар мӯътадилтаранд ва аз ин рӯ эътимодноктаранд. Ин аз он сабаб аст, ки сиёсати муассир, аз рӯи таъриф, ба пешрафти ҳама ё тақрибан ҳама одамон ва гурӯҳҳои ҷомеа мусоидат мекунад.

Агар дар натиҷаи татбиқи як барномаи сиёсӣ натиҷаи самаранок ба даст наояд, онҳое, ки барои татбиқи он масъуланд, бояд ягон роҳи ҳалли алтернативиро пешниҳод кунанд, ки ба аксарияти кулли аҳолӣ мувофиқ бошад. Мушкилоти легитимият барои ҳар як низоми сиёсӣ, барои ҳар як режими сиёсӣ мушкилоти мубрам аст. Ҳокимият зарурати легитимиятро бо сабаби табиати муҳими иҷтимоии худ эҳсос мекунад, ки ба он орзуи устуворӣ, такроршаванда ва мавҷудияти дарозмуддатро тақозо мекунад. Ҳокимият вақте легитимӣ ҳисобида мешавад, ки он ба афзалиятҳои арзишии шаҳрвандон мувофиқ бошад. Ҳамин тариқ, вобастагии мустақими ду падида вуҷуд дорад: барои он ки ҳокимият воқеан легититӣ бошад, бояд якчанд талаботро риоя кард, ки иҷрои онҳо боиси ташаккул ва пойдор гардидани демократия дар кишвар мегардад.

### Адабиёт


1. Luhmann N. Zweckbegriff und Systemrationalitdt. Frankfurt a.M,, 1973. S. 88-106. Перевод на сайте: http://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Polit/Sem/45.php
2. Алмонд Г. Гражданская культура // Журнал Про-Власть. 2002.
3. Гидденс Э. Устроение общества. Очерк теории структурации. М., 2003.
4. Даль Р. Полиархия, плюрализм и пространство // Вопросы философии. 1994. № 3. С. 37-48 // http://politlogia.narod.ru/d/Dal.htm
5. Дибиров А. Теория политической легитимности. М., 2007. С. 237.
6. Дискин И. кризис…и все же модернизация! М., 2009. С. 206.
7. Елисеев С.М. легитимность власти: источники, структура и динамика развития в посткоммунистическом обществе: Диссертация на соискание ученой степени доктора политических наук. СПб., 1997.
8. Елисеев С.М. научно-общественный форум «Формирование гражданского общества как национальная идея России в xxI веке». СПб., 2001.
9. Первоначально опубликовано в «Social Research». Vol. 66. № 3. Fall 1999. P. 915-931 //. russ.ru.
10. Политология / Под ред. Василика М.А., Тимерманиса И.е. М., 2013.
11. Рормозер Г. кризис либерализма. М., 1996. - 298 с.
12. Справочник постоянных представительств при ООн — «Голубая книга» // http://www.un.int.
13. Шабо Ж.-л. Основные типы легитимности // Политические исследования. 1993. № 5. С. 137.


## ЛЕГИТИМНОСТЬ КАК ВАЖНЫЙ ЭЛЕМЕНТ ДЕМОКРАТИИ


**САФАРОВ БОБОДЖОН САФАРОВИЧ**,
соискатель кафедры политических процессов в Таджикистане
Таджикский национальный университет.Адрес: 734025,
Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки,17.
Тел.: (+992) 918-53-13 99. E-mail: Safarov.b__94@mail.ru



*В данной статье автор пытается показать роль и статус демократии в обеспечении легитимности власти. Автор придерживается мнения, что если нет формы массового контроля народа над правящей элитой, то политический строй можно назвать демократическим. С другой стороны, сами массы не могут управлять. Баланс власти и подотчетности — это задача лидерства, альтернатив и систем подотчетности и доверия. Чтобы правящая элита была подотчетна гражданину, от него требуется ряд вещей. В статье говорится, что гражданин должен заниматься политикой таким*

*образом, чтобы он знал и заботился о том, подотчетна ли ему политическая элита или нет; он должен быть достаточно сильным, чтобы навязать ответственное поведение политической элите. В то же время, чтобы элита была сильна и принимала государственные решения.*

*В демократическом обществе гражданин обязан осуществлять различные виды деятельности. В условиях демократии граждане должны быть активными, вовлеченными в процесс легитимации власти, но не настолько сильными, влиятельными, чтобы не уважать и не признавать власть. Хотя норма, требующая от человека активного участия в общественных делах, широко распространена, активное участие в них отнюдь не является важнейшей формой деятельности для большинства людей. Это позволяет правящей элите принимать решения и предпринимать активные действия. Таким путем, то есть созданием здоровой политической конкуренции, может быть достигнута легитимность власти.*

***Ключевые слова:*** *демократия, демократическая легитимность, демократические режимы, легитимность власти, рационализм, этика, европейская культура, демократическая идеология, распределение власти, кризис власти, избирательные процедуры, избирательное право, мандат, политический плюрализм, гражданская эффективность, общество.*

## LEGITIMACY AS AN IMPORTANT ELEMENT OF DEMOCRACY

**SAFAROV BOBOJON SAFAROVICH,**
Applicant for the Department of Political Processes in
Tajikistan of the Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-53-13-99. E-mail: Safarov.b__94@mail.ru

*In this article, the author tries to show the role and status of democracy in ensuring the legitimacy of power. The author is of the opinion that if there is no form of mass control of the people over the ruling elite, then the political system can be called democratic. On the other hand, the masses themselves cannot govern. The balance of power and accountability is the task of leadership, alternatives, and systems of accountability and trust. For the ruling elite to be accountable to the citizen, a number of things are required of him. The article states that a citizen should engage in politics in such a way that he knows and cares whether the political elite is accountable to him or not; it must be strong enough to impose responsible behavior on the political elite. At the same time, for the elite to be strong and make government decisions.*

*In a democratic society, a citizen is obliged to carry out various activities. In a democracy, citizens should be active, involved in the process of legitimizing power, but not so strong and influential that they do not respect and recognize power. Although the norm that requires a person to actively participate in public affairs is widespread, active participation in them is by no means the most important form of activity for most people. This allows the ruling elite to make decisions and take active actions. In this way, that is, by creating healthy political competition, the legitimacy of power can be achieved.*

***Key words:*** *democracy, democratic legitimacy, democratic regimes, legitimacy of power, rationalism, ethics, European culture, democratic ideology, distribution of power, power crisis, electoral procedures, suffrage, mandate, political pluralism, civic efficiency, society.*

УДК: 1,14: 740. (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ НИЗОЪҲОИ ДИНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН

**САТТОРЗОДА СУБҲИДИН НАҶМУДИН,**
ассистенти кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 918-92-30-92. E-mail: ssubxiddin@inbox.ru

*Низои динӣ - ин, пеш аз ҳама, низои инсоният аст, ки дар асоси бархӯрди манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки дар ду ё зиёда гуруҳҳои мухолиф муттаҳид шудаанд, ба ҳисоб меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин гурӯҳҳои мухолиф ба системаи ягонаи арзишҳо, нуқтаи назари ягона ба олам, эътиқодҳои ягонаи маънавӣ такя менамоянд. Дар чунин ҳолат, ҳар як гурӯҳи мухолиф кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки на худ, балки мухолифи худро ҳамчун субъекти низоъ баррасӣ намояд. Субъектҳои чунин низоъҳо гуруҳи одамон ба ҳисоб меаванд. Лекин, объекти чунин низоҳо меъёрҳо ва арзишҳои маънавии муайян нисбат ба иерархия, ки дар байни ҷонибҳо мухолифат доранд, баромад менамоянд.*

*Умуман, ба хотири он ки одамон дорои ғояҳои якхелаи мутлақ нестанд, чунин низоъҳоро метавон ҳамчун ҳолати табиӣ эътироф намуд ва дар аксарияти ҳолатҳо метавон роҳҳо ва воситаҳои асосии бартараф намудани онҳоро дарёфт намуд. Чунин роҳҳо ва воситаҳо аз эътирофи арзишҳои якдигар, тариқи тоқатпазирӣ ва эътирофи ҳуқуқ ба боварии якдигар ба ҳисоб меравaнд. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин роҳу воситаҳо на шуурӣ вақт имконпазир мебошанд. Хусусияти низоъҳои динӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба ҳаёти маънавии одамон, ҷаҳони дохилии одамон дахолат менамояд. Мутобиқати мафҳуми деструксияи иҷтимоӣ ва низои иҷтимоиро тадқиқ намуда, метавон дарк намуд, ки деструксия аз низоъ пеш буда, ҳамчун сабаб ва заминаи низоъ баромад менамояд, дар низоъ ҳамчун хусусияти алоқамандии низоъи хуб қабул карда мешавад, ҳамчун натиҷаи низоъ дар маҳдуд гардидани манфиати яке аз тарафҳои низоъгар таҷассум мегардад. Низоъи динӣ, дар чунин ҳолат, ҳамчун низои иҷтимоӣ баромад менамояд, ки дар доираи ҷаҳони ҳаётии динӣ, ё дар бархурд бо ҷаҳони секуляристӣ пайдо мешавад.*

***Калидвожаҳо:** Низои динӣ, зӯроварӣ, анъанаҳо, ахлоқ, фирқаҳои динӣ, экстремизм, ифротгароӣ, низои мазҳабӣ, мухолиф.*

Дар рушду инкишофи ҷаҳони муосир тағйиротҳои гуногуни хеле амиқ ба назар мерасанд ва онҳо таҳлили маҷмӯи ҳамаи омилҳои ба раванди таърихӣ таъсирбахшро талаб менамоянд. Асри сипаришуда ҳам дар раванди тағйиротҳои куллӣ ба инсоният на танҳо дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ, ғанӣ гардонидани осори маданӣ ва дигар комёбиҳои бузург дод, инчунин дар доираи дигаргунии ҷиддии харобиовар, ҷангҳо, бадбиниҳои нажодӣ, динӣ, мазҳабӣ, терроризми байналхалқӣ ва дигаргуншавии ислоҳнашавандаи арзишҳои умумининсониро низ ба вуҷуд овард. Дар ин раванд яке аз масъалаҳои ҷиддии харобиовари замони муосир ин низоъҳои динӣ - мазҳабӣ ба шумор меравад, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Низоъҳои диниро пеш аз ҳама, зиддияти байни гурӯҳҳои ифротгаро, ки мехоҳанд мувофиқи арзишҳои худ ҷомеаро тағйир диҳанд, ташкил медиҳад.

Тахмин кардан мумкин аст, ки ҳар як гуруҳи ҷамъиятӣ табиатан ба ғояҳо ва арзишҳои муайяне, ки бо тарзи ҳаёти онҳо мувофиқ аст, тамоюл нишон медиҳад: деҳқонон ба парастиши табиат ва сеҳру ҷоду майл доранд; тақводорӣ ва парҳезкории насронӣ дар худ падидаи хоси фарҳангӣ буржуазиро инъикос менамояд; аристократияи ҳарбӣ, ба мисли дигар гурӯҳҳое, ки аз ҷиҳати сиёсӣ бартари доранд, ҳиссиёти махсуси шарафмандиро, ки он бо фазилати фурӯтанӣ номувофиқ аст, доро мебошад. Маълум аст, ки ғояҳо ва арзишҳои гурӯҳҳои мақомдоре, ки ҷомеаро ташкил медиҳанд, қисман

бо ҳам мувофиқ ва қисман мухолиф мебошанд. Ихтилофи ғояҳо ва арзишҳои гурӯҳҳо дар натиҷа дар ҷомеа мақоми нобаробар ва аз ҳам фарққунанда доштани он гурӯҳҳоро ба вуҷуд меорад. Мувофиқати ғояҳо ва арзишҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ бошад, дар натиҷаи таҳқиқу ташхис муайян кардан ва аз байн бурдани омилҳои ихтилофот таъмин карда мешавад.

Вобаста ба ин масъала М.Вебер қайд менамояд, ки омӯзиши рафтори бошууронаи фард дар ҷомеа мебошад, аммо чунин ниҳодҳои коллективӣ, ба монанди давлат, миллат ва оила худ аз худ ҳаракат ва фаъолият карда наметавонанд. Дар байни фардиятҳо алоқаи муҳиме вучуд дорад, ки барои устувории ҷомеа мусоидат менамояд. Амалкарди ҳар як фард ба амалкарди фарди дигаре равона гардидааст ва одамон арзишҳои махсусро ба он ниҳодҳои коллективӣ медиҳанд, ки худашон дар онҳо иштирок доранд. Аммо ин маънои онро надорад, ки чунин мушорикатҳои коллективона дар як шакли комилан бонизом ва олӣ вуҷуд доранд [2. с. 44].

Бояд қайд кард, ки ҷамъият ин майдони муборизаи байни гурӯҳҳои мақомдорест, ки ҳар яки онҳо манфиатҳои иқтисодӣ, тарзи махсуси дарки ҷаҳон ва одамони дигарро доранд. Маҳз ҳамингуна равиш ҳангоми таҳқиқи муқоисавии динӣ истифода бурда мешавад. Муваффақияти ҳар як дини ҷаҳонӣ натиҷаи муборизаҳои бардавом мебошад. Ҳар яке аз гурӯҳҳои мақомдори пешсаф ба муқобилияти як ё якчанд гурӯҳи дигар, ки манфиатҳои моддиву маънавии худро бо номи ҳифз ва тасдиқи истисноият ва соҳибимтиёзии «сабки зиндагӣ» - и худ пайгир шудаанд, рӯ ба рӯ гардидааст.

Таваҷҷуҳ ба муборизаи доимии байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ асоси ҷаҳонбинии илми М. Вебер ба ҳисоб меравад. Низоъҳоии муайяне, ки бо сабаби ихтилофи арзишҳои ниҳоии гурӯҳҳои мақомдор зуҳур кардаанд, онҳоро ҳеҷ гоҳ ба таври пурра бартараф кардан имконпазир нест. Таҳқиқоти ӯ дар доираи ҷомеашиносии динӣ ба таври эмпирикӣ ин нуқтаи назарро тасдиқ мекунад. Динҳои конфутсиёӣ, браҳманӣ ва яҳудӣ, ҳамчун шаклҳои ҷаҳонбинӣ, тамоман бо якдигар номувофиқанд. Инсон наметавонад, ки яку якбора ҳамаи ин низоми этиқодотро қабул ва пайравӣ намояд [2. с. 45].

Дар таҳқиқоти яҳудияи ибтидоӣ М. Вебер ба нақши навоваронаи динӣ равшанӣ меандозад. Маҳз дар ҳамин нуқта ӯ мефаҳмонад, ки чӣ тавр илҳоми фардҳои алоҳида дар маҷмӯъ баъди баромадани халқи яҳуд, ба як тамоюли ҳукмрон дар байни раввинҳо ва баъдан, бо каме тағйироти шаклӣ, ба асоси тамаддуни Ғарбӣ мубаддал мегардад. Аммо муайян намудани «низоъи динӣ» аз ҷониби М. Вебер тасаввуроти комилро оид ба ин мафҳум намедиҳад, зеро ба андешаи мо «низоъи мазҳабӣ» танҳо бо муборизаи байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва намояндагони мазҳабҳои гуногун маҳдуд намегардад [2. с. 48].

Дар таърихи сиёсии ислом умуман ва дар таърихи таҳаввули мазҳабию фирқавии ислом ба хусус Ҷанги Сифин ҷанги байни Алӣ б. Абӯтолиб (р) ва Муовия мақоми хос дорад, чунки ин ҷанг аз як тараф, оғози хилофати Умавиён ва аз тарафи дигар, ибтидои пайдоиши аввалин ҷараёну фирқаҳои мазҳабию сиёсӣ дар ислом мебошад. Ҳамчунин ташаккули хориҷия нахустин ҷараёни ифротӣ дар ислом ба он алоқамандаст. Сабаби асосии ҷанги Сиффин сар печидани Муовия б. Абӯсуфён аз байъат ба чаҳорумин халифа аз хулафои рошидин Алӣ б. Абӯтолиб буд.

Илова бар ин Алӣ тибқи навиштаи Ат-Табарӣ, дар охирҳои ҳамон соли 36/656, ба Димишқ ба назди Муовия нафареро бо номи Ҷарир б. Абдуллоҳи Баҷалӣ фиристода талаб кард, ки ба ӯ байъат кунад ва ба зери итоати ӯ дарояд. Муовия талаби Алиро рад намуда, лашкари пурқуввате омода сохт ва ба Алӣ хабар дод, ки ӯ хуни Усмонро маҳз аз вай талаб кард. Алӣ аз тарафи Куфа ва Муовия аз тарафи Димишқ бамуқобили

якдигар равона шуданд. Хулоса, ҷанг оғоз шуд ва дар аввали кор ҷанги тан ба тан муваффақият бар ҷониби лашкари Алӣ буд. Бо маслиҳати Амр б. Ос лашкариёни Муовия варақҳои Қуръонро ба сари найзаҳо баста садо баланд карданд: “Ин (варақаҳо) – и китоби Худои азза ва ҷалла аст байни мову шумо. Он чӣ, ки дар инҳо ҳаст, бигузор байни мову шумо ҳакам бошад” [11. с. 23]. Алӣ б. Абӯтолиб ба лашкариёни худ фармуд ба ин найранги тарафи Муовия бовар накунанд ва ҷангро идома диҳанд, вале гурӯҳи зиёде аз ҷумлаи қориёни Қуръон, ба ин найранг фирефта шуда, ҷанг кардан нахостанд ва қарор шуд, ки ду нафар, як нафарӣ аз ҳар ду лашкар ба намояндагӣ аз Алӣ ва Муовия ҳакам шаванд ва масъалаи интихоби халифаи мӯъминоноро ҳал намоянд [11. с. 23].

Дар ниҳояти кор масъала ба манфиати Муовия ҳал шуд, ки дар натиҷаи ин воқеа аввалин ихтилофи бузург дар ислом пайдо гардида, равияҳои хориҷия ва шиа ба вуҷуд омаданд. Ҳамин тариқ, тавре ки мебинем, муҳаққиқон заминаи «муноқишаи мазҳабӣ» - ро як муноқишаи дохилимазҳабӣ, алахусус бидъатро дар назар доранд, аммо дар ҳолати дигар «муноқишаи мазҳабӣ» - ро муноқиша байни мазҳабҳо ҳам фаҳмидан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки дар ин ҳолати мушаххас, чунин нуқтаи назар, бешубҳа, қобили қабул аст, аммо маънои онро надорад, ки он мафҳуми «муноқишаи диниро» пурра тавсиф мекунад. Нигоҳи таърихи имконият фароҳам меорад, ки масъалаҳои доғи ҷомеаи имрӯза, махсусан омилҳои инкишофи моҷароҳо дуруст баҳогузори карда шаванд.

Ҳамин тарик, дар ҳолати мазкур, «низоъи динӣ» ҳамчун тақсимшавӣ ё ҷудоӣ ба якчанд самт дар доираи як мазҳаб фаҳмида мешавад. Инчунин, сабаби муноқишаи динӣ метавонад фаъолияти таблиғотии яке аз мазҳабҳо бошад. Масоили прозелитизм метавонад на танҳо муноқишаҳоро дар равияҳои гуногуни як дин барангезад, балки ихтилофи байни мазҳабҳоро низ ба вуҷуд орад. Ба ақидаи муҳақиқи рус А.А. Нуруллаев «Омили берунаи динӣ низ ба пурзӯр шудани равандҳои парокандагӣ дар ҷомеаи муосир мусоидат мекунад. Сухан дар бораи густариши созмонҳои таблиғотии хориҷӣ меравад, ки фаъолияташон боиси вайрон шудани фазои динии ҷомеа гардидааст. Таблиғотчиёни хориҷӣ аз суст шудани мавқеъҳои иттиҳодияҳои анъанавии динӣ дар солҳои охири мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ истифода бурда, садҳо ва ҳазорон шаҳрвандони мамлакати моро ба сафи ташкилотҳои динии худ ҷалб мекунанд, ки ин боиси норозигии гурӯҳҳои зиёди диндорон, бадтар шудани муносибатҳои байни мазҳабҳо ва байни миллатҳо мегардад» [8. с. 23-24].

Баъзе коршиносон «низоъи динӣ» - ро ҳамчун шакли махсуси низоъи иҷтимоӣ ҷудо мекунанд. Ба ин гурӯҳи муҳаққиқон, масалан, А.Г. Залужний шомил мешавад. Муҳаққиқи мазкур бар он бовар аст, ки “муноқишаҳои диниро на ҳамчун самти нав, балки ҳамчун як бахши махсуси муқовимати муносибатҳои муқаррарии иҷтимоӣ баррасӣ кардан дурусттар мебошад, ки дар сурати нокомӣ бо ин ё он сабаб дар ҷараёни фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд. Ин равиш имкон медиҳад, ки низоъҳои диниро ба категорияи махсуси ҳуқуқӣ ҷудо накунем, балки диққати худро ба омӯзиши сабабҳои муноқишаҳо ва усулҳои пешгирӣ, кам ва бартарафсозии онҳо равона созем» [4. с. 6].

Аммо, ба андешаи мо, пешгирӣ ё маҳдуд кардани низоъи динӣ танҳо ба шарте имконпазир аст, ки он дақиқ ҳамчун муноқишаи динӣ фаҳмида шавад, на дигар. Аксар вақт мансубият ба гурӯҳи этникӣ бо мансубият ба ҷомеаи мазҳабӣ баробар карда мешавад. Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда Х.С. Дауткиреев таъкид мекунад, - баъзан ҷудо кардани омилҳои этникӣ ва мазҳабии равандҳои этнополитикӣ душвор аст ва истифодаи истилоҳи «этномазҳабӣ» мувофиқи матлаб аст [3. с. 29].

Дар ҳамин ҳол, муҳаққиқи рус Д.Б. Малишева чунин мешуморад, ки «мунокишаҳое, ки мазҳабӣ номида мешаванд, дар шакли холиси худ вуҷуд надоранд...». [6. с. 179]. Дар ҷараёни мунокишаҳои дар дохили давлатҳо ба вуҷуд омада, ихтилофоти диниро бо ихтилофоти этникӣ чунон сахт омезиш додан мумкин аст, ки онҳо аксар вақт ҳамчун яке аз шаклҳои охирин амал мекунанд. Муборизаи динҳо ё ҳаракатҳое, ки дар зери аломати дин сурат мегиранд, аксар вақт муборизаи гурӯҳҳои этнодинӣ, этносотсиалӣ, равияҳои сиёсӣ, идеологӣ, барномаҳо, ҳизбҳоро пинҳон мекунанд. Шиорҳои динӣ ва сиёсӣ аксар вақт танҳо ҳамчун сарпӯши муносиб барои ғаразҳои шахсии пешвоёни сиёсӣ, ки ба ӯҳдадориҳои анъанавии ҳамқавмҳо ё ҳаммазҳабон такя мекунанд, хизмат мекунанд. Гузашта аз ин, низоъҳои ҳудудӣ дар заминаи масъалаҳои ҳалношудаи қавмӣ ё динӣ аксар вақт танҳо ҳамчун сарпӯш, дудбарои сабабҳои аслӣ ва манбаъи баҳс хидмат мекунанд. Ва дар айни замон, ангезаҳо ва омилҳои дохилию хориҷиро ҷудо мекунад, ки дар заминаи динӣ боиси низоъ мегарданд [6. с. 180].

Мо чунин мешуморем, ки заминаҳои дохилии пайдоиши низоъҳоро мавқеи гурӯҳҳои динӣ дар низоми сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳанд, инчунин нобаробарии сиёсие, ки ҳокимият нисбат ба намояндагони баъзе мазҳабҳо раво дидааст. Ба омилҳои берунае, ки қобилияти устувор намудани вазъияти диниро доранд, метавонанд дастгирии иқтисодӣ, ҳарбӣ ё сиёсии ҷараёни мазҳабии мухолиф аз берун, масалан, аз давлати ҳамсоя фароҳам овардани заминаи пуштибонӣ аз ҷунбишҳо ва созмонҳои динӣ дохил шаванд. Дар байни омилҳои беруние, ки метавонанд мунокишаҳои байнидавлатӣ ва минтақавии диниро ангезиш диҳанд, фаъолияти сиёсии хориҷии давлатҳои алоҳида, ки барои нақши «марказҳои қудрат» - и минтақавӣ ва диниро аз худ намудан мубориза мебаранд, ба монанди Арабистони Саудӣ, ки бо Миср барои роҳбарӣ дар ҷаҳони араб мубориза мебарад, метавон номбар намуд [3. с. 21].

Д. Б. Малишева дар монографияи худ ихтилофҳоеро баррасӣ менамояд, ки дар кишварҳои ба таври анъанавӣ паҳн гардидаи Ислом ба амал меоянд, инчунин изҳор менамояд, ки хусусиятҳои таълимоти динӣ, ба монанди ин боиси ихтилофи динӣ шуда наметавонанд ва масъалаи дигар ин аст, ки онҳо метавонанд барои расидани он шароити мусоид фароҳам оранд. Мо метавонем танҳо қисман бо мавқеи Д.Б. Малишева, ки мунокишаи диниро ҳамчун як қисми мунокишаи қавмӣ мешуморад, розӣ шавем. Дар ҳақиқат, тавре ки муҳаққиқи рус А.Н. Ипатов менависад: «Робитаи қавмӣ - мазҳабии «русӣ – православӣ», «тоторӣ – мусалмонӣ», «поляк – католикӣ» ва ғайра дар ҷараёни синкретизатсияи ин динҳо ва мазҳабҳо бо бутпарастӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо онро иваз карданд ва аз шуури омма кӯчониданд. Ба ин раванд унсурҳои фарҳанги халқӣ ҷалб карда шуданд. Бо унсурҳои фарҳанги калисо ҳамкорӣ карда, онҳо ба шуури динӣ, мазҳаби православӣ (католикӣ, мусалмонӣ) дарки боз ҳам бештар бахшиданд» [5. с. 18]. Гузашта аз ин, ба назари мо, мансубияти мазҳабии омма, ки қувваи пешбарандаи ташаккулёбии ҷамъиятҳои гуногуни қавмӣ буданд, муддати тӯлонӣ ҳамчун муайянкунандаи қавмии интиқолдиҳандагони ин ҷамъиятҳо баромад мекарданд. Аммо, бояд таъкид кард, ки дар бораи ҳувият ё ҷудонашавандагии шахсияти қавмӣ ва динӣ ҳарф задан ғайриимкон аст. Онҳо амалан шабеҳ нестанд, зеро бисёр хусусиятҳои хоси ҷомеаи этникӣ ба ҷомеаи динӣ хос нестанд. Ба гуфтаи А.Н.Ипатов, «дар асл мо на бо мушаххассозӣ, балки бо иваз кардани он ба робитаи дар байни мансубиятҳои мазабӣ ва қавмӣ ба вуҷуд омада сарукор дорем, ки ин (пайваст) мефаҳмонад, ки чаро, масалан, «поляк - католик» худро аз «католики литвагӣ», «русӣ - православӣ» аз «булғорӣ - православӣ», «узбек - мусалмон» аз «қазоқ - мусалмон» ва ғайра ҷудо мекунад [5. с. 23].

Ба андешаи муҳаққиқи рус Л.А. Баширов: «... фарқиятҳо ва зиддиятҳои қавмӣ ва мазҳабӣ хосиятҳои омилҳои зиддияти этникӣ ва диниро танҳо вақте ба даст меоранд, ки агар онҳо барои мустаҳкам кардани мавқеи бартарияти баъзе гурӯҳҳои қавмӣ, ки ба мазҳабҳои муайян мансубанд, бар зарари дигарон дар низоми ҳокимияти сиёсӣ истифода шаванд. Шарти пешакии бисёре аз низоъҳои қавмию мазҳабӣ ва зуҳуроти экстремистӣ дар фазои пасошӯравӣ принсипи ташаккули Давлати Шӯравӣ ҳамчун унитарӣ ва мутамарказ буд, ки онро элитаи ҳукмрони шӯравӣ муқаррар менамуд ва он гуногунии қавмӣ, миллӣ ва диниро таҳдид ба усули идоракунии тоталитарии кишвар, таҳдид ба қудрати он медонист» [1. с. 46].

Гузашта аз ин, муҳақиқи рус Л.А. Баширов қайд менамояд: «маълум аст, ки низоъҳои дохилӣ дар заминаи динӣ ё қавмӣ - динӣ хусусан оштинопазиранд ва аксар вақт хусусияти дарозмуддат мегиранд. Ҳамин тариқ барои дар ҳар як насли ҷавон таҷдиди навъи махсуси касбии «муборизони имон», ки дар шароити шадид ба воя расидаанд ва заминаи асосии иҷтимоии экстремизми диниро дар кишвари худ ва берун аз он ташкил медиҳанд, шароит фароҳам оварда шудааст. Ҳар қадаре ки раванди ҳалли низоъҳо ба таъхир афтад, ҳамон қадар заминаи иҷтимоии экстремизми байналмилалӣ фаъолтар мешавад» [1. с. 47-48].

Ба андешаи М.И. Одинсов, тамоюли афзоиши шумораи онҳое мавҷуд аст, ки боварӣ доранд, ки кӯшиши эҳёи институти дин махсусан масҷид (ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ) вуҷуд дорад, ки барои ба ҷои идеологияи атеистӣ - коммунистии аз байн рафта, ҷорӣ кардани идеологияи нави динӣ ифротӣ равона гардидааст. Ин муносибати байни он институтҳои иҷтимоии дахлдор, ки аҳолии он одатан динҳои дигарро пайравӣ мекунанд, душвор мегардонад. “Гузашта аз ин, - М.И. Одинсов қайд мекунад, ки - мо метавонем дар бораи ҷалб намудани дин, ташкилотҳои динӣ ба муборизаи сиёсӣ ва низоъи байни миллатҳо дар ҷумҳуриҳои алоҳида, ки ба онҳо тобиши динӣ мебахшад, сухан ронем» [9. с. 60].

Бо вуҷуди ин, ба андешаи В.Н. Рагузин ҳолатҳое низ мешаванд, ки ба низоъҳои иҷтимоӣ на динро, балки «таассубҳо ва бадгумониҳои диндорон нисбат ба пайравони динҳои дигар ё кофирон, ки таърихан ба вуқуъ пайвастаанд ва метавонанд дар зери таъсири пайдоиши ташаннуҷи байни миллатҳо ба амал омада, шадидтар шаванд ва онҳоро дар мавъизаи рӯҳониён, дар ВАО таъкид кунанд ва омили тавлидкунандаи низоъ дар вазъияти минтақа гарданд» [10. с. 28] ҷалб менамоянд.

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло зикр гардида, барои таҳлили муккамали низоъҳои динӣ зарур мешуморем, ки таърифи низоъи диниро ҳамчун зуҳурот дақиқ намоем. *“Низоъҳои динӣ - низоъҳое дониста мешаванд, ки арзиши мутлақ дошта, аксар вақт характери давомнок доранд ва ба осонӣ аланга гирифта ба тартиб дароварданашон хеле мушкил аст”* [12. с. 194-198].

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати тезутундшавии муносибатҳо, низоҳо ва бухронҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, вазифаи мутобиқи дин дар ҷомеа пурзур мегардад. Лекин новобаста аз сабабҳои пайдоиши гурӯҳҳои мухталифи динӣ, мушкилоти низоъҳои динӣ доимо инсониятро ҳамроҳӣ намудааст ва дар шароити имрӯза муҳим ва актуалӣ гардидааст. Воқеаҳои солҳои охир, амалҳои террористӣ дар тамоми ҷаҳон, махсусан, дар кишварҳои Ғарб, ҷомеаи ҷаҳониро ба муттаҳидшавӣ, ба оғози мубориза бо зидди экстремизм ва терроризм водор менамояд.

Низоъи динӣ - ин, пеш аз ҳама, низоъи инсоният аст, ки дар асоси бархурди манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки дар ду ё зиёда гурӯҳҳои мухолиф муттаҳид шудаанд, ба ҳисоб меравад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин гурӯҳҳои мухолиф ба системаи ягонаи арзишҳо, нуқтаи назар ягона ба олам, эътиқодҳои ягонаи

маънавӣ такя менамоянд. Дар чунин ҳолат, ҳар як гурӯҳи мухолиф кушиш ба харҷ медиҳад, ки на худ, балки мухолифи худро ҳамчун субъекти низоъ баррасӣ намояд. Субъектҳои чунин низоҳо гурӯҳи одамон ба ҳисоб мераванд. Лекин, объекти чунин низоҳо меъёрҳо ва арзишҳои маънавии муайян нисбат ба иерархия, ки дар байни ҷонибҳо мухолифат доранд, баромад менамоянд.

Умуман, ба хотире ки одамон дорои ғояҳои якхелаи мутлақ нестанд, чунин низоъҳоро метавон ҳамчун ҳолати табиии эътироф намуд ва дар аксарияти ҳолатҳо метавон роҳҳо ва воситаҳои асосии бартараф намудани онҳоро дарёфт намуд. Чунин роҳҳо ва воситаҳо аз эътирофи арзишҳои якдигар, тариқи тоқатпазирӣ ва эътирофи ҳуқуқ ба боварии дигар ба ҳисоб мераванд. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин роҳу воситаҳо на шуурӣ вакт имконпазир мебошанд. Монеаи асоси ба ақл ва хоҳиши некӣ фанатизм ба ҳисоб меравад [8. с. 28].

Хусусияти низоъҳои динӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ҳаёти маънавии одамон, ҷаҳони дохилии одамон дахл менамояд. Мутобиқати мафҳуми деструксияи иҷтимоӣ ва низоъи иҷтимоиро тадқиқ намуда, метавон дарк намуд, ки деструксия аз низоъ пеш буда, ҳамчун сабаб ва заминаи низоъ баромад менамояд, дар низоъ ҳамчун хусусияти алоқамандии низоъи хуб қабул карда мешавад, ҳамчун натиҷаи низоъ дар маҳдуд гардидани манфиати яке аз тарафҳои низоъгар таҷассум мегардад. Низоъи динӣ, дар чунин ҳолат, ҳамчун низоъи иҷтимоӣ баромад менамояд, ки дар доираи ҷаҳони ҳаётии динӣ, ё дар бархурд бо «ҷаҳони» секуляристӣ пайдо мешавад [7. с. 119-140].

Барои эътиқодмандон он ҳамон радифи семантикӣ ба ҳисоб меравад, ки дар доираи он қабулнамоӣ, баҳогузорӣ ва интихоби стратегияи ҳалли низоъ аз тарафи онҳо амалӣ мегардад. Дар ҳамин муносибат вазифҳои низоъи дин таснифот, муайяннамоӣ, бартарафнамоӣ таҷассум меёбанд. Самтҳои асосиро дар омӯзиши онҳо муаллиф дар асоси муносибатҳои назариявии ташхисӣ ошкор менамояд, ки дар доираи онҳо мазҳабият, деструксия ва низоъро ифода карда метавонад. Дар чунин ҳолат метавон дар бораи муносибати фалсафаи марксистӣ, феноменологӣ, дериватсионӣ, антропологӣ, психоаналитикӣ махсусан қайд намуд. Дар асоси консепсияҳои зикргардида хусусиятҳои асосии низоъгароӣ ва деструксияи динӣ тасниф карда мешаванд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки пайдоиши низоъҳои динӣ ба амалӣ чор омили муайян алоқаманд мебошанд: омили асосӣ, яъне мавҷудияти самтҳои «сохторӣ» ва «ғайрисохторӣ» дар инкишофи ҳар як система; омили фарҳангиву таърихӣ, яъне андозаи мутобиқати сарҳадоти давлат, миллату этнос ва эътиқоди динӣ; омили иҷтимоӣ, яъне таъсири равандҳое, ки дар ҷомеа, дар зерсистемаи динӣ амалӣ мешаванд; омили конфессионалӣ, яъне хусусияти муносибатҳои динӣ. Ба хотире, ки моҳияти низоъҳои динӣ ин низоъи мутлақи арзишҳо аст ва чунин низоҳо асосан характери доимӣ доранд, ба тариқи оддӣ оғоз мешаванд ва танзим намудани онҳо ғайриимкон аст. Яке аз роҳҳои ҳалли низоъҳои динӣ дигаргун намудани «низоъи арзишҳо» ба «низоъи манфиатҳо» ба ҳисоб меравад. Яъне, дар чунин ҳолат кушиш карда мешавад, ки сабабҳои асосии низоъ аз антогонизми ҷаҳонбинии тарафҳои низоъигар ҷудо карда шаванд. Лекин, дар ҳолати низоъҳои сирф динӣ, раванди тулонии ташаккули тоқатпазирии нави арзишиву динӣ ва омодагӣ ба диалог талаб карда мешавад.

Мутобиқати байни қувваи ҳаётии инсон ва низоъигароӣ дар соҳаи динӣ мавҷуд аст. Қувваи ҳаётии инсон - ин қобилияти ӯ дар нигоҳдорӣ, барқарорнамоӣ ё бунёди нави тавозун байни шароити берӯна ва маънои дохилии мавҷудияти ӯ ба ҳисоб меравад. Дар асоси чунин таснифот, метавон қайд намуд, ки: тарҳҳои мухталифи

мазҳабият ҷой дорад, ки бо тарзҳои мухталиф низоъҳои иҷтимоиро тасниф менамоянд; тарҳҳои гуногуни мазҳабият дорои потенсиали гуногуни низоӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, ба таври хулоса метавон қайд намуд, ки низоъи мазҳабӣ ин низоъи таснифотҳои гуногун, низоъи шаклҳои алоҳидаи ташкилотӣ, низоъи субъектҳо бо характеристикаҳои мухталифи гурӯҳӣ ва фардӣ мебошад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси тадқиқотҳои мухталиф дар самти омӯзиши низоъи динӣ, асосан чунин хулосаҳо пешниҳод карда шудаанд: сатҳи баланди тоқатнопазирии як дин нисбат ба пайравони дигар дину ойинҳо ва ба куфру бодини мустаҳкам кардани пайравони дигар динҳо; сатҳи баланди низоъҳои мазҳабӣ ба тариқи умумӣ, инчунин самти низоъҳо нисбат ба пайравони дигар дину мазҳабҳо эҳтимолияти зиёд доранд; дар натиҷаи низоъи мазҳабӣ ҷудогардии нишондиҳандаҳои низоъҷӯии мазҳабӣ ва низоъро метавон интизор шуд, хусусиятҳои низоъҳои мазҳабӣ якдигарро пурра менамоянд.

**Адабиёт**


1. Баширов, Л.А. Ислам и этнополитические процессы в современной России [Текст] / Л.А. Баширов. – М.: Изд-во РАГС, 2000. – 100 с.
2. Вебер, М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер. – М.: Политиздат, 1990. – 804 с.
3. Дауткиреев, Х.С. Политико-правовая основа регулирования этноконфессиональных отношений в Российской Федерации: (на примере Северного Кавказа) [Текст] / Х.С. Дауткиреев. – М., 2002. – С.29.
4. Залужный, А.Г. Специфика религиозного конфликта [Текст] / А.Г. Залужный // Религия и право. – 2000. – №6. – С.6.
5. Ипатов, А.Н. Этноконфессиональная общность как социальное явление (Проблемы взаимодействия религии и этноса) [Текст]: дисс... д-ра филос. наук / Ипатов Алексей Николаевич. – М., 1980. – 321 с.
6. Малашенко, А.В. Исламские ориентиры Северного Кавказа [Текст] / А.В. Малашенко. – М.: Гедальф, 2001. – 180 с.
7. Маҳмадизода, Н.Д. Ҷаҳони ислом: таъсири динӣ – фарҳангӣ ва сиёсии он ба Тоҷикистон [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода // Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо. – Душанбе, 2016. – С.119-140.
8. Нуруллаев, А.А. Проблемы диалога религий в эпоху глобализации [Текст] / А.А. Нуруллаев // Вестник Российского университета дружбы народов. – 2001. – №3. – С.28.
9. Одинцов, М.И. Религиозный фактор и политический конфликт: в прошлом и настоящем России [Текст] / М.И. Одинцов // Политическая теория: тенденции и проблемы. – М.: Луч, 1994. – С.60.
10. Рагузин, В.Н. На острие российской геополитики [Текст] / В.Н. Рагузин. – М.: Издательство РАГС, 1999. – 232 с.
11. Раҳмон, Э. Имоми Аъзам: рӯзгор, осор ва афкор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 416 с.
12. Сатторов, С.Н. Хусусиятҳои низоъҳои динӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷик: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ [Матн] / С.Н. Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №9. – С.194-198.


## ПРЕДПОСЫЛКИ РЕЛИГИОЗНЫХ КОНФЛИКТОВ И ИХ ХАРАКТЕРИСТИКИ


**САТТОРЗОДА СУБХИДИН НАДЖМУДИН,**
ассистент кафедры социальной работы факультета философии
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Тел.: (+992) 918-92-30-92. E-mail: ssubxiddin@inbox.ru

*Религиозный конфликт - это, такой конфликт человечества, в основе которого лежит конфликт интересов разных социальных групп, объединенных в две или несколько оппозиционных групп. Следует отметить, что эти оппозиционные группы опираются на единую систему ценностей, единый взгляд на мир, единую духовную веру. В этом случае каждая оппозиционная группа стремится рассматривать своего противника как субъекта конфликта, а не себя. Субъектами таких конфликтов являются группы людей. Однако объектом таких конфликтов являются определенные нормы и моральные ценности по отношению к иерархии, против которых выступают стороны.*

*В целом, поскольку у людей нет одинаковых абсолютных представлений, такие конфликты можно считать естественным состоянием, и в большинстве случаев можно найти основные пути и средства их преодоления. Такие способы и средства основаны на признании ценностей друг друга, на терпимости и признании права доверять друг другу. Однако анализ показывает, что такие способы и средства сознательно невозможны. Природа религиозных конфликтов проявляется в том, что они вмешиваются в духовную жизнь людей, во внутренний мир людей. Изучая совместимость концепций социального противостояния и социального конфликта, можно увидеть, что противостояние предшествует конфликту и служит причиной и основой конфликта, конфликт воспринимается как связная природа конфликта, как результат конфликта ка воплощение ограничении интересов одной стороны. Религиозный конфликт в данном случае выступает как социальный конфликт, который происходит в сфере религиозной жизни или в противостоянии секулярной концепции мир (правительство существует отдельно от любой религии).*

***Ключевые слова:*** *религиозный конфликт, насилие, традиции, мораль, религиозные секты, экстремизм, терроризм, религиозный конфликт, оппозиция.*

## BACKGROUND OF RELIGIOUS CONFLICTS AND THEIR CHARACTERISTICS

**SATTORZODA SUBKHIDIN NAJMUDIN,**
Assistant at the Department of Social Work, Faculty of Philosophy
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-92-30-92. E-mail: ssubxiddin@inbox.ru

*A religious conflict is such a conflict of humanity, which is based on a conflict of interests of different social groups united in two or more opposition groups. It should be noted that these opposition groups are based on a single system of values, a single view of the world, a single spiritual faith. In this case, each opposition group seeks to consider its opponent as a subject of the conflict, and not itself. The subjects of such conflicts are groups of people. However, the object of such conflicts are certain norms and moral values in relation to the hierarchy, against which the parties oppose.*

*In general, since people do not have the same absolute ideas, such conflicts can be considered a natural state, and in most cases it is possible to find the main ways and means to overcome them. Such ways and means are based on the recognition of each other's values, on tolerance and recognition of the right to trust each other. However, analysis shows that such methods and means are consciously impossible. The nature of religious conflicts is manifested in the fact that they interfere in the spiritual life of people, in the inner world of people. Studying the compatibility of the concepts of social confrontation and social conflict, one can see that the confrontation precedes the conflict and serves as the cause and basis of the conflict, the conflict is perceived as the coherent nature of the conflict, as the result of the conflict as the embodiment of limiting the interests of one side. Religious conflict in this case acts as a social conflict that occurs in the sphere of religious life or in opposition to the secular concept of the world (government exists separately from any religion).*

***Key words:*** *religious conflict, violence, traditions, morality, religious sects, extremism, terrorism, religious conflict, opposition.*

**УДК: 323 (575.3)**

# СИЁСАТИ СУЛҲПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТАРҒИБГАРИ ВАҲДАТОФАРИНИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК ДАР САҲИФАҲОИ НАВИНИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**МАХСУДОВ АБДУРАҲМОН ДУРМОНОВИЧ,**
ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода.
734019, ш.Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6.
Тел.: (+992) 983-33-84-11

*Дар мақолаи мазкур омӯзишу таҳлили сиёсати сулҳпарварони Пешвои миллат дар заминаи донишҳои боэътимод баррасӣ гардида, ба рисолати мардумсолорӣ ва ваҳдатгароии миллати кӯҳанбунёди тоҷик низ баҳои баланд дода шудааст. Марҳилаҳои таърихӣ ҳамчун зинаҳои гузариш аз ҷониби муаллифи мақола таҳлил шуда, ҷоннисориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи ваҳдатофаринӣ бо азму иродаи қавӣ қаламдод шудааст.*

*Муаллифи мақола дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ исбот менамояд, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ватанро аз парокандагию даҳшатзадагиҳо ба авҷи аъло бурда, овози тоҷикро ба минбарҳои баланди ҷаҳонӣ расонид.*

*Ба имзо расидани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои мардуми тоҷик парешониро бартараф намуда, мардуми овораю фирорӣ аз ватанро, дубора, пиёдаи ватан сохт. Маҳз корнамоиҳои фарзанди фарзонаи ин миллат ва самараи фарҳанги волои миллати тоҷик буд, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ барои мардуми шарифи Тоҷикистон иттиҳоду ягонагӣ ва якдилию ҳамбастагӣ насиб гардида, дар заминаи онҳо истиқлоси комили сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омада.*

*Дар хулосаи мақола муаллиф бо ихлосмандӣ сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллатро орзуи ҳазорсолаҳои миллати тоҷик дониста, қайд мекунад, ки ин рисолати ҳакимона ҳаёти осоиштаи ҷомеа, орзуву армони ҳамдилон, наҷоти миллат ва рушди тафаккури тадриҷиро дар дили ҳар як ҳамватан парвариш хоҳад кард.*

***Калидвожаҳо**. Пешвои миллат, сиёсати сулҳпарвар, миллати тоҷик, ваҳдат, сулҳ, истиқлолият, Ваҳдати миллӣ, истиқлоли сиёсӣ ва фарҳангӣ, ватан, иттиҳод, якдилӣ, рисолати ватандорӣ, суботу оромӣ.*

Инсоният аз азал пайваста дар орзуи ҳаёти хушу хуррам умр ба сар мебурд ва ҳусни тафоҳуму бародарии аҳли башарро чун яке аз роҳҳои асосии расидан ба зиндагонии осудаҳолона медонисту пайгирӣ мекард. Ин аст, ки муҳимтарин андешаҳо роҷеъ ба масъалаи арзишҳои инсонӣ, яъне ҳамдилию ҳамфикрӣ ва дӯстию бародарӣ ҳанӯз дар авроқи қадимтарин сарчашмаи хаттии то мо расидаи ориёӣ «Авасто» чунин зикр гардидааст: «Равшании андешаро, равшании гуфторро, равшании кирдорро, зиндагии хуши равонро, афзоиши гетиро ва зиндагии хуши касеро, ки ба Аша (*ҳақиқат, қонуни абадии офариниш*) гирояд, бояд сутуд» [1, 184].

Дар ин сарчашмаи таърихӣ нуфуз ва манзалати андешаҳои баланди ориёитаборон оид ба сулҳ ва иттиҳоду ваҳдат бо ситоиш дарҷ гардида, он ҳамчун такягоҳ дар замири наслҳои ҷомасафедпӯшони баъдӣ, худшиносию худогоҳиро сайқал дода, барои расидан ба ҳадафҳои бузурги миллӣ кумак намудааст. Агар ба таърихи давлатдории миллати тоҷик назар кунем, аз ибтидои бозсозиҳои пеш аз мелодӣ то кунун аслиҳаи асосии ин миллат сарчашмаҳои таърихӣ-эътиқодӣ ва ҳикмату андарзи пешвоён ҳамчун дастуру раҳнамо буда, аз ғасби марзию фишори мардуми дурӣ ҷустан будааст. Ин рисолати беназиру таърихии миллати тоҷик, ки аз жарфнои таърих тариқи силсилаи наслҳо омада расидааст, дар замони эҳёи давлати миллӣ ба мо имконият фароҳам овард, то аз асолати хеш дур намонда нифоқҳои сиёсӣ (солҳои 1991-1997)-и бавуқуъ омадаро бартараф

кунем. Замоне, ки тухми парокандагӣ пошидаю хуни бародарӣ рехта мешуд. Дар ин айём барои ин миллати сарсупурдаю саргардон роҳбаре лозим буд, ки чашмонаш ба умқи асрҳо рафтаву гӯшҳояш ба дарвозаи ҳамсояҳо ва дилаш дар тани ҳар як шаҳрвани ин сарзамин бо тапиш истод бошад. Дар тақдири баланди миллати тоҷик ҳамин гуна ҳам шуд. Роҳбаре зимоми давлатдорӣ ба даст гирифт, ки на танҳо дар барқарории сулҳ, ваҳдатофаринӣ ва рушду таҳаввули давлати тозатаъсис таъсир гузошт, балки барои эҳёи падидаҳои неку арзишҳои олии ниёгон саҳми арзанда гузошт. Ин шахсияти нодири таърихӣ Эмомалӣ Раҳмон (05.11. 1952) буд, ки оғози фаъолияташ ба ҳайси Раиси Шӯрои олии Тоҷикистон дар замони даргириҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ рост меомад.

Воқеияти таърих он аст, ки Пешвои муаззами миллат кишварро аз вартаи ҳалокат ва миллатро аз нестӣ наҷот бахшид. Мутаассифона рӯзе ба сари қудрат омад, ки Тоҷикистон дар оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ месӯхт ва касе аз давлатмардони кишвар бовар ба фардо надоштанд. Хатари шадиди тороҷ гардидани кишвар аз ҷониби чанд бебасар мушоҳида шуда, сиёсати давлат бозичаи дасти душманон гардида буд. Тоҷикистонро дар он замон лаҳза ба лаҳла хатари нестшавӣ таҳдид мекард.

Тавре роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Аз касе пӯшида нест, ки баъди шикасти давлати Шӯравӣ баъзе кишварҳо дар фикри ба зери тасарруфи худ даровардани сарзамини мо ва кашида бурдани сарватҳои он буданд. Бо ин ният онҳо аз ҳама имкониятҳои мавҷуда истифода менамуданд. Дар либоси дӯст ва кишвари хайрхоҳ ба ҷилва омада, аз паси парда нақшаи ҷангу нифоқро тарҳрези мекарданд, қувваҳои носолим ва шахсиятҳои ватанфурӯшро дастгирӣ менамуданд. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳаргиз тасодуф набуд» [14, 19-20].

Маврид ба ёдоварӣ аст, ки танҳо дар соли аввали ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ дар кишвар аз 20 то 60 ҳазор одам кушта шуда буд. Бештари қурбоншудагон – тақрибан 50 ҳазор ба моҳи май - декабри соли 1992 рост меоянд. Мувофиқи маълумоти комиссарияти олии СММ оид ба кори гурезагон – 600 ҳазор, яъне даҳяки аҳоли маҷбур шуд, ки ҷойҳои истиқоматии худро тарк кунад. 80 ҳазор кас маҷбур шуданд, ки дар хоки бегона, хусусан, дар Афғонистон паноҳ ёбанд. Ҷанг ба иқтисодиёти кишвар беш аз даҳ милярд долар хисорот ворид намуд. Бо таҳлил ва пешниҳоди мутахассисон, сиёсатмадорон агар рафти ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон идома меёфт ин кишвар аз харитаи сиёсии ҷаҳон аз байн мерафт. Дар чунин давраи мураккаби таърихӣ 19-уми ноябри соли 1992 дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, (аз 197 вакил 186 намояндаи халқ номзадии Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуданд), шахси оқил, роҳбари дурандеш Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид ва ба ҳар як шахси хирадманд маълум аст, ки маҳз бо туфайли ҷаҳду талоши хастанопазири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт. Ин ҳақиқати таърихиест, ки онро наметавон инкор кард. Тавре Мавлонои Балхӣ мегӯяд:

Офтоб омад далели офтоб,
Гар далелат бояд, аз вай рӯ битоб.

Дар он шароити тақдирсоз интихоби вакили халқӣ – Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари давлат (раиси Шӯрои Олӣ) аҳамияти бузург дошт. Гап дар сари он меравад, ки дар он рӯзҳои фоҷеабор тамоми тоҷикони ҷумҳурӣ ва ҷаҳон бо як чашми умед ба рафти кори Иҷлосияи таърихиву тақдирсози XVI-уми Шӯрои Олӣ назар мекарданд. Ходимони давлатӣ, сиёсатмадорони ҷаҳон, ки бо чашми худ оқибати ин гуна фоҷеаро дида ё шунида буданд, боварӣ надоштанд, ки иштирокчиёни иҷлосия забон меёбанд. Бисёр сиёсатмадорон дар он ақида буданд, ки дар ин вазъияти ба амал омада пайдо шудани роҳбари лаёқатманди дурандеши сулҳпарвар, ки тавонад оташи низои миллиро хомуш

карда, кишварро аз оғуши ҷанги хонумонсузи шаҳрвандӣ барорад аз эҳтимол дур буд. Барои миллати ҷафокашидаи тоҷик хушбахтона ба майдони сиёсӣ шахси хирадманд, Пешвои миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омад.

Ҳангоми савганд дар Иҷлосия роҳбари давлат ба вакилони халқ ва мардуми тоҷик чунин ваъда дод: «…фаъолияти худро ман аз барпо намудани сулҳ оғоз менамоям» [14, 23]

Ӯ ба ваъдаи хеш вафо кард. Пешвои миллат дар ҳақиқат фаъолияти худро аз барпо намудани сулҳ дар Тоҷикистон оғоз намуд.

Нахустин қонунҳои қабулкардаи Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ маҳз ба масъалаи сулҳу субот ва ба ваҳдати миллӣ овардани мардуми Тоҷикистон бахшида шуда буданд. Масалан, қонунҳо «Дар бораи гурезагон», «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992» баёнгари сиёсати сулҳпарваронаи роҳбари тозаинтихобу ҷавони Шӯрои Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи интихоб шуданаш дар Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон гуфта буд: «Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони муҳтарам! Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» [12, 7].

То расидан ба ваҳдати миллӣ, яъне то имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 27 июни соли 1997, Пешвои миллат 80 маротиба муроҷиатнома, хитоба, суханрониҳои расмӣ ва табрикот кардааст ва дар ҳамаи баромаду суханрониҳояш пайваста аз сулҳу субот, дӯстӣ ва ваҳдат, бар гардонидани гурезагони иҷборӣ сухан карда, ҷангу нифоқро сахт маҳкум кардааст ва мардумро ба муттаҳидӣ, ваҳдату якдилӣ ва якпорчагии Ватан давлат намудааст ва дар ин роҳи муқаддасу пурмасъулият ва пурпечутоб чиқадар мамониятҳои сангинро пушти сар намуд.

Пешвои миллат дар табрикоти солинавӣ аз 31 январи соли 1992 ба мардуми кашвар муроҷиат карда мегӯяд: «Дар ин шаби соли нав, дар ин шабе, ки ман бояд ҳамаатонро бо ид табрик гӯям, аввалан ба ҳамаи онҳое, ки имшаб дар паҳлӯяшон падарону модаронашон, бародарону хоҳаронашон, фарзандонашон нестанд ва бехонумон шудаанд, тасаллият гуфта, ҳамдардии хешро баён менамоям...» Ва таъкид мекунад: «Дилпурона изҳор менамоям, ки бо зудӣ дар мамлакатамон сулҳу салоҳ, якдигарфаҳмӣ амалӣ хоҳад гашт» [9, 21].

Пешвои миллат дар роҳи бунёди давлати миллӣ пеш аз ҳама ба офаридгор ва иродаи неки халқи фарҳангсолораш такия мекард. «Ман ба раҳми Парвардигор, ба хиради азаливу иродаи неки халқам бовар доштам ва ҳамеша ба нерӯҳои солим ва рӯҳи сулҳхоҳонаи миллати тоҷик такия менамудам» [9, 34].

Ҳамин боварию иродаи қавӣ, дили бузург доштани Пешвои миллат буд, ки оташи ҷанги хонумонсузи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Ватани азизи мо хомӯш шуд. Дар ин бора вакили Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ Малик Қурбонов чунин менависад: «Ба ҳар як шахси хирадманд маълум аст, ки маҳз бо туфайли ҷаҳду талоши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт. Ин муболиға не, балки таҳлили вазъи беш аз бистсолаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо мебошад. Ин ҳамон ҳақиқате мебошад, ки онро тамоми ҷаҳон ва аксарияти ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд» [14, 24].

Ин хидмат ва ҷоннисориву ватанхоҳӣ, миллатдустиву башарпарварии роҳбари давлат дар авроқи тиллоии таърих бо ҳарфи заррин сабт гардида, корномаи ҷовидонии ӯ ҳамчун машъали фурӯзон баҳри тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандорӣ ва ифтихор аз меҳану миллат аз ҷониби донишмандон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар ин самт даҳҳо китобу мақола ва маҷмуаҳои илмӣ рӯи чоп омадааст.

Ҳамин тавр роҳи тайкардаи ин шахсияти таърихӣ шамъеро мемонад дар роҳи пайгирифтаи миллати тоҷик. Барои ба ин мақсадҳо ноил гардидан назди ӯ вазифаҳои ниҳоят мушкил ва тақдирсоз меистод. Ташкили низоми дурусти идораи давлат, таъсиси мақомоти марказӣ, таҳияи низоми судӣ ва ғайра, ки тавассути он тавонад халқро аз вартаи нобудӣ раҳо созад. Дар натиҷаи фаъолиятҳои пайвастаи шабонарӯзӣ Пешвои миллат исбот намуд, ки ӯ барои хизмати холисонаи халқ зода шудааст ва тамоми неруи худро баҳри ободу гулгушукӯфоии Ватан-Тоҷикистон бахшида, ҳамеша мардумро ба сӯи ормонҳои олӣ, сулҳ, ваҳдат ва якдигарфаҳмӣ ҳидоят мекунад. Шоири Халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб ин машҳади ормонҳои олиро чунин тасвир кардааст:

Ваҳдати мо дил ба рӯи якдигар во кардан аст,
Чехраҳои офтобиро ба дил ҷо кардан аст.
Аз нигоҳи садри олии Ватан бо ҳамдилӣ
Тоҷиконро тахтшини тахти дунё кардан аст [2, 47].

Маҳз самараи фарҳанги қадимаи миллии ваҳтадгароии миллати тоҷик ва корнамоиҳои фарзанди фарзонаи ин миллат буд, ки бо файзи истиқлол Ваҳдати миллӣ барои мардуми шарифи Тоҷикистон ҳамчун дастоварди муҳими таърихӣ ноил гардид ва он ҳамчун василаи иттиҳоду ягонагӣ, якдилию ҳамбастагӣ ва рушддиҳандаи ҳадафҳои инфиродию иҷтимоӣ дониста шуда, ҳамасола бо шукӯҳи хоса ҷашн гирифта мешавад.

Бевосита давлати соҳибистиқлоли мо бо шарофати Ваҳдати миллӣ ҳамасола барои расидан ба ҳадафҳои стратегии худ – истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва саноатикунонии мамлакатро зина ба зина амалӣ намуда истодааст. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки бо кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, махсусан, Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии мардуми меҳнатдӯсти кишварамон тамоми мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бартараф шуда, зиндагии босаодати халқи азизамон рӯз то рӯз, ба тадриҷ таъмин гардида истодааст.

Имрӯз таҳким бахшидан ба Ваҳдати миллӣ рисолати шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар тоҷику тоҷикистонӣ гардида аст. Зеро таърихи рӯзҳои талху сангини гузашта дар ёд монда, зудудани он танҳо бо роҳи шукргузорӣ ва арҷгузорӣ ба ин ватани маҳбубу дилбохтанӣ мебошад. Агар ба таърихи пурмоҷарои гузашта мунсифона назар кунем, рисолати ватандорӣ ин дасти сахо ба ҳамватан дароз намудан ва аз дасти дарозкардаи бегонагон рӯ гардонидан аст. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таъкид намудааст, ки ваҳдат, иттиҳод, иттифоқу ҳамзабонӣ ва ҳамдилӣ аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ба шумор рафта, пайвандии он то хешию якдилӣ бурда мерасонад:

Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,
Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст [3, 10].

Сулҳу ваҳдат мафҳумҳои дилчаспу дилнишине мебошанд, ки ҳамеша бо лаҳни шево садо медиҳанд ва бевосита шунавандаро ба фикр кардан водор месозанд. Мафҳуми сулҳ, оштиву фарзонагӣ, субот, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассумгар аст. Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, сар аз як гиребон баровардан, ҳамдигарфаҳму поктинату миллатдӯст будан аст. Аз ин рӯ, ҳар як шахси соҳибхираду ватандӯстро зарур аст, ки пояндаву ҷовидонии сулҳу ваҳдатро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намояд. Чунки Ваҳдат таъмингари рушди миллат, таҳкимбахши сулҳ ва бунёди

осоиштагиву созандагӣ буда, тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии одамонро музахрафу дилнавоз мегардонад. Агар ба пиндорҳои хусравонаи миллати тоҷик назар кунем, «танҳо сарчашмаи рӯзгорони пурнишоту босуботи аҳли башар маҳз сулҳ, ваҳдат ва таҳаммулгароӣ дониста мешавад» [11, 107].

Имрӯз аз баландиҳои кохи бегазанди кишвари озоду обод бо чашми басират мушоҳида кардан мумкин аст, ки баробари сипарӣ шудани ҳар соли санаҳои фархунда – Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ чӣ гуна андак-андак ба решаи ташналаби шоҳбулути давлатдории навини тоҷикон оби ҳаёт зам мегардад ва оромии кишвари маҳбуб дили мардумро тасхир месозад. Насли куҳансолу миёнасоли саодатманди тоҷик дар ин айёми фараҳбахши соҳибистиқлолӣ хуб дар хотир доранд ва шоҳиди ҳол буданд, ки даҳаи охири асри сипаришуда абри сиёҳи ноороми болои шаҳру деҳоти замини биҳиштосоӣ ҷумҳурии мо, фақат борони яъсу ноумедӣ, сӯхтору вайронӣ, ғаму андӯҳ, қаҳтию гуруснагӣ ва аз ҳама бадтар нобоварии фарогир ба фардоро меборид. Дар ин рӯзҳо касе бар касе бовар надошта, қиссаи нохондаи фирор аз ҳамбареро пеша карда, узлатнишинӣ кори аксарияти донишмандон гардида буд. Аслан дар замири мардум умеди имконпазир будани аз зулмат ба нур ва аз торикӣ ба равшанӣ расидан намонда буд. Ҳамин ҳолати равонии шаҳрвандони кишварро дар он солҳо шоири зиндаёд Ашӯр Сафар бисёр барҷаста тасвир кардааст:

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?
Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?
Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор,
Помолу фано зулмати шаб мешуда бошад?
Фарзанд, ки бар ҷони падар теғ кашида,
Бишкастагари теғи ғазаб мешуда бошад? [2, 8].

Таърих гувоҳ аст, ки дар он солҳои мудҳиш масъалаи соҳибӣ кардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини якпорчагии қаламрави он хусусияти ниҳоят буҳронӣ касб карда буд, ҳатто, хатари аз харитаи сиёсии ҷаҳон берун афтодани номи кишвари моро низ таҳдид мекард. Ҳамеша мардумро парокандагӣ фаро гирифта, ин манзараи мудҳиши таърихиро шоири зиндаоми тоҷик, Мумин Қаноат мушоҳида намуда, андешаашро чунин баён намудааст:

Раҳи ваҳдат зи санги хора бигзашт,
Баланду пастро ҳамвора бигзашт.
Ҳазар кун аз раҳи дилҳои сангин,
Ки ҳар кӣ з-он гузашт, овора бигзашт [2, 76].

Бисёр ҷойи таассуф аст, ки кишвари азизи мо дар он айём дар зери таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Вале муддати на чандон тулонӣ роҳбарияти олии кишвар бо сарварии Пешвои миллат тавонистанд, ки ҳам оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро бо тамоми мушкилоти вобаста ба он ҳаллу фасл ва бартараф намоянд ва ҳам ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва хоҷагии халқи ҷумҳуриро ба як маҷрои созгору устувор бо талаботи нав пиёда созанд.

Инчунин, таърихи рӯзҳои пуртуғёну беҳаракати сангин нишон дод, ки қарори Иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шӯрои олӣ оғози истиқрори сиёсии бардавом ва заминаи поягузории рушди устувори иқтисодиёт, фарҳанг ва иҷтимоиёт дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ гардид. Табиист, ки масири давлатсозӣ роҳи ҳамвор нест, балки барои ноил шудан ба ин мақсади наҷибу муқаддас иродаи азиму имони комил, донишу биниши амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маърифату фарҳанги мукаммал зарур аст.

Бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносии миллӣ метавон гуфт, ки ҳоло Тоҷикистони азизи мо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯи фардои боз ҳам ободу осуда гомҳои устувор мегузорад.

Хулоса, Ваҳдати миллӣ беҳтарин неъмат, ҳаёти осоиштаи инсон, орзуву ормони ҳамдилон, таҳкими давлатдории давлатдорон, наҷоти миллат, рушди тафаккури тадриҷӣ, нумӯи стратегияи дохилию хориҷӣ ва умуман, бақои инсон дар ҳар давру замон аст. Бо боварӣ ва ифтихор метавон гуфт, ки ин матолиброро фарзандони фарзонаи ин миллат дарк намуда, пояи сулҳу осоиштагиро дар ин сарзамини ҳамешабаҳор ба ҳадди бузург мустаҳкаму устувор гардонида, бо азму иродаи матин зери сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат парчами дӯстию рафақатро партавашонӣ мекунанд. Ҳақназар Ғоиб шоири халқии Тоҷикистон бо умеди оромию ҳамешасабсии кишвар чунин гуфтааст:

Ба тан пӯшед, ёрон, ҷомаи идонаи Ваҳдат,
Шароби арғувон нӯшед аз паймонаи Ваҳдат.
Чунон оред меҳри дил ба якдигар ба солорӣ,
Ки ҳар як хонаи тоҷик гардад хонаи Ваҳдат [2, 76].

**Адабиёт**

1. Авасто [Матн] / (Муҳаррир) Назри Яздонӣ. Ҷ. I. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 784 с.
2. Бист баҳори Ваҳдат (маҷмуаи шеърҳо) [Матн] / (Мураттиб) Ҳ.Мухтарм. – Душанбе, 2017. – 176 с.
3. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн] / (Мараттиб) А.Воҳидов. – Душанбе. 2015. 464с.
4. Зокиров Г.Н., Абдулҳақов М.М. Манфиатҳои миллӣ-омили меҳварии рушди давлатдорӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров, М.М. Абдулҳақов М. – Душанбе, 2008. – 172 с.
5. Қурбон Восеъ. Абармарди дунёи сиёсат [Матн] / В.Қурбон. – Дуданбе, 2001. – 363 с.
6. Раҳмонов Э. Истиқлолият неъмати бебаҳост [Матн] / Э.Раҳмонов. – Душанбе, 2001. – 94 с.
7. Раҳмонов Э. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн] / Э.Раҳмонов. – .Душанбе, 2009. – 320 с.
8. Султони М., Шодони Ҳ. Меъмори Ваҳдат [Матн] / М.Султони, Ҳ.Шодон. – Душанбе, 2004. – 234 с.
9. Холиқзода А. Бунёдгузори давлати миллӣ – Пешвои миллат [Матн] / А.Холиқзода – Душанбе, 2015. – 164 с.
10. Ҳасани Муҳаммадӣ. Ваҳдатофарин. – Душанбе, 2017. – 79 с.
11. Ҷамшед Азимпур. Сафири хуршед [Матн] / А.Ҷамшед. – Душанбе, 2008. – 320 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Ҷ.1. – Душанбе, 2002. – 170 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих Аз Ориён то Сомониён (нашри дувум) [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 704 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе, 2016. – 463 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе, 2018. – 490 с.

## МИРНАЯ ПОЛИТИКА ЛИДЕРА НАЦИИ СПОСОБСТВУЕТ ЕДИНСТВУ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА НА СТРАНИЦАХ СОВРЕМЕННОГО СУВЕРЕНИТЕТА

**МАХСУДОВ АБДУРАХМОН ДУРМОНОВИЧ**,
ассистент кафедры философии и политологии
Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода.
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6.
Тел.: (+992) 983-33-84-11

*В данной статье рассматривается изучение и анализ политики миротворца Лидера Нации на основе достоверных знаний, а также восхваляется миссия демократии и единства древней таджикской нации. Исторические вехи проанализированы автором статьи как этапы перехода, и с твердой решимостью описаны последовательные усилия Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Таджикистана Эмомали Рахмона на пути к единству.*

*Опираясь на исторические источники, автор статьи доказывает, что Лидер Нации, Его Превосходительство Эмомали Рахмон вознес Родину от разрухи и ужасов на высочайшую высоту и вознес голос таджикского народа на самые высокие трибуны мира.*

*Подписание Общего соглашения об установлении мира и национального согласия устранило замешательство таджикского народа и заставило вынужденных переселенцев вновь покинуть страну. Это были достижения великого сына этой нации и плод высшей культуры таджикской нации, которая, благодаря государственной независимости и национальному единству, дала славному народу Таджикистана единство, сплоченность и солидарность, на основе которых восстановилась полная политическая и культурная независимость.*

*В заключение автор искренне считает миролюбивую политику Лидера нации мечтой таджикского народа на протяжении тысячелетий, отмечая, что эта мудрая миссия будет взращивать в сердцах каждого соотечественника мирную жизнь, мечты и стремления, спасение нации.*

***Ключевые слова**. Лидер нации, миролюбивая политика, таджикская нация, единство, мир, независимость, национальное единство, политическая и культурная независимость, родина, единство, солидарность, патриотическая миссия, стабильность.*

## THE PEACE POLICY OF THE LEADER OF THE NATION PROMOTES UNITY OF THE TAJIK PEOPLE ON PAGES OF MODERN SOVEREIGNTY

**MACHSUDOV ABDURAHMON DURMONOVICH**,
Assistant of the Department of Philosophy and Politology of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda.
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str.
Phone: (+992) 983338411

*In this article studying and the analyzis of policy of the peacekeeper Leader Nation on the basis of reliable knowledge is considered and also the mission of democracy and unity of the ancient Tajik nation is eulogized. Historical milestones are analyzed by the author of article as transition stages, and with strong determination consecutive efforts of the Founder of the world and national unity, Leader of the nation, the President of Tajikistan Emomali Rahmon on the way to unity are described.*

*Leaning on historical sources, the author of article proves that the Leader Nation, his Excellency Emomali Rahmon uplifted the Homeland from ruin and horrors on the highest height and uplifted a voice of the Tajik people on the highest stands of the world.*

*Signing of the General agreement on peace-making and national consent eliminated confusion of the Tajik people and forced displaced persons to leave the country again. It was an achievement of the great son of this nation and a fruit of the highest culture of the Tajik nation which, thanks to the state independence and national unity, gave to the nice people of Tajikistan unity, unity and solidarity on the basis of which full political and cultural independence was restored.*

*In conclusion the author sincerely considers peace-loving policy of the Leader of the nation a dream of the Tajik people throughout the millennia, noting that this wise mission will cultivate in the hearts of each compatriot peaceful life, dreams and aspirations, rescue of the nation.*

***Keywords:** Leader of the nation, peace-loving policy, Tajik nation, unity, world, independence, national unity, political and cultural independence, homeland, unity, solidarity, patriotic mission, stability.*

УДК: 930

# ТАКМИЛЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

**ЗАРИФОВ ҲАБИБУЛЛО РАҲМАТУЛЛОЕВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360. ҶТ, ш. Кӯлоб, маҳаллаи С. Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 944-88-88-68. E-mail: zarifov1995@list.ru

*Мақолаи илмӣ ба мавзӯи нисбатан муҳими илмҳои сиёсӣ мансуб буда, аз баррасии масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, ки дар замони соҳибистиқлолӣ рӯи кор омадаанд ва масъалаҳои сиёсати хориҷие, ки дар паёмҳои Пешвои миллат ироа мегарданд, иборат мебошад. Инчунин давраҳои такмилёбии сиёсати хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият фаро мегирад.*

*Муаллиф дар мақолаи мазкур мақоми сиёсати хориҷӣ ва нақши Пешвои миллатро дар такмилёбии сиёсати хориҷӣ, тадбирандешии созандаашро аз паёмҳояшон таҳлилу баррасӣ намуда, вазъи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор дода аст.*

*Муаллиф ба таҳқиқи муҳаққиқони ватанӣ ба монанди Э. Раҳмон, Ҳ.Зарифӣ, Аслов С, Т.Назаров, А.Сатторзода, ки дар самти сиёсати хориҷӣ таҳқиқот анҷом додаанд, такя намуда, такмилёбии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони соҳибистиқлолӣ муайян намудааст.*

*Дар мақола муаллиф аз муваффақиятҳои сиёсати хориҷӣ изҳори назар карда, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалиро бароиояндаи дур ва наздик дар меҳвари сиёсати “дарҳои боз” нишон додаанд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият бо равобиту ҳамкориҳои судмандаш дар ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намудаанд, ки ин ҳамкориҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст.*

*Муаллиф сиёсати бобарор ва сулҳҷуёни Пешвои Миллатро дар ҳалли масоили сиёсати хориҷии кишвар ва ҳалли масоили глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ зикр намуда аст, ки дар сиёсати хориҷии кишвар аҳамияти бузург ва назаррас доранд. Аз ин рӯ қайд намуданд, ки Тоҷикистон ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, паёмҳо, сиёсати хориҷӣ, давлатдорӣ, таърих, сиёсати “дарҳои боз”, ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамкориҳои судманд, ташаббусҳои созанда, манфиатҳои миллӣ.*

Ҳамасола паёмҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар” ироа мегардад. Дар ҳар як паёму баромадҳои Пешвои миллат самти сиёсати хориҷӣ самти афзалиятнок дониста шуда, барои ташаккул ва пешрафти сиёсати хориҷӣ тадбирҳои саривақтӣ меандешанд. Дар густариш ва такмилёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат то ба имрӯз хизмати шоён кардаанд, ки инро дар ҳар як паёму баромадҳояшон метавон мушоҳида кард.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳақиқат поягузори мактаби нав дар сиёсати хориҷӣ ва равобити байналмилалист. Зеро, замоне ки ӯ масъулияти кишвари ҷангзада ва дар ҳоли фурӯпоширо бар ӯҳда гирифт, ҳеҷ поя ва заминае барои пешбурди сиёсати хориҷӣ вуҷуд надошт. Ҳама медонем, ки агар Тоҷикистони мо дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар идоракунии бахши иқтисодию иҷтимоӣ замина ва таҷрибае дошт, дар бахши равобити

байналмилалӣ чунин таҷриба ё вуҷуд надошт ва ё хеле маҳдуд буд. Дар даврони истиқлол низ ҳанӯз фурсати ин кор ба даст наомада буд [5].

Субеъкти асосии муносибатҳои байналхалқӣ давлатҳои мустақили миллӣ ба ҳисоб меравaнд. Давлат ҳамаи хосиятҳо ва имкониятҳоро дорад, ки сиёсати хориҷиро амалӣ гардонад. Дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ мақоми муайянро гурӯҳи давлатҳо, иттифоқи давлатҳо, иттиҳодияҳо, созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ соҳиб гаштаанд. Тадриҷан таъсири онҳо дар ҳалли масъалаҳои мураккабтарини байналхалқӣ муассир мегарданд [9. с. 248].

Густаришдиҳии сиёсати хориҷӣ, барқарории равобити хориҷӣ ва шиносонидани Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил яке аз муҳимтарин ва дар айни ҳол мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ дар солҳои аввали Истиқлолият буд. Пешвои Миллат 29 сентябри соли 1993 нахустин бор аз минбари Созмони Милали Муттаҳид сухан ронда, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҳадафҳои сиёсии сулҳҷӯёна ва таҳкиму тақвияти ҳамкориҳо бо ҳама кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуд [8. с. 318].

Масъалаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии ҳамкориҳои байналмилалии кишвар доимо дар маркази диққати олимону донишмандон қарор дорад. Дар раванди навишти мақола низ асарҳоеро мавриди омӯзиш қарор додаем, ки онҳо дар солҳои Истиқлолият таҳия гардидаанд ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишварро дар бар мегиранд. Дар самти таҳлилу баррасии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва робитаҳои дипломатии кишвар чунин олимон ба монанди Назаров Т., Сатторзода А., Ҳамрхон Зарифӣ, Сайидзода З.Ш., Умаров Х.У., Нуриддинов Р.Ш. ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Ҳамзамон таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки дар рушду инкишофи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ кишвари мо бо ҳодисаҳои фоҷеабори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, рӯзҳои сангинро паси сар кард. Хотима бахшидан ба ҷанг, ба ҳам овардани тарафҳои даргир, таъмини сулҳу субот ва ҳамзамон бо ин барқарор намудани муносибатҳои дипломативу ҳамкориҳои созанда бо кишварҳои олам барои мо аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафтанд. Бо вуҷуди душвориҳои мавҷуда маҳз бо шарофати сиёсати “дарҳои кушода” ва сулҳҷӯёна, ба мо муяссар шуд, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазовори худро пайдо ва рушди устувори кишварро таъмин намоем [13].

Дар оғоз баъзе сиёсатмадорон бар ин андеша буданд, ки дар шароти баъдиҷангӣ шояд сиёсати дарҳои кушода барои Тоҷикистон чандон мувофиқ набошад ва беҳтар аст, ки ба хотири ҳифзи суботу амният ва пешгирии дахолати бегонагон то чанд муддат кишвар каме баста боқӣ бимонад. Аммо Пешвои миллат, ки вазъи дохилӣ ва авзои ҷаҳониро беҳтар аз ҳар каси дигар медонист, дар ин мавқеъ устувор монд ва сиёсати дарҳои бозро идома дод.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз бадаст овардани истиқлолияти давлатӣ марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии шаҳри Хуҷанд оғоз гардид. Яке аз вазифаҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дур намудани хатарҳои берунае мебошад, ки худи бақои тоҷиконро ҳамчун миллати мустақил ва дорои ҳувияти хос зери таҳдид мегузорад. Иҷрои ин вазифа дар ҳолате имконпазир мегардад, ки амнияти давлатӣ тоҷикон ва истиқлолияти он таъмин бошад. Дар тайи ин самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва авлавиятҳои он ба назар гирифтани махсусиятҳои мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим аст. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр

ва соҳибистиқлол 19 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси нави Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар "Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон" эълон гардида буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хуши пазируфта шуд ва дастгирӣ ёфт [2. с. 140].

Роҳбари давлат ва ҳукумат дар нахустин мурочиатномаааш ба мардуми ҷумҳурӣ ҳангоми баршумурдани масъалаҳои ҳаётии муҳиме, ки дар назди ҳар як давлати соҳибистиқлол меистад, баъд аз зикри он, ки бояд "асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти нормаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис дода, барои бунёди давлати нав, давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст, ҳамчунин пас аз таъкиди зарурати таъсис додани артиши миллӣ, пурзӯр кардани дифоъи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз чанд масъалаи муҳиме ёд овардааст, ки ҳама ба соҳаи сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Он масъалаҳо аз рӯи тартибе, ки дар Мурочиатномаи номбурда омадаанд, чунинанд:

- ❖ Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- ❖ Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳо фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;
- ❖ Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
- ❖ Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;
- ❖ Дар асоси усули баробар, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико;
- ❖ Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ [7. с. 106].

Бахри татбиқи сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама муайян намудани самтҳои асосии он зарур мебошад. Бо назардошти омилҳои объективӣ ва субъективӣ самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон шартан чунин тасвир намуд:

- Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои ИДМ (пеш аз ҳама бо Русия);
- Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамҷавори форсизабон;
- Тоҷикистон бо кишварҳои бузурги минтақа;
- Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳони ислом;
- Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Амрико [3. с.88].

Имрӯзҳо мо самараи чунин робитаи гуногунсамту гуногунҷанбаро дар арсаҳои мухталиф мебинем ва кишварҳои минтақа низ мантиқи сиёсати дарҳои бозро эътироф мекунанду қобили пайравӣ медонанд. Зеро ин сиёсат боис шуд, то кишвари мо на танҳо мавқеияти худро қавитар созад, балки бо ёфтани равиши хоси дипломатияи худ, дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намояд [15. с.186].

Дар ин қарина зарурати баланд бардоштани обрӯи байналмилалии ҷумҳурӣ ва пайдо намудани мавқеи арзандаи он дар арсаи ҷаҳонӣ дар фаъолияти Пешвои миллат аз оғоз мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ӯ дар нахуст мурочиатномаи худ ба мардуми ҷумҳурӣ оид ба ҳадафи ниҳоии ҷомеаи кишвар сухан ронда, онро чунин арзёбӣ намуда буд: «Дар ниҳояти кор кӯҳандиёри мо, Тоҷикистони азиз, бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои худро ёбад» [16. с.6].

Сиёсати сулҳҷӯёнаи роҳбари ҷавони давлати навтаъсис аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш мавриди дастгирии на танҳо мардуми шарифи Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ низ қарор гирифт ва заминаи хубе шуд барои ба роҳ мондани сиёсати

хориҷӣ ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани давлати тоҷикон. Ин аст, ки нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ сол ба сол боло меравад ва кишварҳои олам тамоюли худро барои густариши равобит бо мо эълом медоранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо 178 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ барқарор карда, узви фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид. Дар ин замина муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мо, пеш аз ҳама, бо ҳамсояҳои наздикамон–кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон мақоми хосса доранд, дар ҳамаи самтҳо тақвият ёфта истодаанд ва мо ин сиёсатро дар оянда низ густариш медиҳем.

Масъалаҳои таҳкиму густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба бо шарикони стратегӣ ва рушди мо-Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иттиҳоди Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чун ҳамеша дар сархати авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонанд. Мо ҳамчунин, мутобиқ бо ҳадафҳои дарозмуддати стратегии худ муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судмандро бо кишварҳои ба мо дӯсту хайрхоҳи ҷаҳони ислом, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ, Ҷанубу Шарқӣ, Уқёнуси Ором, Африқову Амрико ба роҳ монда, рушду тавсеа хоҳем бахшид. [12].

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 2007 ислоҳоти низоми рафтуомади шаҳрвандони хориҷиро идома дода, ҳоло барои шаҳрвандони 112 кишвар тартиби соддаи таҳия ва ба расмият даровардани раводидро муқаррар кардааст. Ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ ин раванд боз ҳам такмил дода мешавад. Мо муносибатҳои шарикиро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар чорчӯби созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ роҳандозӣ намуда, рушди ҳамкориҳоро дар ин самт идома хоҳем дод. Дар ин робита, мо ҳамкориро бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои тахассусии он, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчунин, бо шарикони рушд ва ниҳодҳои молиявии байналмилаливу минтақавӣ идома ва густариш медиҳем [12].

Соли 2021 Тоҷикистон раёсатро дар сохторҳои бонуфузи минтақавӣ - Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба ӯҳда дорад. Имсол аз таъсисёбии Созмони ҳамкории Шанхай бист сол сипарӣ гардид. Тоҷикистон ҳамчун яке аз муассисони Созмони ҳамкории Шанхай аз рӯзҳои аввали таъсис ёфтани он дар пешрафту такомули ин созмон саҳми босазо гузошта истодааст.

Тоҷикистон ба туфайли татбиқи пайгиронаи сиёсати хориҷии худ тавонист, ки то имрӯз дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти гуногуни глобалӣ низ саҳми назаррас гузорад. Дар ин замина, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари пешбар дар ҳалли масоили мубрами амниятӣ, обу экология ва тағйирёбии иқлим эътироф гардидааст. Ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, тавре ки борҳо таъкид карда будем, дар сархати авлавиятҳои калидии сиёсати хориҷии давлати мо қарор дорад. Пӯшида нест, ки Тоҷикистон дар хатти пеши мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои замони муосир қарор дошта, дар таъмини амнияти минтақа нақши муҳим дорад [12].

Аз ин лиҳоз, мо минбаъд низ бо кишварҳои минтақа ва ҳамҷавор, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар шарикони худ ҳамкории зичу судмандро дар соҳаи амният идома хоҳем дод. Итминони комил аст, ки ба суботу амнияти пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон танҳо аз тариқи раванди сулҳе расид, ки аз

ҷониби Ҳукумати Афғонистон ва мардуми он идора, назорат ва пеш бурда мешавад [12].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати хирадмандона ва муваффақонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар даврони Истиқлолият на танҳо равобити судманде бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хоси дипломатияи худ, ки бар ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили глобалӣ шинохта шавад. [10, с 57].

Идомаи муаррифии шоистаи нақшаҳои бунёдкорона, иқдомҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неку созандаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, ҳузури фаъоли кишвари мо дар раванди ҳаллу фасли мушкилоти олами муосир аз ҷумлаи ҳадафҳое мебошанд, ки барои расидан ба онҳо минбаъд низ кӯшиш ба харҷ хоҳем дод. Ба ин манзур, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ фаъолияти байналмилалии худро мутобиқ ба муқаррароти Консепсияи сиёсати хориҷии давлатамон бо саъю талоши бештар идома хоҳад дод.

Густаришёбии сиёсати хориҷӣ, обрӯ ва нуфузи имрӯзаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ самараи талошҳои пайгирона ва хастагинопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Ӯ бо қабули масъулияти кишвар дар солҳои басо вазнин ва пайгирии ҳадафҳои олии созандагӣ манфиати умумимиллиро аз ҳамаи манфиатҳои дигар боло гузошта, боварии халкро соҳиб шуд. Корҳое, ки таи солҳои гузашта анҷом дод, боис шуд, ки дар дохили мамлакат тамоми халқ, махсусан равшанфикрон ва нерӯҳои ақлонӣ ба нақшаву барномаҳоиояндаи ӯ бо диди умед бингаранд ва бо боварӣ пайрави роҳаш бошанд. Пешвои миллат ҳанӯз дар рӯзҳои душвор ва печидаи кишвар, дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон, роҳандозии тамосу равобити дӯстона бо кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муаррифии кишвару миллат дар ақсои олам нақши созанда ва беназир доранд. Бо таъкид дар ҳар як паёмашон дар ин самт истода, дастурҳои мушаххас медиҳанд [5].

Ин аст, ки Пешвои миллат аз рӯзҳои аввал то имрӯз заминаҳои ҳуқуқии робитаҳои хориҷиро мувофиқ ба талаботи замон ва ниёзҳои Тоҷикистон ба вуҷуд оварда, тадриҷан мукаммал намуд, ки ҳамчун намуна ба чанде аз онҳо метавон ишора кард: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ” (1999), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати дипломатӣ» (2014), Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ» (2015) [11].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як паёмашон ҳамчунин дар ҳар як мулоқоту суханрониҳояшон вазъи сиёсати хориҷиро таҳлил ва натиҷагирӣ мекунанд. Самти сиёсати хориҷӣ самти афзалиятнок буда, Пешвои миллат зимни ироаи ҳар як паём дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд. Роҳҳои ҳалли мушкилотҳо ва расидан ба қуллаҳои муродро натанҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари ҷавон бо туфайли “сиёсати дарҳои боз” ва сиёсатҳои сулҳҷӯёнаи пешгирифтаи Пешвои миллат дар арсаи ҷаҳонӣ ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардида истодааст. Маҳзи ин муваффақиятҳо аз пай дар пай натиҷагириҳо ва тадбирҳои саривақтӣ андешидани Пешвои миллат дарак медиҳанд. Самараи ин заҳматҳо дар самти сиёсати хориҷӣ чунин муваффақиятҳо мебошанд:

- Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;
- Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
- Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;
- Дар асоси усули баробар, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико;
- Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- Ҳар сол миёни Тоҷикистон ва беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули мол сурат мегирад. Соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи яке аз созмонҳои бонуфузтарини дунё - Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид;
- То имрӯз Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам беш аз 1200 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расонидааст, ки масъалаҳои муносибату ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳоро фаро мегиранд [4].
- Ағлаби ташаббусҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳаллу фасли мухолифати шаҳрвандӣ тариқи гуфтушунид, мусоидат ба ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, як зумра ташаббусҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, инчунин дигар пешниҳодҳои арзишманди роҳбарияти олии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирӣ пайдо намудаанд [13].
- Тоҷикистон бунёнгузори форматҳои нави муколама дар доираи кишварҳои форсизабон (сегонаи Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон) ва кишварҳои “Чаҳоргонаи Душанбе” (Тоҷикистон-Россия-Афғонистон-Покистон) мебошад;
- Соли 2002 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба ҳайси “Шаҳри сулҳ” сазовори ҷоизаи ЮНЕСКО гардид;
- Соли 2003 “Шашмақом” ҳамчун мусиқии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ҳайси шоҳкориҳои шифоҳӣ ва фарҳангии мероси ғайримоддии башарият ба феҳристи ЮНЕСКО ворид карда шуд;
- Соли 2010 бо қарори 34-умин Ҷаласаи Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шаҳраки қадимаи «Саразм» ба феҳристи муссавараҳои мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд;
- Соли 2013 бо қарори 36-умин Ҷаласаи Кумитаи Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО “Боғи миллии Тоҷикистон - Кӯҳҳои Помир” ба феҳристи Мероси табии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид;
- Соли 2013 дар шаҳри Париж дар қароргоҳи ЮНЕСКО муаррифии китоби «Меъмори сулҳ», ки ба саҳми пурарзиши Президенти Тоҷикистон – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу суботи комил дар кишвар бахшида шуда буд, баргузор гашт;
- Соли 2013 бо эътирофи пайравии пайваста ба ҳадафҳои ташаккули сулҳи пойдор ва пешбурди рушди устувор, аз ҷумла тавассути ташаббусҳо оид ба пешбурди ҳамкорӣ ва муколамаи байналмилалӣ дар соҳаи об, табодули донишҳои илмӣ ва

мусоидат ба пешрафт дар самти татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва ҳадафҳои рушди дар сатҳи байналмилалӣ ҳамоҳангшуда, Созмони ЮНЕСКО Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо Медали ҷашнии "60-солагии ЮНЕСКО" сарфароз гардонид [6. с.65].

- Соли 2013 дар ш. Париж дар рафти 37-умин иҷлосияи Конфронси генералии ЮНЕСКО ҷашнҳои 3000-солагии Ҳисор, 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон) ва 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ ба феҳристи ҷашнҳое, ки бо иштироки ЮНЕСКО дар солҳои 2014-2015 таҷлил мешаванд, ворид гардиданд [4].
- Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ (1 октябри 1999) – эълон намудани соли 2003 – Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд.
- Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба элон намудани солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”. 23 декабри соли 2003 Маҷмааи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул кард;
- Ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3-юми ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри соли 2009 дар шаҳри Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 пешниҳод гардида буд қабул шуд.
- Ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд;
- Эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010);
- Таъсис додани маркази минтақавӣ оид ба масъалаи минаҳо;
- Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба элон намудани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» қабул гардиданд.

Бояд гуфт, сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати санҷидашуда, прагматикӣ ва воқеъбинона буда, ҳамзамон бо пазириши меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ва эҳтиром ба манофеи шарикон, риояи қатъии манфиатҳои миллиро дар тамоми фаъолияти дипломатӣ дар мадди аввал мегузорад.

Дар ин росто сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои миллат ва фаъолияти пурсамари ӯ ҳамчун сиёсатсолори миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ гарави он аст, ки Тоҷикистон минбаъд низ дар сиёсати дохиливу хориҷии худ ба арзишҳои умумиинсонӣ содиқ монда, татбиқи принсипҳои универсалии он таъмини сулҳу субот, ҳуқуқбунёдӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалии баробарҳуқуқро идома хоҳад дод [6. с.70].

Метавон гуфт, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки тавассусти иштироки фаъолу муассири он дар равандҳои бисёрҷанбаи минтақавию глобалии ҷаҳони имрӯза муваффақона роҳандозӣ мегардад, ба баланд шудани нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Бо туфайли ин сиёсат имрӯз саҳми ҷумҳурӣ дар амалӣ намудани ҳадафҳои глобалии ҷаҳони муосир таъмини амният ва сулҳу субот, ҳаёти осоишта ва созанда дар паҳнои сайёра аз ҷониби ҳамёрони минтақавию байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда шудааст [14. с.53].

Дар баробари ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчунин идораи асосии тадбиқкунандаи сиёсати хориҷии давлат, намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дигар сохторҳои давлатие, ки ба роҳандозии ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ сарукор доранд, вазифаҳои зиёде истодаанд.

Сиёсати «дарҳои боз» ба мо имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиамонро афзоиш диҳем. Дар ин масъалаҳо корҳои зиёде дар пешанд ва дипломатияи иқтисодии мо бояд нақши фаъолтар дошта бошад. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмиллалӣ, минтақавӣ, институтҳои моливии ҷаҳонӣ сарфи назар аз дастовардҳои қаблӣ, муносибати ҷиддитар ва назари фарохтарро тақозо дорад [1].

Дараҷаи омӯзиш ва хулосаи тадқиқот нишон дод, ки мавриди омӯзиш қарор додани марҳилаҳои нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳким бахшидани марҳилаҳои нави давлатдорӣ дар замони муосир хидмат карда метавонад. Мавриди омӯзиш қарор додани сиёсати хориҷӣ ва ташаккул додани ин соҳа василаи хубест барои мавқеъ пайдо намудан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Корсозиҳои хирадмандона ва дурандеши сиёсии Пешвои миллат дар ҷодаи дифоъ аз манфиатҳои кишвар ва эҷоди таносубу тавозуни оқилона миёни арзишу ормонҳои миллӣ ва ниёзҳои ҷаҳони муосир муҷиби афзудани эътибори байналмилалии Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон имрӯз ба ҳайси кишвари соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта ва пазируфта шудааст. Ин дастоварди таърихист, ки ормонҳои миллии тоҷиконро ба воқеият табдил додааст.

**Адабиёт**


1. А. Азизов., Н. Маҳмудов. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - сиёсати «дарҳои кушод». / Азизов А., Маҳмудов Н // Газетаи "Садои мардум"., 12 апрели соли 2016, - №70.
2. А. Шарифзода., А. Асадов. "Тоҷикистон" (Бахшида ба 20-умин солагарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). // Шарифзода А., Асадов А., - Душанбе, 2011. – 140 с.
3. А. Шарифов., Н. Мирзоев. Асосҳои дипломатия. Китоби дарсӣ // Шарифов А., Мирзоев Н., - Душанбе, 2015. – 88 с.
4. Аслов С. Санади кутбнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. URL: http: // **www.mfa.tj** (санаи истифодабарӣ: 11.10.2017 с.).
5. Аслов С. Эмомалӣ Раҳмон-Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ // С. Аслов // Газетаи «Ҷумҳурият»., 13.04.2016 №:71.
6. З. Саидзода. Фаъолияти байналмилали Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: Монография. // Саидзода З., Душанбе, «Дунёи дониш» - 2016. – 70 с.
7. Зарифов Ҳ.Р Дастовардҳо, самтҳо ва густаришёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият. / Ҳ.Р. Зарифов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ». (ш. Душанбе, 28 сентябри соли 2021) – Душанбе, 2021. С. 104-110.
8. Зарифов Ҳ.Р. Нақши пешвои миллат дар сиёсати хориҷии кишвар. / Ҳ.Р. Зарифов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Мактаби сиёсии Пешвои миллат-Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон". (ш. Бохтар, 10 декабри соли 2020) – Бохтар, 2020-1. С. 318-325.
9. Зокиров Г.Н. Давлат. Монографияи илмӣ // Г.Н. Зокиров. –Душанбе:

«Истеъдод», 2012. – 248 с.
10. И. Усмонов. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Китоби дарсӣ // Усмонов И. - Хуҷанд, 2003. - 57 с.
11. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Душанбе-2015. (бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 январи соли 2015, №332).
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // шаҳри Душанбе, 26.01.2021.
13. Суханронии Пешвои миллат дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 76-уми Маҷмаи Умумии СММ. // шаҳри Душанбе, 24.09.2021.
14. Т. Назаров., А. Сатторзода. Дипломатияи муосири тоҷик. Китоби дарсӣ // Назаров Т., Сатторзода А., Душанбе-2006. – 53 с.
15. Ҳ. Зарифӣ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири Истиқлолият. // Зарифӣ Ҳ., Душанбе, «Ирфон»-2011. – 186 с.
16. Ҳ. Зарифӣ. Эмомалӣ Раҳмон - бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. // Зарифӣ Ҳ., Душанбе, «Ирфон»-2012. – 17 с.

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ИЗ ПОСЛАНИЙ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

**ЗАРИФОВ ХАБИБУЛЛО РАХМАТУЛЛОЕВИЧ,**
докторант философии (PhD) кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.
735360. РТ, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 944-88-88-68. E-mail: zarifov1995@list.ru

*Научная статья является относительно важной темой в политических науках и охватывает вопросы внешней политики, возникшие с момента обретения независимости, а также вопросы внешней политики, затронутые в посланиях Елбасы. Также охватывает период совершенствования внешней политики Республики Таджикистан в период Независимости.*

*В данной статье автор анализирует состояние внешней политики и роль Лидера нации в совершенствовании внешней политики, его конструктивные меры из его посланий, изучает геополитическое положение Республики Таджикистан на мировой арене.*

*Автор обращается к исследованиям отечественных исследователей, таких как Е. Рахмон, Х. Зарифи, Аслов С., Т. Назаров, А. Сатторзода, проводившие исследования в области внешней политики, выявили улучшения в основных направлениях внешней политики Республики Таджикистан со времени обретения независимости.*

*В статье автор комментирует успехи внешней политики, выделяя защиту национальных интересов и международное сотрудничество на обозримую перспективу в политике «открытых дверей». Внешняя политика Республики Таджикистан в период независимости подтверждается ее плодотворными связями и сотрудничеством в мировом сообществе, которое основано на защите национальных интересов и уважении общечеловеческих ценностей.*

*Автор отмечает успешную и миролюбивую политику Лидера Нации в решении внешне политических вопросов страны и глобальных вопросов мирового сообщества, имеющих большое и значимое значение во внешней политике страны. В этой связи было отмечено, что Таджикистан признан активной и влиятельной страной в решении глобальных вопросов.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, послания, внешняя политика, государственность, история, политика «открытых дверей», мировое сообщество, взаимовыгодное сотрудничество, творческие инициативы, национальные интересы.*

## IMPROVEMENT OF FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN FROM THE MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN IN THE MODERN STAGE

**ZARIFOV HABIBULLO RAHMATULLOEVIC,**
Doktoral in Philosophy (PhD) Department of political Science,
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.
735360, RT, Kulob town, street S. Safarov 16.
Phone: (+992) 944-88-88-68. E-mail: zarifov1995@list.ru

*The scientific article is a relatively important topic in the political sciences and covers foreign policy issues that have arisen since independence, as well as foreign policy issues addressed in the messages of the Leader of the Nation. It also covers the period of improvement of the foreign policy of the Republic of Tajikistan during the period of independence.*

*In this article, the author analyzes the status of foreign policy and the role of the Leader of the Nation in improving foreign policy, his constructive measures from his messages, and studies the geopolitical situation of the Republic of Tajikistan on the world stage.*

*The author refers to the research of domestic researchers such as E. Rahmon, H. Zarifi, Aslov S., T. Nazarov, A. Sattorzoda, who conducted research in the field of foreign policy, identified improvements in the main directions of foreign policy of the Republic of Tajikistan since independence.*

*In the article, the author comments on the successes of foreign policy, highlighting the protection of national interests and international cooperation for the foreseeable future in the "open door" policy. The foreign policy of the Republic of Tajikistan during the period of independence has been proved by its fruitful relations and cooperation in the world community, which is based on the protection of national interests and respect for universal values.*

*The author noted the successful and peaceful policy of the Leader of the Nation in addressing the foreign policy of the country and the global issues of the world community, which are of great and significant importance in the foreign policy of the country. In this regard, it was noted that Tajikistan is recognized as an active and influential country in addressing global issues.*

***Key words:*** *Leader of the nation, messages, foreign policy, statehood, history, "open doors" policy, the world community, mutually beneficial cooperation, creative initiatives, national interests.*

УДК: 323.11 (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ ТАШАККУЛИ ИНТИХОБОТ ҲАМЧУН РАВАНДИ СИЁСӢ

**БАРАКАТОВ БОБОХОҶА САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳовиддинов АМИТ,
Душанбе, 734025 Хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 938-27-62-62. E-mail:Barakatov.96@mail.ru

*Дар мақола таҳлили заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули интихобот ҳамчун раванди сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар таҳлили масъалаи мазкур ба ақидаҳои сиёсии Афлотун ва Арасту оид ба хусусиятҳои низоми интихоботии Юнон ва Рими Қадим диққати асосӣ дода шудааст. Қайд шудааст, ки раванди пайдоиш, рушд ва ташаккули системаҳои интихоботӣ таърихи тӯлонӣ дошта, сарчашмаҳои ибтидоии он аз Юнон ва Рими Қадим маншаъ мегирад. Нишон дода шудааст, ки демократияи антиқа ба тарзи ҳаёти юнониҳои қадим табдил ёфта, баътар ба анъанаҳои демократияи минбаъдаи кишварҳои Ғарб таъсири бевосита расонидааст.*

*Таваҷҷуҳи бештар ба заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули интихобот дар кишварҳои аврупоӣ ва олами муосир дода, интихобот ва низоми интихоботии кишварҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар мақола ба фаҳми муосири интихобот диққати асосӣ дода шудааст. Масъалаи аз байн рафтани фаҳми классикии иинтихобот дар раванди сиёсӣ андеша карда мешавад. Ба масъалаҳои таҳким ва такмили интихобот ва системаи интихоботӣ ҷалб карда мешавад. Бештар ба маъракаи интихоботӣ ҳамчун рукни асосӣ ва зарурии ҷомеаи демократӣ ва таъсири он ба равандҳои демократикунонии олами муосир таваҷҷуҳ карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *интихобот, маъракаи интихоботӣ, маъракаи сиёсӣ, системаҳои интихоботӣ, интихоботи бисёрзинагӣ, қуръапартоӣ, номзад, объекти интихобот, субъекти интихобот, штаби интихоботӣ, мақсадҳои сиёсӣ, ташфиқот, барномаҳои пешазинтихоботӣ.*

Дар доираи илмҳои сиёсӣ таҳлилу таҳқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи интихобот аҳамияти илмию назариявӣ ва амалию сиёсиро касб намудааст. Интихобот ба сифати маъракаи бузурги иҷтимоию сиёсӣ баромад намуда, истифодаи он аз анъанаҳои антиқа маншаъ мегирад ва марҳалаҳои дурударози рушду инкишофро паси сар намудааст. Ҳоло новобаста аз режимҳои сиёсӣ ва тарзи муносибатҳои ҳукмрон, сохтори кишварҳои гуногуни олам аз системаҳои гуногуни интихобот истифода менамоянд.

Дар идоракунии сиёсӣ мафҳуми «интихобот» ҳамчун як ибораи маъмулӣ дониста мешавад. Раванди идораи сиёсиро дар сиёсат барои муайян намудани шаклҳои махсуси муносибатҳои идоракунӣ истифода менамоянд, ки он аз идораи давлатӣ ва аз идораи иттиҳодияҳои сиёсии ҷамъиятию давлатӣ фарқ менамояд.

Ба мафҳуми «интихобот» ҳанӯз мутафаккирони Аҳди қадим назари хос иброз намуда буданд. Онҳо ақидаҳои мухталифро дар таълимоти сиёсии хеш баён намудаанд. Ҳатто дар даврони қадим, принсипи интихобӣ будани мақомоти ҳокимият дар мисоли пайдоиши аввалин шаклҳои демократия дар шаҳр-полисҳои Юнон ва Рими Қадим дида мешавад. Мавзӯи таҳлил ва таваҷҷӯҳи мутафаккирон дар он - механизмҳои муҳимми фароҳам овардани шароити зиндагии ҷомеаи демократӣ дар заминаи донишҳо мебошад. Дар инҷо наметавон андешаи «ҷустуҷӯи модели ба расмият даровардашудаи ҳокимияти сиёсӣ, ки имкони нигоҳ доштани ҷомеаи идеалиро дар таълимоти сиёсии Афлотун ва Арасту пайдо намудааст, сарфи назар намуд. Таҳлили муқоисаи меъёри қонунгузорӣ, типологияи режимҳои сиёсӣ, муайян намудани шаклҳои гуногуни

идоракунӣ, эҳтимолияти эътирофи институтҳои сиёсӣ, муайянкунии истилоҳии падидаю далелҳои сиёсӣ ва ғайра дар маркази таваҷҷӯҳи таҳқиқоти онҳо қарор доштанд» (1, с.10).

Дар таҳлили масъалаи мазкур хусусиятҳои низоми интихоботии Юнони Қадим аз ғояҳои мутафаккирон Афлотун ва Арасту манша мегирад. Дар корҳои онҳо масъалаҳои марбут ба пайдо намудани шаклҳои беҳтарини идоракуниро дидан мумкин аст. Онҳо дар таҳлили масъала тавассути интихобот ба раванди ташаккули ниҳодҳои ҳокимият таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, ба амалияи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар замони худ ташаккул ёфта буданд, хеле воқеъона таъкид месозанд.

Ғояи давлати идеалии Афлотун, ки дар он файласуфон ва ҳакимон қарор мегиранд, масъалаи баррасии шахсони мансабдори давлатиро дар мақомот дида мебарояд ва аз имконияти истифодаи тариқи қуръакашии интихобот барои таъмини шакли махсуси давлатдорӣ андеша меронад. Афлотун қайд менамояд, ки: «Интихоботе, ки бо чунин роҳҳо баргузор мегардад бояд мавқеи миёнаро дар байни системаҳои монархистӣ ва демократӣ ишғол намояд». (2, с.58)

Бо назардошти принсипи сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, воситаҳои ташкили онро Афлотун аз 37 ҳокиме иборат медонад, ки тавассути интихоботи бисёрзинагӣ интихоб карда мешаванд ва дар сари давлати тарҳрезишудаи идеалӣ омада қарор мегиранд. Тибқи лоиҳаи Афлотун дар интихобот танҳо ба он шаҳрвандоне иҷозат дода мешаванд, ки дар даст силоҳ ё иштирокчии ҷанг ба ҳисоб раванд. Синну соли ҳокимон бояд аз 50 то 70 солро дар бар гирад. Дар сари ҳокимият набояд аз 20 сол зиёд қарор гиранд. Салоҳияти ҳокимон васеъ аст, аммо онҳо, пеш аз ҳама, ба сифати «ҳомии қонунҳо» баромад менамоянд (3, с.59).

Ба андешаи Афлотун мансабдорони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳокимияти иҷроия тавассути интихоботи бисёрзинагӣ интихоб карда мешаванд. Амалдорони давлатӣ тибқи принсипи “ҳомии қонун” бояд фаъолият намоянд.

Аз ин рӯ, дар давлати идеалии Афлотун ташаккули мақомоти ҳокимияти иҷроия тавассути интихобот сурат мегирад, ки он хеле мураккаб буда, фаъолияти сохторҳои ҳокимият дар доираи принсипи ҳуқуқӣ асос меёбад. Системаи мақомоти идораи давлатие, ки Афлотун пешниҳод сохтааст, боз дар он ниҳоде вуҷуд дорад, ки ба сифати мақомоти намояндагӣ баромад менамояд. Дар заминаи ин, консепсияи Афлотун таъсиси Шӯрои иборат аз 360 нафараро пешбинӣ месозад, ки 90 нафарӣ аз ҷониби чаҳор синф баробар интихоб карда мешаванд. Ба он ваколати назаррас дода мешавад. Дар мансаби ҳокимияти давлатӣ интихоби шумораи зиёди шаҳрвандон ва низомиён пешбинӣ мегардад. Гузашта аз ин, дар он тартиби махсус ҷой мегирад, ки номзадҳо барои ишғоли мансабҳои дахлдор аз санҷиши қонунӣ гузаронида мешаванд.(4, с.55).

Афлотун чунин сохтори идеалиро идоракуни давлатие меномад, ки дар он принсипҳои демократӣ ва монархистӣ дар ҳамбастагӣ бо якдигар қарор мегиранд. Он принсипҳои зеринро дар бар мегиранд: принсипи баробарии арифметикии демократӣ (интихобот дар заминаи аксарияти овозҳо) ва принсипи баробарии геометрии монархистӣ (интихобот дар заминаи номзади арзанда ва шоиста). Аз ин бар меояд, ки Афлотун, бо вуҷуди ҳамаи нуқсонҳои демократия ғояҳои ба он мувофиқеро пеш мегузорад.

Дар асоси нақше, ки Афлотун дар давлати идеалии худ ба файласуфон ва ҷанговарон вогузор намуд боз як институти сиёсиеро номбар менамояд, ки вазифаи мақоми давлатиро ба иҷро мерасонад ва ба мисли «ҷаласаи шабона», ки аз 10 донишманду хирадманд ва муҳофизони куҳансол иборатанд. Ба онҳо ҳокимияти олии давлатӣ дода мешавад (5, с.41).

Арасту низ дар қатори Афлотун ба таҳқиқи масъалаи мазкур рӯ оварда, дар борои интихобот андешаҳои гуногунро пеш мегузорад. Ӯ дар асари худ «Политияи Афина» хусусиятҳои таҷрибаи баргузории интихоботро ба мансаби олӣ тавассути қуръапартоӣ нишон медиҳад. Арасту ба чунин шакли тағйири ҳокимият ишора намуда, қайд менамояд, ки «Яке аз шаклҳои низоми демократӣ ҷойгузини мансабҳо бо тариқи қуръакашӣ ба интихоботи олигархӣ мебошад». Арасту аслан ҷонибдори шакли идоракунии омехта буд, аммо ӯ тафовути байни қуръакашӣ ва интихоботро ҳаматарафа нишон дода, якеро усули демократӣ ва дигареро усули ғайридемократӣ ном мебарад.

Арасту ба таҷрибаи баргузории интихобот такя намуда, қайд менамояд, ки «Солон мансаби баланди интихоботро тариқи қуръа аз байни шахсони пешниҳодшуда ба даст овардааст. Ҳар даҳ нафари коллегияҳо дар байни ба нӯҳ нафари архаистони ба нақша гирифта шуда қуръаҳо андохта шуданд. «Исботи он, ки Солон ба мансабҳои баланд, ки бо роҳи қуръапартоӣ аз ҷониби шахсони дорои тахассус интихоб шудаанд, таъин шуд, метавонад ҳамчун қоида ба хазинадор хидмат намояд (6, с.13).

Арасту дар баробари шакли қуръапартоии интихобот, шакли дигари интихоботро тариқи боло бардоштани даст нишон медиҳад. Арасту дар асари хеш «Политияи Афина» дар борои тартиби баргузории чунин навъи интихобот қайд менамояд: “Тариқи боло бардоштани даст ҳамаи вазифаҳои низомӣ ва инчунин даҳ стратегия низ интихоб карда мешавад”. Бояд қайд кард, ки дар Юнони Қадим яке аз хусусиятҳои асосии институтҳои интихоботиро мафҳуми қура ташкид медод. Дар ин бора, Арасту дар асари худ муфассал шарҳу тавзеҳ медиҳад. Қуръа дар ташаккули мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар Афина нақши назаррас гузошта аст (7, с.32).

Дар ин замина системаи интихоботие, ки Афлотун ва Арасту пешбинӣ намуда буданд, онҳо принсипҳои демократияи бевоситаро фаро мегирифтанд ва аввалин қадамҳо дар амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин фаъолияти онҳоро дар қабули қарорҳои тақдирсоз ҳавасманд мегардонид. Ҳамзамон камбудиҳои он дар раванди инкишоф ошкор мегардиданд. Аз ҷумла, намунаи шакли қуръакашии интихобот аз воқеъият дур монда буд ва аз ҷониби амалдорон мавриди танқид қарор гирифта буд. Интихоботи тариқи қуракаширо бисёриҳо ношаффоф меҳисобиданд ва ба заифии пояҳои давлатдорӣ оварда расонидани он ишора мекарданд.

Дар Рими Қадим масъалаи интихоб намудан ва интихоб шудан ба мақомоти мухталифи ҳокимият дар заминаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон асос мeёбад. Новобаста аз тамоми маҳдудиятҳо ба сари ҳокимият омадани «номзадҳо» аз ҳуқуқи овози аксарияти аҳолии озоди давлат вобаста буд. Дар Рими Қадим преторҳо, яъне мансабҳои баланди ҳокимияти давлатӣ тариқи овоздиҳии пинҳонӣ интихоб карда мешуданд.

Дар аввал дар Рими Қадим гузаронидани интихобот маҳдудият дар як рӯз буд ва агар онҳо барои интихоби ҳамаи мансабдорон имкон пайдо намекарданд, бидуни овоздиҳӣ боқимондаҳо якҷоя интихоб мекарданд. Аз соли 448 пеш аз милод қонуне қабул намуданд, ки мувофиқи он маҷлиси халқӣ маҳз ҳамон қадаре идома меёфт, ки барои пур кардани ҳамаи вазифаҳо имкон дошт.

Пеш аз интихобот маъракаи интихоботӣ баргузор мегардид ва довталабон барои дастгирӣ пайдо намудани одамон бо либоси қабои сафед (кандида, аз ин ҷо калимаи «номзад») ба майдонҳои марказии шаҳр баромада, аз шаҳрвандон даъват ба амал меоварданд, ки ба тарафдории онҳо овоз диҳанд. Азбаски интихоби ҳоким бештар аз овози камбағалони шаҳрӣ вобаста буд, ба тарафи худ ҷалб кардани онҳо ба ивази ҷашну маъракаҳо бо бозиҳо ва тақсими хӯрока кори ҳаррӯзаи номзадҳо мегардид. Дар байни номзад ва интихобкунандагон низоми тақсимкуние вуҷуд дошт, ки пеш аз интихобот ва баъд аз интихобот ба тақсими хӯрока машғул мегаштанд то, ки таваҷӯҳи

онҳоро ба номзад ҷалб созанд. Ба тарафдории номзадҳо на танҳо худи онҳо, балки шумораи зиёди одамон «клиентеле» шахсони боэътимод, зархаридон (агитаторон) ва ғуломон низ таблиғ мекарданд. Ҳодисаҳои дар кучаҳо ва ҷойҳои алоҳида ба интихобкунандагон тақсим намудани маблағҳо зуд-зуд мушоҳида мегардид. Яке аз шахсони эътирофшудаи чунин усулҳои гузаронидани маъракаи интихоботӣ Юлий Сезар ба ҳисоб меравад. Дар фаъолияти сиёсии хеш ӯ ба саркоҳин - понтифик даъво намуда буд. Дар баробари ин барои ришва додан ба интихобкунандагон чунон қарздор шуд, ки ба ёдаш омада, рӯзи овоздиҳӣ ба модараш гуфт: «Ё понтифик бармегардам, ё тамоман барнамегардам».

Ҳамин тариқ, ошкор гардид, ки раванди ташаккул ва рушди системаҳои интихоботӣ таърихи тӯлонӣ дошта, сарчашмаҳои ибтидоии он аз Юнон ва Рими Қадим манша мегиранд. Интихобот дар рушди системаи давлатдорӣ заминаи асосӣ гузошта, ба рушди минбаъдаи институтҳои асосии ҷомеаи инсонӣ шароит фароҳам овард. Аз замонҳои қадим сар карда то имрӯз дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои азим ба амал омаданд, ки аксари онҳо бо таҳаввулоти институтҳои интихоботӣ алоқаманд мебошанд.

Файласуфи маъруфи амрикоӣ Карл Поппер нақши фарҳанги эллиниро дар ташаккули тамаддуни Аврупо ишора намуда, қайд менамояд, ки «Тамаддуни ғарбии моро юнониҳо ба дунё овардаанд». (1,с.216). Дар баробари ин, Роберт Дал такя ба андешаи Карл Поппер намуда ақидаеро пеш мегузорад, ки институтҳои сиёсии демократияи Юнон «барои замони худ навгонӣ буд ва дар рушди низоми муосири намояндагӣ бе эътибор гашт ва қатъиян сарфи назар шуданд».(2, с.18) Вобаста ба ин Р.Дал ишора менамояд, ки «дар Юнони Қадим се институти асосӣ намерасид, ки демократияро воқеан демократӣ гардонад: 1) парлумони миллӣ; 2) интихоби намояндагон; 3) ҳокимони ба таври оммавӣ интихобшуда (яъне ҳукуматҳои маҳаллӣ), комилан тобеи ҳукумати миллӣ мебошанд»(18, с.23).

Бояд қайд намуд, ки натиҷагирии Р.Дал ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми демократияи қадима марбут буд, ки баъдтар намедонистанд он дар асрҳои миёна ба як қисми таркибии ҳаёти сиёсии ҷомеаи феодалӣ табдил меёбад. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф намуд, ки дар таҷрибаи сиёсии Юнони қадим унсури муҳимме ба мисли интихобот арзи вуҷуд дошт, ки демократияи юнонӣ ва муосирро ба ҳам пайваст намуд. Аз инрӯ, ба маврид аст, ки дар воқеъ пайдоиш ва ташаккули интихоботи муосирро бардоште аз тамаддуни Юнони Қадим ва Рими Қадим шуморем, ки дар он шаҳрвандони озод вазифадор буданд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва дар маҷлисҳои мардумӣ иштирок менамуданд.

Тавре ки ошкор гардид, демократияи антиқа ба тарзи ҳаёти юнониҳои қадим табдил ёфт ва баътар ба анъанаҳои демократияи минбаъдаи кишварҳои Ғарб таъсири бевосита расонид. Дар инҷо, ҳангоми таҳқиқи масъала, саволе пеш меояд, ки чӣ гуна дар он замонҳо раванди ташаккули сохторҳои ҳокимият ба миён омаданд? Бо дарки ҳаматарафаи он, қобили таваҷҷӯҳ аст, ки чунин усули хоси интихоби намояндагони сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, ба монанди интихобот тариқи қуръапартоӣ, ки дар давраи қадим ба таври васеъ истифода карда мешуд.

Яке яке аз муҳимтарин дастовардҳои даврони қадим дар он зоҳир мегардад, ки дар Афина (асрҳои VIII-VI пеш аз милод) мафҳумҳои асосии демократия: волоияти қонун, интихобӣ будани шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ ба вуҷуд омаданд. Хусусияти демократияи Афина дар он буд, ки он бевосита ва мустақим буд, яъне, дар он, ҳар як шаҳрванд аз ҷиҳати назариявӣ ҳуқуқи иштирок дар ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатиро дошт. Бояд қайд кард, ки ғояи демократияи бевосита, ки дар Афина татбиқ гардид, сарфи

назар аз камбудиҳояш, ба рушди афкори сиёсии асрҳои XVIII-XX таъсири бевосита расонид. Принсипҳои ҳуқуқии интихобот дар кишварҳои демократияи муосир аз бисёрҷиҳат ба принсипҳои ҳуқуқии интихобот, ки дар Афина вуҷуд дошт, шабоҳат дошт. Амалияи овоздиҳӣ дар Афина дар Юнони қадим боиси пайдоиши принсипи қабули қарор аз ҷониби аксарият ва ҳукмронии аксарият, принсипи овоздиҳии умумӣ гардид. (19, с.184)

Бо ба итмом расидани давраи қадим ва гузариш ба ҷомеаи феодалӣ дар Аврупои Ғарбӣ ҳолате ба амал омад, ки дар тӯли якчанд асрҳо интихобот ҳамчун тартиби таъини идоракунандагон умуман истифода намешуд.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои миёна дур шудан аз дастовардҳои демократияи қадим ба назар мерасид, ҳуқуқ ва озодиҳои табақаҳои васеи аҳолӣ ба таври назаррас маҳдуд мегардид. Дар баробари баъзе аз талафотҳо, баъдтар дар анъанаҳои демократияи гумшудаи антиқа талаботи наве пайдо гардид, ки демократия дар шакли нав аз худ карда мешуд. Дар асрҳои миёна ҳолате ба миён меояд, ки шаклҳои демократии идоракуниро муайян менамуд, ки он дар бисёр кишварҳои сайёра паҳн мегардад. Маҳз дар ин давра таназзули сиёсӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва дар минтақаҳои дигар аввалин табақаи муассисаҳои намояндагӣ пайдо гардиданд. Ба ҷумлаи чунин муассисаҳои аввалин соли 1137 дар Испания (Кортес), соли 1265 дар Англия (парламент), соли 1302 дар Фаронса (штатҳои генералӣ), соли 1549 дар давлати Москва (Земский Собор) ва ғайра пайдо шудаанд.

Дар асрҳои X-XIII интихобот ва низоми интихобот дар Аврупои Ғарбӣ ба рушду нумӯъ шуруъ намуд. Шаҳрҳо дар рушди тамаддуни асри миёнагӣ нақши муҳим гузоштанд. Онҳо ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ таъсири бевосита расонданд ва ба ташаккули низоми нави арзишҳо мусоидат намуданд. Муаррихон онҳоро «ҳаракати ҷамъиятӣ» меноманд, ки дар ташаккули шаҳр нақши назаррас гузошт. Дар мубориза бар зидди сенорҳо, ҷамоатҳои шаҳрӣ таъсис дода шуданд, ҳуқуқҳои шаҳр ба вуҷуд омад ва мақомоти худидоракунии интихобӣ таъсис дода шуданд. Дар асри XII Коммуна дар аксарияти шаҳрҳо аз ҳукмронии сенористӣ пурра озод гардид ва ба ҷумҳуриҳои мустақил табдил дода шуданд. (20, с.443).

Ташаккули институти худидоракунӣ дар шаҳрҳои шимолӣ ва марказии Италия пас аз пирӯзии ҳаракати коммуналӣ оғоз ёфт. Дар охири асри XI дар Милан, Генуя, Ареззо, Болоня, Верона, Кремона, Флоренсия ва дигар шаҳрҳо мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия таъсис дода шуд. (2, с.214) Вобаста ба ин Р.Дал қайд менамояд, ки шаҳрҳои Италия «модели римӣ» -ро, ки баъдтар дар тамоми демократияи намояндагӣ дар марҳилаҳои аввали рушд қабул гардида буд, такрор намуданд. Тибқи модели мазкур, дар аввал танҳо аъзои оилаҳое, ки ба табақаҳои болоии ҷомеа мансуб буданд, иҷозат дода мешуданд, ки дар кори мақомоти давлатӣ - ашрофон, заминдорони калон ва ғайра иштирок мекарданд. (21, с.20).

Яке аз хусусиятҳои муҳимми рушди унсурҳои демократия дар он аст, ки «дар шаҳр-давлатҳои Италия шакли махсуси овоздиҳӣ ба миён омад, ки он аз намудҳои овоздиҳӣ дар Афина ва Рими қадим фарқ менамуд. Онро «овоздиҳии коммунитарӣ» ном мебурданд. Ин намуди овоздиҳӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекард: ҳадафи иштироки шаҳрванд дар интихобот бо ин намуди овоз тасдиқи далели мансубияти шахс ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ; иштирок дар овоздиҳӣ ҳамчун далели ҳамгироии комили шахс дар доираи на танҳо ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, балки дар маҷмӯъ дар ҷомеаи шаҳрӣ ба назар гирифта мешуд»(22, с.229).

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки идеалҳои қадимаи озодии шаҳрвандӣ, баробарӣ ва низоми интихобот, ки онҳоро пайравӣ менамуданд ба як қисми таълимоти

сиёсии асрҳои XVII- XVIII табдил ёфтанд. Ин, пеш аз ҳама, дар Англия ва Фаронса, ки инқилобҳои буржуазиро ҳамроҳӣ намуда буданд, равшан ба назар мерасад, ки монеаҳоро дар роҳи татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон бартараф сохт. Соли 1689 дар Англия аввалин санад "Билл оид ба ҳуқуқҳо" қабул гардид, ки пояҳои қонунгузории муосири интихоботро гузошт, бартарияти парлумонро дар фаъолияти қонунгузорӣ эълон кард ва принсипи интихоботи озоди аъзои парлумонро муайян сохт. Дар Фаронса ба вуҷудомадан ва дар саросари ҷаҳон паҳн шудани интихобот яке аз оқибатҳои инқилоби бузурги буржуазии фаронсавӣ дар охири асри XVIII (1789-1799) мебошад, ки аз идеяҳои равшанфикрон ва орзуи ҷомеаи комил илҳом мегирифт. Маҳз дар давраи инқилоб ғояи соҳибихтиёрии халқ ба таври возеҳ ифода ёфт. Татбиқи ғояи мазкур дар амалия бояд ҷорӣ шудани ҳуқуқи умумии овоздиҳӣ мешуд.(3, с.370). Қонуни инқилоби бузурги буржуазии фаронсавӣ барои ташаккули системаҳои интихоботӣ ҳам дар он замон ва ҳам дар давраҳои минбаъда аҳамияти муҳим дошта, бо ибораҳои зерин ифода меёбад: бекор кардани интихоботи меъёрӣ ба интихоботи умумӣ, тадриҷан хусусияти бевосита гирифтани интихобот ва таъсиси ду системаи интихоботӣ яке, мажоритарӣ ва дигаре мутаносиб, инчунин овоздиҳии пинҳонӣ дар интихобот.

«Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд», ки инқилоби бузурги буржуазии Фаронса қабул карда буд, ба рушди демократия дар саросари ҷаҳон таъсири калон расонд ва дар тавлиди чунин мафҳумҳо, ба монанди «ҳуқуқи интихоботии фаъол», «ҳуқуқи интихоботии пассив», « рӯйхати интихобкунандагон», «ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандӣ» имкон дод.

Дар охири асри XVIII ва аввали асри X1X марҳилаи рушди саноат дар Британияи Кабир оғоз ёфт, ислоҳот низ ба миён омад. Аввалин амале, ки ба такмил додани системаи намояндагӣ равона гардида буд, Қонуни ислоҳоти соли 1832 (Қонуни бузурги ислоҳот) буд, ки боиси аз байн рафтани аксар шаҳракҳои «пӯсида» ва «ҷайбӣ», тақсимоти ҳиссаи намояндагӣ дар байни ҳавзаҳои интихоботӣ ва васеъ гардидани доираи шахсоне, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, гардид.

Марҳилаи навбатӣ бо қабули қонуни ислоҳот алоқаманд буд, ки дигаргуниҳои соли 1832-ро идома дод ва инчунин боиси афзоиши интихобкунандагон гардид. Дар охири асри X1X раванди либерализатсия ва демократикунонии интихобот идома ёфт. Дар соли 1872 системаи овоздиҳии пинҳонӣ ҷорӣ карда шуд (Қонуни овоздиҳии махфӣ 1872). Қонун дар бораи амалҳои бе инсофона ва ғайри қонунии соли 1883 рӯйхати ҷиноятҳои интихоботиро муттаҳид кард, ҷазоро барои содиркардани онҳо шадидтар кард ва маблағеро, ки дар интихобот харҷ кардан мумкин аст, муқаррар намуд (1, с.10).

Инқилобҳои буржуазии асрҳои XVIII ва XIX як навъ «нуқтаи танаффус» дар байни моделҳои «пеш аз муосир» ва «муосир» -и интихоботҳо ба ҳисоб мерафт. Пас аз инқилобҳо, як навъ стандарти умумиҷаҳонии баргузории интихобот ташаккул ёфт, ки он бояд мунтазам, озод, умумӣ, баробар ва дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ сурат гирад. Чунин интихобот татбиқи ҳадафҳои пешрафти иҷтимоӣ дар соҳаи сиёсӣ ҳисобида мешуд ва ба андозаи бештар ба меъёри либерализм, ки дар миёнаи асри XIX таҳия шуда буд, мувофиқат менамуд(25,с.375).

Воқеан ҳам, яке аз марҳалаҳои муҳим барои ҷомеа ин давраи интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Ин марҳилае мебошад, ки ҷараёни равандҳои сиёсиро метезонад. Аз замонҳои қадим то ба имрӯз мафҳуми интихоботро олимон ба тарзу шаклҳои гуногун шарҳу тавзеҳ додаанд. Дар тӯли тамоми таърихи инсоният интихобот дар ин ё он шакл дар ҷомеа вуҷуд дошт ва бо рушди институти сиёсии интихобот алоқаманд буд.

Раванди пайдоиш, рушд ва ташаккули системаҳои интихоботӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва сарчашмаҳои ибтидоии ин падида намунаҳои демократияи полисҳои антиқа дар Юнон ва Рими Қадим сохта шудаанд, ки дар доираи он механизмҳои пешрафтаи ташаккули институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар асоси интихобӣ ҷалб карда шуд. Мафҳуми «интихобот» хусусияти бисёрҷанба дошта, он дар тарзи муносибатҳои гуногуни назариявии фаҳми он инъикос ёфтааст. Интихобот яке аз воситаҳои асосии рушду инкишофи ҷомеа маҳсуб меёбад. Бояд қайд намуд, ки маъракаи интихоботӣ ҳамчун рукни асосӣ ва зарурии ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбад.

Дар Замони нав оид ба бартараф намудани андешаҳо дар бораи пайдоиши ҳокимияти илоҳӣ қадамҳои назаррас гузошта шуд, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо дар тафаккури одамон ҳукмфармо буд ва тадриҷан бо саъйю кӯшиши як зумра муҳаққиқон махсусан, асарҳои Н.Макиавелли «Подшоҳ» (1513), «Муҳокимаҳо дар бораи декадаи аввали Тита Ливия» (1519); Т.Гоббс «Левиафан» (1651); Б.Спиноза «Рисолаи илоҳӣ-сиёсӣ» (1670) ва «Рисолаи сиёсӣ»-и нотамоми ӯ; Ҷ.Локк «Ду рисола дар бораи идораи давлатӣ» (1690); Ш.Монтескё «Мактубҳои форсӣ» (1721), «Муҳокимаҳо дар бораи сабабҳои бузургӣ ва косташавии римиҳо» (1734), «Дар бораи рӯҳи қонунҳо» (1748); Ж.Ж.Руссо «Дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ, ё принсипҳои ҳуқуқи сиёсӣ» ва дигарон тағйир дода, ғояҳо дар бораи «иродаи мардум» ҳамчун манбаи ҳокимият бартарӣ пайдо намуданд. Назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ»-и пайдоиши давлат бо рушди пайвастаи худ бевосита ба масъалаи интихобот оварда расонид (10, с.7).

Дар қисмати дигари назарияи шартномаи ҷамъиятии Т.Гоббс интихобот ҳамчун амали даврагӣ ва ҳамчун пайдоиши ҳокимияти муваққатӣ дар ин ё он соҳа баррасӣ мегардад, ки интихоби он дар натиҷаи шартномаи ҷамъиятӣ сурат мегирад. То ин дам соҳибихтиёрӣ, ки ба ҳокимияти мутлақ тааллуқ дошт ва таъсиррасонии мардум ба ҳокимият дида намешуд, дар оянда мувофиқи тарҳи назарияи шартномаи ҷамъиятӣ пайдоиши давлат «иродаи халқ» («соҳибихтиёрии халқ») бартарӣ пайдо менамояд. Ақидае, ки иродаи халқ манбаи ҳокимият ва давлат баромад менамояд, интихоботро ҳамчун механизми мунтазами ошкор сохтани иродаи мардум баррасӣ месозад. Таълимоти мазкурро мутафаккирони дигар ба монанди Ж.Ж. Руссо ва Т. Пейн пайгирӣ намудаанд.

Бояд қайд кард, ки тавсифи тамоми муносибатҳо ба таҳлил ва таҳқиқи интихобот аз яку якбора мутлақият пайдо намудани он ва дар раванди сиёсӣ хусусияти радикалӣ доштани ниҳодҳои интихоботӣ дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, анархистҳо аз мавқеи барҳам додани давлатдорӣ баромад намуда, демократияи намояндагиро ҳамчун шакли нави давлатдорӣ, ки «бар ҳукмронии иродаи маъмули хаёлӣ асос ёфтааст инкор менамуданд, ки гӯё намояндагони хаёлии мардум дар маҷлисҳои хаёлии халқ баён мегардад” (11, с.358).

Афкори сиёсии либералӣ ва ислоҳотхоҳон интихоботро ҳамчун воситаи сиёсии универсалӣ меҳисобид. Масалан, назариётгароёни маъруф ва сарвари ҳаракати коргарии Олмон Ф.Лассалле ҳуқуқи интихоботи умумиро ҳамчун воситаи аз истисмор озод намудани коргарон ва ба «давлати осоишта» табдил додани он меҳисобад» (12, с.10).

Тарафдорони марксизм ба тундравҳои мазкур муқобил баромада, интихоботро ҳамчун як шакли муҳимми муборизаи синфӣ ва коргарон барои беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодӣ медонистанд. Онҳо пайваста хусусиятҳои маҳдуд ва ҳуқуқҳои бештари интихоботро таъкид мекарданд. Ҳамин тавр, В.И. Ленин қайд карда буд: «Ҳуқуқи умумии интихоб ин нишондиҳандаи дарки ба камолот расидани вазифаҳои

табақаҳои гуногун мебошад. Худи ҳалли ин вазифаҳо тавассути овоздиҳӣ бо ҳама шаклҳои мубориэаи синфӣ ва то ҷанги шаҳрвандӣ имкон медиҳад» (13, с.21).

Дар марксизм муносибатро ба интихобот ҳадафҳои ниҳоии инқилобӣ, бо муваффақияти инқилоб ҳамчун қонунияти олӣ муайян мекард. Ин робитаро равшантар аз ҷониби Г.В. Плеханов, ки навишта буд: «Агар барои муваффақияти инқилоб амали ин ё он принсипи демократиро муваққатан маҳдуд кардан лозим мебуд, пас пеш аз чунин маҳдудият истодан ҷиноятӣ мебуд. ... Агар мардум дар як рағбати инқилобӣ парлумони хеле хубро интихоб карда бошад, пас мо бояд саъй кунем, ки онро парлумони тӯлонӣ созем; ва агар интихобот номуваффақ мебуд, мо бояд кӯшиш кунем онро на дар ду сол, агар имконпазир бошад, пас дар ду ҳафта пароканда кунем.» (14, с.11).

Фаҳмиши марксистии интихобот аз муносибати синфӣ ва аз базиси иқтисодии кишвар вобаста аст. К.Маркс навишта буд, ки «Ҳар як синф масъалаи иҷтимоии худро дорад ва дар баробари ин масъалаи иҷтимоӣ барои як синфи муайян, ин синф як масъалаи муайяни сиёсӣ дорад» (15, с.170).

Дар доираи илмҳои сиёсӣ як қатор назарияҳо таҳия гардидаанд, ки фаҳми моҳият ва хусусиятҳои интихоботро дар асоси сатҳи ба даст овардани рушди иҷтимоӣ ва таҳаввулоти расмиёти демократӣ барои ташкили мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия ташкил медиҳад. Дар байни ин назарияҳо муҳимтарин назарияҳои гузариш ба демократияи либералӣ (У. Ростоу, С. Ҳантингтон), назарияи президентии сукути режимҳои демократӣ (Х.Линтс), консепсияи демократияи делегативӣ, авторитаризми бюрократӣ (О.Доннелл), ки имкони типологияи интихоботро аз рӯи меъёрҳои зерин ҷудо месозад: навъи режими сиёсӣ (ё давлат); мавқеи оппозисия нисбат ба ҳокимияти давлатӣ; хусусияти ислоҳот ва институтҳои либералии демократӣ, аз ҷумла институтхои сиёсии интихобот (16, с.6).

Пӯшида нест, ки дар ҷомеаи демократӣ интихобот дар сатҳи гуногун, дар шаклҳои мухталиф ва ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Интихобот хоси соҳаи алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ набуда, қариб ҳамаи унсурҳои таркибии ҳаёти ҷомеа, объекту субъектҳои онро фаро мегирад. На танҳо ташкилотҳои сиёсӣ, балки мақомоти ғайрисиёсӣ низ ба интихобот ниёз доранд. Онҳо дар инкишофи худ ва барои таҷдиди фаолияти минбаъдаи хеш маъракаи интихоботро истифода менамоянд. Вале, бештар маъракахои интихоботӣ дар раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа дучор мегардад ва ба таври хосса зоҳир мегардад. Бештар ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсии ҷомеа, институтҳои сиёсӣ, мақомоти идораи корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз он истифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, ҳамчун рукни асосӣ ва зарурии ҷомеаи демократӣ эътибор пайдо намудани маъракаи интихоботӣ беҳуда набуда, рӯовариҳои мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ба он ҳукми зарурӣ доранд. Зеро истифодаи маъракаи интихоботӣ ва рӯовариҳо ба системаҳои интихоботӣ тарзи намунавии ташаккулу инкишофи мақомоти мухталифи ҳокимияти давлатию ҷамъиятӣ ва идораи корҳои давлатию ҷамъиятӣ тавассути изҳори бевоситаи иродаи шаҳрвандон аз рӯи қоидаҳо, меъёрҳо ва низоми муайян сурат мегирад. Ба даст овардани ваколати ҳокимият ё ворид гаштан ба ҳокимият тавассути изҳори иродаи сиёсӣ, мақсади охирини ташкилот ва институтҳои сиёсии ҷомеа нест. Соҳибваколат гаштани номзадҳо бояд фақат воситае бошад, ки ҳангоми воқеӣ гардонидани мақсадҳои ниҳоӣ истифода гардад.

Дар олами муосир интихобот шакли асосӣ ва зарурии зуҳури одамон ба сифати манбаи ҳокимият ва истиқлолият баромад кардани он ҳеҷ ҷои шубҳаеро пеш намеорад. Одамон дар интихобот иштирок намуда, ҳокимиятро ташкил менамоянд ва бо ин

амалашон фаъолияти ҳокимиятро қонунӣ мегардонанд. Соҳибихтиёрии фард ҳангоми интихобот рӯшан мегардад. Ҳангоми интихобнамоӣ набояд касе ё чизе ба одамон таъсир бахшад ё онҳоро маҷбур созаду фишор оварад. Ӯ барои худ интихоб менамояд ва метавон гуфт, ки худро интихоб менамояд.

**Адабиёт**

1. Гусева М.М. Политические институты в политической системе современной России: генезис, механизмы функционирования, тенденции[Текст]: автореф. дис… канд. полит. наук. / М.М. Гусева. - М., 2007. – С. 10.
2. Нерсесянц В.С. Платон из истории политической и правовой мысли[Текст] /В.С. Нерсесянц. - М., 1984.- С. 58.
3. Нерсесянц В.С. Платон из истории политической и правовой мысли[Текст] /В.С. Нерсесянц. - М., 1984.- С. 59.
4.Платон. Сочинения[Текст] / в 3 т.- М., 1971. – Т.. 3. – Ч. 1; - М., 1972. – С. 55.
5.История политических и правовых учений (коллектив авторов) [Текст].- М., 2004. - С. 41.
6. Аристотель. Афинская полития государственное устройство афинян[Текст] / Аристотель. - М., 2007. - С. 13.
7. Очерки по истории выборов и избирательного права[Текст]. – Калуга; М., 1997. – С. 32.
8.Тер-Газарян А.В. Выборы как политический институт в условиях современного российского общества[Текст]: автореф. дис… канд. философ. наук. / А.В. Тер-Газарян. - М., 1995. – С. 8.
9.Гусева М.М. Политические институты в политической системы современной России: генезис, механизмы функционирования, тенденции[Текст]: автореф. дис… канд. полит. наук. / М.М. Гусева. - М., 2007. – С. 5.
10. Гусева М.М. Политические институты в политической системы современной России: генезис, механизмы функционирования, тенденции[Текст]: автореф. дис… канд. полит. наук. / М.М. Гусева. - М., 2007. – С. 7.
11. Бакунин М.А. Антология мировой философии[Текст] / М.А.Бакунин. – М., 1972. Т. 4. - С. 358.
12. Тер-Газарян А.В. Выборы как политический институт в условиях современного российского общества[Текст]: автореф. дис… канд. философ. наук. / А.В. Тер-Газарян. - М., 1995. – С. 10.
13.В.И. Ленин. Полн. собр. соч.[Текст] / Т. 4. - С. 21.
14.Тер-Газарян А.В. Выборы как политический институт в условиях современного российского общества[Текст]: автореф. дис… канд. философ. наук. / А.В. Тер-Газарян. - М., 1995. – С. 11.
15.Маркс К.,Ф.Энгельс. Сочинение, издание 2-ое. [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс // Т.2.- С.170.
16. Болховитина Т.С. Институт политических выборов в контексте демократизации российского общества[Текст]:автореф. дис… канд. полит. наук. / Т.С. Болховитина.- Орел, 2000. – С. 6.
17.Даль Р. О демократии[Текст] / Р. Даль. – М., 2000. – С. 18.
18. Даль Р. О демократии[Текст] / Р. Даль. – М., 2000. – С.23.
19. Желтов М.В. Институты избирательного права и выборов: социальные функции и роль в политическом устройстве общества[Текст]: диссер… доктор. полит. наук. /М.В. Желтов. – Кемерово, 2005. - С.184.

20. Ковалевский М.М. Дух законов. О свободе [Текст] / М.М. Ковалевский// Антология мировой либеральной мысли (1 половина 20 века). – М., 2000. – С.443.
21. Желтов М.В. Институты избирательного права и выборов: социальные функции и роль в политическом устройстве общества[Текст]: диссер… доктор. полит. наук. /М.В. Желтов. – Кемерово, 2005. - С. 214.
10. Даль Р. О демократии[Текст] / Р. Даль. – М., 2000. – С.20.
22. Желтов М.В. Институты избирательного права и выборов: социальные функции и роль в политическом устройстве общества[Текст]: диссер… доктор. полит. наук. /М.В. Желтов. – Кемерово, 2005. - С. 229.
23. Желтов М.В. Институты избирательного права и выборов: социальные функции и роль в политическом устройстве общества[Текст]: диссер… доктор. полит. наук. /М.В. Желтов. – Кемерово, 2005. - С. 370.
24. Лафитский Д.В. Избирательное право Великобритании (институты и тенденции развития) [Текст]: автореф. дис... канд. юрид. наук. / Д.В.Лафитский. - М., 2006. – С. 10.
25. Желтов М.В. Институты избирательного права и выборов: социальные функции и роль в политическом устройстве общества[Текст]: диссер… доктор. полит. наук. /М.В. Желтов. – Кемерово, 2005. - С. 375.

# ИСТОРИЧЕСКАЯ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОСНОВА ИЗБИРАТЕЛЬНОЙ КАМПАНИЙ КАК ПОЛИТИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС

**БАРАКАТОВ БОБХОДЖА САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
соискатель Института философии, политологии и права имени
А. Баховаддинова НАНТ.
г. Душанбе, 734025 пр. Рудаки, 33.
Тел.: (+992) 938-27-62-62. E-mail:Barakatov.96@mail.ru

*В статье анализируется историко-политическая подоплека выборов как политического процесса. В центре внимания анализа политические взгляды Платона и Аристотеля на специфику избирательной системы в Древней Греции и Риме. Отмечается, что процесс возникновения, развития и становления избирательных систем имеет длительную историю, его основные истоки находятся в Древней Греции и Риме. Показано, что античная демократия стала образом жизни древних греков и впоследствии оказала непосредственное влияние на более поздние демократические традиции Запада.*

*Большое внимание уделено исторической и политической подоплеке выборов в европейских странах и современном мире, изучены выборы и избирательная система этих стран. Статья посвящена современному пониманию выборов. Рассматривается вопрос об исчезновении классического понятия выборов в политическом процессе. Затрагивает вопросы укрепления и совершенствования выборов и избирательной системы. Большое внимание уделено избирательной кампании как ключевой и необходимой опоре демократического общества и ее влиянию на процессы демократизации в современном мире.*

***Ключевые слова:*** *выборы, избирательная кампания, политическая кампания, избирательная система, многоуровневые выборы, жребий, кандидат, объект выборов, субъект выборов, избирательный штаб, политические цели, кампания, предвыборные программы.*

# POLITICAL AND HISTORICAL BASIS OF ELECTION CAMPAIGN AS A POLITICAL PROCESS

**BARAKATOV BOBOHOJA SAYFULLOEVICH,**
applicant of the Institute of Philosophy

Political Science, and Law named after A. Bahovaddinov, NAST.
734025, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.
Phone: (+992)938-27-62-62. Email:Barakatov.96@mail.ru

*The article analyzes the historical and political background of the elections as a political process. The focus of the analysis is the political views of Plato and Aristotle on the specifics of the electoral system in Ancient Greece and Rome. It is noted that the process of emergence, development and formation of electoral systems has a long history, its main sources are in ancient Greece and Rome. It is shown that ancient democracy became the way of life of the ancient Greeks and subsequently had a direct impact on the later democratic traditions of the West.*

*Much attention is paid to the historical and political background of elections in European countries and the modern world, the elections and the electoral system of these countries are studied. The article is devoted to the modern understanding of elections. The question of the disappearance of the classical concept of elections in the political process is considered. It touches upon the issues of strengthening and improving elections and the electoral system. Much attention is paid to the election campaign as a key and necessary pillar of a democratic society and its influence on the processes of democratization in the modern world.*

***Key words:*** *elections, election campaign, political campaign, election system, multi-level elections, lot, candidate, election object, election subject, election headquarters, political goals, campaign, election programs.*

УДК: 327.3

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ХИДИРОВ НОЗИМҶОН НАИМҶОНОВИЧ,**
унвончуйи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 985-04-39-00. E-mail: khidirov.nozim@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур нақши Пешвои миллат дар рушди ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудааст. Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол акнун дар зери офтоби истиқлол ва ваҳдат рушду нумӯъ ёфта, ҳамчун давлати комилҳуқуқ, соҳибистиқлол аз тарафи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба расмият шинохта шудааст ва муносибати дипломатӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, сиёсати хориҷӣ, истиқлолияти давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, Созмони Милали Муттаҳид, Созишномаи истиқрори сулҳ, Консепсияи сиёсати хориҷӣ, нақш, ҳамкорӣ, муносибат, равобит, саҳм, рушд.*

Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ қайд мекунад, Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад[4,171-173]. Иттиҳоди Шуравӣ моҳи декабри соли 1991 мавҷудияти худро қатъ намуд. Дар ҳудуди бузурги он давлатҳои нав дар сиёсати ҷаҳонӣ ба ҳайси субъектҳои мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ ворид шуданд, ки яке аз онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол буд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо 178 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ барқарор карда, узви фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид[1].

Дар ин замина муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мо, пеш аз ҳама, бо ҳамсояҳои наздикамон – кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон мақоми хосса доранд, дар ҳамаи самтҳо тақвият ёфта истодаанд ва мо ин сиёсатро дар оянда низ густариш медиҳем[1].

Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ буда, дар ҳифзу таҳкими давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллии он аҳамияти таъйинкунанда дорад. Нақши сиёсати хориҷӣ хусусан, дар ҳифзи истиқлолияти давлатии ҳар кишвар муҳим буда, умуман, доштани сиёсати хориҷӣ худ яке аз нишонаҳои асосии истиқлолияти ҳар давлат аст. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ давраҳои асосии ташаккули худро аз сар гузаронида, марҳала ба марҳала ба як мактаби усулманд, суфта, коркардшуда ва таҷрибашудаи сиёсӣ табдил гаштааст. Аз ин рӯ, имрӯз метавон дар бораи таҷрибаи амалии татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як мактаби ташаккулёфтаву таҷрибашуда зикр кард. Бешубҳа, бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Бо кушишу ғайрати ин абармарди миллат баъд аз интихобшон дар Иҷлосияи таърихии XVI ба ҳайси Сарвари давлат дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон рӯзҳо дар шакли мурожиатномаи Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ садо дод. Аз рӯзи аввали интихобшон Пешвои миллат, ба Созмони Миллаи Муттаҳид дархостнома ирсол намуд ва хоҳиш кард, ки намояндагони Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон омада, вазъияти сиёсиро аз наздик мушоҳида намуда, ба кишвар барои баргардондани гурезагон

ҳамаҷониба кумак намоянд, чунки Пешвои миллат, пеш аз ҳама, дар борае сарҷамъ кардани миллат ва таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ғамхорӣ мекард[9].

Аз рӯзе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оташи ҷанги шаҳрвандӣ ба фазо печид, кишвари азизамон дар зери гирдоби хираву дилхарош монда буд ва боварии касе намеомад, ки аз ин тирагӣ баромадан мумкин бошад ва сулҳу салоҳият ва офтоби зиндагӣ аз нав дар ин кишвар шӯълапошӣ намояд.

Мувофиқи банди 2.12. Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки низоми нави ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ аз ҷангу низоъҳо, хушунату зӯроварӣ ва таассубу бадбинии милливу диниву тамаддунӣ комилан озод бошад ва ба ҳамкориву шарокати баробар ва мутақобилан судманди ҳамаи кишварҳои ҷаҳон асос ёбад, ҳама гуна таҳдидҳо бар сулҳу субот ва амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда ва дар асоси аҳкоми ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи СММ ҳамчун созмони асосии танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ бартараф карда шаванд»[2].

Хушбахтона, ба ин тақдири халқу Ватан фарзанди баруманди ин кишвар тамоми мушкилиҳои давронро паси сар намуд, дар майдони набард зафар ёфт. Ин фарзанди ҷоннисори миллат Асосгузори сулу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути ақлу хирад ва сиёсати дурандешонаи хеш дар фазои Тоҷикистони азиз аз нав сулҳу салоҳиятро барқарор намуд. Ин ба он оварда расонд, ки ҳамаи рақибону хасмони меҳану миллат ноумед гардида, нақшаҳои розилонаи онҳо бар боди фано рафт.

Асоси дигари бунёдӣ ва чорчӯбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътирофи усулҳо ва арзишҳои пазируфтаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳад. Рӯ овардани сиёсати хориҷии мо ба ин масъала ҳам ҷанбаи арзишию назарӣ ва ҳам ҷанбаи зарурию амалӣ дорад. Ҷанбаи арзишии масъала дар он аст, ки маҷмӯаи ҳуқуқи байналмилалии муосир аксари арзишҳои асосии умумибашариро ифода карда, пояҳои асосии сулҳу суботу ҳамзистии халқҳову кишварҳо ва механизмҳои нигоҳдории суботу амнияти ҷаҳониро дар шакли ҳуқуқӣ ифода мекунад. Табиист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати муосиру мутамаддин ва ҳамчун давлати миллии миллати тамаддунофар аксари ин арзишҳоро эҳтиром ва эътироф менамояд ва дар нашри онҳо саҳм мегирад. Ҷанбаи заруратӣ ва амалии масъала дар он аст, ки маҳз эътирофи қонунгузории байналмилалӣ ва ё қабул кардани қоидаҳои рафтор роҳи ҳар кишвари тозаистиқлолро ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ боз мекунад. Бинобар ин, ҳатто кишварҳое, ки нисбати меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ нигоҳи хосси худро доранд, барои иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ ин меъёрҳои танзими рафторро ногузир эътироф мекунанд. Нуктаи дигаре, ки аҳамияти амалии масъаларо барҷаста месозад, ин аст, ки қонунгузории байналхалқӣ таҷрибаи тӯлонии танзими муносибатҳои байналмилалиро ифода карда, барои кишварҳои тозаистиқлол яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзишӣ ва корбурдӣ ба ҳисоб меравад. Хулоса, аҳамияти ҷанбаи зарурativу амалии ин масъала нисбат ба ҷанбаи арзишию назарии он камтар нест.

Ҳусни тафоҳум ва муносибати дӯстонае, ки дар байни Пешвои миллат, Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Шӯрои давлатии мардумии Ҷумҳурии Мардумии Чин Тезян Тезэмин аз нахустин дидорашон ба вуҷуд омад. Аз нахустин дар рушд ва густариши муносибатҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳояшон нақши таъсиркунандаву мусбат гузошт. Роҳбари Тоҷикистон баъд аз ин, моҳи сентябри соли 1996, 11 – 14 августи соли 1999 ва моҳи майи соли 2002, ба Ҷумҳурии мардумии Чин сафари расмӣ кардааст. Сафари

расмии Пешвои миллат, тамоми муносибатҳои давлатҳои тарафайнро дар соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дарбар гирифта буд.

Кишварҳои тарафайн бояд барои рушду беҳбудии аҳволи аҳолии худ ҳамдигарро дастгирӣ намоянд. Инчунин тасмиме гирифтанд, ки дар асоси созишномаҳои тарафайн дар ҳолатҳои гуногун ба халқу пешравиҳои якдигар ёрӣ расонида, инчунин аъзои созмонҳои байналмиллалӣ бошанд ва дар арсаи ҷаҳонӣ ба расмият шинохта шаванд [5]. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки геопализатсия мушкилот ва проблемаҳои ба ҳама кишварҳои имрӯзаи олам, чӣ хурду чӣ бузург баробар таъсир мекунад, яъне ҳоло давлатҳои олам дар фазои тамоман навъи геополитикӣ қарор доранд.

Минбаъд, ягон кишвар ба танҳоӣ худро аз хатарҳои нави глобалӣ, аз ҷумла, зухуроти терроризм, экстримизм ҷинояткории тронсмиллӣ, қочоқи маводи ғайриқонунии мухаддар ва фалокатҳои экологӣ ҳифз карда наметавонад. Давлатҳои абарқудрат ва мутараққии ҷаҳон набояд ин омилро бе назорат гузоранд. Аз ин лиҳоз, дар ин самт низ фаъолияти ҳамоҳанг ва якҷояи давлатҳои манфиатдор, ташкилоту созмонҳои бонуфӯз дар дастаҷамъӣ зарур мебошад. Як нуқтаро ба назар гирифтан зарур аст, ки мамлакатҳои Осиёӣ наметавонанд ба ба таври доимӣ ҳамчун кишварҳои содиркунандаи ашёи хом ва бо ҳамин сабаб воситаи бозиҳои сиёсӣ абарқудратҳо боқӣ монанд[4].

Истифодаи чунин воситаҳои мусоида ва дастгирии чараёни гуфтушунид, ҳамчун гурӯҳи тамоми мамлакатҳои кафил ба ҷараёни гуфтушунидҳои муттасили тарафҳои ба ҳам муқобил мусоидат карда, онҳоро ба ҳамаҷониба омода сохтани паймонҳои бадастомада водор месозад. Илова бар ин, онҳо дар чаҳорчубаи вохӯриҳои сарони кишварҳои аъзои ҳамкории Шанхай ва ғайрӣ зуд – зуд бо ҳам мулоқот ва боздид доштанд. Аз замони нахустин сафари расмии Эмомалӣ Раҳмон моҳи марти соли 1993 ба Пекин то нахустин сафари ҷавобии Тезян Тсезэсмин ба Душанбе, 4 – уми июни соли 2000 онҳо 12 мулоқот доштанд. Муносибатҳои дӯстонаи онҳо баъд аз зи сари қудрати сиёсӣ рафтани Тезян Тсезэсмин ҳам давом дорад[6].

Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 – уми марти соли 2003 дар бозгашт аз сафари худ ба Ҷопон дар Пекин таваққуф намуд ва бо раиси собиқ Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин мулоқоти самимона дошт.

Дар ҷаласаи комисияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, рӯзҳои 25 – уми июни соли 2004 баргузор гардид, нақши мушаххаси бунёди муштарак барои истеҳсоли молҳои саноатӣ ва истеҳсол кардани ашёи хом ҷалби сармояи Чинӣ ва соҳаҳои афзалиятдор ва манфиатовари иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мардумии Чин пеш аз ҳама дар соҳаҳои гидроэнергетика ва коркарди саноати кӯҳӣ танизм гардид. Ҷумҳурии Мардумии Чин бо ворид гаштан ба бозори минтақаи Осиёи Марказӣ ва роҳ ёфтан ба манбаъҳои маводи сӯзишвории он, яъне нафту газ, нерӯи барқ, аз ҷумла Тоҷикистон сахт ниёзманд мебошад[5]. Дар рафти таҳлилҳо аён мегардад, ки таваҷҷӯҳи хоси мардуми Чин ба давлатҳои Осиёи Марказӣ дар дурнамои наздиккоҳиш нахоҳад ёфт, балки сол ба сол тақвия хаҳад ёфт[4].

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии мардумии Чин шиори “ҳамсояҳои нек ва шарикҳои хуб” маълум мебошад. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он кишвари ҳамсоя бояд ҳамеша ба он мувофиқат намояд [3, 171-173]. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 15 – уми феврвли соли 2001 ҳангоми пазироии сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин ба муносибати ба итмом расонидани хизмати дипломатиаш бо қаноатмандии комил аз сатҳи робитаҳо ва ҳамкориҳо бо Чин сухан карда буд, ки натанҳо дар чорчӯбаи муносибатҳои дуҷониба,

балки дар қолаби муносибатҳои дуҷониба низ махсусан форуми Шанхай басо босамар буданд.

Дар мулоқоти сарони давлатҳои аъзои панҷгонаи Шанхай, ки дар июни соли 2000 дар Душанбе баргузор гардида буд ва дар он бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номи форуми Шанхайро гирифта буд, санади бисёр муҳими "Эъломияи Душанбе".

Қабул шуд, уи дар он бори нахуст аз зарурати густариш ва таҳкими ҳамкориҳо дар чаҳорчубаи созмони таъсисдодаи мазкур сухан мерафт. Бо дарк ва баррасии анъанаи рушди ҷаҳонӣ шудани иқтисод ва низоми амният зарурати ҷустуҷӯии роҳҳои эҳтимолии тағйироти қолаби он созмон нақши амалӣ намудан ва вазифаҳои он пеш омад.

Ташкили "Созмони ҳамкории Шанхай" аз оғози марҳилаи нави ҳамкориҳои давлатҳои иштироккунанда дарак дода, тамоюлҳои замони муосир, воқеъияти минтақа ва манфиатҳои аслии ҳолати ҳамаи кишварҳои аъзо мебошад. Мақомоти кори созмони ҳамкории Шанхай, котиботи он дар Пекин ва сохтори минтақавии зидди террористӣ дар Тошканд мебошад. Ҳайати ин сохторҳо аз ҳисоби мутаххасисони иштироккунанда квота ташкил ёфтааст. Таваҷҷӯҳ ба созмони ҳамкориҳои Шанхай аз тарафи як қатор давлатҳои минтақа, аз қабили Муғулистон, Эрон, Ҳиндустон, Покистон зиёд гардид ва имрӯз онҳо ба ҳайси давлатҳои мушоҳидакор пазируфта шуданд.

Ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар чаҳорчӯбаи фаъолияти созмони Шанхай барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муносибат барои гирифтани таҷрибаи мусбат ва пешқадами он кишвар дар ислоҳоти иқтисод ва идории он. Барои ҷумҳурии мо омӯхтани таҷрибаи рушди микроиқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин истифодаи нав ва технологияи пешқадам дар соҳаи гуногуни истеҳсолот ва (ниҳоят) хизматрасонию низомӣ, амалӣ гардонидани бозсозии сохтори он иқтисод ва реструктуризатсияи мақомоти молиявию қарзии он мамлакат омӯзонда мебошад.

Дар навбати худ, Тоҷикистон бо яке аз давлатҳои ҳамсоя Чин муносибати самимонаи дипломатӣ дошта, натиҷаи ҳамкориҳои тарафайни ин давлатҳо дар раванди робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар заминаи хеле мустаҳкам асос ёфтааст. Таъсиси ҳамкории Шанхай ва фароҳам овардани шароити мусоид барои тақвияти минбаъдаи истиқлолият, ҳифзи тамомияти арзӣ таҳнияти мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иттифоқи он дар равандҳои умумиҷаҳонӣ равона шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои навбунёди тозаистиқлол буда, мустақилона фаъолияти иқтисодиашро амалӣ менамояд.

Тоҷикистон ҳамчун давлати комилҳуқуқ барои рушду беҳбудӣ ва пойдории минбаъдаи кишвар бо ташаббуси сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ки аъзои садҳо созмонҳои давлатӣ мебошад ва бо зиёда аз 114 давлат муносибатҳои дипломатӣ дорад. Тамоми ин ҳамкориҳо барои беҳтаршавии зиндагии оммаи халқ ва фаъолияти давлатӣ нақши муҳим мебозад[7].

Таҷрибаи ду даҳсолаи гузашта нишон медиҳад, ки маҳз ҳамкории фаъол бо кишварҳо ва самтҳои гуногун имкон додааст, ки Тоҷикистон муҳимтарин масъалаҳои марҳалаи гузаришро ба таври зарурӣ ҳал намояд.

Ҳамин тавр, ин панҷ бунёди усулӣ, яъне меҳварияти манфиатҳои миллӣ, рӯҳияи сулҳомезу дӯстона, прагматизми сиёсӣ, эътирофи қонунгузории байналмилалӣ ва моҳияти бисёрсамтӣ асосҳои назариявӣ ва методологии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони Истиқлолият ташаккул медиҳанд. Пешбинӣ мешавад, ки бо гузашти замон ва бо андухтани таҷрибаи бештар ин асосҳои назарию методологӣ боз

ҳам такмил ёфта, мактаби сиёсати хориҷии кишвар бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба марҳалаҳои нави рушду такомули худ ворид мегардад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»26.01.2021 12:15, шаҳри Душанбе.
2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. Нишонии доимӣ дар Интернет: http://mfa.tj/tj/zaminahoi-hukuki-skh/konsepsiyai-siyosatikhorijii-jumhurii-tojikiston.html.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳар ҷилд. Ҷилди чорум. – Душанбе: “Ирфон”, 2002,с.171-173.
4. Додихудоев Х. А. Таджикско – китайское отношение в рамках национальным интересов в Республики Таджикистан. Душанбе 2003.
5. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Душанбе 2006. с.150.
6. Нятбеков В. А. Национальное интересы РТ и новое геополитические ориентации Китая в Центральной Азии.
7. Х. Холиқназар. Нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмолалӣ Раҳмон дар ташакули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.//мақ//.


## РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В МЕЖДУНАРОДНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**ХИДИРОВ НОЗИМДЖОН НАИМДЖОНОВИЧ,**
соискатеь дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 985-04-39-00. E-mail: khidirov.nozim@gmail.com



*В статье исследуется роль Лидера нации в развитии международного сотрудничества Республики Таджикистан.Необходимо отметить, что независимый Таджикистан сейчас развивается под солнцем независимости и единства, имеет дипломатические отношения.*



***Ключевые слова:*** *лидер нации, внешняя политика, государственная независимость, национальные интересы, Организация Объединенных Наций, мирное соглашение, концепция внешней политики, роль, сотрудничество, отношения, отношения, вклад, развитие.*


## THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN THE INTERNATIONAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**KHIDIROV NOZIMJON NAIMJONOVICH,**
Applicant of Diplomacy and International Relations of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir, Str.
Phone: (+992) 985-04-39-00. E-mail: khidirov.nozim@gmail.com



*This article examines the role of the Leader of the Nation in the development of international cooperation of the Republic of Tajikistan. It should be noted that independent Tajikistan now thrives under the sun of independence and unity. has.*



***Keywords:*** *Leader of the Nation, Foreign Policy, State Independence, National Interests, United Nations, Peace Agreement, Foreign Policy Concept, Role, Cooperation, Relations, Relations, Contribution, Development.*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Р. Каримов
Редактор текста на таджикском языке: Х. Мавлонов
Редактор текста на русском и английском языках: С. Зухурова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 10.12.2020 г. Заказ №2020/07-08
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33.